Как видно из данных рисунка 3., при снижении ставки рефинансирования в течение нескольких лет наблюдалось увеличение процентных ставок по кредитам, что указывает на то, что ставка рефинансирования как инструмент денежно-кредитной политики не влияет на денежный рынок и снижение ставки рефинансирования не увеличивает возможности кредитования экономики. Однако, на наш взгляд, ставка рефинансирования даже не оказывает психологического влияния на поведение субъектов рынка и является некой справочной

величиной. С другой стороны, кредитные организации в основном работают с привлеченными ресурсами населения в виде депозитов и средства внутренних и внешних финансовых институтов в форме межбанковских кредитов. Таким образом, высокие процентные ставки по депозитам и привлеченным ресурсам, не всегда позволяют кредитным организациям снизить процентную ставку по кредитам, так как издержки высокие.

Как отмечает Давлатов И.Х., «хочется особо отметить, что высокие процентные ставки по депозитам и кредитам в любой банковской системе указывают на наличие огромных проблем в данном секторе и в целом в этой экономике. В переходной экономике чаще всего существует слабая связь между уровнем ставки рефинансирования Национального банка и рыночными ставками коммерческих банков……» [6,с.81]. Если, на первый взгляд, повышение процентных ставок по депозитам увеличивает привлекательность банковских депозитов, то, как следствие, увеличение процентных ставок по кредитам приводит к увеличению затрат для заёмщиков, которые включены в себестоимость продукции и услуги. Как показала практика в Республике Таджикистан, одной из причин начавшегося кризиса в банковском секторе в 2016 году были в основном высокие процентные ставки по кредитам и депозитам в течение долгих лет, что привело к увеличению доли безнадежных кредитов в кредитных портфелях кредитных организаций.

Таким образом, Национальный банк Таджикистана не в состоянии влиять на ресурсы кредитных организаций с помощью ставки рефинансирования, поскольку не предоставляет кредиты кредитным учреждениям, за исключением случаев краткосрочной поддержки ликвидности. Другим инструментом денежно-кредитной политики Национального банка Таджикистана является регулирование нормы обязательного резервирования. Национальный банк Таджикистана с помощью инструмента нормы обязательного резервирования регулирует предложение денег в экономике и возможности кредитования экономики кредитными организациями. Поскольку привлечённые депозиты являются источником кредитования кредитных организаций, нормы обязательного резервирования должны быть минимальными и, как правило, уменьшаться, чтобы увеличить возможности финансирования экономики посредством кредитования. Однако уровень монетизации по-прежнему остается низким, что сводит на минимум эффект такого инструмента денежно-кредитной политики.

Повышение доверия общественности к банковской системе, таргетирование инфляции и снижение уровня долларизации в экономике являются важной задачей Национального банка Таджикистана. Предоставление банковских кредитов в регионах, особенно долгосрочных кредитов, имеет слабую тенденцию к увеличению. Кроме того, из-за не ликвидности залогового обеспечения, отсутствия постоянных официальных источников дохода клиентов, низкой рентабельности бизнеса по сравнению с процентной ставкой коммерческих банков и низкого уровня финансовой грамотности сельского населения кредитные учреждения стараются не рисковать. Как свидетельствует данные таблицы 1, в период 2008-2017 гг. объем выданных кредитов в стране увеличился более чем в 2 раза. Как видно из данных таблицы, концентрация кредитования в основном сосредоточена в городе Душанбе, а потом в Согдийской и Хатлонской области. Следует отметить, что роль кредита в развитии регионов и создании новых рабочих мест низка - за анализируемый период уровень занятости в экономики повысился всего на 6%, поскольку в основном краткосрочный кредит получают субъекты сферы торговли, особенно внешней торговли.

Кроме того, внутри региона также неравномерно распределяется показатель кредитования на душу населения. Например, по итогам 2018 года в среднем на душу населения страны было выдано кредитов на сумму 915,8 сомони. Из городов и районов Хатлонской области только в городе Бохтаре (областной центр) этот показатель выше среднереспубликанского уровня, то есть состаляет 1930 сомони. Самые низкие показатели в таких районах области, как Шамсиддин Шохин - 61,1 сомони, Хамадони - 181,4 сомони, Джайхун - 132,7 сомони, Темурмалик - 156,1 сомони, Ховалинг - 160,7 сомони, Муминобод - 172,7 сомони. В среднем по Хатлонской области этот показатель составил 382,1 сомони. Вышеприведенный пример характерен и для других областей страны. В таких обстоятельствах говорить о расширении кредитования в сельских местностях трудно, так как, во-первых, отмечается недостаточность кредитных ресурсов банков страны и, во-вторых, низкий уровень экономической активности населения, особенно в селах.

Отечественнее банки не имеют больших возможностей предоставлять долгосрочные кредиты для создания новых предприятий и, следовательно, создания дополнительных рабочих мест. Остатки депозитов и кредитов в банковской системе за анализируемый период, хотя и имеет тенденцию увеличения (рост составляет 2,3 раза), однако разрыв между депозитами и кредитами является отрицательным. Другими словами, в банковском секторе наблюдается низкий уровень капитализации депозитов или сбережений населений.

Таблица 1. Кредиты, выданные кредитными организациями в разрезе регионов Таджикистана (млн. сомони) [3и 4]

	2008	2010	2012	2014	2015	2016	2017	2018
Выданные кредиты	3935,2	5543,7	7013,2	12178,6	12543,2	8000,6	7896,1	8179,1
ГБАО	81,3	81,6	105,7	216,4	136,5	69,2	40,9	57,2
РРП	431,7	858,1	1011,4	1 274,9	1 266,6	894,1	810,4	948,5
Хатлонская область	650,8	546,2	1086,2	2 075,8	1 674,8	1186,9	1 042,3	1 222,2
Согдийская область	958,6	954,6	1631,4	3 107,4	3 012,9	2141,8	2 215,0	3 303,7
г. Душанбе	1 812,6	3103,3	3178,5	5 503,9	6 452,3	3708,4	3 787,3	2 647,4

Банковский статистический бюллетень. – 2018. -№12(281)

Как показывает наш анализ, объем кредитования экономики превышает объем привлечённых депозитов, а разрыв между сбережениями и инвестициями является значительным. За 2018 год в основном кредиты были предоставлены физическим и юридическим лицам в сфере услуг, внешней торговли, посреднической деятельности и потребления (37%), а финансирование промышленного сектора, который обеспечивает высокие темпы экономического роста составляло относительно небольшую долю (37,7%).

Рисунок 4. Степень зависимости темпов экономического роста от объема кредитования экономики [3и 4]



В связи с этим роль кредитных вложений в росте ВВП незначителен, и корреляционной зависимости между ними, как показано в рисунке 4, особо не наблюдается. Особенно такое несоответствие характерно для экономики Таджикистана после наступления банковского кризиса в стране.

Значительная доля от общего объёма кредитных вложений - это краткосрочные кредитные вложения. Кроме того, круг заёмщиков, в основном, узкий, постоянно взаимодействуя с кредитными организациями, либо пролонгируют ранее полученные кредиты, либо получают новые кредиты, погашая старые, либо просто не возвращают кредит по разным обстоятельствам.

В связи с этим, Национальному банку Таджикистана следует совместно с кредитными организациями разработать механизмы повышения экономической активности и финансовой грамотности населения страны. Кроме того, следует развивать систему страхования вкладов физических и юридических лиц. Как показывает мировая практика, от развитой системы страхования вкладов зависит и степень доверия к банковской системе.

Размер страховой выплаты по депозитам в Таджикистане незначителен, по сравнению с другими странами СНГ, и после внесения изменений в законодательство этот показатель в настоящее время составляет 25 000 сомони (примерно 2500 долларов США). Размер страхового возмещения в России составляет 1 400 000 российских рублей, в США 250 000 долларов США [7]. В Республике Беларусь гарантируется полный (100%) возврат банковских вкладов физических лиц в случае возникновения страхового случая, [8] а в Казахстане гарантия по всем депозитам составляет до 10 миллионов тенге - по депозитам в национальной валюте, до 5 миллионов тенге - по депозитам в иностранной валюте (в эквиваленте, по курсу, установленному на дату решения суда о принудительной ликвидации банка-участника), [9] и в Украине сумма возмещения по застрахованным депозитам составляет 150 тыс. гривен [10]. В Узбекистане гарантируется выплата возмещения по вкладам граждан в банках в полном объеме независимо от размеров вкладов. Предусмотрено, что в случае недостаточности средств Фонда для выплаты возмещения по вкладам граждан, по решению Правительства, Фонду предоставляется ссуда с последующим ее возвращением за счет поступлений в Фонд [11].

По нашему мнению, для повышения доверия общественности к финансовым институтам целесообразно использовать опыт государств по полному возмещению депозитов населения после ликвидации кредитных организаций.

Необходимо отметить, что развитый рынок ценных бумаг обеспечивает эффективность проведения макроэкономической политики. Кроме того, в практике кредитных организаций такие различные виды безналичных расчетов, как аккредитивы, векселя, факторинг, форфейтинг и другие виды безналичных платежей широко не используются. В дополнение к традиционным банковским услугам, не все банки стремятся внедрять новые инструменты в повседневную практику. Внедрение названных инструментов способствуют сокращению использования наличных денег в обращении и облегчает развитие безналичных расчетов, ускоряет оборот капитала и уменьшает бартерные сделки в экономике и тем самым мотивирует выйти из теневой экономики.

Учитывая неразвитость рынка ценных бумаг и неактивность кредитных организаций и других профессиональных участников рынка в развитии этого рынка, можно утверждать, что косвенный инструмент денежно-кредитной политики не оказывает никакого влияния на экономические процессы. Кроме того, неразвитость вторичного рынка ценных бумаг создает барьеры для привлечения частных и других форм инвестиций в экономику страны.

Следует отметить, что развитость рынка ценных бумаг связана с инструментом денежно-кредитной политики - операцией на открытом рынке. В развитых странах этот инструмент является основным и определяющим фактором денежно-кредитной политики и является эффективным и чисто рыночным, представляет собой неинфляционный инструмент денежно-кредитного регулирования. Критерием правильной денежно-кредитной политики является стабильный экономический рост, приемлемый уровень инфляции при увеличении денежной массы и стабильный обменный курс для проведения экономических операций.

Таким образом, анализ показывает, что применение инструментов для проведения жесткой монетарной политики эффективно лишь в краткосрочном периоде и не создает базы для устойчивого экономического развития. И следует отметить, что эффективность проведения денежно-кредитной политики связана с ее координацией с фискальной и внешнеторговой политикой. Этот вопрос требует комплексного исследования путем анализа инструментов макроэкономической политики во взаимосвязи и в условиях открытости экономики.

Однако, в данном случае, в условиях усиления международной конкуренции и турбулентности мировой экономики необходимо провести научно обоснованную денежно-кредитную политику, с учетом особенностей макроэкономической ситуации Таджикистана. Такие проблемы, как недостаточность кредитования экономики, снижение доверия общественности к банковской системе, недостаточное соблюдение принципов корпоративного управления в коммерческих банках, высокая доля использования наличных денег в экономике, слабое воздействие трансмиссионных механизмов при применении инструментов денежно-кредитной политики, особенно ставки рефинансирования и другие остаются нерешенными в стране, что требует принятия безотлагательных мер.

В связи с этим, проведение активной политики в сторону привлечения долгосрочных и льготных инвестиций в банковскую систему, усиление роли регулятора в области соблюдения со стороны кредитных организаций пруденциальных норм и недопущение высоких рисков в банковской сфере, повышение качества банковских услуг и внедрение новых современных и технологичных продуктов для упрощения банковских услуг и другие являются первоочередными задачами.

ЛИТЕРАТУРА

1. Фетисов Г. О выборе целей и инструментов монетарной политики / Г. Фетисов // Вопросы экономики. - 2004. - №2. [Электронный ресурс]. URL: https://doi.org/10.32609/0042-8736-2004-2-4-19 (дата обращения: 11.10.2019 г.)
2. Рахимов Р.К. Теория и практика денежно-кредитной политики / Р.К. Рахимов //Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2007. - №2.
3. Банковский статистический блютень. Последний выпуск. - 2011. -№12(197). [Электронный ресурс]. URL: http://www.nbt.tj/upload/iblock/ab3/Buletten_12.pdf. (дата обращения: 18.11.2014 г.)
4. Банковский статистический блютень. Последний выпуск. – 2017. -№12(197). [Электронный ресурс]. URL: https://nbt.tj/upload/iblock/e57/december_2018-2.pdf. (дата обращения: 08.10.2019 г.)
5. Каюмов Н.К. Еще раз о необходимости ускорения темпов внешнеэкономического роста / Н.К. Каюмов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2006. -№2.
6. Давлатов И.Х. Особенности регулирования денежного обращения в Республике Таджикистан / И.Х. Давлатов // Таджикистан и современный мир. –Душанбе, 2012. -№5(34).
7. Система_страхования_вкладов. [Электронный ресурс]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/. (дата обращения 04.07.2018).
8. [Электронный ресурс]. URL:https://myfin.by/wiki/term/strahovanie-vkladov (дата обращения 09.07.2018).
9. [Электронный ресурс]. URL:http://www.kdif.kz/ru/garantiya-po-depozitam (дата обращения 09.07.2018).

10. [Электронный ресурс]. URL: http://deposits.su/magazine/insurance/strahovanie-vkladov-na-ukraine/ (дата обращения 09.07.2018).
11. [Электронный ресурс]. URL:http://fgd.uz/ru/articles/65/ (дата обращения 09.07.2018).

ФИШАНГҲО ВА БАҲОДИҲИИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар ин мақола татбиқ ва баҳодиҳии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад. Қайд карда мешавад, ки ба андешаи олимони барҷаста ҳалли масъалаҳои муҳим, аз қабили қарздиҳии нокифоя ба иқтисодиёт, камшавии эътимоди мардум ба низоми бонкӣ, риоя нашудани принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, ҳиссаи баланди истифодаи пули нақд дар иқтисодиёт, таъсири заифи механизмҳои таҳаррукдиҳандаи татбиқи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ, хусусан меъёри бозтамвил ва ғайра дар кишвар ҳалношуда боқӣ мемонанд, ки ин қабули чораҳои фавриро тақозо мекунад. Фишангҳои сиёсати пулию қарзии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашаванда ва самаранокии онҳо дар шароити рақобати ҷаҳонӣ ва ташаннуҷи иқтисоди ҷаҳонӣ бо назардошти хусусиятҳои вазъи макроиқтисодии Тоҷикистон ба таври муфассал таҳлил карда мешаванд. Самаранокии истифодаи фишангҳои сиёсати пулии қатъӣ (жесткая) танҳо дар давраи кӯтоҳмуддат таъкид карда мешавад. Самаранокии татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва ҳамоҳангсозии он бо сиёсати андозию буҷетӣ ва тиҷорати хориҷӣ қайд карда мешавад. Хулоса карда мешавад, ки танҳо бо андешидани чораҳои таъхирнопазир оид ба таъмини дастрасии қарз ба иқтисодиёт, риояи принсипҳои идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, коҳиши ҳиссаи истифодаи пули нақд дар иқтисодиёт ва таъсири самараноки механизмҳои таҳаррукдиҳандаи истифодаи фишангҳои сиёсати пулю қарзӣ метавон ба натичаҳои баланд ноил гардид.

Калидвожаҳо: сиёсати макроиқтисодӣ, сиёсати пулию қарзӣ, фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ, меъёри бозтамвил, унсурҳои пулӣ, механизмҳои таҳаррукдиҳанда, низоми бонкӣ.

ИНСТРУМЕНТАРИЙ И ОЦЕНКА РЕАЛИЗАЦИИ ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОЙ ПОЛИТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются вопросы реализации и оценки инструментов денежно-кредитной политики в Республике Таджикистан. Отмечается, что, по мнению ведущих учёных, решение таких актуальных проблемы, как недостаточность кредитования экономики, снижение доверия общественности к банковской системе, недостаточное соблюдение принципов корпоративного управления в коммерческих банках, высокая доля использования наличных денег в экономике, слабое воздействие трансмиссионных механизмов при применении инструментов денежно-кредитной политики, особенно ставки рефинансирования, и других остается нерешенным в стране, что требует принятия безотлагательных мер. Подробно анализируются инструменты денежно-кредитной политики, используемые в Республике Таджикистан и их эффективность в условиях усиления международной конкуренции и турбулентности мировой экономики и с учетом особенностей макроэкономической ситуации Таджикистана. Подчеркивается эффективность применения инструментов для проведения жесткой монетарной политики лишь в краткосрочном периоде. И отмечается эффективность проведения денежно-кредитной политики с ее координацией с фискальной и внешнеторговой политикой. Делается вывод, что лишь при принятии безотлагательных мер по обеспечению доступности кредитования, соблюдению принципов корпоративного управления в коммерческих банках, повышению доверия общественности к банковской системе, уменьшению доли использования наличных денег в экономике и эффективному воздействию трансмиссионных механизмов при применении инструментов денежно-кредитной политики можно добиться высоких результатов.

Ключевые слова: макроэкономическая политика, денежно-кредитная политика, инструменты денежно-кредитной политики, ставка рефинансирования, денежные агрегаты, трансмиссионные механизмы, банковская система.

TOOLS AND EVALUATION OF MONETARY POLICY IMPLEMENTATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article discusses the implementation and evaluation of monetary policy instruments in the Republic of Tajikistan. It is noted that, in the opinion of leading scientists, solving urgent problems such as insufficient lending to the economy, reducing public confidence in the banking system, insufficient compliance with corporate governance principles in commercial banks, high share of cash use in the economy, weak impact of transmission mechanisms when using monetary instruments policies, especially refinancing rates and others remain unresolved in the country, which requires urgent action. The monetary policy instruments used in the Republic of Tajikistan and their effectiveness are analyzed in detail in the context of increased international competition and turbulence in the world economy and taking into account the specifics of the macroeconomic situation in Tajikistan. The effectiveness of the use of instruments for conducting tight monetary policy is emphasized only in the short term. And the effectiveness of the conduct of monetary policy with its coordination with fiscal and foreign trade policies is noted. It is concluded that only by taking urgent measures to ensure credit availability, adhering to the principles of corporate governance in commercial banks, increasing public confidence in the banking system, reducing the share of cash use in the economy and the effective impact of transmission mechanisms when applying monetary policy instruments can achieve high results.

Key words: macroeconomic policy, monetary policy, monetary policy instruments, refinancing rate, monetary aggregates, transmission mechanisms, banking system.

Сведения об авторах: ***Солехзода (Солиев) Ашурбой Абудвохид*** – кандидат экономических наук, Помощник Президента Республики Таджикистан по экономическим вопросам. **Адрес:** 734023, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 80. E-mail: **Ashurboy@mail.ru.** Телефон**: (+992 37) 221-25-20**
Шарифов Парвиз Одилшоевич – Начальник Управления кредитования в ЗАО «Бонки рушди Точикистон». **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Пушкина, 20. Телефон: **(+992) 446-00-55-50**

Information about the authors: ***Solekhzoda (Soliev) Ashurboy Abudvohid*** **-** candidate of economic sciences, Assistant to the President of the Republic of Tajikistan on economic issues. **Address:** 734023, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 80. E-mail: **Ashurboy@mail.ru.** Phone: **(+992 37) 221-25-20**

Sharifov Parviz Odilshoevich **-** Head of the Credit Department at ZAO Bonki Rushdi Tochikiston. **Address:** 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Pushkin street, 20. E-mail: **p_sharifov@mail.ru**. Phone: **(+992) 446-00-55-50**

УДК 338.24

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ УСТУВОРИИ ИҚТИСОДИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Қодирзода Д.Б., Наимзода Н.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити муосири инкишофи муносибатҳои хоҷагидорӣ омили асосӣ ва шарти муҳимми таъмини рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини устувории корхонаҳои саноатӣ мебошад, зеро бо дарназардошти густариши таъсири тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ масъалаи таъмини устуворӣ муҳиммияти хосро касб менамояд. Бинобар ин, ҳолати мазкур зарурат ва муҳиммияти дигаргунсозии механизмҳои идоракуниро дар самти таъмини устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ асоснок менамояд. Инкишофи иқтидори истеҳсолӣ ва таъмини самаранокии иқтисодии корхонаҳои саноатии ватанӣ бевосита бо масоили мукаммалсозии сиёсати иқтисодӣ ва фаъолгардонии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо алоқаманд аст. Бинобар ин, таҳқиқи масоили назариявӣ ва амалии таъмини устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир хеле муҳим аст.

Корхонаҳои саноатии муосир дар шароити номуайянӣ ва мураккабияти муҳити иҷтимоӣ-иқтисодӣ фаъолият менамоянд. Инкишофи босуръати муносибатҳои бозорӣ ташаккули усулҳои нави идоракунии корхонаҳои саноатии ватаниро бо мақсади таъмини рақобатпазирии онҳо тақозо менамояд. Унсури охирин, яъне таъмини рақобатпазирӣ барои корхонаҳои саноатӣ хеле мубрам арзёбӣ мегардад. Дар чунин шароит нақши таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар сатҳи стратегӣ бо дарназардошти омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дар сатҳи назаррас боло меравад. Муаммои муҳимтарини аксар корхонаҳои саноатии ватанӣ сатҳи нокифояи таъмини устувории иқтисодӣ ва бизнес-равандҳо мебошад, ки ба сатҳи рақобатпазирии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Бинобар ин, таҳияи низоми идоракунии устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ҳамчун зернизоми заминавии таъмини рақобатпазирӣ хеле мубрам мебошад. Аммо, дар сатҳи зарурӣ коркард нашудани воситаҳои иқтисодии таъмини устувории корхонаҳои саноатии ватанӣ ҳалли масъалаи мазкурро душвор мегардонад.

Инкишофи муносибатҳои бозорӣ, хусусан дар даврaҳои буҳронӣ зарурати ташаккули механизмҳо ва фишангҳои нави идоракуниро пеш меорад, зеро аксар корхонаҳои саноатии ватанӣ ба шароитҳои тағйирёбандаи бозорӣ ва муҳити берунӣ тоб оварда натавониста истодаанд. Тавре ба мо маълум аст, муҳити берунӣ тамоми ҷанбаҳои фаъолияти корхонаҳои саноатиро фаро гирифта, ба онҳо таъсири назаррас мерасонад. Аз ин лиҳоз, дар шароити ноустувории фаъолияти хоҷагидорӣ идоракунии корхонаҳои саноатӣ бояд дар заминаи принсипҳои мутобиқсозӣ баҳри таъмини устувории иқтисодии онҳо барои давраи дарозмуддат ба роҳ монда шавад.

Дар баробари ин, тавре муҳаққиқон Санакоева Д.К., Мисхожев Э. зикр менамоянд, сифати пасти низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ ба самаранокии фаъолияти онҳо таъсири манфӣ мерасонад [6]. Аз ин рӯ, бояд қайд намуд, ки механизми бозории хоҷагидорӣ равишҳои эҷодӣ ва инноватсиониро доир ба идоракунии корхонаҳои саноатӣ тақозо менамояд. Дар ин раванд принсипҳои худмаблағгузорӣ, бозхарид ва худидоракуниро дар заминаи худташкилӣ риоя намудан зарур аст. Ҳамчунин, дар шароити муосир дар низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ тағйиротҳои назаррас ба вуқӯъ напайвастаанд ва аксар унсурҳои он чун дар низоми қаблӣ боқӣ мондаанд. Бинобар ин, дар низоми кунунии идоракунии корхонаҳои саноатӣ ҷанбаҳои назоратии танзими равандҳои хоҷагидорӣ бартарият доранд, ки самаранок нестанд. Дар натиҷа пойгоҳи зарурии иттилоотӣ фароҳам намегардад ва роҳбарони корхонаҳо имконияти таҳияи сиёсати фаъоли молиявӣ, истеҳсолӣ, сармоягузорӣ ва идоракунӣ, инчунин, амалисозии стратегияи самараноки фаъолият дар муҳити беруниро пайдо карда наметавонанд.

Яке аз сабабҳои асосии ҳолати мазкур, ба андешаи мо, сатҳи нокифоияи коркарди илмӣ-назариявии масъалаи мазкур, инчунин, якчанд ҷанбаҳои дигари низоми муосири идоракунии корхонаҳои саноатӣ мебошад. Дар натиҷа, таҳти таъсири омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ корхонаҳои саноатӣ низоми идоракунии самаранокро аз даст медиҳанд ва бо талафоти зиёди молиявӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ба андешаи мо, дар шароити муосир бояд ҷанбаҳои фаврӣ тасҳеҳшавандаи танзими фаъолияти корхонаҳои саноатӣ бештар татбиқ карда шаванд. Дар шароити гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

навъи инноватсионии инкишоф маҳз ба масъалаи таъмини устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ бояд диққати аввалиндараҷа дода шавад, зеро дар сатҳи онҳо татбиқи коркардҳои инноватсионӣ, тиҷоратикунонии коркардҳои инноватсионии саноатӣ, инчунин, азхудкунӣ ва истеҳсоли маҳсулоти нави саноатӣ сурат мегирад. Зарурати барқарорсозии иқтидори иқтисодӣ дар шароити муосир масъалаи фароҳамсозии шароитҳоро барои инкишофи устувори корхонаҳои саноатӣ дар заминаи ташаккули механизми таъмини раванди мазкур дар мадди аввал мегузорад. Дар шароити муосир, дар ҳоле ки муҳити иҳотакунандаи корхонаҳои саноатӣ бо ҳолати номусоид рӯ ба рӯ аст, таъмини инкишофи устувори соҳаҳои саноати мамлакат душвор мегардад. Дар заминаи мазкур, таъмини устуворӣ хусусиятҳои ҳадафи аввалиндараҷаро касб менамояд, ки ноилгардӣ ба он заминаи боэътимоди рушди корхонаҳои саноатӣ ва соҳаҳои саноати мамлакатро, дар маҷмӯъ таъмин менамояд. Устувории иқтисодӣ имконияти мукобилият нишон додан ба омилҳои дохилӣ ва берунии манфиро дар назар дорад. Аз ин лиҳоз, бидуни ноилгардӣ ба устувории фаъолият ҷалби сармоягузорӣ, амалисозии лоиҳаҳои инкишофи корхонаҳои саноатӣ, инчунин, баландбардории сатҳи рақобатпазирии онҳо ғайриимкон мегардад.

Муҳиммияти проблемаи идоракунии корхонаҳои саноатӣ аз рӯйи меъёри устуворӣ бо имконоти баландбардории сатҳи бозденҳи захираҳои меҳнатӣ, молиявӣ ва моддии сарфшуда бо роҳи мукаммалсозии тарзи истифодаи онҳо муайян карда мешавад. Ҳалли масъалаи мазкур бо роҳи такмили ҳамаҷонибаи сохтори ташкилии субъектҳои хоҷагидорӣ тибқи принсипҳои низоми иқтисоди бозорӣ имконпазир хоҳад буд. Мукаммалсозии сохтори ташкилӣ ба корхона имкон фароҳам месозад, ки арзиши изофаи маҳсулотро аз ҳисоби истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот, яъне замин, меҳнат, сармоя ва қобилияти соҳибкорӣ афзун намояд. Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки корхона бо ин мақсад набояд ҳамеша шиддатнокии истифодаи захираҳои мазкурро баланд бардорад, балки дар ҳолатҳои зарурӣ паст намояд.

Айни замон сохтори ташкилии корхонаҳо боз ҳам бештар мураккаб мегардад, ки бо тағйирёбии муҳити дохилӣ ва, хусусан берунии фаъолияти корхона, алоқамандии зич дорад. Зеро робитаҳои байналмиллалӣ, минтақавӣ ва байнисарҳадӣ мураккаб мегарданд, шумораи функсияҳое, ки сохтори ташкилӣ иҷро менамояд, зиёд мешавад ва бинобар ин, эҳтимолияти таъсири омилҳои экзогенӣ ва эндогенӣ ба низоми фаъолияти корхона афзун мешавад. Категорияи «устуворӣ» мафҳуми байнифаннӣ буда, дар илмҳо ва таҳқиқоти гуногуни илмӣ васеъ истифода мегардад. Калимаи «устуворӣ» маънои оғози заминавӣ, асоси чизеро дар назар дорад [8; 9]. Мафҳуми «устуворӣ» дар фанни риёзӣ нисбат ба ҳаракат истифода карда мешавад: "Устувории ҳаракат – қобилияти ҳаракат таҳти таъсири қуввaҳои низоми механикӣ мебошад. Вай қариб, ки аз чунин ҳаракат таҳти таъсири ягон қувва фарқ намекунад (оҳиста тела додан, суръати сусти шамол ва ғайраҳо)" [2; 9].

Мафҳуми «устуворӣ»-ро дар чорчӯбаи назарияи умумии низомҳо дида мебароем. Бо мафҳуми "устуворӣ" мафҳуми "мувозинат" хеле зич алоқаманд аст. Барои ифодаи ҳолати мувозинати динамикӣ биологҳо истилоҳи «гомеостаз»-ро истифода менамоянд, ки таҳти он маҷмӯи қоидаҳои ба ҳам алоқаманди рафтори низоми органикиро баҳри нигоҳдории вай дар ҳолати устувор фаҳмида мешавад [4; 9]. Ҳамин тавр, мафҳуми «устуворӣ» аз соҳаҳои техникӣ ва биология ба соҳаи иқтисодиёт гузашт ва айни замон нисбат ба низомҳои иқтисодӣ (хоҷагидорӣ)-и сатҳи мухталиф хеле васеъ истифода карда мешавад.

Дар иқтисодиёти классикӣ мафҳуми «устуворӣ» ҳамчунин бо мафҳуми "мувозинат"-и низомҳо ҳаммазмун фаҳмида мешуд. Ҳамин тавр, бори аввал доир ба амалкунии низомҳои мувозин дар асари илмии А. Смит «Таҳқиқот доир ба табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо » (соли 1776) ишораҳо шудаанд. А. Смит зикр намудааст, ки дар табиат ва ҷомеа мувозинати доимӣ ба мушоҳида мерасад ва ба андешаи ӯ, ҳолати мазкур табиӣ аст. Ба андешаи ӯ, қуввaҳое мавҷуданд, ки равандҳои мухолифро мутавозин мекунанд: "Исрофкорӣ ва беэътиборii баъзеҳо доимо бештар аз боэҳтиётӣ ва рафтори оқилонаи дигарон аст" [7]. Ба андешаи А. Смит устувории иқтисодӣ унсури таркибии объективии корхонаҳои саноатӣ мебошад, зеро фаъолияти онҳо дар заминаи моликияти хусусӣ ва рафтори субъектҳои хоҷагидорӣ ба роҳ монда шуда, талаботи худро қонеъ месозанд ва тақозову арзаи доимиро дар бозор ба вуҷуд меоранд.

Устувории иқтисодӣ падидаи гуногунҷанбаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад, ки ҳамчун зуҳуроти дорои аҳамияти иҷтимоӣ дар сатҳи муайяни инкишофи муносибатҳои бозорӣ ба вуҷуд меояд. Яке аз унсурҳои таркибии "устувории иқтисодӣ", устувории молиявӣ маҳсуб меёбад, ки фаъолияти мувозини низоми истеҳсолиро таъмин менамояд.

Дар шароити низоми маъмурӣ-фармонфармоӣ равишҳо доир ба ташаккули устувории иқтисодии корхонаҳои саноатиро мавҷудияти моликияти ягонаи давлатӣ ба воситаҳои истеҳсолот муайян месохт. Ба фароҳамсозии устувории иқтисодии корхонаҳо

асосан давлат машғул буд ва усулҳое, ки бо ин мақсад истифода мешуданд, дар заминаи танзими қатъӣ ва азнавтақсимкунии васеи воситаҳо сарчашма мегирифтанд. Тавре Полевский Е.А. дуруст қайд менамояд, дар низоми бозории хоҷагидорӣ корхонаҳо бояд устувории иқтисодии фаъолиятро таъмин намоянд, инчунин, масъалаҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳоро мустақилона ҳал кунанд [5].

Мафҳуми «устувории иқтисодӣ» солҳои 70-уми асри XX бо сабаби густариш ёфтани проблемаи маҳдудияти захираҳо таҳти таъсири буҳронҳои энергетикӣ боз ҳам бештар мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифт. Дар натиҷа дар самти илмҳои иқтисодӣ фанни «экосестейт» (англ. ecosestate – economic security of state) ба вуҷуд омад, ки амнияти иқтисодӣ ва устувории корхонаҳову давлатро фаро мегирад [1].

Дар сатҳи корхонаҳои саноатӣ «устувории иқтисодӣ» дар худ мафҳумҳои устувории ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявӣ-иқтисодиро баҳри таъмини фаъолияти самараноки истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ муттаҳид месозад. Устувории иқтисодӣ заминаи асосии ҳолати мувозин ва устувори корхона ва омили муҳимми арзи вуҷуди он дар муҳити динамикии инкишофёбандаи иқтисодӣ мебошад [3].

Баҳри муайянсозии меъёрҳои асосии баҳодиҳии устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ дар муҳити динамикии тағйирёбандаи иқтисодӣ равишҳо ва алгоритми муайянро истифода намудан лозим аст. Айни замон аксар корхонаҳои саноатии мамлакат дар ҳолати ноустувории иқтисодӣ қарор доранд ва дар ин самт бояд алгоритми муайяни таъмини устувории иқтисодии онҳо бояд таҳия ва дар амалия татбиқ карда шавад. Ба андешаи мо, марҳилаҳои мазкур бояд тибқи принсипҳои муайян ва бо дарназардошти таъсири омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ муайян карда шаванд. Ҳамин тавр, ба андешаи мо, марҳилаҳои асосии таъмини устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ бо дарназардошти таъсири омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ бояд чунин бошанд.

Ҳамин тавр, зимни ташаккул ва мукаммалсозии механизми таъмини устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Ғайр аз ин, чунин категория, ба монанди “устувории иқтисодӣ” фаъолияти корхонаро аз рӯйи тамоми самтҳо тавсиф менамояд ва нишондиҳандаи интегралӣ буда, нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи ҳолати иқтисодии корхона, ба монанди нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодӣ, устувории иқтисодӣ, устувории молиявӣ, устувории истеҳсолӣ ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

Расми 1. Марҳилаҳои асосии таъмини устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ бо дарназардошти таъсири омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ



Устувории иқтисодӣ ҳолати фаъолияти субъекти хоҷагидорие мебошад, ки дар ин мавриди нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии тавсифкунандаи он таҳти таъсири дилхоҳ омили муҳити дохилӣ ва берунӣ мувозинати мавҷударо нигоҳ медоранд, ба таври динамикӣ инкишоф меёбанд ва тибқи меъёрҳои амалкунанда дар марҳилаи муайяни устуворӣ қарор доранд. Ба андешаи мо, таърифи мазкур имкон фароҳам месозад, ки моҳияти устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ҳамчун ҳолати амалкунии корхона, ки дорои устуворӣ аст, ба таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ мукобилият нишон медиҳад, ошкор карда шавад. Аммо, мавриди зикр аст, ки устуворӣ ин мукобилияти табиии субъекти хоҷагидорӣ нест ё ҳолати хушбахтии фаъолияти он набуда, балки натиҷаи идоракунии амиқи фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидории корхона мебошад ва дорои

ҳамоҳангии дарки таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ аст. Ҳамин тавр, муайянсозии нишондиҳандаҳои асосии таъмини устувории иқтисоди корхонаҳои саноатӣ дар шароити гузариш ба навъи инноватсионии рушди иқтисодиёт бо ҳадафи ташаккули самтҳои асосии мукаммалсозии низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ хеле мубрам мебошад. Дар заминаи омӯзиши нуқтаи назари олимони мухталиф доир ба категорияи “устувории иқтисодӣ” чунин хулосаҳо бароварда шудаанд:

1. Устувории иқтисодии корхонаи саноатӣ нигоҳдории мувозинати фаъолият, инчунин, гузариш ба ҳолати нави мувозинат ё рушдро дар назар дорад.

2. Устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ дар муқоиса бо инкишофи устувори он ҳамчун раванд баррасӣ намегардад; дар муқоиса бо мувозинати иқтисодӣ ҳамчун ҳолат арзёбӣ намешавад. Ҳамин тавр, устувории иқтисоди корхона категорияи динамикие мебошад, ки бо тағйирёбии ҳолати корхона аз рӯйи вақт алоқаманд буда, ҷиҳати барқарорсозии мувозинат қодир аст.

3. Сатҳи устувории иқтисодии корхона бо маҷмӯи қиматҳои миқдорӣ ва сифатии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, устувории иқтисоди корхонаҳои саноатӣ қобилияти корхона ҷиҳати дар сатҳи муайян ва устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолият мебошад, ки фоиданокӣ ва инкишофи устувори онро таъмин менамояд, инчунин, дар самти барқарор сохтани ҳолати ибтидоӣ ё ноил гардидан ба ҳолати мувозинатии нав дар натиҷаи бартараф сохтани таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ имконият фароҳам созад.

АДАБИЁТ

1. Бодров О.Г. Экономическая свобода и устойчивость предприятия / О.Г. Бодров, В.А. Мальгин, В.Т. Тимирясов. -Казань: Таглимат, 2000. -208 с.
2. Каплан Р.С. Сбалансированная система показателей. От стратегии к действию [Текст]: пер. с англ. / Р.С. Каплан, Д.П. Нортон. – М.; 2004.
3. Корчагина Е.В. Анализ и оценка экономической устойчивости в структурах предпринимательства / Е.В. Корчагина. -СПб.: Изд-во СПбГУЭФ, 2002. -145 с.
4. Математическая энциклопедия [Текст] / Гл. ред. И.М. Виноградов. -М.: Советская энциклопедия, 1985.
5. Полевский Е.А. Организационно-экономический механизм функционирования высокотехнологичных промышленных предприятий / Е.А. Полевский // Современные научные исследования и инновации. – Октябрь, 2011. [Электронный ресурс]. URL: http://web.snauka.ru/issues/2011/10/4740.
6. Санакоева Д.К. Сущность и область применения упреждающего антикризисного управления в условиях нестабильной рыночной среды /Д.К. Санакоева, Э.Р. Мисхожев // известия горского государственного аграрного университета. –Владикавказ: Издательство Горский государственный аграрный университет. ISSN: 2070-1047; [Электронный ресурс]. https://dlib.rsl.ru/01005095396
7. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов [Текст] / А. Смит; пер. с англ. – М., 2007.
8. Советский энциклопедический словарь [Текст] / Гл. ред. А.М. Прохоров. – М.: Советская энциклопедия, 1979.
9. Теплова О.В. Сущность понятия и теоретические подходы к определению экономической устойчивости предприятий нефтеперерабатывающего комплекса / О.В. Теплова // Журнал «Аудит и финансовый анализ». - 2012. - №4. – С. 405-413. [Электронный ресурс]. http://auditfin.com/fin/2012/4/2012_IV_10_20.pdf#1

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ УСТУВОРИИ ИҚТИСОДИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур масоили назариявии идоракунии устувории иқтисоди корхонаҳои санаотӣ дар шароити муосир баррасӣ гардидаанд. Дар мақола мундариҷаи категорияҳои “устуворӣ” ва “устувории иқтисодӣ”-и корхонаҳо дар консепсияи назарияи умумии низомҳо бо дарназардошти тамоюлҳои муосир таҳқиқ карда шудаанд. Омилҳои асосии дохилӣ ва беруние, ки ба устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ таъсир мерасонанд, инчунин, муҳиммияти он дар шароити бозор ва густариши рақобат дар бозорҳои берунӣ баррасӣ шудаанд. Ғайр аз ин, якчанд равишҳои илмии муҳаққиқон-иқтисодчиҳо доир ба шарҳи устувории иқтисоди корхонаҳо таҳлил карда шуда, андешаҳои муаллиф роҷеъ ба он пешниҳод гардидаанд. Нақши муайянкунандаи идоракунии устувории корхонаҳои саноатӣ аз нигоҳи баландбардории рақобатпазирии онҳо нишон дода шудааст. Марҳилаҳои асосии идоракунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ҳамчун низоми кушодаи ташкилӣ бо дарназардошти таъсири омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ, инчунин, талаботи устворӣ пешниҳод карда шудаанд.

Калидвожаҳо: устворӣ, устувории иқтисодӣ, устувории молиявӣ, инкишофи устувор, корхона, саноат, корхонаи саноатӣ, рақобатпазирӣ, муҳити дохилӣ, муҳити берунӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ УСТОЙЧИВОСТЬЮ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье рассмотрены теоретические вопросы управления экономической устойчивостью промышленных предприятий в современных условиях. В статье исследуются содержание категорий «устойчивость» и «экономическая устойчивость» предприятий в концепциях общей теории систем с учетом современных тенденций. Рассмотрены основные внутренние и внешние факторы, влияющие на экономическую устойчивость промышленных предприятий, а также ее актуальность в условиях рынка и усиления конкуренции на внешних рынках. Кроме того, проанализированы ряд научных подходов ученых-экономистов к интерпретации экономической устойчивости предприятий и дается авторское мнение. Показана определяющая роль управления устойчивостью промышленных предприятий с позиций повышения их конкурентоспособности. Приведены основные этапы управления деятельностью промышленного предприятия как открытой организационной системы с учетом воздействия факторов внутренней и внешней среды, а также требований устойчивости.

Ключевые слова: устойчивость, экономическая устойчивость, финансовая устойчивость, устойчивое развитие, предприятие, промышленность, промышленное предприятие, конкурентоспособность, внутренняя среда, внешняя среда.

THEORETICAL BASES OF MANAGEMENT OF ECONOMIC SUSTAINABILITY OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN MODERN CONDITIONS

There are in the article discussed the theoretical issues of managing the economic sustainability of industrial enterprises in modern conditions. There is article examined the content of the categories of "sustainability" and "economic sustainability" of enterprises in the concepts of the general theory of systems, taking into account the current trends. There are considered the main internal and external factors affecting the economic sustainability of industrial enterprises, as well as its relevance in market conditions and increased competition in foreign markets. In addition, there are analyzed a number of scientific approaches of economists to the interpretation of economic sustainability of enterprises and also there is given the author's opinion. There is shown the determining role of sustainability management of industrial enterprises from the standpoint of increasing their competitiveness. There are given the main stages of managing the activities of an industrial enterprise as an open organizational system taking into account the influence of factors of the internal and external environment, as well as the requirements of sustainability.

Key words: sustainability, economic sustainability, financial stability, sustainable development, enterprise, industry, industrial enterprise, competitiveness, internal environment, external environment.

Сведения об авторах: ***Кадыров Диловар Бахридинович*** - Таджикский национальный университет, профессор кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
Наимзода Неъматуллои Кудратулло - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел**: 988878710**

Information about the authors: ***Kadyrov Dilovar Bahridinovich*** - Tajik National University, Professor, Department of Economic Theory. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 902-01-18-81**
Naimzoda Nematulla Kudratullo - Tajik National University, applicant for the Department of Management and Marketing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 988-87-87-10**

УДК339.9+379.85(575.3)

МУАММОҲОИ ИНФРАСОХТОРИ ТУРИЗМИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Шукуров Б.У., Саидов Қ.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ташкили заминаҳои мувофиқ, васеънамоии инфрасохтор ва рушди маҷмӯи комплексии хизматрасониҳои туристӣ, яке аз шартҳои зарурии ташаккули соҳаи туризм ҳамчун яке аз соҳаҳои пуррагардонии буҷаи иқтисодиёти ватанӣ ба ҳисоб меравад. Инкишофи туризм мустақиман бо мавҷудияти инфрасохтори рушдёфта алоқаманд аст. Новобаста ба ин, имрӯз дар миёни омилҳои асосии рушди туристиро боздоранда, аз тарафи мутахассисон инфрасохтори дар сатҳи пастбуда қайд карда мешавад [3]. Мафҳуми «инфрасохтор» (аз лотинӣ Infra – зер ва Structura-сохтан - «асос, таҳкурсӣ») дар адабиёти иқтисодии кишварҳои ғарбӣ аз миёнаи асри XX истифода бурда мешавад. Моҳияти ин мафҳум аз он иборат аст, ки барои истеъмоли маҳсулоти тайёр бояд на танҳо ба истеҳсоли воқеии он, балки ба рушди нақлиёт, сохтмони анборҳо, роҳҳо, алоқа ва шабакаҳои яклухти тиҷорат низ маблағгузорӣ карда шавад. То имрӯз мафҳум, намуд ва объектҳои инфрасохтор хусусияти баҳсӣ доранд. Аз ин рӯ, равияи объектиро доир ба омӯзиши инфрасохтори туристӣ таҳлил намуда, мо бояд якчанд хусусиятҳоро қайд намоем:

1) Маҷмӯи иншоот ва сохторҳои нақлиётӣ, алоқа, таҷҳизоти муҳандисӣ ва дигар дастгоҳҳо, ки дар фаъолияти устувори туризм нақши муҳимро мебозанд;

2) Маҷмӯи иншоотҳо, шабакаҳои муҳандисӣ ва коммуникатсионӣ, ки дастрасии муътадили туристонро ба захираҳои туристӣ ва истифодаи дурусти онҳо ва, инчунин, фаъолияти корхонаҳои соҳаи туристиро таъмин менамоянд;

3) Маҷмӯи сохторҳои баҳамалоқамандии хизматрасонӣ ё объектҳое, ки асоси фаъолияти соҳаи туризмро ташкил медиҳанд;

4) Ҳамаи он унсурҳое, ки бидуни онҳо фаъолияти объектҳои саноати туристӣ имконнопазир аст (алоқа, роҳҳо, иншоотҳои бандарӣ, фурудгоҳҳо, вокзалҳо, манзилҳо барои кормандон, қубурҳои об, қувваи барқ ва ғайра).

Ҳамин тариқ, таҳти мафҳуми инфрасохтор маҷмӯи корхона, ташкилот ва хадамотҳое фаҳмида мешаванд, ки ба амалисозии муносибатҳои иқтисодию хоҷагидорӣ миёни субъектҳои асосӣ мусоидат менамоянд [3]. Объектҳои инфрасохтори туристӣ вобаста аз намуди чунин инфрасохторҳо, ки дар миёни онҳо инфрасохтори нақлиётӣ, муҳандисӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ ва ғайраро ҷудо менамоянд, фарқ карда мешаванд.

Ҳадафи асосии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи туризм қонеъгардонии эҳтиёҷот ба хизматрасониҳои туристӣ мебошад. Бо назардошти таркиб ва хусусияти фаъолияти субъектҳое, ки хизматрасониҳои туристиро пешниҳод менамоянд, метавон

Ҷадвали 1. Таснифоти инфрасохтори туристӣ

Намуд	Хусусият
Инфрасохтори нақлиётӣ	Маҷмӯи ҳамаи намудҳои нақлиёт ва сохторҳои нақлиётие мебошад, ки ба рушди саноати туристӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Яъне, маҷмӯи системаҳои моддию техникии нақлиёт, ки барои таъмини фаъолияти соҳаи туризм пешбинӣ шудаанд. Дар зери мафҳуми инфрасохтори нақлиётии туризм бояд маҷмӯи шароитҳои моддию-техникӣ ва ташкилӣ, ки раванди босуръат ва бемонеаи ҳамлу нақли ба туризм вобастабударо таъмин менамоянд, фаҳмида мешавад. Объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ инҳо мебошанд: роҳҳои оҳан, роҳҳои обӣ, роҳҳои автомобилӣ, нақбҳо, эстакадаҳо, пулҳо, вокзалҳо, метроҳо, фурудгоҳҳо, назорати ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва, инчунин, дигар объектҳои фаъолияти комплексии нақлиётро таъминкунанда, ба монанди биноҳо, иншоотҳо, дастгоҳҳо ва таҷҳизотҳо. Ба воситаҳои нақлиёт ҳавопаймоҳо, воситаҳои нақлиёти роҳи оҳан, киштиҳо, нақлиёти мусофиркаши автомобилӣ ва электрикии шаҳрӣ ва ғайра дохил мешаванд.
Инфрасохтори муҳандисӣ	Маҷмӯи системаҳои муҳандисие мебошад, ки эҳтиёҷоти саноати туристӣ ва дигар объектҳои қуввахои истеҳсолкунанда, инчунин, аҳолии шаҳрҳо, деҳаҳо ва нуқтаҳои аҳолинишинро бо оби гарм, гази табии, қувваи барқ, воситаҳои алоқа, об ва ғайра таъмин менамояд. Ба таркиби инфрасохтори муҳандисӣ дохил мешаванд: - системаҳои барқтаъминкунӣ; - системаҳои гармидиҳӣ; - системаҳои обтаъминкунӣ ва обпартоӣ; - системаи муътадилкунии ҳаво (вентелация); - системаи равшанкунии берунӣ; - системаҳои таъминоти гази табиӣ; - шабакаҳои алоқа.
Инфрасохтори иттилоотӣ	Системаи сохторҳои ташкилӣ ва зерсистемаҳое мебошад, ки фаъолият ва рушди фазои иттилоотии саноати туристӣ, ҳамкориҳои иттилоотӣ ва, инчунин, дастрасии истеъмолкунандагонро ба захираҳои иттилоотӣ таъмин менамоянд. Инфрасохтори иттилоотӣ маҷмӯи марказҳои иттилоотӣ, зерсистемаҳо, бонкҳои маълумот ва дониш, системаҳои алоқа, марказҳои идоранамоӣ, воситаҳои дастгоҳҳои-барномавӣ ва технологияҳо мебошанд, ки барои ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва пешниҳоди иттилоот равона шудаанд.
Инфрасохтори иҷтимоӣ	Маҷмӯи объектҳои соҳаҳои маориф, тандурустӣ, хизматрасонии маишӣ, савдо, фарҳанг, варзиш, фароғат ва дигар объектҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим барои хизматрасонии туристӣ мебошанд. Сохтори инфрасохтори иҷтимоии туристиро метавон ҳамчун се бахши мақсадноки функсионалӣ баррасӣ намуд: - қонеъ кардани ниёзҳои зеҳнӣ-фарҳангии сайёҳон (маориф, илм, фарҳанг, санъат, воситаҳои ахбори омма ва ғайра); - барқарорсозӣ ва нигоҳдории саломатии ҷисмонӣ (тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҳифзи муҳити зист ва солимгардонӣ ва ғайра); - хизматрасониҳои коммуналӣ - маишӣ (хизматрасонии маишӣ, савдо ва хӯроки умумӣ ва ғайра).
Инфрасохтори инноватсионӣ	Базаи ташкилӣ, моддӣ, молиявӣ-қарзӣ ва иттилоотие мебошад, ки барои ҷамъоварӣ ва тақсими самарабахши маблағҳои ба рушди фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи саноати туристӣ мусоидаткунанда шароит фароҳам меоварад.

қайд кард, ки онҳо вазифаи миёнаравиро байни истеъмолкунанда (сайёҳ) ва истеҳсолкунандаи хизматрасониҳои гуногуни туристӣ (иншоотҳои ҷойгиркунонии сайёҳон, ширкатҳои нақлиётӣ, корхонаҳои соҳаи хӯрокворӣ ва ғайра) иҷро мекунанд [2]. Инфрасохтори бозори хизматрасонии туристӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- унсурҳои инфрасохторӣ, ки арзиши моддиро ба вуҷуд намеоранд, балки барои истеҳсоли онҳо заминаҳои зарурӣ фароҳам меоранд;

- самаранокии объект ва иншооти инфрасохтор бо инкишофи пайвастаи онҳо муайян карда мешавад;

- инфрасохтор ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, иқтисодӣ ва рекреатсионӣ мусоидат менамояд.

Мутобиқи моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ, хусусияти арзишӣ ва меҳнатӣ инфрасохтори хизматрасонии туристӣ аз инҳо иборат аст:

- объектҳои ҷойгиркунонӣ;
- корхонаҳои хӯрокворӣ;
- нақлиёт;
- хадамоти экскурсионӣ;
- хизматрасониҳои иттилоотӣ ва таблиғотӣ ва ғайра [2,3].

Аксари муаллифони хориҷӣ, ки доир ба масъалаҳои туризм тадқиқот бурдаанд, чунин меҳисобанд, ки инфрасохтори бозори хизматрасонии туристӣ аз панҷ ҷузъи муҳим ташаккул ёфтааст:

1) Воситаҳои ҷойгиркунонии сайёҳон - меҳмонхонаҳо ва дигар воситаҳои ҷойгиркунонии ҷамъиятӣ;

2) Корхонаҳои саноати хӯроки умумӣ - тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо, тезтайёр ва ғайра;

3) Корхонаҳои нақлиётие, ки ба хизматрасонии сайёҳон машғуланд;

4) Объектҳои фарҳангӣ, фароғатӣ, солимгардонӣ, динӣ, варзишӣ, фарҳангӣ-таърихӣ, инчунин, объектҳои таъиноти дигар, ки барои пешниҳоди хизматрасонии туристӣ истифода мешаванд;

5) Ташкилотҳое, ки ба хизматрасониҳои тарҷумонӣ, экскурсионӣ ва барасмиятдарорӣ ҳангоми убури сарҳади байни давлатӣ машғуланд.

Ҳамзамон, олимон се гурӯҳи ташкилотҳоро муайян мекунанд, ки ҳамчун унсурҳои асосии инфрасохтори бозори хизматрасонии туристӣ ба ҳисоб мераванд [3].

Ба гурӯҳи аввал ташкилотҳо ва корхонаҳое дохил мешаванд, ки бо таҳия ва пешниҳоди хизматрасониҳои асосии туристӣ машғуланд, аз ҷумла туроператорҳо ва турагентҳо, корхонаҳои ҷойгиркунонӣ, хӯроки умумӣ, нақлиёт.

Гурӯҳи дуюмро бошад, ташкилотҳои махсусгардонидашудае ташкил медиҳанд, ки хизматрасониҳои туристӣ ва мақсаднокро пешниҳод менамоянд, аз ҷумла:

- бюроҳои экскурсионӣ ва ташкилотҳои тарҷумонӣ-роҳнамоӣ;
- комплексҳои солимгардонии туризми рекреатсионӣ;
- базаҳои туристии таъйиноти гуногундошта;
- марказҳои таълимӣ барои тайёрии ибтидоии махсуси сайёҳон;
- маҷмааҳои варзишӣ ва лагерҳо барои машғул шудан ба варзиш ва гузаронидани мусобиқаҳо;
- корхонаҳое, ки молҳои туристиро истеҳсол ва ба фурӯш мебароранд;
- хадамот ва ташкилотҳо доир ба хизматрасонӣ дар соҳаи туризми байналмилалӣ ва хизматрасониҳои ҳуқуқӣ;
- ташкилотҳое, ки хизматрасониҳоро доир ба батанзимдарории расмиятҳои гуногуни туристӣ пешниҳод менамоянд.

Ба гурӯҳи сеюм ташкилотҳое дохил карда мешаванд, ки дар такрористеҳсоли фаъолияти туристӣ махсусгардонида шудаанд, аз ҷумла:

- ташкили тайёрии касбӣ ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи туризм;
- агентиҳои кадрӣ оид ба интихоби мутахассисон;
- курсҳои омӯзишӣ барои роҳбаладҳо ва тарҷумонҳо;
- ташкили аттестатсия, аккредитатсия ва назорати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти туристӣ машғуланд.

Дар вақти таҳлили хусусиятҳои инфрасохтори бозори хизматрасониҳои туристӣ, бояд ба он эътибор дод, ки унсурҳои таркибии инфрасохтор хизматрасониро ба туристон ва ба дигар субъектҳое, ки ба туризм алоқамандӣ надоранд, пешниҳод менамоянд. Ин, пеш аз ҳама, ба воситаҳои нақлиёт, хӯроки умумӣ, воситаҳои ахбори омма, хадамоти ҳифзи тартибот ва риоя намудани меъёрҳои санитарӣ дахл дорад [5]. Таъмини ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти объектҳои инфрасохтори туристӣ бо назардошти ҳолатҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- сатҳи инкишоф ва сифати ин инфрасохтор омили ҳалкунандаи рушди саноати туристӣ ба ҳисоб меравад;
- вазъи он бевосита бо рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи мувофиқ робитаи ногусастанӣ дорад;
- шумораи объектҳои он бевосита ба шуғли пурраи аҳолӣ таъсир мерасонад;

Вазъияти муосири инфрасохтори туристӣ ҳаҷми зиёди сармоягузориро талаб менамояд, ки барои самаранокӣ ва сифатнокии хизматрасониҳои туристӣ таъсири худро мерасонад. Чунки ҷойгиркунонӣ, хӯрок, истироҳат, хизматрасонии иттилоотӣ ва нақлиётӣ барои туристон бо ҳаҷми умумии сармоягузорӣ алоқамандии зич дорад. Инфрасохтор ба фаъолияти муътадили механизмҳои ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ, илмӣ ва техникии кишварҳо мусоидат менамояд. Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки инфрасохтори бозори хизматрасонии туристӣ вазифаҳои таъминкунӣ, ҳамгироӣ ва танзимкуниро дар бар мегирад:

-Вазифаи таъминкунии инфрасохтори туристӣ тавассути шароити мусоид фароҳам овардани хизматрасонии туристӣ муайян карда мешавад;

-Вазифаи ҳамгироӣ ин ташкил ва дастгирии муносибатҳои байни корхонаҳои соҳаи туристӣ ва ташаккули комплексҳои ҳудудии туристӣ мебошад;

-Вазифаи танзимкунӣ ин ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъсир ба талаботи истеъмолкунанда, рушди соҳаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти истеъмолӣ ва мусоидат намудан ба афзоиши воридоти андозӣ ба буҷаҳои сатҳҳои гуногун мебошад.

Таҳлили тарафҳои гуногуни инфрасохтори туристӣ имконият медиҳад, ки ҳадаф ва роҳҳои асосии рушди ин сохтор дар шароити имрӯзаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

муайян карда шавад. Рушди соҳаи туризм дар оянда ҳамчун омили таркибии ғанӣ гардонидани буҷаи давлатӣ баромад хоҳад кард.

АДАБИЁТ

1. Гаврилова С.В. Организация туристического и гостиничного бизнеса / С.В. Гаврилова, А.Г. Томская, А.В. Дмитриев. -М.: Евразийский открытый институт, 2011. -358 с.
2. Лазарев В.А. Сущностное содержание понятий «инфраструктура туризма» и «индустрия туризма» / В.А. Лазарев // Известия Уральского государственного экономического университета. - 2012. -№1(39). -С.38.
3. Основы туризма / Е.Л. Писаревский [и др.] -М.: Федеральное агентство по туризму, 2014. -384 с.
4. Правовое обеспечение туризма / Е.Л. Писаревский [и др.]. -М.: Федеральное агентство по туризму, 2014. -336 с.
5. Ускова Т.В. Туристская инфраструктура в регионе: оценка и перспективы / Т.В. Ускова, А.В. Величкина. -М.: ИСЭРТ РАН, 2014. -С.74.

МУАММОҲОИ ИНФРАСОХТОРИ ТУРИЗМИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола масъалаи муаммоҳои инфрасохтори туризми байналхалқӣ дар шароити муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Диққати асосӣ ба масъалаи моҳияти инфрасохтори туристӣ ва элементҳои таркибии он равона гардидааст. Инчунин, таснифоти инфрасохтори туристӣ вобаста аз хусусият ва намудҳои он низ дар шакли ҷадвал пешниҳод шудааст. Саноати туристӣ метавонад ҳамчун омили асосии инкишофи иқтисодӣ иҷтимоии мамлакат баромад намояд. Бояд қайд намуд, ки асоси рушди саноати туристӣ маҳз бо инфрасохтори инкишоф ёфта алоқамандии зич дорад.

Калидвожаҳо: инфрасохтори туристӣ, саноати туристӣ, рушд, нақлиёт, хизматрасонӣ, унсур, бозори туристӣ, сармоягузорӣ.

ПРОБЛЕМЫ МЕЖДУНАРОДНОЙ ТУРИСТИЧЕСКОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматриваются проблемы международной туристической инфраструктуры в современных условиях. Особое внимание уделяется сущности туристической инфраструктуры и ее составляющих элементов. Также в таблице представлена классификация туристической инфраструктуры по видам и признакам. Индустрия туризма может быть основным фактором государственного, социального и экономического развития. Следует отметить, что основа развития индустрии туризма неразрывно связана с развитой инфраструктурой.

Ключевые слова: туристическая инфраструктура, индустрия туризма, развитие, транспорт, услуга, элемент, туристический рынок, инвестиции.

PROBLEMS OF THE INTERNATIONAL TOURIST INFRASTRUCTURE IN MODERN CONDITIONS

The article discusses the problems of international tourism infrastructure in modern conditions. Particular attention is paid to the nature of tourism infrastructure and its constituent elements. The table also presents the classification of tourism infrastructure by type and characteristic. The tourism industry can be a major factor of social and economic development in state. It should be noted that the basis for the development of the tourism industry is inextricably linked with developed infrastructure.

Key words: tourist infrastructure, industry tourism, development, transport, service, element, tourism market, investment.

Сведения об авторах: ***Шукуров Бури Урокович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики и международных экономических отношений**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-24-80-85**
Саидов Киёмиддин Тагоймуродович **–** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры мировой экономики и международных экономических отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Qiyomiddin-1983@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-66-61-08**

Information about the authors: ***Shukurov Buri Urokovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy and International Economic Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Shukurov-b@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-24-80-85**
Saidov Kiyomiddin Tagoymurodovich - Tajik National University, assistant of the Department of World Economy and International Economic Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК 330.34

АСОСҲОИ МЕТОДИИ ТАШАККУЛИ ИТТИҲОДИЯҲОИ КЛАСТЕРӢ

Иброҳимов И.Р., Саидова М.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳлили тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар омӯзиши кластерҳо ҷанбаи минтақавӣ унсури муҳим ба шумор меравад. Равиши муайян намудани мафҳуми «кластери минтақавӣ» ба консепсияҳои назариявии асосӣ такя менамояд: аз баррасии назарияи ҷойгиршавӣ (Й. Тюиен, В. Лаундхардт, А. Вебер, А. Лёш, Т. Палландер ва дигарон) ва консепсияи афзалиятҳои рақобатии минтақаҳои М. Портер чунин бармеояд, ки рақобатпазирии кишвар ва минтақаҳои он на аз ҷониби корхонаҳои алоҳида, балки бештар аз ҳисоби самаранокии ҳамкориҳои фирма ва ташкилотҳо дар доираи кластер ва дар ҳудуди минтақаи муайян, мушаххас карда мешавад.

М. Портер кластерҳоро муайян намуда, ба се хусусияти онҳо диққати худро равона месозад: маҳдудияти ҷуғрофӣ, робита миёни корхонаҳо ва ҳамбастагии технологӣ.

С.Розенфелд ноилгардии самараи синергетикиро тавассути ҳамкорӣ медонад, Э. Фезер бошад, таъсир ба рушди инноватсионии минтақаро дар назар дорад. М. Энрайт кластерро ҳамчун иттифоқҳои дарозмуддат дар соҳаи истеҳсолот мешуморад. М. Воинаренко ҳангоми омӯзиши кластер мафҳуми “5-И”-ро ташаккул медиҳад, ки шароитро барои фаъолияти бомуваффақонаи кластер фароҳам мекунад: муносибатҳои зич миёни иштирокчиён, кооператсия ва рақобат, такя ба талаботи бозор. А. Мигрепян қобилияти кластерро барои таъмин намудани мавқеъҳои рақобатпазир дар бозорҳои соҳавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ таъкид менамояд. А. Праздничний кластерро ҳамчун сохтори мукаммал, ки рақобатпазирии иштирокчиёни онро баланд мебардорад, баррасӣ менамояд. Аликулов А.Р. кластерро маҷмӯи субъектҳои хоҷагидории бо ҳам алоқаманд ва вобастаи соҳаҳои асосӣ ва ёридиҳанда, ки сохтори ташкилӣ-иқтисодии муттаҳидшуда дошта, дар як ҳудуд ҷойгиранд ва фаъолияти худро бо мақсади ягона равона намудаанд, маънидод мекунад [1]. Таърифҳои таҳлилгардида оид ба кластер дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. Равишҳои асосӣ дар таърифи мафҳуми “кластер”

Муаллиф	Таъриф
М. Портер (1990)	Гурӯҳи ширкатҳои алоқаманди аз рӯйи аломати ҷуғрофӣ консентратсияёфта; таъминкунандаи махсус, таъминкунандаи хизматрасониҳои фирмаҳо – дар соҳаҳои дахлдор ва, инчунин, ташкилотҳои бо фаъолияти онҳо алоқаманд масалан, донишгоҳҳо, агентиҳои стандартизатсия ва, инчунин, иттиҳодияҳои тиҷоратӣ дар соҳаҳои муайян рақобаткунанда, вале инчунин фаъолияти муштаракро пешбаранда.
М. Энрайт (1996)	Кластери минтақавӣ – гурӯҳҳои саноатӣ, ки аъзоёнашон дар наздикии мустақими ҳамдигар қарор доранд.
С. Якобс (1996)	Муттаҳидсозии ҷуғрофӣ ё фазоии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, муносибатҳои уфуқӣ ва амудӣ миёни соҳаҳои саноат, истифодаи технологияҳои умумӣ, мавҷудияти иштирокчии асосӣ ва, инчунин, сифати шабакаҳои фирмаҳо ва кооператсияи онҳо.
С. Розенфелд (1997)	Консентратсияи корхонаҳои самараи синергетикиро аз сабаби наздикии ҷуғрофӣ ва вобастагии муттақобила ба дасторанда; консентратсияи маҳдуди ҷуғрофии намудҳои шабеҳ, алоқаманд ё намудҳои иловагии фаъолиятҳои тиҷоратӣ, бо каналҳои фаъол барои муомилоти касбӣ, коммуникатсия ва муколама, ки инфрасохтори махсус, бозорҳои меҳнат ва хизматрасонро муайян намуда, бо имкониятҳо ва таҳдидҳои умумӣ рӯбарӯ мешавад.
Э. Фезер (1998)	Муассисаҳои алоқаманд ва дастгирикунанда, ки дар натиҷаи ин муносибат рақобатпазирии инфиродии худро боло мебардоранд.
А. Миграняп (2002)	Консентратсияи намудҳои нисбатан самаранок ва бо ҳам алоқамандкунандаи фаъолияти иқтисодӣ, ки фирмаҳои муваффақ амалӣ гардонида, мавқеъҳои рақобатиро дар бозорҳои соҳавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ таъмин мекунанд
М. Войнареико (2003)	Консепсияи «5-И»: ҳамгироӣ, ташаббускорӣ, ҳавасмандӣ, инноватсия, иттилоот буда, шартҳои фаъолияти самарабахши кластерҳо мебошанд, бо муносибатҳои зич миёни иштирокчиёни он, кооператсия ва рақобат, нигаронӣ ба талаботи бозор ва набудани ихтилоф бо стратегияи рушди минтақа тавсиф карда мешаванд.
А. Праздничний (2003)	Организм ё «экосистемаи минтақавӣ», ки рақобатпазирии аъзоёни кластерро таъмин менамояд.
В. Третьяк (2004)	Консентратсияи соҳавӣ ё ҷуғрофии корхонаҳо, ки имконияти ноилгардии самараи “иқтисоди беруна”-ро тавассути ҳамкорӣ бо таъминкунандагон ва таъсиси гурӯҳи фирмаҳои доираи фаъолияташон маҳдудро фароҳам меорад.
Мирсаидов А.Б. (2016)	Ҳамчун категорияи иқтисодие, ки равандҳо ва муносибатҳои навро дар соҳаи ташаккули сохторҳои рақобатпазири иқтисодиёт ифода менамояд.
Ҳайдарзода М.И. (2018)	Ин шабакаи як қатор ташкилоту корхонаҳо ва инфрасохтори онҳоро иҳотакарда мебошад, ки бо мақсади камкунии хароҷотҳо, баландбардории рақобатпазирӣ тавассути якҷоякунонӣ ва нисбатан самаранок истифодабарии захираҳо ташкил шудааст.
Аликулов А.Р. (2019)	Маҷмӯи субъектҳои хоҷагидории бо ҳам алоқаманд ва вобастаи соҳаҳои асосӣ ва ёридиҳанда, ки сохтори ташкилӣ-иқтисодии муттаҳидшуда дошта, дар як ҳудуд ҷойгиранд ва фаъолияти худро бо мақсади ягона равона намудаанд.
Ҷураев М.А. (2019)	Ин корхона, фирма ва ширкатҳои аз ҷиҳати техникию технологӣ ба ҳам вобастае, ки дар ҳудуди муайян марказонида шудаанд, инчунин, инфрасохтори хизматрасонандаи онҳо, ки дар асоси манфиатҳои иқтисодӣ муттаҳид шудаанд ва барои амалинамоии технологияҳои инноватсионӣ бо дастгирии бевоситаи мақомотҳои давлатӣ ва минтақавӣ равона шуда, мақсади ниҳоии онҳо таъмини самараи синергетикӣ дар асоси истифодаи бартариятҳои рақобатии якдигарӣ мебошад.
Пириев Ҷ.С. (2019)	Ин гурӯҳҳои ширкатҳои бомуваффақият рақобаткунанда мебошанд, ки дар натиҷаи муттаҳидшавии худ мавқеи рақобатпазирро дар бозорҳои соҳавӣ, минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ таъмин мекунанд.

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст

Таҳлили равишҳои асосӣ оид ба муайянкунии кластерҳо нишон дод, ки одатан дар адабиёти илмӣ зери ин мафҳуми мазкур ду лаҳза инъикос мешавад: маҳдудсозии ҳудудии ширкатҳои ба ҳам алоқаманд ва афзалиятҳои рақобатии онҳо, ки дар доираи модели кластерии ташкили ҳудудии иқтисодиёт амалӣ карда мешаванд. Ба ақидаи Ҳайдарзода М. кластер ин шабакаи як қатор ташкилоту корхонаҳо ва инфрасохтори онҳоро иҳотакарда

мебошад, ки бо мақсади камкунии харочотҳо, баландбардории рақобатпазирӣ тавассути якҷоякунонӣ ва нисбатан самаранок истифодабарии захираҳо ташкил шудааст [2]. Бори аввал консепсияи кластери минтақаро М. Энторт муаррифӣ карда, онро ҳамчун гурӯҳи корхонаҳои саноатии ба ҳам наздик муайян намуд [3]. Се намуди асосии кластерҳо чудо карда мешавад [4]:

-кластерҳо бо шаклҳои маҳдуди минтақавии фаъолияти иқтисодӣ дар дохили соҳаҳои ба ҳам алоқаманд, ки одатан бо ин ё он муассисаи илмӣ (пажӯҳишгоҳ, донишгоҳ ва ғайра) пайваст мебошанд;

-кластерҳо бо робитаҳои амудии истеҳсолӣ дар соҳаҳои маҳдуди фаъолият, ки дар назди ширкатҳои асосӣ ё шабакаи корхонаҳои асосӣ, ки равандҳои истеҳсол, таъминот ва фурӯшро фаро мегиранд ташкил ёфтаанд;

-кластерҳои соҳавӣ дар намудҳои мухталифи истеҳсолот бо сатҳи баланди ҳамроҳшавӣ (монанди «кластери кимиёвӣ») ё дар сатҳи нисбатан баланди ҳамроҳшавӣ (монанди «кластери аэрокайҳонӣ»).

Инчунин, олимон ҳафт хусусияти асосии кластерҳоро чудо месозанд, ки омезиши онҳо то як дараҷа барои ҳар кадоми онҳо хос аст [5, 6]:

- ҷуғрофӣ – вақте сохтмони кластерҳо ба як минтақаи муайян вобастагӣ дорад, аз кластерҳои маҳаллӣ (мева ва сабзавот) шурӯъ намуда, то маҳалҳои воқеан глобалӣ, масалан, кластери аэрокайҳонӣ;

- уфуқӣ – вақте якчанд соҳаҳо ё бахшҳо бо ҳуқуқҳои баробар ба кластери нисбатан калон дохил мешаванд;

- амудӣ – кластерҳо бо алоқаҳои иерархиявии марҳилаҳои омехтаи раванди истеҳсолӣ ё инноватсионӣ тавсиф мешаванд;

- паҳлуӣ – муттаҳидгардии соҳаҳои мухталифи як соҳаро дар кластер инъикос менамояд, ки натиҷаро аз ҳисоби самараи миқёс, таъмин намуда, ба имкониятҳои нав оварда мерасонад;

- технологӣ – маҷмӯи истеҳсолотеро инъикос мекунад, ки бо ҳамон як технология алоқаманд мебошанд;

- марказӣ – кластери фирмаҳоеро, ки дар атрофи як маркази пешсафи корхонаи азим, муассисаи илмӣ ё донишгоҳ мутамарказ гардидаанд;

- хушсифат – кластери фирмаҳоеро муайян мекунад, ки дар ҳамаи самтҳои ҳамкорӣ такмил ёфта, ба баландбардории рақобатпазирии ҳар як узв мусоидат намуда, ба ин васила вазъи иқтисодии тамоми ҷомеаро мустаҳкам мекунанд.

Таҷрибаи мусбиро дар ташкили сохторҳои кластерӣ дар бисёр кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққии ҷаҳон ба инобат гирифта, муттаҳидсозии корхонаҳои соҳаҳои афзалиятнок дар минтақа бо истифода аз равиши кластерӣ ба иштирокчиён имкон медиҳад, ки мақсадҳои асосии зеринро ноил гарданд:

- қонеъ гардонади талаботи бозор, ки ба таҳвили мунтазами молҳо ва хизматрасониҳое, ки дар доираи корхонаҳои кластер истеҳсол гардида, ба талаботи комили мусоири сифат ҷавобгӯ мебошанд;

- гирифтани натиҷа аз миқёси хариди маводҳо;

- таъмин сохтани омӯзиши ҳайати корӣ, таҳқиқоти бозор, инчунин, таҳқиқотҳои логистикӣ ва технологӣ;

- фаро гирифтани бозорҳои нави маҳсулот дар заминаи фаъолияти фаъоли маркетингӣ ва сиёсати инноватсионӣ;

- таъмин намудани робитаҳои устувор бо ташкилотҳои молиявию қарзӣ дар заминаи нуфузи ташаккулёфтаи кластер.

Таҷрибаи омӯзиши кишварҳои тараққикарда оид ба кластерикунонии иқтисодиёт нишон медиҳад, ки чунин равиш, пеш аз ҳама, на барои рушди минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон, балки барои рушди иқтисодиёти кишвар дар маҷмӯъ муҳим аст, зеро:

- тавассути низоми кластерӣ метавон ихтилофҳоро миёни миқёсҳои калон ва хушоҳанг (хушоҳангӣ ҳангоми миқёсҳои калон) паси сар намуда, чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, "рушди кластерҳо ва гурӯҳҳои амудӣ метавонанд якдигарро пурра созанд:

- барои иқтисодиёти Тоҷикистон на танҳо таъсиси нақшаҳои устувори мустаҳкам, ки фазои иқтисодии кишварро ҳангоми нигоҳ доштани "хушоҳангӣ ва зудҳаракатии соҳаҳои калидӣ" танзим менамояд, балки ташкили кластерҳои наздисарҳадӣ низ хеле фоидаовар мебошад.

Равиши кластерӣ имкон фароҳам меорад, то имкониятҳои навро барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар саноат бидуни коҳиш додани фаъолнокии рақобат ошкор созем. Муттаҳидсозии қувваҳо дар баъзе соҳаҳо барои муваффақ шудан дар дигар соҳаҳо кумак мерасонад. Вобаста аз амиқӣ ва мураккабӣ кластерҳо метавонанд ҳаҷм ва шаклҳои гуногунро дошта бошанд. Одатан, онҳо истеҳсоли маҳсулоти тайёрро дар бар

мегиранд, ки истеҳсолот, шабакаҳои фурӯш, институтҳои молиявӣ, истеҳсоли маҳсулоти ғайриасосӣ, инфрасохтор (ташкилотҳои илмӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ғайра)-ро хизматрасонӣ менамоянд. Кластер низомеро ташкил медиҳад, ки дар он маблағи калон қисмҳои таркибии онро ташкил медиҳад. Ба андешаи М. Портер, усули муайянкунии кластер аз се марҳила иборат аст [7]:

Якум, таркиби кластер муайян карда мешавад. Аввал ядрои он муайян карда мешавад: ширкати калон ё гурӯҳи ширкатҳо, ки аз онҳо бо тариқи амудӣ занҷирҳои технологии ба ҳам алоқаманд аз онҳо поён ва корхонаҳои дар боло истода бунёд карда мешаванд. Сипас, ба таври уфуқӣ нисбат ба ядро, истеҳсолоте муайян карда мешавад, ки тавассути шабакаҳои умумӣ гузашта ё маҳсулот ва хизматрасониҳои ғайриасосиро истеҳсол мекунад. Занҷирҳои иловагии уфуқӣ дар заминаи истифодаи омилҳои умумии истеҳсолот, технология ва таҳвилҳо муқаррар карда мешаванд. Таҷриба нишон медиҳад, ки муайян намудани сарҳади кластерӣ яке аз вазифаҳои нисбатан мураккаб ба ҳисоб меравад;

Дуюм, ташаккулёбиҳои гурӯҳӣ дар доираи кластер дар хусусиятҳои ташкилотҳое, ки барои он малакаҳои махсус, технологияҳо, иттилоотҳо, сармоя ва инфрасохторро таъмин месозанд, ҷудо карда мешаванд, ки заминаи ба даст овардани бартариятҳои рақобатӣ ба ҳисоб меравад;

Сеюм, сохторҳои ҳукуматӣ ва дигар сохторҳои қонунгузорӣ муайян карда мешаванд, ки ба рафтори аъзоёни кластер (қоидаҳо, меъёрҳо, ҳавасмандкуниҳоро, ки аз онҳо фаъолнокии рақобати маҳаллӣ вобаста мебошад) таъсир мерасонанд.

Чи тавре ки маълум аст, кластерҳо аз дигар шаклҳои гибридии ҳамоҳангёфта комилан фарқ мекунанд: одамон дар ҳамон як маҳал зиндагӣ ва фаъолият менамоянд, ки дар натиҷа алоқаҳо (робитаҳо)-и ғайрирасмии такрорӣ ба вуҷуд омада, барқарорсозии эътимод, иртиботҳои самаранокро ҳавасмандӣ бахшида, хароҷотҳои трансаксионирро коҳиш медиҳанд. Кластер ин яке аз шаклҳои шабакаҳои саноатӣ мебошад, ки баландшавии суръат ва қобилияти ҳамоҳангии мутақобиларо таъмин месозад, аз ин рӯ, «сармояи ҷамъиятӣ»-и иловагӣ пайдо мешавад, ки дастрасиро ба захираҳо осон мекунад. Ба ибораи дигар, моҳияти кластер ин рушди коммуникатсияҳои самарабахш мебошад.

Кластерҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ ташаккул меёбанд, ки корхонаҳо барои мустаҳкам намудани афзалиятҳои рақобатии худ ва ба даст овардани фоида аз фаъолияти муштарак дар қаламрави муайян манфиатдор мебошанд. Гузашта аз ин, кластери минтақавӣ ҳамчун як шакли ташкили ҳудудии иқтисодиёт на танҳо дар саноат, балки дар соҳаи хизматрасонӣ низ рушд мекунад. Равиши кластерӣ ба ташкили ҳудудии иқтисодиёти минтақа ба омӯзиши шароити фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳои мушаххас нигаронида шудааст. Таҳлили назарияи кластерҳо нишон дод, ки принсипҳои интихобшудаи ташаккули кластерҳо (ҷуғрофӣ, сифатӣ, уфуқӣ, амудӣ, марказӣ ва паҳлуӣ) талаботи муосирро нисбат ба ташкили иттиҳодияҳои кластерҳо ба таври кофӣ инъикос намекунанд. Аз ин рӯ, дар алоқамандӣ бо ин принсипҳои ташкил ва фаъолияти кластерҳои минтақавӣ муайян карда шудаанд:

1.Маҳдудсозии ҳудудӣ маънои онро дорад, ки аъзоёне, ки ба кластери минтақавӣ дохил мешаванд, дар наздикии ҷуғрофӣ ба ҳамдигар дар марзи шаҳр, вилоят ё дар марз миёни минтақаҳо қарор доранд.

2.Рақобати дохили кластерӣ ва кооператсия ба иштирокчиёни иттиҳоди кластерҳо самараи синергетикиро таъмин намуда, ба баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо мусоидат мекунанд.

3.Вобастагии мутақобила робитаҳои устуворро миёни иштирокчиёни кластери минтақавӣ ва қабули қарорҳои ҳамоҳангшударо маънидод месозад.

4.Инноватсионии кластери минтақавӣ ба таҳия, татбиқ ва паҳнкунии инноватсияҳо равона карда шудааст.

5.Динамикӣ рушди марҳилавии кластери минтақавӣ ва мутобиқшавӣ ба шароитҳоии тағйирёбандаи муҳити зист пайдоиши соҳаҳои навро маънидод месозад.

6.Сершумории иштирокчиён ҷалби ширкатҳоро ба кластери минтақавӣ маънидод месозанд, ки маҳсулоти ниҳоӣ ва хизматрасониҳоро истеҳсол менамоянд, таҳвилгарони ҷузъҳо, таҷҳизотҳо, муассисаҳои таълимии касбӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ, миёнаравҳои молиявӣ ва дигар ташкилотҳо.

7.Умумияти фаъолияти муштараки ширкатҳои кластери минтақавӣ умумияти функсионалии иштирокчиёни иттиҳодияҳои кластерӣ ва умумияти таъминкунандагони захираҳо, бозори фурӯшро пешбинӣ менамояд.

8.Ягонагии фазои иттилоотии фаъолияти ташкилотҳо дар кластер тавассути интиқоли иттилоот тавассути ҳамкории доимии кормандони кластери минтақавӣ.

9.Умумияти фарҳанги корпоративӣ низоми ягонаи арзишҳо, намунаҳои рафтор, усулҳои арзёбии натиҷаҳоро дар бар мегирад.

10.Сохтории кластери минтақавӣ мавҷудияти ҳатмии ядро (корхонаҳои пешсафи сохторташаккулдиҳанда) ва низомҳоро таъминкунанда пешбинӣ месозад.

Аз рӯйи сатҳи рушд, муҳаққиқон [8,9,10,11] намудҳои зерини кластерҳои минтақавиро чудо мекунанд:

- кластерҳои қавӣ, ки бо рақобати баланди дохилӣ, ҳамкориҳои фаъолноки дохили кластерӣ дар доираи лоиҳаҳои муштарак ва фаъолияти ташкилотҳои байнисоҳавӣ тавсиф мешаванд;

- кластерҳои устувор динамикаи мусбати ҳамаи унсурҳои кластер ва ҳамкории дохиликластериро нишон додаанд, вале то ҳол сатҳи зарурии рушдро барои гирифтани фоидаҳои боэътимод аз муттаҳидшавӣ ноил нагардидаанд;

- кластерҳои потенсиалӣ бо рушди нобаробари сохтори кластер ва заифии унсурҳои алоҳида тавсиф гардидаанд, аммо, омилҳое низ ҳастанд, ки ба рушди минбаъда мусоидат мекунанд;

- кластерҳои патентӣ як қатор ташкилотҳо ва ширкатҳои хеле фаъолро муттаҳид гардонидаанд, аммо дар маҷмӯъ аз сохтори мукаммал ва кластерӣ хеле дур мебошанд.

Кластер дар ҳайати худ корхонаҳоеро муттаҳид месозад, ки ба ҳамкориҳои мутақобилан судманд ҳавасманд мебошанд. Вазифаи асосии кластер дар муносибгардонии равандҳои муносибатҳои мутақобилаи иштирокчиёни он, ки бузургии максималии нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолиятро таъмин месозанд, хулоса мешавад.

Зери мафҳуми самаранокии кластери минтақавӣ натиҷанокии фаъолияти муштараки иштирокчиён ҳамчун ягонагии комил фаҳмида мешавад, яъне таносуби суммаи самараҳои инфиродии ҳамаи аъзоёни кластер бо назардошти самараҳои синергетикии ба вуҷудоянда ба хароҷотҳое, ки ба гирифтани онҳо вобаста мебошад, муайян карда мешавад. Ҳар як иштирокчии кластер бояд дар манфиати шахсии худ ва одилона тақсим намудани самараи умумии синергетикӣ боварӣ дошта бошад, вагарна он ба иттиҳодияи кластерӣ дохил намешавад. Ғайр аз ин, самаранокии кластерҳо бо натиҷанокии фаъолияти онҳо дар сатҳҳои гуногуни фаъолият муайян карда мешавад. Барои таъмини идоракунии самаранокии ташкилотҳои кластерӣ бояд сохторҳои махсуси ташкилӣ-идоракунӣ ташкил ва бомуваффақият фаъолият намоянд. Нисбат ба сохторҳои хоҷагидории корпоративии ба таври амудӣ ҳамгироигардида (холдингҳо, ширкатҳои фаромиллатӣ), инчунин, аз сохторҳои идоракунии мустақими хоҷагидорӣ (танзими давлатӣ, минтақаҳои махсус ва озоди иқтисодӣ) функсияҳои идоракуниро бояд мақомоти идоракунандае ичро намоянд, ки дорои функсияҳои индикативӣ мебошанд. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки марказҳои идоракуние, ки дар заминаи равишҳои зермашваратӣ ва логистикӣ бо истифодаи механизмҳои муосири идоракунӣ фаъолият мекунанд, созмон дода шаванд [11].

Хусусияти ин равиши идоракунӣ аз он иборат аст, ки кластерҳо ҳамкориҳои мустақими байникластерӣ, байниминтақавӣ ва байналмилалиро мустақилона бо назардошти стратегияи умумии рушди минтақаҳо анҷом медиҳанд.

Бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ, баррасии масъалаи таъсиси шуъба дар сохтори мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ пешниҳод мегардад, ки барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба дастгирӣ ва рушди субъектҳои кластерӣ ҷавобгӯ мебошад. Ин шуъба бояд ҳамкории муттасилро бо шӯрои ҳар як кластер ба роҳ монад, ки дар навбати худ вазифаҳои сирф таҳлилӣ ва ҳамоҳангсозиро доро мебошад. Ба шӯрои кластер ғайр аз роҳбарони ташкилоту корхонаҳое, ки ба кластер дохил мешаванд, бояд намояндагони мақомотҳои ҳокимияти давлатии минтақавӣ шомил карда шаванд.

Инчунин, марказҳои идоракунӣ метавонанд барои субъектҳои хоҷагидорӣ, ки аъзои сохторҳои кластерӣ набуда, вале бо онҳо хеле зич ҳамкорӣ доранд, аз ҷумла ташкилотҳои хориҷӣ низ, тавсияҳо омода созанд. Қисме аз онҳо бо мурури замон метавонанд ба кластерҳо ҳамчун иштирокчиёни хориҷӣ ҳамроҳ шаванд. Ғайр аз он, аз ҷониби марказҳои идоракунӣ “Шабакаҳои умумии маркетингӣ” омода карда мешаванд, ки сегментҳои бозори дохилӣ ва хориҷиро фаро мегирад. Сохтори ташкилии марказҳои идоракуниро фирма ва ширкатҳои мустақили тиҷоратӣ ташкил медиҳанд, ки фаъолияти асосиро дастгирӣ намуда, сиёсати мақсадноки хоҷагидориро пеш мебаранд (биржаҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ, идораҳои брокерии тиҷоратии нақлиётӣ-экспедиторӣ, агентиҳои маркетингӣ, гурӯҳҳои машваратӣ ва таҳлилӣ, агентиҳои қарзии сармоягузорӣ, хонаҳои брокерии суғуртавӣ, биржаҳои иттилоотӣ, майдонҳои тендерӣ).

Инчунин, ба вазифаҳои марказҳои идоракунӣ бояд таҳлил ва арзёбии самараҳои синергетикии бадастоянда барои таҳияи пешниҳодҳо оид ба тақсимот ва истифодаи онҳо дар манфиатҳои умумии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ё барои густариши минбаъдаи комплекси кластер, махусусан аз ҳисоби иштироки хориҷӣ (ташкили намояндагиҳои тиҷорати хориҷӣ, бюроҳои иттилоотию-таҳлилии маркетингии хориҷӣ, кумитаҳои миёнаравӣ-экспедиторӣ, кумитаҳои дастгирии ҳуқуқӣ) дохил гарданд. Дар

натиҷа низоми комили ҳудудӣ -хоҷагидорӣ бо давраи пӯшидаи назорат аз таҳияи дурнамо ва коркарди стратегия то тақсимоти натиҷаҳо таъсис дода мешавад.

Аз нуқтаи назари мо, идоракунӣ дар иттиҳодияҳои кластерӣ, бояд дар методологияи банақшагирии низомноки стратегӣ асос ёбад. Албатта, сухан дар бораи барқарор накардани низоми пешинаи банақшагирии давлатии директивӣ намеравад. Дар шароити муосир ташкили низоми банақшагирии индикативӣ зарур мебошад, ки самаранокии худро дар робита ба иқтисоди бисёрсоҳавӣ собит месозад. Ҳамзамон, муҳим аст, ки ҷузъҳои арзишманди методологии коркардҳои қаблӣ нигоҳ дошта шаванд, масалан, низоми тавозунҳо (захираҳои моддӣ, табиӣ ва меҳнатӣ), усулҳои ҷамъбасти иттилоот дар бораи лоиҳаҳои гуногуни сармоягузорӣ ва усулҳои муносибгардонии ҷойгиршавии истеҳсолот.

АДАБИЁТ

1. Аликулов А.Р. Обоснование механизма формирования и развития регионального банковского кластера (на материалах Центрального Таджикистана): дисс. на соис-е уч. степ. к.э.н. по специальности 08.00.05 - Экономика и управление народным хозяйством (региональная экономика) и 08.00.10 - Финансы, денежное обращение и кредит / А.Р. Аликулов. –Душанбе, 2019. –С. 29.
2. Хайдарзода М.И. Формирование и развитие региональных текстильно-швейных кластеров (на материалах Центрального Таджикистана): дисс. на соис-е уч. степ. к.э.н. по специальности 08.00.05 - Экономика и управление народным хозяйством (региональная экономика) / М.И. Хайдарзода. – Душанбе, 2018. –С.30.
3. Захаров В. Промышленные кластеры и экономический рост / В. Захаров // Проблемы теории и практики управления. - 2006. -№12. -С.19-23.
4. Пилипенко, И.Р. Кластерная политика в России / И.Р. Пилипенко // Общество и экономика. - 2008. -№8. -С.5-12.
5. Семенов С. Кластерная политика и ее организация /С. Семенов //Государственная служба. - 2009. -№4. -С.19-23.
6. Портер М. Конкурентоспособность на распутье: направления развития российской-экономики / М. Портер, К. Кетельс. [Электронный ресурс]. URL: http://www.csr.ru/news/original 1324.stm.
7. Болгова Е.В. Экономические кластеры: институциональная природа и условие эффективности инновационного каркаса региона / Е.В. Болгова // Экономические науки. – 2009. -№12(61). -С.249.
8. Вороиов А. Кластерный анализ - база управления конкурентоспособностью на макроуровне / А. Вороиов, Л. Буряк // Маркетинг. - 2003. -№1. -С.13.
9. Горетов И.Н. Промышленные и региональные кластеры: кластерные технологии как фактор развития малого бизнеса предпринимательских структур / И.Н. Горетов, Е.И. Царегородцев // Российское предпринимательство. - 2008. -№10. -№1. -С.15-19.
10. Кузьмина Т.С. Кластерный характер региональных агросистем / Т.С. Кузьмина // Региональная экономика: теория и практика. - 2008. -№19. -С.67-72.
11. Иванов Ю.Б. Развитие кластерных структур в региональном экономическом пространстве / Ю.Б. Иванов, Е.В. Анненкова, Е.В. Пономаренко // Экономика региона. - 2009. -№2. -С.63-72.

АСОСҲОИ МЕТОДИИ ТАШАККУЛИ ИТТИҲОДИЯҲОИ КЛАСТЕРӢ

Дар макола масъалаҳои методологии ташаккули иттиходияҳои кластерӣ, таҳаввулоти кластер ва муаммоҳои рушди он дида шудааст. Муйян гардидааст, ки дар бораи кластер андешаҳои гуногуни муосир вуҷуд дорад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир хело ҳам зарур мебошанд. Қайд мегардад, ки кластеризатсиякунонии корхонаҳои саноатӣ имконият медиҳад, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ рушд кунад. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки ҳамгироии кластерҳо имконияти самаранокии рушди соҳаи саноатро таъмин намуда, дар баробари ин рушди синергетикиро ба миён меорад. Ҳамзамон, дар шароити муосир зарурияти банақшагирии низомӣ ба миён меояд ва ин самаранокии худро исбот менамояд. Бо вуҷуди ин бояд қайд намуд, ки арзиши компонентҳои методологиро низ аз ёд набаровард (масалан, низоми тавозунҳо, захирахои моддӣ, табиӣ ва мехнатӣ), усулҳои ҷамънамоии маълумот дар лоиҳаҳои гуногуни сармоягузориҳо ва, инчунин, усулҳои оптималии ҳосилнокӣ мебошанд.

Калидвожаҳо: назария ва методи ташаккули иттиҳодияҳои кластерӣ, кластер, муаммоҳои рушди кластер, кластери минтақавӣ.

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ КЛАСТЕРНЫХ ОБЪЕДИНЕНИЙ

В данной статье рассмотрены теоретические и методические вопросы формирования кластерных объединений, эволюция кластеров и проблемы их развития. Выявлено, что по поводу кластерного образования существуют разные мнения и современные интерпретации и их методы, что для Республики Таджикистан в современных условиях считается очень важным. Отмечается, что кластеризация промышленных предприятий способствует развитию экономики Республики Таджикистан в целом, особенно промышленной отрасли. Результаты показывают, что интеграция кластеров позволит эффективно развивать промышленные отрасли, что даст синергетический эффект. Автор утверждает, что управление в кластерных объединениях должно основываться на методологии систематического планирования. При этом, в современных условиях необходимо создание индуктивной системы планирования, которая доказывает свою эффективность, с точки зрения многопрофильной экономики. Следовательно, важно сохранить ценный методологический компонент, например, балансовую систему (материальные, природные и трудовые ресурсы), методы обобщения информации о различных инвестиционных проектах и методах оптимизации расположения производства.

Ключевые слова: теория и методы формирования кластерных объединений, кластер, проблемы развития кластера, регион, региональный кластер.

METHODOLOGICAL BASES OF FORMATION OF CLUSTER ASSOCIATIONS

This article discusses the theoretical and methodological issues of the formation of cluster associations, the evolution of clusters and the problems of their development. It was revealed that regarding cluster education there are different opinions of modern interpretations and their methods for the Republic of Tajikistan in modern conditions is considered very important. It is noted that the clustering of industrial enterprises contributes to the development of the

economy of the Republic of Tajikistan as a whole, especially the industrial sector. The results show that the integration of clusters allows us to effectively develop the industrial sector, which gives a synergistic effect. The author claims that management in cluster associations should be based on the methodology of systematic planning. Moreover, in modern conditions it is necessary to create an inductive planning system, which proves its effectiveness from the point of view of a multidisciplinary economy. Therefore, it is important to preserve a valuable methodological component, for example, a balance system (material, natural and labor resources), methods for summarizing information about various investment projects, and methods for optimizing the location of production.

Key words: theory and methods of forming cluster associations, cluster, cluster development problems, region, regional cluster.

Сведения об авторах: ***Иброхимов Илхомуддин Раджабалиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры налогови налогообложения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **989-11-88-22**. E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
Саидова Миджгона Джамшедовна – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры финансов. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **saidzodamijgona91@mail.ru**

Information about the authors: ***Ibrokhimov Ilkhomuddin Rajabalievich*** - Tajik National University, candidate of economic sciences, associate professor of the department of taxes and taxation. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **989-11-88-22.** E-mail: **ilhomuddin@mail.ru**
Saidova Midzhgona Jamshedovna - Tajik National University, graduate student of the Department of Finance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **989-12-22-18**

УДК 311.634.8(575.3)

ТАҲЛИЛИ ОМИЛИ ҲОСИЛНОКӢ ВА ҲОСИЛИ УМУМИИ АНГУР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Боҳирова Х.С., Эргашева М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар омӯзиши динамикаи нишондиҳандаҳои сифатӣ тағйирёбии бузургии миёнаи нишондиҳандаи индексшавандаро омӯхтан лозим меояд. Тағйирёбии ин индекс ба робитаи байни якдигари ду омил – тағйир ёфтани нишонаи индексшавандаи гурӯҳи алоҳидаи воҳидҳо ва тағйир ёфтани таркиби воқеа такя мекунад. Тағйирёбии таркиби воқеа гуфта, тағйирёбии ҳиссаи гурӯҳи алоҳидаи воҳидҳои маҷмӯъро дар миқдори умумии онҳо мефаҳмонад. Пас, музди кори миёна дар корхона дар натиҷаи баландшавии музди меҳнати коргарон ё зиёд шудани теъдоди коргарон, ки музди меҳнати баланд мегиранд, метавонад баланд шавад. Паст шудани меҳнатталабии истеҳсоли воҳиди маҳсулот барои маҷмӯи корхонаҳои соҳа метавонад бо сабаби баланд шудани ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳо ё якҷоя кардани истеҳсоли маҳсулоти заводҳо, ки меҳнатталабии паст доранд, ба вуҷуд ояд. Аз сабаби он ки ба тағйироти нишонаи миёнаи нишондиҳанда ду омил таъсир расонида, масъалаи муайян кардани дараҷаи таъсири ҳар як аз ин омилҳо ба динамикаи умумии миёна пайдо мешавад. Пеш аз ҳама, ин масъала бо ёрии усули индексӣ яъне бо роҳи сохтани системаи нишондиҳандаҳои бо ҳам алоқаманд ҳал карда мешавад. Ба ин система се индекс дохил мешавад: таркиби тағйирёбанда; таркиби доимӣ; таъсироти тағирёбии таркиб.

Индекси таркиби тағйирёбанда индексе номида мешавад, ки нисбияти сатҳҳои миёнаи воқеаи омӯхташавандаро, ки ба давраҳои гуногуни вақт тааллуқ доранд, инъикос мекунад. Масалан: индекси таркиби тағйирёбандаи хосилнокии зироат як намуд аз рӯйи чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$\text{УТТ} = \frac{\bar{y}1}{\bar{y}^0} = \frac{\sum y_1 n_1}{\sum n_1} : \frac{\sum y_0 n_0}{\sum n_0}$$

УТТ – индекси таркибии тағирёбанда.

Индекси таркиби тағйирёбӣ тағйироти на фақат бузургии индексшаванда (дар ин ҷо арзиши аслӣ)- ро, балки таркиби маҷмӯъ (вазнҳо)-ро нишон медиҳад.

Индекси таркиби доимӣ ин индексе мебошад, ки аз рӯйи сатҳи вазнҳои як давр ҳисоб карда шуда аст ва тағйирёбии фақат бузургии индексшавандаро нишон медиҳад. Он ҳамчун индекси агрегатӣ низ ҳисоб карда мешавад. Пас, индекси таркиби тағйирёбандаи ҳосилнокӣ аз рӯйи чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$\text{УТД} = \frac{\sum y_1 n_1}{\sum n_{11}} : \frac{\sum y_0 n_0}{\sum n_1} = \frac{\sum y_1 n_0}{\sum y_0 n_1}$$

ІТД – индекси таркибии доимӣ.

Индекси таъсироти тағйирёбии таркиб гуфта, индексеро дар назар доранд, ки таъсири тағйир ёфтани воқеаи омӯхташавандаро ба динамикаи сатҳи миёнаи ин воқеа тавсиф медиҳад. Индекс аз рӯйи чунин формула (дар вақти омӯзиши сатҳи миёнаи арзиши аслӣ) ҳисоб карда мешавад:

$$\text{УТТТ} = \frac{\sum y_0 п_1}{\sum п_1} : \frac{\sum y_1 п_1}{\sum y_0 п_0} = \frac{\sum y_0 ғ_1}{\sum y_0 ғ_0}$$

ITTT - индекси таъсироти тағйирёбии таркибӣ.

Системаи индексҳои бо ҳам алоқаманд дар мавриди таҳлили динамикаи арзиши аслии миёна чунин намудро пайдо мекунад:

$I_{ттт}$		$I_{тg}$		$I_{хм}$
Индекси таъсироти тағйирёбандаи таркиб	=	Индекси таркиби доимӣ	X	Индекси ҳаракатҳои таркибӣ

Индекси таркиби тағйирёбанда тағйирёбии сатҳи миёнаи ҳосилнокии ангурро дар давраи ҳисобот нисбат ба давраи қиёсӣ (базавӣ) нишон медиҳад. Нишондиҳандаҳои ҳосилнокӣ, замини кишт ва ҳосили умумӣ давраи ҳисобот барои давраи қиёси солҳои 2005-2018 давраи қиёси (базавӣ)-и 1991-2004 нишон дода шудааст.

Ҳосилнокии замини кишти ангур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2018

Солҳо	Давраи қиёсӣ		Давраи ҳисоботӣ		
	Ҳосилноки $У_0$	Замини кишт ҳаз. га $П_0$	Солҳо	Ҳосилноки $У_1$	Замини кишт ҳаз. га $П_1$
1991	45	27,1	**2005**	28,8	31,5
1992	35	28,5	**2006**	33,1	31,5
1993	30,2	29	**2007**	35,6	31,7
1994	25,9	30,9	**2008**	36,9	32,8
1995	30,6	31,5	**2009**	44,1	31,9
1996	38,7	31,4	**2010**	40,8	31,4
1997	40,7	31,2	**2011**	49,6	30,5
1998	14,8	31,2	**2012**	52,9	31,2
1999	16,5	32,5	**2013**	54,9	31,6
2000	32,7	33,7	**2014**	55	30,9
2001	33,1	33,2	**2015**	64,2	31,7
2002	24,6	33	**2016**	64,2	31,9
2003	19,5	30	**2017**	69	33,3
2004	29,9	73,3	**2018**	72,7	33,3
Ҳамагӣ	**417,2**	**476,5**		**701,8**	**445**

$$I_{\bar{y}} = \frac{\overline{У}_1}{\overline{У}_0} = \frac{\sum У_1 П_1}{\sum П_1} : \frac{\sum У_0 П_0}{\sum П_0} = \frac{22225}{445} : \frac{14129,4}{476,5} = \frac{49,9}{29,6} = 168,5\%$$

Ҳосилнокии миёнаи солонаи ангур дар ҷумҳурӣ дар давраи ҳисобот (2005-2018) нисбат ба давраи базавӣ 68,5% зиёд шуда, 168,5%-ро ташкил намудааст.

Тағйирёбии ҳосилнокии миёнаи солонаи ангур, ки ба ҳосили умумии он таъсир расонидааст:

$$I_{уп} = \frac{\sum У_1 П_1}{\sum У_0 П_0} = \frac{22225}{14129,4} \cdot 100\% = 157,3\%$$

Инак, ҳосили умумии ангур дар давраи ҳисобот нисбат ба давраи базавӣ 57,3% зиёд шуда, 157,3%-ро ташкил намуд.

Афзоиши мутлақи он:

$$\sum У_1 П_1 - \sum У_0 П_0 = 22225 - 14129,4 = 8095,6 \text{ ҳазор сентнер}$$

Ба тағйирёбии ҳосилнокии миёнаи солонаи ангур дар давраи ҳисобот нисбат ба давраи базавӣ ду омили асосӣ таъсир расонид:

а) тағйирёбии худи ҳосилнокии ангур. Ин омилро бо ёрии индекси таркиби доими ҳамчун индекси агрегатӣ ҳисоб карда мешавад. Индекси таркиби тағйирёбандаи ҳосилнокӣ аз рӯйи чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$I_{у} = \frac{\sum У_1 П_1}{\sum У_0 П_1} = \frac{22225}{13222,3} \cdot 100\% = 168,1\%$$

Ҳосилнокии ангур дар давраи ҳисобот нисбат ба давраи базавӣ 681% зиёд шуда, 168,1%-ро ташкил намуд.

Афзоиши мутлақ бо ин омил:

$$\sum У_1 П_1 - \sum У_0 П_1 = 2222,5 - 13222,3 = 9002,7 \text{ ҳазор сентнер}$$

Вазъи қиёсии он дар афзоиши ҳосили умумӣ 111,2%-ро ташкил намуд;

б) омили таъсиррасон - тағйирёбии замини кишт. Ин омилро бо ёрии индекси таъсироти тағйирёбии таркибӣ аз рӯйи чунин формула ҳисоб кардан мумкин аст:

$$I_y = \frac{\sum У_0 П_1}{\sum У_0 П_0} = \frac{13222,3}{14129,4} \cdot 100\% = 93,5\%$$

Камшавии замини кишти ангурзорҳо дар давраи ҳисобот нисбат ба давраи базавӣ (қиёсӣ) 31,5 ҳазор гектарро ташкил намуда, бо тағйирёбии ин омил таъсир расонида, дар давраи ҳисобот нисбат ба давраи базавӣ камшавии ҳосили мутлақи умумӣ чунин буд:

$$\sum У_0 П_1 - \sum У_0 П_0 = 13222,3 - 14129,4 = 907,1 \text{ ҳазор сентнер кам шудааст}$$

Вазъи қиёсӣ дар тағйирёбии ҳосили умумӣ 11,2%-ро ташкил менамояд.

Корхонаҳои кишоварзӣ. Дар корхонаҳои кишоварзӣ солҳои охир ҳосили умумии ангур кам шуда истодааст.

Ҳосилнокии замини кишти ангур дар корхонаҳои кишоварзӣ дар солҳои 1991-2018

Солҳо	Давраи базавӣ		Давраи ҳисоботӣ		
	Ҳосилнокӣ $У_0$	Замини кишт ҳаз. га $П_0$	Солҳо	Ҳосилнокӣ $У_1$	Замини кишт ҳаз. га $П_1$
1991	36,5	25,4	**2005**	14,9	11,1
1992	26,9	26,8	**2006**	25,4	9,1
1993	22,1	27,2	**2007**	22,9	8,2
1994	18	29,1	**2008**	11,4	7
1995	23,2	29,6	**2009**	15,3	5,8
1996	14,7	29,4	**2010**	6,6	5,3
1997	17,8	25,4	**2011**	17,6	5,1
1998	9,6	26,7	**2012**	19,5	4,7
1999	8,9	24,1	**2013**	21,9	4,8
2000	28,4	21,3	**2014**	22,5	4,4
2001	25,4	20,5	**2015**	30	4,3
2002	16,6	19,5	**2016**	30,1	4,1
2003	4,2	16,4	**2017**	23	3,4
2004	9,5	23,9	**2018**	29	3,5
Ҳамагӣ	**261,8**	**345,3**		**290,1**	**80,8**

Дар асоси индекси таркиби тағйирёбанда тағйирёбии ҳосилнокии миёнаи солонаи ангурро ҳисоб кардан мумкин аст:

$$I_{\bar{y}} = \frac{\overline{У}_1}{\overline{У}_0} = \frac{\sum У_1 П_1}{\sum П_1} : \frac{\sum У_0 П_0}{\sum П_0} = \frac{1582}{80,8} : \frac{6560}{345,3} = \frac{19,5}{18,9} \cdot 100\% = 103,1\%$$

Ҳосилнокии миёнаи солонаи ангур дар давраи ҳисобот (2005-2018) нисбат ба давраи базавӣ (1991-2004), 3,1% зиёд шуда 103,1%-ро ташкил менамояд.

Ҳосили умумии солонаи ангур ба ҳосили умумӣ таъсир мерасонад. Дар корхонаҳои кишоварзӣ тағйирёбии мутлақи ҳосили умумии ангур:

$$I_y = \frac{\sum У_1 П_1}{\sum У_0 П_0} = \frac{1582}{6560,02} \cdot 100\% = 24\%$$

Ҳосили умумии ангур дар корхонаҳои кишоварзӣ то 76% кам шуда, 24%-ро ташкил дод. Камшавии мутлақи он бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\sum У_1 П_1 - \sum У_0 П_0 = 1582 - 6560,02 = -4977,9 \text{ҳазор сентнер}$$

Ба тағйирёбии ҳосилнокии миёнаи солонаи ангур ва ҳосили умумии он ду омили асосӣ таъсир мерасонад:

а) тағйирёбии худи ҳосилнокии ангур. Ин омилро бо ёрии индекси таркиби доимӣ ҳамчун индекси агрегатӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Индекси таркиби тағйирёбандаи ҳосилнокӣ аз рӯйи чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$I_y = \frac{\sum У_1 П_1}{\sum У_0 П_1} = \frac{1582}{1697,07} \cdot 100\% = 93,2\%$$

Ҳосилнокии ангур дар давраи ҳисобот нисбат ба давраи базавӣ 6,8% кам шуда, 93,2%-ро ташкил намуд. Камшавии мутлақи он:

$$\sum У_1 П_1 - \sum У_1 П_1 = 1582 - 1697,07 = 115,07 \text{ ҳазор сентнер}$$

Вазъи қиёсии он дар камшавии ҳосили умумӣ 2,3%-ро ташкил намуд;

б) тағйирёбии замини кишт. Ин омилро бо ёрии индекси таъсироти тағйирёбии таркиби аз рӯйи чунин формула ҳисоб кардан мумкин аст:

$$I_n = \frac{\sum У_0 П_1}{\sum У_0 П_0} = \frac{1697,07}{6560,02} \cdot 100\% = 25,8\%$$

Замини кишти ангурзорҳо 74,2% камшуда дар давраи ҳисобот нисбат ба давраи базавӣ (қиёсӣ) 25,8%-ро ташкил дода, камшавии мутлаки ҳосили умумӣ чунин аст:

$$\sum У_0П_1 - \sum У_0П_0 = 1697{,}07 - 6560{,}02 = -4862{,}95 \text{ ҳазор сентнер}$$

Вазъи қиёсии он дар камшавии ҳосили умумӣ 97,7%-ро ташкил намуд.

Ҳосилнокии замини кишти ангур дар хоҷагиҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Солҳо	Давраи базавӣ		Солҳо	Давраи ҳисоботӣ	
	Ҳосилнокӣ **$У_0$**	Замини кишт ҳаз. га **$П_0$**		Ҳосилнокӣ **$У_1$**	Замини кишт ҳаз. га **$П_1$**
1991	161,4	1,7	**2005**	71,2	8,1
1992	157,6	1,7	**2006**	58,8	9
1993	153,9	1,8	**2007**	64,4	9,9
1994	153,9	1,8	**2008**	75,3	9,9
1995	153,9	1,8	**2009**	82,7	10,3
1996	150,7	1,8	**2010**	87,8	10,3
1997	147,6	5,5	**2011**	92,9	10,4
1998	55,3	3,7	**2012**	99	10,4
1999	45,2	6,1	**2013**	103,3	10,5
2000	61,7	6,5	**2014**	105,5	10,6
2001	69,3	6,9	**2015**	108	10,4
2002	52,6	8	**2016**	107,8	10,6
2003	26	7,5	**2017**	69	33,1
2004	46,6	21,8	**2018**	72,7	33,3
Ҳамагӣ	**1435,7**	**76,6**		**1198,4**	**186,8**

Хоҷагиҳои аҳолӣ. Дар айни замон 48,4%-и ангур дар хоҷагиҳои аҳолӣ истеҳсол карда шуда, замини кишти онҳо 48,4%-ро ташкил кардааст.

Ҳосилнокии миёнаи солонаи ангур дар хоҷагиҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

$$I_{\bar{y}} = \frac{\overline{У}_1}{\overline{У}_0} = \frac{\sum У_1 П_1}{\sum П_1} : \frac{\sum У_0 П_0}{\sum П_0} = \frac{15277}{186{,}8} : \frac{5447{,}65}{76{,}6} = \frac{81{,}7}{71{,}5} \cdot 100\% = 114{,}3\%$$

Ҳосилнокии миёнаи солонаи ангур дар хоҷагиҳои аҳолӣ дар давраи ҳисобот (2005-2018) нисбат ба давраи базавӣ (1991-2004), 14,3% зиёд шуда, 114,3%-ро ташкил намуд.

Тағйирёбии ҳосилнокии миёнаи солонаи ангур ба ҳосили умумӣ таъсир мерасонад.

$$I_y = \frac{\sum У_1 П_1}{\sum У_0 П_0} = \frac{15277}{5447{,}65} \cdot 100\% = 280{,}4\%$$

Ҳосили умумии ангур дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба давраи базисӣ 2,8% баробар афзудааст. Афзоиши мутлақи он бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\sum У_1П_1 - \sum У_0П_0 = 15277 - 5447{,}65 = 9829{,}35 \text{ҳазор сентнер}$$

Ба тағйирёбии ҳосилнокии миёнаи солонаи ангур ва ҳосили умумии он ду омили асосӣ таъсир мерасонад:

а) тағйирёбии худи ҳосилнокии ангур. Ин омил бо ёрии индекси таркиби таъсиррасон ҳисоб карда мешавад:

$$I_y = \frac{\sum У_1 П_1}{\sum У_0 П_1} = \frac{15277}{15830{,}46} \cdot 100\% = 96{,}5\%$$

Ҳосилнокии ангур дар давраи ҳисобот нисбати ба давраи базавӣ 3,5% кам шуда 96,5%-ро ташкил намуд.Камшавии мутлақи он:

$$\sum У_1П_1 - \sum У_0П_1 = 15277 - 15830{,}46 = -553{,}46 \text{ ҳазор сентнер}$$

б) тағйирёбии замини кишт. Ин омилро бо ёрии индекси таъсироти тағйирёбии таркиби аз рӯйи чунин формула ҳисоб кардан мумкин аст:

$$I_n = \frac{\sum У_0 П_1}{\sum У_0 П_0} = \frac{15830{,}46}{5447{,}65} \cdot 100\% = 290{,}6\%$$

Замини кишти ангурзорҳо дар давраи ҳисобот нисбат ба давраи базавӣ 2,9 баробар зиёд шудааст:

$$\sum У_0П_1 - \sum У_0П_0 = 15830{,}46 - 5447{,}65 = 10382{,}85 \text{ ҳазор сентнер}$$

Вазъи қиёсии он дар камшавии ҳосили умумӣ 105,6%-ро ташкил дод.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ. Дар айни замон 48,4%-и ангур дар хоҷагиҳои аҳолӣ истеҳсол шуда, замини кишти онҳо 48,4%- то ташкил додаст.

Ҳосилнокии миёнаи солонаи ангур дар хоҷагиҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

$$I_{\bar{y}} = \frac{\overline{У}_1}{\overline{У}_0} = \frac{\sum У_1 П_1}{\sum П_1} : \frac{\sum У_0 П_0}{\sum П_0} = \frac{7885}{223{,}6} : \frac{484{,}15}{41{,}1} = \frac{35{,}2}{11{,}7} \cdot 100\% = 300{,}0\%$$

Ҳосилнокии замини кишти ангур дар хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ҶТ

Солҳо	Давраи базавӣ		Солҳо	Давраи ҳисоботӣ	
	Ҳосилнокӣ $У_0$	Замини кишт ҳаз. га $П_0$		Ҳосилнокӣ $У_1$	Замини кишт ҳаз. га $П_1$
1991	1	0,1	**2005**	14,6	13
1992	1	0,1	**2006**	21,4	13,7
1993	1	0,1	**2007**	23,2	14,7
1994	1	0,1	**2008**	23,5	15,1
1995	1	0,1	**2009**	29,1	15,3
1996	1	0,2	**2010**	20,4	14,8
1997	1,3	0,3	**2011**	31,2	15,7
1998	5,4	0,8	**2012**	33,1	16,4
1999	10,4	2,3	**2013**	34,1	16,6
2000	16,4	5,9	**2014**	35	16,1
2001	15,8	5,8	**2015**	46,2	17,1
2002	11,9	5,5	**2016**	51,3	17,2
2003	3,3	6,1	**2017**	56,2	18,9
2004	13,2	13,7	**2018**	60,5	19
Ҳамагӣ	**83,7**	**41,1**		**479,8**	**223,6**

Ҳосилнокии миёнаи солонаи ангур дар хоҷагиҳои деҳқонӣ дар давраи ҳисобот (2005-2018) нисбат ба давраи базавӣ (1991-2004) таъсири он ба ҳосили умумӣ 3 баробар зиёд шудааст.

$$I_{уп} = \frac{\sum У_1 П_1}{\sum У_0 П_0} = \frac{7885}{484{,}15} \cdot 100\% = 1628{,}6\%$$

Ҳосили умумии ангур дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба давраи базисӣ 16,2 баробар афзудааст. Афзоиши мутлақи он бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\sum У_1 П_1 - \sum У_0 П_0 = 7885 - 484{,}15 = 7400{,}9 \text{ ҳазор сентнер}$$

Ба тағйирёбии ҳосилнокии миёнаи солонаи ангур ва ҳосили умумии он ду омили асосӣ таъсир мерасонад:

а) тағйирёбии худи ҳосилнокии ангур. Ин омилро бо ёрии индекси таркиби таъсиррасон ҳисоб карда мешавад.

$$I_{у} = \frac{\sum У_1 П_1}{\sum У_0 П_1} = \frac{7885}{1418{,}96} \cdot 100\% = 557{,}7\%$$

Ҳосилнокии ангур дар давраи ҳисобот нисбат ба давраи базавӣ 5,57 баробар зиёд шудааст. Афзоиши мутлақи он:

$$\sum У_1 П_1 - \sum У_0 П_1 = 7885 - 1418{,}96 = 6466{,}0 \text{ ҳазор сентнер}$$

Вазъи киёсии он дар афзоиши умумӣ 87,4%-ро ташкил намуд.

б) тағйирёбии замини кишт. Ин омилро бо ёрии индекси таъсироти тағйирёбии таркибӣ, аз рӯйи чунин формула ҳисоб кардан мумкин аст:

$$I_{п} = \frac{\sum У_0 П_1}{\sum У_0 П_0} = \frac{1418{,}96}{484{,}15} \cdot 100\% = 293{,}1\%$$

Замини кишти ангурзорҳо 3 баробар афзуда, афзоиши мутлақи он ба афзоиши ҳосили умумӣ таъсир мерасонад:

Натиҷаи таҳлили омилӣ

	Индексҳо			Афзоиши мутлақи ҳосили умумӣ	Аз он ҷумла		Вазъи қиёсӣ		
	Тағйирёбии таркиби	Аз он ҷумла			Тағйирёбии ҳосилнокӣ	Тағйирёбии замини кишт	Ҳамагӣ	Аз он ҷумла	
		Тағйирёбии ҳосилнокӣ	Тағйирёбии замини кишт					Тағйирёбии ҳосилнокӣ	Тағйирёбии замини кишт
Ҷумҳурии Тоҷикистон	168,5	168,1	93,5	8095,6	9002,7	-907,1	100	111,2	-11,2
Корхонаҳои кишоварзӣ	103,1	93,2	25,8	-4977,9	115,07	-4862,95	100	2,3	97,7
Хоҷагиҳои аҳолӣ	114,3	96,5	290,6	9829,35	553,46	10382,85	100	-5,6	105,6
Хоҷагиҳои деҳқонӣ	300	557,7	293,1	7400,9	6466,0	934,8	100	87,4	12,6

Асос: Кишоварзии ҷумҳурии Тоҷикистон АОПҶТ. Маҷмӯаи оморӣ. –Душанбе, 2018. –С.26-27,42,43

$$\sum У_0 П_1 - \sum У_0 П_0 = 1418{,}96 - 484{,}15 = 934{,}8 \text{ ҳазор сентнер}$$

Вазъи қиёсии ин омил дар афзоиши ҳосили умумӣ 12,6%-ро ташкил намуд.

Дар асоси нишондиҳандаҳои зикргардида дида мешавад, ки дар хоҷагиҳои деҳконӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ афзоиши умумӣ ё таъсири омилии тағйирёбии ҳосилнокӣ бисёртар таъсир расонида, дар ин шакли хоҷагиҳо бозори истеҳсолӣ самаранок истифода гардида истодаанд.

АДАБИЁТ

1. Омори солонаи «Агенти омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон». –Душанбе, 2018.
2. Гусаров В.М. Теория статистики. -М.: Аудит. Изд. Объед. «ЮНИТИ», 1998г., 247с.
3. Зинченко А.П. Статистика животноводства и земельного фонда, Краснодар – 2007.
4. Н.Т. Рафиќова Основы статистики. –М.: Финансы и статистика, 2005.
5. Ганиев Т.Б. Пути устойчивого развития скельского хозяйства. –М., 1996 – 215с.
6. Эргашева М.А., Боҳирова Х.С. Мушоҳидаи интихобӣ. -Душанбе, 2013.

ТАҲЛИЛИ ОМИЛИ ҲОСИЛНОКӢ ВА ҲОСИЛИ УМУМИИ АНГУР ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур таҳлили омили ҳосилнокӣ ва ҳосили умумии ангур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Дар омӯзиши динамикаи нишондиҳандаҳои сифатӣ тағйирёбии бузургии миёнаи нишондиҳандаи индексшавандаро омӯхтан лозим меояд. Тағйирёбии ин индекс ба робитаи байни якдигари ду омил - тағйир ёфтани нишонаи индексшавандаи гурӯҳи алоҳидаи воҳидҳо ва тағйир ёфтани таркиби воқеа такя мекунад. Дар асоси нишондиҳандаҳои зикргардида дида мешавад, ки дар хоҷагиҳои деҳконӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ афзоиши умумӣ ё таъсири омилии тағйирёбии ҳосилнокӣ бисёртар таъсир расонида, дар ин шакли хоҷагиҳо бозори истеҳсолӣ самаранок истифода гардида истодаанд.

Калидвожаҳо: индексҳо, ҳосилнокӣ, ҳосили умумӣ, омили таъсиррасони ба ҳосили умумӣ.

АНАЛИЗ ФАКТОРОВ УРОЖАЙНОСТИ И ВАЛОВОГО СБОРА ВИНОГРАДА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье авторами проведен анализ факторов урожайности и валового сбора винограда в Республике Таджикистан. При изучении динамики качественных показателей нужно изучить изменение средних величин показателей индексации. Изменение данного индекса опирается на взаимосвязанность двух факторов – изменение показателей индексации отдельной группы единиц и изменение фиксированного состава. На основе перечисленных показателей просматривается**,** что на дехканские хозяйства и сельскохозяйственные предприятия в основном действуют общее увеличение или факторное влияние изменчивости урожайности и в данных формах хозяйств эффективно используется производственный рынок. На основании индексов переменного фиксированного состава, и структурных сдвигов выявлены основные факторы рынка производства, формирующие валовой сбор и урожайность винограда.

Ключевые слова: индексы, урожайность, валовой сбор, факторы, формирующие, валовой сбор и урожайность, эффективность рынка производства.

ANALYSIS OF FACTORS OF YIELD AND GROSS FEE GRAIN IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the authors analyzed the factors of productivity and gross harvest of grapes in the Republic of Tajikistan. When studying the dynamics of qualitative indicators, it is necessary to study the change in the average values of indexation indicators. A change in this index is based on the interconnectedness of two factors - a change in the indexing indices of a separate group of units and a change in a fixed composition. Based on these indicators, it is seen that dekhkan farms and agricultural enterprises are mainly affected by the general increase or factor effect of yield variability and the production market is effectively used in these forms of farms. On the basis of variable fixed composition indices and structural shifts, the main factors of the production market that form the gross yield and yield of grapes are identified.

Key words: indices, productivity, gross yield, factors shaping, gross yield and productivity, production market efficiency.

Сведения об авторах: ***Эргашева Мохира Абдуложоновна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующая кафедрой статистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **935-75-55-04**

Бохирова Хадича Солиджоновна - Таджикский национальный университет, доцент кафедры статистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **936-02-19-45**

Information about the authors: ***Ergasheva Mohira Abdulozhonovna*** - Tajik National University, candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of statistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **935-75-55-04**

Bohirova Khadicha Solidzhonovna - Tajik National University, candidate of economic sciences, associate professor of the department of statistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **936-02-19-45**

УДК: 311.313(575.3)

МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ: ШАКЛ, ХУСУСИЯТ ВА РОҲҲОИ ТАШКИЛИ ОНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Саидмуродова М.А., Амиркулов А.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар шароити имрӯза қисми ҷудонашавандаи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мебошад. Ин системаи муносибатҳо дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ дорои мавқеи муайяни худ гаштааст. МОИ дар системаи ҷаҳонии робитаҳои хоҷагидорӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди самараноки иқтисодӣ, ки дар

натиҷаи амалӣ намудани корҳои муайян, аз ҷумла мубодилаи маълумот ва технологияи пешрафта, амиқии амалҳои иқтисодии интегратсионӣ, ҷалби инвеститсия, бештар фаъолгардонии мубодилаи ҷаҳонии мол ва ғайра ба даст оварда мешавад.

Дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар тафовут аз давлатҳои мутараққии саноатӣ, МОИ-ро асосан бо мақсади ноилшавӣ ба сатҳи баландтари саноатикунонӣ (индустриализация), аз ҷумла:

-навоварӣ дар саноат (модернизация промышленности);

-ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёт;

-баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандон;

-воридкунии технологияҳои нав ташкил медиҳанд.

Инкишоф ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки дар қитъаҳои алоҳидаи мамлакат ташкил карда мешаванд, дар вусъат додани саноати ҳамин минтақа ва саноати кишвар дар маҷмӯъ аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун дар бораи Минтақаҳои озоди иқтисодӣ 17 майи соли 2004 қабул гардид ва соли 2006 Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ барои таъсиси се минтақаи озоди иқтисодӣ дар ҳудуди кишвар ҳуҷҷатҳои зарурӣ омода намуд.

Талабот нисбати лоиҳаҳои инвеститсионӣ, ки дар ҳудуди ҳамаи МОИ-ҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешаванд, аз он иборат мебошанд, ки ҳаҷми сармоягузории ҳар як лоиҳа бояд на камтар аз 500 ҳазор доллари ИМА буда, вориди на кам аз 90% таҷҳизоти истеҳсолӣ-технологии нав дар давоми на дертар аз се соли баъди ба қайдгирии фаъолияти истеҳсолии субъект дар ҳудуди МОИ бошад. Дар баробари ин, ҳаҷми сармояи дар фаъолияти воридотӣ-содиротӣ истифодашаванда бояд на кам аз 50 ҳазор долл. ИМА ва барои амалӣ намудани фаъолияти хизматрасонӣ на кам аз 10 ҳазор доллари ИМА бояд бошад. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон панҷ МОИ таъсис дода шудаанд: “Суғд”, “Панҷ”, “Данғара”, “Ишкошим” ва “Кӯлоб”.

Ҳар як МОИ хусусиятҳои хоси истеҳсолӣ ва идоракунии худро доранд, ки дар низомномаҳо оид ба таъсиси МОИ инъикос гардидаанд. Масалан, МОИ “Суғд” аз рӯйи шакл (тип) саноатӣ-инноватсионӣ ба шумор рафта, дар масоҳати умумии 320 га ва ба муҳлати 25 сол ташкил карда шудааст. Тибқи низомномаи МОИ “Суғд” ба шумори самтҳои асосии фаъолияти он ташкили истеҳсоли риштаҳои дӯзандагӣ, маҳсулоти трикотажӣ, матоъ ва маҳсулоти тайёр аз пашм, истеҳсоли риштаҳои абрешим ва пахтагин, истеҳсоли матоъҳои рӯйкаш ва пардаворӣ; истеҳсоли маҳсулоти тайёри чарму мӯина, пойафзол; истеҳсоли маҳсулоти тайёри барои истеҳсолоти дӯзандагӣ пешбинишуда; истеҳсоли ҷиҳоз (мебел); истеҳсоли маҳсулоти саноати химиявӣ, мошинсозӣ ва масолеҳи сохтмонӣ (аз ҷумла рангҳои синтетикӣ; автомобил ва қисмҳои эҳтиётии он; тракторҳо ва қисмҳои эҳтиётии онҳо; насосҳои обкашӣ; қубурҳои ғайрифулузотӣ; маснуоти электротехникӣ, радиоэлектронӣ ва техникаи маишӣ; нуриҳои минералӣ; маводҳои сохтмонӣ ва ороишӣ ва ғ.); истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ ва ғайра дохил карда мешавад. Дар заминаи ташкили дурусти фаъолияти Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” дар назар дошта шудааст, ки вилояти Суғд ба калонтарин маркази инноватсионии ҷумҳурӣ табдил дода шавад, зеро фаъолияти асосии ин МОИ ба азхудкунии иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва ҷалби технологияҳои нави инноватсионӣ равона карда шудааст. Дар давраи ташкил ва фаъолияти МОИ “Суғд”, аллакай, дар ҳудуди он як қатор корхонаҳои муштарак, ба мисли Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди муштараки Тоҷикистону Полша “Скорут Тадж” фаъолият мекунанд. Дар пояи ин корхонаи тоҷикию полшагӣ ба нақша гирифта шудааст, ки истеҳсоли маводҳои гарминигоҳдорӣ бо истифодаи ҷинсҳои базалтӣ ва дар корхонаи “Сирандуд-Россия”, ки он ҳам дар ҳудуди ин МОИ фаъолият мекунад, истеҳсоли мурват (болт), гайка, мехи печдор (шуруп) ва дигар намудҳои маҳсулоти пайвандиҳо (крепёжные изделия)-ҳо аз фулузот ба роҳ монда шаванд.

Ташкили ин намуди истеҳсолот дар ҳудуди МОИ “Суғд” имкон медиҳад, ки иловатан зиёда аз 100 ҷойи кории нав барои аҳолии минтақа таъсис дода шавад. Инчунин, фаъолияти ҶДММ “Некон”, ки дар дохили ҳамин МОИ амал мекунад, ба коркарди гӯшт ва истеҳсоли маҳсулоти гӯштию ҳасиб бо истифодаи таҷҳизоту технологияи навтарини аз Ҷумҳурии Полша ворид кардашуда равона шудааст. Аллакай, якчанд сол боз маҳсулоти гӯштию ҳасиби корхонаи мазкур дар бозорҳои ҷумҳурӣ ба истеъмолкунандагон пешниҳод карда мешаванд. Ҳамин тавр, аз лаҳзаи аввали фаъолияти худ дар ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” қариб 20 адад субъектҳои истеҳсолии гуногун бо ҳаҷми сармояи беш аз 60 млн. доллари ИМА ба қайд гирифта шудаанд. Аллакай, панҷ адади ин корхонаҳо маҳсулоти худро истеҳсол мекунанд, ки назираш то ҳол дар ҷумҳурӣ дида намешуд. Қисми ин маҳсулоти истеҳсолшаванда ба беруни кишвар бароварда мешаванд ва қисми дигараш барои таъмини талаботи бозори дохилӣ истифода мешаванд.

Шакли МОИ “Данғара” индустриалӣ буда, ба рушди саноати ноҳияҳои атроф, дар асоси истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ равона карда шудааст. Дар наздикии

МОИ “Данғара” роҳи оҳан мегузарад ва айни замон сохтмони кӯпруки автомобилгард ба самти Ҷумҳурии исломии Афғонистон идома дорад, ки ба хизматрасонии логистикӣ-нақлиётӣ мусоидат мекунад. МОИ “Данғара” ба муҳлати 25 сол ташкил карда шуда, масоҳати 242,3 га заминро дар бар мегирад. Самтҳои асосии фаъолият, тибқи Низомнома “Дар бораи минтақаи озоди иқтисодии “Данғара”, ин пеш аз ҳама коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ; истеҳсоли матоу газворҳои сунъию табиӣ аз риштаҳои абрешимию пахтагӣ ва пашм; коркарди пӯсти чорвои калони шохдор, чорвои хурд ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри чарму мӯина, пойафзол; инчунин, ба роҳ мондани намудҳои алоҳидаи истеҳсолот дар самти мошинсозӣ, саноати масолеҳи сохтмонӣ, дорусозӣ, саноати химиявӣ ва коркарди чӯбу тахта ба шумор мераванд.

МОИ “Панҷ” дар сарҳади кишвар бо Ҷумҳурии исломии Афғонистон ҷойгир буда, фаъолияти он ба савдои кушод бо Афғонистон ва тавассути Афғонистон бо дигар мамлакатҳои минтақа равона карда шудааст. МОИ “Панҷ” низ ба муддати 25 сол ташкил дода шуда, дар майдони 400 га ҷойгир аст. Ду ширкат - “Анбат-Сервис” ва “Сантехника-Сервис”, ки ба соҳаи логистикаи нақлиётӣ ва истеҳсоли таҷҳизоти гармидиҳандаю дегхонаҳои хурд махсус гардонида шудаанд, корҳоро оид ба сохтмони инфрасохтор дар ҳудуди ин МОИ оғоз намуданд. Ба ғайр аз ин, боз якчанд ширкат дархости худро оид ба оғози фаъолият дар дохили МОИ ба корҳои вобаста ба истеҳсоли пенаблок, сохтмони корхонаи коркарди нафт, инчунин, сохтмони корхонаи истеҳсоли шишаи ҳамвор ва маҳсулоти шишагӣ дар заминаи кони қуми квартсии маҳаллӣ иброз намуданд. Азбаски минтақа бо кишварҳои ҳамсоя Афғонистон ва Хитой бо шоҳроҳҳо пайваст шуда истодааст, мавқеи интихобшуда дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон барои таъсис додани минтақаи шакли комплексӣ, аз ҷумла тиҷоратӣ, рушди саноати сабук (коркард ва истеҳсоли маҳсулот аз ашёи хоми маҳаллӣ (мисли пахта, чарм, коркарди чӯб ва ғ.) мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин минтақа бо ҷалби чӯбу тахта ва технология аз Федератсияи Россия дар оянда ташкили корхонаҳои истеҳсоли мебелро ҳам барои бозори дохилӣ ва ҳам барои содирот ба роҳ мондан мумкин аст. Зеро дар минтақаи мазкур қувваи кории зиёде мавҷуд аст, ки имконияти дар муддати кӯтоҳ онҳоро ба воситаи курсҳои бозомузӣ барои фаъолият тайёр кардан мумкин аст.

МОИ “Ишкошим” дар ВМБК ташкил дода шудааст. Ин минтақаи озод аз қитъаҳои алоҳидаи масоҳати умумиашон баробар ба 250 га иборат буда, минтақаи комплексии ба ҳамкории васеи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон (музофоти Бадахшон) ва Ҷумҳурии Қирғизистон (вилояти Ош) равона мебошад. Бартарии асосии ин МОИ дар он ифода меёбад, ки он ҳамчун пешоҳанги рушди на танҳо вилояти ВМБК, балки ҳамчун омили пешрафти музофоти Бадахшони Афғонистон, дар самти имконияти ҷалби ашёи хом, захираҳо барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноати истихроҷи маъдани кӯҳӣ, ба савдои мутақобила судманд бо Чин, Покистон ва Афғонистон мусоидат мекунад. МОИ “Ишкошим” дар мавқеи хеле афзалиятноки ҷуғрофӣ ҷойгир буда, метавонад пайвандгари нақлиётии байни Тоҷикистон, Афғонистон, Хитой, Покистон бо Осиёи Марказӣ гардад.

Айни замон дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ 63 ширкати ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла дар МОИ “Суғд” 23, МОИ“Данғара” 27, МОИ“Панҷ” 11 ва “Ишкошим” 2.

Ба шумори самтҳои афзалиятноки фаъолияти ин МОИ: коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, консервакунонии маҳсулоти гӯшту шир ва маҳсулоти растанипарварӣ, истеҳсоли чипс, истеҳсоли маҳсулоти фармасевтӣ ва доруворӣ, коркарди пашм ва пӯсти чорвои калони шохдор, истеҳсоли нӯшокиҳои минералӣ, истихроҷ ва коркарди сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо, истеҳсоли маснуоти мармарӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Инчунин, дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2019 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон Минтақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб” дар масоҳати умумии 309,32 гектар ба муддати 25 сол таъсис дода шуд. Шакли ин МОИ индустриалӣ-инноватсионӣ пешбинӣ шудааст.

Шумораи субъектҳо 2011-2016

	2001	2012	2013	2014	2015	2016
МОИ “Суғд”	13	16	20	24	27	23
МОИ “Данғара”	2	4	16	21	26	27
МОИ “Ишкошим”	0	0	0	0	0	2
МОИ “Панҷ”	2	7	8	8	8	11
Ҳамагӣ	17	27	44	53	61	63

Ҳар як МОИ-и дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додашуда нишонаҳои фарқкунандаи худро, ки ба вай қобилияти рақобатпазири устувори стратегиро медиҳад, дорад. Тавассути ташкили МОИ дар Тоҷикистон дар назар гирифта шудааст, ки бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва ҷорӣ кардани таҷрибаи пешрафтаи идоракунӣ ва менеҷмент, ба рушди

пойдори иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои алоҳидаи кишвар мусоидат карда шавад. Дар асоси ташкили МОИ дар ҷумҳурӣ пеш аз ҳама аз ҳисоби ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ ба субъектҳои хоҷагидории дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷойдошта, техника ва технологияҳои нави пешрафта, методҳои прогрессивии хоҷагидорӣ; истифодаи ҳар чӣ самараноки захираҳои маҳаллӣ; ташкили шабакаҳои истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза; ташаккулёбии буҷети мустақили маҳаллӣ бояд ташкил карда шавад.

Таҷрибаи ҷаҳонии ташкил ва истифодаи МОИ нишон медиҳад, ки дар марҳилаи аввали ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, барои ташкили инфрасохтори зарурӣ ва барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти МОИ ба сармоягузорӣ аз буҷаи мамлакат ниёз дорад. Иҷрои бомуваффақияти барномаи ташкили МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита ба он вобастагӣ дорад, ки чӣ қадар дар МОИ системаи иқтисодии ратсионалӣ, фаъолияти шаффофи сохторҳо бо риояи қоидаҳои амалкунанда, барҳам додани мушкилии бюрократӣ бо муҳити рақобати солим ба роҳ монда мешаванд, ки ин ҳолатҳо муҳити сармоягузориро ба фаъолияти минтақа манфиатнок ва самаранок мегардонад.

Бо назардошти имтиёзҳое, ки барои МОИ пешбинӣ шудаанд, дар назар аст, ки шахс ё мақоми сармоягузор аз натиҷаи фурӯши маҳсулот ва хизматрасонии дар МОИ истеҳсолшуда фоидаи нисбатан бештар ба даст меорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки меъёри миёнаи фоида дар МОИ 25-30%-ро ташкил медиҳад. Чунин нишондиҳанда дар МОИ-и давлатҳои Осиё бошад, 35-40%-ро ташкил медиҳад. Муҳлати бозгашти сармояи маблағгузоришуда бошад, 2-3 маротиба камтар буда, муҳлати миёнаи бозгашти сармоягузорӣ 3-3,5 солро ташкил медиҳад.

Дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ аз 30% то 80%-и сармоягузории хориҷӣ ба воситаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба иқтисодиёти мамлакат ворид мешавад.

Вобаста ба мақсади пешгирифтаи давлат дар иқтисодиёт шаклҳои гуногуни МОИ ташкил карда мешаванд, ки то имрӯз зиёда аз 25 шакли МОИ маълуманд.

Классификатсияи шаклҳои муосири МОИ-ро аз рӯйи маҳак (критерии)-ҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: характери фаъолият ё вазифаи функсионалӣ; дараҷаи ширкат дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва иқтисоди миллӣ; аломати соҳавӣ; характери моликият.

Бо мурури замон МОИ аз шакли одӣ (шакли харидуфурӯши МОИ) ба шаклҳои мураккаб (истеҳсоли маҳсулоти истифодаи умум ва маҳсулоти технологии муосир) аз намудҳои камхарҷ ба намудҳое, ки маблағгузории зиёдро талаб мекунанд, табдил ёфтанд.

Аз сабаби он ки бо пешрафти иқтисодиёт талаботи истеъмолкунандагон ба маҳсулоту техника ва технологияҳои наву мураккабтар пайдо мешавад, бояд дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисодиёти мамлакат шаклҳои гуногуни МОИ ташкил карда шавад, ки он ин минтақаҳои озоди иқтисодӣ тавонанд дар ҳолати зарурат ба шаклҳои нави актуалӣ трансформатсия шаванд, ё табдил ёбанд.

Раванди ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ доимо дар худ миқдори муайяни таваккал (риск)-ро дорад. Ин таваккал бо маблағгузорӣ барои ташкили инфрасохтори истеҳсолӣ ва дигар инфрасохторҳо вобаста мебошад, ки вазифаи он ба иқтисодиёти миллии мамлакат ворид намудани шаклу методҳои нави фаъолияти истеҳсолии субъектҳои МОИ мебошад.Вале ба мавҷудияти мушкилиҳо нигоҳ накарда, минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар натиҷаи ҳамкории байналхалқии иктисодӣ бо субъектҳои хоҷагидории пешрафтаи дигар мамлакатҳо имкон медиҳанд, ки барои пешрафти соҳаҳои муайяни иқтисодиёти мамлакат такон дода, инчунин, сабаб мешаванд, баъзе шаклу воситаҳои ғайрисамараноки истеҳсолӣ аз байн бурда шавад. Албатта, ҳолати мазкурро дар натиҷаи аз иқтисодиёти ҷаҳонӣ мунтазам ва тадриҷан аз худ намудани методҳои пешрафта ва оптимизатсияи комплекси иқтисодӣ ноил шудан мумкин. Барои интегратсия, ё худ воридшавии иқтисодиёти миллӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳамаи намуди МОИ метавонад мусоидат кунад, вале ҳар як шакли минтақаҳои озоди иқтисодӣ метавонад дар соҳаи алоҳидаи иқтисод амал кунад. Бояд дар назар дошт, ки шакли идеалии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки барои ҳамаи моделҳои иқтисодиёт истифода мешавад ва сармояи хориҷиро дарҳол ҷалб намуда, дар муддати кӯтоҳ баландравии сатҳи иқтисодро таъмин менамояд, вуҷуд надорад. Интихоби шакл ё модели минтақаи озоди иқтисодӣ дар натиҷаи таҳлили амиқи маҳаллу минтақаҳо ва шароитҳои вуҷуддошта ба амал оварда шуда, режими сармоягузорӣ сохта мешавад. Муайян намудани шакли бештар самараноки минтақа барои ин ё он шакли идоракунии давлатӣ кори осон нест, зеро барои ҳалли инро ёфтан омилҳои таъсиркунанда зиёданд.

Вале интихоби шакли зарурии МОИ барои ҳалли доираи муайяни масъалаҳо ин вазифаи имконпазир аст. Масалан, МОИ бо сохторҳои вобаста ба савдои беруна, минтақаҳои озод бе андозбандии гумрукӣ, анборхонаҳои озод метавонанд бештар ҳамчун пайвандгарони инфрасохторӣ, марказҳои махсуси савдо ва коммуникатсияи байналмилалӣ баромад намуда, дар ташаккули системаҳои логистикии байналхалқӣ

ширкат кунанд. Чунин МОИ аксаран дар наздики сарҳадҳои мамлакат бо давлатҳои дигар ташкил дода мешаванд.

Дар раванди гардиши фаромиллии сармоя метавонанд марказҳо ё минтақаҳои хизматрасонӣ ширкати фаъол намоянд. Барои воридшавии иқтисоди давлат ё минтақаи мушаххас ба системаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар асоси истеҳсоли технологияҳои ииноватсионӣ метавонанд минтақаҳои шакли истеҳсолӣ-экспортӣ ва техникӣ-содиротӣ мусоидат намоянд. Бо рушди иқтисодиёти мамлакат, дар баробари МОИ вуҷуддошта минтақаҳои дигари сатҳан баланди технологӣ ташкил карда шуда, паҳншавии мунтазами потенсиали онҳо ба соҳаҳои дигари фаъолияти истеҳсолот ба вуҷуд меоянд, ки ба якҷояшавии амал, ё худ ҳамкории шаклҳои гуногуни МОИ оварда мерасонад.

Омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонии ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои ташаккули онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад. Ташкили МОИ дар ҷумҳурӣ ин яке аз роҳҳои ҳалли стратегии рушди иқтисодиёти минтақаи алоҳида ва дар маҷмӯъ иқтисоди мамлакат ба шумор меравад. Бо гузашти замон собит шудааст, ки интихоби шакли МОИ ба сохт ва сатҳи иқтисодиёти мамлакат вобаста аст.

Яъне, интихоби шакли МОИ ба хусусиятҳои миллию анъанавии иқтисодиёти давлат алоқамандии зич дорад. Масалан, дар мамлакате, ки иқтисодиёташ бештар индустриалӣ аст, шакли МОИ ба он наздик бояд ташкил дода шавад. Дар мамлакате, ки аграрӣ аст, шакли МОИ ё сохторҳои он бояд корхонаҳои бештар ба аграрӣ, ё саноатӣ-аграрӣ (корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, консервакунонӣ ва ғ.) тамоюл дошта бошанд. Зеро агар шакли МОИ ба сатҳи рушд ва сохти иқтисоди миллӣ наздик набошад, ташкили фаъолияти самараноки МОИ, пайдо намудани ашёи хоми зарурӣ, омода намудани мутахассису кормандони сатҳи лозимӣ ниҳоят душвор мегардад.

Барои самаранок будани натиҷаи фаъолият, иқтисодиёти давлатҳои алоҳида бояд тарзи инфиродии сикли истеҳсолотро дошта бошанд. Масалан, дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ тамоми сиклҳои истеҳсолотро ба охир расонидан боиси самаранокии истеҳсолот мегардад. Вале вобаста ба он ки истеҳсолоти технологияҳои электронии муосир қувваи корӣ гаронбаҳоро талаб мекунад, мамлакатҳои мутараққӣ барои самаранокии истеҳсолот тамоюл ба он доранд, ки технологияи муосирро бештар дар шакли қисмҳои эҳтиётӣ ба давлатҳои рӯ ба тараққӣ экспорт намуда, истеҳсолотро дар он давлатҳо ба охир расонанд. Зеро дар он давлатҳо қувваи корӣ нисбатан арзон буда, дар натиҷа арзиши аслии маҳсулот нисбатан паст мешавад.

Албатта, ҳолати мазкур барои интихоби шаклҳои МОИ дар давлатҳои алоҳида таъсири худро мерасонад. Дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ нисбати давлатҳои мутараққӣ таъминнокии омилҳои истеҳсолот дигаргун мешавад. Дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ бозори сармоя ва бозори меҳнат нисбати давлатҳои мутараққӣ кам самаранок мебошанд. Зеро агар давлатҳои мутараққӣ дар истеҳсолот асосан сармояи дохилӣ ва қувваи кории дохилӣ истифода шавад, дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ қисми асосии сармояи ҷалбшаванда сармояи хориҷӣ мебошад. Барои васлу насб кардани қисмҳои технологияҳои муосир дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ қисми қувваи корӣ низ хориҷӣ мебошад. Чунин шароитҳо дар назди роҳбарияти давлатҳои рӯ ба тараққӣ иҷрои вазифаҳои махсусро вогузор мекунад:

- рушд додани истеҳсолот барои содироти маҳсулот;
- пур кардани бозори дохилӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва саноатӣ;
- рушди инфрасохтор, хоҷагиҳои анборӣ, рушди туризм;
- омода намудани кадрҳои роҳбарикунанда дар шароити иқтисоди бозаргонӣ;
- Омода намудани заминаҳо барои истеҳсолоти технологияҳои муосири электронӣ, истифодаи моликияти зеҳнӣ ва ғайра.

Бе рушди истеҳсолоти характери содиротидошта ва соҳаи туризм ин давлатҳо наметавонанд асъори озод бадалшавандаро, ки барои ҳисоббаробаркуниҳои берунӣ заруранд, ба даст ованд, инчунин, ҳалли проблемаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, техникӣ, технологӣ ва дигар вазифоҳи дохилӣ душвор мегардад. Давлатҳои рӯ ба тараққиро зарур аст, бо истифода аз қувваи кории нисбатан арзон ташкили МОИ-ро ба роҳ монанд, ки ба савдои маҳсулоти воридотӣ ва истеҳсоли молҳои худӣ бо тамоюл ба ташкили минтақаҳои содироти маҳсулот, минтақаҳои гумрукии озод, ки ба бозори беруна равона мешаванд, машғул гарданд. Бояд зикр кард, ки МОИ барои Тоҷикистон механизми нав буда, ба рушди иқтисодиёти минтақаҳои алоҳида; ташкили истеҳсолоте, ки ба истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридотӣ (импортозаменяющий) барои таъмини талаботи аҳолии Тоҷикистон машғуланд ва ҷалби иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ ва дар маҷмӯъ иқтисоди кишвар ба тақсимоти байналхалқии меҳнат равона карда шудаанд.

Аз оғози бақайдгирии субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва сар шудани раванди фаъолияти онҳо дида мешавад, ки айни замон мо таҷрибаи кофии ташкили МОИ надорем, норасоии захираҳои молиявӣ ба назар мерасад; норасоии таъмини маълумотӣ

вуҷуд дорад; тахассуси кормандон дар сатҳи паст қарор дорад; инфрасохтори МОИ ба таври лозимӣ рушд накардааст; номутобиқии байни иқтидори захираҳои табиии минтақа ва иқтидори технологии онҳо ба назар мерасад; зиддияти байни доираи маҳдуди имкониятҳои техникию технологии субъектҳои МОИ ва динамикаи рушди муҳити беруна вуҷуд дорад. Ҷиҳати самаранок гардидани фаъолияти МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моро лозим аст, барои такмил додани таҳкурсии меъёрӣ-ҳуқуқии МОИ корҳои зиёдеро анҷом диҳем. Масалан, бояд ҳалли масъалаи вобаста ба муайян намудани мавқеи маҳсулоти дар ҳудуди МОИ истеҳсолшуда ва баҳисобгирии ченаки арзиши иловашуда ба маҳсулоти дар ҳудуди МОИ истеҳсолгардида ёфта шавад, зеро ин ҷо имконияти пардохт нашудани андозҳои ғайримустақим ё бавосита ба маҳсулоти воридотӣ, бо баҳонаи вориди он ба ҳудуди МОИ ҳамчун “ашёи хом” ба миён меояд. Ба ғайр аз ин, бояд танзими масъалаи вобаста ба истифодаи моликияти зеҳнӣ дар дохили МОИ ҳал карда шавад.

Таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки пеш аз ташкили МОИ бояд раванди тӯлонӣ ва мураккаби ташкилкунии инфрасохтор дар дохили МОИ ва сохтмони объектҳои муҳим аз ҳисоби буҷаи давлатӣ ба роҳ монда шавад. Дар МОИ-ҳои дар ҷумҳурии мо ташкил кардашуда бошад, инфрасохтор нисбатан инкишоф наёфтааст, ҳоло фарқияти равшани байни онҳо ва самтҳои асосии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ вуҷуд надорад, хусусиятҳои фарққунандаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ пайдо нашудааст. Ба ғайр аз ин, масъалаҳои муҳимми дигар, монанди муайян намудани ҳаҷм ё масоҳати оптималии МОИ, дар ин ё он минтақа мавҷудияти инфрасохтори истеҳсолӣ, хизматӣ ва шароити самаранок барои амалӣ намудани фаъолияти берунаи иқтисодӣ ҳалли худро наёфтаанд. Собит карда шудааст, ки самара гирифтан аз натиҷаи фаъолияти МОИ танҳо дар ҳолати ҳамоҳанг кардани саъю кӯшиш ва воситаҳо дар доираи минтақаҳои алоҳида, ки мавқеи нисбатан афзалиятноки иқтисодӣ-ҷуғрофӣ ва шароити ратсионалӣ барои фаъолияти берунаи иқтисодӣ ва савдо доранд, мумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Верещагин С.Г. Управление свободными экономическими зонами: цели создания, виды и налоговые преференции. Учебное пособие / С.Г. Верещагин. -Владивосток: Изд-во ВГУЭС, 2009. – 128 с.
2. «Заявление неправительственной организации о предоставлении консультативного статуса», ООН Совет по промышленному развитию. Сорок четвертая сессия. -Вена, 22-24 ноября 2016 года.
3. Қонуни ҶТ "Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ" аз17 майи соли 2004. Моддаи 20: Махсусиятҳои андозбандӣ дар минтақи озоди иқтисодӣ.
4. Каримова М.Т. Роль свободных экономических зон в развитии промышленности в Таджикистане / М.Т. Каримова // Актуальные вопросы экономики и управления: материалы II Междунар. науч. конф. -М.: Буки-Веди, 2013. -С.122-124.
5. Ойев Н.А. Угрозы внешнеэкономической безопасности РТ в условиях членства в ВТО: Пути и направления минимизации / Н.А. Ойев // Вестник Таджикского национального университета -Душанбе: Сино, 2016. -№2/8(215). -С.107.

МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ: ШАКЛ, ХУСУСИЯТ ВА РОҲҲОИ ТАШКИЛИ ОНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур ба баррасӣ ва омӯзиши шакл, хусуситятҳо ва роҳҳои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар шароити имрӯза қисми ҷудонашавандаи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ мебошад. Ин системаи муносибатҳо дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ дорои мавқеи муайяни худ гаштааст. МОИ дар системаи ҷаҳонии робитаҳои хоҷагидорӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди самараноки иқтисодӣ, ки дар натиҷаи амалӣ намудани корҳои муайян, аз ҷумла мубодилаи маълумот ва технологияи пешрафта, амиқии амалҳои иқтисодии интегратсионӣ, ҷалби инвеститсия, бештар фаъолгардонии мубодилаи ҷаҳонии мол ва ғайра ба даст оварда мешавад. Собит карда шудааст, ки самара гирифтан аз натиҷаи фаъолияти МОИ танҳо дар ҳолати ҳамоҳанг кардани саъю кӯшиш ва воситаҳо дар доираи минтақаҳои алоҳида, ки мавқеи нисбатан афзалиятноки иқтисодӣ-ҷуғрофӣ ва шароити ратсионалӣ барои фаъолияти берунаи иқтисодӣ ва савдо доранд, мумкин аст.

Калидвожаҳо: таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ, ташкили МОИ, ташкилкунии инфрасохтор, самтҳои асосии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ҳаҷм ё масоҳати оптималии МОИ.

СВОБОДНЫЕ ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ЗОНЫ: ФОРМЫ, ОСОБЕННОСТИ И ПУТИ ИХ ОРГАНИЗАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАНЕ

Данная статья посвящена изучению и рассмотрению форм, особенностей и путей организации свобоных экономических зон в Республике Таджикистан. Свободные экономические зоны в сегодняшних реалиях является неотъемлемой частью международных экономических отношений. Данная система отношений в мировой экономике имеет свою определенную позицию. Свободные экономические зоны в мировой системе хозяйственных отношений являются одним из важных факторов эффективного экономического развития которые достигаются путем завершения определенных работ, в том числе обмена информацией и прогрессивных технологий, глубины интеграционных экономических действий, привлечения игнвестиций, активизации мирового обмена товарами и т.п.. Доказано, что эффективность деятельности свободных экономических зон возможно только в случае согласованности действий, стараний и средств в рамках отдельных регионов, которые имеют приоритетную экономико - геграфическую позицию и рациональные условия для внешнеэкономической и внешнеторговой деятельности.

Ключевые слова: практика развитых государств, организация СЭЗ, организация инфраструктуры, основные пути деятельности свободных экономических зон,оптимальный объем и площадь СЭЗ.

FREE ECONOMIC ZONES: FORMS, FEATURES AND WAYS OF THEIR ORGANIZATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is devoted to the study and consideration of forms, features and ways of organizing free economic zones in the Republic of Tajikistan. Free economic zones in today's realities is an integral part of international economic relations. This system of relations in the global economy has its own specific position. Free economic zones in the world system of economic relations are one of the important factors of effective economic development that are achieved by completing certain activities, including the exchange of information and advanced technologies, the depth of economic integration, attracting investment, activating the global exchange of goods, etc. It is proved that the effectiveness of the activity of free economic zones is possible only if the coordination of actions, efforts and means within the framework of individual Gion, which have priority economic - gegraficheskuyu position and rational conditions for foreign trade and economic activities.

Key words: practice of developed states, organization of free economic zones, organization of infrastructure, the main ways of activity of free economic zones, optimal volume and area of free economic zones.

Сведения об авторах: ***Саидмуродова Малика Абдувахобовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики и международных экономических отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru**
Амиркулов Анвар Нуриддинович - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры мировой экономики и международных экономических отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **931-10-44-66; 919-99-55-11**

Information about the authors: ***Saidmurodova Malika Abduvahobovna*** **-** Tajik National University, candidate of economic sciences, associate professor of the department of world economy and international economic relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru.** Phone: **918-62-68-95**
Amirkulov Anvar Nuriddinovich **-** Tajik National University, applicant for the department of world economy and international economic relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК: 338 (575.3)

ВАЗЪИ БОЗОРИ ХИЗМАТҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ РУШД

Аҳмадов Р.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити муосир ҳангоме, ки ҷиҳати таъмини сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ Ҳукумати ҷумҳурӣ бештар ба сиёсати иҷтимоӣ диққат медиҳад, масъалаҳои воқеии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди соҳаҳои ҳаётан муҳимми бахши хизматрасониҳои иҷтимоӣ, яъне соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва фарҳангу варзиш муҳимияти хоса пайдо менамоянд. Мақсади асосии соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар дурнамои наздик ин ташаккули низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баландбардории сифати захираҳои инсонӣ, таъмини дастрасӣ ба хизматҳои баландсифати иҷтимоӣ, бахусус гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ, маҳсуб меёбад. Дар шароити муосир соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ мақсадҳои гузошташудаи худро танҳо дар асоси ислоҳотгузаронии мунтазам, устуворгардонии меъёр ва қоидаҳои рушди бозори хизматҳои иҷтимоӣ ба даст оварда метавонад. Албатта, таҳия ва тартиби мақсаду маромҳои сиёсати иҷтимоии давлат ҷиҳати таъмини сатҳу сифати ҳаёти аҳолӣ бо дастрасии оммаи хизматҳои баландсифати иҷтимоӣ кори ниҳоят мураккаб буда, ҳангоме ки талаботи аҳолӣ ба чунин хизматҳо босуръат баланд мегардад, омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои васеъгардонии масоҳат ва афзунгардонии шумораи иштирокчиёни бозори хизматҳои иҷтимоӣ мубрам мегардад.

Дар адабиётҳои иқтисодии муосир мафҳуми бозор дар пасманзари соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба таври гуногун шарҳу тавсиф дода шудааст. Масалан, Скок Н.И. бозори хизматҳои иҷтимоиро ҳамчун механизми муайянкунандаи ҳаҷми арза ва тақозои соҳаи иҷтимоӣ мафҳумгузорӣ намудааст [4,18]. В.Г. Воронкова бошад, онро ҳамчун соҳа ё маркази мубодилае, ки дар он ҷо натиҷаҳои кории корхона ва муассисаҳои иҷтимоӣ барои пешниҳоди хизмат сурат мегирад, мафҳумгузорӣ намудааст [3,92].

Қайд намудан бамаврид аст, ки ба мисли ин ақидаҳо, ақидаҳои шабеҳи олимону мутахассисони зиёде вуҷуд дорад, ки мафҳуми илмии бозори хизматҳои иҷтимоиро аз нуқтаи назари худ, аз рӯйи нигоҳи илмию таҳқиқотӣ ва ҳам аз нигоҳи методологии худ мафҳумгузорӣ намудаанд. Ба андешаи мо, зери мафҳуми бозор майдони нисбатан васеъ ва шакли алоҳидаи муносибатҳои тарафайни байни харидор ва фурӯшандаи хизматҳои иҷтимоиро, ки дар асоси урфу одатҳои миллӣ пайдо гардиданд, фаҳмидан мумкин аст.

Маълум мегардад, ки мафҳуми илмии бозори хизматҳои иҷимоӣ мафҳуми ягонаи хос набуда, балки фаҳмиши асосии он барои иштирок ва, инчунин, дастрас намудани хизматрасониҳои он кифоя мебошад. Ғайр аз ин, аз нуқтаи назари илмӣ бошад, мафҳуми илмии бозори хизматҳои иҷтимоиро маҳз хусусиятҳои таркибӣ, макони ҷойгиршавӣ, шумораи иштирокчиён ва ғайраҳо ошкору маънидод менамоянд.

Шаклу таркиби асосии бозори хизматҳои иҷтимоиро муҳит, рақобатпазирӣ, дастрасӣ, таъмин ва пешниҳоди хизматҳои сифати баланд ва, инчунин, мавҷудияти стратегияи рушди муътадилият ташкил медиҳанд, ки онҳоро чунин тасвир намудан мумкин аст (расми 1).

Расми 1. Таркиб ва унсурҳои фарқкунандаи бахши давлатию хусусӣ дар бозори хизматҳои иҷтимоӣ



Мусаллам аст, ки интихоби самти дурусти рушди равандҳои иҷтимоӣ, махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, хело муҳим аст, ҳангоме ки ҳамоҳангсозии принсипҳо ва механимзҳои ташаккули бозори соҳаҳои иҷтимоӣ, ки зери мабалағгузории буҷети қарор доранд, дар доираи дефитсити калони молиявӣ амал намуда, ҳамаи имкониятҳои худро оқилона истифода менамоянд. Бояд қайд намуд, ки дар бозори хизматҳои иҷимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчиёни асосӣ ин бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ ба шумор мераванд. Тибқи маълумотҳои мавҷуда, айни замон ба бахши давлатӣ зиёда аз 70-75% ҳиссаи хизматрасониҳои иҷимоӣ ва ба бахши хусусӣ бошад, нисбатан кам, то 20-25% рост меояд. Албатта, чунин вазъ доштани бозори хизматҳои иҷтимоӣ ба механизм ва принсипҳои асосии иқтисодиёти бозорӣ чандон мувофиқат намекунанд. Зеро чунин вазъ аз мавҷудияти инҳисорияти бузург, яккаҳукмронии бахши давлатӣ ва баъдан сатҳи пасти дастрасии мушкилии хизматҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ шаҳодат медиҳад, дар ҳоле ки зиёда аз 70% аҳолии мамлакат дар минтақаҳои деҳот истиқомат доранду афзоиши солонаи талаботи онҳо ба хизматҳои номбурда 2,3%-ро ташкил медиҳад.

Бозори хизматҳои иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои хоси худ буда, бештар ба имконияту иқтидори молиявии давлат такя намуда, дар асоси татбиқи барномаҳои миёнамуҳлати маҳаллӣ ва як қатор барномаҳои стратегии рушди иқтисодиёти мамлакат зуҳур меёбанд. Яке аз хусусиятҳои аввалия ин аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ гардидани рушди хизматҳои иҷтимоӣ мебошад. Ин гуфтаҳо дар қонунҳои конститутсионии мамлакат хуб дарҷ гардида, ҳамасола ҳангоми таҳияи буҷетҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ барои баррасӣ дар матни аввал қарор доранд. Хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо рушди соҳаи хизматрасонии иҷтимоии мамлакатро пурра тавсиф дода метавонад, балки ғайримустақиман баъзе паҳлуҳои онро ошкор ва ташаккул медиҳад. Хароҷоти низоми буҷетӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ, ба хусус дар объектҳое, ки дар манотиқи деҳоти кишвар ҷойгир шудаанд, аз ҳисоби воситаҳои буҷетҳои маҳаллӣ ва давлатӣ сурат мегирад.

Ҷадвали 1. Хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои асосии иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2000-2018) (млн. сомонӣ)

Соҳаҳои хизматрасони иҷтимоӣ	2000	2005	2010	2015	2018	2018 нисбат ба с.2000, бо %
Ҳамагӣ ба соҳаи иҷтимоӣ	1014,0	2502,0	3512,9	6891,5	11254,7	20,7
Маориф	437,0	990,0	1443,1	2918,8	3863,0	8,8
Тандурустӣ	145,1	355,0	563,9	1204,4	1550,9	10,6
Фарҳанг ва варзиш	76,1	297,0	376,2	736,4	6487,2	85,2

Сарчашма: Финансы и кредит: Структура распределения доходов и расходов государственного бюджета по уровням бюджетной системы за 2000-2015гг. http://www.minfin.tj. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018». –Душанбе, 16.11.2017. -№1469

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи таҳқиқотӣ (солҳои 2000-2018) афзоиши ҳаҷми масрафоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои хизматрасонии иҷтимоии ҷумҳурӣ 20,7% зиёд гардидааст. Албата, чунин афзоиш нигаронию мушкилоти рушди бозори хизматрасониҳои ҷумҳуриро пурра нобуд накардааст, балки танҳо тамоюлҳои мусбиеро аён намудааст, ки онҳо афзоиши талаботи соҳаҳои хизматрасонии иҷтимоиро нисбат ба маблағҳои буҷавӣ собит менамояд. Ҳамзамон, сабаби асосии мавҷуд будани инҳисориятро дар бозори иҷтимоии мамлакат асоснок менамояд, яъне ҳангоме ки давлат 40-53%-и воситаҳои пулии буҷети давлатиро барои рушди хизматҳои иҷтимоӣ сафарбар менамояд, пас имкониятҳои рушди бахши хусусӣ дар ин бозор нисбатан кам мемонанд. Аз ин рӯ, вобаста ба мушкилиҳои ҷойдошта ва, ҳамзамон, барои рушди муътадили бозори

хизматҳои иҷтимоии мамлакат дар мадди аввал такмили механизмҳои инфрасохторӣ ва, инчунин, тақвиятбахшии мавқеи бахши хусусӣ дар бозор ба шумор меравад.

Бояд қайд намуд, ки дар бахши хусусии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар қатори субъектҳои алоҳида муассисаҳои муштарак (бизнес) ва ташкилотҳои ғайридавлатии тиҷоратӣ амал ва фаъолият менамоянд. Маълум мегардад, ки мавҷуд будани тафриқаи байни ҳиссаи бахши давлатӣ бо бахши хусусӣ дар бозор паҳлуҳои мусбӣ ва манфии худро доранд. Масалан, раванди рушди бозори хизматҳои иҷтимоӣ дар давраи 29 соли Истиқлолияти давлатӣ нишон дод, ки бо дарназардошти боқӣ мондани таассуроти низоми ҳифзи иҷтимоии давраи собиқ ИҶШС танҳо давлат метавонад ҳамчун кафили боэътимоди хизматрасони аҳолӣ боқӣ монад. Зеро бахши хусусӣ ё ташкилотҳои ғайридавлатӣ сармоягузории худро ба баъзе хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ, ба хусус пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои маюб, кӯдакони носолим, бепарасторон ва дигарон, манфиатбахш намешурад. Лекин дар доираи татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат бояд хизматрасониҳои иҷтимоиро ба чунин гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун функсияи асосии давлат пешниҳод намояд.

Масъалаҳои эҳтироми манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоию равонии гурӯҳҳои ниёзманди аҳолии кишвар ҳамеша дар сармашқи кори Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошт ва то имрӯз баҳри тақвиятбахшии он тамоми чораҳо андешида шуда истодааст. Чунончи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ чунин қайд намуда буданд: «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти неруи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст» [5,5]. Тафриқаи зиёди ҳиссаи бахши давлатӣ дар бозори хизматҳои иҷтимоии ҷумҳурӣ нисбат ба бахши хусусӣ, инчунин, як қатор паҳлуҳои манфӣ низ дорад, ки бо чунин тартиб нишон додан мумкин аст:

- мавҷуд набудани ҳавасмандии касбии мутахассисони соҳаи хизматҳои иҷтимоӣ бо сабаби паст будани музди меҳнат;
- номукаммалии низоми баландбардории сатҳу сифати хизматҳо вобаста ба афзоиши талаботи ҳамасолаи аҳолӣ ва рушди бемайлонаи технологияҳои иттилоотӣ;
- сатҳи баланди мукотибот ва дараҷаи пасти самаранокии пешниҳоди хизматрасониҳо ва дастрасии хизматрасониҳо ба ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ.

Набояд фаромӯш намуд, ки бахши хусусӣ низ дар рушди бозори хизматҳои иҷтимоии ҷумҳурӣ афзалиятҳои худро доро мебошад. Аз ҷумла, Раҷабов Р.К. дар таҳқиқотҳои худ исбот намудааст, ки ташаккули муассисаву ташкилоти хусусӣ нисбат ба ташкилотҳои бахши давлатӣ самараноктар аст: «Муассисаву ташкилотҳои давлатӣ ба натиҷаҳои молиявӣ ва гирифтани даромади зиёди пулӣ он қадар ҳавасманд нестанд, ба тағйирёбии сатҳи талабот зуд аҳамият намедиҳанд ва тадбиқи инноватсияҳоро дар бисёр мавридҳо ба таъхир мегузоранд» [6,с.85].

Муассисаю ташкилотҳои бахши хусусӣ тағйирот ва дигаргуншавиҳои бозорро нисбат ба бахши давлатӣ пештар фаҳмида, вокуниш нишон дода, аксуламали саривақтиро чораҷӯи менамоянд. Инчунин, коркард ва таҳияи шаклҳои инноватсионии пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоиро роҳандозӣ намуда, ҷиҳати тақвиятбахшии бизнеси худ ба масъалаҳои таҷдиди технологӣ диққати бештар медиҳанд. Ҳамин тавр, аз маълумотҳои дар боло матраҳ гардида, ба хулосае омадан мумкин аст, ки имрӯзҳо дар Тоҷикистон барои рушди муътадили ташкилоту муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ дар ҳошияи тақвиятбахшии бозори хизматҳои иҷтимоӣ, чи дар бахши давлатӣ ва чи дар бахши хусусӣ тамоми шароит муҳаё карда шудааст. Пӯшида нест, ки дар бозори хизматҳои иҷтимоӣ, ташкилоту муассисаҳои муштарак (хориҷӣ), ватании ғайридавлатӣ рӯз то рӯз афзоиш ёфта истодааст. Чуноне ки аз таҳлилҳо бар меояд, фарқи зиёди бахши давлатӣ нисбат ба бахши хусусӣ маълум гардид, чунин вазъият ҳам паҳлуҳои мусбӣ ва ҳам манфии худро дорад. Ғайр аз ин, дар бозори хизматҳои иҷтимоӣ рақобати пешниҳоди хизматҳо дар байни иштирокчиён шадид гардида, сол то сол баландшавии сатҳу сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ мушоҳида гардида истодааст.

Қайд намудан бамаврид аст, ки тафриқаи ҳиссаи зиёди бахши давлатӣ ҳарчанд дар умум зиёда аз 50% бартарият нисбати бахши хусусӣ нишон дода шуда бошад ҳам, аммо ин нишондиҳандаҳо дар байни соҳаҳои хизматрасонии ҳаётан муҳимми соҳаи иҷтимоии мамлакат, яъне хизматрасониҳои соҳаи маориф, тандурустӣ ва фарҳангу варзиш ба таври дигар тасвир ёфтаанд. Масалан, хусусиятҳои инҳисорияти бозор дар пешниҳоди хизматрасониҳои тиббӣ дида мешавад, чунки ҷиҳати ҳамасола устувор намудани мавқеи худ дар бозори дохилаю беруна соҳаи мазкур, субъекти боэътимод монанди давлат зарур

аст. Дар баъзе намуди хизматрасониҳои иҷтимоии соҳаи маориф бахши хусусӣ метавонанд афзалтар бошад. Чунки дар ин бозор Ҳукумати ҷумҳурӣ тавозуни иштироки бахши давлат ва бахши хусусиро таҳия намуда, таввассути қонунҳо ва як қатор санадҳои меъёрӣ фаъолияти онҳоро мунтазам танзим менамояд. Барои бахши хусусӣ итихоби хизматрасониҳои бахши фарҳангӣ нисбатан қулайтар мебошад. Зеро вобаста ба рушди бемайлонаи технологияҳои муосир, пешниҳоди ҳаргуна хизматрасониҳои бахши варзишию фарҳангӣ метавонад як бора даромади бештар биёрад. Гузашта аз ин, такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ низ маҳз ба ҳамин гуна хизматрасониҳо бештар ба бахши хусусӣ мусоид мебошад. Барои бартараф намудани мушкилиҳо ва таъмини дурнамоии рушди бозори хизматҳои иҷтимоии ҷумҳурӣ, аз тарафи мақомотҳои давлатӣ ва маҳаллӣ амалигардонии чунин амал ва ҳадафҳо зарурияти хоса доранд:

- таҷдиди ниҳодҳои ҳифзи рақобат ва низоми муносибатҳои созишномавӣ. Таҳияи назорати зиддиинҳисорӣ, таъмини имкониятҳои баробар барои ташкилоту муассисаҳое, ки ба пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ машғуланд;
- таҳияи нишондиҳандаю муайянкунандаи ягонаи самаранокии хизматрасонии пешниҳод гардида, барои заминагузории рушди устувори бозори хизматҳои иҷтимоӣ дар дурномаи наздик ва дур;
- дастгирии иттиолотию иртиботӣ, масалан пешниҳоди имтиёзҳо барои пахши реклама дар ВАО, рӯзномаю маҷалла ва ғ.;
- пешниҳоди имтиёзҳо барои ҳаққи пардохти иҷорапулӣ барои муассиса ва ташкилотҳои нави ватанӣ, ки барои тақвиятбахшии бозор фаъолияти худро оғоз менамоянд;
- ихтисор намудани амалҳои назоратию тафтишотӣ ва бартараф намудани монеаҳои бақайгирии фаъолияти соҳибкорӣ, ки онҳо ҳамчун объекти инфрасохтори асосӣ ва муҳимми бозори хизматҳои иҷтимоии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тавр, барои таъмини самаранокии унсурҳо ва татбиқи механизмҳои муваффақи бозори хизматҳои иҷтимоӣ ба таври системавӣ ҷудо ва таъйин намудани хизматҳои соҳаи иҷтимоӣ барои бахши давлатӣ мувофиқи мақсад мебошад. Зеро маҳз таввассути чунин амалҳои илман асоснок кардашуда мумкин аст, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ баъзе мушкилиҳои аҳамияти молиявидоштаи бозори хизматҳои иҷтимоиро аз дӯши худ сабук намуда, ҳамзамон барои фаъолияти боэътимоди бахши хусусӣ имкониятҳо фароҳам пешниҳод намояд.

АДАБИЁТ

1. Авилов, И.А. Практические аспекты государственно-частного партнерства в развитии инфраструктуры рынка социальных услуг / И.А. Авилов // Журнал правовых и экономических исследований. - 2014. -№2. - 0,5 п.л.
2. Авилов, И.А. Приоритетные направления развития потенциала негосударственных некоммерческих организаций на рынке социальных услуг / И.А. Авилов // Журнал правовых и экономических исследований.- 2014. -№4. - 0,5 п.л.
3. Воронкова В.Г. Маркетинг социальных услуг / В.Г. Воронкова. -Тамбов: Изд-во ФГБОУ ВПО «ТГТУ», 2011. – С.92.
4. Скок Н.И. Формирование современного рынка социальных услуг. Монография / Н.И. Скок, Т.Е. Ухабина. – Тюмень: ТюмГНГУ, 2009. -С18-34.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.26.12.2018. –Душанбе: Кишвар, 2016. –С.5.
6. Раджабов Р.К. Развитие социальной инфраструктуры предприятий сферы услуг в регионах в условиях рынка / Р.К. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2018. -№6. -ч.1. -С.85-86.

ВАЗЪИ БОЗОРИ ХИЗМАТҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИТСОН: МУШКИЛОТ ВА АФЗАЛИЯТҲОИ РУШД

Дар мақолаи мазкур мушкилоти асосии ташаккул ва дурнамои рушди бозори хизматрасонии иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шароити рақобатпазирии бозор баррасӣ шудааст. Бозори хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун категорияи илмӣ ва иқтисодӣ асоснок карда шудааст. Вазъи бозори хизматрасонии иҷтимоӣ тавсиф дода шудааст. Муайян карда шудааст, ки дар бозори хизматҳои иҷтимоӣ бахши давлатӣ нисбат ба бахши хусусӣ бартарияти зиёд дорад. Шарҳ дода шудааст, ки ҳиссаи зиёди бахши давлатӣ нисбат ба бахши хусусӣ дар бозор на дар ҳамаи соҳаҳои иҷтимоӣ бартарият доранд, балки ишора карда шудааст, ки рушди хизматрасонҳои соҳаи фарҳанг ва варзиш таввассути фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ бартарияти бештар дорад. Таҳияи як чанд чораҳо аз тарафи мақомотҳои давлатӣ барои таъмини муътадилияти рушди бозори хизматҳои иҷтимоии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: бозор, хизматҳои иҷтимоӣ, рақобат, механизм, таклифот, истеъмолкунанда, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, бахши давлатӣ, бахши хусусӣ, соҳаи иҷтимоӣ, аҳолӣ.

СОСТОЯНИЕ РЫНКА СОЦИАЛЬНЫХ УСЛУГ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ

В статье рассмотрены основные проблемы формирования и перспективы развития рынка социальных услуг Республики Таджикистан, в условиях ужесточения рыночной конкуренции. Обоснован феномен рынка социальных услуг как научная и экономическая категория. Характеризовано современное состояние представления

социальных услуг. Определено, что на рынке социальных услуг Республики Таджикистан важное место занимает государственный сектор, а частный сектор находится на стадии восстановления. Анализировано состояние развития социально-значимых услуг. Обосновывается, что доля государства не на всех направлениях имеет преимущество, нежели у частного сектора, которое акцентируется на развитии частного сектора в сфере культуры и спорта, на основе активизации механизма государственно-частного партнерства. Предложена разработка ряда мер со стороны местных и государственных органов власти для сбалансированного развития рынка социальных услуг Таджикистана.

Ключевые слова: рынок, социальные услуги, конкуренция, механизм, спрос, потребитель, образование, здравоохранение, культура, государственный сектор, частный сектор, социальная сфера, население.

THE STATE OF THE SOCIAL SERVICES MARKET IN TAJIKISTAN: PROBLEMS AND DEVELOPMENT PROSPECTS

The article discusses the main problems of formation and prospects for the development of the social services market of the Republic of Tajikistan, in the context of tougher market competition. The phenomenon of the social services market as a scientific and economic category is substantiated. Characterized by the current state of the presentation of social services. It was determined that the public sector plays an important role in the social services market of the Republic of Tajikistan, and the private sector is in the process of recovery. Analyzed the state of development of socially significant services. It is substantiated that the share of the state does not have advantages in all areas than the private sector, which focuses on the development of the private sector in the sphere of culture and sports, on the basis of the activation of the mechanism of public-private partnership. A number of measures have been proposed by local and state authorities for the balanced development of the social services market in Tajikistan.

Key words: market, social services, competition, mechanism, demand, consumer, education, health, culture, public sector, private sector, social sphere, population.

Сведения об авторе: ***Ахмадов Рахимджон Раджабович*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры государственного и местного управления. **Адрес:** 704025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **919-20-20-66**. E-mail: **0609.ry@mail.ru**

Information about the author: ***Akhmadov Rakhimdzhon Rajabovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer, Department of State and Local Governmen. **Address:** 704025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **919-20-20-66.** E-mail: **0609.ry@mail.ru**

УДК 657.5(575.3)

АСОСҲОИ ТАШКИЛИИ ФАЪОЛИЯТИ АУДИТОРӢ: ОМОДАГӢ БА САНҶИШИ АУДИТОРӢ

Тоҳирова Р.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мактуб-уҳдадорӣ оид ба розигӣ барои гузаронидани аудит. Корҳои омодагӣ барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ аз тартибдиҳии мактуб оид ба гузаронидани аудит ва бастани шартнома бо фармоишгари санҷиши аудиторӣ шурӯъ мешаванд. Мактуб оид ба гузаронидани аудит дар асоси СБА 210 “Шартҳои санҷиши аудиторӣ” (Terms of Audit Engagements) ва СМА ФА 3/2002 “Мактуб-уҳдадории ташкилоти аудиторӣ оид ба розигӣ барои гузаронидани аудит” тартиб дода мешавад. Ин мактуб дар паёмади муроҷиати расмии субъекти хоҷагидорӣ ба аудитор (ташкилоти аудиторӣ) бо дархост барои гузаронидани аудит ва (ё) хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаи аудит тартиб дода мешавад.

Мактуб-уҳдадорӣ оид ба гузаронидани аудит ба роҳбари (мақоми роҳбарикунандаи) субъекти хоҷагидорӣ (шахси санҷидашаванда) то бастани шартнома барои гузаронидани аудит фиристода мешавад. Ба ин хотир, субъекти хоҷагидорӣ бояд розигии худро ба шартҳои дар мактуби худ пешбининамудаи аудитор ба таври хаттӣ тасдиқ намояд. Агар аудитор розигии субъекти санҷидашавандаро гирад, шартҳои дар мактуб-уҳдадорӣ пешбинишуда дар тамоми муддати амали шартнома оид ба гузаронидани санҷиши аудиторӣ эътибори худро нигоҳ медоранд. Агар мақсад ва миқёси аудит тибқи шартномаи дарозмуҳлати байни аудитор ва субъекти хоҷагидорӣ муайян шуда бошанд, мактуб-уҳдадорӣ метавонад тартиб дода нашавад ва ё муҳтавои он барои субъекти хоҷагидорӣ ахбори иловагиро ифода намояд. Мактуб-уҳдадории ба субъекти хоҷагидорӣ фиристодаи аудитор розигии вайро оид ба гузаронидани санҷиши аудиторӣ ё қабули пешниҳодро оид ба таъйин намудани он ба сифати аудитори расмии ҳамин субъекти хоҷагидорӣ ба таври ҳуҷҷатӣ тасдиқ менамояд.Мақсади мактуб-уҳдадорӣ батанзимдарории уҳдадориҳои субъекти хоҷагидорӣ ва ташкилоти аудиторӣ ё аудитори инфиродӣ дар марҳилаи бастани шартнома оид ба гузаронидани санҷиши аудиторӣ мебошад.

Нишондодҳои СБА 210 метавонанд дар мавриди бақоории супоришҳои махсуси аудиторӣ ва хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаи аудит низ истифода шаванд. Барои хизматрасониҳои ҳамроҳикунандаи аудит тартиб додани мактуби алоҳида оид ба чунин хизматрасониҳо сабабдорад.Ҳарчанд мақсад ва миқёси аудит, инчунин, уҳдадориҳои аудитор бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ба аудитор тавсия

дода мешавад, ки ин нишондодҳоро дар шартнома ё мактуб-уҳдадорӣ оид ба гузаронидани аудит зикр намояд.

Шакл ва муҳтавои мактуб-уҳдадории аудитор бо зарурати ба вай воридкунии як қатор нишондодҳои ҳатмӣ ва маълумоти иловагӣ тибқи хусусиятҳои санҷиши аудитории пешбинишуда ва талаботи субъекти хоҷагидорӣ доир ба хизматрасониҳои иловагии аудиторӣ муайян карда мешаванд.

Аудитор бо салоҳдиди худ ё мутобиқи хоҳиши субъекти хоҷагидорӣ метавонад ба таври иловагӣ ин ҷиҳатҳоро ба матни мактуб-уҳдадорӣ зам намояд:

- ✓ маълумоти умумӣ оид ба хизматрасониҳои иҷромекарда, тахассуси кормандон, мизоҷҳои нисбатан бузурги ташкилоти аудиторӣ, аъзогии он дар ташкилот ва иттиҳодияҳои аудитории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ;
- ✓ нақшаи тақвимии намунавии гузаронидани аудит ва ҳайати гурӯҳи аудитории ба субъекти хоҷагидорӣ сафарбаршуда;
- ✓ тавсифи умумии усулҳои истифодашавандаи гузаронидани аудит;
- ✓ шартҳои пардохти ҳаққи аудит;
- ✓ пешниҳодҳо оид ба истифодабарии хизматҳои аудиторҳои дигар (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) ва коршиносони мустақил дар он ҷиҳатҳои фаъолияти корхонаи санҷидашаванда, ки аудитор ва субъекти хоҷагидорӣ зарур мешуморанд;
- ✓ розигии субъекти хоҷагидорӣ барои истифодабарии натиҷаҳои санҷиши аудитории гузаронидаи аудитори пешин (агар бошад);
- ✓ тавсифи маҳдудиятҳои муҳимтарини масъулияти аудитор;
- ✓ тавсияҳо оид ба истифодабарии хулосаи аудиторӣ мувофиқи таъйинот;
- ✓ пешниҳодҳо оид ба рушди минбаъдаи муносибатҳои шартномавии байни аудитор ва субъекти хоҷагидорӣ.

СБА 210 талаб менамояд, ки аудитор шартҳои гузаронидани аудитро бо шахси санҷидашаванда бояд мувофиқа намояд. Агар роҳбарияти шахси санҷидашаванда аз аудитор барои дигар кардани шартҳои аудит хоҳиш намояд ва ин дигаркуниҳо ба дараҷаи нисбатан пасттари боварӣ ба саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ аз боварии барои изҳори назар дар хулосаи аудиторӣ лозимӣ оваранд ва аудитор бояд вазъиятро ҳаматарафа таҳлил карда, амалҳои муайянро анҷом диҳад.

Ҳангоми гузаронидани аудити такрорӣ аудитор фақат дар чунин мавридҳо ба субъекти хоҷагидорӣ мактуб-уҳдадорӣ мефиристонад:

- ✓ мавҷудияти далелҳои аз ҷониби субъекти хоҷагидорӣ нодуруст дарк кардани мақсад ва миқёси аудит, масъулияти аудитор ва субъекти хоҷагидорӣ;
- ✓ тағйирёбии шароитҳои гузаронидани санҷиши мақоми иҷроияи субъекти хоҷагидорӣ;
- ✓ дигаргуниҳо дар ҳайати роҳбарияти субъекти хоҷагидорӣ;
- ✓ тағйирёбиҳои муҳимми соҳа ва миқёси фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ;
- ✓ тағйирёбиҳои қонунгузорӣ, ки ба нишондодҳои дар мактуб-уҳдадорӣ зикргардида таъсир мерасонанд;
- ✓ тағйирёбии муҳимми дигар нишондодҳои мактуб-уҳдадорӣ.

Агар аудитор қарор диҳад, ки барои фиристодани мактуб-уҳдадории нав зарурат нест, вай метавонад ба субъекти хоҷагидорӣ муҳтавои мактуб-уҳдадории пешинро фиристонад.

Тибқи низомномаҳо ва меъёрҳои амалкунандаи аудит тавозуни муҳосибӣ, ҳисобот оид ба фоида ё зарарҳо, тавзеҳот бар ҳисоботи молиявӣ, феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳуҷҷатҳои аввалии алоҳида дар давраи (гузаронидани аудит) ба санҷиш фаро гирифта мешаванд. Аудит аз ҷониби мо мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии танзимкунандаи фаъолияти аудиторӣ ва тартиби омодакунии ҳисоботи молиявӣ нишон дода мешаванд) гузаронида мешавад.

Мақсади аудит изҳор кардани назар оид ба саҳеҳии ҳисоботи молиявӣ (номи субъекти хоҷагидорӣ) дар (соли мазкур ё дигар давраи ҳисоботӣ) бо тамоми ҷиҳатҳои муҳиммаш мебошад. Инчунин, дар рафти аудит, фаъолият (номгӯйи филиалҳо, воҳидҳои сохторӣ ва корхонаҳои фаръии субъекти хоҷагидорӣ, ки ба аудит гирифтор мешаванд, оварда мешавад) санҷида мешавад.

Доштани маълумот дар бораи фаъолияти шахси санҷидашаванда

Ба хотири паст намудани хавфи соҳибкорӣ аудиторҳо (ташкилотҳои аудиторӣ) бояд маҳакҳои боэътимоди баҳодиҳии мизоҷони имконии худро дошта бошанд. Аудитор дар бораи мизоҷи имконии худ ахбори воқеиро ҷамъоварӣ мекунад. Манбаъҳои чунин ахбор инҳоанд: воситаҳои ахбори умум (рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, радио, телевизор, интернет ва ғайра), бонкҳо, ширкатҳои суғурта, шарикони корӣ мизоҷи имконӣ ва дигар манбаъҳо.

СБА 315 “Фаҳмиши субъекту муҳити он ва баҳодиҳии хавфҳои муҳимми таҳриф” (Understanding the Entity and Its Environment and Assessing the Risks of Material

Misstatement) талаб менамояд, ки аудитор оид ба фаъолияти шахси санҷидашаванда ба андозае маълумот дошта бошад, ки барои ошкоркунӣ ва дарккунии рӯйдодҳо, амалиёти молиявӣ-хоҷагидорӣ ва усулҳои кор, ки тибқи назари касбии аудитор ба ҳисоботи молиявӣ, равиши аудит ё ба хулосаи аудиторӣ таъсир мерасонанд, басанда бошад. Чунин ахборро аудитор дар мавриди баҳодиҳии хавфи ногузир ва хавфи воситаҳои назорати дохилӣ, инчунин ҳангоми муайянкунии хосият, ҳудудҳои вақтӣ ва ҳаҷми амалҳои аудиторӣ истифода мебарад.

Сатҳи донишҳои аудитор, ки барои бачоории супориши аудиторӣ зарур аст, ахборро дар бораи умуман иқтисодиёт ва соҳаи фаъолияти шахси санҷидашаванда, инчунин, маълумоти нисбатан мушаххасро оид ба тарзи амалкунии шахси санҷидашаванда дар бар мегирад.Аудитор то бастани шартнома барои гузаронидани аудит бояд маълумоти пешакиро дар бораи соҳаи фаъолият ва сохтори моликият, роҳбарият ва кори шахси санҷидашаванда гирифта, муайян кунад ки оё ӯ барои гузаронидани аудит ҳаҷми зарурии ахборро оид ба фаъолияти шахси санҷидашаванда ба даст оварда метавонад ё не.

Дар раванди қабули қарор оид ба оғози кор бо субъекти хоҷагидории нав аудиторро лозим аст, ки ҷиҳатҳои зеринро равшан намояд:

- хосияти муносибатҳо бо мақомоти андоз, бонкҳо, ширкатҳои суғурта, саҳомон ва дигар истифодабарандагони ҳисоботи молиявии мизоҷ;
- сабабҳое, ки субъекти хоҷагидориро водор намудаанд, то ба хизматрасониҳои аудитор (ташкилоти аудиторӣ) мурочиат намояд (хоса дар мавриди аудити ташаббусӣ);
- сабабҳое, ки мизоҷи имкониро водор намудаанд, то аудитор (ташкилоти аудиторӣ)-ро дигар кунад (агар ин амал содир шуда бошад);
- ҳаҷм ва хосиятҳои вайронкуниҳои тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, қонунгузории хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, камбудиҳои ташкили низоми назорати дохилӣ, ки дар натиҷаи санҷишҳои аудитории пешин ва санҷишҳои мақомоти андоз ошкор шудаанд. Агар субъекти хоҷагидорӣ пештар ба санҷиши аудиторӣ гирифтор шуда бошад, вай бояд нусхаҳои ахбори хаттии аудитори пешинро аз натиҷаҳои аудит барои на кам аз се соли пеш аз санҷиши банақшагирифташуда ба аудитори нав пешниҳод намояд;
- намудҳои фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ ва мавҷудияти иҷозатномаҳо барои пешбурди онҳо, агар барои кадоме аз онҳо гирифтани иҷозатнома лозим бошад. Дар ин маврид аудитор мебояд мувофиқи рӯйхати намудҳои фаъолияти тақозокунандаи иҷозатнома, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” муқаррар намудааст, амал намояд;
- мавҷудияти ҳама ҳуҷҷатҳои барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ зарурбуда - ҳуҷҷатҳои аввалӣ, феҳристҳои баҳисобгирии муҳосибии таркибӣ ва таҳлилӣ, ҳисоботи молиявӣ барои ҳама филиалҳо, воҳидҳои сохторӣ ва ҳама намудҳои фаъолияти мизоҷ;
- ахбор оид ба ивазшавии роҳбарият, сармуҳосиб ва дигар кормандони масъули субъекти хоҷагидорӣ дар давраи ба аудити банақшагирифташуда фарогирифташаванда, агар ин амалҳо содир шуда бошанд;
- ахбор оид ба мавҷудияти нақшаҳои дар ояндаи наздик ба қадри назаррас ихтисоркунии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо), изҳор кардани муфлисшавӣ, барҳамдиҳии корхона.

Агар натиҷаҳои корҳои анҷомдодашуда нишон диҳанд, ки дар мавриди кор бо субъекти хоҷагидории мазкур хавфи соҳибкории аудитор ниҳоят баланд ва гузаронидани санҷиш ниҳоят меҳнатталаб аст, аудитор метавонад аз гузаронидани чунин аудит худдорӣ намояд. Пас аз бастани шартнома аудитор бояд ҳаҷм ва дараҷаи муфассалии ахбори оид ба фаъолияти шахси санҷидашаванда доштаашро васеъ намояд. Аз ин рӯ, дар рафти аудит ахбори пештар гирифташуда баҳо дода мешавад, нав карда мешавад ва илова карда мешавад. Донишҳо дар бораи фаъолияти шахси санҷидашаванда аз ҳисоби беист ҷамъоварӣ ва баҳодиҳӣ кардани ахбор ва муносибат додани он бо шаҳодатҳои аудиторӣ ва маълумоти дар ҳама давраҳои аудит гирифташуда ба даст оварда мешаванд.

Ҳангоми дар давоми якчанд солҳо такрор шудани санҷишҳои аудитории ҳамин шахси санҷидашаванда аудитор ҳар маротиба ахбори пештар доштаашро, бо шумули маълумот аз ҳуҷҷатҳои кории худ дар солҳои пешин нав карда, аз нав баҳодиҳӣ мекунад. Аудитор бояд тағйироти муҳимми пас аз гузаронидани санҷиши аудитории пеш бамиёномадаро низ ошкор намояд.

Аудитор дар рафти гузаронидани аудит маълумотро дар бораи фаъолияти шахси санҷидашаванда аз чунин манбаъҳо гирифта метавонад:

- таҷрибаи пешини кор бо ҳамин шахси санҷидашаванда ва соҳаи фаъолияти вай;
- суҳбатҳо бо кормандони шахси санҷидашаванда;

• суҳбатҳо бо аудиторҳои дохилӣ ва омӯзиши ҳуҷҷатҳои ҳисоботии аудиторҳои дохилӣ;

• суҳбатҳо бо дигар аудиторҳо, ҳукуқшиносҳо ва мушовироне, ки ба ҳамин шахси санҷидашаванда ё дар ҳамин соҳаи фаъолият хизматрасонӣ кардаанд;

• суҳбатҳо бо мутахассисони ба ҳамин шахси санҷидашаванда тааллуқнадошта (масалан, иқтисодчиёни соҳа, намояндагони мақомоти давлатии танзимкунандаи соҳа, фармоишгарон, таъминкунандагон ва рақибони шахси санҷидашаванда);

• интишороти ба ҳамин соҳаи фаъолият тааллуқдошта (масалан, маълумоти омори давлатӣ, маводи ҷамъбасткунанда, маҷаллаҳои касбӣ, ҳисоботҳои омоданамудаи бонкҳо ва иштирокдорони бозори қоғазҳои қиматнок, рӯзнома ва маҷаллаҳои молиявӣ);

• санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти шахси санҷидашаванда;

• ташриф овардан ба биноҳои маъмурӣ ва иморатҳои истеҳсолии шахси санҷидашаванда;

• ҳуҷҷатҳои бевосита омоданамудаи шахси санҷидашаванда (масалан, суратҷаласаҳо, маводҳои ба саҳомон паҳнкардашаванда ё ба мақомоти танзимкунанда фиристодашуда, маводи таблиғӣ, ҳисоботи молиявии солҳои пешин, сметаҳо, ҳисоботҳои дохилии роҳбарият, ҳисоботҳои мобайнӣ, низомномаҳо оид ба сиёсати идоракунӣ, нишондодҳо оид ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилӣ, нақшаи кории ҳисобҳои муҳосибӣ, дастурамалҳои мансабӣ, нақшаҳои маркетинг ва фурӯш).

Донистани фаъолияти шахси санҷидашаванда асос барои изҳоркунии назари касбии аудитор ба ҳисоб меравад. Аудитор бояд кӯшиш намояд, ки кормандони санҷиши аудитириро гузаронанда ва ҳаҷми басандаи ахбор оид ба фаъолияти шахси санҷидашавандаро ба даст орад, то санҷиши аудиторӣ ба таври муносиб анҷом дода шавад. Ғайр аз ин, онҳо дар мавриди зарурат бояд ахбори иловагиро дархост намуда, онро ба дигар аъзоёни гурӯҳи аудиторҳо низ дастрас намоянд.

Ҳамин тавр, ба хотири босамарона истифода бурдани ахбор дар бораи фаъолияти шахси санҷидашаванда аудитор бояд таҳлил кунад, ки чӣ гуна хосияти фаъолияти мазкур ба ҳисоботи молиявӣ умуман таъсир мерасонад ва оё шартҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ ба донишҳои аудитор доир ба ин фаъолият мувофиқ ҳастанд.

АДАБИЁТ

1. Шеремет А.Д. Аудит: Учебник / А.Д. Шеремет, В.П. Суйц. -М.: ИНФРА-М, 2002. -240 с.
2. Суйц В.П. Аудит: общий, банковский, страховой: Учебник для вузов / В.П. Суйц, А.Н. Ахметбеков, Т.А. Дубровина. -М.: ИНФРА-М, 2000. - 556 с.
3. Демакова, Е.А. Бухгалтерский учет, анализ и аудит: сборник заданий Всероссийской студенческой олимпиады / Е.А. Демакова. -М.: КноРус, 2012. - 176 с.
4. Дмитриева, И.М. Бухгалтерский учет и аудит: Учебное пособие для бакалавров / И.М. Дмитриева. -М.: Юрайт, 2013. - 306 с.
5. Дмитриева, И.М. Бухгалтерский учет и аудит: Учебник и практикум для СПО / И.М. Дмитриева. -Люберцы: Юрайт, 2016. - 323 с.

АСОСҲОИ ТАШКИЛИИ ФАЪОЛИЯТИ АУДИТОРӢ: ОМОДАГӢ БА САНҶИШИ АУДИТОРӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф асосҳои ташкилии фаъолияти аудиторӣ ва тайёрӣ ба санҷиши аудитириро мавриди баррасӣ қарор додааст. Корҳои омодагӣ барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ аз тартибдиҳии мактуб оид ба гузаронидани аудит ва бастани шартнома бо фармоишгари санҷиши аудиторӣ шурӯъ мешаванд. Барои дарки дурусти шароитҳои гузаронидани санҷиши аудиторӣ ташкилоти аудиторӣ мактуби ризоятиро пешниҳод месозад. Мактуб-уҳдадории ташкилоти аудиторӣ оид ба розигӣ барои гузаронидани аудит" тартиб дода мешавад. Агар мақсад ва миқёси аудит тибқи шартномаи дарозмуҳлати байни аудитор ва субъекти хоҷагидорӣ муайян шуда бошанд, мактуб-уҳдадорӣ метавонад тартиб дода нашавад ва ё муҳтавои он барои субъекти хоҷагидорӣ ахбори иловагиро ифода намояд. Мактуб-уҳдадории ба субъекти хоҷагидорӣ фиристодаи аудитор розигии вайро оид ба гузаронидани санҷиши аудиторӣ ё қабули пешниҳодро оид ба таъйин намудани он ба сифати аудитори расмии ҳамин субъекти хоҷагидорӣ ба таври ҳуҷҷатӣ тасдиқ менамояд. Мақсади мактуб-уҳдадорӣ батанзимдарории уҳдадориҳои субъекти хоҷагидорӣ ва ташкилоти аудиторӣ ё аудитори инфиродӣ дар марҳилаи бастани шартнома оид ба гузаронидани санҷиши аудиторӣ мебошад.

Калидвожаҳо: мактуб дар бораи гузаронидани аудит, гузаронидани аудит, мақсади аудити ҳисоботи молиявӣ (бухгалтерӣ), ҳаҷми аудит, хулосаи аудиторӣ, нархи гузаронидани аудит.

ОРГАНИЗАЦИОННЫЕ ОСНОВЫ АУДИТОРСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ: ПОДГОТОВКА К АУДИТОРСКОЙ ПРОВЕРКЕ

В данной статье автор рассматривает организационные основы аудиторской деятельности и подготовку к аудиторской проверке. Для правильного понимания условий проведения аудиторской проверки аудиторская организация составляет письмо-согласие. Письмо-согласие направляется исполнительному органу экономического субъекта до заключения договора на проведение аудита во избежание неправильного понимания им условий предстоящего договора. Экономический субъект должен письменно подтвердить согласие на условия аудита, предложенные аудиторской организацией. Если подтверждение получено, то условия письма остаются в силе в течение действия соглашения о проведении аудиторской проверки. Если цель и масштаб аудита определены между сторонами в долгосрочном договоре, письмо-согласие может не составляться, либо его содержание должно представлять дополнительную информацию для экономического субъекта. Письмо-согласие аудиторской

организации, направленное экономическому субъекту, документально подтверждает согласие на проведение аудита или принятие предложения, назначение ее официальным аудитором этого экономического субъекта. Форма и содержание писем о проведении аудита для различных аудируемых лиц могут иметь особенности.

Ключевые слова: письмо о проведении аудита, проведение аудита, цель аудита финансовой (бухгалтерской) отчетности, объем аудита, аудиторское заключение, цена проведения аудита.

ORGANIZATIONAL BASES OF AUDIT ACTIVITY: PREPARATION FOR AUDIT AUDIT

In this article, the author considers the organizational basis of audit activity and preparation for audit. To correctly understand the conditions for the audit, the audit organization draws up a letter of consent. The consent letter is sent to the executive body of the economic entity before the conclusion of the audit contract in order to avoid a misunderstanding of the terms of the forthcoming contract. The economic entity must confirm in writing the consent to the audit conditions proposed by the audit organization. If confirmation is received, then the terms of the letter remain in effect for the duration of the agreement on the audit. If the purpose and scope of the audit is defined between the parties in a long-term contract, the letter of consent may not be drawn up, or its content should provide additional information for the economic entity. The letter of consent of the audit organization, sent to the economic entity, documents the consent to audit or accept the proposal, its appointment as the official auditor of this economic entity. The form and content of letters of audit for different audited entities may have features.

Key words: audit letter, audit, the purpose of the audit of financial (accounting) statements, audit scope, audit report, audit price.

Сведения об авторе: ***Тохирова Раджабмох Сафаровна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес:** 734025, РеспубликаТаджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

Information about the author: ***Tokhirova Rajabmoh Safarovna*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Ph: **935-32-08-36**

УДК 36.1/5

ИСТИФОДАИ АФЗАЛИЯТҲОИ ИННОВАТСИЯ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ

Бахриддини Пиримзод
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рушди фаъолияти инноватсия дар шароити кунунӣ яке аз омилҳои муҳимми инкишофи соҳаҳои иқтисодиёт мебошад. Дар зери таъсири фаъолияти инноватсионӣ базаи техникии истеҳсолот ва истеъмолот босуръатона дигаргун мегардад, маҳсулоти истеҳсолгардида такмил меёбад, навъҳои он пурратар мегардад, ҷараёни омӯзиш ва коркарди навъҳои нави маҳсулот тезонида мешавад, таъсири он ба тақозои бозорӣ ба ҷанбаҳои ташкилӣ идоракунии ракобатпазирӣ назаррас мегардад.

Дар замони муосир омили асосии рушди давлат ва субъектҳои гуногуни иқтисодӣ ин инкишофи илмӣ-техникӣ ва рушди инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Бисёре аз кишварҳои олам барои устуворнамоии иқтидорҳои илмӣ-техникӣ, афзоиш додани сармоягузориро дар соҳаи технологияҳои илмӣ асос ва иштирок дар мубодилаи байналмилалии технологӣ, тезонидани рушди суръати илмӣ-техникӣ кӯшиш менамоянд. Аввалин шахсе, ки кӯшиши бартараф намудани хусусияти омори низоми иқтисодиро намудааст, иқтисодчии австриягӣ Й. Шумпетер мебошад [7,с.128]. Дар кори худ “Назарияи тараққиёти иқтисодӣ” (соли 1912), ки дар соли 1930 ба забони англисӣ тарҷума шуда буд, ӯ ба таври принсипиалӣ кансепсияи нави тағйирёбии иқтисодиро ба вуҷуд овард, ки андешаи асосии он қарор дар бораи “инноватсия” – навҷорисозӣ, навоварӣ ва соҳибкор навовар мебошад.

Асосан дар назарияи Й. Шумпетер [7,с.128] мавқеи асосиро доир ба инноватсия (навҷорисозӣ), ба вуҷуд омадани молу хизматҳои нав дар бозор, кушодашавии бозорҳои нав, тағйирот ва навоварӣ дар истеҳсолот дидан мумкин аст. Ба андешаи ӯ барои он ки иқтисодиёт аз ҳолати мувозинат барояд, истеҳсолкунандаро зарурият пеш меояд, ки ягон тағйироти нав ва ё дигаргуниро дар истеҳсолот ҷорӣ созад.

Тағйирдодани сохтори соҳавӣ, ки ба ташкил ва ё нобудшавии монополия оварда мерасонад; истеҳсоли неъматҳои нав; ҷорӣ намудани усулҳои нави истеҳсолот ё истифодаи неъматҳои вуҷуддошта; аз худ намудани бозори нави таъминот ва сарчашмаҳои нави ашёи хом [9,с.184] баҳисоб меравад. Гузариш ба рушди устувори инноватсионӣ ин раванди мушкил, вале тақозои замон аст ва набояд фаромӯш сохт, ки ин роҳи нисбатан қулайтари расидан ба мақсадҳои ниҳоӣ аст. Тоҷикистонро зарур аст, ки барои дар сатҳи зарурӣ доду гирифт намудан дар муносибатҳои байналхалқӣ, амалан бояд кӯшиш намояд, ки маҳсулотҳои дар бозори ҷаҳонӣ пешниҳод намудааш рақобатпазир бошанд. Инро танҳо бо роҳи гузаштан ба рушди инноватисонӣ метавон ба даст овард. Мувофиқи ақидаҳои олимони Ғарб субъетҳои иқтисодӣ бо роҳҳои гуногун метавонанд фоидаи худро зиёд намуда, дар бозор рақобатпазир гарданд. Аслан ду роҳи асосии таъсиррасонӣ ба ҳаҷми фоида маълум аст:

1. Нарх;
2. Хароҷот (арзиши аслӣ).

Аммо, афзоиши фоидаи субъектҳои иқтисодӣ на танҳо аз нарх ва паст кардани арзиши аслӣ вобастагӣ дорад, балки роҳи дигари камхарҷ низ мавҷуд аст, ки ин “дигаргун сохтани шакли маҳсулоти истеҳсолшаванда” мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки агар мо мафҳуми инноватсияро айнан тарҷума намоем, он маънои «дар самти тағйиротҳо»-ро дорад. Дар раванди тараққиёти иқтисодиёт инро дигар субъектҳои иқтисодӣ низ мушоҳида намудаанд, барои он ки бо барориши маҳсулоти нав ё дигаргун сохтан ё мукаммалтар кардани маҳсулоти худ онҳо дар бозор нисбати рақибонашон худ афзалиятҳои бештарро соҳиб мегарданд ва то як муддати муайяни вақт (то он даме ки рақибон низ аз ин усул истифода намоянд), фоидаи монополии зиёдро ба даст меоранд. Пас, маълум мегардад, ки рақобати шадид ва кӯшиши зиёдтар ба даст овардани фоида субъектҳои иқтисодиро маҷбур месозад, ки ба навовариҳо рӯ биёранд ва онро асоси рушди худ ҳисобанд. Новобаста аз ин, омилҳое ҳастанд, ки монеи гузариши корхонаҳо ба фаъолияти инноватсионӣ мегарданд, аз ҷумла: норасоии захираҳои молиявӣ, мушкилотҳо дар системаи андози мамлакат, хатари аз даст додани маблағҳои пулӣ ва дар охир надоштани дониш ва таҷрибаи кофӣ.

Таҷрибаи бисёре аз ширкатҳои технологияашон баланд дар кишварҳои пешрафтаи олам, аз қабили Япония, ШМА, Шветсария, Франсия ва дигар мамлакатҳо гувоҳӣ он аст, ки дар он ҷое, ки ришта (сиклҳои) инноватсионӣ ҷамъ омадаанд, риштаи инноватсионӣ дар доираи корпаратсияҳои бузург хароҷоти трансаксионiро кам мекунанд. Дар натиҷа аз як дараҷаи риштаи инноватсионӣ ба дигараш мегузаранд. Агар таҳқиқотҳои илмӣ, корҳои таҷрибавӣ-конструкторӣ, тайёрии технологии истеҳсолот, санҷиши саноатӣ ва дигар давраҳои сиклӣ дар ҳақиқат аз ҷониби шарикони хориҷа иҷро гарданд, онгоҳ амалан иҷроиши фаъолияти онро мушкил мегардонад. Ин ҳолат дар ниҳояти кор боиси он мегардад, ки қабули усулҳои нисбатан мушкил, рақобатнок ва “арзишашон гарон”-и муносибат зимни муайяннамоии нарх, шароити таъмин, пардохтномаӣ, супоридан ва қабули корҳои иҷрошуда истифода шаванд.

Аз ин рӯ, давлатро зарур аст, ки ҳавасмандии корпоратсияҳоро барои ташкил намудани доираҳои инноватсионии “пӯшида” дар доираи фаъолияти худ маҷбур созанд. Барои ҳалли ин вазифа беҳтар мебуд, агар ҳалли чорабиниҳои зерин мавриди амал қарор мегирифтанд: аз андозсупорӣ озод намудани гардиши дохилии маҳсулоти даврии инноватсионӣ дар корхонаҳо, ташкили фондҳои махсуси инноватсионӣ дар дохили корхонаҳо бо ёрии давлат, таъмини молиякунонии имтиёзнок барои иштироккунандагони корпоративии сиклҳои истеҳсолӣ ва ғайра. Ҳамин тавр, рушди иқтисоди ҷаҳонӣ бо назардошти сармоягузорӣ дар бораи муҳити зист, ки аз тарафи конфронси байналмилалие, ки оид ба рушди устувори иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист солҳои 1992 дар Бразилия (Рио-де-Жанеро) ва соли 2002 дар Африқои Ҷанубӣ (Йоханнесбург) баргузор гардид, доир ба иқтисоди сабз асос гузоштааст. Мақсади асосии ин конференсияҳои байналмилалӣ дар он ифода меёбад, ки “андешаҳои экологҳо ва олимону иқтисоддонҳоро дар як илми ягона якҷоя намоянд ва ташкили ҷаҳони устуворро нигаҳ доранд”. Дар шароити иқтисоди муосир ба сифати тамоюли асосии васеъшавии ҳудуди бухрони антропогенӣ (вобаста ба фаъолияти одамон) ва таҳдид барои фаъолияти инсоният, ки сатҳи рӯзгори инсонро хеле мураккаб мегардонад, иҷро менамояд. Асосан ҳамин алоқамандӣ бояд аз нуқтаи назари натанҳо муаммоҳои соҳавии истеҳсолӣ, балки аз нигоҳи зарурияти экологиякунонии соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва ба он хизматрасон мавриди омӯзиш қарор гирад.

Дар замонҳои қадим одамон кам буданд ва чунин шуури тараққикарда надоштанд, чигуна сарвати табиатро истифода намуданашро намедонистанд. Аз рӯйи фаҳмиш ва тафаккурашон маҳсулоти заруриро бо заҳмати зиёд коркард намуда, истифода мебурданд. Вақте ки шумораи одамон дар рӯйи замин кам буданд, норасоии донишу маълумон ва сармоя, ки бо ақли инсоният сохта мешуд, ба назар мерасид, аммо захираҳои табиӣ барзиёд буданд. Ҳоло бошад вазъият куллан тағйир ёфтааст ва акси ҳол амал менамояд. Ба ақидаи Герман Делӣ асосгузори иқтисодиёти экологӣ “Дар ин ҳолат рӯз аз рӯз дар натиҷаи фаъолияти инсон низоми экологӣ хароб гашта истодааст ва маҳдудияти тараққиёти ояндаи иқтисодӣ оғоз мегардад, дар ҳолате ки имкониятҳои одамон дучанд ва даҳчанд васеъ гардида истодаанд”. Ҳамин тавр, оид ба муҳити экологӣ ва масъалаҳои гузариш ба иқтисоди сабз яке аз масъалаҳои марказӣ дар конфронси машҳури СММ дар Рио-де-Жанейро (соли 2012) буд, ки, пеш аз ҳама, ба 20-солагии конфронси СММ оид ба рушди устувор бахшида шуда буд. Дар ҳуҷҷатгузориҳои байналмилалӣ бисёртар мафҳумҳои бозори сабз, шуғли сабз, саноати сабз ва ибораи сабз истифода мешуд.

Вақте ки мо «иқтисодиёти сабз» мегӯем ва ё мешунавем, дар пеши назар, пеш аз ҳама, олами набототи сабз, растаниҳо ва табиат ҷилвагар мешавад. Мафҳуми «иқтисодиёти сабз» (зелёная экономика) хеле васеъ буда, фаъолиятҳои зиёдеро дар бар мегирад. Имрӯзҳо дар олам оид ба рушди иқтисодиёти сабз кӯшиш ва амалҳо ба назар мерасанд. Аз

он ҷумла, яке аз ҳадафҳои сиёсати кишвари мо низ ба рушди иқтисодиёти сабз ва беҳтар кардани сатҳи некуаҳволии аҳолии ҷумҳурӣ равона шудааст. Дар Паёми солона Пешвои миллат ба рушди «иқтисодиёти сабз» диққати махсус зоҳир гардида, об ҳамчун як унсури асосӣ дониста шудааст. Хушбахтона, мо дар сарзамине зиндагӣ менамоем, ки сарсабзу хуррам буда, дорои манбаъҳои зиёди табиӣ, ба мисли ҳавои тоза, кӯҳҳо ва дараҳои зебо, обҳои босафо, растаниҳои гуногуни шифоӣ ва ғизоӣ, парандаҳои нодир, канданиҳои фоиданок ва ғайраҳо мебошад.

Асосан мафҳуми иқтисоди сабз ин низоми иқтисодиро дар бар мегирад, ки технологияи аз ҷиҳати иқтисоди тоза ва самаранок асоси рушди иқтисодиётро бояд таъмин созад. Ба маънои дигар, агар одӣ карда фаҳмонем, ин ҳамаи давраи коркардро ба воситаи захираҳо, меҳнат ва технология паси сар намуда, маҳсулоти ниҳоиро истеҳсол намуда, пешкаши аҳолӣ менамояд. Иқтисоди сабз бошад баръакс бояд партовҳоро ба давраи истеҳсоли баргардонида, таъсири манфии партовҳоро ба муҳити зист кам намояд. Дар маҷмӯъ иқтисоди сабз ҳамчун иқтисоде муаррифӣ мешавад, ки ҳолати моддии инсонҳоро боло бардошта, адолати иҷтимоиро таъмин созад. Инчунин, сатҳи таваккалро ба муҳити зист ва харобшавии онро ба меъёри муайян паст кунад.

Мутаассифона, имрӯз гуфта метавонем, ки маърифати экологии аҳолӣ коҳиш ёфта, таъсири манфии инсон ба табиат хеле зиёд гардидааст. Одамон дар рӯзҳои гарм аз сояи дарахтон истифода мебаранд, вале онҳоро об намедиҳанд; аз мева ва растаниҳои табиат истифода мебаранд, вале барои барқароркунии онҳо андеша намекунанд, медонанд, ки об муъҷиза аст, вале онро олуда мекунанд; партовҳоро ба муҳит партофта, зебоии табиатро вайрон мекунанд ва ғайраҳо. Ба ҳама маълум аст, ки Тоҷикистони мо камзамин буда, 93%-ро кӯҳҳо ва 7%-ро заминҳои ҳамвор ташкил медиҳад. Сол ба сол вобаста ба афзоиши аҳолӣ, тараққиёти иншоотҳои сохтмонӣ, манзилҳои зист, зиёд шудани корхонаҳои саноатӣ, васеъшавии истеҳсолот ва зиёд шудани нақлиёт боиси мураккабшавии ҳолати экологӣ ва олудашавии муҳити зист мегардад. Коршиносон пешбинӣ мекунанд, ки то соли 2030 миқдори автомобил дар ҷаҳон боз 50% меафзояд. Ин боиси боз ҳам бештар истифода шудани нафту газ ва олуда шудани муҳит мешавад. Яке аз мушкилоти имрӯзаи муҳити атроф зиёд шудани партовҳои пластикии яккарата ва сӯзондани онҳо мебошад, ки табиат ва ҳаворо заҳролуд мегардонад. Аз сабаби паст будани маърифати экологӣ партовҳои пластикии яккарата пас аз истифодабарӣ дар муҳити атроф ва ҷойҳои ғайримуқаррарӣ партофта мешаванд. Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки солҳои охир дар натиҷаи тағйирёбии глобалии иқлим рух додани офатҳои табиӣ, монанди кӯчиши замин, обшавии пиряхҳо, обхезиҳо, омадани селу тарма, гармсел, кам шудани оби дарёҳо, нобудшавии ҷангалҳо, кам шудани парандаҳо ва баъзе ҳайвонҳои нодир ба назар мерасад.

Ин ҳодисаҳо моро водор месозад, ки инсон бояд рафтори худро нисбат ба табиат ва захираҳои он тағйир дода, ба табиат дилсӯзона муносибат намояд. Мақсад аз рӯ овардан ба «иқтисодиёти сабз», пеш аз ҳама, истифодаи босамаронаи манбаъҳои табиӣ ва интихоби роҳи дурусти тараққиёти ба табиат безарар мебошад. Баъзе одамон чунин мепиндоранд, ки онҳо ҳеҷ муносибате ба тағйирёбии иқлим ва ё ҳолатҳои табиӣ надоранд. Аммо ин комилан нодуруст аст. Ҳар як фард ба воситаи рафтор ва амали худ метавонад ба табиат таъсиргузор бошад. Хуб мешуд, агар ҳар як инсон ба табиат таъсири мусбат мерасонд на таъсири зараровар. Аз дигар тараф, ҳадафи «иқтисодиёти сабз» беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ тавассути истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нави муосири безарар ба саломатии инсон ва табиат мебошад.

Рақобатпазирӣ ва самаранокии иқтисодиёт дар асоси сохтори манбаъҳои рушд муайян карда мешавад, аз ин рӯ, афзалият бояд ба рушд дар асоси фаъолияти инноватсионӣ дода шавад. Дар ин ҳолат омилҳои истеҳсолот ва сармоягузориҳо "воситаҳое ҳастанд, ки барои ёрӣ расонидан ба мақсадҳои инноватсионӣ кумак менамоянд. Давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикардаи ҷаҳон, ки инноватсияро манбаъи рушди худ донистаанд, аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ дар сафи пешанд. Мувофиқи натиҷагирии индекси глобалии инноватсионӣ, ки ҳар сол аз тарафи Донишгоҳи Карнел, INSEAD ва ташкилотҳои умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ дар сессияи шӯрои иҷтимоӣ -иқтисодии СММ дида баромада мешавад, дар байни зиёда аз 141 мамлакати дунё, дар асоси 79 нишондодҳои гуногун Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 дар ҷойи 114 қарор гирифт, ки ин нишондиҳанда аз бисёр давлатҳо паст буда (Россия 48, Хитой 29, ШМА 5), аммо аз бархе аз давлатҳо баланд (Ӯзбекистон 122, Покистон 131, Непал 135) аст. Албатта, ногуфта намонад, ки натиҷаҳои мазкур аслан аз ҳисоби дар сатҳи паст қарор доштани бозори инноватсионӣ мебошанд. Барои рушд ва тараққӣ намудани он пайваста фаъолияту пешниҳод намудани навгониҳо дар ин кишварҳо заруранд, то ба сатҳи дилхоҳи худ бирасанд. Ҳамаи ин нишондиҳандаҳоро дар соли 2015 дида баромадем. Акнун моро зарур аст, ки барои таҳлил ва муқоисанамои нишондиҳандаҳои натиҷагирии индекси глобалии инноватсионӣ дар соли 2017-умро дида бароем.

Аз рӯйи индекси глобалии инноватсионӣ дар соли 2017, натиҷаи нишондодҳо чунин аст: дар ҷои 1 Швейтсария, индекс 67,69; 4. ШМА, индекс 61,40; 9. Германия, индекс 58.39; 22. Хитой, индекс 52,54; 45. Россия, индекс 38,76-ро ташкил медиҳанд. Инҳо кишварҳоеанд, ки рушди хеле хуб доранд. Тоҷикистон бо индекси 28,16 дар ҷои 94-ум қарор дорад. Ва дар поёнтар давлатҳои 95. Киргизистон, индекс 28,01, 109. Непал, индекс 24,20, 113. Покистон, индекс 23,80 қарор гирифтаанд. Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан зарур аст, дар байни ин ду сол Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷойи 114-ум ба 94-ум мавқеи худро ишғол намуд. Ин нишондиҳандаи хуб аст, лекин нишондиҳандахоро бояд боз ҳам беҳтар намуд, аз таҷрибаи давлатҳои тараққикарда истифода намуда, идеяҳои нав ва навгониҳои нодирро пешниҳод намуд.

Аз ҳамин лиҳоз, бо истифода аз соҳаи инноватсия дар амалияи хоҷагидорӣ афзалиятҳоро ба даст овардан зарур аст. Тоҷикистон бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ дар сиёсати иқтисодии худ фаъолияти инноватсиониро васеъ истифода намуда истодааст. Заминаҳои онро дар асоси қабули қарору фармонҳо оиди дастгирӣ намудани корхонаҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, кушодани паркҳои технологӣ дар назди ҳар як макотибҳои олӣ ва додани имтиёзҳо ва грантҳои муайян барои пешбурди корҳои илмӣ-татдиқотӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ дидан мумкин аст.Яке аз нақшаҳои муфид ва манфиатбахшу дохилшаванда ба иқтисодиёти сабз ин истифодаи энергияи барқароршаванда ба ҳисоб рафта, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Табиати кишварамон имконият медиҳад, ки дар ҳар як гӯшаву канори мамлакат неругоҳҳои бо обу шамол коркунанда бунёд намоем, ки аз нуқтаи назари экологӣ безарар ва фоидаовар бошанд. Аз тарафи дигар, барои нигаҳдории ҷангалзору табиати кишварамон моро зарур аст, ки ба шинондану зиёд намудани дарахтон хоҳ мевадиҳанда бошаду ваё хоҳ ороишӣ вақти худро дареғ надорем, амалӣ гардидани онро ба роҳ монем. Ин метавонад барои иқтисодиёти сабз ҳамчун замимма бошад.

Ҷаҳони муосир дар ҳолати таъсири омилҳои гуногун аз тарафи мавҷудоти олам қарор дорад. Ин ҳолат бениҳоят барои ояндаи инсоният хавфнок аст, аз ҷумла аз меъёр зиёд истифода бурдани сарватҳои зери заминӣ, истифодаи мовадҳои нафтӣ, таъсири одамон ба муҳити атроф, вайронкунии ҷангалзорҳо, буридани дарахтон, таъсири газҳои гуногун ба қабатҳои атмосфера, партофтани партовҳо ба муҳити атроф ва ғайра.

Ҳамин тариқ, барои ба даст овардани мақсадҳои дар боло зикргардида сармоягузориҳои мустақим, захираҳо дар соҳаҳои асосӣ ва ислоҳот, ки ба сифати шароитҳои зарурӣ барои ёрдамдиҳиҳои глобалӣ ва фаъолиятҳои ба мақсад муҳим равона кардан зарур аст. Аз ҷумла, баланд бардоштани самаранокии энергияи иншоотҳо, ҳавасмандиҳои моддӣ ҷиҳати кабутизоркунии хона ва ташкилотҳо, инчунин, муҳофизати онҳо аз таъсири партовҳои ба муҳити атроф дохилшаванда; истеҳсол ва истифодаи энергияи барқароршаванда ва нақлиёти камифлоскунанда, таҷдиди нақлиёти ҷамъиятӣ; молиякунонии лоиҳаҳо, ки ба энергияи барқароршаванда алоқаманд мебошад, паҳн намудан ва истифодаи технологияи худтаъминкунандаи энергетикӣ; истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ; ислоҳоти андозӣ ва пешниҳод намудани андозӣ барои истеҳсолкунандагоне, ки маҳсулоти безарар ва аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол мекунанд.

Инчунин, метавон мушкилоти рӯзмараи аҳолиро қайд намуд, ки бисёр дар ҳолати ташвишовар қарор дорад. Ҷангалзор ва табиати кураи заминро агар имрӯз мо шаҳрвандон ҳимоя намуда, қисм-қисм аз рӯйи меъёри муайянгардида истифода набарему ваҳшиёна аз он истифода намоем, барои ояндагон наметавонем мерос гузорем. Дар ҳолати идома ёфтани ин ноэҳтиромӣ нисбати табиат, хавфи ҷиддиро ба миён меорад. Аз ҳамин сабаб, бояд чораҳои зарурӣ барои пешгирӣ намудан қобили қабул аст, то барои ояндагон захираҳои табиат боқӣ монад. Ин ҳолатҳоро ба инобат гирифта, инсоният рушди илму техникаро тараққӣ дода истодааст, ки барои нигоҳдории захираҳои табиат ва таъмин намудани аҳолӣ бо ашёву маводи аввалия таъмин ва дастрас гарданд.

Пешниҳод карда мешавад, ки лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ таҳия карда мешаванд ва дар амалия дастгирӣ ёфта, дар корхонаҳои истеҳсолӣ ҷорӣ карда шуда, талаботҳои иқтисодиёти сабз ба пуррагӣ риоя карда мешаванд. Танҳо дар асоси ҳавасманд намудани субъектҳои иқтисодие, ки рушди устувори худро дар инноватсия мебинанд, метавон ин равандро дар Тоҷикистон ҷоннок намуда, рушди иқтисодиёти сабзро ба даст овард.

АДАБИЁТ

1. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. –Душанбе, 2016. -55 с.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030. -Душанбе, 2016. – 80 с.
3. Паёми Президенти мамлакат, Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон аз 26 декабри соли 2018. [Манобеи электронӣ]. www.prezident.tj (вақти омӯзиш 11.02. 2019).

4. Тағйирёбии иқлим - мушкилоти азими сайёра. Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар конфренсияи 21-уми тарафҳои Конвенсияи қолабии СММ дар бораи тағйири иқлим. [Манобеи электронӣ]. www.prezident.tj. (вақти омӯзиш 05.03. 2019).
5. Раҳматзода Ҳ.Б. Механизми ташкилию иқтисодии инкишофи ҷараёнҳои навоварона дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.Б. Раҳматзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. -№4. -С.57-60
6. Давлатов К.К. Активизация интеграционных процессов как фактор развития региональных агропродовольственных комплексов / К.К. Давлатов // Вестник ТНУ. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/5(1). -С.34-38.
7. Инновационное развитие экономики. Международный опыт и проблемы России: коллективная монография / науч. ред. В.П. Федеров. -М.: СПб.: Настор-История, 2012
8. Создание общества на основе большей инклюзивной, устойчивости и процветания в Европе и Центральной Азии: Общее видение ООН по вопросам повестки дня в области развития на период после 2015 года. Сентябрь 2013. -С.8. [Электронный ресурс]. http://www.unece.org/index.php?id=33730&L=2
9. Экономика инновационного развития /под. ред. М.В. Кудинов и А.М. Сажиной. -М.: ИД «Форум»: ИНФРА-М, 2014. – 256 с
10. Баҳриддини Пиримзод. Рушди фаъолияти инноватсионӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо / Баҳриддини Пиримзод, Ш.О. Кабиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018. -№2/9. –С.129-134.

ИСТИФОДАИ АФЗАЛИЯТҲОИ ИННОВАТСИЯ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ САБЗ

Муаллиф дар мақолаи мазкур асосан масъалаҳои ба роҳ мондан ва тараққӣ додани соҳаи инноватсия, инчунин, самаранокии иқтисодиёти сабзро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд менамояд, ки яке аз масъалаҳои муҳимми глобалӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамаи соҳаҳои дар иқтисодиёти кишварбуда ба инноватсия ниёз доранд, ки саноат, бонкдорӣ ва хоҷагии қишлоқ аз қабили соҳаҳои калиди ба ҳисоб мераванд. Барои ривоҷ додани истеҳсолот ва тараққӣ додани соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҳаёти халқ мо бояд ба харид ва насби технологияҳои муосир бо давлатҳои пешрафта дар ин соҳа ҳамкорӣ намоем ва бо ҷалби мутахассисони ин соҳа мутахассисони маҳаллиро тарбия созем. Истифодаи технологияҳои муосир ва инноватсионӣ дар ҳаёт самаранокии истеҳсолотро зиёд намуда, дар вақти кам бо сифати баланд ба бозор дилхоҳ маҳсулотро пешниҳод менамояд. Ғайр аз ин, зиён ба муҳити зист ва табиат камтар гашта, ба мо икконияти аз нав истеҳсолкунӣ ва самаранокӣ дар истеҳсолотро фароҳам меорад. Муаллиф дар мақола ин мушкилотро баррасӣ намуда, роҳҳои беҳтарсозии онро пешниҳод намудааст.

Калидвожаҳо: инноватсия, рушд, истеҳсолот, нарх, хароҷот, иттилоот, сармоягузорӣ, иқтисоди сабз, иқтисодиёт, СММ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, индекси глобалӣ, фаъолияти инноватсионӣ, табиат, рушди устувор, технология, фирма.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРЕИМУЩЕСТВ ИННОВАЦИЙ В ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКЕ

Автор в данной статье в основном подчеркивает вопросы налаживания и развития инновационной отрасли, а также эффективности зеленой экономики в условиях Республики Таджикистан, которая является одним из важнейших глобальных вопросов. Все отрасли, входящие в экономику страны, нуждаются в инновациях, которые включают промышленность, банковское дело и сельское хозяйство как ключевые отрасли. Для развития производства и жизненно важных отраслей производства мы должны сотрудничать с ведущими государствами в этой области, развивать местную промышленность с привлечением специалистов этой сферы. Для страны необходимо широко использовать в своей экономической политике инновационную деятельность с использованием мирового опыта. Использование современных и инновационных технологий в жизни повышает эффективность производства и в кратчайшие сроки с высоким качеством предоставляет на рынок желаемые продукты. Кроме того, ущерб, наносимый окружающей среде и природе делает нас менее продуктивными и эффективными в процессе производства. В статье автор рассмотрел эти проблемы и предложил пути их решения.

Ключевые слова: инновации, развитие, производство, цена, расходы, информация, инвестиции, зеленая экономика, экономика, ООН, Республика Таджикистан, глобальный индекс, инновационная деятельность, природа, устойчивое развитие, технология, фирма.

THE BENEFITS OF INNOVATION IN THE GREEN ECONOMY

The author of this article mainly emphasizes the issues of establishing and developing the innovation industry, as well as the effectiveness of the green economy in the Republic of Tajikistan, which is one of the most important global issues. All sectors of the country's economy need innovation, which includes industry, banking and agriculture, such as key industries. For the development of production and the development of vital sectors of life of the people, we must cooperate with leading States in this area, to develop local experts with the involvement of specialists in this field. For a country with the use of international experience, it is necessary to make extensive use of innovative activities in its economic policy. The use of modern and innovative technologies in life increases the efficiency of production and in the shortest possible time with high quality provides the desired products to the market. In addition, damage to the environment and nature makes us less productive and efficient in production. In the article the author considered these problems and suggested ways to improve it.

Key words: innovation, development, production, price, costs, information, investment, green economy, economy, UN, Republic of Tajikistan, Global index, innovation, nature, sustainable development, technology, firm.

Сведения об авторе: ***Баҳриддини Пиримзод*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры экономической теории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 937-70-77-71, 888 88-11-83**. E-mail: **pirimzoda@ mail.ru**

Information about author: ***Bahriddini Pirimzod*** – Tajik National University, graduate student of the Department of Economic Theory. **Address** 734025, Ripablic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17/ Phone: **(+992)937-70-77-71**

УДК 657(575.32)

МОҲИЯТИ ИҚТИСОДӢ ВА НИЗОМИ КОНСЕПТУАЛИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ТАҲЛИЛ

Асаналишоев Г.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Равандҳои муосир, ки дар рушди кишвар ба амал меоянд, қарорҳои нав ва ғайримуқаррарро талаб мекунанд. Ташаккул ва рушди инноватсия равиши хеле гуногунро, ки ба муносибатҳои гуногунҷабҳа, ки ба ин навъи фаъолият иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ хосанд, тақозо мекунад. Гуногунии муносибатҳо ва табиати хоси захираҳо, ки ба фаъолияти инноватсионӣ хосанд, системаи мувофиқи ташкили ҳисобдорӣ ва таҳлилро талаб мекунанд.

Барои идоракунии лоиҳаҳои инноватсионӣ бо назардошти гуногунӣ ва мураккабии навоварӣ дар сатҳи корхонаҳо методологияҳои гуногун истифода мешаванд. Ҳамзамон, гурӯҳи роҳбарият бояд ба назар гирад, ки аксар вақт методологияи идоракунии лоиҳаҳои хориҷӣ ба мушаххасоти Россия тамаркуз намекунанд. Аз ин рӯ, ба интихоби методологияи тартиб додани портфели барнома ва лоиҳаҳои инноватсионӣ диққати махсус додан зарур аст. Бояд қайд кард, ки масъалаҳои механизми татбиқи дастовардҳои пешрафти илмӣ ва техникӣ, баҳисобгирии навовариҳо барои корхонаҳои кишоварзӣ бо стратегияҳои гуногуни рушди инноватсионӣ то ҳол пурра таҳия нашудаанд. Барои таъмини устуворирақобатпазирии корхонаҳои кишоварзӣ дар бозорҳои кишоварзӣ, рушди васеи инноватсияҳои идоракунӣ ва технологӣ зарур аст, ки зарурати омӯзиши масъалаҳои рушди инноватсионии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, асоснокии дастгирии баҳисобгирӣ ва таҳлилии тағйирот ва навовариро муайян менамояд.

Таваллуди такмилёфта дар ҳамҷояшавии омилҳои иқтисодӣ ва биологӣ сурат мегирад. Дар робита ба таъсир ба онҳое тақсим мешаванд, ки таъсири мусбат ё манфӣ, инчунин, хусусияти дутарафа ба рушди инноватсионӣ доранд. Омилҳои муҳити зист, инчунин, метавонанд тибқи принсипи дигар бо тақсимот ба сиёсат, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологӣ ба низом дароварда шаванд. Рӯйхати тахминии омилҳои асосӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Системаи омилҳое, ки ба рушди инноватсионии корхона таъсир мерасонанд

Муҳити беруна	Муҳити дохилӣ
Омилҳои ба рушди технологӣ таъсиркунанда: - воридшавӣ ба бозори ҷаҳонии кишоварзӣ; - нархи баланди ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзӣ; - дар хориҷа мавҷуд будани технологияҳои баланд ва имконияти ба даст овардани онҳо (боҷи ками гумрукӣ) омилҳое, ки ба рушди технологӣ таъсири манфӣ мерасонанд; - рақобати баланд дар бозори ҷаҳонии кишоварзӣ; - афзоиши воридоти озуқаворӣ; - боҷи баланди гумрукӣ, манъи воридоти техника ва таҷҳизот барои кишоварзӣ воридшаванда.	Омилҳои ба рушди технологӣ таъсиркунанда: - сатҳи кофии дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ; - пешрафти илмию техникӣ; - миқдори кофии замин ва қувваи корӣ; - рафъ намудани нобаробарии нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ; - баланд бардоштани қобилияти харидории аҳолӣ; - шароити мусоиди обу ҳаво ва иқлим; - шароити мусоиди сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ. Омилҳое, ки ба рушди технологӣ таъсири манфӣ мерасонанд: - паст шудани қобилияти харидории аҳолӣ; - монополизм, тараққиёти соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; - афзоиши тафовут дар нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ; - норасоии манбаъҳои гардиш ва молиявӣ, бад шудани ҳолати заминаи моддию техникӣ; - сатҳи пасти талабот ба пардохтпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба маҳсулоти илмию техникӣ; - инфрасохтори рушднаёфтаи бозор; - шароити номусоиди обу хаво; - набудани муҳофизати истеҳсолкунандагони ватанӣ аз воридоти хӯрокворӣ.

Суръати муосири ҳаракатдиҳии тамоми равандҳо (технологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва ғайра) аксуламали хеле зуд ва босифати сохторҳои ниҳодиро ба тағйирот тақозо мекунад. Агар сатҳи вокуниш бо мурури замон муайян карда шавад, пас сифат дар таҳияи вариантҳои нав барои ҳалли мушкилоти муайян ифода ёфтааст. Истифодаи ин навовариҳо дар ҳаёти воҳиди институтсионалӣ, дар асл, фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Дар ин маврид корхонаҳои инноватсионӣ асосан бо фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, ҳанӯз ҳам фикри муътадил вуҷуд дорад. Дар асл, он ба хотири рушд ёфтанаш ба ҳама гуна фаъолият хос аст. Дар натиҷаи рушди навоварӣ дар ҳама соҳаҳо ба гуногунрангии он ва зарурати систематизатсия оварда расонид, ки онро омор анҷом додааст. Дар омор намудҳои зерини навоварӣ қайд карда мешаванд:- тадқиқот ва таҳия;- омодагии оммавӣ ва ташкили истеҳсолот, ки ба даст овардани таҷҳизот ва асбобҳои истеҳсолӣ, тағйирот дар онҳо, инчунин, тартиб, усул ва стандартҳои истеҳсолот ва

назорати сифат, ки барои истеҳсоли маҳсулоти нав ё татбиқи ҷараёни нави технологӣ заруранд;- тарҳи саноатӣ, тарроҳӣ ва дигар коркардҳои (бо таҳқиқот ва таҳия алоқаманднабуда) маҳсулоти нав, хизматрасонӣ ва усулҳои истеҳсол (интиқол), равандҳои нави истеҳсолӣ, аз ҷумла таҳияи нақшаҳо, ки барои муайян кардани тартиботи истеҳсолӣ, мушаххасоти техникӣ, хусусиятҳои истифодабарӣ пешбинӣ шудаанд ташкили мафҳум, таҳия, истеҳсол ва маркетинги маҳсулоти нав, равандҳо, хизматрасониҳо;- ба даст овардани технологияҳои матлубшуда; - мошин ва таҷҳизот бо мақсадҳои технологии онҳо, ки бо татбиқи технологияҳо ва дигар навовариҳо алоқаманданд.

Аз тарафи дигар, ба даст овардани технологияҳои ғайримоддӣ дар шакли патентҳо, литсензияҳо (шартномаҳо) барои истифодаи ихтироот, намунаҳои саноатӣ, моделҳои судманд, ифшои ноу-хау, инчунин, хидматҳои мундариҷаи технологӣ; харидани таъминоти барномавӣ бо татбиқи инноватсияҳои технологӣ: - таълим, бозомӯзии кадрҳо вобаста ба ҷорӣ намудани навовариҳои технологӣ; - тадқиқоти маркетингӣ.

Чунин таснифоти васеи намудҳои фаъолияти инноватсионӣ ба мо имкон дод, ки се навъи асосии навовариҳоро, ки дар тамоми намудҳои фаъолияти иқтисодӣ мавҷуданд, муайян кунем: 1) технологӣ (хӯрок ва коркард); 2) ташкилӣ; 3) маркетинг.

Аз нуқтаи назари намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, омор навовариро дар самтҳои зерин ба низом медарорад: - саноати кӯҳӣ, истеҳсолӣ; - тавлид ва тақсимоти неруи барқ, газ ва об; - алоқа, фаъолият бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва технологияҳои компютерӣ. Яъне, дар асл соҳаҳои ашёи хом ва иттилоотии иқтисодиёт тафовут доранд. Навовариҳои технологӣ натиҷаи инноватсия дар шакли маҳсулоти нав ё такмилёфта, ки дар бозор ҷорӣ карда мешаванд, мебошад.

Навовариҳои технологӣ дар истеҳсолоти саноатӣ ва соҳаи хизматрасонӣ ба ду намуд - маҳсулот ва раванд тақсим мешаванд. Навовариҳои маҳсулот ҷорӣ намудани маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ нав ва мукаммалро муттаҳид мекунанд. Ҷорӣ намудани маҳсулоти нав тавассути навоварии маҳсулот дар ҳолате коҳиш меёбад, ки миқёси банақшагирифтаи маҳсулот, хусусиятҳои функсионалии он, сифат, мавод ва қисмҳои сохташуда ё қисмҳои истифодашуда аз маҳсулоти қаблан истеҳсолшуда комилан фарқ мекунанд. Чунин навовариҳо ба технологияҳои бунёдии нав ё маҷмӯи технологияҳои дастрас дар истифодаи нави онҳо асос ёфтаанд. Такмили технологии маҳсулот ба маҳсулоти ба он марбут вобастагӣ дошта, сифату арзишнокии он аз ҳисоби истифодаи ҷузъҳои нисбатан самарабахши мавод, инчунин, тағйироти ночиз ба як ё якчанд зерсистемаҳои техникӣ (барои маҳсулоти мураккаб) ба таври назаррас беҳтар карда шуданд.

Инноватсияи равандҳо ҷорӣ кардани усулҳои технологии нав ё ба таври назаррас такмилёфтаи истеҳсолот, аз ҷумла усули интиқоли маҳсулот мебошад. Ин навовариҳо асосан ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ё интиқоли маҳсулоти дар корхона мавҷудбуда нигаронида шудаанд ва метавонанд барои истеҳсол ва таҳвили маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ нав ё такмилёфта, ки бо истифодаи усулҳои анъанавии истеҳсол ва расонида намешаванд, ба роҳ монда шаванд. Навовариҳои маҳсулот таҳия ва татбиқи хизматрасониҳои тамоман нав, беҳтар кардани хизматрасонӣ бар иловаи функсияҳо ё хусусиятҳои нав, беҳбудиҳои назаррас дар хизматрасонӣ (масалан, суръат, самаранокӣ)-ро дар бар мегиранд. Навовариҳои раванд таҳия ва амалисозии такмилҳои нав ё назарраси роҳи тавлид ва хизматрасониро дарбар мегиранд.

Навовариҳои ташкилӣ роҳҳои қаблан маълуми тиҷорат, ташкили меҳнат ва муносибатҳои берунӣ мебошанд. Самти асосии он баланд бардоштани самаранокии корхона тавассути кам кардани хароҷоти маъмурӣ ва трансаксионӣ, беҳтар кардани арзиши таҳвил ва дастрасии бозор ба дороиҳои гумшуда мебошад. Навовариҳои маркетинг усулҳои нав ё ба таври назаррас такмилёфтаи маркетинг, аз ҷумла тағйироти назаррас дар тарҳрезии усулҳои фурӯш ва пешниҳоди мол, кор, хизматрасонӣ ва маркетингро бо истифода аз стратегияҳои нав дарбар мегиранд. Навовариҳои маркетинг ба афзоиши фурӯш тавассути васеъ кардани таркиби истеъмолкунандагони маҳсулот ва хизматрасонӣ ва пурра қонеъ кардани ниёзҳои онҳо - азхудкунии бозорҳои нави фурӯш, нигаронида шудаанд. Модели идоракунии баҳисобгирии фаъолияти инноватсионӣ барои навовариҳои "пешрафта" пешбинӣ шудааст, ки танҳо навсозии технологияҳои куҳнаро дар назар дорад. Таъсиси инноватсионии «пешрафт» ба гузариш ба сатҳи нави рушди технологӣ мусоидат мекунад ва агар роҳи аввал тағйироти миқдорӣ дар инноватсия бошад, роҳи дуюм тағйир додани сифати навовариро дар назар дорад, ки муносибати сифатан навро дар идоракунии баҳисобгирӣ ва таҳлилиро талаб намуда, дар система дар шакли пешгӯии баҳисобгирӣ пешниҳод шудааст, ки мафҳуми он дар банди 3.2 ифода ёфтааст.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили амалияи инноватсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи идоракунии баҳисобгирӣ ва таҳлилии фаъолияти инноватсионии созмон таҳия карда шуд, ки дар ҳафт блок амалӣ карда мешавад:

1) модели фаъолияти инноватсионии ташкилот;
2) намуна барои паҳн кардани дониш дар фаъолияти инноватсионии ташкилот;
3) шакли ташкили баҳисобгирии фаъолияти инноватсионии ташкилот;
4) идоракунии баҳисобгирӣ ва таҳлилии сармояи иҷтимоӣ;
5) баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳлилии идоракунии потенсиали дохилӣ ва хориҷӣ;
6) модели идоракунии баҳисобгирии фаъолияти инноватсионии ташкилот (ҳангоми навоварӣ);
7) пешгӯии баҳисобгирӣ (ҳангоми сохтани маҳсулоти нави инноватсионӣ ва ташаккули сохтори нави технологӣ).

Яке аз муаммоҳои муҳимми рушди соҳаи саноати сабук дар ҷумҳурӣ ташаккул ва бунёди корхонаҳои он бояд наздик ҷойгиршавии манбаъҳои захиравӣ бошад. Хусусан, дур будан аз ашёи хом, мушкилоти таъмини мавод ва захираҳои ёрирсон, куҳнаю фарсудашавии таҷҳизоти истеҳсолӣ, нарасидани мутахассисони ба талаботи имрӯзаи бозор ҷавобгӯ, ҷанбаҳои логистикаи истеҳсолию нақлиётӣ дар аксар маврид садди роҳи болоравии соҳаи саноати сабуки кишвар мегардад. Саноати сабуки мамлакат яке аз соҳаҳои афзалиятнок баҳисоб меравад, чунки барои истеҳсоли ашёи хом ва қувваи кории арзон, тайёр намудани кадрҳои зарурии соҳа шароити мусоид дар дохили кишвар мавҷуд аст. Ҳатто таърихи гузаштагони мо аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳанӯз аз давраҳои қадим мардуми мо ба истеҳсоли абрешиму пахта ва коркарди он дар дастгоҳҳои худсохт сару кор доштанд. Аз нахи абрешиму пахта матоъҳои алочаю суф ва шоҳию атлас дар дастгоҳҳои хурди дар хонаҳо насбкарда мебофтанд. Сару либоси миллии тоҷикӣ, ки аз давраҳои қадим то ба мо омада расидааст, ҳоло ҳам моҳиятихудро гум накардааст [4,с.129].

Шароити хуби иқлими Тоҷикистон барои кишти зироати пахта ва пахтаи маҳиннах, ки дар бозори ҷаҳонӣ талаботи худро дорад хеле мусоид аст. Таҷрибаи чандинсолаи парвариши пахта ва пилла, коркарди онҳо дар саноати нассоҷию шоҳибофии ҷумҳурӣ дар шароити имрӯза барои рушди соҳибкории хурду миёна дар ин соҳа саҳми босазо дорад. Албатта, имрӯзҳо талаботи соҳаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ тақозо мекунад, ки талабот на танҳо ашёи хом ё коркардшуда, балки маҳсулоти ниҳоии молҳои саноатӣ, монанди сару либос, каллапӯшу пойафзол, сумкаю ҷузвдонҳо, қолину мебелҳо ва ғ. нигаронида шудааст, ки боиси тақвиятбахшии бунёд ва рушди саноати дӯзандагии муосир мегардад. Дар шароити муосир тарроҳону дӯзандагони ҷумҳурӣ навъҳои гуногуни сарулибоси миллии тоҷикии такмилдодашударо, ки ҷавобгӯи муди замонавӣ мебошад, пешниҳод намуда истодаанд. Аз тарафи дигар, шароити гарми иқлими Тоҷикистон водор месозад, ки дар корхонаҳои дӯзандагии ватанӣ баровардани маҳсулотро аз нахи аслии пахтаю абрешим бештар ба роҳ монанд. Ин омили муҳим барои такмилёбии кластери парвариши пахтаю абрешим, коркарди он, истеҳсол ва тиҷорати маҳсулоти ниҳоии соҳаи саноати сабук ба ҳисоб меравад. Дар давраи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, бахусус солҳои 1970-1986 саноати ресандагию бофандагӣ, саноати дӯзандагӣ, саноати коркарди чарм ва чармбарорӣ, корхонаҳои пойафзолбарорӣ ва кашбофӣ, корхонаи қолинбофӣ ва мебелбарорӣ дар кишвари мо хеле рушд ёфта буд. Аммо бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ, ки боиси кандашавии алоқаҳои ҳоҷагидории соҳа, фироришавии мутахассисони он гардид, монеаи рушди саноати кишвар, бахусус саноати сабук гардид.

Саноати сабукро метавон ба чунин гурӯҳҳо тақсим намуд:саноати коркарди пахта, пила ва пӯст;саноати ресандагӣ ва бофандагӣ; саноати кашбофӣ;саноати дӯзандагӣ; саноати пойафзолбарорӣ; саноати кулоҳ ва рӯймолбарорӣ; саноати қолинбофӣ; саноати мебелбарорӣ.

Дар байни соҳаҳои гуногуни саноати сабук саноати дӯзандагӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки бе омӯзиши он ҷорӣ кардани низоми ягонаи идоракунии захираҳои иқтисодӣ, самаранокии истифодаи онҳо дар ҷараёнҳои хоҷагидорӣ имконнопазир аст. Вобаста аз хусусиятҳои ташкилӣ ва технологии истеҳсолот, характери маҳсулоти истеҳсолшаванда, хусусияти истифодаи масолеҳ, истеҳсоли маҳсулоти босифату бозорбардор, таъминоти моддию техникӣ ва ашёии истеҳсолот, ҳолати ташкилии баҳисобгирии хароҷот ва нархгузории арзиши аслии маҳсулот пешниҳоду хулосаҳо

намудан лозим аст. Соҳаи саноати кишвар, ки яке аз соҳаҳои муҳим ва пешбарандаи иқтисоди миллӣ ба шумор меравад ва дар соли 2018 дар баробари ба кордарории иқтидорҳои нав истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронишуда ва дар ин замина таъмини иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат як силсила тадбирҳои судманд амалӣ гардида истодаанд. Инак, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2018- 23872,4 млн. сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба соли 2017 11,8% зиёд шудааст. Дар ин давра дар соҳаи саноати истихроҷ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 4685,9 млн. сомонӣ (бо ҳисоби воқеӣ 16,3% нисбат ба соли гузашта зиёд мебошад), дар соҳаи саноати коркард ба 13502,8 сомонӣ (12,5%) ва истеҳсоли неруи барқ, газ, гармӣ ва обтаъминкунӣ ба 5683,7 млн. сомонӣ (7,8%) афзоиш ёфт [5,с.10]. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагиро дар давраи солҳои 2013-2017 аз рӯйи ҷадвали 1 таҳлил намудан мумкин аст.

Ҷадвали 1. Истеҳсоли маҳсулоти саноати нассоҷӣ ва дӯзандагӣ (дар шакли асл)

№	Номгӯи маҳсулот	2013	2014	2015	2016	2017	2017 нисбат ба 2016 %
1	Пахта, тонна	933	3250	4449	5762	5547	96,2
2	Нахи пахта, ҳаз.тонна	116,6	105,0	98,4	85,0	112,3	132,1
3	Газвори пахтагин, ҳаз.м.мураббаъ	18069	18154	8353	2536	3358	132,4
4	Ресмони пахтагӣ, тонна	112,0	128,0	60,0	28,0	42,0	150,0
5	Газвори абрешимӣ, ҳаз.метр	104,0	2,6	3,8	-	12,6	120,6
6	Қолин ва маснуоти қолинӣ, ҳаз. м. мураббаъ	1356,0	1765,0	1281,0	1705,0	2836,0	166,3
7	Маҳсулоти кашбофӣ, ҳаз.дона	26,4	24,6	362,8	358,0	101,3	28,3
8	Газвори кашбофӣ, тонна	13,3	14,0	18,1	13,5	9,0	66,7
9	Ҷӯробу пайпоқ, ҳаз.ҷуфт	1035	1713	1674	2829	3752	132,6
10	Ҷӯробу пайпоқи кӯдакона, ҳаз.ҷуфт	31,4	65,0	78,0	86,5	90,0	104,0

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки истеҳсоли пахта дар ҷумҳурӣ соли 2017 нисбат ба соли 2016 215 тонна кам шудааст, ки 3,8% коҳиш ёфт. Ба ин нигоҳ накарда истеҳсолинахи пахта 32,1%, газвори пахтагин 32,4%, ресмони пахтагӣ 50,0%, газвори абрешимӣ 20,6%, қолин ва маснуоти қолинӣ 66,3%, ҷӯробу пайпоқ 32,6% зиёд шудааст. Истеҳсоли маҳсулоти кашбофӣ ва газвори кашбофӣ дар ин давра мутаносибан 28,3% ва 66,7% коҳиш ёфтааст. Гарчанде, ки истеҳсоли маҳсулоти соҳаи саноати сабук дар ҷумҳурӣ рӯ ба тараққӣ ниҳода бошад ҳам, баъзе намудҳои маснуоти нассоҷӣ, чарм, пойафзол ва калапӯшҳо ҳоло ҳам аз хориҷи кишвар ба бозори дохилӣ ворид карда мешаванд. Ба ин нигоҳ накарда пӯсти хом, чарм, мӯинаи хом ва маснуоти аз онҳо истеҳсолшуда, маҳсулоти нассоҷӣ ба давлатҳои дигар содир карда мешаванд. Содироти ин маҳсулотҳо бо суръати паст рушд ёфта истодаанд, ки бояд сарварону мутахассисони соҳаи саноати сабук ба воситаи тақвиятбахшии маҳсулоти ниҳоӣ ва воридотиивазкунанда иқтидори содиротии ҷумҳуриро баланд бардоранд.

Аз ин рӯ, саноати сабук яке аз соҳаи бештар тараққиёфтаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Чунин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки кишвари мо манбаи асосии киштукори пахта ва пахтаи маҳиннах, парвариши пилла, истеҳсол ва коркарди чарм буда, асоси тайёр намудани ашёи хоми саноати нассоҷию дӯзандагӣ мебошад. Ба ин васила корхонаҳои шаҳри Душанбе ва корхонаҳои бузурги ҷумҳурӣ, монанди ташкилоти истеҳсолии ҶММ “Нассоҷӣ”-ро, ки бо иқтидори истеҳсолиаш дар як сол коркарди пахтаи маҳиннах дар ҳаҷми 25 ҳазор тонна мебошад, дар бар мегирад. ҶС “Чевар” ва ҶДММ “Гулистон” корхонаҳои дӯзандагии сару либос, ҶС “Нафиса” корхонаи коркарди маҳсулоти ҷуроббарорӣ, ки дар айни замон асосан маҳсулоти худро 100% аз нахи пахта истеҳсол намуда, баъзе маҳсулотҳои худро ҳатто ба бозорҳои хориҷи кишвар пешниҳод менамоянд. Ҳоло масъалаҳои суръатбахшии рушди соҳаи саноати сабук ва устувории он, дигаргунсозии куллии сохтори он, таъсиси корхонаҳои хусусӣ бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, ҷорӣ намудани навовариҳои техникию технологӣ дар доираи истеҳсолоти саноати сабук зери таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Созмондиҳии корхонаҳои нав ба монанди ҶДММ «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил»-и н. Данғара бо иқтидори истеҳсолии коркарди 15000 тонна нахи пахта дар як сол ва риштаи пахтагин бо шумораи 400 нафар кормандон манфиати хосса дорад. Он дар расми 1 нишон дода шудааст.

Ба ин монанд дар ш. ХуҷандҶДММ «Ҷавонӣ»бо иқтидори коркарди 4000 тонна нахи пахта дар яксол, корхонаи дӯзандагӣ бо иқтидори 1 млн. 440 ҳазор адад маҳсулоти дӯзандагӣ фаъолият дорад. Дар ин корхона шим ва нимшим аз матои ҷинс, курта ва ғ. барои кӯдакон, наврасону ҷавонон ва миёнсолон истеҳсол карда шуда, 727 нафар бо кори доимӣ таъмин мебошанд ва музди миёнаи меҳнати онҳо 1860 сомониро ташкил медиҳад. Фаъолияти корӣ ва ассортименти маҳсулоти он дар расми 2 нишон дода шудааст.

Расми 1. ҶДММ «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил»

Ҳамчунин, дар ш. Хуҷанд корхонаи ресандагии ҶДММ «САТН» бо иқтидори истеҳсолии коркарди 2000 тонна нахи пахта дар як сол ва корхонаи дӯзандагӣ бо иқтидори истеҳсолиаш 750 ҳазор адад маҳсулоти дӯзандагӣ дар як солфаъолият дорад. Шумораи кормандони он 510 нафар буда, музди миёнаи меҳнат 1800 сомониро ташкил медиҳад.

Корхонаи истеҳсолии ҷӯроббофии ҶДММ «Ваҳдат» дар н. Ёвон бо иқтидори баровардани 9 млн. ҷуфт ҷӯроб дар як сол ва коргоҳи рангубор 2100 тонна ришта дар як сол, ки ҷӯробҳои гуногун, ришташои пахтагини рангкардашуда ва таъсиси чунин корхона ҳоло дар д. Ғарғараи ш. Данғара аз рушди соҳибкорӣ дар соҳаи саноати сабук дарак медиҳад [6,с.46]. Бо вуҷуди ин ҳама комёбиҳо дар рушди соҳаи саноати сабук камбудиҳо, монанди созмондиҳии корхонаҳои бузурги нассоҷию дӯзандагии бо таҷҳизотҳои навини ҷаҳонӣ ҷиҳозонидашуда, кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ, рушди инфрасохторҳои логистикаи истеҳсолию тиҷоратӣ ва нақлиётӣ, мавҷуд набудани тамғаи истеҳсолӣ ва бренди молӣ, ки дар бозори беруна муаррифигари моли ватанӣ шуда метавонад ва ғ. низ ҷой доранд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки муаммоҳои рушди соҳаи саноати сабук бе омӯзиши талаботи бозори молҳои саноатӣ ҳалли худро намеёбад. Барои омӯзиши талаботи бозори маҳсулоти саноати сабук бояд омилҳои таъсиррасонандаи иқтисодию иҷтимоӣ, миллию этникӣ, маданию иқлимии аҳолии Тоҷикистонро хуб донист. Талаботи истеъмолии харидорони бозори дохилиро на танҳо ба воситаи омӯзиши омилҳои гуногуни таъсиррасон, балки ба воситаи гузаронидани таҳқиқу ташхиси бозори молҳои саноатӣ ба роҳ мондан лозим аст. Истифодаи усулҳои муосири иқтисодию риёзӣ ва моделсозӣ барои дуруст ва аниқ исбот намудани талаботи харидорони бозори номбурда аҳамияти хоса дорад. Таъсиррасонии омилҳои демографӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, миллию этникӣ, ҷуғрофӣ ва психологӣ бе истифодаи усулҳои таҳлилӣ ва моделсозӣ имкон надорад.

Маҳз баъди омӯзиши омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ, миллию этникӣ, рафторӣ ва ҷуғрофӣ такмилдиҳии соҳаи саноати маҳаллӣ ва имконияти рушди он дар манотиқи гуногун ва дурдасти ҷумҳурӣ амалӣ мегардад. Барои амалисозии ин нақшаҳо бояд:

- ✓ тайёрнамоӣ ва омодасозии мутахассисони соҳаҳои гуногуни саноати сабукро дар донишгоҳу коллеҷҳои ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар мутобиқ ба талаботи бозор ба роҳ мондан лозим аст;
- ✓ ба воситаи бакордарории корхонаҳои бозистода бо истифода аз сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, ки ҳалли масъалаи бекориро амалӣ месозад, истеҳсоли молҳои саноатиро дар мамлакат роҳандозӣ намудан зарур аст;
- ✓ имконияти истеҳсоли таҷҳизотҳои соҳаҳои гуногуни саноатиро дар дохили кишвар аз ҳисоби ба роҳ мондани истихроҷи металҳои сиёҳ ва ранга, ки боиси ривоҷ ёфтани саноати вазнин мегардад ва он ба рушди соҳаҳои дигари саноат таъсир мерасонад амалӣ сохтан лозим аст;
- ✓ дар асоси тадқиқотбарии талаботи харидорони бозор истеҳсол ва такмилдиҳии молҳои саноатии талаботи баланддошта ва воридотии ивазшаванда, қонеъгардонии талаботи аҳолии мамлакат нисбат ба сару либоси миллӣ бо омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешқадами дунё роҳандозӣ намуд.

АДАБИЁТ

1. Паёми асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - пешвои миллат, президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. - 26-декабри соли 2018 с.
2. Ибодов Ш.М. Рушди ҷобаҷогузории соҳаҳои саноат дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор / Ш.М. Ибодов // Паёми ДМТ бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2018. -№2. –С. 137-141.
3. Баҳриддини Пиримзод. Таҳлили тамоюли рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 / Баҳриддини Пиримзод, А.Қ. Норов, И.Б. Турсунов // Паёми ДМТ бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2018. -№4. -С.29-327.

4. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ-ноябр. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2016. –С.129-282.
5. Ҳисобот оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018. –С.10-77.
6. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2017.

МУАММОҲОИ РУШДИ СОҲАИ САНОАТИ САБУК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур актуалияти рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳаи афзалиятноки дорои ашёи хом ва қувваи кории арзондошта арзёбӣ шуда, ҳалли муаммоҳои шуғли аҳолӣ ва таъмини талаботи аҳолӣ ба молҳои воридотии твазшаванда, ки газворҳо, сару либос, кулоҳ ва мебелу қолинро дар бар мегирад, арзёбӣ шудааст. Зарурати таснифбандии соҳаи саноати сабук, ки муаллифон қайд намуданд барои корбарии ҳисоботҳои соҳа, пурзӯр гардонидани алоқаҳои хоҷагидории байнисоҳавӣ ва назорати онҳо барои органҳои идоракунӣ хеле муфид аст. Инчунин, дар мақола аҳамияти иқтисодӣ доштани истеҳсоли ашёи хомдар соҳаи аграрӣ ва зерсохторҳои саноати кишвар, роҳҳои таъмини соҳаи саноати сабук бо қувваи корӣ ва ашёи хоми ватанӣ, таъсисдиҳии зерсохторҳои логистикаи истеҳсолию тиҷоратӣ ва нақлиётӣ, ки аҳамияти хосса дорад, нишон дода шудааст. Муаммоҳои таъминоти кадрӣ дар корхонаҳои нассоҷию дӯзандагӣ ва роҳҳои такмилдиҳии дараҷаи ихтисоснокии онҳо, омӯзиши таҷрибаи пешқадами давлатҳои тараққикарда ва аҳамияти он нишон дода шудааст. Дар баробари ин гуфтаҳо роҳҳои рушди соҳаҳои коркарди ашёи хом, маснуоти ёрирасон ва ҷойгиркунии онҳо дар масофаи наздик ба корхонаҳои саноати дӯзандагӣ барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, таъмини ин корхонаҳо бо таҷҳизотҳои замонавӣ ва кадрҳои баландихтисос мавриди муҳокима қарор дода шудааст.

Калидвожаҳо: саноати сабук, саноати коркарди ашёи хом, саноати дӯзандагӣ, корхонаи пойафзолбарорӣ, логистикаи истеҳсолию тиҷоратӣ, инфрасохтори саноати сабук, бозори молҳои саноатӣ.

ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ОТРАСЛИ ЛЕГКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается актуальность развития легкой промышленности в Республике Таджикистан как преимущественной отрасли, имеющей свою сырьевую базу и дешевую рабочую силу, способствующей решению проблем, связанных с занятостью населения и обеспечением потребности населения в импортозаменяющих товарах, таких как ткани, одежда, головные уборы, обувь, мебель, ковры и ковровые изделия. Необходимость классификации, которую отметили авторы, является важным условием для совершенствования обмена отчетов отрасли, а также усиления, межотраслевых хозяйственных связей и их контроля органами управления. В статье также отмчено экономическое значение производства основного сырья в аграрном секторе республики и пути обеспечения отрасли сырьём, вспомогательными материалами и рабочей силой, формирования инфраструктуры, производственной, коммерческой и транспортной логистики. Показана важность и значение проблемы кадрового обеспечения на текстильных и швейных предприятиях путём совершенствования профессионального уровня и изучения передового опыта развитых стран мира. Отмечаются пути развития и размещения предприятий отраслей легкой промышленности, в частности предприятий швейной промышленности, вблизи сырьевых и перерабатывающих отраслей и обечпечение их высококвалифицированными отраслевыми кадрами, современным оборудованием для производства конечного продукта.

Ключевые слова: легкая промышленность, перерабатывающая промышленность, сырье, швейная промышленность, предприятия производство обуви, производстственно-коммерческая логистика, инфраструктура легкой промышленности, рынок промышленных товаров.

PROBLEMS OF DEVELOPMENT OF THE INDUSTRY OF LIGHT INDUSTRY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article discusses the relevance of the development of light industry in the Republic of Tajikistan as a predominant industry, having its own raw material base and cheap labor, contributing to the solution of problems related to employment and meeting the needs of the population in import-substituting goods, such as fabrics, clothing, hats, shoes, furniture, carpets and rugs. The need for classification, which the authors noted, is an important condition for improving the exchange of industry reports, as well as strengthening, intersectoral economic relations and their control by management bodies. The article also highlights the economic importance of the production of basic raw materials in the agricultural sector of the republic and ways to provide the industry with raw materials, auxiliary materials and labor, the formation of infrastructure, industrial, commercial and transport logistics. The importance and importance of the problem of staffing at textile and sewing enterprises by improving the professional level and studying the best practices of developed countries of the world are shown. The ways of developing and locating enterprises in light industry sectors, in particular clothing industry enterprises, near raw materials and processing industries, and equipping them with highly qualified industry personnel and modern equipment for the production of the final product are noted.

Key words: light industry, processing industry, raw materials, clothing industry, footwear manufacturing enterprises, production and commercial logistics, light industry infrastructure, industrial goods market.

Сведения об авторах: ***Сарабекова Изолат Закратовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Sarabekova 56@mail.ru**
Сангова Арафамох Мурчаевна - Технический колледж Таджикского технического университета им. М.С. Осими, преподаватель кафедры экономики и управления. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Айни 41. Телефон: **900-48-84-42**

Information about the authors: ***Sarabekova Izolat Zakratovna*** - Tajik National University, Candidate of Economics, Associate Professor, Department of Management and Marketing. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Sarabekova 56@mail.ru.** Phone: **900-48-84-42**
Sangova Arafamokh Murchaevna - Technical College of the Tajik Technical University. M.S. Osimi, lecturer at the Department of Economics and Management. **Address:** 734000, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini street 41

УДК 330.34:338.43

МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Саидмуродова М.А., Даҳбошиева Н.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Инкишофи ҷараёни ҷаҳонишавӣ ҳалли масъалаҳои паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва дуруст ба роҳ мондани истеҳсоли озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии мамлакатро талаб менамояд. Бинобар ин, тадқиқи масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ, коркарди механизми ба амал баровардани он ва консепсияи минбаъдаи инкишофи соҳаи аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти илмию амалӣ пайдо мекунад.

Проблемаи умумиҷаҳонии озуқавориро ҳамчун яке аз проблемаҳои асосии ҳалнашудаи асрҳои XX ва XXI баҳогузорӣ мешавад. Дар 50 соли охир дар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ инқилоби ҷиддӣ ба амал омада истода, шумораи одамони гурусна ва аз ҷиҳати озуқаворӣ танқисӣ кашида истода қариб ду маротиба кам шудааст. Дар баробари ин, як қисми аҳолии кураи замин то ҳол аз норасоии маводи озуқа азоб мекашанд. Шумораи одамони аз гуруснагӣ машаққатдида мувофиқи манбаъҳои гуногун аз як миллиард нафар зиёд мебошад. Мувофиқи маълумотҳои созмонҳои байналхалқӣ кам шудани ҳаҷми истеҳсоли хӯрока дар ҷаҳон ва таъсири буҳрони ҷаҳонии иқтисодию озуқаворӣ боз наздики 100 млн. нафари дигарро бо масъалаи норасоии озуқаворӣ рӯ ба рӯ гардонид, яъне ба таври мутлақ норасоии озуқавориро (аз рӯйи ғизонокӣ) ҳар як 7-умин одами сайёра эҳсос мекунад. Бо дарназардошти вазъияти ба вуҷудомада Гурӯҳи Бонки Умумиҷаҳонӣ нияти зиёд намудани воситаҳоро барои фонди бартарафсозии буҳрони озуқаворӣ аз 1,2 то 2 млрд. доллари ИМА эълон намудааст [1]. Хусусияти махсуси таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷаҳон аз он иборат аст, ки дар гурӯҳи давлатҳои тараққикардаи иқтисодии ҷаҳон аз барзиёд истеъмолкунии маҳсулоти ғизоӣ одамон вазни зиёд гирифта, дучори касалиҳои вазнин мегарданд, аммо дар гурӯҳи давлатҳои рӯ ба инкишоф ва дар давраи гузариш қарордошта одамон танқисии маҳсулоти ғизоиро бевосита ҳис карда, аз норасоии он ба касалиҳои сирояткунанда, камхунӣ (махсусан занони қобилияти таваллуддошта) бештар гирифтор гардида, то ба ҳалокат расида истодаанд. Мувофиқи нишондодҳои ФАО (Ташкилоти умумиҷаҳонии озуқаворӣ ва кишоварзии СММ) меъёри манфиати якшабонарӯзаи ҳар як одам аз истеъмоли маводи ғизоӣ бояд аз 3200 то 3400 ккал. бошад. Аммо дар гурӯҳи аввали давлатҳои номбаркардашуда (мутараққӣ) ин рақамҳо то ду маротиба зиёд буда, дар гурӯҳи дуюми давлатҳо бошад (рӯ ба инкишоф ва дар давраи гузариш қарордошта) рақамҳои дар боло зикршуда, ҳамагӣ аз 1000 то 1800 ккал-ро ташкил медиҳад, ки ин аллакай нишондиҳандаи норасоии озуқа ва коста будани таркиби он (камбудии сафедаҳо, равғанҳо ва витаминҳои барои ҳаёти одамон зарурӣ) мебошад.

Яке аз нишондиҳандаҳои амнияти озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ ин таъминоти муътадили аҳолӣ бо озуқаворӣ дар ҳаҷми зарурӣ мебошад. Иҷрои ин вазифа созмон додани чунин шароитҳои иқтисодӣ, сатҳи даромадҳо ва нархҳоро ба озуқаворӣ талаб менамояд, ки кафолати дастрас будани онҳоро барои аҳолӣ дода тавонад. Дастрас ва кофӣ будани озуқаворӣ муътадилии иҷтимоӣ ва сиёсиро дар ҷомеа таъмин намуда, барои рушди иқтисодиёт, мустаҳкамгардонии иқтидори давлат шароит фароҳам меорад.Дар таъмини амнияти озуқавории Тоҷикистон ва минтақаҳои он давлат ҳамчун кафили тавоно, барои қонеъ гардонии талаботҳои аҳолӣ бо озуқаворӣ баромад мекунад. Манфиатҳо аз нигоҳдорӣ ва қавигардонии саломатии аҳолӣ, таъмини онҳо бо ғизоҳои пуразриш, аз сохтори гуногуни минтақаҳо, бо назардошти шароитҳои табиӣ, иқтисодӣ, фаъолияти меҳнатӣ, анъанаҳои миллӣ, демографӣ ва дигар хусусиятҳо вобастагӣ дорад.

Бо қонеъгардонии талаботҳои физиологии инсон аз маводҳои ғизоӣ ва гирифтани қувваю неру, истеъмолот бояд ҳамзамон вазифаҳои пешгирию табобатиро иҷро намояд. Мақсади ин ташвиш, махсусан таркиби хӯрокаи коргарони дар шароитҳои фавқулода меҳнаткунанда, кӯдакон, одамони синну солашон калон ва дорандагони касалиҳои давомнок мебошад. Ҳалли ин масъалаҳо дастрас будани маҳсулотҳои хӯрокавориро дар ҳаҷми зарурӣ ва хелҳои гуногун барои истеъмолкунандагон ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам иқтисодӣ талаб менамояд. Бехатарии озуқаворӣ ва ғизо ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқавории мувофиқ (аз нуқтаи назари миқдор, сифат, бехатар будан) мавҷуд ва дастрас бошад ва ҳамаи табақаҳои ҷомеа ҳама вақт барои таъмини ҳаёти фаъол ва солим чунин озуқавориро қаноатмандона истеъмол кунанд. Падидае, ки солҳои охир боиси ташвиши ҷомеа гардидааст ин маҳсулоти аз ҷиҳати генетикӣ такмилдодошуда ё ин ки “ГМО”аст. Олимон баҳри ба шароитҳои гуногуни иқлим ва ҳашаротҳои ҳархелаи зараррасон тобовар гаштани маҳсулоти озуқаворӣ ба таркиби онҳо организмҳои аз

ҷиҳати генетикӣ такмилдодошударо ворид менамоянд. Дар натиҷа ҳосилнокии ин гуна маҳсулот зиёд гашта, он ба ҳамагуна шароити бароят манфӣ тобовар мешавад. Аммо истеъмоли ҳамин гуна маҳсулотҳо одамонро ба касалиҳои хатарнок, аз ҷумла саратон ва тавлиди кӯдакони нуқсонҳои гуногундошта дучор гардонида истодааст.

Бинобар ин, масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ, ки бар асари сатҳи нокифоияи ғизо, қобилияти на он қадар баланди пардохтпазирии аҳолӣ ва ҳиссаи баланди воридот, ки дар мувозинаи умумии озуқаворӣ ба миён омадааст, заминаҳои воқеии хавфи мушкилии озуқавориро ифода мекунад. Вобаста ба ин, ҷиҳати татбиқи Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои муайяни молиявӣ зарур мебошад, ки қисми бештари онро буҷети давлатӣ ва сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ташкил менамояд. Дар соҳаи кишоварзӣ ҳалли масъалаҳоро дар самти маблағгузориҳои хориҷию дохилӣ тавре ба роҳ мондан зарур аст, ки он яквақта набуда, балки давраи дарозмуҳлатро дар бар гирад. Ин барои таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҳисоби захираҳои мавҷудаи дохилӣ ва, инчунин, хориҷӣ шароит фароҳам оварда, барои ташкили низоми муайяни рушди соҳа ва, ҳамзамон, ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат Нишондиҳандаи умумии таъмини амнияти озуқаворӣ барои ҳамаи мамлакатҳо ин муайян намудани динамикаи солонаи истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Аз ин рӯ, ФАО (ташкилоти умумиҷаҳонии озуқаворӣ ва кишоварзии СММ) ба сифати нишондиҳандаи аз ҳама асосии амнияти озуқаворӣ ҳаҷми захираи ғалларо дар таносуб бо ҳаҷми истеъмоли солонаи он пешниҳод мекунад, ки дар ҷаҳон аз 17% то 20%-ро ташкил медиҳад (дар баъзе солҳо вобаста ба шароитҳои фавқулодаи мамлакатҳо то 16% паст ҳам мешавад). Аммо ҳаҷми захира бояд ҳолати умумии озуқаворӣ, истеъмол ва дастрасии қисми асосии истеъмолкунандагони мамлакатро дар назар дошта бошад. Аз ин лиҳоз, дар таҳлили масоили амнияти озуқаворӣ чунин мафҳумҳоро истифода мебаранд:

- ***истиқлолияти озуқаворӣ*** – ин иқтидори соҳаи аграрии иқтисодиёти миллӣ дар истеҳсоли маводи асосии хӯрокворӣ дар ҳаҷми барои мамлакат зарурӣ;
- ***вобастагии озуқаворӣ*** – ин дар ҳолати паст будани самаранокии истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёти миллӣ аз маҳсулоти воридотӣ вобаста шудани мамлакатро дар назар дорад.

Дар ин мавриди афзоиши истеҳсолоти аграрӣ метавонад ба чунин масъалаҳои вазнини иқтисодӣ дучор гардад, ки яке қобилияти пасти харидории аҳолӣ ва дигаре бошад, маҳдудияти инфрасохтори соҳаи аграрӣ дар масъалаи то истеъмолкунанда расонидани маҳсулот аст. Камбудиҳое, ки дар соҳаи аграрӣ мавҷуданд (сатҳи баланди таваррум, пастравии даромадҳои ҳақиқии аҳолӣ, чандирии пасти бозори истеъмолӣ, вайроншавии таносуби нархӣ дар байни маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ ва соҳаҳои дигари аграрӣ, рақобати тезу тунд аз ҷониби таҳвилкунандагони маҳсулоти воридотӣ ва баъзе норасоиҳои дигар) инкишофи ин соҳаро хеле ба қафо партофт.

Дар шароити маҳдуд будани захираҳои молиявӣ бунёди низоми амнияти озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рушди соҳаи аграрӣ ва истифодаи технологияи навтарину шаклҳои самараноки ҳамкориҳои илмию истеҳсолӣ вобастагии калон дорад. Соҳаи мазкур бахши пешбарандаи иқтисодиёти Тоҷикистон ба шумор рафта, дар солҳои охир ба ҳисоби миёна 18-21%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилиро таъмин менамояд. Рушди соҳаи кишоварзӣ барои таъмини босубот ва мутаносиби аҳолии кишвар бо озуқаворӣ тавассути афзоиши мунтазам ва устувори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи даромад ва таъмини шуғли аҳолӣ, инчунин, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, ки барои ташкили такрористеҳсолкунӣ зарур мебошад, мусоидат менамояд.

Барои таҳлили таъмини амнияти озуқаворӣ интихоб ва асоснок намудани нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеъмоли молҳои озуқаворӣ зарур аст. Нишондиҳандаҳои истеъмоли маводи озуқа бо истифода аз ченаки воҳиди маҳсулот ба сари аҳолӣ ҳисоб карда мешавад (асосан дар як сол). Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 9-10 гурӯҳи маводи озуқаро ба сари аҳолӣ ба муддати 1 сол ҳисоб мекунанд: гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, тухм, шакар, маҳсулоти нонӣ, картошка, сабзавоту полезиҳо, мевагиҳо, буттамева ва ангур, равғани растанӣ:

Ҷадвали 1. Истеъмоли маводҳои асосии озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳисоби миёна ба 1 нафар аъзои хонавода дар як сол, кг)

Нишондиҳандаҳо	Меъёрҳо		2000	2010	2014	2015	2016	2017	2018	+/-, бо %
	ҶТ	СММ								
Маҳсулоти нонӣ	147,7	120,5	148,0	160,6	153,0	150,0	151,49	161,4	165,4	11,75
Картошка	92,0	96,7	37,8	35,0	33,3	35,8	39,11	42,43	46,4	22,75
Сабзавот ва полезиҳо	166,1	140,3	98,5	70,7	76,0	80,0	80,40	88,97	88,5	-10,15
Мева ва буттамева	124,1	80,3	50,8	33,2	33,5	35,9	30,39	33,26	38,7	-23,81
Шир ва маҳсулоти ширӣ	115,3	359	64,9	60,9	58,7	57,5	59,5	58,08	60,5	-6,77
Гӯшт ва маҳсулоти	40,8	70,1	4,4	11,0	14,9	14,6	14,76	14,02	14,2	222,72

гӯштӣ										
Тухм, дона	180,0	243	19,0	40,0	71,0	72,0	68,0	76,0	84,0	342,1

Сарчашма: Дар асоси «Нишондиҳандаҳои асосии таҳқиқоти хоҷагиҳои хонагӣ» ҳисоб карда шудааст. Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, 2019. -С. 40

Тавре ки аз ҷадвал маълум мегардад, танҳо нишондиҳандаи истеъмоли маҳсулоти нонӣ ба сари аҳолӣ аз меъёри муайянгардидаи ҷумҳурӣ ва Созмони Милали Муттаҳид зиёд буда, аз рӯйи нишондиҳандаҳои дигари маҳсулоти истеъмолӣ бошад, кам ба назар мерасад. Новобаста аз афзоиши меъёри баъзе аз намудҳои маводи озуқа ҳоло ҳам тағйиротҳо ё ин ки норасоиҳо ба ҳисоби маротиба вуҷуд дорад: гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 5,5 маротиба; шир ва маҳсулоти ширӣ 4,1 маротиба; тухм 4,1 маротиба; картошка 1,3 маротиба; сабзавот ва полезиҳо 2 маротиба.

Вазъияти баамаломада норасоии маводи озуқаро дар мамлакат нишон медиҳад. Бинобар ин, барои ҳалли саривақтии масоили вобастагии аҳолии ҷумҳурӣ аз маводи озуқаворию воридотӣ, тақсимоти боадолати ин мавод ва истеҳсоли маҳсулоти равияи содиротидошта чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст, ки вақти муайянро талаб мекунанд. Шарти зарурии бехатарии озуқаворию мамлакат ва минтақаҳо ин худтаъминкунӣ (мустақилияти озуқаворӣ) мебошад, ки дар зери ин мафҳум қонеъгардонии қисми муҳимми ниёзҳои аҳолӣ бо маҳсулотҳои хӯрока аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ фаҳмида мешавад. Ин масъалаи муҳимро комплекси агросаноатӣ (КАС) - бузургтарин сектори аҳамияти стратегӣ доштаи иқтисодиёти миллӣ, ки фаъолияти он бо соҳаҳои дигари хоҷагии халқи мамлакат алоқаманд аст, ҳал менамояд.

Дар Тоҷикистон КАС (Комплекси агросаноатӣ) ва, пеш аз ҳама, таркибдиҳандаи он – хоҷагии қишлоқ яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти мамлакат ба шумор меравад. Дар деҳот 73,7% аҳолии мамлакат умр ба сар мебаранд ва 50,8%-и он ба қисми аҳолии фаъол мансуб буда, дар замин меҳнат мекунанд. Дар КАС-и – Тоҷикистон ислоҳоти соҳаи аграрӣ идома ёфта истодааст, ки ба ташаккулёбии бисёрсохтории иқтисоди миллӣ ва мутобиқшавии он ба шароитҳои бозорӣ равона карда шудааст.

Ин тағйиротҳо ба ҷойивазкунӣ (дигаргуншавӣ)-и қисми зиёди истеҳсоли намудҳои муҳимми маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ дар сектори хусусӣ оварда расонидааст. Агар дар соли 1990 ба хоҷагиҳои аҳолӣ 4,1% ғаладонагӣ, 41,4% картошка, 48,6% сабзавот, 23,4% ангур, 11,4% тухм, 50,9% гӯшт ва 52,2% шир рост меомада бошад, айни замон таносуби хоҷагиҳои аҳолӣ дар истеҳсоли ин маҳсулотҳо ба таври назаррас афзуданд, ки инро маълумотҳои зерин шарҳ медиҳанд: истеҳсоли ғаладонагиҳо 45,3%, картошка 70,9%, сабзавот 69,6%, полезӣ 46,8%, мевагӣ 66,9%, ангур 63,2%, тухм 55,4% гӯшт, 91,3% ва шир 92,3%-ро ташкил доданд» [2]. Дар солҳои минбаъда ин рақамҳо ба таври куллӣ тағйир наёфтаанд. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои худтаъминкунии Тоҷикистон бо озуқаворӣ намудҳои аввалиндараҷаи онро аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин аст. Меъёрҳои воридкунии ин ё он маҳсулотҳо: вазни қиёсии онҳо дар қонеъгардонии талаботҳои аҳолӣ бо қисматҳои зарурии хӯрока; хароҷотҳои логистикии онҳо; аз нав тақсимкунии захираҳои молӣ байни минтақаҳои гуногун; нигоҳдории давомнок барои тайёр намудани захираҳо ҳамчун шароитҳои муътадили дараҷаи истеъмолот ва нархҳо дар бозори озуқаворӣ ба назар гирифта мешаванд.

Аҳамияти аввалиндараҷа дар таъминоти бехатарии озуқаворӣ ба ғалла, шакар, равғани растанӣ, маҳсулотҳои ширӣ, гуштӣ ва моҳӣ тааллуқ дорад. Пас, бо дараҷаи тараққиёти коркарди ин намуди озуқаворӣ кашонидани маҳсулотҳо қулай ва барои нигоҳдории дуру дароз қулайтар, инчунин, аҳамияти онҳо дар азнавтақсимкунии ҳудудӣ, тайёркунии захираҳо, таъминоти бехатарии озуқаворӣ дар мамлакат болотар меравад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ проблемаҳои умумиҷаҳонӣ, монанди тағйирёбии иқлим, таҳдидҳои экологӣ, ҷангу мухолифатҳои дохиливу байни миллатҳо боиси пастравии рушди иқтисодиёт гардида, ба сатҳи зиндагии инсон таъсири манфӣ мерасонанд. “Буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ ҳар давлатро водор менамояд, ки барои мунтазам рушд ёфтани иқтисодиёти кишвараш принсипҳои умумиэътирофгардидаро ба роҳбарӣ гирифта, консепсияву стратегияҳои тараққиёти иқтисодиёти миллӣ ва иҷтимоии давлати худро коркард ва фаъолияти идоракуниро вобаста ба он роҳандозӣ намояд”[5]. Новобаста аз таъсири буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ ва вазъи мураккаби молиявӣ, рушди иқтисодиёт, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолиро Ҳукумати Тоҷикистон вазифаи асосӣ мешуморад. Барои таъмини амнияти озуқаворию Тоҷикистон иҷрои пай дар пайи алоқамандии байниҳамдигарии меъёрҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зарур мебошад. Масъалаҳои асосии баландбардории сатҳи бехатарии озуқаворӣ ин устувор гардонии истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрокворӣ, азнавбарқароргардонии онҳо, инкишоф ва тағйирёбии сохторҳои ба талаботи бозор мувофиқи онҳо ва баланд бардории сифати маҳсулоти КАС мебошад.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” қайд гардидааст: “Дар соҳаи кишоварзӣ ҳалли масъалаҳоро дар самти маблағгузориҳои хоричию дохилӣ тавре ба роҳ мондан лозим аст, то он яквақта набуда, балки давраи дарозмуҳлатро дар бар гирад. Ин барои таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҳисоби захираҳои мавҷудаи дохилӣ ва, инчунин, хориҷӣ шароит фароҳам оварда, барои ташкили низоми муайяни рушди иқтисоди миллӣ ва, ҳамзамон, ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд. Таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат таъмини саломатии аҳолӣ бо дарназардошти баланд бардоштани сифати зиндагӣ; сатҳи худтаъминкунӣ бо маҳсулоти ғизоӣ аз 55%-и соли 2015 то 70% дар соли 2030 расонида, ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар ММД аз 23,3% ба 19% коҳиш меёбад. Ин маънои онро дорад, ки ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ кам намешавад, балки меафзояд. Аммо ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ зиёд мешавад». Ин ҳолат маънои онро дорад, ки коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар саноати маҳаллӣ ба вуҷуд омада, камхароҷот, босифат ва барои аҳолӣ арзон дастрас мегардад.

Дар хулоса бояд ҳаминро қайд намуд, ки коркард ва иҷроиши меъёрҳо дар доираи амнияти озуқавории мамлакат таъмини асоснокии илмию амалиро талаб менамояд. Дар ин росто бояд тадқиқотҳои мақсаднок оиди технологияи инноватсионӣ, технологияҳои истеҳсол ва коркарди маҳсулотҳои озуқаворӣ, ташаккулёбӣ ва мукаммалгардонии механизми иқтисодӣ, барпо намудани инфрасохтори бозори озуқаворӣ, коркарди базаи меъёрии таъмини озуқавории мамлакат, минтақаҳо, категорияҳои алоҳидаи аҳолӣ, истеъмолкунандагон ва дигар ҷанбаҳои дар сохтори таъмини бехатарии озуқаворӣ аҳамияти бевоситадошта дар бар гирифта шавад. Ба андешаи мо барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар мамлакат ҳалли масъалаҳои зерин қобили қабул аст:

- муосиргардонии корхонаҳои коркарди ашёи хоми озуқаворӣ;
- бунёд намудани корхонаҳои коркарду нигоҳдории меваю сабзавот дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ;
- ба тариқи лизингӣ ташкилу истифодабарии техника дар корхонаҳои кишоварзӣ ва ба истеҳсолкунандагони маводи озуқаворӣ пешниҳод кардани қарзҳои имтиёзнок;
- бунёди комплексҳои ҳозиразамони технологӣ ва дар ин замина бунёд намудани заводҳои хурди истеҳсоли маҳсулотҳои ширию гӯштӣ;
- самаранок истифодабарии неруи ақлонӣ дар соҳаи аграрии мамлакат бо назардошти анъанаҳои миллӣ;
- таъмини рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва ба содирот нигаронидани он;
- ҷалби сармояи хориҷӣ ва тарҳрезии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи аграрӣ (хусусан, истеҳсоли маводи озуқаворӣ дар кишвар);
- дастгирии давлатии соҳаҳои кишоварзӣ, ки ба истеҳсоли маводи озуқаворӣ машғуланд.

АДАБИЁТ

1. [Электронный ресурс]. http: www. worldbank.org
2. Қаюмов Н.К. Стратегия развития «Глобализация экономики и обеспечение продовольственной безопасности Таджикистана» / Н.К. Қаюмов // Экономика Таджикистана. - 2008. -№4.
3. Сельское хозяйство Республики Таджикистан: Ст. сборник. - 2018. –С. 16-40.
4. Экономическая безопасность / В. А. Богомолов [и др.]. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2009. -С.105.
5. Экономическая безопасность России: Общий курс: Учебник / Под ред. В.К. Сенчагова. -2-е изд. -М.: Дело, 2005. - 896 с.

МАСОИЛИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявии таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ дида баромада шудааст. Хулосаҳои таҳлилии овардашудаи муаллиф, ки бо рақамҳои оморӣ асоснок шудааст, масъалаи таҳлилшавандаро пурра дар бар мегирад. Таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ дар шароити муносибатҳои ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб мераванд. Рушди соҳаи кишоварзӣ барои таъмини аҳолии кишвар бо озуқаворӣ тавассути афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи даромад ва таъмини шуғли аҳолӣ мусоидат менамояд. Бо дарназардошти ин омилҳо хадафи асосии Барномаи амнияти озуқаворӣ аз афзоиши маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ ва баландшавии ҳосилнокии меҳнат иборат буда, барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди ҳазорсола ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 нигаронида шуда, дар ин замина, баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, алалхусус дар деҳот имконият фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: амнияти иқтисодӣ, хоҷагии қишлоқ, амнияти озуқаворӣ, дастрасии озуқаворӣ, содирот, воридот, истеъмолкунанда, истеҳсолоти кишоварзӣ, ҷаҳонишавӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

В статье рассматриваются теоретические проблемы обеспечения продовольственной безопасности в Республике Таджикистан в условиях глобализации. Результаты проведенного автором анализа обоснованы статистическими данными. Продовольственная безопасность и развитие аграрного сектора являются одной из

важнейших задач национальной экономики в условиях глобализации. Развитие сельскохозяйственного сектора позволит обеспечить население страны продуктами питания за счет увеличения сельскохозяйственного производства, увеличения доходов и занятости. С учетом этих факторов основной целью Программы продовольственной безопасности является увеличение валовой продукции сельского хозяйства и повышение производительности труда, достижение Целей развития тысячелетия и приоритетов Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года и на этой основе улучшение уровня жизни, особенно в сельской местности.

Ключевые слова: экономическая безопасность, сельское хозяйство, продовольственная безопасность, продовольственная доступность, экспорт, импорт, потребитель, сельскохозяйственное производство, глобализация.

THE THEORETICAL PROBLEMS OF FOOD SECURITY IN A CONDITION OF GLOBALIZATION

The article discusses the theoretical problems of ensuring food security in the Republic of Tajikistan in the context of globalization. The results of this analysis, which are proved by statistical data's, reflect this problem. Food security and the development of the agricultural sector are one of the most important tasks of the national economy in the context of globalization. The development of the agricultural sector will provide the country's population with food by increasing agricultural production, increasing income and employment. Given these factors, the main goal of the Food Security Program is to increase gross agricultural output and increase labor productivity, achieve the Millennium Development Goals and the priorities of the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 and on this basis provide an opportunity to improve living standards, especially in rural areas.

Key words: economic security, agriculture, food security, food accessibility, export, import, consumer, agricultural production, globalization.

Сведения об авторах: ***Саидмуродова Малика Абдувахобовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики и международных экономических отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел: **918-62-68-95.** E-mail: **malika-63-63@mail.ru**
Дахбошиева Нозигул Раджабалиевна - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономической теории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

Information about the authors: ***Saidmurodova Malika Abduvahobovna*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy and International Economic Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru.** Ph: **918-62-68-95**
Dakhboshieva Nozigul Ragabalievna - Tajik National University, applicant for the Department of Economic Theory. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **aminjon1977@mail.ru.** Ph: **900-10-70-12**

УДК : 330 (575.3)

РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ ҚАРЗИ БЕРУНАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Нуралиева А.Н., Нуралиев Л.Н., Нурализода Н.Н.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Қарзи берунаи давлатӣ ин ҷалби активҳо аз сарчашмаҳои беруна (давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқии ғайрирезидентӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ) аст, ки уҳдадории давлат ҳамчун қарзгиранда ва кафолатдиҳандаи пардохти қарзи давлатӣ ташаккул меёбад. Қарзи берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз уҳдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди шахсони ҳуқуқии ғайрирезидентӣ, давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва дигар субъектҳои ҳуқуқии байналмилалӣ иборат мебошад.

Ҳамасола дар вақти қабули буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли молиявии оянда дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри қарзи берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Қарзи берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда мешавад:

1.Барои рушди тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, барои барномаи инвеститсионии давлатӣ;

2.Барои маблағгузории касри буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Барои пардохти маблағҳои қарзии мавҷудбуда;

4.Барои рӯйпуш кардани талабот ба маблағҳое, ки барои ҳолатҳои фавқулодда истифода мешаванд.

Ҳаҷми қарзи берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хароҷоти хизматрасонии онро дар солҳои 2010-2018 дида мебароем (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Динамикаи ҳаҷми қарзи берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хароҷоти хизматрасонии он дар солҳои 2010 – 2018 (млн. доллари ИМА)

Нишондиҳандаҳо	**2010**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2018/2010** (бо фоиз)
Қарзи берунаи давлатии ҶТ	1639,0	2172,3	2194,9	2274,1	2899,9	176,9
Қарзи берунаи давлатии ҶТ нисбат ба ММД (бо фоиз)	28,9	27,8	32,7	31,5	39,4	+10,5

Харочотҳои хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ	74,7	144,5	156,8	159,2	184,8	247,4
аз ҷумла						
пардохти қарзи асосӣ	42,7	113,1	123,0	125,5	112,8	264,1
пардохти фоизи қарз	32,0	31,4	33,8	33,7	72,0	225,0

Бояд қайд кард, ки дар давоми солҳои охир дараҷаи қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳадде, ки аз ин бештар шуданаш ба рушди мамлакат хавф дошта метавонад, зиёд нагардидааст. Яке аз мушкилоти асосии вобаста ба қарзи берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз таҳлили рақамҳои ҷадвали 1 бармеояд, ин масъалаи хизматрасонӣ ва пардохти он мебошад. Ҳалли масъалаи мазкур дар вақти қабули буҷети давлатӣ барои соли ояндаи молиявӣ баррасӣ ва чорабиниҳо муайян карда мешаванд.

Карзи берунаи давлатӣ дар ҳолати истифодабарии он барои ҳалли масъалаҳои рушди тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, барои татбиқи барномаҳои инвеститсионии давлатӣ ба афзоиши устувории ММД мусоидат мекунад. Дар солҳои 2010-2018 ҳаҷми ММД-и мамлакат (бо нархҳои соли 2018) аз 35,2 млрд. сомони то 68,8 млрд. сомонӣ расидааст, яъне 1,95 маротиб афзудааст [1]. Бинобар ин, маҳдудкунии ҷалби қарзҳои берунаи давлатӣ ба афзоиши иқтисодӣ монеъ шуда, рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакатро бо сабаби маҳдуд будани захираҳои молиявӣ мушкил мегардонад.

Дар ин робита дар Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 дар муқоиса бо стратегияи пешинаи идоракунии қарзи давлатӣ ҳадди ниҳоии нишондиҳандаи асосии қарзӣ – қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, аз 40% ба 60% муқаррар гардидааст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои устувории қарзӣ дар солҳои 2018-2020

Нишондиҳандаҳо	Соли 2018	Соли 2019	Соли 2020
Қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ	На зиёда аз 60%	На зиёда аз 60%	На зиёда аз 60%
Хизматрасонии қарзи давлатии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба содироти молу хизматрасониҳо	На зиёда аз 15%	На зиёда аз 15%	На зиёда аз 15%
Хизматрасонии қарзи давлатии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба даромадҳои буҷети давлатӣ	На зиёда аз 25%	На зиёда аз 25%	На зиёда аз 25%
Дараҷаи ниҳоии имтиёзнокии қарзҳои берунӣ	35%	35%	35%
Бароришти кафолатҳои давлатӣ (сомонӣ)	0	0	0
Бароришти ва ҷойгиронии облигатсияҳо бо асъори хориҷӣ дар бозорҳои берунии молиявӣ	500.0 млн. $	0	0
Ҷойгиронии векселҳои хазинадории давлатӣ зимни музояда	100%	100%	100%
Вазъи қиёсии облигатсияҳои давлатии хазинадорӣ дар сохтори эмиссияи ҳарсолаи қоғазҳои қиматноки давлатӣ	Гардиши мусбӣ	Гардиши мусбӣ	Гардиши мусбӣ

Манбаъ: Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020

Тибқи Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 дар ояндаи наздик ҳаҷми қарзи берунаи давлатӣ вобаста ба татбиқи барномаи инвеститсионӣ бемайлон меафзояд. Дар соли 2019 мутобиқи қонуни ҶТ «Дар бораи буҷети давлатии ҶТ барои соли 2019» дар ҳаҷми 2539,8 млн. сомонӣ аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва дигар давлатҳо қарзҳо ва 1732,3 млн. сомонӣ грантҳои нав гирифта мешаванд, пардохти қарзи берунаи давлатӣ дар ҳаҷми 1211,6 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки 1,5%-и ММД-ро ташкил медиҳад. Харочот оид ба хизматрасонӣ ба қарзи берунаи давлатӣ (пардохти фоизи он) дар соли 2019 761,6 млн. сомониро ташкил медиҳад ва тамоили афзудан дорад [2,с.32]. Аз ин лиҳоз, масъалаи такмили идоракунии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати муосири молиявии ҷумҳурӣ мебошад.

Идоракунии қарзи давлатӣ маҷмӯи чорабиниҳои давлатӣ нисбати пардохт ва танзими ҳаҷми қарзи давлатӣ, инчунин, ҷалби қарзҳои нав мебошад. Мушкилоти вобаста ба идоракунии қарзи давлатӣ, танзими он ва интихоби сиёсати дурусти қарзгирӣ хеле муҳимму мубрам мебошанд. Гарчанде дар солҳои охир вазъияти бозори қарзгириҳои давлатӣ ба ҷониби беҳтаршавӣ тағйир ёфта бошад ҳам, ба инобат бояд гирифт, ки ҳар як қадами нодуруст дар оянда ба мушкилоти ҷиддӣ боис гардида метавонад. Барои роҳ надодан ба ин назорати мунтазами ҷараёни ҷалби қарзҳои давлатӣ, кафолатҳо ва риояи сиёсати Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ зарур мебошад. Идоракунии самараноки қарзи хориҷӣ яке аз проблемаҳои асосии иқтисодиёти дилхоҳ мамлакат мебошад, ки аз амалисозии он суръати рушди иқтисодӣ, инчунин, самаранокии сиёсати молиявӣ, буҷетӣ ва иҷтимоии давлат вобастагӣ дорад.

Давлат захираҳои молиявиро бо мақсади рӯпӯш намудани касри буҷети давлатӣ, инчунин, амалисозии барномаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти

миллӣ ҷалб менамояд, ки захираҳои молиявии мазкур дар доираи маблағҳои буҷети давлатӣ ғайриимкон мебошад. Ҳар як мамлакати ҷаҳон хусусиятҳои хосси идоракунии қарзи хориҷиро дорад. Онҳо бо хусусиятҳои реҷаи асъорӣ, сиёсати макроиқтисодии давлат, меъёрҳои танзимкунӣ, иқтидори ташкилӣ-ҳуқуқӣ, пардохтпазирии мамлакат, мақсадҳои асосӣ дар соҳаи идоракунии қарзи хориҷӣ муайян карда мешаванд.

Мақсади асосии идоракунии қарзи хориҷӣ дар тамоми мамлакатҳо қонеъсозии талаботи ҳукумат дар маблағгузорӣ ва иҷроиши уҳдадориҳо аз рӯйи пардохтҳо дар дурнамои дарозмуддат мебошад [3].

Сиёсати устувори идоракунии қарзи хориҷӣ имкон фароҳам месозад, ки паҳнгардии зуҳуроти бухронӣ ва таҳдидҳои молиявӣ кам гардад, иҷроиши нақшавии буҷети давлатӣ ва гузаронидани сиёсати муфиди молиявӣ ҳам барои давлат ва ҳам барои аҳолӣ таъмин карда шавад. Тавре тадқиқот нишон медиҳад, дар раванди идоракунии қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе норасоӣ ва хатогиҳо мавҷуданд. Сиёсати идоракунии қарзи хориҷии мамлакат танҳо дар чорчӯбаи дурнамои кӯтоҳмуддат амал мекунад. Тағйиротҳои институтсионалии низоми идоракунии қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле суст анҷом гирифта истодааст.

Барои бартараф намудани норасоиҳои мазкур ва бо мақсади баланд бардоштани сифати идоракунии қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки маҷмӯи чорабиниҳои ташкилӣ ва меъёрӣ татбиқ гарданд, инчунин, сиёсати ягонаи давлатӣ дар самти идоракунии қарзи давлатӣ фароҳам оварда шавад. Бо ин мақсад таҳияи сиёсати ягона дар соҳаи идоракунии қарзи хориҷии давлатӣ, коркарди консепсияи идоракунии қарзи хориҷӣ, аз ҷумла принсипҳои асосии роҳбарикунандаи идоракунии қарзи хориҷии давлатӣ, ташаккули механизми ҳамкории мутақобилаи байни сохторҳои давлатӣ дар самти ҷалб, истифода, хизматрасонӣ ва назорати қарзи хориҷии давлатӣ зарур мебошад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки бори аввал дар Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 истифодабарии 4 сенария дар идоракунии қарзи давлатӣ дар назар дошта шудааст: варианти якуми сенария (С1) қарзгирии берунии имтиёзнок, сенарияи дуюм (С2) – тамдиди қарзи дохилӣ, сенарияи сеюм (С3) - афзоиши қарзи дохилӣ аз ҳисоби кумаки иловагӣ ба бонкҳои дорои мушкилот ва сенарияи чорум (С4) бароришиевробондҳо. Таърихан аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти қарзгириҳо бо асъори хориҷӣ бо шартҳои беҳад имтиёзнок амалӣ мегарданд. Қисми асосии қарзҳои беруна дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории гуногун ва қисми ночизи он барои дастгирии буҷети ҷумҳуриявӣ ҷалб карда мешавад.

Аз ин рӯ, дар баланд бардоштани самаранокии истифодабарии қарзи берунаи давлатӣ интихоби дурусти лоиҳаҳои сармоягузории гуногун ва дар ин замина таҳия, қабул ва татбиқи Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ нақши муҳимро мебозад.

Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ (БИД) грантҳо ва ёрии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи сесола дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқи барномаи иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки афзалиятҳои асосии муқаррарнамудаи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 (мувофиқи Мақсадҳои рушди ҳазорсола) ва ҳуҷҷати миёнамуҳлати Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро инъикос менамояд, таҳия мегардад.

БИД рушд ва дастгирии соҳаҳои асосии иқтисодиёти воқеии ҷумҳуриро мақсад гузоштааст: инфрасохтор, энергетика, маориф, тандурустӣ, технологияи иноватсионӣ, илм, саноат ва технологияҳои кишоварзӣ.Барои таъмини фаъолияти самаранок ва амалӣ намудани афзалиятҳои пешбинигардида, мақсад ва вазифаҳои барномаи мазкур риояи мавқеи зерин лозим мебошад:

- ҳангоми маблағгузорӣ афзалият бояд ба лоиҳаҳое дода шавад, ки ба як қатор меъёрҳои муайянгардидаи нишондиҳандаҳои афзалиятнокӣ ва сифат ҷавобгӯ бошанд;
- лоиҳаҳои аз ҷониби вазоратҳои соҳавӣ таҳияшаванда бояд аз нигоҳи асоснокии техникӣ-иқтисодӣ ва имкониятҳои буҷет таҳлил карда шаванд;
- тақвият додани мониторинг ва назорати сифатнокии иҷрои БИД зарур мебошад;
- мониторинги далелҳо ва рӯйдодҳое, ки ба шароити бозор ба ашёи хом ва меваю сабзавоти консервашуда таъсир мерасонанд;
- таҳияи барномаҳои мақсаднок оид ба дастгирии корхонаҳои хурду миёнаи саноат.

Ба назари мо, дар шароити бозор фаъолияти корхонаҳои коркарди беш аз 10 миллион литр бесамар аст. Наздикии ҳадди аксари корхонаҳои бо технологияи нав муҷаҳҳазшуда ба манбаъҳои ашёи хом метавонанд кори корхонаҳои азимро ҷуброн кунанд;

- мустаҳкам намудани ҳамкориҳои ассотсиатсияҳо бо мақомоти давлатӣ, ки дар идоракунии соҳа ва барқарор кардани муносибатҳои корӣ бо ассотсиатсияҳои шабеҳ, ки дар бозорҳои Федератсияи Россия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо кор мекунанд:
- таҳияи пешниҳодҳо оид ба беҳтар намудани муносибатҳои иқтисодӣ байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди ашёи хом;
- асоснок намудани усулҳои муқаррар кардани нархҳои шартномавӣ, истифодаи нархҳо, иловаҳо ва субсидияҳо;
- таҳкими робитаҳои ҳамгироӣ, аз ҷумла силсилаи технологии истеҳсоли ашёи хом, коркард ва фурӯши маҳсулоти консервии меваю сабзавот. Омӯхтани рафтори истеъмолии истифодабарандагони ниҳоӣ муҳим аст;
- мусоидат дар ташкили хизматрасониҳои маркетингӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва ҳамоҳангсозии кори онҳо оид ба тамаркуз ба бозори мушаххаси фурӯши маҳсулот.

Ҳамин тариқ, ҳалли мушкилот ҷиҳати истифодаи захираҳои мавҷудаи саноати консервабарорӣ дар ҷумҳурӣ ҳалли як қатор масъалаҳои ташкилӣ ва иқтисодиро барои ташкили силсилаи таблиғот дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ тақозо мекунад.

АДАБИЁТ

1. Кизим А.А. Консервная промышленность как вектор обеспечения продовольственной безопасности / А.А. Кизим, С.А. Борисов // Наука и образование: хозяйство и экономика; предпринимательство; право и управление. -Ростов-на-Дону, 2016. -№10(77). -С.16-19.
2. Харитонова Т.В. Факторы, влияющие на технологический прогресс в пищевой промышленности / Т.В. Харитонова // Пищевая промышленность. - №6. -С.4.
3. Шамсиев К.Б. Концепция управления развитием предпринимательства в условиях перехода к рынку / К.Б. Шамсиев // Известия Академии наук РТ. – 2003. -№3-4(7-8). -С.19-27.
4. Шамсиев К.Б. Развитие производственного предпринимательства – как фактор преодоления хрематистики Таджикистана / К.Б. Шамсиев // Материалы круглого стола. -Душанбе: ТГНУ, 2008. -С.25-26.
5. Шамсиев К.Б. Стратегия стимулирования и регулирования развития предпринимательства / К.Б. Шамсиев // Экономика Таджикистана: Стратегия развития. - 2001. -№2. - 0,9 п.л.
6. Шумпетер Й. Теория экономического развития / Й. Шумпетер. -М.: Прогресс, 1982. -С.52.
7. Эгамбердиев Ф.Т. Региональные особенности развития агропромышленного производства в условиях либерализации экономики: автореферат докт. дисс. / Ф.Т. Эгамбердиев. -Ташкент, 2003. -38 с.

САМТҲОИ АСОСИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТЕҲСОЛОТ ДАР САНОАТИ МЕВАЮ САБЗАВОТ

Дар мақолаи мазкур гуфта мешавад, ки дар арсаи рақобат дар бозорҳо барои меваву сабзавот ва маҳсулоти консерва, самаранокии саноат аз ду омил - берунӣ ва дохилӣ, муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, мо метавонем, ки дар шароити кунунӣ инкишофи соҳа барои таъсиси механизми босамар ва самарабахши иқтисодӣ, ки дар чорчӯбаи тадбирҳои танзими давлатӣ ва системаи муносиби муносибатҳои иқтисодии байни соҳаҳои мухталифи сохтори агротехникӣ ба шумор меравад, аҳамияти ҷиддӣ диҳем. Намудҳои шаклҳои ташкили истеҳсолот дар комплекси агросаноатӣ, сохтори сохтмон ва идоракунии онҳо ба хусусияти муносибатҳои иқтисодии рӯ ба инкишоф таъсир мерасонанд. Илова бар ин гуфта мешавад, ки барои корхонаҳои саноат нархи арзон бо назардошти хусусиятҳои технологии коркард муфид аст. Пас, харидани помидор дар нархҳо, ки барои мазмуни моддаҳои хушк дар онҳо ҷойгир шудаанд, барои истеҳсоли маҳсулоти помидор мутамарказ аст (афзоиши моддаҳои хушк дар помидор аз 1% ба афзоиши истеҳсоли маҳсулот аз ҳамон миқдори ашёи хом то 15-20%). Дар мақола ҳолати имрӯзаи саноат, ки бо сатҳи пасти истифодаи модели инноватсионии иқтисодиёт тавсиф шудааст, баррасӣ мегардад.

Калидвожаҳо: сиёсати аграрӣ, самаранок, сиёсати техникӣ ва инноватсионӣ, нархгузорӣ, саноати коркард.

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОИЗВОДСТВА В ПЛОДООВОЩЕКОНСЕРВНОЙ ОТРАСЛИ

В статье сказано, что в условиях усиления конкурентной борьбы на рынках сбыта плодоовощеконсервной продукции, эффективность ведения отрасли определяется двумя факторами- внешними и внутренними. Отсюда можно сделать вывод, что в нынешней ситуации развития отрасли важное значение приобретает создание гибкого

и действенного экономического механизма, который включает в себе меры государственного регулирования и адекватную систему экономических отношений между различными сферами АПК. Многообразие форм организации производства в агропромышленном комплексе, структура их построения и управления оказывают существенное воздействие на характер складывающихся экономических отношений. Далее сказано, что предприятиям отрасли целесообразно применять цены с учетом технологических особенностях переработки. Так, закупать томаты по ценам, установленным с учетом содержания в них сухих веществ, что имеет существенное значение для выработки концентрированных томата продуктов (повышение сухих веществ в томатах на 1% равнозначно увеличению выработки готовой продукции из того же количества сырья на 15-20%). В статье рассматривалось нынешнее состояние отрасли, которая характеризуется низким уровнем использования инновационной модели экономики.

Ключевые слова: аграрная политика, эффективность, техническая и инновационная политика, ценообразование, перерабатывающая отрасль.

THE MAIN DIRECTIONS ARE RAISED EFFICIENCY OF PRODUCTIONS IN THE INDUSTRY

The article says that in the face of increased competition in the markets for fruit and vegetable products, the effectiveness of the industry is determined by two factors, external and internal. From this we can conclude that in the current situation of the development of the industry, the creation of a flexible and efficient economic mechanism, which includes government regulation and an adequate system of economic relations between the various sectors of the agro-industrial complex, is of great importance. The variety of forms of organization of production in agriculture, the structure of their construction and management have a significant impact on the nature of emerging economic relations. It is further stated that it is advisable for industry enterprises to apply prices taking into account the technological features of processing. So, to buy tomatoes at prices set taking into account the dry matter content in them, which is essential for the production of concentrated tomato products (an increase in solids in tomatoes by 1% is equivalent to an increase in the production of finished products from the same amount of raw materials by 15-20%). The article examined the current state of the industry, which is characterized by a low level of use of the innovative model of the economy.

Key words: Agrarian policy, efficiency, technical and innovative policy, pricing, processing industry.

Сведения об авторе: ***Рахматуллоева Мошариф Рахматуллоевна*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономии управлении предприятиями. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-90-27-21**

Information about the author: ***Rakhmatulloeva Mosharif Rakhmatulloevna*** - Tajik National University, applicant for the Department of Economy in Enterprise Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-90-27-21**

УДК 336.7:36.1/5(575.3)

ГЕНЕЗИСИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИНСТИТУТСИЯҲОИ БОЗОРИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК

Икромов Ф.Н., Қурбонов Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пеш аз ҳама, қайд намудани ҷоиз аст, ки мо заминаҳои ташаккулёбии рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматнокро аз давраи таърихи пайдошавии биржаҳои тиҷоратӣ ва аввалин бозорҳои таъсисёфтаи муташаккили коғазҳои қиматнок (яъне аз элементҳои миёнаи институтсионалӣ) дар асрҳои XV-XVI то ин ҷониб дида мебароем. Бе шакку шубҳа гуфтан мумкин аст, ки биржа ин як усул ё роҳи ташкил намудани тиҷорат маҳсуб ёфта, дар зинаи аввали таъсисёбияш натанҳо дар он ҷо кағазҳои қиматнок хариду фурӯш мешуданд, балки як қисми ин биржаҳо биржаҳои молӣ буданд, яъне тоҷирон бо тариқи музояда молҳояшонро дар биржа оварда мефурӯхтанд. Бинобар ин, мо барои тадқиқоти амиқу дуруст намудан дар самти таҳаввулот (эволютсия)-и рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматнок бештар ба самтҳои таърихи ташаккулёбии рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ назар намуда, ин самтҳоро шарти муҳим меҳисобем. Дар ин қисмат бештар ба саволҳои биржа кай ва дар куҷо пайдо шудааст; сабабҳои пайдоиши биржа дар ҷомеа ва кадом омилҳо буданд, ки биржаи фондӣ ба институти бозори коғазҳои қиматнок табдил ёфт ва ғайра таваҷҷуҳ хоҳем кард. Дар тадқиқоти мазкур мафҳуми "биржа" ба мафҳуми "тиҷорати биржавӣ" баробар аст, яъне мубодила ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои расмӣ ва ғайрирасмии субъект ва объектҳои савдои биржавӣ, маҷмӯи қоида ва механизмҳои танзим, яъне ҳамчун як муассисаи иқтисодӣ ҳисоб карда мешавад.

Давраҳои таҳаввулоти рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматнокро мо дар ҷараёни тадқиқоти худ ба чор давра ҷудо менамоем, ки ба **давраи якум** ин таъсисёбии аввалин амалиётҳои биржавӣ ва институтҳои он, ба **давраи дуюм** васеъ шудани амалиётҳои биржавӣ дар давлатҳои Аврупо, **давраи сеюм** – паҳншавии амалиётҳои биржавӣ дар Россия ва **давраи чорум** ин рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматнок дар давлатҳои ИҶШС мебошанд [3]. Дар баробари ҳамаи ин, қобили қайд ва ёдоварист, ки дар заминаҳои пайдоиш ва устувор гардидани рушди институтҳои бозори коғазҳои

қимтанок саҳми чунин институтҳо, ба монанди давлат, иштирокчиёни касбӣ (тоҷирон ва харидорон) ва биржаҳои молӣ, ки баъзе хусусиятҳои онҳо то ин ҷониб амал мекунанд, назаррас мебошанд (ниг. ба расми 1).

Расми 1. Генезиси рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматнок дар асрҳои XV-XX

Давраи 1. Таъсисёбии аввалин амалиётҳои биржавӣ ва институтҳои он. Пайдоиши аввалин институтҳои бозори коғазҳои қимтанокро бештари таърихнигорон ва иқтисодчиён дар асрҳои XV-XVI дар натиҷаи барориши коғазҳои қиманоки давлатӣ медонанд. Дар ин ҷараён давлат ҳамчун институт барои иҷро намудани вазифаҳои худ (таъмини ҷанговарон бо яроқу аслиҳа) ҷалб намудани дороиҳои муваққатан озодро (тангаҳои тиллоию нуқрагин аз аҳолӣ) ба воситаи барориши коғазҳои қиматнок дар дохили давлат ва баъдан ба дигар давлатҳои хориҷиро шарти муҳим шуморид.

Биржаи тиҷоратӣ дар он замон дар шакли васеъ фаъолият мекард, ки дар он ҷо аз фурӯши молҳои шахсони воқеӣ то ба пулҳои филизию дороиҳои қиматбаҳо хариду фурӯш мегардид. Аммо новобаста аз объекти фурӯхташаванда дар биржа гуфтан мумкин буд, ки фаъолияти ҳамаи биржаҳои ҳамонвақта ҳамчун бозори муташаккил эътироф мегардид.

Бозори муташаккил ин бозорест, ки харидору фурӯшанда дар як ҷойи муайян бо назардошти қонуну қоидаҳои муҳайёнамудаи институти давлатӣ барои гузаронидани амалиётҳои тиҷоратӣ нигаронидашударо меноманд. Дар он дарахо бозорҳои муташаккил ба монанди имрӯз (замони муосир) танҳо аз ҷониби институтҳои давлатӣ таҳсис дода мешуд. Ҳамаи институтҳои бозорҳои муташаккили ҳамонвақта аз институтҳои бозорҳои номуташаккил бо чунин хусусиятҳояш фарқ мекарданд:

- ✓ баъзе қоидаи гузаронидани амалиётҳои тиҷоратӣ ба воситаи шартнома амалӣ мегардид;
- ✓ шаффофият дар тиҷорат дида мешуд;
- ✓ расман ба роҳ мондани қурби муайяни пулҳои филизию коғазӣ ва нархи бозории онҳо;
- ✓ мавҷуд будани майдонҳо, биноҳо ва шуъбаҳои муайяни расмӣ барои фаъолияти тиҷоратӣ;
- ✓ вуҷуд доштани низоми алоқа ва маълумотҳои муфассал оиди хариду фурӯши молҳо ва коғази қиматноки пешниҳодшаванда;
- ✓ бо тариқи музояда фурӯхтани баъзе молу ашёҳои гаронбаҳо ва ғайра мебошанд [1].

Дар ҷараёни тадқиқот агар мо доир ба элементҳои асосии бозори муташакил назар афканем мебинем, ки баъзе аз ҷузъҳои бозори биржавӣ ҳатто дар замони Рими қадим низ вуҷуд доштанд. Масалан, *дар Рими қадим дар як вақти муайян ҷамъомад оиди бастани шартномаҳои тиҷоратӣ баргузор мегардид, ки инро "коллегии меркаторум" мегӯфтанд*[2]. Чунин ҷамъомадҳо дар ҷойҳои махсус гузаронида мешуд, ки онҳоро бо номи бозори фурӯш ("фора вендалия") мегуфтанд. Бозори фурӯш ҳамчун маркази тақсим намудани молҳо дар тамоми империяи Рим амал мекард, ки яке аз хусусиятҳои асосии он ин созишномаҳо оиди амали гардидани амалиётҳои бартери молҳо ва додугирифти баъзе пардохтҳои пулӣ низ амалӣ мегашт. Чунин ҷараёни амалишавии додугирифтҳоро агар мо бо инситутҳои бозори коғазҳои қиматноки имрӯз муқоиса намоем, қариб ба биржаи муосир шабоҳат доранд.

Давраи 2. Васеъ шудани амалиётҳои биржавӣ дар давлатҳои Аврупо. Асли пайдоиши биржа дар давлатҳои Аврупо дар ҷараёни андӯхтнамоии сармоя ва байналмилали гардидани амалиётҳои тиҷоратӣ ба вуҷуд омадааст. Баъд аз як чанд муддат дар амалиётҳои биржавӣ бештар хариду фурӯши пул (тангаҳои тиллоӣ ва ё нуқрагини

давлатҳо) ва векселҳо ба роҳ монда мешуд, ки ин зинаи асосии ҷараёни мукаммалгардии институти махсуси бозори муташаккили коғазҳои қиматнок маҳсуб мешавад.

Аввалин зинаи таъсисёбии институти бозори коғазҳои қиматнок баъд аз давлат ин биржаи векселҳои пулӣ буд, ки муваққатан ба сифати пули нақд аз ҷониби заргарон бароварда мешуд, ки дар он вақтҳо ҳоло соҳмия ва вомбаргҳо вуҷуд надоштанд. Барои ҷамъоварии маблағҳои муваққатан озод ба воситаи саҳмия ва вомбарг ширкатҳои калони тиҷортӣ лозим буд, ки дар он вақт онҳо амал намекарданд.

Дар аввалҳои асри XVI таҳаввулоти амалиётҳои тиҷоратӣ боиси бавуҷудоии биржаи фондӣ ва биржаи молӣ, ки ҳамчун мафҳумҳои муосири иқтисодӣ маҳсуб мешаванд, ба вуҷуд омад. Аз ин рӯ, дар зинаи аввал биржаи молӣ ташкил гардид, ки баъд аз чанде фонди тиҷоратии он ба вуқӯъ омад. Ба вуҷуд омадани биржаи фондии махсусгардонидашуда ҳамчун марҳилаи ниҳоии ташаккули шаклҳои мубодилаи савдои биржавӣ арзёбӣ гардид.Дар соли 1531 бошад, тоҷирони итолиёвӣ ба монанди биржа маркази тиҷорати байналхалқӣ дар шаҳри Брюгге сохтанд, ки он ҳамчун маркази машҳури тиҷорати байналхалқӣ барои тоҷирон маҳсуб мешуд. Биржа дар Брюгге хусусияти байналмилӣ дошт ва он оҳист-оҳиста хусусияти байналхалқиро гирифт, чунки дар он ҷо сатҳи хизматрасонӣ барои тоҷирони хориҷӣ дар сатҳи олӣ қарор дошт.

Дар амалия доир ба мафҳуми “биржа” якчанд назар вуҷуд дорад, ки мо дар мадди аввал ба моҳияти этимологии он назар мекунем. Калимаи “биржа” аз калимаи юнонии byrza, аз калимаи олмонии borse ва аз калимаи ҳоландии burse гирифта шуда, маънои ҷузвдон ва ё ҳамёнро дорад [5]. Дар яке аз маъхазҳои таърихӣ оварда шудааст, ки мафҳуми ин калима аз номи шахс гирифта шудааст. Барои ҳамин дар шаҳри Брюггеи Белгия майдони махсус вуҷуд дошт, ки дар он ҷо тоҷирон молҳои худро савдо мекарданд. Майдони мазкур «де бурсе» (deburse) номгузорӣ шуда буд, ки майдони мазкур ба номи яке аз идораи маклерони (миёнаравони бозори коғазҳои қиматнок) Ван де Бурсе маҳсуб мешуд, ки аз бинои калони боҳашамат иборат буд. Дар бинои калони боҳашамат герби ширкат аз се ҳамиёни чармин овезон гардида иборат буд, ки номи он забонзад барои тамоми тоҷирон гардид. Дорандаи ин идора (контора) хонаи худро ҳамчун маркази муттаҳиднамоии тоҷирон меҳисобид, шояд барои ҳамин бошад, ки то имрӯз номи биржа ба мо ҳамчун бозори муташаккил (расмӣ) омада расидааст.

Баъдан мафҳуми мазкур ба Антверпен оварда шуд, ки дар ин ҷо соли 1556 биржа таъсис гардид, ки баъдан ин мафҳум дар асри XVI тамоми давлатҳои Аврупоро фаро гирифт ва то ба имрӯз ба мо бо ин ном омада расидааст. Танҳо таъсиси биржа дар Лондон бо номи ҷой барои ивази сармоя (StockExchange) номгузорӣ гардиду халос. Чунин номгузорӣ танҳо дар давлатҳои англисизабонҳо номгузорӣ мегардид.

Дар биржаи Антверпен фаъолияти амалиётҳои биржавӣ қисман гузаронида мешуданд, ки зинаи асосии онро заёмҳои давлатӣ ташкил менамуд. Мукаммалёбии техникаи амалиётҳои биржавӣ чунин фаҳмишҳоро, ба монандӣ бюллетенҳои биржавӣ ва курси расмии биржавӣ ба вуҷуд овард.Дар асри XVII маркази биржаи тиҷоратӣ ба шаҳри Нидерландия гузаронида шуд, ки таъсисёбии ин биржаи молӣ дар соли 1611 арзёбӣ мегардад, дар ин ҷо ҳатто хариду фурӯши дороиҳои пулӣ низ гузаронида мешуданд. Аввалин маротиба дар биржаи Нидерландия соли 1747 амалиёт бо бюллетенҳои биржавӣ, котировка бо 25 заёмҳои нидерландӣ ва чор намуди вомбаргҳои англисии давлатӣ бароварда шудаанд.

Саҳмия аввалин маротиба дар гардиши амалиётҳои биржавии биржаи Амстердам ба вуҷуд омадааст. Дар он вақтҳо ширкати тиҷоратии Ост-Индия ба тоҷирон барои саҳм ва фоида гирифтан аз бароришии коғази қиматнок (саҳмия) эълон менамояд. Пардохти коғази қиматнок ва фоидаи он баъд аз 10 сол амалӣ мегардид, ки саҳми гузошташуда ҳуқуқи доштани як қисми моликияти ширкатро ташкил менамуд. Ин омил оҳиста-оҳиста диққати тамоми ҷомеаро нисбати коғази қиматноки ширкат ҷалб намуд, чунки фурӯш ва созишнамаҳои он дар байни ҷомеа гузаронида мешуд, ки дар ин вақтҳо биржаи тиҷоратии Амстердам маркази тиҷорати коғазҳои қиматноки ширкати Ост-Индия маҳсуб мешуд. Чунин пешравиҳои ширкати тиҷоратӣ нархи саҳмияро дар биржа баланд намуд, ки ин баҳсҳои зиёди дорандагони коғази қиматнокро бо директори ширкат ба миён овард, вақте ин овозаҳо ба гӯши ҳамаи тоҷирон расид ва яку якбора нархи саҳмия дар бозор паст гардид.Дар биржаи Амстердам хариду фурӯши коғазҳои қиматнок натанҳо бо пули нақд амалӣ мегардид, балки бо созишномаҳои таъҷилӣ низ амалӣ мегардид, ки он ба ҷараёни ташаккулёбии миёнаравони бозори биржавӣ оварда расонид. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки барориши саҳмия бозори биржавии Амстердамро ба бузургтарин бозии биржавӣ дар байни миёнаравон оварда расонид. Чунин қолаби бозиҳо ҳатто то ба имрӯз ба мо омада расидаанд.*Дар таърихи башарият аввалин маротиба дар Амстердам китоби биржа аз ҷониби Жозеф де ля Вега навишата шуда буд. Дар он махсусан оиди маҳорат ва хислатҳои ҷомеаи биржавӣ гуфта шудааст* [2]. Он хислатҳои миёнаравони биржаро, ки

Жозеф де ля Вега дар китобаш қайд намудааст, то ин ҷониб дар хислатҳои миёнаравони биржаи замони муосир низ дидан мумкин аст. Масъалан, муаллиф қайд менамояд, ки "*ҳар он касе, ки даст ба фурӯши саҳмия мезанад, аз ин пас доимо ба ин кор машғул мешавад. Дар ҳар кӯчое, ки ин одамон бошанд мавзӯи онҳо танҳо оиди саҳмия ва ҳатто оиди он мунтазам фикру андеша мекунанд. Ҳар вақте ки онҳо хӯрок мехӯранд, объекти муҳокимаи онҳо саҳмия ва ҳатто дар хоб ҳам саҳмия мебинанд*" [2].

Жозеф де ля Вега институтҳои иштирокчиёни касбии бозори саҳмияро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад. Ба гурӯҳи якум сармоядорони калон (сармоягузорҳо) дохил мешаванд. Чунки онҳо ба нархи саҳмияҳо аҳамият дода, барояшон дивиденд аз ҳама муҳим буд. Ба гурӯҳи дуюм тоҷирон (ё ин ки эмитентҳо) дохил мешаванд, ки саҳмияҳои навбаровардашударо бо фоида мефурӯшанд ва дар натиҷа ҳангоми хуб шудани ҳолати молиявии ширкат дивиденди он ҳам зиёд мегардад.

Дар охир Вега ба гурӯҳи сеюм аз ҳамаи гурӯҳи калон бозингарони биржаро (имрӯзҳо бо номи брокерон, дилерон ва ғайра машҳуранд) ҷудо менамояд, ки амалиётҳои гузаронидаи онҳо дар биржа гуногун мебошанд. Бозингарони биржа саҳмияҳоро то пардохт шудани дивидендашон хариду фурӯш менамуданд, аз амалиётҳои таъҷилии саҳмия фоида мегирифтанд, саҳмияҳоро дар як ҷо нигоҳ медоштанд ва ё дар ҳолати зарурат барои арзон шудани саҳмияҳои навбаровардашуда бо маслиҳати якдигар аз хариди саҳмияи мазкур даст мекашиданд. Чӣ тавре ки Вега қайд менамояд, дар биржаи Амстердам ҳатто муттаҳидшавии гурӯҳҳо ба монанди "пасткунандагони нархи саҳмия (имрӯзҳо бо номи гурӯҳи хирсҳо)" ва "баландкунандагони нархи саҳмия (имрӯзҳо бо номи гурӯҳи буқаҳо)", ки ба воситаи паҳннамоии хабарҳои бардурӯғ бо истифодаи мақсадҳои худ (гирифтани фоида) низ ба дараҷаи аъло расида буд.

Дар охирҳои асри XVII ва аввалҳои асри XVIII нидерландҳо дар бозори ҷаҳонӣ Англияро низ ба низоми нави тиҷорат ҷалб намуданд. Баъд аз инқилоби соли 1688 бартараф гардидани қисмати боқимондаи муносибатҳои феодалӣ оғоз гардид ва дар давлат фаъолияти муассисгардонии тамоми фаъолияти тиҷоратӣ аз нав зинда гардид. Дар Англия ширкатҳои саҳомӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ таъсис дода шуданд, ки саҳмияҳои онҳо барои фурӯш ба биржа пешниҳод мегардид. Дар он замон брокерҳои лондонӣ шартномаҳоро дар кӯча ва ё дар қаҳвахонаҳо мебастанд, дар охир фаъолияти миёнаравии мазкур мафҳуми нав бо номи "бозори кӯчагӣ"-ро ба миён оварда. Дар ҷараёни васеъ шудани бозори саҳмия барои миёнаравон ва муштариён ҷойи муайяни махсусгардонидашударо талаб мекард. Дар он замон биржаи Лондон вуҷуд дошт, ҳатто дар асри XVI нисбати биржаи Амстердам машҳур набуд ва амалиётҳои ҳаннотӣ пурра гузаронида намешуд. Оҳиста-оҳиста дар охирҳои асри XVII ҷараёни ташаккулёбии биржаи Лондон ба монанди биржаи Амстердам фаъолияташро оғоз намуд.

Дар соли 1711 муносибатҳои тиҷоратӣ дар байни ширкатҳои Уқёнуси Ҷанубӣ аз ҷониби ҳукумати Англия таъсис дода мешавад. Дар ин давра ҳукумати Англия барои бартараф намудани қарзҳои ташвишовари давлатӣ, саҳмияҳои баровардашудаи ширкатҳоро бо қарзҳои давлатӣ иваз менамояд. Яъне, ширкатҳои саҳомӣ бояд дар ҳаҷми 10 млн.ф.ст. саҳмияҳои худро ба давлат интиқол намоянд ва давлат онҳоро бо қарзҳои ташвишовари давлатӣ иваз менамуд. Бар ивази саҳмия давлат ба ширкатҳои саҳомӣ ҳуқуқи тиҷорат намудан ба Амрикои Ҷанубӣ ва як қатор имтиёзҳои дигар низ медиҳад. Дар натиҷа нархи саҳмияҳои ширкатҳои саҳомӣ баланд мешавад ва ҳиссиёти аз нав бароориш кардани саҳмияҳоро аз ҷониби ширкатҳои тиҷоратӣ бо нархи гаронтар бедор менамояд, ки ҳатто нархи саҳмия то ба 1050 млн.ф.ст. расида буд. Пешравиҳои ширкатҳои Уқёнуси Ҷанубӣ боиси бавуҷудоии як қатор ширкатҳои нави тиҷоратӣ ва имкониятҳои нав ба навро бо номи "ҳубобчаҳои собунин" ("мыльное пузыри") ба вуҷуд оварда.

Чунин зинаи ҷараёни ташаккулёбии сармояи ширкатҳои тиҷоратӣ дар Англия фаъолияти миёнаравони бозори саҳмияро мукаммал ва шумораашонро зиёд намуд. Аз сабабе ки дар Англия қонун дар бораи танзими ҳуқуқӣ ва маҳдудиятҳои барориши саҳмия аз ҷониби ширкатҳои тиҷоратӣ вуҷуд надошт, дар охир ба муфлисшавии корхонаҳо оварда расонид.

Ба ин ҳолати рӯхдода биржаи Лондон диққати махсус дода, ба ҷараёни фаъолияти ширкатиҳои тиҷоратӣ ва биржа дар сатҳи қонунгузории давлатӣ тағйиру иловаҳо даровард, ки ба биржаи мазкур шакли пӯшидаи маҳдуддошта ва танҳо барои баъзе ашхос иҷозат дода мешуд. Дар соли 1773 брокерони лондонӣ як қисми шоҳигарии саррофонро ба иҷора гирифтанд, ки дар натиҷаи васеъ шудани фаъолияти миёнаравон ниҳоят худи ҳамон сол ташкили биржаи фондии Лондон ҳамчун ба ҳайси институти махсуси сохташудаи биржаи фондӣ ба фаъолияти пурра оғоз намуд. Дар Фаронса бошад, бозори фондӣ дар асрҳои XVII ташаккул ёфта, ҷойи тиҷорати яклухти тоҷирон маҳсуб мешавад. Ҷараёни фаъоияти бозори фондӣ натанҳо аз ҷониби истеҳсолгарон вобастагӣ дошт, балки аз ҷониби миёнаравони биржавӣ низ вобастагии калон доштад, ки яке аз машҳуртарини

онҳо ин Джон Ло маҳсуб мешуд. Дар мадди аввал дар яке аз биржаҳои тиҷоратӣ объекти фурӯхташавандаи миёнаравон ин саҳмияҳои ширкати Ост-Индия буд, ки фаъолияти миёнаравони молиявӣ дар ҳолати шахшуда монд, чунки дар механизими фаъолияти бозори муташаккил саҳми имтиёзҳои институти давлатӣ кам ба назар мерасид, барои ҳамин хариди саҳмияҳо барои баъзе тоҷирон шубҳаовар ба назар мерасид. Барои ба бовари пурра даромадани биржаи Париж аз ҷониби ҳукумати Фаронса соли 1724 расман векселҳои давлатӣ ба муомилот бароварда шуд. Дар баробари ин, ҳукумат фаъолияти маклероне, ки бозори биржавиро монополия мекарданд, қатъ намуда, расман маклерони бозори биржавиро ба роҳ монд.

Дар ҷараёни мукаммалёбии бозори биржавӣ чунин қадамҳо барои тоҷирон муфид арзёбӣ мегардид, чунки маклерони расмӣ қадру қимати худашонро баланд бардоштанд, ва фаъолияти онҳо назар ба фаъолияти маклерони ҳуқуқ боэътимод ва боварибахш ба ҳисоб мерафт. Механизми фаъолияти махсусгардонидашудаи биржаи фаронсавӣ барои эълон намудани нархҳои озод ва ҷараёни гузаронидани амалиётҳои пурраи биржавӣ аз соли 1777 оғоз гардид. Аввалин маротиба соли 1801 сохтмони бинои Биржаи фондии Париж бо фармони Наполеон оғоз гардид ва соли 1826 онро ба анҷом расониданд.

Дар умум гуфтан мумкин аст, ки ташкилот ва фаъолияти биржаи Париж дар зери назорати ҷиддии ҳукумат буд, ки дар он ҷо бевосита назорати асъор ва институтҳои бозори коғазҳои қиматнок ба роҳ монда мешуд. Баъд аз мукаммал ёфтани институтҳои бозорӣ оҳиста-оҳиста биржаи фондии Париж маркази тиҷоратӣ асъор дар сатҳи байналхалқӣ гардид. Дар Германия, Австро-Венгрия ва дигар давлатҳои Аврупо, аз он ҷумла Иёлоти Мутаҳидаи Амрико бозори фондии мол ва дар баъзеи ин давлатҳо бошад, бозори биржавии махсусгардонидашуда амал мекард. Якумин биржаи фондии америкоӣ соли 1791 дар Филаделфия ба вуҷуд омад ва дар соли 1792 созишнома оиди таҳсиси фаъолияти 24 брокер дар Ню-Йорк баста шуд, ки тибқи ин созишнома брокерҳо уҳдадоранд, созишонмаҳои хариду фурӯши коғазҳои қиматнокро танҳо ба воситаи аъзоёни биржа бо гирифтани ҳаққи комиссионӣ банданд.

Дар аввалҳои асри XIX давраи заёмҳои бузурги институтҳои давлатӣ оғоз гардид, ки ин давра ҳамчун давраи аз нав зиндашавии бозори фондӣ маҳсуб мешавад. Дар он давра бозори фондии асосӣ дар давлатҳои Аврупо ин биржаи Лондон ва Франкфурт маҳсуб мешуд.Дар ин давра рушди бахши институтҳои қарзӣ (бонкҳо) ва сохтмони роҳи оҳан такони ҷиддӣ ба васеъ шудани бозори фондӣ оварда расонид.

Маҳз дар ҳамин давра дар бозори фондӣ ба ҳайси иштирокчиёни институтҳои молиявӣ мунисипиалитетҳои шаҳрӣ баромад намуданд, ки онҳо дар гардиши бозори фондӣ нақши арзанда доштанд. Агар мо ба таҳаввулоти рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматноки давлатҳои ҷаҳон назар афканем, қариб як ҷараёни рушдро, монанди дар зинаи аввал бароришии саҳмия ва баъдан вомбаргҳо, ки ҳаҷми бештари онҳо аз аҷониби институти давлатӣ буд, баъдан сохтумонҳои роҳи оҳан, ки дар байни корхонаҳои азим барои таъмин намудани ашиёи хом ва маҳсулотҳои нимтайёр хизмат мекарданд, мебинем. Дар охирҳои асри XIX асри ҷамъиятҳои саҳомии хусусӣ оғоз гардид, ки он ба биржаҳои махсус барои фурӯши саҳмия ба миён омад. Дар як муддати кӯтоҳ дар ин биржаҳо фурӯши вомбаргҳо дар бозори кӯчагӣ ба роҳ монда шуда буд.

Дар охирҳои асри XIX дар бештари давлатҳои Аврупо ҳатто яке аз қисмҳои боигарии давлатро шаклҳои гуногуни коғазҳои қимтанок ташкил медод. Масалан, дар соли 1885 маблағҳои гирдгардиши солонаи бозори фондии Великобритания зиёда аз 3,5 млрд ф. ст. баробар шуд, ки он тақрибан сеяки боигарии миллии кишварро ташкил медиҳад. Чунин нишондиҳанда дар Пруссия бошад, ба 16-20 млрд марок баробар мешавад, ки ин аз чор як ҳиссаи сарвати миллии кишварро ташкил медод.

Дар аввалҳои асри XX дар ҷаҳон ҳаҷми гирдгардиши маблағҳои озоди шахсони воқеию ҳуқуқӣ дар бозори фондӣ хело зиёд гардид ва худи биржа бошад, ҳамчун институти бозори коғазҳои қиматнок яке аз ҷойҳои намоёнро дар байни институтҳои иқтисоди бозорӣ ишғол менамуд. **Давраи 3.** Паҳншавии амалиётҳои биржавӣ дар Россия. Якумин биржа дар Россия соли 1705 бо ташаббуси Пиётри I дар Санкт-Петербург таъсис дода шудааст. Таҳсиси биржаи мазкур барои фаъолияти тоҷрони Россия на он қадар институти молиявии боэътимод маҳсуб мешуд, чунки дар ин давлат дар мадди аввал шакли тиҷорати Россия ба ин намуди тиҷорат мувофиқат намекард, ҳатто тоҷирон низ ба ин институти махсусгадонидашуда боварӣ надоштанд ва дар мадди дуюм бошад, низоми қарздиҳӣ он замон фаъолияти биржаи навтаъсисро дар ҳолати шахшуда нигоҳ медошт. Дар биржаи Санкт-Петербург оҳиста-оҳиста векселҳои молии хазинадорӣ бароварда мешуданд, ки маблағҳои онҳо махсусан барои эҳтиёҷоти қушун ва флоти баҳрии ҳарбӣ истифода мегардиданд. Дар асл, агар бо диққат назар афканем, мебинем, ки заминаҳои рушди фаъолияти биржа ҳамчун институти махсусгардонидашуда дар он давра амалан вуҷуд надошт. Давараи аз нав таъсис додани фаъолияти сохторҳои биржа аз ҷониби

Николаи I буд, ки вай дар дохили ширкатҳо сармояҳои хусусии саҳомонро зиёд намуд ва ин ҷараён суръати барқарорёбии сохтори биржаи россиягиро тезонид.

Дар Россия қариб дар сад соли охир танҳо як биржаи Санкт-Петербург фаъолият менамуд. Баъд аз васеъ шудани рушди муносибатҳои тиҷоратӣ дар соли 1796 дуюмин биржа дар Одесса, дар соли 1816 сеюмин биржа дар Варшава ва чорумин биржа бошад, дар биржаи Москва соли 1837 таъсис ёфт.

Рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматнок дар Россия дар муддати панҷ сол, яъне аз соли 1900 то 1904 ба 14 адад мерасад. Давраи рушди босуръати институтҳои бозорӣ (биржаи фондӣ) аз соли 1905 оғоз мегардад, чунки дар муддати ҳафт сол (1905-1911) 40 биржа кушода шуд. Пеш аз оғоз гардидани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Россия зиёда аз сад биржа мавриди амал қарор гирифт. Таъсисёбии биржа дар Россия як қатор хусусиятҳои ба худ хос дорад, ки он дар умум натанҳо ҳамчун бозори муташаккил маҳсуб мешавад, балки биржа ҳамчун мақомоти намояндагӣ ва ҳимояи манфиати тоҷирон ва корхонаҳо маҳсуб мешуд. Дар баробари ин, уҳдадориҳои институти давлатӣ барои мукаммал намудани фаъолияти биржа ҳал намудани масъалаи роҳи оҳан ва нақлиёти обӣ, савдои ғалла, гумрук, андозҳо ва ғайра маҳсуб мешаванд. Фаъолияти биржа дар ин давра мустақил буданд ва чун қоида ҳукумати маҳаллӣ аз таъсир расонидан ба фаъолияти биржа озод карда шуда буданд.

Давраи 4. Рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматнок дар давлатҳои ИҶШС. Дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ аввалин биржа тобистони соли 1921 дар Саратов, Перм, Вятский, Нижегородский ва Ростов таъсис дода шуданд, ки шакли фаъолияти ин биржаҳо корпоративӣ буданд. Дар асл қайд намудан мумкин аст, ки фаъолияти институтҳои масусгардонидашудаи бозори коғазҳо қиматнок (биржа) дар Иттиҳоди Шӯравӣ дуру дароз давом накард. Сабаби дуру дароз фаъолият накардан дар он буд, ки дар аввалҳои соли 1927 Шӯрои комиссарияти халқӣ, Шӯрои меҳнат ва мудофия оиди кам кардани шумораи фаъолияти институтҳои масусгардонидашудаи бозори коғазҳои қиматнок (биржа) қарор қабул намуданд. Дар натиҷаи ин қарор аз 70 адад биржаи амалкунанда ба 56 адад расонида шуд ва дар солҳои 1929-1930 ҳамаи биржаҳои амалкунанда барҳам дода шуданд.

Рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматнок баъд аз давраи буҳрони ҷаҳонии солҳои 30-юми асри XX низ амал мекард. Ин давра хислати муттаҳидкунӣ ва азнавтақсимкунии сармояро дар давлатҳои рушёбанда мегирад. Дар ин давра бозори коғазҳои қиматнок тадриҷан аз ҷониби давлат ба танзим дароварда мешавад, чунки мақсад аз назорат кардани давлат ин бартараф намудани ҳилаю найранбозии миёнаравони бозори биржавӣ буд. Дар баробари ҳамаи ин, боз дар ин давра ташаккулёбии як қисми нави бозори коғази қиматнок ба монанди бозори якуминдараҷаи ғайрибиржавӣ ба вуҷуд меояд. Баъд аз анҷом ёфтани Ҷанги дуюми ҷаҳон давраи дигари рушди босуръати бозори коғазҳои қиматноки миллӣ ба вуҷуд меояд. Сабабҳои ба вуҷуд омадани рушди босуръати бозори коғазҳои қиматноки миллӣ ин васеъшудани фаъолияти илмию техникӣ, сар задани инқилоби саноатӣ, ҷараёни сар задани рушди дигаргуншавии технология дар соҳаи саноат ва муҳити ахборотӣ, зиёд гардидани рақобатҳои байналхалқӣ ва ғайра мебошанд. Дар ин давра яку якбора намудҳои гуногуни коғазҳои қиматнок дар байни ширкатҳо, коғазҳои қиматноки хусусии байналхалқӣ ва дигар намуди асбобҳои молиявӣ ба вуҷуд омаданд. Ҷараёни мазкур ба мураккаб гардидани инфрасохтори институтҳои бозори коғазҳои қиматнок, монанди бозори якуминдараҷаи коғазҳои қиматнок, бозори дуюминдараҷаи коғазҳои қиматнок, бозори биржавию ғайрибиржавӣ ва ғайра оварда расонид.

Таҳаввулоти рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматнок дар давлатҳои зарардидаи Ҷанги дуюми ҷаҳон суст ба назар мерасад, вале бояд қайд намуд, ки пешвои асосӣ баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳон то ба имрӯз дар рушди босуръати институтҳои бозори коғазҳои қиматнок ин ИМА ва як чан давлатҳои дигар маҳсуб мешаванд.

Дар баъзе давлатҳо муттаҳид намудани низоми идоракунии иқтисодиёти давлат бартариҳои зиёд дорад, чунки давлат бо фишангҳои худ ба рушди инситутҳои бозори коғазҳои қиматнок таъсири бевосита расонида метавонад. Барои мукаммал намудани ин гуфтаҳо низоми идоракунии иқтисодиёти ИҶШС барои мо мисол шуда метавонад. Агар мо ба зинаи аввали таъсисёбии низоми иқтисодиёти ИҶШС назар афканем, инситутҳои бозори коғазҳои қиматнок амалан номустаҳкам буд, вале дар як муддати кӯтоҳ давлат сиёсати нави иқтисодиётро (дар солҳои 1922-1928) пеш гирифт, ки имкониятҳо барои рушди дигари институтҳои бозори коғази қиматнок зиёд гардиданд. Бинобар ин, мо барои рушди босуръати институтҳои бозори коғазҳои қиматноки давлатҳои ИМД ва Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоем, ки давлат бояд ба ҷараёни мукаммалгардии институтҳои бозори коғазҳои қиматнок таъсири мусбие расонад, ки натиҷаи таъсир боиси рушди самаранокии бозор гардад. Генезиси рушди институтҳои бозори коғазҳои

қиматнок дар Ҷумурии Тоҷикистон баъд аз барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, санаи 6 сентябри соли 1994 бо номи “Биржаи фонди марказии Тоҷикистон” ба миён омадааст. Бинобар сабаби ноустувории вазъи иқтисодиёти мамлакат ва пурра фаъолият накардани амалиётҳои биржавӣ фаъолияти он қатъ гардид [3].

Таҳлили пайдоиши институтҳои бозори коғазҳои қиматнок ва ҷараёни ҷаҳонишавии он ба мо нишон дод, ки таҷрибаи дигари давлатҳои ҷаҳонро давлатҳои рӯ ба тараққӣ (ба монанди Тоҷикистон) метавонанд барои мукаммал намудани институтҳои бозори коғазҳои қиматноки худ истифода намоянд. Дар баробари ин, хуб мешуд, дар ҳар як давлати рӯ ба тараққӣ бояд ҷараёни рушди бозори коғазҳои қиматнок аввал дар шакли сода дар дохили як давлат ва баъдан онро оҳиста-оҳиста ҷараёни фаъолияташро васеъ намуда, баъдан муносибатҳои биржавиро ба дигар давлатҳо оғоз намоем, чунки миёнаравони бозори биржавии давлатҳои тараққикарда метавонанд фаъолияти биржаи навтаъсисро аз байн баранд. Хулоса, генезиси институтҳои бозори коғазҳои қиматнок ва ҷараёни мукаммалёбии он аз он гувоҳӣ медиҳад, ки биржаи фондӣ ҳамчун натиҷаи васеъ намудани муносибатҳои молиявӣ ва баланд бардоштани неруи истеҳсоли маҳсулотҳои корхонаҳои саноатӣ ба вуҷуд омадааст. Он ҳамчун неруи бузург ба воситаи бароришиҳои коғазҳои қиматнок дороиҳои озодро барои эҳтиёҷоти институтҳои давлатӣ ва ё корхонаҳо сафарбар менамояд.

ЛИТЕРАТУРА

1. Галанов В.А. Рынок ценных бумаг: Учебник / В.А. Галанов. -М.: НИЦ ИНФРА-М, 2013. - 378 с.
2. Рынок ценных бумаг: Комплексный учебник. Рынок ценных бумаг: Комплексный учебник / Е.Ф. Жуков, Н.П. Нишатов, В.С. Торопцов [и др.]. -М.: Вузовский учебник, 2012. - 254 с.
3. Икромов Ф.Н. Институциональное развитие рынка ценных бумаг Республики Таджикистан / Ф.Н. Икромов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2015. -№2/9(190). -С.128-133.
4. Икромов Ф.Н. Эволюция развития институтов рынка ценных бумаг в Республике Таджикистан / Ф.Н. Икромов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. -№2/4-1. -С.13-19.
5. Стародубцева Е.Б. Рынок ценных бумаг: Учебник / Е.Б. Стародубцева. -М.: ИД ФОРУМ, НИЦ ИНФРА-М, 2013. -176 с.

ГЕНЕЗИСИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИНСТИТУТСИЯҲОИ БОЗОРИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК

Бозори коғазҳои қиматнок як ҷузъи таркибии бозори муосири молиявӣ мебошад, ки гардиши самаранокии он зиёдатии сармояро дар байни соҳаҳои гуногун ва субъектҳои соҳибкорӣ таъмин менамояд. Объекти фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок худи коғазҳои қиматнок мебошад, ки ҳамчун сармоя муваққатан ҷойи пулҳои нақдиро иваз мекунад. Бояд қайд кард, ки дар раванди сармоягузорӣ ва рушди устувори молиявии ширкат, институтҳои бозори коғазҳои қиматнок нақши муҳим доранд. Бо ёрии онҳо пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар як ҷой ҷамъ мешаванд, ба объектҳои воқеии моддӣ, таҷҳизот ва технологияҳо табдил меёбанд. Ҳар як институти бозори коғазҳои қиматнок дар бозор мавқеи хоси худро дорад ва вазифаҳои махсуси худро иҷро мекунад. Дар ин қисмат, мо бештар ба саволҳои биржа кай ва дар куҷо пайдо шудааст, сабабҳои пайдоиши биржа дар ҷомеа ва кадом омилҳо буданд, ки биржаи фондӣ ба институти бозори коғазҳои қиматнок табдил ёфт ва ғайра оварда шудаанд. Дар тадқиқоти мо мафҳуми "биржа" ба мафҳуми "тиҷорати биржавӣ" баробар аст, яъне мубодила ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои расмӣ ва ғайрирасмии субъектҳо ва объектҳои савдои биржавӣ, маҷмӯи қоидаҳо ва механизмҳои танзим, яъне ҳамчун як институти иқтисодӣ ҳисоб карда мешавад.

Калидвожаҳо: бозори коғазҳои қиматнок, бозори фондӣ, рушди институтҳо, генезиси рушди институтҳои бозори коғазҳои қиматнок, бозори молиявӣ, институтҳои иқтисодӣ ва сармоягузорӣ.

ГЕНЕЗИС СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ИНСТИТУТОВ РЫНКА ЦЕННЫХ БУМАГ

Рынок ценных бумаг, являясь неотъемлемой частью современного финансового рынка, обеспечивает эффективный оборот излишков капитала среди различных сфер и хозяйствующих субъектов. Объектом же деятельности рынка ценных бумаг являются сами ценные бумаги, которые в качестве капитала временно заменяют наличные деньги. Необходимо отметить, что в процессе инвестирования и устойчивого роста финасов компаний, институты рынка ценных бумаг играют важную роль. С их помощью сбережения физических и юридичесих лиц, накопляясь в одном конкретном месте, трансформируются в реальные материальные объекты, оборудование и технологии. Каждый из институтов рынка ценных бумаг имеет на рынке свою позицию и выполняет свои специализированные задачи. В данной статье мы попытались ответить на вопрос, как и когда появились биржи, что послужило предпосылкой их возникновения, и как фондовая биржа трансформировалась в институт рынка ценных бумаг. Здесь понятие «биржа» эквивалентно понятию «биржевая торговля», то есть биржа рассматривается как совокупность формальных и неформальных связей между субъектами и объектами биржевой торговли, совокупность правил и механизмов регулирования, то есть как экономический институт.

Ключевые слова: рынок ценных бумаг, фондовый рынок, развития институтов, генезис развития институтов рынка ценных бумаг, финансовый рынок, экономические институты и инвестиции.

GENESIS OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE INSTITUTIONS OF SECURITIES MARKET

The securities market, being an integral part of the modern financial market, ensures the efficient circulation of surplus capital among various sectors and business entities. The object of the securities market activity is the securities themselves, which temporarily replace cash as capital. It should be noted that in the process of investing and the steady growth of financial enterprises, securities market institutions play an important role. With their help, the savings of individuals and legal entities, accumulating in one particular place, are transformed into real material objects, equipment and technologies. Each of the institutions of the securities market has its own position in the market and carry out its

specialized tasks. In this section, we tried to answer the question of how and when the exchanges appeared, what served as the prerequisite for their occurrence, and how the stock exchange was transformed into a securities market institution. Here, the concept of "Exchange" is equivalent to the concept of "Exchange trade", that is, the exchange is considered as a set of formal and informal relations between subjects and objects of exchange trade, a set of rules and regulatory mechanisms, as well as an economic institution.

Key words: securities market, stock market, development of institutions, genesis of development of securities market institutions, financial market, economic institutions and investments.

Сведения об авторах: ***Икромов Фазлиддин Нурудинович*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры финансов старший преподаватель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **fazliddin-91-91@mail.ru.** Тел: **981-07-67-67**
Курбонов Фарзон – Таджикский национальный университет, докторант (phD) кафедры финансов. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **farzon_kurbonov@mail.ru**. Тел: **985-51-30-30**

Information about the authors: ***Ikromov Fazliddin Nurudinovich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer, Department of Finance, Senior Lecturer. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **fazliddin-91-91@mail.ru.** Phone: **981-07-67-67**
Kurbonov Farzon - Tajik National University, doctoral candidate (phD), Department of Finance. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **farzon_kurbonov@mail.ru.** Phone: **985-51-30-30**

УДК:002+372.800.4 (575.3)

ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ОМИЛИ МУҲИМТАРИНИ ДАВЛАТДОРИИ ҶАҲОНИ МУОСИР

Киличева М.М., Юсупов Ш.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар асри муосир рушди босуръати техникаву технология зиндагии башарро куллан тағйир дода, муносибатҳои ҷамъиятии сифатан навро ба вуҷуд овард. Ҳамарӯза даҳҳо техникаҳои ҷадиди замонавӣ кашф ва ба истифода дода шуда, равишҳои корӣ оҳиста-оҳиста аз шакли қоғазӣ ба шакли электронӣ мегузаранд. Дар ин раванд кашфи компютер, ихтироъ ва роҳандозии шабакаи глобалии интернет аз нодиртарин дастовардҳои асри гузашта ба шумор мераванд. Вале дар асри XXI ин раванд, яъне электронигардонӣ якбора ба суръати баланд ноил гардида, фаъолият ва зиндагии инсониятро ба маротиб осону дигаргун сохт [1,с.218]. Он ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъсири мусбӣ расонида, тараққӣ ёфтани соҳаро дар ҷаҳон хеле боло бурд. Кишвари маҳбуби мо - Тоҷикистон, низ ҳамқадам бо давлатҳои дигари олам пайи тараққӣ ва рушдёбии соҳаи фавқ басо тадбирҳои муҳим андешида истодааст. Аз ин рӯ, бо роҳандозӣ гардидани барномаҳои мушаххаси давлатӣ онҳо сол аз сол ба натоиҷи дилхоҳу назаррас ноил мегарданд. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи мазкур қабул гардида, масъулин пайи татбиқи онҳо ҳамеша ҷаҳду талош мекунанд ва камар мебанданд.

Ҳамин тавр, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 5 ноябри соли 2003, таҳти №1174 консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2012-2020 бо мақсади амалисозии Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, таҳти №468 Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии кишвар бошад, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, таҳти №451 тасдиқ шуда, Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии мамлакат бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006 таҳти №1713 қабул гардидааст.

Аз ин фармону қарорҳои ҳаётан муҳимми Президенти кишвар маълум мегардад, ки иҷроиши «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон» яке аз системаҳои муҳимтарини коргузории электронии ба хизмартарониҳои давлатӣ маҳдуд нагардида, балки ба сохтани «ҷомеаи иттилоотӣ», системаи иттилоотӣ дар мамлакат ва ҳамин гуна шакл гирифтани дигар сохторҳои ҳукуматӣ дар манотиқи мухталифи ҷумҳурӣ замина гузошта метавонанд. Дар баробари инкишофи технологияҳои иттилоотӣ имконияти ташкили кори самаранoктари сохторҳои давлатӣ, хусусан дар соҳаи хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ба вуҷуд омад ва аз ин ҷо вожаи «ҳукумати электронӣ» мавқеи иҷтимоӣ пайдо кард. Ҳукумати электронӣ бартариҳои ниҳоят зиёд дошта, дар маҷмӯъ коргузориҳои муосирро ба миён меорад, ки дар кишвар, аз ҷумла Ҳукумати Тоҷикистон гузаштан ба ин навъ қаринаи замонавии хизматрасониро яке аз ҳадафҳои асосӣ қарор додааст.

Ҳукумати электронӣ низоми ягонаест, ки тамоми мақомоти давлатиро муттаҳид карда, ба онҳо шароит фароҳам меорад, то бо истифода аз шабакаи компютерӣ гардиши ҳуҷҷатҳои электронии байниидоравиро таъмин намоянд. Дар асоси он ба шахсони ҳуқуқию воқеӣ хизматрасониҳои давлатиро пешниҳод созанд ё арзу шикоятҳои мардумро баррасӣ кунанд. Аз ин рӯ, дар меҳвари бунёдии консепсияи мазкур иттилоот қарор дошта, самтбахшӣ тариқи иттилоот яке аз ҳадафҳои аслии он ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, системаи ҳукумати электронӣ яке аз унсурҳои асосии бунёди ҷомеаи муосир ва идоракунии давлатӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ маҳсуб ёфта, имконияти гирифтани посухҳоро ба суолҳои муҳимми иҷтимоӣ бидуни ташвишдиҳии хизматчиёни давлатӣ пешкаш менамояд. Ҳукумати электронӣ кулли монеаҳои имконпазири хусусияти маъмуридоштаро ҳангоми бадастории хизматрасониҳои лозима бартараф сохта, ҳамзамон, дастрасии мардумро ба иттилооти расмӣ осон мегардонад.

Ҳукумати электронӣ як ҷузъи ҷомеаи иттилоотӣ буда, дар айни замон дар арафаи шаклгирии умумиҷаҳонӣ қарор дорад. Дар шароите, ки интернет ба воситаи муҳимми алтернативии пахши иттилоот зуҳур кардааст, ки масъала аз ҳар ҷиҳат басо аҳамиятнок буда, дар ин ҳолат бояд муносибати нави иттилоотӣ ба роҳ монда шавад. Маҳз аз ҳамин дидгоҳ «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» як ҷузъи муҳимми ахборрасониро ба миён оварда, метавонад дар пешрафти муносибатҳои ҷадиди иттилоотӣ саҳм бигирад. Татбиқи ин гуна тарзи коргузорӣ дар Тоҷикистон низ моҳирона роҳандозӣ гардида, ниҳоят ташкили ҳуҷҷатгузории беқоғаз аст. Дастрасии мардум ба маълумоту иттилооти расмӣ асосан тариқи интернет ва дигар воситаҳои телекоммуникатсионӣ сурат мегирад. Нишондиҳандаҳои сатҳи рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро аз рӯйи беш аз 50 хусусият баҳо медиҳанд, ки дар се гурӯҳи асосӣ муттаҳид карда шудаанд:

1. Шароити мавҷуда барои инкишофи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;

2. Омодагии шаҳрвандон, соҳаҳои корӣ ва мақомоти давлатӣ барои истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

3. Сатҳи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар бахшҳои ҷамъиятӣ, тиҷоратӣ ва давлатӣ.

Дар замони имрӯза технологияҳои иттилоотӣ воситаи муҳимми баландбардории самаранокии фаъолияти дастгоҳи иҷроияи давлатӣ, пастгардонии хароҷоти ғайриистеҳсолӣ ва тақвияти арзиши ҳокимият дар ҳисоби таъмини шаффофият ба шумор мераванд. Маҳз барои ҳамин аксарияти давлатҳои муосир модели нави идоракунии давлатиро ба роҳ мондаанд, ки ба принсипҳои натиҷанокӣ ва ҳисоботдиҳии ҷамъиятӣ асос ёфтааст. Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки моделҳои гуногун аз рӯйи коркард, татбиқи зинаҳо ва лоиҳасозии ҳукумати электронӣ - «e-government» - вуҷуд дорад. Дар таҷрибаи минтақа ва давлатҳои гуногуни ҷаҳон айни замон се модели асосии бунёдсозии ҳукумати электронӣ: Амрико, Аврупо ва Осиё мавҷуданд. Модели амрикоӣ хусусияти махсуси бунёдшавиро дар ИМА инъикос менамояд; модели аврупоӣ рушди сохторҳои электронии давлатиро дар қисми зиёди мамолики Аврупои Ғарбӣ, Марказӣ ва Шарқӣ нишон медиҳад; модели осиёӣ дар Сингапур, Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ нисбатан бомуваффақият амалӣ гардидааст.

Ҳадафи асосии барномаи модели амрикоии ҳукумати электронӣ дар алоқамандии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ бо мақомоти давлатӣ содагардонӣ, дастрасӣ ва арзонӣ мебошад. Модели аврупоӣ бошад, дорои институтҳои баландтари давлат, ба монанди Европарламент, Суди аврупоӣ ва ғайра буда, тавсияҳои онҳо барои рушд ва танзимкунии кори «e-government» барои ҳамаи давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ҳатмӣ ба шумор меравад. Усули идоракунии модели осиёгӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки ба намудҳои фарҳанги корпоративии осиёгӣ ва системаи бисёрқабатаи идоракунии давлатӣ такя мекунад. Яъне, ин модел аз рӯйи принсипи пирамида (аҳром)-и иерархӣ ташкил карда шудааст. Масалан, Ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ ҳангоми ташкили модели «демократияи электронӣ» бештар ба қонеъгардонии талаботи иттилоотии шаҳрвандон ва воридкунии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба системаи фарҳангу маориф диққат додааст.

Дар раванди бунёди ҳукумати электронӣ таҷрибаи давлатҳои аввал қадаммонда, ба монанди ИМА ва Канадаро муваффақнок ҳисобидан мумкин аст. Давлатҳои рӯ ба инкишоф, аз қабили Бразилия, Гватемала, Мексика, Шри-Ланка ва ғайра ба таҷрибаи амрикоию канадагӣ, ҳамчун ба сарчашмаи усулҳои пешрафта ва маводҳои таълимӣ барои амалигардонии стратегияи миллии хусусӣ дар заминаи бунёдсозии ҳукумати электронӣ назар меафкананд. Омӯзиши таҷрибаи татбиқи лоиҳаҳо дар мамолики пешрафта, пеш аз ҳама, барои коркарди сохтори ягонаи ташкилӣ ва ҳамчунин барои бартарафкунии хатогиҳои умумӣ ва максимумгардонии бозгашти маблағгузориҳои воридкардашуда муҳим аст. Аммо бояд якчанд омилҳоро ба эътибор гирифт: шумораи аҳолии мамлакат;

хусусиятҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсии кишвар; паҳнгардонии дастрасии интернет дар ҷамъият; сарчашма ва имкониятҳои сармоягузории лоиҳаҳо ва ҳоказо.

Ҳамин тавр, ҳукумати электронӣ дар бисёр давлатҳои ҷаҳон аз рушди технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун омили таъминоти самараноки идоракунии давлат ва муҳиммияти ба халқ пешкашкунии хизматрасониҳои самараноки иҷтимоии он шаҳодат медиҳад. Зеро ҳукумати электронӣ ба таъминкунии шаҳрвандон, ташкили босуръат ва дастрасии симараноки хизматрасониҳои давлатӣ, баландбардории самаранокии вазифагузории мақомоти давлатӣ тавассути истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ равона гардидааст.

Инчунин, соли 2010 дар доираи лоиҳаи «Вусъат додани дастрасӣ ба иттилоот дар интернет» бо дастгирии «Internews Network» дар Тоҷикистон, аз ҷониби АМВАОМТ як пурсиши сотсиологӣ гузаронида шуда, дар шакли китобчае таҳти унвони «Нақши интернет дар дастрасӣ ба иттилоот» чоп гардид. Як бахши китобча ба муносибати кормандони ВАО ба сомонаҳои мақомоти давлатӣ бахшида шуда, дар он гуфта мешавад, ки: «таҳлили маълумот нишон медиҳад, ки шумораи нисбатан зиёди пурсидашудон - 47,5%, аз сомонаҳои расмии баъзе вазорату идораҳои кишвар истифода мебаранд. Шарҳи ҷавобҳои пурсидашудагон нишон медиҳад, ки пурсидашудагон сомонаҳои расмии мақомоти давлатиро маҳз ба хотири баровардани ниёзҳои касбиашон - ҷамъовардани мавод барои рӯзномаҳояшон, дастрас намудани ахбори расмӣ барои ҷустуҷӯи мавзуъҳои нав ва барои донистани нуктаи назари расмӣ ба ягон мавзӯъ, проблемаҳои ҷомеа мехонанд...».

Бо гузашти беш аз панҷ сол вазъ то ҷое тағйир ёфта, шумораи сомонаҳои ҳукуматӣ низ бештар ва фаъолтар гардидаанд. Дар тадқиқоти фавқ ба сомонаҳои вилоятӣ ва шаҳру навоҳӣ ягон ишора нашуда, ҳоло қариб ҳамаи онҳо соҳиби сомонаҳои ҷудогона гардиданд. Ҳамчунин, дар ин китобча сомонаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии миллии иттилоотии «Ховар», Агентии назорати маводи мухаддир, Бонки миллӣ, Вазорати молия ва Вазорати корҳои хориҷӣ нисбатан фаъол нишон дода шудаанд. Аз соли 2014 ин ҷониб сомонаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фаъол гардида, дар пешниҳоди хабарҳои илмию тадқиқотӣ айни замон пешсаф аст. Вале, дар аксар сомонаҳои мақомоти давлатӣ маводи таҳлилӣ вуҷуд надоранд. Ҳарчанд бо гузашти чанд сол вазорату идораҳо ва дигар ниҳодҳои ҳукуматӣ аз ин ҷиҳат то андозае худро ислоҳ кардаанд, аммо ин муносибат дар сомонаҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ бармало мушоҳида мешавад. Барои мисоли мусбат сомонаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанберо меорем, ки бо суроғаи www.dushanbe.tj дастрас буда, дар он бахшҳои зиёде фаъоланд ва дар қиёс бо дигар шаҳру ноҳияҳо, сомонаи пойтахт кори чашмрас дорад. Зеро иттилоот дар бахши «Хабар» мунтазам илова ва нав карда мешавад. Зарурати кор бо сокинони шаҳрро ба инобат гирифта, дар сомонаҳои иҷтимоии «Facebook» ва «Twitter» саҳифаи хоси раиси шаҳр боз гардида, почтаи электронии dushanbe80@yahoo.com низ фаъолияти хуб дорад. Боиси таҳсин аст, ки оид ба татбиқи консепсияи «ҳукумати электронӣ» дар шаҳри Душанбе лоиҳаҳои интерактивии «Мо метавонем» - www.mometavonem.tj (сомонаи хизматрасонии коммуналӣ) ва «Бе миёнаравҳо» - www.bemiyonaravho.tj (сомонаи кумаки иҷтимоӣ ва тамоси бевосита бо сохторҳои марбута) фаъолияти пурсамар доранд. Бисёр хуб мебуд, агар шаҳру навоҳии дигари кишвар аз рӯйи талаботу принсипҳои асосии «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» мисли пойтахти ҷумҳурӣ ҳадафмандона амал мекарданд.

Ҳамин тавр, ҳукумати электронӣ яке аз дастовардҳои муосири инсоният буда, баҳри пешрафт ва самаранок ба роҳ мондани муносибати шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ равона гардидааст. Дар баробари амалишавии ҳукумати электронӣ дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои мақомоти давлатӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, аз ҳисоби сарфаи вақт ва харҷи пул боиси боло рафтани сатҳу сифати зиндагии мардум мегардад. Чун Тоҷикистон дар минтақаи кӯҳсор воқеъ гардидааст шаҳру ноҳияҳоро қаторкӯҳҳои осмонбӯс ва дараҳои тангу чуқур аз ҳамдигар ҷудо менамоянд, таъсиси ҳукумати электронӣ яке аз роҳҳои асосии бурунрафт аз бунбасти коммуникатсионӣ ба шумор меравад.

АДАБИЁТ

1. Раҳими Фарҳод. Ҳукумати электронӣ-технологияи муосири идоракунии давлатии ҶТ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ / Раҳими Фарҳод // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамои инкишоф». – Душанбе, 2018. –С.218-220.
2. Данилин А.В. Электронные государственные услуги и административные регламенты: от политической задачи к архитектуре ««э–правительства»» / А.В. Данилин. -М.: ИНФРА-М, 2004. -336 с.
3. Поляков А.А. Информационные системы в управлении / А.А. Поляков // Вестн. Моск. ун-та. Сер. 21. Управление (Государство и общ-во). - 2006. -№3. -С.23-37.
4. Концепции формирования э–правительства в Республике Таджикистан // Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2011 г. №643.

5. Ниёзов А.С. Э–правительство – новый социально-политический институт государственного управления Республики Таджикистан / А.С. Ниёзов // Материалы тренинга для государственных служащих РТ. -Душанбе, 2004. –С.68-79.
6. Овчинников С.А. Причины и условия неудач внедрения э–правительства / С.А. Овчинников, С.Е. Гришин // Вестник СГСЭУ. - 2011. -№4(38). -С.177-180.
7. Кулик А.Н. Электронное государство в «суверенной демократии» / А.Н. Кулик // Технологии информ. общ-ва – Интернет и соврем, общ-во: Труды X Всерос. объед. конф. СПб. 23-25 октября 2007 г. -СПб.: Изд-во филолог, фак. СПбГУ, 2007. -С. 212-216.
8. Кашина ЕЛ. Формирование «э–правительства» в РФ: социально-политический аспект: автореф. дисс.. канд. полит, наук: 23. 00. 02 / ЕЛ. Кашина. -М., 2009. – 29 с.

ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ОМИЛИ МУҲИМТАРИНИ ДАВЛАТДОРИИ ҶАҲОНИ МУОСИР

Имрӯзҳо дар тамоми манотиқи олам илму технология рушд карда, дар ин раванд падидаҳои нав ба нав ба вуҷуд меоянд ва, албатта, барои баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасонӣ, маҳсулнокии натиҷаи фаъолияти худ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мунтазам истифода мебаранд. Яке аз механизмҳои муҳимми таъмини шаффофият ва иштироки фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди муқовимат ба коррупсия ин ҳукумати электронӣ мебошад. Дар шароити ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ торафт муассир мегардад. Яке аз намуди он ҳукумати электронӣ мебошад, ки дар идоракунии давлатӣ чун падидаи ҷадиди иҷтимоиву сиёсӣ ва фарогиру самаранок эътироф шудааст. Рушди ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ хусусиятҳои хоси худро дорад. Ҳукумати электронӣ чун падидаи иҷтимоиву сиёсии замони муосир ба ҷузъи муҳимми системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал шудааст. Ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таърихи даҳсолаҳо дорад, торафт тақвият меёбад. Ҳукумати электронӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи иттилоотии муосир возеҳ собит шудааст.

Калидвожаҳо: иттилоот, ҳукумат, маълумот, ҷомеа, мақомотҳои давлатӣ, рушди иқтисодӣ, иқтисодиёт. Ҷумҳурии Тоҷикистон, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ҳукумати электронӣ, рушд.

ЭЛЕКТРОННОЕ ПРАВИТЕЛЬСТВО КАК ВАЖНЕЙШИЙ ФАКТОР ГОСУДАРСТВОВАНИЯ СОВРЕМЕННОГО МИРА

На современном этапе во всех регионах мира наука и технология развивается в этом процессе появляются новые феномены, которые используются для повышения эффективности и качества услуги результатов деятельности органов исполнительной власти. Одним из важнейших механизмов прозрачности и активного участия граждан в обществе, сопротивления коррупции является электронное правительство. В информационном обществе резко возрастает роль информационно-коммуникационных технологий (ИКТ). Одним из видов ИКТ является электронное правительство, признанное во всем мире в качестве современного социально-политического и всеохватывающего эффективного института. Развитие электронного правительства в Таджикистане на современном этапе имеет свои особенности. Электронное правительство как современный социально-политический институт превратилось в важный компонент системы государственного управления Республики Таджикистан.Электронное правительство Республики Таджикистан, имеющее богатую историю, развивается успешно. Электронное правительствовсе отчетливее выступает как ноетъемлемая часть информационного общества.

Ключевые слова: информация, правительство, данные, общество, государственные органы, экономический рост, экономика. Республика Таджикистан, информационно-коммуникационные технологии, электронное правительство, развитие.

E-GOVERNMENT AS A KEY FACTOR IN THE MODERN WORLD GOSUDARSTVOVANIE

At a modern stage in all regions of the world, science and technology are developing in this process, new phenomena appear that are used to improve the efficiency and quality of the service results of executive bodies. One of the most important mechanisms of transparency and the active participation of citizens in society is the resistance to corruption to provide e-government. In the information society, the role of information and communication technologies (ICT) sharply increases. One type of ICT is the electronic government, recognized throughout the world as a modern social-political and all-encompassing and effective institution. The development of e-government of Tajikistan at the present stage has its own characteristics. E-government as a modern socio-political institution has become an important component of the system of public administration of the Republic of Tajikistan. The e-government of the Republic of Tajikistan, which has a rich history, is developing successfully. E-government is increasingly acting as an integral part of the information society.

Key words: infomration, government, data, society, public authorities, economic growth, economy. Republic of Tajikistan, information and communication technologies, e-government, development.

Сведения об авторах: ***Киличева М.М.*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры информационных систем в экономике. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.. Телефон: **93-777-67-51; 231-15-23**
Юсупов Шодмон Насурович - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, заведующий кафедрой информационных систем в экономике. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-12-39-40**

Information about the authors: ***Kilicheva M.M.*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer, Department of Information Systems in Economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **93-777-67-51; 231-15-23**
Yusupov Shodmon Nasurovich - Tajik National University, candidate of economic sciences, head of the department of information systems in economics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК 338.43

РАЗВИТИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА ГОРНЫХ РЕГИОНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Вазиров А.К., Вазиров Ф.А.
Таджикский государственный финансово-экономический университет,
Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН

Непрерывная эксплуатация земельно-водных ресурсов, проводимая с целью постоянного увеличения объемов сельскохозяйственного производства, неизбежно осуществляется в формах определенного прессинга относительно природной среды, нарушающего экологическое равновесие. Поэтому обеспечение экологической безопасности сельского хозяйства выдвигается на первый план на пути перехода к устойчивому развитию сельского хозяйства.

Следует отметить, что вопросы экологической безопасности сельского хозяйства имеют двойственный характер**.** Во-первых, генерирование этой сферой - угроза экологии и природопользованию, а также здоровью потребителей сельскохозяйственной продукции, а во-вторых, встречные угрозы сельскому хозяйству по совокупности неблагоприятных, внешних относительно этой сферы, факторов. Известно, что «…конец XX и начало XXI века характеризуется усилением антропогенного воздействия на окружающую природную среду, связанного с мобилизацией природных ресурсов для нужд промышленности, сельского хозяйства, быта и т.д. Шел процесс разрушения почвенного покрова, в атмосферный воздух выбрасывались десятки тысяч тонн загрязняющих веществ, в результате чего сегодня изменяется также гидрологический режим на прилегающих к карьерам территориях и т.д. Сегодня стало очевидным, что экологическая деградация может замедлить или прекратить процесс экономического роста. Эта основополагающая связь проявилась еще в конце 70-х и начал 80-х годов, когда наметилась тенденция снижения всех показателей социально-экономического развития в целом по республикам бывшего Союза» [1]. Сегодня в горных регионах республики расширяются пустынные площади, и главной причиной этого считается рост населения и увеличение численности поголовья домашних животных. Причинами деградации пастбищ и опустынивания склонов учёные - экономисты Ф.Х. Азизов и Х.У. Умаров считают «…приведённые разработчиками Национального плана действия по охране окружающей среды, некоторые из них мы приводим ниже:

- несоответствующее использование предгорных земель;
- несоблюдение условий выпаса скота, отсутствие инвестиций в защиту пастбищ и в систему кормопроизводства;
- вырубка деревьев и кустарников идет быстрее, чем они успевают вырасти;
- неудовлетворительное состояние сенокосов» [2,с.32].

Лидер нации, Основоположник мира и единства, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своем ежегодном Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26.12.2018 года отметил: «Другой стратегической целью, которая непосредственно влияет на создание рабочих мест и увеличение экспортного потенциала страны, является обеспечение продовольственной безопасности посредством развития сельского хозяйства. С целью обеспечения развития сферы сельского хозяйства и охраны продовольственной безопасности, в счет реализации государственных инвестиционных проектов и государственного бюджета в период независимости направлено более 12 миллиардов сомони» [3].

Рассматривая проблему продовольственного обеспечения, которая является частью общей политики по обеспечению экономической независимости, необходимо указать на важность Указов Президента республики Э.Ш. Рахмонова от 9 октября 1995 г. за №342 и от 1 декабря 1997 г. о выделении в пользование граждан первоначально 50 тыс.га, а затем 25 тыс.га – всего 75 тыс.га, оказавших решающее влияние на ход развития сельхозпроизводства в республике[4].

Анализы показывают, что площадь сектора индивидуального частного землепользования, способная вести экологически чистое производство сельхозпродукции для личного потребления и на рынок, в республике увеличивается. По прогнозным расчетам ученых-экономистов, в ближайшие два-три года этот сектор будет еще увеличиваться и станет особой базой развития экологического земледелия, особенно для ведения личных подсобных хозяйств граждан.Необходимо подчеркнуть, что после распада бывшего Союза ССР и приобретения Таджикистаном государственной независимости с Президентской формой правления в республике обозначились новые направления социально-экономического развития. Реализованные реформы имели огромное значение для функционирования национальных производительных сил и для выявления новых форм производственных отношений, включая проблемы развития форм собственности, и на их базе обеспечения продовольственной

самодостаточности Таджикистана. Эти реформы стали первым шагом к повышению роли национальной экономики молодой республики в построении рыночной системы отношений и хозяйствования. Как известно, после этого начался период интенсивного развития рыночных институтов. Началась приватизация государственных объектов, появились различные формы собственности, кооперативы, малые, средние и совместные предприятия, развивался бизнес и агробизнес, сельское предпринимательство, создавались дехканские (фермерские) хозяйства, началось формирование банковского сектора и образование валютных рынков и т.п. В совокупности это все - особые условия функционирования национальной экономики и её составной части - сельского хозяйства.

Процессы опустынивания в горных территориях приобретают все новые масштабы. В республике почти 98% территории подвергаются антропогенному воздействию. Каждый год огромная площадь возделываемых земель подвергается воздействию процессов опустынивания. Как отмечают профессора Х. Умаров и Х. Мухаббатов: 68% сельхозугодий подвержены эрозии, что снижает урожайность от 10% до 40%[5]. Для сельского хозяйства нужен и полезен верхний горизонт (слой) земли – почва. Только почва, ее пригодность для выращивания растений делают землю особым средством и ресурсом производства в сельском хозяйстве. Важнейшим свойством почвы являются ее плодородие, т.е. ее способность удовлетворять потребности возделываемых растений и, тем самым, обеспечивать выход нужной экологической продукции.

По мнению академика Дж.С. Пириева, «…площадь земель сельскохозяйственных предприятий, включая долгосрочное пользование, составляют 7483,3 тыс. га, или 52,5% от общей площади земельных угодий. 20,3% от общего земельного фонда занимают земли государственного запаса, а 6,3% - лесной фонд и др. Сельскохозяйственное производство осуществлялось на 4668,5 тыс. га земельных угодий, из которых 737,6 тыс.га – орошаемые»[6].

К счастью, в 2016 и 2017 годах площадь орошаемых земель расширилась до 754 тыс.га, что на 16,4 тыс.га превышает уровень 2002 года.Процесс использования земельных ресурсов в республике сопровождается трансформацией, в результате которой, с одной стороны, идет освоение новых земель под орошаемое земледелие за счет госземзапаса и сокращения малопродуктивных сельхозугодий (пастбищ, богарной пашни, залежей), с другой – часть земель изымается для расширения городов, поселков, строительства промышленных объектов и для внутрихозяйственных надобностей сельхозпредприятий. В результате происходит изменение структуры сельхозугодий республики (табл. 1).

Таблица 1. Динамика структуры сельхозугодий Таджикистана за 2005–2017 гг.

	2005	2015	2016	2017	2005	2015	2016	2017
	Все земли				Орошаемые земли			
Сельхозугодья	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0	100,0
в т.ч. пашня	17,7	18,1	17,8	18	83,8	88,1	88,3	88,3
многолетние насаждения	0,7	3,9	4,0	4,1	12,9	15.6	15,8	15,8
залежи	0,2	0,8	0,7	0,7	3,4	0,76	0,7	0,7
сенокосы	0,1	0,5	0,4	0,4	0,2	0,25	0,27	0,27
пастбища	81,3	76,7	77,1	76,8	1,6	1,47	1,48	1,48

В 2017 году во всех категориях хозяйств республики было произведено мяса (в убойной массе) – 124,4 тыс. тонн (для сравнения 71,6 тыс. т. в 2010), молока – 950 тыс.тонн (660,8 тыс. тонн в 2010), яиц – 341,4 млн.шт. (231,9 млн. шт. в 2010), шерсти (в физической массе) – 7522 тонн (5776 тонн в 2010), то в личных подсобных хозяйствах населения, включая дехканские (фермерские) хозяйства, соответственно: мяса – 118 тыс. тонн (69,2 тыс. тонн), молока – 897,3 тыс.тонн (635,4 тыс. тонн), яиц – 178,8 млн.шт. (90,9 млн. шт.), шерсти – 6207 тонн (5209 тонн), в скобках показатели 2010г. [7,с.292].Основными отраслями, участвующими в формировании ресурсов продовольственного рынка, являются растениеводство и животноводство, где производство за последние годы составляет следующее (табл. 2).

Таблица 2. Динамика производства продукции сельского хозяйства во всех категориях хозяйств тыс. тонн

Наименования продукции	2010	2013	2014	2015	2016	2017	2017 г.в % к 2010 г.
Зерно	1261,1	1392,6	1317,8	1392,7	1435,8	1447,6	114,7
Хлопок-сырец	310,6	392,8	372,7	270,0	284,7	386,5	-7,3
Картофель	760,1	1115,7	853,7	887,4	898,1	782,9	-9,3
Овощи	1142,6	1490,6	1549,5	1667,8	1748,3	1859,1	149,6
Бахчевые	482,4	495,3	545,7	529,4	594,2	631,4	149,1
Фрукты	225,4	328,5	341,3	299,2	364,1	405,0	179,6
Виноград	124,3	175,3	188,8	203,8	214,7	228,3	183,6
Мясо (в убойном весе)	71,6	86,5	99,4	108,8	116,7	124,4	173,7
Молоко	660,8	828,2	854,7	889,9	918,0	950,0	136,5

Из приведенных данных видно, что в республике увеличилось производство зерна, особенно резко возросло производство картофеля, но в 2017 году было собрано на 9,3% меньше, чем в 2010 году. Производство фруктов приблизилось к уровню 1992 года, а по винограду уровень даже превзойден, увеличивается производство молока» [7,с.292].

Анализы показывают, что в республике остается тяжелым положение с производством продукции животноводства и хлопководства. Снижение производства этих продуктов связано с недостатком минеральных удобрений, расширением посевных площадей зерновых культур, и в первую очередь пшеницы. Делается это за счет сокращения посевов не только хлопчатника и кормовых культур, но даже и зернофуражных культур. Однако рыночная стратегия получения максимума продукции при минимальных затратах в условиях техногенной системы земледелия во многих сельскохозяйственных предприятиях и крестьянских (фермерских) хозяйствах ведет к деформации структуры земельных угодий, разбалансировке базовых элементов агроландшафтов, что вызывает сбои в их среде, воспроизводящих функциях и способствует ухудшению общей экологической обстановки в АПК.

В республике в этом направлении наблюдается недостаточное капиталовложение. Многие новые крестьяне (дехкане) под улучшением качества и плодородия земель часто понимают внедрение органического и минерального удобрения, которые не соответствуют требованиям концепции устойчивого развития и экономико-экологического подхода. Но из-за тяжелого финансового положения основные товаропроизводители в отрасли существенно снизили использование минеральных удобрений, что благоприятно влияет на улучшение экологической обстановки, но, с другой стороны, бедные почвы области не могут дать хороший урожай без дополнительной искусственной минерализации, и это ведет к интенсивному истощению плодородия земли. В целом, уровень обеспеченности земельных угодий удобрениями - азотными - 70, фосфорными - 32, калийными - 6-7 процентов требуемой нормы. Органических удобрений вносится в почву лишь 3% от нормы [7,с.68].

По мнению А. Акбарова, только горная зона республики имеет огромный потенциальный резерв для развития системы расселения. Она, прежде всего, связана:

- с возрождением и развитием сельскохозяйственного производства в новых экономических условиях;
- с созданием агропромышленных предприятий для переработки многих видов сельхозсырья на местах;
- с развитием в перспективе комплексных рекреационных зон, туризма и альпинизма, а также цивилизованной горной охоты;
- с использованием огромного потенциала горных рек и водостоков для производства дешевой электрической энергии путем строительства малых ГЭС [8].

Согласно расчетам специалистов, в горных зонах имеется около 700 тыс. гектаров земель для перспективного сельскохозяйственного использования. Освоение горно-долинных, склоновых и приречных земель в ближайшие годы позволит увеличить количество орошаемых земель и садов в горной зоне в 1,7-2 раза. По прогнозным расчётам специалистов, общую орошаемую площадь земель по горной зоне до 2020 года можно довести до 250 тыс. гектаров или увеличить на 23%. В последнее время предполагается переселить в горные районы 242 кишлака с общим количеством 7,5 тыс. семей, из них по Зерафшанской долине - 44 кишлака, Раштской группе районов - 69 кишлаков, Горно-Бадахшанской автономной области (ГБАО) - 29 кишлаков [8]. Приведенные тенденции объективно требуют проведения обоснованных исследований и разработки модели развития горной экономики и особенно горного сельскохозяйственного производства.

Таким образом, развитие горных территорий является составной частью аграрной политики государства. Для её успешного осуществления требуется четко сформулированная концепция развития, которую необходимо решать, исходя из характера происходящих тенденций в сельском хозяйстве республики. Продуктивность и чистота природных и земельных ресурсов имеют двоякое значение для региональных агросистем. Во-первых, сохранение этих качественных параметров является важнейшей долгосрочной задачей, решение которой необходимо для обеспечения жизнедеятельности будущих поколений. Во-вторых, чистота и продуктивность природных ресурсов - обязательное условие конкурентоспособности продуктов питания и источник доходов для решения социальных, экономических и экологических задач региона. Анализ состояния экономики и хозяйственной деятельности позволяет выделить следующие проблемы экономико-экологического развития республики:

- слабый учет экологических факторов в региональном воспроизводственном процессе, который выражается в недостаточном аккумулировании средств на воспроизводство и восстановление природных ресурсов, защиту окружающей среды;
- экстенсивный характер развития отраслей хозяйственного комплекса, вызывающий

усиление влияния техногенных факторов на состояние окружающей среды;

- недостаточный учет природоохранных аспектов, внедрение новых технологий производства;

- высокая территориальная концентрация промышленности в отдельных ареалах жизнедеятельности регионов, превышающая допустимые антропогенные нагрузки на природную среду.

Необходимо отметить, что решение экологических проблем сельского хозяйства достигается тремя группами взаимосвязанных мер: экономическое регулирование, технологическая политика, контроль (мониторинг) за состоянием природной среды.Совокупная экономическая результативность процесса производства с учетом экологического воздействия сельского хозяйства на окружающую природную среду отражает эффективность использования в этом процессе затрат, связанных с ликвидацией или предупреждением загрязнения и разрушения природной среды, возникающих в результате сельскохозяйственной деятельности, а также потери продукции вследствие ухудшения ее экологического состояния. Таким образом, экологическое состояние сельского хозяйства всесторонне зависит от необходимого уровня плодородия земель, от возмещения не только использованных питательных веществ почвы, но и от восстановления ее качественных показателей (содержание гумуса, уровень кислотности, состояние водно-воздушного режима и т.д.), что связано со значительными инвестициями и затратами**.** На наш взгляд, затраты труда как вложения для улучшения земель, являются не только важным фактором роста сельскохозяйственного производства, но и должны быть средством охраны окружающей среды. Опираясь на них и используя достижения науки и техники, человек может значительно ускорить процесс воспроизводства почвы, повышения ее плодородия и экологической обстановки горных регионов республики.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ганиев Т.Б. Аграрная реформа и устойчивое развитие сельского хозяйства / Т.Б. Ганиев. -М: Диалог-МГУ, 1997.
2. Азизов Ф.Х. Устойчивое развитие аграрного сектора экономики / Ф.Х. Азизов, Х.У. Умаров. –М., 2018. -С.32.
3. Послание Президента РТ Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26.12.2018, «Кишвар-2016», 2018.
4. Указы Президента республики Э.Ш. Рахмонова от 9 октября 1995 г. за №342 и от 1 декабря 1997 г. о выделении в пользование граждан первоначально 50 тыс.га, а затем 25 тыс.га – всего 75 тыс.га.
5. Умаров Х.У. Стихийные бедствия в Центральной Азии и их последствия / Х.У. Умаров, Х.М. Мухаббатов // Проблемы освоения пустынь. – 2012. -№1-2.
6. Пириев Дж.С. Методические подходы к оценке природно-ресурсного потенциала сельского хозяйства Таджикистана / Дж.С. Пириев // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. -Душанбе, 2002. -№5-6.
7. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. АСПРТ. –Душанбе, 2018. 292 с.
8. Акбаров А. Градостроительные проблемы возрождения и совершенствования структуры сельских населенных мест горных районов Таджикистана (Офис проектных служб ООН в Таджикистане) / А. Акбаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2000. -№1.

РУШДИ АМНИЯТИ ЭКОЛОГИИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚИ МИНТАҚАҲОИ КӮҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур рушди хоҷагии қишлоқи минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароитҳои камзаминӣ ваа истифодабарии самараноки замин мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон дар асоси таҳлил вазъи имрӯзаи экологии ҷумҳуриро нишон дода, тамоюлоти асосии рушди хоҷагии қишлоқи кӯҳиро дар ҷумҳурӣ нишон додаанд. Аз истифодаи оқилонаи захираҳои замин ва ҳифзи он, ки на танҳо масоили ташкилӣ – ҳуқуқӣ, инчунин илмӣ – техникӣ маҳсуб меёбанд, аз бисёр ҷиҳат вазъи экологии хоҷагии қишлоқ вобастагӣ дорад. Таҳлил нишон мдиҳад, ки масоҳати сектори фардии хусусии истифодабарии замин, ки пешбурди истеҳсолоти софи экологии маҳсулоти хоҷагии қишлоқро барои истеъмоли шахсӣ ва барои бозор доро мебошад, дар ҷумҳурӣ зиёд мегардад.

Калидвожаҳо: баробарвазнии экологӣ, рушди босубот, тамоюлоти рушд, натиҷанокии иқтисодӣ, истифодаи захираҳои замин, хоҷагии қишлоқ, самаранокии иқтисодӣ.

РАЗВИТИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА ГОРНЫХ РЕГИОНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматривается развитие сельского хозяйства горных регионов Республики Таджикистан в условиях малоземелья и эффективного использования земли. Автор на основе анализа показал современное экологическое состояние республики и выявил основные тенденции развития горного сельского хозяйства в республике. От рационального использования земельных ресурсов и их охраны, являющихся не только организационно-правовой, но и научно-технической проблемой, во многом зависит экологическое состояние сельского хозяйства. Анализ показывает, что площадь сектора индивидуального частного землепользования, способного вести экологически чистое производство сельхозпродукции для личного потребления и на рынок, в республике увеличивается.

Ключевые слова: экологическое равновесие, устойчивое развитие, тенденции развития, экономическая результативность, использование земельных ресурсов, сельское хозяйство, экономическая эффективность.

DEVELOPMENT OF ECOLOGICAL SAFETY OF AGRICULTURE OF MOUNTAIN REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article discusses the development of agriculture in the mountainous regions of the Republic of Tajikistan in

conditions of low land and efficient use of land. Based on the analysis, the author showed the current ecological state of the republic and revealed the main trends in the development of mining agriculture in the republic. The ecological state of agriculture largely depends on the rational use of land resources and their protection, which are not only an organizational-legal, but also a scientific and technical problem. The analysis shows that the area of the sector of individual private land use, capable of environmentally friendly production of agricultural products for personal consumption and the market, is increasing in the republic.

Key words: ecological balance, sustainable development, development trends, economic performance, land use, agriculture, economic efficiency.

Сведения об авторах: ***Вазиров Амирджон Катаевич*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель кафедры экономической теории. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон**: (+992) 900-15-25-52**
Вазиров Фаррухруз Амирджонович - Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН, соискатель. **Адрес***:* 734020, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Хаёти-Нав, 306. Телефон: **(+992) 907-22-90-90**

Information about the authors: ***Vazirov Amirdzhon Kataevich*** - Tajik State University of Finance and Economics, applicant for the Department of Economic Theory. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov Street. Phone: **(+992) 900-15-25-52**
Vazirov Farrukhruz Amirdzhonovich - Institute of Agricultural Economics of the Tashkent Agricultural Academy, applicant. **Address:** 734020, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Haiti-Nav street 306. Phone: **(+992) 907-22-90-90**

УДК 330.34

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ УСТУВОРИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Шамсов С.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва дигаргунсозиҳои сохторӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ тағиротҳои миқдорӣ ва сифатӣ ба вуҷуд омаданд. Барои корхонаҳои саноатӣ озодии интихоби фаъолият, баромади мустақим ба бозорҳои дохилию хориҷӣ, ташаккулу равнақи асосҳои механизми иқтисодиёти бозорӣ шароит фароҳам оварда шуд. Вале таҷриба нишон дод, ки дар дараҷаҳои зарурӣ қарор надоштани сатҳи рушди инфрасохтори иқтисодӣ, механизмҳои молиявию ҳуқуқӣ ба натиҷаҳои фаъолияти корхона таъсири манфӣ расонид. Дар баробари ин, ҳамроҳшавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ, кушодашавии бозори ватанӣ барои молҳои хориҷӣ, аксарияти корхонаҳои миллиро ба ҳолати ногувори молиявӣ ва иқтисодӣ гузошт. Ҳамаи ин ба норасоии воситаҳои гардон, канда шудани низоми муносибатҳои истеҳсолӣ, қафомонии технологӣ, паст шудани иқтидори истеҳсолӣ оварда расонид, ки дар натиҷа устувории корхонаҳои саноатӣ паст шуд. Ҳол он ки рушди устувори иқтисодиёт беш аз пеш аз фаъолияти самараноки корхонаҳои саноатӣ, истифодаи оқилонаи ҳамаи намудҳои захираҳо вобастагии калон дорад. Зеро дар ҳамаи марҳилаҳои гуногуни инкишофи иқтисодиёт корхонаҳои саноатӣ дар рушди иқтисодӣ нақши калон мебозанд. Маҳз тавассути рушди корхонаҳои саноатӣ, пеш аз ҳама, шуғли аҳолӣ, истеҳсолоти миллии молу хизматрасонӣ, баландшавии сатҳу сифати зиндагии мардум, инчунин, рушди сифатии сохтори соҳавии иқтисодиёти миллӣ ва суръати баланду устувори рушди иқтисодӣ таъмин карда мешавад. Ҳамин тавр, қайд кардан мумкин аст, ки яке аз бахшҳои асосие, ки дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти мамлакат нақши муҳим мебозад, корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб мераванд.

Имрӯз корхонаҳои саноатӣ аз имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, дар рушди иқтисодии мамлакат саҳми калон гузошта истодаанд. Вале ба ин нигоҳ накарда, барои аксарияти корхонаҳои саноатӣ вобаста ба махсусгардонии онҳо, таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ ноустуворӣ ва даромаднокии паст хос мебошад. Ин бошад, зарурати муайянкунии сабабҳои ноустувории корхона, баҳодии омилҳои ба он таъсиррасон, ҳалли муаммоҳои баландбардории самаранокии истеҳсолотро ба миён меорад.

Рушди иқтисодӣ омили муайянкунандаи тағйиротҳои миқдорӣ, сифатӣ ва сохторӣ дар иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Дар шароити муосир таъмини рушди иқтисодии мамлакат яке аз масъалаҳои муҳимми иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ рушди иқтисодии мамлакат аз устувории унсурҳои сохтории он – корхона ва соҳаҳо, вобаста аст. Аз ин рӯ, таъмини рушди устувори фаъолияти корхонаҳо заминаҳои объективии рушди устувори тамоми иқтисодиёти мамлакатро ташаккул медиҳад. Ғайр аз ин, таъмини рушди устувори корхонаҳо яке аз стратегияҳои асосии давлат ба ҳисоб меравад, ки он ба ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ-иқтисодии бозорӣ мусоидат мекунад. Маҳз корхонаҳо ба ҳамаи унсурҳои рушди устувори мамлакат таъсири аввалиндараҷа мерасонад. Аз ин хотир, омӯзиши муаммоҳои идоракунии рушди устувори корхона, такмилдиҳии он дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад ва

аҳамияти назариявию амалӣ дорад.Муаммоҳои рушди устувори корхонаҳо дар таҳқиқотҳои илмии олимони хориҷӣ, монанди Е. Домар, М. Портер, Й. Шумпетер, Д. Хэй, Д. Моррис ва дигарон инъикос ёфтаанд. Инчунин олимони ватанӣ Р.К. Раҳимов, Н.Ҳ. Хоналиев, С.Ҷ. Комилов, М.Т. Каримова, Т.Д. Низомова, М.Қ. Файзуллоев, У. Давлатзод, Ҷ.Р. Раҳмонов, Т.М. Рабиева ва дигарон дар масъалаҳои баҳодиҳии методӣ ва методологии фаъолияти корхонаҳо саҳми калон гузоштаанд.

Дар байни олимони рус, ки доир ба омӯзиши рушди устувори корхона таҳқиқотҳои илмӣ бурдаанд, чунин олимонро қайд кардан мумкин аст: С.М. Анпилов, Т.В. Колосова, З.В. Коробкова, Г.С. Мерзликина, В.М. Рябов, Т.Н. Тополева, О. А. Черняева ва дигарон.

Таҳлили адабиётҳои иқтисодӣ доир ба рушди корхонаҳои саноатӣ ошкор намуданд, ки мафҳумҳои «рушди устувори корхона», «устувории молиявии корхона» ва ба ин монанд дар ҳаёти ҳаррӯза васеъ истифода карда мешаванд, аммо на дар назария ва на дар амалия то ҳол мафҳуми ягонаи ин мафҳумҳо вуҷуд надорад. Аксарияти олимон доир ба муайянкунии мафҳуми рушди устувори корхона диққати асосиро ба ҷанбаҳои иқтисодӣ ва молиявии корхона медиҳанд, [1,2,6,7,8] ҳол он ки мафҳуми устуворӣ категорияи комплексӣ буда, ҳамаи тарафҳои фаъолияти корхонаро инъикос мекунад. Бинобар ин, рушди устувори корхона гуфта, натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ, молиявӣ, инвеститсионӣ, инноватсионӣ ва дигар тарафҳои фаъолияти корхонаро дар назар доранд, ки шарти асосии бомуваффақият фаъолият намудани корхона ба ҳисоб мераванд. Зеро таъмини устувории фаъолияти корхона фоиданокии муътадил ва шароитҳои мусоиди такрористеҳсолро дар пешомадҳои дарозмуддат бо назардошти омилҳои муҳимми берунӣ ва дохилӣ таъмин менамояд. Дигар олимон рушди устувори корхонаро бо ҳолати фаъолияти корхона алоқаманд мекунанд, ки корхона дар зери таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ қодир аст, рушди мувозинати худро нигоҳ дорад [5,9,12,14]. Таъмини рушди устувор яке аз вазифаҳои муҳимми ҳам корхона ва ҳам давлат ба ҳисоб меравад. Зеро корхона мустақилона доираи фаъолияти худро дар самтҳои гуногун ба роҳ мемонад ва давлат бошад, барои корхона ҳамаи шароитҳои заруриро фароҳам меорад. Талаботҳои асосие, ки рушди устувори корхонаҳои саноатиро таъмин менамояд, инҳо мебошанд [10,с.35-36]:

- муайянкунии мақсад ва стратегияи корхона;
- риояи манфиатҳои давлат, шаҳрвандон ва коллективи меҳнатӣ;
- зиёдкунии неруйи корхона;
- самаранок истифода кардани захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ;
- рушди ҷараёни истеҳсолот ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир;
- муҳайё кардани шароитҳои иҷтимоӣ барои коллективи меҳнатӣ;
- истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни истеҳсолот.

Ба маънои васеъ дар зери мафҳуми рушди устувори корхона тағйиротҳои дохилӣ фаҳмида мешаванд, ки бо беҳтар шудани вазъияти корхона, мутобиқшавии он ба шароит ва омилҳои берунӣ, афзоиши нишондиҳандаҳои миқдории фаъолияти корхона, тағйиротҳои сифатӣ дар сохтори корхона алоқаманданд.

Рушди устувори корхонаҳо аз ҷараёни ба вуҷуд овардани арзиши нав ва такрористеҳсоли сармоя, инчунин, ба ҳам алоқаманд намудани манфиатҳои субъектҳои иқтисодии гуногун вобастагии калон дорад. Ба ҳам алоқаманд намудани манфиатҳои ҳамаи иштирокчиён хусусияти корхонаи муосирро ба вуҷуд меорад ва тамоюли нави фаъолияти онро муайян мекунад. Вобаста ба нақши корхона дар низоми иқтисодӣ ва стратегияи умумии рушди устувори он корхонаҳо бояд неъматҳои зарурӣ истеҳсол карда, ба истеъмолкунандагон пешниҳод намоянд ва барои баландбардории некуаҳволии мардум шароит муҳайё намоянд. Дар зери таъсири омилҳои берунӣ ва дар натиҷаи рушди ҷараёнҳои дохилӣ мақсад ва имкониятҳои корхона тағйир меёбанд. Ин тағйиротҳо хусусияти миқдорӣ ва сифатӣ доранд. Тағйиротҳои сифатӣ, ки бо динамикаи мусбӣ алоқаманд мебошанд, одатан рушд номида мешавад. Бинобар ин, фаъолияти дарозмуддати корхона дар муҳити бозорӣ бояд характери рушди устуворро дошта бошад.

Устувории иқтисодии корхона ҳамчун маҷмӯи хусусиятҳои муайян дида бармада мешавад, ки дар тамоми доираҳои фаъолияти он бо назардошти робита ва таъсири мутақобилаи ҳам муҳити дохилӣ ва ҳам муҳити берунӣ инъикос ёфтаанд ва ба корхона имконияти рушд карданро таъмин менамоянд. Чунин ҳолат ба самаранок идора намудани корхонаи саноатӣ замина муҳайё карда, ба баландбардории устувории иқтисодӣ ва васеъ кардани доираи фаъолият мусоидат мекунад. Ба фикри мо устувории фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ҳамчун қобилияти корхона ҳимоя намудани худ аз таъсири омилҳои дохилию берунӣ ва имконияти тараққӣ додани фаъолият фаҳмида мешавад. Аммо қайд кардан зарур аст, ки дараҷаи таъсири ҳар як омили дохилӣ ва бериниро ба фаъолияти корхона дар алоҳидагӣ дида баромадан зарур аст, зеро маҳз онҳо рушди устувори корхонаро таъмин менамоянд. Рушди устувори корхона ин ҳолати фаъолияти корхонае

мебошад, ки ҳангоми таъсири муҳити берунӣ қодир аст, комилӣ ва мустақилияти худро ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ нигоҳ дорад ва натиҷаҳои муайяни стратегӣ ва ҷориро комёб гардад. Ба ҳамин маъно, рушди устувори корхонаро бо неруи истеҳсолӣ алоқаманд мекунанд, ки маҷмӯи унсурҳои низоми хоҷагидориро, монанди фаъолияти истеҳсолӣ, фаъолияти ташкилӣ, базаи моддӣ-техникӣ, таъминоти захиравӣ, неруи кадрӣ ва интеллектуалӣ, дар бар мегирад. Рушди устувори корхонаҳои саноатиро бо мафҳумҳои устувории иқтисодӣ, устувории молиявӣ, устувории инноватсионӣ устувории инвеститсионӣ, устувории иҷтимоӣ, устувории экологӣ алоқаманд мекунанд. Ба ҳам алоқамандии ҳамаи намудҳои устувории корхонаҳои саноатӣ устувории умумии онро ташкил медиҳанд (расми 1).

Расми 1. Намудҳои рушди устувори корхонаҳои саноатӣ

Дар шароити муосир таъмини рушди устувори корхона дар мақсадҳои муайян, ки ба он корхона комёб шудан мехоҳад, инъикос меёбад (расми 2).



Расми 2. Мақсадҳои рушди устувори корхонаи саноатӣ

Бо назардошти мақсадҳои корхона самтҳои мушаххаси тараққиёти корхона муайян карда мешаванд, ки имкон медиҳанд, дараҷаи технологӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ баланд бардошта шуда, маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ ба бозори беруна роҳ ёбанд ва ҳавасмандгардонии рушди корхонаҳо таъмин карда шавад. Ҳамин тавр, рушди устувори корхона ин қобилияти бомуваффақият фаъолият ва рушд кардани корхона дар зери таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ мебошад. Бинобар ин, чӣ қадар устувории корхона баланд бошад, ҳамон қадар таваккали ба вуҷуд омадани натиҷаҳои ба нақша нагирифташуда паст мешавад. Механизми воқеии рушди устувори корхона имконият медиҳад, ки корхона на танҳо ба таъсири манфии муҳити беруна мутобиқ гардад, балки ҳам дар чунин шароит мунтазам рушд кунад. Мундариҷаи рушди устувори корхона дар фаъолияти даромадноки корхона, фоидаи муътадил ва истифодаи самараноки захираҳо ифода меёбад. Барои таъмини рушди устувори корхона бояд стратегияи рушде истифода карда шавад, ки ба таъсири манфии муҳити беруна тоб овардан имконият диҳад, афзалияти рақобатпазирӣ ва пешгирии муфлисшавӣ таъмин карда шавад. Дар баробари ин, зарур аст, ки робитаҳои нави иқтисодӣ ҷустуҷӯ ва бозорҳои фурӯш васеъ карда шавад. Танҳо дар ҳолати доимии навсозӣ - техникӣ, технологӣ ва кадрӣ корхона метавонад дар муҳити рақобат боқӣ монад ва мавқеи худро дар бозор мустаҳкам намояд. Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити муосир таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатӣ барои гирифтани фоидаи муътадил, қонеъгардонии талаботҳои ҷамъият ҳамаи шароитҳои мусоиди фаъолияткуниро фароҳам меорад ва ба шароитҳои муҳити берунӣ ва дохилӣ мутобиқ шуданро таъмин менамояд.

АДАБИЁТ

1. Анпилов С.М. Устойчивое развитие промышленного предприятия: проблемы и перспективы / С.М. Анпилов // Вестник Самарского государственного университета. -Самара, 2012. -№1(92). -С.12-18.

2. Ерыгин Ю.В. Устойчивое инновационное развитие предприятий ОПК: концепция, принципы и методы планирования. Монография / Ю.В. Ерыгин, К.Ю. Лобков. -Красноярск: СибГАУ, 2004. -2016 с.
3. Катков Е.В. Моделирование процессов инновационного развития предприятий/ Е.В. Катков, А.Н. Сорочайкин // Вестник Самарского государственного университета. -Самара, 2012. -№10(101). -С.33-39.
4. Ковалева А.В. Совершенствование системы внутрифирменного планирования деятельности промышленных предприятий. Монография / А.В. Ковалева, А.И. Бородин, А.Н. Сорочайкин. -Самара: Самарский университет, 2013. -216 с.
5. Колосова Т.В. Управление устойчивым развитием предприятий в условиях внедрения инноваций. Монография / Т.В. Колосова. -Н.Новгород: ННГАСУ, 2009.
6. Кондаурова Д.С. Устойчивое развитие современного предприятия: факторы обеспечения / Д.С. Кондаурова // Вестник Самарского государственного экономического университета. - 2014. -№9. -С.67-74.
7. Коряков А.Г. Методологические вопросы устойчивого развития предприятий / А.Г. Коряков // Вопросы экономики и права. –М., 2012. -№4. -С.110−114.
8. Коробкова З.В. Экономический механизм устойчивого развития предприятия в условиях растущей хозяйственной глобализации / З.В. Коробкова // Функционирование предприятий в российской экономике: проблемы и решения: сб. науч. тр.; под ред. В.В. Титова, В.Д. Марковой. -Новосибирск: ИЭОПП СО РАН, 2008. -С.57-68.
9. Лаврушин Д.Б. Управление устойчивым развитием предприятия: автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Д.Б. Лаврушин. -Саратов: СГСЭУ, 1999.
10. Лытнева Н.А. Механизм управления устойчивым развитием промышленных предприятий / Н.А. Лытнева // Современные технологии управления. -Киров, 2016. -№4(64). -С.34-44. ISSN 2226-9339.
11. Псарева Н.Ю. Обеспечение устойчивого развития предприятия / Н.Ю. Псарева // Экономика строительства. - 1995. -№5. -С.9-17.
12. Рябов В.М. Устойчивое развитие промышленных предприятий в современных условиях / В.М. Рябов // Вектор науки ТГУ. -Тольятти, 2011. -№4(18). -С.271-273.
13. Тополева Т.Н. Исследование принципов и факторов устойчивого развития промышленного предприятии / Т.Н. Тополева // Вестник НГИЭИ. -Княгинино, 2018. -№6. -С.85-96.
14. Черняева О.А. Экономический механизм управления устойчивостью функционирования предприятий / О.А. Черняева // Вестник Самарского государственного экономического университета. -Самара, 2008. -№8. -С.124−128.

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ УСТУВОРИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Дар шароити муосир ноил шудани корхонаҳо ба рушди устувор яке аз вазифаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Зеро корхонаҳо маҷбуранд, дар шароити ноустувории бозорӣ, ки зарурати истифода кардани усулҳои нави идоракуниро муайян мекунанд, фаъолият намоянд. Чунин равиш ба корхона имкон медиҳад, ки ба муҳити берунӣ ва дохилӣ мутобиқ шуда, устувории муътадили рушдро дар пешомад таъмин намояд. Дар мақолаи мазкур равишҳои назариявӣ, ақидаҳои гуногуни муайянкунии мафҳуми «рушди устувори корхона» дида баромада шудааст. Диққати асосӣ дар мақола ба хулосабарории таҷрибаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар доираи мазкур таҳқиқот мебаранд, дода шудааст. Муаллиф дар мақола қайд мекунад, рушди устувори корхонаҳои саноатӣ аз мутобиқшавии корхона ба муҳити тағйирёбандаи берунӣ ва дохилӣ вобаста аст. Ҷанбаҳои назариявии рушди устувори корхонаҳои саноатиро дида баромада, муаллиф намудҳои рушди устувори корхонаро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ҷанбаҳои фаъолияти истеҳсолӣ, молиявӣ, инвеститсионӣ, инноватсионӣ, иҷтимоӣ ва экологии корхонаро муттаҳид мекунанд. Инчунин, муаллиф мақсадҳои асосии таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатиро дар расм тасвир намудааст.

Калидвожаҳо: корхонаҳои саноатӣ, устувории иқтисодӣ, рушди устувори корхонаҳои саноатӣ, таъмини рушди устувор, афзалияти рақобатпазирӣ, муҳити бозорӣ, мутобиқшавии корхона.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

В настоящее время достижение устойчивого развития промышленных предприятий является актуальной задачей. Так как предприятия вынуждены функционировать в условиях нестабильного и динамичного рынка, которые определяют необходимость применения новых подходов в управлении. Данный подход позволяет предприятию адаптироваться к внешней и внутренней среде, обеспечивая стабильную устойчивость развития на перспективу. В данной статье рассматриваются теоретические подходы, различные взгляды к определению понятия «устойчивое развитие предприятия». Основное внимание уделяется обобщению и систематизации опыта отечественных и зарубежных ученых, занимающихся данной сферой исследования. Автором отмечается, что устойчивое развитие промышленных предприятий зависит от адаптации предприятий к изменяющейся внешней и внутренней среде. Обобщая теоретические аспекты устойчивого развития промышленных предприятий, автор в статье рассматривает основные виды устойчивого развития предприятий, которые объединяют производственные, финансовые, инвестиционные, инновационные, социальные и экологические аспекты функционирования предприятия. Также автором схематично приводятся основные цели, обеспечивающие устойчивое развитие промышленных предприятий.

Ключевые слова: промышленные предприятия, экономическая устойчивость, устойчивое развитие промышленных предприятий, обеспечение устойчивого развития, конкурентное преимущество, рыночная среда, адаптация предприятия.

THEORETICAL ASPECTS OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES

At present, achieving sustainable development of industrial enterprises is an urgent task. Since, enterprises are forced to operate in an unstable and dynamic market, which determine the need for new approaches to management. This approach allows the company to adapt to the external and internal environment, ensuring stable development sustainability for the future. This article discusses theoretical approaches, various views on the definition of the concept of "sustainable development of the enterprise." The main attention is paid to the generalization and systematization of the experience of domestic and foreign scientists involved in this field of research. The author notes that the sustainable development of industrial enterprises depends on the adaptation of enterprises to the changing external and internal environment. Summarizing the theoretical aspects of the sustainable development of industrial enterprises, the author discusses the main

types of sustainable development of enterprises that combine the production, financial, investment, innovative, social and environmental aspects of the functioning of the enterprise. The author also schematically presents the main goals that ensure the sustainable development of industrial enterprises.

Key words: industrial enterprises, economic sustainability, sustainable development of industrial enterprises, ensuring sustainable development, competitive advantage, market environment, enterprise adaptation.

Сведения об авторе: ***Шамсов Сайдали Сафарович*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры экономики предприятия и предпринимательства. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **918-15-58-00**

Information about the author: ***Shamsov Saidali Safarovich*** - Tajik National University, applicant for the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК: 314 + 338.24 (575.3)

САМТҲОИ АСОСИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТИИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Саидмуродова М.А., Саъдуллозода Н.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тамоюли бартариятдоштаи рушди муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб рафта, яке аз қисматҳои он муҳоҷирати байналхалқии аҳолӣ мебошад. Равандҳои муҳоҷиратӣ бештар ба ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳаёти аҳолии иқтисодҳои миллӣ таъсир мерасонанд, ки ба ин муносибатҳо ҷалб гардидаанд. Таҳти таъсири онҳо тағйиротҳои интенсивии шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди ҷамъият баргузор гардида истодааст. Ҳамрадифгардии Тоҷикистон ба хоҷагии ҷаҳонӣ раванди воридшавии давлатро ба ҷараёни байналхалқии муҳоҷират фаъол гардонид. Дар давраи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар бо суръати баланд афзоиш ёфт, ки ба он як қатор омилҳо дар сатҳи миллӣ мусоидат намуданд, махсусан тағйирёбии сохтории иқтисодиёт, бекорӣ, сатҳи пасти зиндагии аҳолӣ, талаботи аҳолӣ оид ба даст овардани маблағ барои ҳаёт ё шурӯъ намудани тиҷорати шахсӣ. Ҳамзамон, дар сатҳи байналхалқӣ фаъолгардонии равандҳои муҳоҷиратӣ таҳти таъсири ҷаҳонишавӣ ба миён омада, дар охири солҳои 1990 дар мамлакатҳои ИА ва Россия талабот аз рӯйи қувваи корӣ афзоиш ёфт. Мунтазам муҳоҷирати меҳнатӣ хусусияти нисбатан бо кор таъминкунии давомнокро дар муқоиса бо сафари муваққатӣ бо мақсади тиҷорат касб намуд.

Чунонки доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Анатолий М.Б. менависад: «Таърихи пайдоиши ипотека аз Юнони қадим оғоз мегардад. Дар марҳиллаи аввали рушди ипотека дар сарҳади замин, ки ба қарзгиранда марбут буд, сутун бо навиштаҷоти шоҳиди қарзи заминдор гузошта мешуд. Баъдатар барои ин мақсад, китобҳо истифода мешуданд, ки онҳоро “китобҳои ипотекӣ” ном мебурданд. Ҳамин тавр, дар Юнони қадим шаффофият таъмин карда шуда, иҷозад дода мешуд, ки ҳар як ҷонибҳои манфиатдор аз ҳолати мавҷудаи моликияти замин боварӣ ҳосил кунад» [1,с.6]. Коршиноси масоили қарзҳои ипотекӣ Шетинин Я.В. дар китоби худ бо номи «Талабот ба қарзӣ ипотекӣ» қайд мекунад, ки дар давраи Рими қадим талабот ба воситаҳои пулии қарзӣ муносиб ба ипотека марҳилаи нави рушдро пайдо кард. Аллакай дар асри I то замони мо дар Империяи Рим институтҳои қарзҳои ипотекӣ бунёд ва вазифагузорӣ шуда буданд, ки барои шахсони воқеӣ дар асоси гарави амвол қарзҳо медоданд [2,с.14]. Ҳамин тавр, ипотека ҳамчун унсури муҳимми иқтисодӣ-ҳуқуқӣ дар сатҳи давлатҳо пазируфта шуда, марҳила ба марҳила дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон паҳн гардид.

Новикова С.Ю. дар таҳқиқоти худ назарияҳои гуногуни мактабҳои илмиро вобаста ба қарзи ипотекӣ ошкор намудааст. Маънидоди ин назарияҳо дар ҷадвали зерин пешниҳод мегардад.

Ҷадвали 1. Маънидоди назарияҳои мактабҳои илмӣ вобаста ба қарзи ипотекӣ

Мактабҳои илмӣ	Маънидоди назрияҳо оид ба қарзи ипотекӣ
Иқтисодиёти сиёсии классик	Аз нуқтаи назарияи иқтисодиёти сиёсии классик қарзи ипотекӣ ин шакли мушаххаси ҳаракати сармояи қарзӣ, таъмини давомнокии давраи сармоягузорӣ ва сохтмон, ки хусусиятҳои худро доро мебошад, маънидод мешавад.
Назарияи иқтисодии неоклассикӣ	Қарзи ипотекӣ ҳамчун воситаи молиявии сармоягузорӣ барои манзил пешниҳод мегардад. Ба даст овардани манзил дар шакли моликияти шахс ҳамчун гузоштани сармоя ба амвол, ки даромад меорад дида баромада мешавад. Сармоягузорӣ ба манзил барои худ ҳамчун хонаи нав ба даст овардан ба таври субъект бо мақсади дар он зиндагӣ кардан ҳамчун соҳибхона ва барои дигарон додани иҷораро дар бар мегирад.
Назарияи кейнсионӣ	Самтҳои мақсадноки воситаҳои пулии давлатӣ тавассути механизми ипотекии сармоягузорӣ-қарзӣ дар соҳаи манзил имконият медиҳад, ки таъсири аз ҳама бештари рушди ММД (нисбат ба дигар роҳҳои алтернативӣ) ба даст оварда шавад.
Назарияи институтсионалӣ	Қарзи ипотекӣ ҳамчун як институти иқтисодӣ, тарзи мушаххаси таъмини функсия барои субъектҳои хоҷагидорӣ, ки ба сифати муносибатҳои қарзӣ баромад мекунад, фаҳмида мешавад. Ипотека шакли иқтисодии ҷорӣ намудани мақоми қарзгир дар асоси супориши дарозмуддати шартномавӣ ба субъекти вазифаи иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ (таъмини мувофиқи пардохти қарз) мебошад, ки ба мустаҳкамкунии ҷузъи институтсионалии сарфакоронаи рафтори хоҷагидорӣ оварда мерасонад. Ба хавфҳои институтсионалии ипотека натиҷаҳои манфии эҳтимолии муносибатҳои шартномаҳои ипотекӣ дохил мегардад.

Сарчашма: Новакова С.Ю. Ипотечный кредит как фактор макроэкономический динамики. Монография / С.Ю. Новакова. - Орел: ФГБОУ ВПО «ОГУ», 2012. –С.6-23

Омӯзиши консепсияҳои мактабҳои илмӣ дар ҷадвали 1 пешниҳодшуда муайян намуд, ки назарияҳо гуногун буда, якдигарро пурра мекунанд. Бо дарназардошти назарияҳои зикршуда, қарзи ипотекиро ҳамчун ҳаракати сармояи қарзӣ, воситаи молиявии сармоягузорӣ барои манзил, самтҳои мақсадноки воситаҳои пулии давлатӣ тавассути механизми ипотекӣ ва ба сифати институти иқтисодӣ, тарзи мушаххаси таъмини функсия барои субъектҳои хоҷагидорӣ ҳисобида шуда, ҳамчун намуди махсуси шартнома, ки шакли ҳуҷҷатиаш амонатӣ буда, шартҳои муомила байни қарздиҳанда ва қарзгирандаро муқаррар намуда, амал мекунад, фаҳмидан мумкин аст. Ҷузъиёти мусбии қарзи ипотекиро манбаи воридкунандаи даромад, мустаҳкамкунии ҷузъи институтсионалии сарфакоронаи рафтори хоҷагидорӣ, ки такрористеҳсолро ба вуҷуд оварда, дар рушди ММД нақши

назаррас мегузорад, ҳисобидан мумкин аст. Тарафҳои хавфҳои институтсионалии ипотека ин натиҷаҳои манфии эҳтимолии муносибатҳои шартномаҳои ипотекӣ пешбинӣ мегардад.

Дар айни замон олимон ҷанбаҳои илмии мафҳуми қарзи ипотекаро бо тарзҳои гуногун маънидод мекунанд. Ба ақидаи Рябченко Л.И. қарзи ипотека як намуди қарзи истеъмолӣ мебошад, зеро мақсади қарздиҳии истеъмолӣ қонеъ кардани эҳтиёҷоти аҳолӣ мебошад, ки яке аз онҳо эҳтиёҷ ба манзил мебошад. Аммо, хусусиятҳои қарзҳои ипотекӣ, монанди муҳлати дароз, гарави амволи ғайриманқул, миқдори калони маблағ баръакси қарзҳои истеъмолӣ барои эҳтиёҷоти ҳозира дохил карда мешавад, ки онро метавон ҳамчун унсури алоҳида қайд намуд [3,с.24].

Олими барҷастаи рус Гришаев С.П. иброз медорад, ки қарзи ипотека ин қарзи дарозмуддат аст (дар кишварҳои гуногун муҳлатҳояш аз 10 то 40 сол), ки одатан барои хариди амволи ғайриманқул бо гарав ва ин амволи ғайриманқул ҳамчун ба сифати таъмини уҳдадорӣ бо андозаи 3-15% солона пешниҳод мегардад [4].

Полтерович В.М., Старков О.Ю. муллифони асари илмии «Ташаккули ипотека дар расидани иқтисодиёт ба масъалаҳои трансплантатсияи институтсионалӣ» бар он назаранд, ки бонки ипотека ин институти бозори сармоя мебошад, ки амалиёти қарзиро тавассути баровардани коғазҳои қиматноки қарзии аз ҷониби сармоягузорони институтсионалӣ харидашуда, масалан, ширкатҳои нафақа ва суғурта, маблағгузорӣ мекунад. Инчунин, ипотекаро метавон дар заминаи институтҳои қарзӣ-амонтӣ ташкил кард [5,с.38].

Дар асоси омӯзиши асарҳои илмӣ метавон чунин хулоса кард, ки қарзи ипотекӣ ҳамчун як намуди гарави амволи ғайриманқул дар шакли қарз бо таъмини уҳдадорӣ тавассути институтҳои молиявӣ-қарзӣ бадастовардашуда мебошад. Бо он мақсади махсус уҳдадорӣ гузошта шудааст, ки қарздиҳанда - гаравгир дар ҳолати иҷро накардани шартҳои қарз, ҳуқуқи ҷуброни қарзи пардохтнашударо бо роҳи фурӯши молу мулки ба гарав гузошташудаи қарзгир ба даст меорад. Хусусияти ин намуди гарав дар он аст, ки предмети он ҳамеша амволи ғайриманқул, сохтмони нотамому давомдор ва ё ҳуқуқи ба иҷора додани амволи ғайриманқул маҳсуб меёбад. Амволе, ки онро бе тағйир додани таъйиноти он тақсим кардан мумкин нест, қисман ба ипотека дода намешавад, чунки амвол ба моликияти муштарак мутааллиқ аст, ипотека танҳо бо розигии ҳамаи моликон дар шакли хатти муқарраршуда метавонад.

Бояд қайд намуд, ки қарзгузории ипотекӣ аз панҷ принсипи асосӣ иборат мебошад:

1) Принсипи бозгашт;
2) Принсипи таъминнокӣ;
3) Принсипи нақдӣ;
4) Принсипи фаврӣ;
5) Принсипи мақсаднокии истифодаи воситаҳои пулӣ.

Иҷроиши ин принсипҳо натиҷаи фаъолияти қарзи ипотекиро нишон медиҳад. Кафолати асосии таъминоти баргардонидани қарз гарави амволи бадастомада мебошад. Истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои қарзгирифташуда, инчунин, пешниҳод накардани самаранокии истифодаи маблағҳо ба қарздиҳанда ҷиҳати назорати истифодаи маблағҳо мувофиқи мақсад дар охир ҳуқуқ медиҳад, ки қарздиҳанда пеш аз муҳлат баргардонидани қарз ва ё фоизашро талаб кунад.

Албатта, дар ин самт таъсири ҳаматарафаи субъектҳои бозории қарзҳои ипотекӣ бараъло эҳсос мегардад. Ба субъекти бозории қарзҳои ипотекӣ дохил мешаванд:

- қарзгирандагон (харидорони амволи ғайриманқул);
- фурӯшандагони амволи ғайриманқул;
- қарздиҳандагон (бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ).

Ба андешаи коршиносон қарз бо гарави амвол яке аз намудҳои аз ҳама боэътимодӣ қарз ҳисобида мешавад. Аммо мисли дигар амалиётҳои бонкӣ қарзҳои ипотекӣ дорои хавфҳо мебошад. Нигаред ба расми 1.

Расми 1

Аз расми 1 бармеояд, ки ду шакли хавфҳо - умумӣ ва индивидуалӣ дар қарздиҳии дарозмуддати ипотека мавҷуд аст. Хавфҳои умумӣ хусусияти таъсиррасонӣ ба ҳамаи субъектҳои бозории қарзҳои ипотекаро дошта, хавфҳои индивидуалӣ бошад, ба ҳар як субъект мансубанд. Бинобар ин, ҷиҳати аз таъсири хавфҳо эмин будан ва рушди ипотека зарурати ташкили такрористеҳсолии объектҳои ипотекӣ ба вуҷуд меояд. Мазмуни такрористеҳсолии объектҳои ипотекӣ аз таъмини устуворӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи муносибатҳои субъектҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии бозорӣ вобастааст. Масалан, ширкатҳои сохтмонӣ (соҳаи истеҳсолоти моддӣ), институтҳои сармоягузорӣ (соҳаи маблағгузорӣ ва бавуҷудоварандаи гардиш), хоҷагиҳои хонагӣ (соҳаи истеъмолӣ) ва ғайра. Механизми ипотекӣ воситаи институтсионалии фаъолкунонӣ ва азнавтақсимкунии захираҳои сармоягузорӣ байни соҳаҳои иқтисодиёт баҳисоб меравад. Асоси самаранокии қарзи ипотекиро барасмиятдарории нишонаҳои қарзии падидаҳои иқтисодӣ ва иқтидори баланди сармоягузорӣ ташкил мекунад. Аз як тараф, ипотека ҳамчун маҳсулоти банақшагирии сармояи қарзӣ ва шакли қарз бо гарави амволи ғайриманқул баромад мекунад ва аз тарафи дигар, қарзгузории ипотекиро ҳамчун шакли сармоягузорӣ ва самаранокии гирдоварии воситаҳои пулӣ ҳисобидан мумкин аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти қарзҳои ипотекӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ипотека”, ки санаи 20 марти соли 2008, №364 қабул гардидааст ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии марбут ба соҳаи мазкур ба танзим медарорад.

Тибқи Қонуни мазкур предмети ипотека ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи ашёӣ ба молу мулки ғайриманқули зерин буда метавонад:

- бино, иншоот ва дигар молу мулки ғайриманқуле, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мегардад;
- биноҳои истиқоматӣ, ҳуҷраҳо дар биноҳои бисёрҳуҷрагӣ ва ё қисми биноҳои истиқоматӣ ва ҳуҷраҳое, ки аз як ё якчанд утоқҳои алоҳида иборатанд;
- бӯстонсаройҳо, боғчасаройҳо, гаражҳо ва дигар биноҳои таъйиноти истеъмолӣ;
- дигар молу мулке, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба молу мулки ғайриманқул мансуб дониста шудаанд, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун.

Тибқи қонунгузорӣ додани қарзҳои ипотекӣ ва истифодаи самаранокии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир аст. Аз шумораи умумии 17 адад бонк ҳамагӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ду бонк (Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Спитамен Бонк», Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Аввалин бонки молиявии хурд») ва, инчунин, аз шумораи умумии 58 адад ташкилоти маблағгузории хурд ду ташкилоти қарзии хурд (Ташкилоти амонатии қарзии хурди ҶСП «Ҳумо», Ташкилоти маблағгузории хурди ҶСП Бонки «Арванд») ба додани қарзҳои ипотекӣ машғуланду халос. Тибқи маълумотҳои расмии Бонки милли Тоҷикистон бақияи қарзҳои ипотекӣ ба санаи 31 августи соли 2019 маблағи 210,4 млн.сомониро ташкил додааст ва он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 2,8 млн.сомонӣ ё 1,34% зиёд гардидааст [6]. Вале новобаста ба афзоиши бақияи қарзҳои ипотекӣ муҳлати додани қарзҳо кӯтоҳ буда, меъёри фоиз баланд ва ҳаҷми қарзҳои додашуда нисбат ба дигар давлатҳои хориҷӣ ниҳоят кам мебошанд. Таҳлили вазъи имрӯза нишон медиҳад, ки муаммоҳои самаранокии такрористеҳсол ва фоидабахшии иқтисодии қарзҳои ипотекӣ дар сатҳи лозимӣ қарор надорад. Ин мушкилот ба норасоии иқтидори сармояи қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рабт мегирад.

Бинобар ин, зарур мешуморем, ки масъалаи вазъи қарзҳои ипотекӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шароити муосир мутобиққунонида шуда, механизми самаранокии он мукаммал карда шавад.Ҳамин тариқ, таҳқиқот нишон медиҳад, ки самаранокии истифодаи қарзҳои ипотекӣ метавонад:

- ҳамчун ҳавасмандкунии ҷараёни такрористеҳсолӣ дар иқтисодиёт хизмат кунад;
- ба сифати манбаи сармоягузорӣ маҷмӯи сохтмонро ба вуҷуд оварда, соҳаҳои алоқаманд дар ҷараёни ягонаи сохтан ва фурӯши амволи ғайриманқулро ҷалб намуда, ҳамчун ташаккули самаранокӣ дар рушди иқтисодӣ баромад кунад;
- дар таҷдиди васеи захираҳои меҳнатӣ таъсир расонида, ба шуғл майл кунонидани захираҳои меҳнатӣ ва истифодаи онҳоро таъмин созад;
- маблағҳои шаҳрвандон ва соҳибкоронро дар гардиши иқтисодии давлат ҷалб намуда, мақсаднокии истифодаи онҳоро таъмин созад;
- мустаҳкамии низоми молиявию қарзиро дар сатҳи давлат таъмин намояд;
- ба эҳё ва рушди бахши воқеии иқтисодиёт мусоидат намуда, дар маҷмӯъ вазъи иқтисоди миллиро устувор гардонад;
- фаъолнокии сармоягузорӣ дар иқтисодиётро тавассути ҷалби маблағҳо бо истифодаи механизмҳои ипотекӣ баланд бардорад.

Хулоса, ба як мақолаи таҳқиқотӣ наметавон ҳамаи масоили ҷанбаҳои назариявии қарзҳои ипотекиро дар бар гирифт, вале бо гузашти вақт дар маводҳои оянда ҷузъиётҳои навро вобаста ба ин самт омӯзиш, баррасӣ ва пешкаш хоҳем кард.

АДАБИЁТ

1. Бабич А.М. Рынок жилищных ипотечных услуг в России: Монография /А.М. Бабич. -Архангельск: Поморский университет, 2007. - 146 с.
2. Шетинин Я.В. Спрос на ипотечные кредиты / Я.В. Шетинин. -М.: Изд. группа«БДЦ - пресс», 2006. -216 с.
3. Рябченко Л.И. Ипотечное кредитование / Л.И. Рябченко. -М.: ФА при Правительстве РФ, 2001. - 24 с.
4. Гришаев С.П. Все о недвижимости / С.П. Гришаев. -М.: БЕК, 2000. -128 с.
5. Полтерович В.М. Формирование ипотеки в догоняющих экономиках: проблема трансплантации институтов / В.М. Полтерович, О.Ю. Старков // ЦЭМИ РАН. -М.: Наука, 2007. - 38 с.
6. Сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. https://nbt.tj/tj/news/489980/?sphrase_id=52859

ТАҲҚИҚИ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҚАРЗҲОИ ИПОТЕКӢ ДАР ДОИРАИ АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ

Дар мақола таҳқиқот оид ба ҷанбаҳои назариявии қарзҳои ипотекӣ дар доираи асосҳои институтсионалӣ бурда шудааст. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки назарияҳои гуногуни илмӣ ва андешаҳои олимони соҳаро гирдоварӣ намуда, моҳият, хусусият, принсип ва субъектҳои асосии бозори қарзҳои ипотекиро шарҳ диҳанд. Инчунин, дар мақола намудҳои асосии хавфҳо дар ҳолати қарздиҳии дарозмуддати ипотекӣ ва масоили самаранокии фаъолияти қарзҳои ипотекӣ, такрористеҳсоли манзилҳои ипотекӣ баррасӣ шуда, вазъи имрӯзаи қонунгузорӣ, фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ, ки ба додани қарзҳои ипотекӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд, нишон дода шудааст. Ҷиҳати аз таъсири хавфҳо эмин будан ва рушди ипотека муаллифон қайд мекунанд, ки зарурати ташкили такрористеҳсолии объектҳои ипотекӣ муҳим мебошад, ки аз таъмини устуворӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи муносибатҳои субъектҳои соҳаҳои гуногуни хоҷагии бозорӣ вобастааст. Муаллифон пешниҳод менамоянд, ки механизми ипотекӣ воситаи институтсионалии фаъолкунонӣ ва азнавтақсимкунии захираҳои сармоягузорӣ байни соҳаҳои иқтисодиёт баҳисоб меравад. Бинобар ин, зарур мешуморанд, ки масъалаи вазъи қарзҳои ипотекӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шароити муосир мутобиқ кунонида шуда, механизми самаранокии он мукаммал карда шавад.

Калидвожаҳо: қарзи ипотекӣ, самаранокӣ, такрористеҳсол, амволи ғайриманқул, захираҳои сармоягузорӣ, соҳаҳои иқтисодиёт, хавф, гарав, субъектҳои хоҷагидорӣ.

ИССЛЕДОВАНИЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ ИПОТЕЧНОГО КРЕДИТОВАНИЯ В КОНТЕКСТЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫХ ОСНОВ

В статье исследованы теоретические аспекты ипотечных кредитов в контексте институциональных основ. Авторы постарались собрать различные теории и точки зрения учёных отрасли, объяснить понятие, особенности, принципы и основные субъекты рынков ипотечного кредитования. А также в статье изучены основные виды рисков, в случае долгосрочного ипотечного кредитования, и вопросы эффективной деятельности ипотечных кредитов, воспроизводство жилищных ипотек, приведено сегодняшнее состояние законодательства, банковская деятельность и кредитные организации которые занимаются осуществлением выдачи ипотечных кредитов в Республике Таджикистан. К вопросу избежания от рисков и развития ипотеки авторы отмечают,что крайне важно организовать воспроизводство ипотечных объектов, которые зависят от устойчивого обеспечения и всесторонней поддержки отношений субъектов разных отраслей рыночного хозяйства. Авторы предлагают, что ипотечный механизм считается институциональным средством активирования и перераспределения инвестиционных ресурсов между экономическими отраслями. Поэтому считается ипотечное кредитование в Республике Таджикистан должно адаптироваться к современным условиям, а механизм его эффективности усовершенствоваться.

Ключевые слова: ипотечный кредит, эффективность, воспроизводство, недвижимость, инвестиционные ресурсы, отрасли экономики, риск, залог, хозяйствующие субъекты.

RESEARCH OF THEORETICAL ASPECTS MORTGAGE LOAN IN THE CONTEXT OF INSTITUTIONAL BASICS

The article explores the theoretical aspects of mortgage loans in the cantext of institutional frameworks. The authors tried to collect various theories and points of view of industry scientists, explain the concept, features, principles and main subjects of mortgage lending markets. The article also examines the main types of risks in the case of long-term mortgage lending and the issues of the effective operation of mortgage loans, reproduction of housing mortgages, the current state of legislation, banking activities and credit organizations that are involved in issuing mortgage loans in the Republic of Tajikistan. On the issue of security from risks and the development of mortgages, the authors note that it is extremely important to organize the reproduction of mortgage facilities, which depends on sustainable security and comprehensive support for relations between subjects of different sectors of the market economy. The authors suggest that the mortgage mechanism is considered an institutional means of activating and redistributing investment resources between economic sectors. Therefore, it is considered necessary that the issue of mortgage lending in the Republic of Tajikistan should adapt to modern conditions, and the mechanism of its effectiveness will be improved.

Key words: mortgage, efficiency, reproduction, real estate, investment resources, sectors of the economy, risk, collateral, Housekeeping subjects.

Сведения об авторах: ***Мирсаидов Мухаммаднаим Негматович*** - Российская академиянародного хозяйства и государственной службы при Президенте Российской Федерации, кандидат экономических наук, докторант. **Адрес:** 119571, город Москва, проспект Вернадского, д. 82, стр. 1. Телефон**: 985-20-20-88**

Шафиев Бахтиёр Зиёратшоевич - Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, соискатель кафедры финансов и кредита. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16

Information about the authors: ***Mirsaidov Muhammadnaim Negmatovich*** - Russian Academy of National Economy and Public Administration under the President of the Russian Federation, candidate of economic sciences, doctoral candidate. **Address:** 119571, Moscow, Vernadsky Avenue, 82, building 1
Shafiev Bakhtiyor Ziyoratshoevich - Kulyab State University named after Abuabdulaha Rudaki, applicant for the Department of Finance and Credit. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova street 16. **985-20-20-88**

УДК 339.1

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ МАРКЕТИНГА

Ташпулатов Ш.З.
Бохтарский государственный университет им. Н. Хусрав

Движущей силой рыночной экономики является предпринимательская деятельность, которая в современных условиях немыслима без маркетинга. Маркетинг - это и основа производства и фактор, влияющий на продвижение товара на рынке. В этой связи маркетинг часто называют «философией управления», методологией рыночной деятельности, на основе которой строится производство и осуществляется сбыт продукции [1]. Значение маркетинга возрастает с каждым днем и тому есть важные причины: прежде всего, позитивные изменения во внешнеэкономической деятельности, а также и связанная с ней возможность выбора для потребителей. Маркетинг задумывался как рычаг, призванный способствовать продвижению товара на рынок, при чем на всех стадиях - от производства до реализации товара и, способствующий получению скорой и максимальной прибыли за товар, произведенный в высокомобильном производстве с минимизированными затратами, что в разы повышает его о, а значит делает привлекательным для любого рынка. Успех в маркетинговой работе, призванной оптимизировать продвижение товара на рынок, в значительной мере зависит от [1] правильного выбора приоритетов, наиболее полно отражающих направления развития маркетинговой среды, а также, демонстрирующие наиболее выигрышные стороны ее деятельности.

Планирование маркетинговой деятельности на разных предприятиях осуществляется по-разному, в зависимости от поставленных целей и задач, от длительности планируемого периода, организации системы планирования и т.п. [2]. Термин «маркетинг» происходит от английского «market» (рынок) и обозначает ведение рынка. В сферу деятельности маркетинга на современном этапе входит изучение покупательского спроса, создание и продвижение этого [1] товара на рынок, осуществление торговых сделок, способствует, тем самым, удовлетворению желаний потребителя, а оно, в свою очередь способствует получению максимальной прибыли производителю. Таким образом, при правильном ведении дела этот вид деятельности является обоюдовыгодным для всех сторон.

Маркетинг как вид деятельности берет свое начало с первых курсов организованных в университете Иллинойса и Мичигана в 1901-1902 гг. Основу учебной программы составляли рекламная деятельность, приемы сбыта товаров, особенности розничной и оптовой торговли. Следующим шагом в этом направлении была организация первой исследовательской фирмы в 1908 году по проблемам маркетинговой деятельности, а в 1911 г. в аппарате ряда крупных американских компаний появились отделы маркетинга. Бурное развитие маркетингового подхода к управлению производством и сбытом привело к образованию в 1923 г. первой национальной (США) Ассоциации преподавателей маркетинга и рекламы, которая в 1937 г. вошла в состав Американской ассоциации маркетинга. В СССР секции маркетинг появились а в 1975, в сферу их деятельности входило лишь продвижение товара на внешнем рынке.

Признаком того, что к этому вопросу стали относиться серьезнее, было учреждение при Торгово-промышленной палате секции по изучению маркетинга и его возможностей в производстве и продвижении товара на рынок. Для маркетинга как вида деятельности тоже необходима пропаганда и даже реклама для успешного продвижения на рынке услуг. Решение этих вопросов находится в ведении Европейской конфедерации маркетинга, Европейского общества по изучению общественного мнения и маркетинговых исследований, а также различные национальные сообщества, в основе1 которых лежит подобная деятельность.

В современных условиях успех маркетинговой деятельности зависит от умения предоставлять товары и услуги людям, воспользовавшись знанием ихпотребностей, которые, к слову сказать, имеют свою специфику в зависимости от принадлежности к различным культурам и от того, насколько тщательно изучен рынок и его участники, имеется в виду производители, конкуренты, посредники, поставщики и потребители, а также от умения воздействовать на сам рынок, рождать спрос на производимый товар. На сегодняшний день в основе маркетинговой деятельности лежит комплексное использование инструментов товарно-ценовой политики, которая учитывает желание и платежеспособность потребителей, средства

распределения и продвижения продукции, а также оптимизировать производственную деятельность организации. Главный принцип данной концепции достаточно прост: «Не пытайтесь производить то, что худо-бедно продается, а производите то, что будет безусловно куплено».

Маркетинг основывается на принципах, организующих рыночную деятельность. К ним относятся:

-постоянное изучение состояния и динамики рынка; приспособление к его условиям с учетом требований и возможностей конечных потребителей:

-активное формирование рынка в необходимых для организации направлениях.

Основными функциями маркетинга являются:

- анализ рынка, изучение его состояния и динамики; исследование поведения потребителей и поставщиков продукции; анализ деятельности конкурентов и посредников; сегментация рынка, -выделение целевых сегментов, субсегментов и покупателей; прогнозирование конъюнктуры рынка;
- разработка предложений по выпуску новых товаров проектированию их коммерческих характеристик; управление ассортиментом выпускаемой продукции; формирование марочной политики; повышение[7] конкурентоспособности товаров;
- формирование стратегии и тактики изменения цен; расчет скидок и надбавок к ценам; калькуляция затрат на маркетинг;
- построение каналов распределения продукции и организация товародвижения; управление оптовыми и розничными продажами; планирование товарооборота и организация товародвижения;
- стимулирование продаж, включая рекламу, персональные продажи, краткосрочное стимулирование продаж, связи с общественностью;
- организация, планирование и контроль маркетинга. Важность каждой из названных функций непреложна, и тем не менее, только во взаимодействии они позволяют достигнуть эффективного результата в процессе производства и сбыта товара. При этом товар должен быть необходим, иметь конкретный адресат, приемлемую цену и продуманный механизм реализации - все вышеназванное должно обеспечить предполагаемую прибыль и рентабельность продукции. Названные функции составляют элементы маркетинга: товар, цену, каналы распределения продукции и средства стимулирования реализации, которые образуют инструментарий маркетинга. Высокая функциональность которого зависит от состояния и потенциала самой маркетинговой среды, кроме самой организации, составляют ее микро- и макросреду. К микросреде относятся юридические и физические лица: поставщики, обеспечивающие организацию продукцией и услугами, от которых зависит процесс производства; посредники, предоставляющие услуги, связанные с продвижением товара на рынок; конкуренты - производители аналогичной продукции- от всех них зависит маркетинговая деятельность организации. Факторами, влияющими на конечную продукцию являются цена, качество и объемы поставок, все вместе влияет на торговый оборот продукции.

Маркетинговая деятельность направлена прежде всего на потребителя. В данном случае «потребитель» и «рынок» являются тождественными понятиями, при этом от последнего зависит формирование спроса. Успешность маркетинговой деятельности организации зависти от умения чувствовать колебания на рынке, предугадывать покупательский спрос, чтобы вовремя внести коррективы в свое производство для выпуска соответствующей качественному и количественному спросу и сбыту продукции.

Макросреда - представляет собой взаимодействие Организации, ее поставщиков, посредников, конкурентов, партнеров и потребителей, она менее податлива в плане контроля, но, тем не менее, чтобы добиться успеха, необходимо стремиться вести свою маркетинговую политику и при этом столь же необходимо учитывать все внешние факторы, как то: политические, экономические, демографические, научно-технические, социально-экономические, природные и т.п..

Маркетинг как вид деятельности должен решить следующие задачи: изучить рынок, используя все возможности маркетинга, найти оптимальные пути для достижения коммерческого успеха; -выявлять потенциальный спрос и неудовлетворенных потребителей; планировать ассортимент и необходимое количество товаров и цены на него; уметь прогнозировать или формировать спрос, а при наличии его разрабатывать меры для наиболее полного удовлетворения существующего спроса; осуществлять все этапы сбытовой деятельности; также в задачи маркетинга входит совершенствование организационной и управленческой модели производства, что, в конечном итоге, должно положительно повлиять на коммерческий успех предприятия.

Методы маркетинга: учет, анализ, моделирование, прогнозирование, проектирование,

корректировка. Виды маркетинга.

В зависимости от состояния спроса выделяют следующие виды маркетинга:

1. Конверсионный маркетинг. Применяется при отрицательном или негативном спросе. Рынок находится в состоянии отрицательного спроса, если большая часть потенциальных потребителей недолюбливает товар и согласна на определенные издержки, лишь бы избежать его покупки (стоматологические услуги, некачественный товар).

2. Стимулирующий маркетинг. Применяется в условиях отсутствия спроса. В данном случае потребители могут быть не заинтересованы в товаре или безразличны к нему. Причины отсутствия спроса: отсутствие информации, новизна изделия, несоответствие рынка сбыта, потеря ценности товара.

3. Ремаркетинг. Применим в ситуации, когда спрос на товар, в связи с ухудшением его качества или с появлением на рынке более привлекательного варианта, значительно снижается. Развивающийся маркетинг.

Возможен в случае, когда рынок не может предоставить потребителю товар, соответствующий его желаниям за отсутствием такового.

4. Синхромаркетинг. Применим в ситуации, когда спрос на товар является непостоянным, носит характер сезонности или пользуется спросом в определенные дни и часы.

5. Поддерживающий маркетинг. Применим в условиях паритетного отношения спроса и предложения, то есть, когда на рынке достаточное количество товара, и он полностью удовлетворяет спросу потребителя, что, в свою очередь, влияет на положительную динамику торгового оборота.

6. Демаркетинг. Он применим в ситуации, когда спрос на товар или услугу гораздо выше предложения. В этом случае уровень спроса постоянно и существенно выше, чем фирма может удовлетворить.

7. Противодействующий маркетинг[7].

Используется в ситуации, когда на рынке повышенный спрос на товары, отрицательно сказывавшиеся на благосостоянии и угрожающие здоровью и безопасности членов общества (алкоголь, табак, оружие).

Основные управленческие концепции маркетинга

Наименование концепции	Определение
1. Концепции управления маркетингом	
1.Концепция совершенствования производства	- Основана на утверждении о том, что потребитель отдает предпочтение товарам, которые широко распространены и доступны по цене; управление маркетингом должно быть направлено на совершенствование производства, форм и методов сбыта
2.Концепция совершенствования товара	- Основана на утверждении о том, что потребитель отдает предпочтение товарам, качество, свойства которых постоянно улучшаются; следовательно, управление маркетингом должно быть направлено на совершенствование качества продукции
3.Концепция интенсификации коммерческих усилий	- Основана на утверждении о том, что потребитель не будет активно покупать товар, если не предпринять специальных мер по продвижению товара и широкомасштабной продаже
2. Концепции маркетингового управления	
4. Концепция маркетинга	- Философия управления маркетингом, которая предполагает, что достижение компанией своих целей является результатом определения потребностей и запросов целевых рынков и более эффективного по сравнению с компаниями-конкурентами удовлетворения потребителя. Концепция основана на четырех важнейших составляющих: целевом рынке, потребительских нуждах, интегрированном маркетинге и рентабельности. Интегрированный маркетинг - двусторонняя система: внешний маркетинг - маркетинг, направленный на координацию всех маркетинговых функций с точки зрения клиента. Внутренний маркетинг требует согласования работы всех отделов компании с точки зрения сотрудников. Внутренний маркетинг должен предшествовать внешнему
5. Концепция просвещенного маркетинга	- Философия маркетинга, заключающаяся в том, что маркетинг компании должен поддерживать оптимальное функционирование системы сбыта продукции в долгосрочной перспективе, с ее пятью принципами: маркетинг, ориентированный на потребителя, инновационный маркетинг, маркетинг ценностных достоинств товара, маркетинг с осознанием своей миссии, социальноэтичный (ответственный) маркетинг. Последний предполагает удовлетворение потребителей более эффективным, чем у конкурентов путем при условии сохранения благополучия потребителя и общества в целом.
6. Концепция маркетингового управления	- Маркетинговое управление имеет место, когда, по крайней мере, одна из сторон потенциального обмена разрабатывает и использует средства для достижения желаемого отклика других сторон. «Маркетинговое управление - процесс планирования и реализации политики ценообразования, продвижения

	и распределения идей, продуктов и услуг, направленный на осуществление обменов, удовлетворяющих как индивидов, так и организации» (определение Американской Ассоциации Маркетинга).
7. Концепция стратегического маркетинга	- Основана на разграничении понятий стратегического и операционного маркетинга. Стратегический маркетинг - это постоянный и систематический анализ потребностей рынка, выводящий на разработку эффективных товаров, предназначенных для конкретных групп покупателей и обладающих особыми свойствами, отличающими их от товаров конкурентов и таким образом создающими изготовителю устойчивое конкурентное преимущество; включает анализ потребностей, макро- и микросегментацию, анализ конкурентоспособности, портфеля рынков товара, выбор стратегии развития. Операционный маркетинг - это инструмент реализации выбранной маркетинговой стратегии; подразумевает план маркетинга, включающий весь комплекс маркетинга.
8. Концепция маркетинга отношений	- Основана на том, что управление маркетингом должно быть нацелено на процесс создания и расширения прочных взаимовыгодных отношений с потребителями или другими заинтересованными лицами (поставщиками, контактными аудиториями, посредниками и т.д.), что увеличивает вероятность будущих сделок с одними и теми же потребителями. Противоположная ей концепция - маркетинг сделок (трансакционного маркетинга) - нацеливает управление маркетингом на увеличение числа разовых сделок с новыми потребителями
9. Концепция максимаркетинга	Управление маркетингом нацелено на повышение до максимума торгового оборота и прибылей путем селективного распределения и вовлечения в процесс четко определенных потенциальных потребителей и клиентов; предполагает две стадии - максимальный синергизм (двухсменная реклама) и максимальное распределение (добавление новых каналов распределения.
10. Концепция конкурентной рациональности	- Основной целью корпорации является получение прибыли для фирмы, ее сотрудников и акционеров посредством производства удовлетворяющих запросы покупателей товаров... конкурентоспособность выступает как основная движущая сила концепции маркетинга. Процесс принятия маркетинговых решений на насыщенном конкурентами рынке называется «конкурентной рациональностью». Слово «рациональная» подразумевает, что фирма стремится быть последовательной в организации обмена с потребителями на постоянно развивающемся рынке.
11. Концепция мегамаркетинга	Координация экономических, психологических и общественных воздействий, направленная на установление сотрудничества с политиками (политическими партиями) для выхода на определенный рынок и (или) работы на нем.

ЛИТЕРАТУРА

1. Котлер Ф. Основы маркетинга / Ф. Котлер. -М.: Издательский дом «Вильямс», 2000. -734 с.
2. Мамырова Н.К. Маркетинг: Учебное пособие / Н.К. Мамырова. -Алматы.: Экономика, 2006. –С.75-101.
4. Акулич И.Л. Маркетинг / И.Л. Акулич, И.З. Герчиков. Минск.: Интерпрессервис, Мисанта, 2005. – 25 с.
5. Амблер Т. Практический маркетинг / Т. Амблер; пер. с англ. под общей ред. Ю.Н. Каптуревского. -СПб.: Питер, 2000. – 400 с.
6. Аникеев С. Методика разработки плана маркетинга / С. Аникеев. -М.: Фолиум, 2006.
7. Ассэль Гэнри. Маркетинг: принципы и стратегии. Учебник / Ассэль Гэнри. -М.: ИНФРА-М, 1999. – 804 с.
8. Грузинов В.П. Схема маркетинговой деятельности / В.П. Грузинов. -М.: Инфра - М, 2007. – 305 с.
9. Данько Т.П. Управление маркетингом / Т.П. Данько. -М.: Инфра - М, 2009. -200 с.
10. Котлер Ф. Маркетинг и менеджмент / Ф. Котлер. -СПб.: Питер Ком, 1998. - 896 с.
11. Черчиль Г. Маркетинговые исследования. -Спб.: Питер, 2006 - 752с.
13. Карпова, С.В. Практикум по международному маркетингу: Учеб. пособие / С.В. Карпова. -М.: КНОРУС, 2010.
14. Багиев, Г.Л. Международный маркетинг: учебник / Г.Л. Багиев. - 2-е изд., перераб. и доп. -Санкт-Петербург: Питер, 2009. -688 с.

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАРКЕТИНГ

Дар мақолаи мазкур муаллиф ҷанбаҳои назариявии маркетингро баррасӣ намудааст. Қувваи пешбарандаи иқтисоди бозоргонӣ фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар шароитҳои муосир бе маркетинг амалинашаванда мебошад. Аҳамияти маркетинг рӯз то рӯз меафзояд ва барои ин сабабҳои муҳим мавҷуданд: пеш аз ҳама, тағйиротҳои мусбӣ дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, инчунин имконияти бо он алоқаманди интихоби истеъмолкунандагон. Ҳангоми пешбурди дурусти фаъолият ин намуди фаъолият барои ҳарду тараф муфид арзёбӣ мегардад. Маркетинг ҳамчун намуди фаъолият бояд масъалаҳои зеринро ҳал намояд: бозорро омӯзад ва бо истифодаи тамоми имкониятҳои маркетинг роҳҳои мувофиқро барои бадастории муваффақияти тиҷоратӣ, истифода намуда, талаботи имконпазир ва истеъмолкунандагони қонеънагардидаро ошкор созад, номгӯи маҳсулот ва миқдори зарурии мол ва нархи онҳоро ба нақша гирифта тавонад талаботро пешгӯӣ ва ташаккул намояд ва чораҳоро оиди қонеъгардонии пурраи талаботи мавҷуда коркард намуда, тамоми марҳилаҳои фаъолияти фурӯшроамалӣ созад; инчунин вазифаҳои маркетинг аз мукаммалгардонии модели ташкилӣ ва идоракунии истеҳсолот иборат мебошад, ки дар интиҳо бояд ба дастоварди тиҷоратии корхона таъсири муксбӣ расонад.

Калидвожаҳо: маркетинг, ҷанбаҳои назариявии маркетинг, аҳамияти маркетинг, вазифаҳои маркетинг, мукаммалсозии модели ташкилӣ ва идоракунии истеҳсолот.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ МАРКЕТИНГА

В данной статье автором рассмотрены теоретические аспекты маркетинга. Движущей силой рыночной

экономики является предпринимательская деятельность, которая в современных условиях немыслима без маркетинга. Значение маркетинга возрастает с каждым днем и тому есть важные причины: прежде всего, позитивные изменения во внешнеэкономической деятельности, а также и связанная с ней возможность выбора для потребителей. При правильном ведении дела этот вид деятельности является обоюдовыгодным для всех сторон. Маркетинг как вид деятельности должен решить следующие задачи: изучить рынок, используя все возможности маркетинга, найти оптимальные пути для достижения коммерческого успеха; -выявлять потенциальный спрос и неудовлетворенных потребителей; планировать ассортимент и необходимое количество товаров и цены на него; уметь прогнозировать или формировать спрос, а при наличии его разрабатывать меры для наиболее полного удовлетворения существующего спроса; осуществлять все этапы сбытовой деятельности; также в задачи маркетинга входит совершенствование организационной и управленческой модели производства, что, в конечном итоге, должно положительно повлиять на коммерческий успех предприятия.

Ключевые слова: маркетинг, теоретические аспекты маркетинга, значение маркетинга, задачи маркетинга, совершенствование организационной и управленческой модели производства.

THEORETICAL ASPECTS OF MARKETING

In this article, the author considers the theoretical aspects of marketing. The driving force of a market economy is entrepreneurial activity, which in modern conditions is unthinkable without marketing. The importance of marketing is growing every day and there are important reasons for this: first of all, positive changes in foreign economic activity, as well as the associated choice for consumers. With proper business management, this type of activity is mutually beneficial for all parties. Marketing as an activity should solve the following problems: to study the market, using all the marketing opportunities, find the best ways to achieve commercial success; - identify potential demand and dissatisfied consumers; plan the assortment and the required quantity of goods and prices for it; be able to predict or generate demand, and if available, develop measures for the most complete satisfaction of existing demand; carry out all stages of marketing activities; marketing tasks also include improving the organizational and managerial model of production, which, ultimately, should positively affect the commercial success of the enterprise.

Key words: marketing, theoretical aspects of marketing, the importance of marketing, marketing tasks, improving the organizational and managerial model of production

Сведения об авторе: ***Ташпулатов Шокиржон Зокиржонович*** - Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, соискатель. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67

Information about the author: ***Tashpulatov Shokirjon Zokirjonovich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bohtar, Aini Street 67

УДК 311.313(575.34)

АРЗЁБИИ ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАИ ХАТЛОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Сафаров А.А. Одинаев И.Ф.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Ауабдуллоҳи Рӯдакӣ

Истиллоҳи минтақа аз забони лотинӣ «regio» гирифта шуда, маънои – мамлакат ва вилоятро дорад, ки аз рӯйи мантиқ ба воҳиди маъмурии як давлат ва ё ҳавзаи кишварҳо мансуб мебошад. Ба андешаи олими барҷастаи иқтисодшиноси рус, академик Н.Н. Некрасов: «Мафҳуми иқтисодиёти минтақавӣ ҳамчун соҳаи илми иқтисодӣ маҷмӯи омил ва падидаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, шарту шароити ташаккулёбӣ, рушди тавлиди неру ва равандҳои иҷтимоиро дар системаи минтақавии давлат ва ҳар як минтақаи алоҳида меомӯзад» [1,с.19]. Инчунин, М. Мирсаидов қайд мекунад: «Иқтисодиёти минтақавӣ унсури таркибӣ, заминаи асосӣ ва ташкилкунандаи иқтидори макроиқтисодӣ буда, дар ҳоли рушд ба иқтисоди миллӣ таъсири воқеӣ мегузорад» [2,с.110].

Бо истифода аз ин нуқтаҳои назар бояд қайд намуд, ки вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дорои хусусияти хоси иқтидори иқтисодӣ мебошад. Аз рӯйи нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ҳиссаи бузурги нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вилояти Хатлон ташкил медиҳад. Бинобар ин, таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии минтақа, муайян кардани тамоюл, ҳолат ва мушкилоти имрӯза, пешниҳоди масъалаҳои вобаста ба таъмини рушди устувори иқтисодии он дар шароити муосир муҳим арзёбӣ мегардад.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии минтақа ин маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мебошад, ки тавассути тағйироти он ба дараҷаи инкишофи иқтисоди минтақа ва сатҳи зиндагии аҳолии он баҳо медиҳанд. Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ аз рӯйи мазмуни иқтисодӣ ба нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ комилан мувофиқ аст, яъне дар худ арзиши ниҳоии мол ва хизматҳо, воҳидҳои иқтисодӣ, ки намояндаи минтақаи мазкур мебошанд, инъикос менамояд. Маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Хатлон дар соли 2017 - 16049,7 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли 2008 - 11145,5 млн. сомонӣ, яъне 3,3 маротиба зиёд шудааст. Дар рушди МММ-и вилояти Хатлон нақши барномаҳои ҷумҳуриявии давлатӣ ва Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2005-2015, 2016-2020 бориз мебошад. Мавриди зикр аст, ки

новобаста ба зиёд шудани ҳаҷми МММ-и вилояти Хатлон ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 27,7% дар соли 2008 ба 26,3% дар соли 2017 кам гардидааст (ниг ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Тамоюли рушди маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Хатлон ва ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии МММ ва ММД, млн. сом.

	2008	2010	2013	2014	2015	2016	2017
I	4904,2	6493,2	9869,7	11777,5	12855,2	14620,2	16049,7
II	15886,1	22308,8	36535,1	40836,2	43745,9	49921,1	54011,3
III	17706,9	24707,1	40525,5	45606,6	48408,7	54479,1	61093,6
IV	30,8	29,1	27,0	28,8	29,4	29,3	29,7
V	27,7	26,3	24,4	25,8	26,6	26,8	26,3

ЭЗОҲ: I-вилояти Хатлон ; II- МММ-и ҶТ; III - ММД -; IV – ҳиссаи МММ вилояти Хатлон нисбат ба ҳаҷми умумии МММ дар ҶТ (%); V – ҳиссаи МММ-и вилояти Хатлон нисбат ба ММД(%). Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2015. -С.189; 2018. -С.200-201

Камшавии ҳиссаи МММ-и вилояти Хатлон дар ҳаҷми умумии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва маҷмӯи маҳсулоти минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нишонаи манфии ташкили иқтидори макроиқтисодӣ мебошад, ки ин омил аз сатҳи пасти хизматрасонӣ, истеҳсолоти комплекси агросаноатӣ ва ҷамъоварии андозҳо вобаста мебошад. Дар 10 соли охир хусусияти фарқунандаи МММ-и Хатлон аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз он иборт аст, ки ҳиссаи асосии МММ-и вилоятро соҳаи аграрию саноатӣ ташкил мекунад, ки ба он истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои калонтарини вилоят, ба монанди Ҷамъияти саҳомии «Ресанда», Ҷамъияти саҳомии «Трансформатор»-и шаҳри Бохтар, корхонаи муштараки «Азот»-и шаҳри Левакан ва ҶСШК «Кимиё»-и ноҳияи Ёвон нақши назаррас доранд. Аз соли 2006 то ин давра сохтмон ва таъмиру тармими иншоотҳои зиёди барои вилоят аҳамияти стратегидошта сурат гирифтанд. Масалан, таъмири шоҳроҳи Душанбе-Бохтар-Данғара-Кӯлоб-Зиғар Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои Чин, Ҳиндустон, Покистон ва Афғонистон мепайвандад. Фурудгоҳи шаҳри Кӯлоб, Неругоҳи барқии обии «Сангтуда-1» ва навбати аввали Неругоҳи барқии обии «Сангтуда -2», ки аҳамияти байналхалқӣ доранд, сохта, ба истифода дода шуданд. Ҳамчунин, дар натиҷаи ҳамкорию муносибатҳои тарафайн бо ИМА ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон дар гузаргоҳи «Панҷи поён» сохтмони пули «Панҷи поён», нақби «Шар-шар», азнавбарқароркунии агрегатҳои НБО «Норак», азхудкунии заминҳои обёришаванда дар ноҳияи Данғара, сохтмони хатти интиқоли барқи 220 кв «Тоҷикистон-Афғонистон», таъмири роҳи автомобилгарди «Бохтар-Дӯстӣ», корхонаи сементбарории ноҳияи Ёвон ба анҷом расонида шуд. Оғози сохтмони роҳи оҳани Ваҳдат-Ёвон, корҳои сохтмонӣ ва таъмиру тармими роҳи автомобилгарди «Душанбе-Данғара» ва нақби «Чормағзак», корхонаи истеҳсолии «Криолит» бо иқтидорӣ 12000 тонна дар як сол ва 18000 тонна алюминийи бо фтор омехташуда дар ноҳияи Ёвон сурат гирифта, корҳо ба анҷом расиданд ва мавриди истифода қарор дода шуданд.

Мавриди зикр аст, ки афзоиши нишондиҳандаи МММ-и вилояти Хатлон ба ҳар сари аҳолӣ дар солҳои 2008-2017 тамоюли рушд дошта вобастагии он ба зиёдшавии самаранокии меҳнат дар вилоятро нишон медиҳад (ниг. ба гистограммаи 1).

Гистограммаи 1



Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Маҷмӯаи солонаи омори вилояти Хатлон // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. -Қ.:2015, С.277.; - Б.:2018.- С.177

Аз таҳлилҳои омории гистограммаи 1 бар меояд, ки соли 2008 нишондиҳандаи МММ-и вилояти Хатлон ба ҳар сари аҳолӣ нисбат ба соли 2017 ба миқдори 3101,5 сомонӣ зиёд шуда, самаранокии меҳнат бошад, ба андозаи 2,7 баробар афзудааст. Мусаллам аст,

ки бо зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва тараққӣ ёфтани соҳаи саноат, ҳиссагузории он дар афзоиши истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, зиёд гардидани даромади буҷет, устувории пули миллӣ, ташаккули усулҳои пешқадами ташкили истеҳсолот, идоракунӣ ва ташкили илмии меҳнат, имкониятҳои таъмини пешрафти илмию техникӣ ва навҷорисозӣ фаъол мегардад. Дар ҳолати кам шудани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва инкишоф наёфтани ин соҳа сатҳи баланди рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-маориф, тандурустӣ, фарҳанг, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, хоҷагии манзил, коммуналӣ ва ғайра, ки некуаҳволии мардумро муайян мекунанд, таъмин буда наметавонад. Рушди соҳаи саноат дар вилояти Хатлон дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ-гузариш ба муносибатҳои васеи бозорӣ дар асоси хусусигардонии моликият, эҳёи корхонаҳои нав ва дигаргунсозиҳои соҳавӣ ба роҳ монда шудааст. Ба ин васила ҳиссаи корхонаҳои саноатӣ дар маҷмӯи маҳсулоти минтақа зиёд шуда, тамоюли рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатиро дар солҳои 2008-2017 нишон додааст. Масалан, аз ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ки дар соли 2008 - 4549,2 млн. сомониро ташкил медод, ин нишондиҳанда дар соли 2017 ба 6753,1 млн. сомонӣ расонида шуд, ки соли 2017 нисбат ба соли 2008 рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилоят ба миқдори 1,5 маротиба зиёд гардидааст (ниг. ба ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Рушди нишондиҳандаҳои иқтисодии вилояти Хатлон дар солҳои 2008-2017

Нишондиҳандаҳо	2008	2009	2010	2015	2016	2017	2017 /2008
Маҳсулоти саноатӣ, млн. сом.	4549,2	3605,9	3650,7	5561,3	6601,3	6753,1	1,5
Шумораи корхонаҳои саноатӣ, адад	223	246	259	577	537	591	2,7
Шумораи солонаи миёнаи коркунони истеҳсолотӣ саноатӣ, ҳаз. нафар	18,5	18,6	18,8	18,6	17,6	20,4	1,1
Маҳсулоти кишоварзӣ, млн. сомонӣ	7156,1	7755,7	8407,2	11378,4	11914,6	12751,8	1,8
Шумораи корхонаю ташкилотҳо, адад	18963	5091	6934	12350	12346	12484	0,7
Даромадҳои буҷетӣ, ҳазор сомонӣ	293118,9	371446,8	463475,5	1239349	1327363	1471466	5
Ба кор андохтани фондҳои асосӣ, ҳазор сомонӣ	195807,5	195807,5	649596,5	990677	1122333	1669251	8,5
Хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ, ҳазор сомонӣ	695513,8	789635,5	891236,4	1568955	1565406	1686727	2,4
Ҳаҷми умумии гардиши савдои чакана, ҳазор сом.	1015,2	1193,9	1418,6	3336,3	3887,0	4607,7	4,5
Ҳисоби миёнаи музди кори ҳармоҳаи як корманд, бо сомонӣ	152,33	186,06	232,98	645,05	714,13	843,39	5,5

Сарчашма: Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2015. -С.10-15; 2018. -С.10-15.; 2018. -С.89-109.; Маҷмӯаи солонаи омори вилояти Хатлон // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. -Қ., 2015. -С.8-11; -Б., 2018. -С.8-9

Маҳсулоти истеҳсолии корхонаҳои саноатии вилоятро қувваи барқ, трансформаторҳои барқӣ, хишти бинокорӣ, нахи пахта, пойафзол, гӯшт, ҳасиб, равғани чорво, маҳсулотҳои ширӣ, равғани растанӣ, намак, карбамид, асфалт, семент, маснуоти васлшавандаи оҳану бетон, матоъҳои тайёри пахтагин, қолинҳо ва молҳои қолинӣ, консерва, маҳсулоти қаннодӣ, орд, нӯшокиҳои беспиртӣ, нон ва маҳсулотҳои нонӣ, нафту газ ташкил медиҳанд, ки аксарияти корхонаҳои истеҳсоли маҳсулотҳои зикрёфта, солҳои охир дар натиҷаи иҷроиши барномаҳои давлатӣ сохта, ба истифода дода шудаанд.

Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки тадбиқи ислоҳотҳо дар солҳои охир ба зиёд шудани шумораи корхонаҳои саноатӣ ва иқтидори истеҳсолии онҳо дар вилояти Хатлон таъсири мусбӣ расонидааст. Масалан, аз 223 адад корхонаҳои саноатӣ дар соли 2008 то ба 591 адад дар соли 2017 зиёд шудааст. Шумораи солонаи миёнаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ аз 18,5 ҳазор нафар ба 20,4 ҳазор нафар афзоиш дода шудааст. Лозим ба таъкид аст, ки дар ин давраи таҳлилӣ бухрони молиявӣ-иқтисодии ҷаҳонӣ низ ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилоят таъсири манфӣ гузошт. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ соли 2009 нисбат ба соли 2008 - 943,3 млн. сомонӣ кам гардид, ки ин ба таъсири омилҳои норасоии захираҳои молиявӣ ва паст шудани талабот ба маҳсулоти саноатии вилоят, коҳиш ёфтани нархи маҳсулотҳои саноатӣ дар солҳои бухрони иқтисодӣ арзёбӣ мегардад.

Соҳаи дигари муҳими иқтисодиёт, ки таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад, соҳаи кишоварзӣ мебошад, зеро дар ин ҷо маҳсулоти талаботи аввалиндараҷаи ҷамъият, яъне маҳсулоти хӯрокворӣ истеҳсол мегарданд. Нақши барномаҳои стратегӣ, чораҳои давлатӣ ва ташкилотҳоми гуногуни байналхалқӣ аз қабили: «Барномаи тараққиёт, навсозӣ ва инкишофи Тоҷикистон»-и СММ, «КАРИТАС»-и Шветсария, Бонки исломии рушд, Бонки

рушди Осиё, «Хазинаи Оғохон», Бонки умумиҷаҳонӣ ва дигар ташкилотҳо дар рушди иқтисодӣ-кишоварзии вилоят бузург мебошад. Амалишавии лоиҳа ва барномаҳои махсус дар вилоят ба тамоюли рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъсири мусбат расонид. Таҳлилҳои муқоисавии солҳо дар ҷадвали 2 аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар зинаи рушд қарор дорад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии соли 2017 дар муқоиса ба соли 2008 - 1,8 маротиба афзудааст.

Шароит, иқлим ва имкониятҳо барои ҳамаи намуди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ баробар таъмин буда наметавонад, вале новобаста ба таъсири омилҳои экзогенӣ ва эндогенӣ, рушди истеҳсоли маҳсулоти кишварзӣ дар муқоисаи солҳои пешин дар маҷмӯъ дида мешавад. Ин аз беҳтаршавии соҳаи кишоварзӣ дар вилоят ва ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад. Омили асосие, ки ба соҳаи кишоварзӣ дар вилоят таъсири манфӣ мерасонад, ин вобастагии вилоят ба маҳсулотҳои озӯқавории беруна мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии дохилӣ аз ҷиҳати шароити табиӣ хуб буда, вале аз лиҳози миқдор талаботи аҳолии минтақаро пурра қонеъ гардонида наметавонанд. Аз ин рӯ, воридоти маҳсулотҳои кишоварзии хориҷӣ назар ба содирот бештар мебошад. Содироти маҳсулотҳои кишоварзии вилоят бошад, дар шакли ашёи хом пешкаш мегарданд. Ба ин омил таъсири кам истифода шудани заминҳои кишт, рӯ овардани аҳолӣ ба маҳсулотҳои тайёри воридотӣ, дар соҳаи кишоварзӣ истифода нашудани технологияи муосир, набудани корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ва ғайра бараъло эҳсос мегардад. Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки дар баробари соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ дар вилояти Хатлон соли 2017 нисбат ба соли 2008 даромадҳои буҷетӣ 5 баробар, ба кор андохтани фондҳои асосӣ 8,5 баробар, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 2,4 баробар, ҳаҷми умумии гардиши савдои чакана 4,5 баробар, ҳисоби миёнаи музди кори ҳармоҳаи як корманд 5,5 баробар зиёд шуда, шумораи корхонаю ташкилотҳо 0,7 баробар ё 6479 адад кам гардидааст (ҷадвали 2).

Дар шароити муосир таъмини пурраи бехатарии иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ ғайриимкон аст, вале ташкили заминаҳои ҳуқуқию иқтисодии он, пешгирии хатарҳо, корбарии маҷмӯи усулҳо ва фишангҳои давлатӣ ҷиҳати беҳтарсозии фазои соҳибкорӣ, таъмини шароити рақобати комил ва такмили механизми инноватсионии фаъолият имконпазир аст. Беҳтаршавии фазои соҳибкорӣ аз лиҳози бехатарии иқтисодии фаъолият, имконият медиҳад, ки дар кишвар иқтидори истеҳсолии маҳсулоти аграрию-саноатӣ, гардиши савдои чакана, хизматрасонии пулакӣ, шумораи миёнаи машғулин дар иқтисодиёт, музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи номиналии меҳнат, ҷалби аҳолии қобили меҳнат ба кор афзоиш ёфта, иҷроиши даромади буҷет аз ҳисоби пардохтҳои андозӣ зиёд гардад. Бо тамоюли баланд гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодии мазкур сатҳи камбизоатии аҳолӣ коҳиш ёфта, гуногуншаклии моликият дар ҷомеа рушд меёбад.

Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти татбиқшаванда, аз қабили такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муҳайё намудани инфрасохтори махсуси соҳибкорӣ, ташкили фондҳои махсус ҷиҳати таъсиси грантҳои давлатӣ, ҷалби субъектҳои сармоягузории хориҷӣ ба фазои соҳибкории ватанӣ амали гардида истодааст.

Самараи корҳои иҷрошуда нишон медиҳад, ки шумораи фаъолияткунандаи субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷ соли охир зиёд шудааст. Таҳлили омории субъектҳои соҳибкории фаъолияткунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷадвали 3 дида мебароем.

Тибқи маълумотҳои оморӣ шумораи умумии субъектҳои соҳибкории фаъолияткунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 - 206165 адад ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2017 - 300932 адад ё 1,4 маротиба зиёд гардидааст. Дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1,1, вилояти Суғд 1,7, шаҳри Душанбе 1,1, ноҳияҳои тобеи марказ 1,3 ва вилояти Хатлон 1,4 баробар афзоиш ёфтааст. Муқосаи солҳо нишон медиҳад, ки ҳиссаи соҳибкориии фаъолияткунандаи минтақаи Хатлон дар сатҳи ҷумҳурӣ кам гардида, аз лиҳози афзоиш бошад, баъди минтақаи Суғд дар ҷои дуюм қарор гирифтааст.

Ҷадвали 3. Рушд ва ҳиссаи қиёсии субъектҳои соҳибкории фаъолияткунандаи минтақаи Хатлон дар солҳои 2013-2017

Шакли фаъолият	Солҳо	I	II	III	IV	V	VI	VII
Шумораи умумии субъектҳои соҳибкории фаъолияткунанда	2013	3902	66989	61318	33948	40008	206165	32,4%
	2014	4504	81182	81675	37820	45308	250489	32,4%
	2015	3996	87216	97600	51851	34940	275603	31,6%
	2016	4050	91166	102382	38438	52266	288302	31,6%
	2017	4389	95197	107232	39759	54355	300932	31,6%
	2017/ 13	**1,1 бар.**	**1,4 бар**	**1,7 бар.**	**1,1 бар.**	**1,3 бар.**	**1,4 бар**	**0,97 ба**

Эзоҳ: I-ВМКБ; II-Вилояти Хатлон; III – Вилояти Суғд; IV – ш. Душанбе; V – НТҶ; VI – ҳамагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон VII – Ҳиссаи қиёсии вилояти Хатлон нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (%).

Сарчашма: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2014. –С.204-211; 2015. -С.195-203; 2016. -С.227-235; 2017. -С.204-212; 2018. -С.207-215

Хатари манфии таъсиркунанда ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ташкилоту корхонаҳо дар минтақа, ин барҳамдиҳии ба маротиб зиёди фаъолияти онҳо мушоҳида мегардад, ки ба омилҳои гуногун вобастааст. Дар рушди устувори иқтисодӣ ва бунёди инфарасохтори коммуникатсионӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, бахши хусусӣ ва таҷдиди иқтисодиёт сармоягузорӣ нақши бориз дорад. Ба сатҳи маблағгузорӣ омилҳои объективӣ ва субъективии таъсир мерасонанд. Ба омилҳои объективӣ ин меъёри фоида, дараҷаи фоизи қарз, меъёри андоз, дараҷаи таваррум ва бекурбшавии пули миллӣ дохил мешавад.

Ба омилҳои субъективӣ қарори соҳибкорон оид ба маблағгузорӣ дохил мешавад, ки ин омил дар навбати худ аз вазъи сиёсӣ, вазъи иқтисодӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, сиёсати давлатӣ ва ҳатто фаъолияти роҳбарони мақомоти масъули давлатӣ вобаста мебошад. Бояд қайд намуд, ки сатҳи маблағгузорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2008-2017 бо дарназардошти таъсири омилҳои субъективӣ ва объективӣ рушд ёфтааст (ниг. ба гистограммаи 2).

Гистограммаи 2



Сарчашма: Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. -С.13; 2018. -С.13.; Маҷмӯаи солонаи омори вилояти Хатлон // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. - Қ., 2015. -С.11.; -Б., 2018. -С.9

Аз таҳлили омории дар гистограммаи 2 дарҷгадида маълум мегардад, ки нишондиҳандаи воқеии сатҳи маблағгузорӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядиҳӣ дар вилояти Хатлон дар соли 2017 - 2179,0 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2008 - 363,8 млн. сомонӣ яъне 1,2 баробар зиёд мебошад. Мавқеи минтақаи Хатлон дар миқёси ҷумҳурӣ аз рӯйи ҳиссаи маблағгузорӣ дар солҳои 2008-2017 низ тағйир ёфтааст. Агар дар соли 2008 - 41,8%-и ҳиссаи маблағгузории ҷумҳуриро вилояти Хатлон ташкил мекард, пас, ин нишондиҳанда дар соли 2017 ба 19,3% расидааст. Тибқи маълумоти оморӣ воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ соли 2017 6 млрд 208 млн. 261,7 ҳаз. долл. ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунад, аз ин воридоти сармояи мустақими хориҷӣ бештар ба шаҳри Душанбе 47,8% (2 млрд 970 млн. 549 ҳаз. долл. ИМА), вилояти Хатлон 25,% (1 млрд 592 млн. 770,8 ҳаз. долл. ИМА), вилояти Суғд 16,5% (1 млрд. 026 млн. 325,1 ҳаз. долл. ИМА), ноҳияҳои тобеи марказ 7,7% (476 млн. 896,3 ҳаз долл. ИМА) ва ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бошад 2,3% (141млн. 720,4 ҳаз.долл. ИМА) равона гардидааст [3,с.257], ки ин аз сатҳи сусти ҷалби сармоя ба минтақаи мо ва суст инкишоф ёфтани сектори хусусӣ шаҳодат медиҳад.

Таъмини талаботи аҳолӣ ба молҳои лозимӣ ва рушди иқтисодӣ дар асоси содироти молу хизматҳо аз муносибатҳои байналхалқӣ иқтисодӣ ва тиҷорати байналхалқӣ вобастагии калон дорад, ки он ҳамчун нишондиҳандаи воқеии рушди иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Моҳияти асосии тиҷорати байналхалқӣ дар он ифода меёбад, ки тавассути он маҳдудияти захираҳои иқтисодӣ бартараф гардида, ҳаҷми бозори дохилӣ васеъ карда мешавад ва даромади иловагӣ аз ҳисоби фарқ дар байни хароҷотҳои миллӣ ва берунии истеҳсолӣ ба даст оварда мешавад. Инчунин, ба воситаи тиҷорати байналхалқӣ ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ аз ҳисоби захираҳои хориҷӣ зиёд карда мешавад.

Баъди соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеътар гардида, имкониятҳои ҳамкориҳо дар доираи сиёсати « хориҷии дарҳои кушод» амалӣ гашта истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар доираи ташкилоту муассисаҳои минтақавию байналмилалӣ бо кулли кишварҳои сулҳпарвари ҷаҳон муносибату робитаҳояшро то рафт тавсеа мебахшад. Дар айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳон, монанди Созмони Миллали Муттаҳид, Хазинаи Байналхалқии Асъор, Созмони Умумиҷаҳонии Савдо буда, инчунин, дар гурӯҳҳои ҳамгироии Иттиҳоди Давлатҳои

Мустақил, Созмони Ҳамкории Шанхай ва Созмони Паймони Амнияти Дастҷамъӣ иштироки фаъол дорад. Робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии хориҷии вилояти Хатлон ва вазни қиёсии он нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Ҷадвали 4. Робитаҳои иқтисодии хориҷии тиҷорати хориҷӣ дар солҳои 2008-2017, млн. доллар

Минтақа\ солҳо		2008	2010	2014	2015	2016	2017	2017 /2008
Ҷумҳурии Тоҷикистон	I	4681,3	3851,6	5274,7	4326,2	3929,9	3972,9	84,9%
	II	1408,7	1194,7	977,3	890,6	898,7	1198,0	85,0%
	III	3272,6	2656,9	4297,4	3435,6	3031,2	2774,9	84,8%
	IV	-1863,9	-1462,2	-3320,1	-2545	-2132,5	-1576,9	84,6%
Минтақаи Хатлон	I	410,3	302,6	295,8	312,3	310,8	242,4	59,1%
	II	70,2	120,4	99,9	115,6	126,7	148,5	211,5%
	III	340,1	182,2	195,9	196,7	184,1	93,9	27,6%
	IV	-269,9	-61,8	-96	-81,1	-57,4	+54,6	+20,2
Ҳиссаи МХ дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон	I	8,7	7,8	5,6	7,2	7,9	6,1	70,1%
	II	4,9	10,1	10,2	12,9	14,1	12,4	253,1%
	III	10,4	6,9	4,6	5,7	6,1	3,4	32,7%
	IV	14,4	4,2	2,9	3,2	2,7	+3,5	+24,3%
- Гардиши тиҷорати хориҷӣ; **II** - Содирот; **III** - Воридот; **IV** - Тавозуни тиҷоратӣ.								

Сарчашма: Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2015. -С.314-375; 2018. -С.334-336.; Маҷмӯаи солонаи омори вилояти Хатлон // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. -Қ., 2015. -С.232-233.; -Б., 2018. -С.139-142

Маълумотҳои омории дар ҷадвали 3 овардашуда ифодагари он аст, ки новобаста ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ маҷмӯи тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон солҳои охир рӯ ба коҳишёбӣ аст. Таҳлили муқоисаи соли 2017 нисбат ба соли 2008 нишон медиҳад, ки гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 708,4 млн. доллар ИМА ё 84,9% вилояти Хатлон бошад, ба миқдори 167,9 млн. доллар ИМА ё 59,1% кам кардидааст. Содироти молу хизматҳо дар ин давра дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 210,7 млн. доллари ИМА ва ё ба андозаи 85% кам гардида, дар вилояти Хатлон ба миқдори 78,3 млн. доллар ИМА ва ё ба андозаи 211,5% афзоиш ёфтааст. Воридоти молу хизматҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 497,7 млн. доллари ИМА ё ба андозаи 84,8% дар вилояти Хатлон бошад, ба миқдори 246,2 млн. доллари ИМА ё ба андозаи 27,6% коҳиш ёфтааст.

Тавре аз таҳлилҳо бар меояд, барномаҳои давлатӣ ҷиҳати паст кардани воридоти молу хизматҳо ва баланд бардоштани иқтидори содироти молу хизматҳо дар Ҷумуҳурии Тоҷикистон таъсири худро гузоштааст. Албатта, истеҳсол ва коркарди нахи пахта, маҳсулоти нарму хушки меваю сабзавот, неруи барқ ва дигар маҳсулотҳои рақобатпазири ба содирот нигаронидашуда то як андоза дар рушди уствори иқтисодӣ таъсиргузор мебошанд. Омили асосие, ки таъсири мусбӣ ба рушди уствори иқтисодиёти минтақа мегузорад, ин зиёд шудани молҳои содиротӣ ба ҷуз аз неруи барқ ва аз байн бурдани тавозуни зиёди тиҷоратӣ аз қисмати воридоти молу хизматҳо мебошад. Бояд қайд намуд, ки ҳолати ташвишовари таъмини рушди уствори иқтисодӣ дар минтақа ин паст шудани ҳиссаи гардиши тиҷорати хориҷии вилояти Хатлон дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки ҳиссаи гардиши тиҷорати хориҷии вилояти Хатлон дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 - 8,7%-ро ташкил мекард ва ин нишондиҳанда дар соли 2017 ба андозаи 6,1% расид. Албатта, ин натиҷаҳо барои нигоҳ доштани рушди иқтисодӣ дар сатҳи устувор боиси нигаронӣ буда, зарурати чораҳои мушахасро тақозо мекунад.

Гурӯҳи молҳои аз вилояти Хатлон содиршуда ин: маҳсулоти саноати хӯрокворӣ машрубот ва нӯшокиҳои беспирт, тамоку ва ивазкунандагони он, нахи пахта, калобаи ришта, пӯст, чарм, маҳсулоти мӯина, пашм, пилла ва маҳсулоти аз он тайёркардашуда, маҳсулоти саноати кимиё, мошинҳо, таҷҳизот, механизмҳо ва қисмҳои эҳтиётии онҳо, неруи барқ, металҳои наотсин, меваю сабзавот ва ғайра ташкил медиҳад. Содироти вилояти Хатлон дар солҳои 2008 бештар ба Федератсияи Русия (41,8%), давлатҳои Эрон (25,4%), Латвиё (9,3%), Ӯзбекистон (5,2%), Афғонистон (4,7%) Туркия (4,1%), Украина (2,9%), рост омада буд. Аз соли 2008 самти содирот тағйир ёфта, он дар соли 2017 бештар ба кишварҳои Афғонистон (63,5%), Туркия (13,4%), Федератсияи Русия (6,8%), Покистон(5,7%), Эрон (4,2%), Ҷумҳурии мардумии Чин (1,6), Ӯзбекистон (1,6%) равона шудааст. Аз ин бар меояд, ки ҷуғрофияи содироти молу хизматҳои вилояти Хатлон дар ин давра тағйир ёфтааст.

Воридоти вилояти Хатлон аз рӯйи гурӯҳи молҳо ин мошинҳо, таҷҳизот, механизмҳо ва қисмҳои эҳтиётии онҳо, маҳсулоти сӯзишворӣ, маҳсулоти сохтмонӣ, чӯбу тахта ва ашёҳои аз чӯбу тахта сохташуда, маҳсулоти ниёзи мардум, маҳсулоти саноати кимиё,

маҳсулоти хӯрокворӣ, машрубот ва нӯшикиҳои беспирт, тамоку ва ивазкунандаи он, маҳсулот аз сангу гач ва семент, пластмасса ва маҳсулоти он, молҳои гуногуни ташхиснашуда мебошад. Дар воридоти маҳсулот аз ҳама бештар дар соли 2008 ҳиссаи Федератсияи Русия (57,9%), Афғонистон (14,8%) Ҷумҳурии Қазоқистон (12,2%), Эрон (5,4%), ҶМЧ (2,8%) ва Украина (2,4%) назаррас буд. Соли 2017 бошад, ҳиссаи давлатҳои Чин (30,9%), Афғонистон (20,9%), Покистон (10,1%), ИМА (9,4%), Русия(8,9%), АМА(7,5%) ва Ҳиндустон (1,1%) афзоиш ёфта истодааст. Аз ин рақамҳо мушоҳида мегардад, ки дар воридоти молу хизматҳо шарикони нав пайдо гардида истодаанд, ки ин барои таъмини бозори миллии кишвар муфид буда, аз ҷониби дигар, масъалаи амнияти иқтисодӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Ҳамин тавр, аз таҳлилҳои нишондиҳандаҳои иқтисодӣ маълум мегардад, ки дар ин самт мушкилиҳое ҷой доранд, ки ба тамоюли рушди уствори иқтисодию иҷтимоии кишвар ва минтақа таъсири манфӣ мерасонанд:

- кам шудани ҳиссаи маҷмӯи маҳсулоти минтақавии вилояти Хатлон дар ҳаҷми умумии ММД ва ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- кам гардидани маҳсулоти ҳиссаи саноати коркард, сохтмон дар истеҳсоли ММД-и вилояти Хатлон;
- аз байн рафтани истеҳсоли маҳсулоти пилла дар минтақа, ки он яке аз маҳсулотҳои стратегии кишвар ба шумор меравад;
- рақобатпазир набудани маҳсулотҳои дохилӣ нисбат ба маҳсулотҳои воридотӣ;
- пурра қонеъ нагардидани талаботи аҳолии минтақа аз ҷиҳати маҳсулотҳои озуқаворӣ, сӯзишворӣ ва энергетикӣ;
- самаранок истифода нашудани заминҳои кишт дар минтақа;
- зиёд шудани барҳамдиҳии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ нисбат ба фаъолияткунанда дар минтақа;
- коҳиш ёфтани ҳиссаи маблағгузории минтақа аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядиҳӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ;
- кам шудани робитаҳои иқтисодии хориҷии тиҷорати хориҷии минтақа ва ҳиссаи он дар ҷумҳурӣ;
- дар маҳсулоти содирот бартарият доштани захираҳои ашёи хом;
- системаи такмилнаёфтаи пулию қарзӣ;
- нарасидани мутахассисони касбӣ ва модерн дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт;
- сатҳи пасти татбиқи навҷорисозии техника ва технологияи муосир дар минатақа ва ғайра.

Бо мақсади ташкили дурнамои иқтисодӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва бартараф кардани мушкилиҳои ҷойдошта дар минтақа иҷрои корҳои зеринро муҳим арзёбӣ менамоем:

- оқилона ва самаранок истифодабарии захираҳои табиию иқтисодӣ, ҷустуҷӯ ва кашфи кону захираҳои дигари табиию иқтисодӣ дар минтақа;
- ташкили неругоҳҳои алтернативии хурду калон, идомаи бунёди неругоҳҳои обии баркӣ ва дар ин замина зиёд кардани содироти қувваи барқ;
- ташаккули муҳити соҳибкории оилавӣ, хусусан такмили заминаи ҳуқуқии он ва дар ин ҷода дар мадди аввал таъсиси грантҳои давлатӣ, ҷалби грантҳои хориҷӣ барои эҳёи корхонаҳои хурди истеҳсолии техникаи рӯзгор ва ғайра;
- ҷалби лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва навҷорисозии технологияи муосир дар соҳаи комплекси агросаноатӣ ва дар ин замина таъмини амнияти озуқаворию тавлиди маҳсулотҳои рақобатпазир ва ба содирот нигаронидани он;
- самаранок истифодабарии заминҳои кишт, ивазкунии қубурҳои корношоямгардидаи обёришудаи заминҳои замони шӯравӣ, обёрии заминҳои лалмӣ ва дар ин замина зиёд кардани заминҳои кишту истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ;
- ташкил ва муосиргардонии гармхона ва корхонаҳои коркарду нигоҳдории меваю сабзавот;
- бунёди комплексҳои туристӣ, инкишофи туризми кӯҳнавардӣ, истироҳатӣ ва муолиҷавӣ тавассути сармояи дохилию хориҷӣ дар ноҳияҳои кӯҳистони минтақа;
- дар дохили минтақа бунёд кардани корхонаҳои истеҳсолии молҳои воридотиро ивазкунанда бо мақсади кам кардани воридот ва зиёд кардани содирот;
- бедории шуури иқтисодии омма тавассути ташкили чорабиниҳои гуногуни илмию-таълимӣ (конференсияҳо, форумҳо, курсҳои кӯтоҳмуддат, тренингҳо ба хориҷи кишвар ва минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ барои таҷрибаомӯзӣ фиристодани шахрвандон) оид ба омӯзиши фарҳангӣ, соҳибкорӣ, ҳунармандӣ, истифодаи техника ва технологияи муосир, малакаю маҳорати роҳбарӣ ва ғайра;

- таҳияи барномаҳои нави стратегӣ бо дарназардошти талаботи муосир дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои минтақа ва дар онҳо ба инобат гирифтани мушкилиҳои дохилӣ ва ҳалли масъалаҳои дурнамои иқтисодию иҷтимоӣ дар муддати муайян;
- таъсиси маркази тадқиқоти микроиқтисодӣ бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, муайян кардани хатарҳои иқтисодӣ, таҳлил, баррасӣ ва пешниҳоди роҳҳои пешгирии хатарҳо ба иқтисодиёт;
- дар доираи ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ (Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Созмони Ҳамкории Шанхай), ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи он мебошад, истифодаи имкониятҳо ва тараққӣ додани самтҳои мухталифи ҳамкории робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ.

АДАБИЁТ

1. Некрасов Н.Н. Региональная экономика (теория, проблемы, методы) / Н.Н. Некрасов. -2.-е изд. -М.: Экономика, 1978. -С.19
2. Мирсаидов М.Н. Таҳлили хусусиятҳои рушди иқтисодии минтақаи Хатлон: мушкилот ва дурнамо / М.Н. Мирсаидов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе: Промэкспо, 2016. -№1(14). -С.110-123.
3. Маҷмӯаи омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018. -С.257-258.

АРЗЁБИИ ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАИ ХАТЛОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола хусусиятҳои рушди иқтисодии вилояти Хатлон ҳамчун минтақаи калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудааст. Мушкилотҳои мавҷуда муайян гардида, роҳҳои ташкили дурнамои он пешниҳод карда шудааст. Таҳлили илмии муаллифони мақола дар асоси маълумотҳои оморӣ дар шакли ҷадвалу гистаграммаҳо асоснок шудаанд.

Калидвожаҳо: иқтисодиёти минтақавӣ, микроэкономика, корхона, саноат, кишоварзӣ, сармоягузорӣ, соҳибкорӣ, тиҷорат, воридот, содирот.

ОЦЕНКА ТЕНДЕНЦИИ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ХАТЛОНСКОГО РЕГИОНА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье проанализированы особенности экономического развития Хатлонской области как самого большого региона в Республике Таджикистан. Выявлены существующие трудности и предложены пути организации экономической стратегии. Научный анализ проведен в статье на основе статистических данных и обоснован в виде таблиц и гистаграмм.

Ключевые слова: региональная экономика, микроэкономика, предприятия, промышленность, сельское хозяйство, инвестиции, предпринимательство, торговля, импорт, экспорт.

ASSESSMENT OF THE TRENDS OF ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE KHATLON REGION IN MODERN CONDITIONS

The article analyzes the features of the economic development of the Khatlon region as the largest region in the Republic of Tajikistan. Revealed the difficulties and the ways of organizing economic strategy. Scientific analysis of the author in the article are made on the basis of statistical data and substantiated in the form of tables and diagrams.

Key words: regional economics, microeconomics, enterprise, industry, agriculture, investment, entrepreneurship, trade, import, export.

Сведения об авторах: ***Сафаров Аъзам Ахмадхонович*** **-** Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, соискатель кафедры финансов и кредита. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон**: 985-90-59-90.** E-mail**: cafarov.azam@list.ru**
Одинаев Иззатулло Файзуллоевич**-** Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, **докторант PhD** кафедры финансов и кредита. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16

Information about the authors: ***Safarov AzamAkhmadkhonovich*** - Kulyab State University named after Abuabdulaha Rudaki, applicant for the Department of Finance and Credit. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova street 16. Phone: **985-90-59-90**. E-mail: **cafarov.azam@list.ru**
Odinaev Izzatullo Fayzulloevich - Kulob State University named after Abuabdulaha Rudaki, PhD student, Department of Finance and Credit. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova street 16

УДК 31: 37(575.3)

САҲМИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шарофова Ч.Р.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф, аз ҷумла таҳсилоти томактабӣ самти афзалиятноки сиёсати давлат маҳсуб мешавад. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳсилоти томактабӣ, ки барои сармояи инсонӣ заминаи асосӣ мебошад, бояд ба инкишофи барвақтии кӯдакон мусоидат намуда, барои қишри васеи аҳолӣ дастрас бошад, на танҳо дониш диҳад, балки салоҳият,

малакаҳоро ташаккул диҳад ва ташаккулёбии шакли тафаккури инноватсионӣ ва тарбияи ватандӯстиро таъмин намояд [9]. Дар шароити ташаккулу инкишофи иқтисоди бозоргонӣ ҳиссаи бахши хусусӣ дар соҳаи маориф мунтазам меафзояд. Ҳамзамон, иштироки субъектони бахши хусусӣ дар соҳаи маориф лар таносуб бо соҳаҳои дигари иқтисод як қатор хусусиятҳо дорад. Чунончи танзими муносибатҳои бозоргонӣ дар ин соҳа бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаи таҳсилот, нақши баланди давлат дар танзими муносибатҳои таҳсилотӣ, фаъолияти васеи муассисаҳои таҳсилотии давлатӣ чун субъекти асосӣ, таҳсилот чун самти афзалиятноки сиёсати давлат, тарбияи насли наврас бо дарназардошти манфиатҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Ба хусусиятҳои инкишофи муносибатҳои хусусӣ дар соҳаи таҳсилот як қатор муаллифон таваҷҷуҳ доранд [7,с.38-42].

Дар Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 тасдиқ шудааст, таҳсилоти томактабӣ ба низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ дохил карда мешавад [10] бесабаб нест. Ба таври дахлдор танзим ва идора нагаштани таҳсилоти томактабӣ барои донишомӯзии мактаббачагони синфҳои ибтидоӣ мушикилоҳоро ба миён меорад. Синни томактабӣ давраи муҳимми ташаккули шахсияти кӯдакон, тарбия ва таҳсили онҳо маҳсуб мешавад. Барои ҳамин, танзим ва идораи таҳсилот ва тарбияи томактабии кӯдакон дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор дорад. Бо мақсади баланд бардоштани масъулияти падару модар ва муассисаҳои таҳсилотӣ дар таълиму тарбияи кӯдакон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул шудааст [5]. Тибқи моддаи 5-и Қонуни мазкур падару модар вазифадоранд, ки барои таълиму тарбияи фарзанд шароити моддӣ ва молиявиро таъмин намоянд. Татбиқи қонуни мазкур барои тарбия ва таълими кӯдакони синнашон томактабӣ аҳамияти иҷтимоӣ ва маънавӣ-фарҳангӣ дошта, ба танзими раванди таҳсилоти томактабӣ ва омода намудани кӯдакон ба ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат менамояд. Рушди таҳсилоти томактабӣ бо ду роҳ таъмин мегардад: 1) саҳми давлат дар ин соҳа, амалӣ гаштани сиёсати давлат дар соҳаи маориф, маблағгузории бучавӣ; 2) афзоиши мунтазами бахши хусусӣ дар соҳаи мазкур.

Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷалбкунӣ ба раванди таълими бахши хусусӣ захираи калидии рушди низоми маориф буда, шаклҳои алтернативии таҳсилоти томактабӣ (аз ҷумла, ғайридавлатӣ) яке аз роҳҳои асосии пешрафти назарраси институтсионалӣ маҳсуб мешавад. Ташаккули низоми устувори ҳавасмандгардонии афзоиши сармоягузориҳо дар ҳамаи зинаҳо ва сатҳи таҳсилот яке аз самтҳои афзун намудани устувории молиявии соҳаи маориф маҳсуб мешавад [9]. Дар буҷаи давлат ҳамасола ба соҳаи таҳсилот маблағҳои зиёд ҷудо карда мешаванд. Ҳиссаи маблағхои буҷаи давлатӣ барои соҳаи маориф меафзояд. Ҳамзамон, дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ дурнамои рушди соҳаи таҳсилоти томактабиро шарикии давлатию хусусӣ ташкил медиҳад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ яке аз роҳҳои ҳалли мушкилот дар соҳаи рушди таҳсилоти томактабӣ шарикии давлат ва бахши хусусӣ маҳсуб мешавад. Бахши хусусӣ дар низоми таҳсилоти томактабии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон - ИМА, Канада, Ирландия ва Шветсария нақши калон доранд. Дар ИМА 60% кӯдакони 4-5 сола маҳз дар бахши хусусӣ бо таҳсилоти томактабӣ фаро гирифта шудаанд. Ин нишондиҳанда дар Ирландия, Канада ва Швейтсария 50%-ро ташкил медиҳад [4,с.25]. Нишондиҳандаи фарогирии кӯдакон бо таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон 45%, дар Украина 49%, дар Россия 58%, дар Ҷумҳурии Беларус 100%-ро ташкил медиҳад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истифода мешавад. Айни замон саҳми бахши хусусӣ дар соҳаи таҳсилот, аз ҷумла дар таҳсилоти томактабӣ, дар ҳолати инкишоф қарор дорад. Яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди тахсилоти томактабӣ ин фарогирии кӯдакон бо ин муассисаҳо мебошад. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоте, ки бо ташаббуси Фонди Кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) гузаронида шудааст, яке аз сабабҳои васеъ паҳнгаштаи фаро нагирифтани кӯдакон аз тарафи боғчаҳои кӯдакона (52%) норасоии муассисаҳои томактабӣ мебошад. Сабабҳои дигарро афзалияти нигоҳ доштани кӯдакон дар хона (27%), инчунин, синни нокифояи кӯдакон (11%) ташкил медиҳанд. Айни замон як қатор омилҳои дигар, монанди нарх, сифат ва масофаи ҷойгиршавии муассисаҳои томактабӣ ҷой доранд [12]. Барои рушди шарикии судманди давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ татбиқи стратегия ва барномаҳои давлатии соҳаи таҳсилот, омодасозии заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии танзими ин соҳа, амалишавии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ, сотмони муассисаҳои таҳсилотӣ ва тарбиявии томактабӣ, фарогирии бештари кӯдакон бо ин муассисахо аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ ҳуҷҷатҳои барномавии зерини давлат татбиқ мешаванд: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи давлатии рушди соҳаи таҳсилоти томактабӣ барои солҳои 2012-2016, Барномаи давлатии

рушди муассисаҳои томактабии хусусии кӯдакона ва муассисаҳои таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020. Дар ҳуҷҷатҳои барномавии давлат дурнамои рушди таҳсилоти томактабӣ ба тариқи зайл муайян карда мешавад:

Ҷадвали 1. Дурнамои фаро гирфтани кӯдакон бо таҳсилоти томактабӣ

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030							
Нишондиҳанда	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2030
Фоизи фарогирии кӯдакон аз синни 3 то 6-сола бо муассисаҳои томактабӣ	12					30	50
Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020							
Фоизи фарогирии кӯдакон аз синни 3 то 6-сола бо муассисаҳои томактабӣ	12	17	19	20	25	30	

Дар Стратегияи миллии рушд ва барномаҳои давлатӣ бо мақсади ноил гардидан ба фарогирии васеи кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ, беҳтар намудани дастрасии кӯдакон ба таҳсилоти томактабии босифат, ташаккули рақобати солим дар ин соҳа таваҷҷуҳи асосӣ ба таъмини шароити мусоидаткунандаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дода мешавад.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо фоиз

№	Нишондиҳандаҳо	2012	2013	2014	2015	2016
1	Фарогирии кӯдакони синни 1-6 сола	6,1	6,2	6,6	7,0	6,8
2	Фарогирии кӯдакони синни 3-6 сола	8,0	7,5	7,9	8,7	8,5

Манбаъ: Таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи оморӣ. Хадамоти омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2017

Тибқи Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 фарогирии аҳолӣ бо барномаҳои таҳсилоти томактабӣ, аз ҷумла омодагии кӯдакон ба мактаб, 10%-ро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи фарогирии кӯдакони синнашон аз 1 то 3-сола дар муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ ба 5,1% ва кӯдакони синнашон аз 1 то 3-сола ба 6,5% баробар аст. Фоизи фарогирии кӯдакон дар шаҳр нисбат ба деҳот якчанд маротиба зиёд аст. Дар мамлакат шаклҳои нави таҳсилот ва тарбияи томактабӣ - мактаб-кӯдакистонҳо, марказҳои рушди кӯдакон, боғчаҳои бачагонаи хусусӣ (16 адад) ташаккулу инкишоф меёбанд. Шумораи умумии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ 62451 нафар, аз ҷумла шумораи духтарон 27514 нафарро ташкил медиҳад.

Дар Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014 (№295) тасдиқ шудааст, ташкили 1037 муассисаи хусусии томактабӣ то соли 2020 дар назар дошта мешавад [2]. Тибқи Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020 ҳар сол ба ҳисоби миёна 166 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ бояд бунёд карда шавад ва дар маҷмӯъ то соли 2020 ташкили 1037 муассисаи хусусии таълимӣ аз ҷумла, дар вилояти Хатлон 366 адад, дар вилояти Суғд 280 адад, дар ноҳияҳои тобеи марказ 252 адад, дар ВМК Бадахшон 94 адад ва дар шаҳри Душанбе 45 адад ба нақша гирифта шудааст.

Дар Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 мушкилоти зерини соҳаи тахсилот ва тарбияи томактабӣ зикр мешаванд:

- сатҳи пасти фарогирии кӯдакон бо таҳсилот ва тарбияи томактабӣ:
- қариб 90%-и кӯдакон бе гирифтани омодагӣ ба мактаб мераванд:
- нокифоягии маблағгузории буҷавӣ;
- истифодаи нокифояи захираҳои таҳсилоти томактабӣ аз тарафи кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ва деҳот;
- ба талабот ҷавоб надодани барнома ва технологияхо дар ҷараёни таълиму тарбия;
- норасоии кадрҳои педагогии баландихтисос (28,1% маълумоти олӣ, 14,8% маълумоти умумӣ доранд);
- норасоии кадрҳои педагогии дорои маълумоти махсус (методистҳо, равоншиносон, кормандони тиб ва диг.);
- нокифоя будани музди меҳнат;
- куҳна будани воситаҳои аёнӣ ва тарбиявӣ (бозичаҳои бачагона, фонди китобхона, асбобҳои варзишӣ ва дигар);
- таъмирталаб будани боғчаҳои кӯдакона, сатҳи нокифояи таъминоти об дар деҳот, вазъи мураккаби санитарии муассисаҳои томактабӣ.

З.И. Норова ва К.С. Шалагинова зимни таҳқиқоти фаъолияти 18 адад марказҳои рушди кӯдакон ба ҷой доштани ҳамин гуна мушкилот, аз он ҷумла дар бахши таъминоти моддӣ ва молиявӣ ишора мекунанд [8].

Дар Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ барои солҳои 2014-2020 самтҳои зерин амалӣ шудани дастгирии давлатии бахши хусусӣ пешбинӣ шудааст:

- такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ;
- фароҳам овардани шароити имтиёзноке, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим мешуморад;
- ҷудо кардани қитъаҳои замин ва амвол бо шарту тартиби содакардашуда;
- тибқи қонунгузорӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои шарикии амалии байни бахшҳои давлатию хусусӣ ва таъмини муколамаи баробарҳуқуқии онҳо бо роҳи таъсис додани шӯроҳои машваратӣ оид ба рушди муассисаҳои таълимии хусусӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;
- тибқи қонунгузорӣ фароҳам овардани шароити мусоид баҳри рушди фарҳанги андозсупорӣ, таблиғи ғояҳои соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони пешсафе, ки дар самти маориф фаъолият менамоянд.

Дар Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ҷорӣ намудани таҳсилоти пешазмактабӣ барои кӯдакони синнашон 5-6-сола пешбинӣ мешавад. Тибқи ҳуҷҷати мазкур давлат барои рушди бахши хусусӣ дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ шароит фароҳам меорад. Пешбинӣ мешавад, ки фарогирии кӯддакон бо таҳсилоти томактабӣ дар солҳои наздик қариб 30%, кӯдакони синнашон 5-сола 50%-ро бояд ташкил диҳад. Бо мақсади ҳалли ин вазифаҳо рушди кӯдакистонҳои хусусӣ, марказҳои рушди кӯдак, ташкили кӯдакистонҳои дар ду баст коркунанда ба назар гирифта мешавад.

Дар Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои зерини рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи таҳсилот, аз ҷумла таҳсилоти томактабӣ, пешбинӣ мешаванд: таъминоти молиявии давлатӣ дар ҳамаи шаклҳои таҳсилот; таъминоти молиявии соҳаи таҳсилот дар заминаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ; ҳавасмандгардонии корхонаҳое, ки ба муассисаҳои таҳсилотӣ кумак мекунанд; ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ, ки дар соҳаи таҳсилот фаъолият дорад. Бо дарназардошти аҳамияти муҳимми таҳсилоти томактабӣ ва самаранокии маблағгузории ин соҳа ҷорӣ намудани навъҳои нави ташкилӣ-молиявӣ дар ин соҳа пешбинӣ мешавад.

Айни ҳол дар мамлакат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлатию хусусӣ» татбиқ мешавад [6]. Шӯрои шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъсис шудааст, ки мақоми машваратии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013, №289 Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» таъсис ёфтааст. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2013, №250 Кумитаи давлатӣ оид ба сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Мақоми давлатии ваколатдор оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ муайян карда шудааст.

Қонуни дар боло зикршуда ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии шарикии давлат ва бахши хусусиро муайян намуда, баҳри ҳимояи манфиатҳои давлат ва бахши хусусӣ татбиқ карда мешавад. Дар мамлакат номгӯйи объектҳои инфрасохторӣ ва хизмати иҷтимоӣ, ки нисбат ба онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлатию хусусӣ» паҳн намешавад, тасдиқ шудааст.

Дар ҳошияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлатию хусусӣ» сохторҳои дахлдор таъсис ёфтанд, лоиҳаҳои намунавии соҳа тарҳрезӣ шуданд. Дарки амиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ аз ҷониби тарафҳои манфиатдор таъмин гардид, аз ҷониби Шӯрои шарикии давлат ва бахши хусусӣ як қатор қарорҳои дахлдор дар бахши тақвияти сохтор ва лоиҳаҳо қабул шуданд. Зарурати таъсиси сохтори ибтидоии шарикии давлат ва бахши хуусӣ ва татбиқи лоиҳаҳо дар доираи сохтори мазкур собит гардид. Аз лаҳзаи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлатию хусусӣ» то давраи имрӯза Маркази шарикии давлат ва бахши хусусӣ якчанд ҷаласаҳои Шӯрои шарикии давлат ва бахши хусусиро доир намуд. Дар онҳо масъалаҳои гуногуни ташкилӣ ва якчанд лоиҳаи имконпазир баррасӣ гаштанд. Дастурҳои методӣ оид ба тарҳрезӣ ва татбиқи лоиҳаҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, асосноккунии иқтисодӣ-техникии онҳо, таъсис, таркиб ва фаъолияти Комиссияи баҳодиҳии таклифҳои тендерии лоиҳаҳои ҳамкорӣ омода карда шуданд.Бо мақсади дастрасии аҳли ҷомеа вебсайти Маркази шарикии давлат ва бахши хусусӣ (МШДХ) дар шакли домени алоҳидаи (www.ppp.tj) тарҳрезӣ гардид. Дар вебсайт иттилоот оид ба сохти таркибии МШДХ ва фаъолияти лоиҳакашӣ барои тарафҳои манфиатдор ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷойгир гардид. Як қатор васоити таълимӣ ва видеотасвирҳои таълимӣ оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ омода гардида, ба забони русӣ тарҷума карда шуданд. Ҳамчунин, семинарҳо, тренингҳо ва вохӯриҳо оид ба ҳавасмандгардонии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, баланд бардоштани иқтидори МШДХ дар мамлакат доир гардиданд.

Ҳамзамон, сарфи назар аз татбиқи чораҳои дахлдор ва кори анҷомёта, дар давраи кунунӣ як қатор мушкилот дар бахши шарикии давлат ва бахши хусусӣ боқӣ мондаанд. Ин мушкилиҳо бо татбиқ нагардидани шумораи муайяни лоиҳаҳо вобастаанд.

Лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи худидоракунии маҳаллӣ аҳамияти махсус доранд. Шаҳру ноҳияҳо лоиҳаҳои зиёди таъйиноти иҷтимоӣ, аз ҷумла сохтмон, азнавсозӣ ва истифодаи объектҳои таҳсилоти томактабиро амалӣ мекунанд. Айни замон мушкилоти асосӣ, ки бо он мақомоти маҳаллӣ дучор мешаванд, бо маҳдудияти захираҳои молиявӣ робита дорад. Ҷалби сармояи хусусӣ ба таъминоти молиявии лоиҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар сатҳи худидоракунии маҳаллӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ истифода мешавад. Тарҳрезии лоиҳаҳои намунавии муассисаҳои томактабӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва пешниҳоди онҳо ба бахши хусусӣ бо мақсади ҷалби сармояи хусусӣ, ширкати фаъоли онҳо дар ин лоиҳаҳо, тақсими боадолатонаи масъулият, истифодаи шаклҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои ҷалби бахши хусусӣ бо дарназардошти хусусиятҳои маҳал мусоидат менамоянд. Ин барои рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Иттилооти бештар оид ба фаъолияти МШДХ, лоиҳаҳои тасдиқшуда ва татбиқшаванда, лоиҳаҳои афзалиятноки тарҳшаванда, кафолатҳои пешкашшаванда, тендерҳо барои ҳавасманд гардонидани сармоягузорони хусусӣ мусоидат мекунад. Нақши калидиро дар рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ захираҳои кадрӣ мебозанд. Аз ин нуқтаи назар, омода намудани кадрҳои баландихтисос, ки қобилияти тарҳрезӣ ва амалисозии лоиҳаҳои имконпазир, ҷалби сармояи бахши хусусиро доранд, аҳамияти муҳим дорад. Тибқи иттилои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 577 муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ бо фарогирии 88 ҳазору 351 нафар кӯдакон фаъолият доштанд. Шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар муқоиса бо соли 2014 ба андозаи 31 адад ва шумораи кӯдаконе, ки бо ин муассисаҳо фаро гирифта мешаванд, 2 ҳазору 574 нафар зиёд шудааст. Соли 2016 шумораи муассисаҳои тахсилотии томактабӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 21 адад, бо фарогирии 1613 кӯдакон, дар вилояти Хатлон 127 адад, бо фарогирии 14 917 кӯдакон, дар вилояти Суғд 237 адад, бо фарогирии 37 876 кӯдакон, дар ноҳияҳои тобеи марказ 70 адад, бо фарогирии 7 640 кӯдакон, ш. Душанбе 122 адад, бо фарогирии 26 305 кӯдаконро ташкил дода буд. Агар соли 2011 338 маркази рушди кӯдак бо фарогирии 6 995 кӯдакон фаъолият дошта бошад, пас, соли 2015 ин адад ба 1619 бо фарогирии 35 255 кӯдакон расидааст. Соли 2015 шумораи муассисаҳои томактабии хусусӣ дар вилояти Суғд 5 адад, ноҳияҳои тобеи марказ 4 адад, ш. Душанбе 6 ададро ташкил медод. Соли 2016 дар Тоҷикистон 61 муассисаи томактабии хусусӣ, аз ҷумла дар вилояти Хатлон – 4 адад, вилояти Суғд – 27 адад, ноҳияҳои тобеи марказ – 8 адад, ш. Душанбе – 22 адад, фаъолият доштанд [3].

Тибқи иттилои Раёсати иттилоот ва робитаҳои хориҷии идораи Раиси ш. Душанбе моҳи октябри соли 2019 Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ барои давраи то соли 2025 тарҳрезӣ гардида, ба Маҷлиси вакилони халқи ш. Душанбе пешниҳод шудааст. Барнома дар заминаи маблағгузории муштараки давлатӣ ва бахши хусусӣ амалӣ карда мешавад. Моҳи июни соли 2019 дар ш. Душанбе 135 муаасисаи томактабӣ фаъолият дорад, ки 28 ҳазор кӯдакон фаро мегирад. Дар Барнома сохтмони беш аз ҳазор адад мактаб дар ш. Душанбе дар давоми се сол ба нақша гирифта шудааст [1].

Ш. Қодиров як қатор бартариятҳои муассисаҳои хусусии томактабиро дар муқоиса бо муассисаҳои томактабии давлатӣ чунин арзёбӣ мекунад: дар муассисаҳои хусусӣ навбат барои қабул кардани кӯдакон вуҷуд надорад, волидайни дорои имконияти молиявӣ ва пардохтпазирӣ метавонанд из ин муассисаҳо истифода баранд; ҳаҷми гурӯҳҳо хурд аст ва мураббияҳо имкон доранд, ба ҳар як кӯдак дар алоҳидагӣ аҳамият диҳанд; озодона басти воҳидҳои корӣ ташкил намуда, кормандони тиб, равоншинос ва дигар мутахассисонро ҷалб менамоянд; метавонанд озодона аз барномаҳои гуногуни инноватсионӣ истифода намоянд; имкони ҷалби омӯзгорону мураббияҳои навоварро доранд, мавҷуд будани масъулиятшиносӣ, назорати қатъӣ ва муҳофизон; сода будани механизми маблағгузории онҳо; буҷети муассисаро харҷномаи даромад ва хароҷот, ки онро муассис тасдиқ мекунад, ташкил медиҳад; номаҳдуд будани сарчашмаи асосии даромад. Ҳамзамон, мавсуф ба камбудиҳои зерини муассисаҳои томактабии хусусӣ низ ишора мекунад: арзиши баланди таълим; бинобар ҷой надоштани механизми паст кардани арзиш кам гаштани ҷалби бештари кӯдакон; афзоиши хароҷоти таҳсил [4,с.27].

Ҳамин тавр, шарикии давлат ва бахши хусусӣ барои рушди соҳаи таҳсилоти томактабӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Тақвияти шарикии давлатию хусусӣ саҳми бахши хусусиро дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ афзун мегардонад. Маълумоти дар мақола зикршуда собит менамояд, ки саҳми бахши хусусӣ дар соҳаи таҳсилот ва тарбияи томактабӣ мунтазам боло меравад. Шарикии давлатию хусусӣ дар стратегия ва барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти муҳимми рушди таҳсилоти

томактабӣ арзёбӣ мегардад. Дурнамои рушди ин соҳа маҳз аз шарикии давлатию хусусӣ ва саҳми намоёни бахши хусусӣ вобастагӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Иттилои Раёсати иттилоот ва робитаҳои хориҷии идораи Раиси шаҳри Душанбе // Агентии иттилоотии «Ховар». [Манбаи электронӣ]: https://tj.sputniknews.ru (санаи мурочиат 30.11.2019).
2. Барномаи давлатии рушди муассисаҳои таълимии хусусӣ томактабӣ ва миёнаи умумӣ барои солҳои 2014-2020. [Манбаи электронӣ]: www.edu-maorif.tj (санаи мурочиат 27.11.2019)
3. Вохӯрии Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хабарнигорон. 11 январи соли 2018. [Манбаи электронӣ]: http://sogdiana.tj/main/2760 (санаи мурочиат 30.11.2019).
4. Қодиров Ш. Сектори хусусии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилоти рушд ва сармоягузорӣ / Ш. Қодиров // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 1. 2017. – С. 25.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тjикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2 августи соли 2011. [Манбаи электронӣ]: www.mmk.tj
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлатию хусусӣ» аз 28 деаббри соли 2012. [Мабаи электронӣ]: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=118598&conttype=2 (санаи мурочиат 29.11.2019)
7. Кухтинова Л.Г. Функционирование частного сектора сферы социальных услуг / Л.Г. Кухтинова // Российское предпринимательство. - 2007. -№5-2 (91). -С.38-42.
8. Норова З.И. Анализ исследования пилотажного исследования по оценке деятельности Центров развития ребёнка Республики Таджикистан / З.И. Норова, К.С. Шалагинова. [Электронный ресурс]: http://www.rusnauka.com/pdf/244953.pdf (дата обращение 30.11.2019).
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Манбаи электронӣ]: http://www.gki.tj/nsr2030_ru.pdf (санаи мурочиат 2.12.2019).
10. Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. [Манбаи электронӣ]: https://www.ilo.org/dyn/youthpol/en/equest.fileutils.dochandle?p_uploaded_file_id=511 (санаи мурочиат 30.11.2019).
11. Таҳсил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯи оморӣ. Хадамоти омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2017.
12. Ташаббуси ҷаҳонӣ: «Кудаконе, ки берун аз мактаб мондаанд». Тоҷикистон. ЮНИСЕФ. –Душанбе, 2013.

САҲМИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола нақш ва аҳамияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди таҳсилоти томактабӣ, аҳамияти таҳсилоти томактабӣ, суръати инкишофи муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ, нишондиҳандаҳои фарогирии кӯдакон бо муассисаҳои томактабӣ, нақши воқеии бахши хусусӣ дар инкишофи таҳсилоти томактабӣ бо истифода аз маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватании шарикии давлат ва бахши хусусӣ таҳқиқ карда мешавад. Мубрамияти мавзӯи мақолаи илмӣ бо он муайян карда мешавад, ки дар шароити инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ саҳми бахши хусусӣ дар рушди таҳсилоти томактабӣ бояд афзояд. Таҳсилоти томактабӣ дар таълиму тарбияи кӯдакон, омода намудани онҳо ба мактаб, инкишофи ҳаматарафаи кӯдакон, фарогирии онҳо бо донишҳои заминавӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Айни замон дар шароити инкишофи иқтисоди бозоргонӣ бахши хусусӣ якҷоя бо давлат дар рушди соҳаи таҳсилоти томактабӣ бояд фаъолона ва самаранок иштирок намояд. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ роҳи имконпазир ва самараноки рушди таҳсилот ва тарбияи томактабӣ маҳсуб мешавад.

Калидвожаҳо: маориф, таҳсилот, таҳсилоти томактабӣ, муассисаҳои таҳсилотии томактабӣ, бахши хусусӣ, шарикии давлат ва бахши хусусӣ, фарогирии кӯдакон бо муассисаҳои томактабӣ, стратегия, барномаи давлатӣ, қонун.

ВКЛАД ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОГО ПАРТНЁРСТВА В РАЗВИТИЕ ДОШКОЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАНА

В статье исследуется роль и значение государственно-частного партнёрства в развитии дошкольного образования, его зачение, уровень развития дошкольных учреждений, показатели охвата детей ими, роль частного сектора в развитии дошкольного образования на основе применения статистических данных, нормативных правовых актов, мировой и отечественной практики государственно-частного партнёрства. Актуальность темы научной статьи обоснована анализом реальной роли частного сектора в указанной сфере. Дошкольное образование имеет первостепенное значение для воспитания и образования детей, их подготовки к школе, всестороннему развитию, становления базовых знаний. Частный сектор наряду с государственным призван активно и эффективно участвовать в развитии дошкольного образования. Государственно-частное партнёрство является приемлемым и эффективным путем развития дошкольного образования и воспитания.

Ключевые слова: образование, образовательный процесс, дошкольное образование, дошкольные образовательные учреждения, частный сектор, государственно-частное партнёрство, охват детей дошкольными учреждениями, стратегия, государственная программа, закон.

CONTRIBUTION STATE-QUOTIENT PARTNERSHIP In DEVELOPMENT of the PRESCHOOL FORMATION In REPUBLIC TADZHIKISTAN

In article is researched role and importance state-quotient partnership in development of the preschool formation, importance of the preschool formation, level of the development of the preschool educational institutions, factors of the incidence детей by preschool institutions, actual role quotient sector in development of the preschool formation on base of the using statistical data, normative legal acts, world and domestic practical persons state-quotient partnership. Urgency of the subject of the scientific article is motivated that that in condition of the development of the market relations contribution quotient of the sector in development of the preschool formation must increase. Preschool formation has paramount importance for unbringing and formation детей, their preparation to school, all-round development child, his(its) incidence by necessary base knowledges. In ditto time in condition of the development of market economies private sector alongside with state is called actively and effectively participate in development of the preschool formation. State-quotient partnership is acceptable and efficient by developments of the preschool formation and education.

Key words: formation, educational process, preschool formation, preschool educational institutions, private sector, state-quotient partnership, incidence детей by preschool institutions, strategy, state program, law.

Сведения об авторе: ***Шарофова Чаманоро Рустамовна*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры менеджмента. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 918-52-87-85.** E-mail: **chamanoro.sotivoldieva.89@mail.ru**

Information about the author: ***Sharofova Chamanoro Rustamovna*** - Tajik State University of Finance and Economics, assistant of the department of management. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **(+992) 918-52-87-85.** E-mail: **chamanoro.sotivoldieva.89@mail.ru**

УДК 36.1/5

РАЗРАБОТКА ИНДИКАТОРОВ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ ДЛЯ РЕШЕНИЯ РЕГИОНАЛЬНЫХ ПРОБЛЕМ (НА ПРИМЕРЕ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ)

Кимсанов У.О., Давлятова М.М.
Технологический университет Таджикистана

Достижение основных целей развития экономики для различных стран различны. Например, для Казахстана - это увеличение доли альтернативных источников энергии, для Узбекистана и Туркменистана рациональное использование водных и природных ресурсов, переход к индустриализации в Таджикистане и Кыргызстане. Эти мероприятия позволят в ближайшие 10-15 лет намного повысить экономический рост в этих странах. Только за счет освоения возобновляемых источников энергии, в первую очередь, гидроэнергетики и повышения ее энергоэффективности и обеспечения увеличивающегося объема энергопотребления может быть гарантировано устойчивое развитие страны, которое будет соответствовать реализации концепции перехода от коричневой к низкоуглеродной зеленой экономике.

Только при тесном взаимодействии стран региона в области развития возобновляемых источников, гидроэнергетика может стать прочной опорой для устойчивого развития и перехода на зеленую экономику. Важнейшими условиям зеленой экономики является развитие безопасных с точки зрения экологии гидроресурсов [1], что предполагает инновационные ресурсоэффективные технологии, рациональное использование водных и природных ресурсов, с целью уменьшения нагрузки на природу. Следует отметить, что при изучении проблемы развития «зеленой» экономики необходимо определить индикаторы с учетом природно-географических и социально-экономических условий региона Центральной Азии, которые необходимы для оценки и прогнозирования развития региона. В результате многочисленных консультаций были выделены следующие основные индикаторы, которые отражены в таблице 1.

Таблица 1.Наиважнейшие индикаторы зеленой экономики в условиях региона (в частности, Таджикистана)

№	Индикаторы	Определение индикаторов
1.	Общие	Территория, тыс.км^2 Население, млн.чел. ВВП на душу населения
2.	Водные ресурсы	Исключение дефицита водных ресурсов на национальном уровне Комплексное использование водных ресурсов для гидроэнергетики и ирригации
3.	Сельское хозяйство	Сельскохозяйственные угодья, % площадь Орошаемые земли (млн.га) Лесная зона (тыс.га)
4.	Электроэнергетика	Потенциал возобновляемой энергетики, ГВт Общая установленная мощность электростанций, МВт Выработка ГЭС, % Доля электроэнергии, произведенной углем, оценивается в%
5.	Энергоэффективность	Снижение энергоемкости ВВП Полезный отпуск электроэнергии, ГВтч Процентные потери при передаче и распределении энергии (%) Выбросы диоксида на душу населения, т/м

Для достоверной оценки основных индикаторов недостаточно выявления одних лишь общих показателей, таких как рост населения, ВВП и т.д., а должны учитываться также (в нашем случае) водные ресурсы, сельское хозяйство, энергоэффективность, ресурсосбережение, сохранение природной среды, удовлетворяющие основным требованиям, которые покрывают

Ҷадвали 1. Ҷамъи андӯхт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон (бо % нибат ба МУД)

Мамлакат ва минтақаҳои ҷаҳон	Солҳо												
	2005	2006	2007	2008	2009	2010	2011	2012	2013	2014	2015	2016	2017
Ҷумҳурии Тоҷикистон	11,6	16,0	24,6	26,5	24,8	23,8	16,6	12,6	24,7	26,1	30,6	31,1	27,2
Мамлакатҳои нави индустриявии Осиё	26,1	26,4	26,1	27,7	23,4	26,2	26,7	26,8	-	-			
Мамлкатҳои тараққикардаистода ва бо иқтисодиёт гузаришбуда	26,8	27,8	29,1	30,1	30,3	31,3	31,6	31,9	-	-	-	-	-
Мамлакатҳои ИДМ	21,2	23,0	26,7	25,2	19,0	21,7	24,9	25,9	-	-	-	-	-
Мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ	20,5	21,7	22,5	23,8	20,1	21,8	22,4	22,9	-	-	-	-	-

Сарчашма: Тоҷикистон: 20-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯи оморӣ. –Душанбе, 2011. -С. 209.; Тоҷикистон: 25-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯи оморӣ. –Душанбе, 2016. -С. 223. Булатов А.С. Воздействие экспорта и импорта капитала на валовое накопление в Российской Федерации / А.С. Булатов // Деньги и кредит. - 2011. -№9. -С.4. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -С.203

Меъёри ҷамъи андӯхт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар марҳилаи аз соли 2007 то соли 2017 ба сатҳи мамлакатҳои ИДМ наздик шудааст. Лекин аз сатҳи мамлакатҳои тараққикардаистода ва бо иқтисодиёти гузаришбуда дар сатҳи пасттар қарор дорад. Вобаста аз мақсадҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, чунин сатҳи меъёри андӯхт барои молиягузории соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ махсусан дар ҳолати фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии фондҳои асосии истеҳсолӣ ва норасогии онҳо дар бахши аслӣ (махсусан дар соҳаи саноат ва хоҷагии қишлоқ) кифоягӣ намекунад.

Бо ибораи дигар барои амалисозии стратегияи воридотивазкунӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои иловагии инвеститсионӣ заруранд. Бояд меъёри андӯхтро дар сатҳи мамлакатҳои тараққикардаистода ва мамлакатҳои бо иқтисодиёти гузаришбуда расонидан лозим аст. Лекин бояд дар назар дошт, ки худ ба худ афзоиши меъёри андӯхт ба сифати омили ҳавасмандгардонии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ баромад кунад. Маълум аст, ки дар сохтори ҷамъи андӯхт, қисми муайянро истеъмоли капитали асосӣ ташкил медиҳад. Бинобар ҳамин таъсири аслии мусбат дар инкишофи ҳама соҳаҳои иқтисодиёт ба инвеститсияҳои соф хос аст.

Маълумоти дар ҷадвали 2 овардашуда нишон медиҳад, ки ҳаҷми инвеститсияҳои соф дар даврaҳои солҳои 2000-2005 бузургии манфиро нишон дода, дар даврaҳои дигар ин

нишондиҳанда мавқеъи худро нисбатан беҳтар намуд. Зиёд будани истеъмоли капитали асосӣ аз андӯхти умумӣ ва бузургии манфии инвеститсияҳои соф дар даврaҳои солҳои 2000-2005 сабаби баҳогузории “рушди иқтисодии бе инвеститсионӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид, ки аз тарафи академик Раҳимов Р.К. баён шуда буд. Дар марҳилаҳои дигар, чи тавре ки аз ҷадвали 2 мушоҳида кардан мумкин аст, бузургии мусбати инвеститсияҳои соф ба назар мерасад, ки сарчашмаи рушди иқтисодӣ баромад мекунанд.

Ҷадвали 2. Тағйирёбии андӯхти умумӣ, истеъмоли капитали асосӣ ва инвеститсияҳои соф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)

Солҳо	Андӯхти умумӣ	Истеъмоли капитали асосӣ	Инвеститсияҳои соф
2000	168,2	192,2	-24
2001	249,2	315,6	-66,4
2002	316,7	524,9	-208,2
2003	475,6	581,3	-105,7
2004	752,6	1104,7	-352,1
2005	839,4	1578,6	-739,2
2006	1490,5	1207,8	282,7
2007	3154,1	1117,1	2037
2008	4693,9	1675	3018,9
2009	5125,1	1573,5	3551,6
2010	5891,6	4590,8	1300,8
2011	8783,6	6136,9	2646,7
2012	8414,2	6549,3	1864,9
2013	10024,7	8828,9	1195,8
2014	11930,5	6583,8	5346,7
2015	13973,9	5880,3	8093,6
2016	16952,1	4216,7	12735,4
2017	16637,4	3090,5	13546,9

Сарчашма: Нишондиҳандаҳои асосии низоми ҳисоби миллӣ 2000-2007. –Душанбе, 2008. -С.19, 22.; Ҳисобҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2015. -С.19,22. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018. -С. 202

Бояд қайд намуд, ки ба бузургии мусбати инвеститсияҳои соф нигоҳ накарда, баъд аз соли 2005 вазни қиёсии он дар ҳаҷми умумии андӯхти умумӣ ҳоло ҳам дар сатҳи паст қарор дошта, дар сохтори андӯхти умумӣ ҳиссаи истеъмоли капитали асосӣ то ҳол дар сатҳи баланд қарор дорад (расми 1).

Расми 1. Вазни қиёсии истеъмоли капитали асосӣ дар сохтори андӯхти умумӣ

Вазни қиёсии муайян кардашудаи истеъмоли капитали асосӣ дар сохтори андӯхти уммӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳодисаеро нишон медиҳад, ки дар он ҳаҷми инвеститсияҳои соф қобилияти пурра намудани қисми капитали истеҳсолии беруншударо надорад. Дар баробари ин, чунин вазни қиёсии баланди нишондиҳандаи таҳлилшаванда ба ғайр аз солҳои 2007, 2008 ва 2009 хӯрдашавии ҷисмонӣ ва маънавии фондҳои асосии истеҳсолиро дар назар дорад. Пӯшида нест, ки ҳаҷми инвеститсияҳои соф аз ҳолати даромади ихтиёрӣ вобастагӣ дорад, ки табиатан ҳамчун сарчашмаи таъсисёбии фонди истеъмолот ва андӯхт баромад мекунад. Аз ҳисоби фонди истеъмолот хароҷот барои истеъмолоти ниҳоӣ рӯйпӯш карда шуда, фонди андӯхт барои нигоҳдории захираҳо барои тараққиёти дарозмуддати иқтисодиёти миллӣ равона карда мешаванд. Дар низоми ҳисобгирии миллӣ, фонди андӯхт дар шакли пасандозҳои умумии миллӣ ифода меёбанд, ки ҳамчун фарқияти даромади умумии миллии ихтиёрӣ ва ҷамъи истеъмолоти ниҳоӣ муайян карда мешавад.

Муттасилии таъмини такрористеҳсоли васеъ амалисозии сиёсати иқтисодиро дар назар дорад, ки дар он таносубҳои байни истеъмолот ва андӯхт таъмин карда шуда, ба афзоиши ҳам истеъмолот ва ҳам андӯхт мусоидат намояд. Аз рӯйи ақидаи мутахассисони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "ҳалли ин ду масъалаи ба ҳам алоқаманд танҳо дар ҳолати таъмини баланд намудани самаранокии ҳам фонди истеъмолот ва ҳам фонди андӯхт имконпазир аст" [2,с.55].

Дар ҳақиқат аз тағйирёбӣ ва таносуби пасандозҳои умумӣ (пасандозҳои умумии дохилӣ ва пасандозҳои умумии миллӣ) ҳаҷми инвеститсияҳои соф ба иқтисодиёт вобастагӣ доранд. Дар ҷадвали 3 ҳисоби пасандозҳои умумии дохилӣ ва пасандозҳои умумии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

Ҷадвали 3. Тағйирёбии пасандозҳои умумии дохилб ва миллӣ (бо нархҳои муқоисавӣ, млн. сомонӣ)

Нишондиҳандаҳо	2012	2013	2014	2015	2016	2017
МУД	36163,1	40525,5	45606,6	48408,7	54479,1	61197,6
ДУМИ	45552,2	57046	60484,4	61371,7	63988,1	70609,2
Истеъмолоти ниҳоӣ	41047,7	46141,6	51376,3	47176,7	50619,9	56444,4
Пасандоҳои умумии дохилӣ	-4884,6	-5616,1	-5769,7	1232	3859,2	4753,2
Пасандозҳои умумии миллӣ	4504,5	10904,4	9108,1	14195	13368,2	14164,8

Сарчашма: Ҳисобҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018. -С. 21-22

Маълумоти ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки байни пасандозҳои миллӣ ва пасандозҳои умумии дохилӣ фарқияти калон вуҷуд дорад. Чунин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сохтори пасандозҳои миллӣ вазни қиёсии калонро фарқи байни даромадҳои аввалия ва трансфертҳои ҷории аз дигар мамлкатҳо ба даст оварда шаванда ташкил мекунанд. Дар баробари ин, аз рӯйи маълумоти ҷадвал маълум мегардад, ки дар се соли охир пасандозҳои дохилӣ умуман мавҷуд нестанд.

Ба фарқияти калони байни пасандозҳои умумии миллӣ ва пасандозҳои умумии дохилӣ нигоҳ накарда, таъсири аслии онҳо ба иқтисодиёти Тоҷикистон ниҳоят дар сатҳи паст қарор дорад. Мувофиқи асосҳои назариявӣ, таъсири мусбати пасандозҳо ба инкишофи такрористеҳсоли васеъ метавонад дар ҳолате таъмин гардад, ки агар пасандозҳо ба инвеститсияҳо мубаддал гарданд. Аз айнияти асосии макроиқтисодӣ маълум аст, ки ҷамъи пасандозҳои миллӣ ва пасандозҳои бахши хориҷӣ ба ҳаҷми инвеститсияҳои умумӣ баробаранд (S=I). Лекин аз сабаби амал мавҷуд будани як қатор сабабҳо, дар асл чунин баробарӣ қариб ки ба назар намерасад. Ҳатто ба андешаи Ҷ.М. Кейнс "механизми автоматии мубаддал намудани ҳама пасандозҳо ба инвеститсияҳо вуҷуд надорад. Агар пасандозҳо ба инвеститсияҳо мубаддал нашаванд ва дар баробари афзоиши даромадҳо ҳиссаи пасандозҳо низ зиёд шаванд, дар ин ҳолат қисми зиёди чунин даромад аз чорчӯбаи талаботи самаранок берун мешавад" [3]. Айнан дар ҳамин ҳолат Ҷ.М. Кейнс муаммои асосии иқтиодиёти муосирро ва сабаби ба миён омадани машғул набудани захираҳоро мушоҳида мекунад.

Чунин ҳолати баёнгашта дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар мерасад, ки дар он мубаддал нагаштани пасандозҳо ба инвеститсияҳо сабаби норасогии капитали истеҳсолӣ, ҳолати шахшавии корхонаҳои истеҳсолӣ ва сатҳи пасти шуғли аҳолӣ баромад мекунад. Аз назарияи макроиқтисодӣ маълум аст, ки пасандозҳои умумии миллӣ аз рӯи сохтори худ аз пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода, фирмаҳо ва давлат иборат аст. Пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода ин даромади ихтиёрии онҳо баъд аз тарҳи хароҷоти истеъмолӣ буда, пасандозҳои фирмаҳо ба воситаи ҷамъ намудани ҳиссаҷудокуниҳои амортизатсионӣ ва фоидаи тақсимнашудаи онҳо муайян карда мешавад, пасандозҳои давлат бошад, ин фарқи байни даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ аст [4,с.44-45]. Дар асоси маълумоти омории аслӣ дар ҷадвали 4 ҳисоби вазни қиёсии ҳар як унсури таркибии пасандозҳои умумии миллӣ оварда шудааст.

Ҷадвали 4. Таносуби пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода, фирмаҳо ва давлат дар пасандозҳои умумии миллӣ (бо ифодаи %)

Нишондиҳандаҳо	Солҳо										
	2007	2008	2009	2010	2011	2012	2013	2014	2015	2016	2017
Пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода	25,3	13,7	15,3	16,9	6,1	5,8	7,3	7,2	7,4	7,4	7,4
Пасандозҳои фирмаҳо	60,1	69,4	72,5	77,8	88,5	86,7	86,0	86,1	90,4	91,5	85,2
Пасандозҳои бахши давлатӣ	14,6	16,9	12,2	5,3	5,4	7,5	6,7	6,7	2,2	1,4	7,4

Сарчашма: Ҳисобҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2015. -С. 21-22.; 2019. -С.112,425

Аз маълумоти ҷадвали 4 маълум мегардад, ки дар сохтори пасандозҳои умумии миллӣ ҳиссаи калонро пасандозҳои фирмаҳо ташкил карда, пастшавии вазни қиёсии пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода ва пасандозҳои давлатӣ ба назар мерасад. Вазни қиёсии баланди пасандозҳои фирмаҳо дар сохтори пасандозҳои умумии миллӣ бо он асос меёбад, ки ҳаҷми истеъмоли капитали асосӣ (амортизатсия) дар низоми ҳисобгирии миллӣ бузургии ниҳоят калонро ташкил мекунад. Аз як тараф, ин ҳодиса бо хӯрдашавии ҷисмонӣ ва маънавии фондҳои асосии истеҳсолӣ алоқаманд буда, аз тарафи дигар, онҳо сарчашмаи иловагӣ барои инвеститсиякунӣ баромад мекунад. Маълум аст, ки ҳиссаҷудокуниҳои амортизатсионии субъектони хоҷагидорӣ ба сифати яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории инвеститсияҳо баромад мекунад, зеро онҳо 85% ҳама ғункуниҳоро дар иқтисодиёти миллӣ дар соли 2017 ташкил намудаанд. Ҳамаи ин оид ба нақши калидии истифодабарии фонди амортизатсионӣ дар маблағгузории ҷараёни такрорстеҳсол шаҳодат медиҳад. Лекин шароитҳои аслии истифодабарии фонди амортизатсионӣ барои маблағгузории такрористеҳсоли васеъ дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби иҷро накардани вазифаи такрористеҳсолии истеъмоли капитали асосӣ бо мушкилиҳои зиёд дучор шуда, ҳатто ҷараёни такрористеҳсоли одиро таъмин карда натавониста истодааст.

Сабаби асосии ин ҳолат, пеш аз ҳама, бо риоя накардани ҳама принсипҳои такрористеҳсоли ҷамъиятӣ ва вайроншавии сохтори он ба сӯйи ғайрииндустрияшавӣ алоқаманд мебошад. Фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ дар ҳама мамлакатҳои ҷамъияти ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҷараёни муътадили такрористеҳсол гузаронидани арзиши капитали асосиро мувофиқи хӯрдашавии он ба арзиши маҳсулот дар назар дорад, ки айнан бо ҳамин принсип фонди амортизатсионӣ таъсис меёбад. Воситаҳои ин фонд на танҳо барои иваз намудани капитали асосии аз кормонда, балки барои ҷорӣ намудани техника ва технологияи нав истифода мешавад, ки бе шубҳа ба сифати омили ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ баромад мекунад. Чунин таъсирот аз сабаби амал намудани гирдгардиши капитали асосӣ имконпазир аст, ки дар ҷараёни он субъектони хоҷагидорӣ ба уҳдадории худ воситаҳои иловагиро ба даст меоранд. Ҳамин тавр, истеъмоли капитали асосӣ ҳамчун унсури таркибии андӯхти умумӣ дар шакли таъсисёбии фондҳои амортизатсионӣ ба сифати сарчашмаи зарурии таъмини такрористеҳсоли васеъ хизмат мекунад.

Дигар сарчашмаи асосии маблағгузории инвеститсияҳо ҳамчун пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода баромад мекунад, ки тамоюли тағйирёбии он низ дар ҷадвали 4 инъикос ёфтааст. Мувофиқи маълумоти ҷадвали 4 маълум мегардад, ки аз соли 2007 то соли 2017 вазни қиёсии ин сарчашмаи малаггузории инвеститсияҳо тамоюли пастравиро дорад. Чунин ҳолат бо сатҳи пасти даромади аксарияти аҳолӣ тавсиф карда мешавад, ки ба мубаддалшавии пасандозҳои аҳолиро ба инвеститсияҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон имконнопазир кардааст. Бояд қайд намуд, ки пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз ҳисоби интиқоли маблағҳо аз тарафи муҳоҷирони меҳнатӣ таъсис меёбанд. Маълум аст, ки пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода ин даромади ихтиёрии онҳо ва тарҳи хароҷот барои истеъмоли шахсӣ мебошад, яъне ҳар қадаре, ки даромади хоҷагиҳои хонавода зиёд бошад, ҳамон қадар имкониятҳои мубаддалшавии пасандозҳо ба инвеститсияҳо ба воситаи низоми бонкӣ афзоиш меёбад. Айнан барои ҳамин пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода одатан ҳамчун сарчашмаи таъсисёбии захираҳои инвеститсионӣ баромад мекунад. Чунин хулосаро ба воситаи чунин ҳолат маънидод кардан мумкин аст, ки мувофиқи он пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода ба воситаи бозори молиявӣ ба захираҳои инвеститсионии аслӣ мубаддал мешаванд. Инчунин, бояд қайд намуд, ки пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода ба инвеститсияҳо мубаддалшуда ба иқтисодиёт ба таври мултипликативӣ таъсир мерасонад. Дар ҷадвали 5 мо коэффитсиентҳои майли миёна ба истеъмолот, майли миёна ба пасандозкунӣ, майли интиҳоӣ ба истеъмолот, майли интиҳоӣ ба пасандозкунӣ ва мултипликатори хароҷоти автономиро, аз он ҷумла инвеститсияҳои автономиро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб намудем. Маълумоти ҷадвали 5 тағйирёбии якхела, яъне нишондиҳандаҳои майли миёна ба истеъмолот ва пасандозро нишон медиҳад, ки аз доимӣ будани характери хароҷоти хоҷагиҳои хонавода шаҳодат медиҳад. Коэффитсиентҳои рафтории майли интиҳоӣ ба истеъмолот ва пасандозкунӣ нисбат ба нишондиҳандаҳои мазкур тағйирёбии гуногунро нишон медиҳад, ки дар бузургии мултипликатори хароҷоти автономӣ инъикос мегардад.

Тағйирёбии коэффитсиенти мултипликатори хароҷоти автономӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он маънидод карда мешавад, ки бузургии он ба тағйириёбии майли интиҳоӣ ба истеъмолот ҳиссиёти калон дорад.

Нишондодҳои баланди коэффитсиенти мултипликатори хароҷоти автономӣ дар иқтисодиёти мо аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар як воҳиди захираҳои инвеститсионии афзоишёфта ба афзоиши зиёдтари даромадҳо мусоидат менамояд. Амали самараи

Ҷадвали 5. Нишондиҳандаҳои майли миёна ва интиҳоӣ ба истеъмолот ва пасандоз ва мултипликатори хароҷот (инвеститсияҳо)-и автономӣ

Нишондиҳандаҳо	Солҳо						
	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018
Майли миёна ба истеъмолот	0,98	0,98	0,96	0,93	0,99	0,97	0,96
Майли миёна ба пасандозкунӣ	0,02	0,02	0,04	0,07	0,01	0,03	0,04
Майли интиҳоӣ ба истеъмолот	-	0,98	0,80	0,89	0,87	0,83	0,87
Майли интиҳоӣ ба пасандозкунӣ	-	0,02	0,20	0,11	0,13	0,17	0,13
Коэффитсиенти мултипликатори хароҷоти автономӣ	-	50	5	9	7,7	5,9	7,7

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -С. 113-115

мултипликатор аз рӯи принсипи спирал ба миён омада, дар ҳар як давра афзоиши даромади умумиро ҳавасаманд мегардонад. Дар баробари афзоиши даромад мувофиқи амал намудани қонуни асосии психологӣ қисми муайяни даромад ҳамчун пасандоз нигоҳ дошта мешавад. Маълум аст, ки ҳар як пасандоз ҳамчун коҳишдиҳандаи гирдгардиши умумӣ баромад мекунад, ки дар навбати худ имкониятҳои истеҳсолии иқтисодиёти миллиро маҳдуд месозад. Айнан барои ҳамин мубаддалшавии пасандозҳо ба захираҳои инвеститсионӣ дар ҳама гуна ҳолат аҳамияти калон дорад. Коэффитсиенти мултипликатори хароҷоти автономии ҳисобкардашуда нишон медиҳад, ки инвеститсиякунӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ҳолати ҳозира самаранокии калонтарро дошта метавонад. Амал намудани самараи мултипликатор бо самараи акселератор алоқамандии зич дорад. Самараи акселератор имконият медиҳад, ки нисбияти афзоиши инвеститсияҳо ва афзоиши даромад, ки зиёдшавии инвеститсияро ба миён овардааст, муайян карда шавад. Мувофиқи назарияи акселератор афзоиши даромад ҳамчун шиддатдиҳандаи афзоиши инвеститсияҳо баромад мекунад. Самараи акселератор ҳаҷми инвеститсияҳои соли ҷориро бо тағйирёбии ҳаҷми МУД дар соли гузашта алоқаманд мекунад. Коэффитсиенти акселератор бо чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$\mathbf{A = \frac{\Delta I_t}{\Delta Y_{t-1}}}$$

Дар ин ҷо: А – акселератор;

ΔIt- тағйирёбии ҳаҷми инвеститсияҳо дар соли ҷорӣ;

ΔY_{t-}- тағйирёбии ҳаҷми МУД дар соли гузашта мебошад.

Коэффитсиенти акселератор таъсири воҳиди даромади афзоишёфтаро ба зиёдшавии инвеститсияҳо нишон медиҳад.

Таблица 6. Тағйирёбии коэффитсиенти акселератор дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳанда	Солҳо					
	2013	2014	2015	2016	2017	2018
Коэффитсиенти акселератор (А.)	0,55	-0,10	0,15	-1,11	-1,30	1,54

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019

Коэффитсиенти акселератори барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб кардашуда дар ҷадвали 6 оварда шудааст. Маълумоти ҷадвали 6 нишон медиҳад, ки баъд аз боздошт намудани ҳаҷми МУД ва ибтидои рушди барқароркунӣ дар иқтисодиёти мамлакат тағйирёбии номувозинатии тағйирёбии коэффитсиенти акселератор ба назар мерасад.Нишондиҳандаи баланди акселератор аз он шаҳодат медиҳад, ки афзоиши даромад ба тағйирёбии ҳаҷми инвеститсияҳо таъсири мусбат мерасонад. Лекин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бузургии нисбатан паст ва то ҳатто дар баъзе мавридҳо манфии коэффитсиенти акселератор аз он шаҳодат медиҳад, ки афзоиши даромадҳо ба зиёдшавии ҳаҷми инвеститсияҳо мусоидат намекунанд. Бузургии манфии акселератор нишон медиҳад, ки афзоиши даромадҳо ба афзоиши хароҷоти инвеститсионӣ мусоидат намекунад. Оид ба ин масъала академик Раҳимов Р.К. дуруст қайд мекунанд, ки “муҳити инвеститсионии мавҷудбуда наметавонад омили таъмини суръати рушди иқтисодии барои ҳалли мушкилотҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар Тоҷикистон баромад кунад. Дар баробари ин захираҳои зиёд дар баланд бардоштани самаранокии сармоягузориҳо ба иқтисодиёти мамлакат истифода бурда намешаванд” [5,с.25].

Норасогиҳои қайдшуда дар самаранокии истифодабарии сарчашмаҳои инвеститсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо таъсисёбӣ ва фаъолияти бозори фондӣ алоқаманданд. Мавҷуд набудани бозори фондӣ дар мамлакат дар роҳи мубаддалшавии пасандозҳо ба захираҳои инвеститсионии аслӣ монеаи ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Воситаи ягонаи дастрасии мубаддалшавии пасандозҳои аҳолӣ ба захираҳои инвеститсионии аслӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми пулию қарзӣ баромад мекунад. Инкишофи механизмҳои амал намудани бозорҳои фондӣ дар мамлакат оид ба ҷалби пасандозҳо барои тараққиёти ҳама соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ масъалаи мубрами рӯз ба ҳисоб меравад, ки муносибати ҷиддиро талаб мекунад. Ба роҳ мондани фаъолияти

бозори фондӣ имкон медиҳад, ки як қатор мушкилотҳои иҷтимоӣ-иқтисодии таъмини воридотивазкунӣ дар мамлакат ҳалли худро ёбанд.

Ба ғайр аз афзун намудани иқтидори инвеститсионии дохилии иқтисодиёти миллӣ бо ин мақсад бояд инвеститсияҳои хориҷиро низ ҷалб намуд. Ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ дар назар дорад, ки инвеститсияҳои аз хориҷи кишвар ҷалбшаванда барои тараққиёти иқтисодиёт натиҷаҳои мусбат медиҳад. Ин ҳолат бо он асос меёбад, ки паҳншавии чунин инвеститсияҳо ба захираҳои меҳнатии бо кор машғулнабуда имконияти дарёфти ҷоёҳои кориро фароҳам меорад ва бо ин васила тахассуснокии кориро ба шарофати ширкатҳои хориҷӣ баланд мекунад. Дар шароитҳои муосири ҷаҳонишавии алоқаҳои ҷаҳонӣ ягон мамлакате вуҷуд надорад, ки инвеститсияҳои хориҷиро барои мақсадҳои тараққиёти иқтисодиёти миллӣ истифода набарад. Лекин дастрасӣ ба инвеститсияҳои хориҷӣ чораҳои дарозмуддат ва самарабахши сиёсати иқтисодии давлатро оид ба таъсис додани муҳити мусоиди инвеститсионӣ талаб менамояд. Дар навбати худ муҳити мусоиди инвеститсионӣ бо назардошти иқтидори калони иқтисодӣ ва табиӣ бояд ба афзоиши фаъоли инвеститсияҳои хориҷӣ мусоидат намояд. Бо бисёр сабабҳои объективӣ ва субъективӣ ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон нисбат ба дигар мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Дар тӯли табаддулоти бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 6266,2 млн доллари ИМА инвеститсияҳои хориҷӣ ҷалб шудаанд, ки аз он 2291,4 млн. доллари ИМА ва ё 57,9%-ро инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ ташкил мекунанд (ҷадвали 7).

Ҷадвали 7. Тағйирёбии инвеститсияҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. долл.)

	2008	2009	2010	2011	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018
Инвеститсияҳо, ҳамагӣ (млн. долл)											
Аз аввали сол ғуншуда	1753,1	2105	2370,1	2637,1	3385,5	4110,7	4715,7	5063,8	5665,4	6266,2	5063,8
Дар давоми сол воридшуда	989,2	383,1	459,1	325,5	746,4	1011,8	909,2	842,7	1100,4	644,4	842,7
Инвеститсияҳои мустақим											
Аз аввали сол ғуншуда	988,4	1305,3	1502,6	1566,7	1755,2	2291,4	2580,2	2785,5	3245,7	3584,8	3631,7
Дар давоми сол воридшуда	425,7	89,4	230,9	161,4	391,4	341,1	377,4	470,9	434,2	354,5	326,8

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2015. -С. 218.; 2019. -С. 223

Аксарияти ин инвеститсияҳо дар корхонаҳои муштарак ҷамъ карда шудаанд, ки миқдори онҳо дар соли 2018 ба 649 адад расид. Бояд қайд намуд, ки истифодабарии инвеститсияҳои хориҷӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ тамоюли афзоиши вазни қиёсии онҳоро дар соҳаи молиявӣ-миёнаравӣ нишон медиҳад. Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ба фаъолияти молиявӣ тақрибан 53,7% инвеститсияҳои хориҷии воридшуда мансубият дорад [6]. Сабаби чунин тамоюли воридоти инвеститсияҳои хориҷӣ дар диққатҷалбкунии соҳаи бонкии ҷумҳурӣ аз ҳисоби баланд будани мизони фоиз ва марҷаи бонкӣ мебошад. Инвесторони хориҷӣ барои ба даст овардани фоида дар чорчӯбаи мантиқи иқтисодӣ амал намуда, воситаҳои молиявии худро хурсандона ба инкишофи соҳаи бонкдории Тоҷикистон, махсусан ба воситаи ташкилотҳои қарздиҳии хурд мегузоранд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки аз сабаби баланд будани мизони фоиз барои қарзҳои бонкӣ захираҳои инвеститсионии аслии хориҷӣ ба бахши аслӣ нарфта, ба соҳаи бонкӣ ворид мешаванд.

Барои бартараф намудан ва батанзимдарории ҳолати ба миёномада дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ барои ҷалби инвеститсияҳои хориҷии мустақим ва портфелӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ чораҳои мушаххас андешдан лозим аст. Бо ин мақсад, чи хеле ки қайд карда будем, бояд ба инкишофи инфрасохтори бозорӣ диққати махсус зоҳир намуд, алалхусус барои инкишофи бозори фондӣ. Таъсисдиҳӣ ва ташкили фаъолияти бозори фондӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки инвеститсияҳои хориҷии портфелӣ ва пасандозҳои ҳама субъектони иқтисодиёт ба ҷараёни истеҳсолот ҷалб карда шаванд. Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бой мебошад, ки рағбати муҳим ва самаранок дар доираи ҳамкории судманди иқтисодӣ бо дигар мамлакатҳо баромад мекунад. Ин дурнамои самарабахшро дарк намуда, мамлакатҳои бисёр хоҳиш кардаанд, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои иқтисодиро ба роҳ монанд. Дар натиҷа бисёр лоиҳаҳои корхонаҳои муштарак ба миён омаданд, ки аксарияти онҳо босамар фаъолият намуда, ба инвесторон ва соҳибкорони ватанӣ фоидаро таъмин карда истодаанд. Лекин то ҳол лоиҳаҳои амалинашуда низ вуҷуд доранд, ки

амалигардонии онҳо метавонад ба тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат такони ҷиддӣ диҳад. Ба фикри мо, дар ин самт бояд муҳити инвеститсионӣ ва механизмҳои ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ такомул дода шаванд.

Барои таъмин намудани муҳити мусоиди инвеститсионӣ барои ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ истифодабарии механизмҳои созишномаҳои байнидавлатӣ зарур дониста мешаванд, ки дар онҳо кафолат ба ивесторони хориҷӣ аниқ муайян карда шаванд. Инчунин, бояд дар дараҷаи муайян механизми андозии ҳавасмандгардонии инвеститсияҳои хориҷӣ коркарда шаванд. Дар баробари ин, бояд соҳаҳои алоҳида барои ҷалби инвеститсияҳои хориҷӣ муайян карда шуда, соҳаҳои барои инвеститсияҳои хориҷӣ ниёз надошта низ муқаррар карда шаванд. Вобаста ба гуфтаҳои боло қайд намудан мумкин аст, ки барои истифодаи самараноки иқтидори инвеститсионӣ бо мақсадҳои ноилгардӣ ба таъминоти рушди иқтисодии воридотивазкунӣ як қатор чораҳои сиёсӣ-иқтисодиро амалӣ намудан лозим аст.

Якум, дар баробари васеъ намудани сарчашмаҳои давлатии инвеститсияҳо, бояд афзоиши сарчашмаҳои ғайридавлатӣ ва хориҷиро низ ҳавасманд намудан зарур аст. Дар ин ҷода ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва дигар субъектони хоҷагидорӣ ба чорабиниҳои инвеститсионӣ ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад. Таъсири ҷиддиро ба ин чорабинӣ ташкили бозори фондӣ расонида метавонад, ки қобилияти ҷалби пасандозҳои аҳолиро ба ҷараёни инвеститсионӣ дорад.

Дуюм, бояд самаранокии истифодабарии захираҳои инвеститсионии давлатиро баланд намуд. Дар ин ҷода бояд аз молиягузории бебозгашт ба муолиягузории бозгашт аз тарафи корхонаҳо гузашт. Инчунин, бояд хусусигардонии корхонаҳои давлатии ғайрисамаранок ва зараровар амалӣ карда шавад, ки то ҳол дар маблағгузории давлатӣ қарор доранд.

Сеюм, бояд ҳиссаи зиёди инвеститсияҳоро ба самтҳои хурди фоидаовар равона намуд, то ки бозори истеъмолӣ бо молҳои истеҳсоли ватанӣ ғанӣ гардонида шавад.

Чорум, барои боз ҳам самараноктар ҷалб намудани инвеститсияҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти миллии мамлакат бояд механизмҳои ҷалби онҳо бо назардошти созишномаҳои байнидавлатӣ коркард карда шуда, ҳатман ҳавасмандгардонии андозии инвеститсияҳои хориҷӣ ба инобат гирифта шаванд.

Хуллас, барои ҳавасмандгардонии фаъолияти инвеститсионӣ бояд сиёсати иқтисодии комплексӣ кор карда шавад, то ки таъмини шароитҳои мусоиди макроиқтисодӣ ва нигоҳдории муътадилии сиёсӣ ва бисёр дигар ҷабҳаҳоро дар бар гирад. Бо мақсади ҳавасмандгардонии ҷараёни инвеститсионӣ бояд ҳаматарафа дараҷаи самаранокии истифодаи онҳоро ҳам барои инвесторони миллӣ ва хориҷӣ муайян намуд. Амалигардонии чунин чорабиниҳо барои инкишофи истеҳсолоти дохилии аслӣ хизмат мекунад.

АДАБИЁТ

1. Бард В.С. Инвестиционные проблемы российской экономики / В.С. Бард. -М.: Экзамен, 2000. - 288 с.
2. Модернизация народнохозяйственных пропорций в экономике Таджикистана. -Душанбе, 2014. -184 с.
3. [Электронный ресурс]. http://ecouniver.com/economik-rasdel/istekuz/170-sootnoshenie-sberezhenij-i-investicij-dzhm-kejns.html (05.10.2019)
4. Алиҷонов Ҷ.А. Макроиқтисод: комплекси таълимӣ-методӣ / Ҷ.А. Алиҷонов. –Душанбе: Сумани Кудрат, 2011. -398 с.
5. Рахимов Р.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста / Р.К. Рахимов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. –Душанбе, 2003. -№1. -С.25.
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -237 с.
7. Булатов А.С. Воздействие экспорта и импорта капитала на валовое накопление в Российской Федерации / А.С. Булатов // Деньги и кредит. – 2011. -№9. –С.4-12.

ИНКИШОФИ ИҚТИДОРИ ИНВЕСТИТСИОНИИ РУШДИ ИҚТИСОДИИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур ба масъалаи инкишофёбии иқтидори инвеститсионии таъмини рушди иқтисодии воридотивазкунанда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муайян карда шудааст, ки барои афзоиши иқтидори инвеститсионӣ дар Ҷуҳурии Тоҷикистон ҷалб намудани пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода, фирмаҳо ва давлат ба воситаи ташкил намудани бозори коғазҳои қиматноки дуюминдараҷа аҳамияти хоса дорад. Аз ин рӯ, муқаррар карда шудааст, ки ҳавасмандгардонии ҷараёни инвеститсионӣ бояд барои ҷалби сарчашмаҳои дохиливу хориҷӣ ҳамоҳанг сохта шаванд.

Калидвожаҳо: иқтидори инвеститсионӣ; андӯхти умумӣ; истеъмоли сармояи асосӣ; мултипликатори хароҷоти автономӣ; акселератори инвеститсияҳо.

РАЗВИТИЕ ИНВЕСТИЦИОННОГО ПОТЕНЦИАЛА ИМПОРТОЗАМЕЩАЮЩЕГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья посвящена вопросам развития инвестиционного потенциала обеспечения импортозамещающего экономического роста в условиях Республики Таджикистан. Определено, что для увеличения инвестиционного потенциала в Республике Таджикистан для трансформации сбережений домашних хозяйств, фирм и государства в инвестиционные ресурсы необходимо организовать вторичный рынок ценных

бумаг. Вместе с тем аргументировано, что стимулирование инвестиционного процесса должно учитывать все источники, как внутренние, так и внешние.

Ключевые слова: инвестиционный потенциал; валовое накопление; потребление основного капитала; мультипликатор автономных расходов; акселератор инвестиций.

DEVELOPMENT OF INVESTMENT POTENTIAL OF IMPORT SUBSTITUTING ECONOMIC GROWTH IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is devoted to the development of the investment potential of import-substituting economic growth in the Republic of Tajikistan. It was determined that in order to increase the investment potential in the Republic of Tajikistan to transform the savings of households, firms and the state into investment resources, it is necessary to organize a secondary securities market. However, it is argued that the stimulation of the investment process should take into account all sources, both internal and external.

Key words: investment potential; gross capital formation; consumption of fixed capital; multiplier of autonomous expenses; accelerator investment.

Сведения об авторе: ***Алиджанов Джамшед Абдукаюмович*** **–** Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, кандидат экономических наук, дотсент кафедры экономической теории. **Адрес:**735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. Телефон: **928-45-00-54**

Information about the author: ***Alidzhanov Jamshed Abdukayumovich*** **-** Khujand State University named after B. Gafurov, candidate of economic sciences, dotsent of the department of economic theory. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1. Phone: **928-45-00-54**

УДК: 3.368.01.

ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИСТЕЪМОЛГАРОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӣ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ БОЗОРИ СУҒУРТА

Ашуров Ғ.Д., Шарифзода Ф.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои охир аз он шаҳодат медиҳад, ки суғурта яке аз соҳаҳои зуд рушдёбанда маҳсуб дониста мешавад. Агар динамикаи ҳаҷми пардохтҳои ҳаққи суғуртавиро дар давоми панҷ соли охир таҳлил намоем, бо маротиб афзоиш ёфтани он мушоҳида мегардад (расми 1).

Расми 1. Динамикаи ҳаҷми пардохтҳои ҳаққи суғуртавӣ таи солҳои 2014-2018



Мувофиқи нишондиҳандаҳои расми 1 пардохтҳои ҳаққи суғуртавӣ дар соли 2018 нисбат ба соли 2014 96,8% афзоиш ёфтааст. Дар баробари ин, шумораи ташкилотҳои суғуртакунанда низ афзоиш ёфта, дар бозори хизматрасониҳои суғуртавии Тоҷикистон маҳсулотҳои навин бавуҷуд оварда шуда истодаанд. Лекин нишондиҳандаҳои пурсишномаи сайти расмии Бонки миллии Тоҷикистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ҷомеа то кунун ба мазмуну моҳияти муносибатҳои суғуртавӣ дақиқан сарфаҳм нарафтааст ва манфиатҳои ҳуқуқии суғурташавандагону шахсони суғурташуда, истеъмолгарони чунин навъи хизматрасонӣ зери ҳимояи ҷиддӣ қарор нагирифтааст (расми 2,3). Чуноне ки аз натиҷаи пурсишнома маълум аст, 7413 нафар шаҳрвандон ба саволҳои гузошташуда ҷавоб додаанд, ки аз ин шумора 4750 нафар (60%) изҳори бетарафӣ намудаанд, 1876 нафар (23%) ба раванди фаъолияти суғурта дар Тоҷикистон боварӣ надоранд ва танҳо 787 нафар (тақрибан 10%) умед бар ояндаи дурахшони хизматрасонии суғуртаи ҳатмии тиббӣ доранд.

Доир ба саволи дигаре, ки дар пурсишнома дарҷ гардидааст, истифодабарандагони сомонаи расмии БМТ чунин посух додаанд. Аз 7257 нафар шаҳрвандон 5752 нафар (69%) ҳангоми рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ ба ташкилотҳои суғуртакунанда мурочиат накардаанд, яъне ҳанӯз аз ҳуқуқҳои худ бохабар нестанд. Аз натиҷаи таҳлил бармеояд, ки ҳуқуқҳои 1215 нафар (тақрибан 15%) истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ аз

Расми 2. Натиҷаи пурсишнома оид ба суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон

тарафи суғуртакунандагон поймол гардидаанд. Ва танҳо 290 нафар (бештар аз 3%) иброз намудаанд, ки ҳангоми рӯй додани ҳодисаи суғуртавӣ зарари расида ҷуброн карда шуд.

Расми 3. Натиҷаи пурсишнома оид ба муроҷиати истеъмолкунандагон ҳангоми фарорасии ҳодисаҳои суғуртавӣ

Истеъмолкунанда бояд ҳуқуқҳои қонунӣ ва манфиатҳои худро ҳангоми муносибат бо ташкилотҳои молиявӣ донад, дар ҳолати поймол гардидани онҳо ба куҷо мурочиат намудан низ бояд пешакӣ маълум бошад. Ҳамчунин, истеъмолкунандагон ҳуқуқ доранд, ба Бонки миллии Тоҷикистон ба таври хаттӣ, электронӣ ва шифоҳӣ, аз ҷумла тавассути алоқаи телефонӣ (телефони боварӣ) ва ё бо ёрии хизматрасониҳои алоқаи почта, қабули шахсӣ, бо кумаки хаткашон (номарасон) ё намояндаи истеъмолкунанда бо роҳи сабт намудани чунин мурочиатҳо дар китоби арзу шикоятҳои Бонки миллии Тоҷикистон мурочиат намоянд. Аз соли 2014 сар карда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ кор бурда мешавад. Дар ин асос моҳи июли соли 2014 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” тағйиротҳо воридшуда, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ба вазифаҳои БМТ ҳамроҳ гардид.

Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ - маҷмӯи чорабиниҳое, ки аз ҷониби давлат ва ҷомеа амалӣ гардида, ба танзими муносибатҳое равона шудаанд, ки байни истеъмолкунанда ва таъминкунанда ба вуҷуд меоянд ва муқаррар кардани ҳуқуқҳои мушаххаси истеъмолкунандагон, шаклҳои эҳтимолии риоя накардани ҳуқуқ ва механизми ҳимояи онҳо ва масъулиятро барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бар мегиранд [1].Дар ин замина, моҳи сентябри соли 2015 дар сохтори БМТ воҳиди мустақили сохторӣ – Шуъбаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ таъсис ёфт.

Ғайр аз ин, дар моҳи октябри соли 2016 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани салоҳияти назоратии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ба БМТ қарор қабул кард.

Ҳамчунин, якчанд муқаррароти лозимии марбут ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2030 ки моҳи октябри соли 2016 қабул шуда буд, низ

муайян гардидааст. Дар ин барнома зарурати такмили минбаъдаи заминаи меъёриву ҳуқуқии бахши молиявӣ, баланд бардоштани дараҷаи шаффофият ва эътимод ба фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, таҳкими рақобати солим дар бахши молиявӣ, ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ муайян шуда, инчунин, таҳия ва иҷрои Барномаи давлатии баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолиро дар алоҳидагӣ пешбинӣ менамояд.

Бо мақсади таъсис додани механизми самараноки ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, афзоиш додани эътимод ба низоми молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии истеъмолкунандагон, БМТ таҳия ва қабули ҳуҷҷати барои имрӯз муҳиммеро таҳти унвони “Афзалиятҳои стратегии БМТ оид ба рушди механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019” ба миён гузошт, ки сиёсати Бонки марказиро дар ин соҳа муайян мекунад.Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 16 марти соли 2018 таҳти рақами 37 Дастурамал (№235) «Оид ба баррасии мурочиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ» мутобиқи моддаҳои 6 ва 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон”, “Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, Дастурамал “Дар бораи тартиби коргузорӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия шуда, ҷараёни баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро аз ҷониби Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон ба танзим медарорад ва қоидаҳои пешбурди баҳисобгирӣ ва коргузории онҳоро муқаррар менамояд [1].

Вобаста ба ин масъалаҳо Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарони хизматрасониҳои молиявиии Бонки миллии Тоҷикистонро зарур аст, ки шикоятҳои истеъмолгарони хизматрасониҳои молиявиро дар самтҳои зерин ҳамаҷониба ҳаллу фасл намояд:

- шикоятҳо доир ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ;
- шикоятҳо дар самти фаъолияти суғурта;
- шикоятҳо нисбати амали ғайриқонунии ташкилотҳои молиявии хурд, ширкатҳои сармоягузор, ташкилотҳои қарзии хурд ва ғ.

Дар баробари ин, таҳқиқи шикоятҳои истеъмолгарони хизматрасониҳои молиявӣ дар давоми семоҳаи аввали соли 2019, ки дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, нишон медиҳад, ки 751 мурочиати шаҳрвандон оид ба вайрон гардидани ҳуқуқҳояшон мансуб ба хизматрасониҳои бонкӣ буда, ягон нафар нисбати муносибатҳои ғайриқонунии суғуртавӣ мурочиат накардааст[1]. Илова бар ин, шумораи афзояндаи шикоятҳои ба БМТ воридшаванда аз бесамар будани механизмҳои баррасии шикоятҳо дар ташкилотҳои молиявии ватанӣ далолат мекунад. Дар ин робита зарурати таҳия ва ҷорӣ намудани талаботи ҳадди ақалли ягона ба раванди баррасии шикоятҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ, махсусан ташкилотҳои суғуртавӣ ҳамчун мақоми якум, ба миён омадааст.

Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои худ дар робита ба баррасии мурочиатҳои истеъмолкунандагон фаъолияти зеринро анҷом медиҳад:

- таъмини маълумоти зарурӣ оид ба тартиби пешниҳод ва аз ҷониби идора баррасии мурочиатҳои истеъмолкунандагон тавассути васоити ахбори умум ва сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон;
- дар доираи салоҳияти худ таъмини сатҳи зарурии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- баланд бардоштани сатҳи маърифати истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- ба роҳ мондани механизми баррасии мурочиатҳои воридшудаи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ нисбат ба ташкилотҳои молиявӣ;
- дигар вазифаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Барои иҷрои муваффақонаи мақсадҳои гузошташуда Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ вазифаҳои зеринро бояд иҷро намояд:

- таъсиси институт, низом ва воситаҳои зарурӣ барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, бо роҳи: а) такмил додани муҳити меъёриву ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ; б) таъсиси низоми муосири назорат ва мониторинг дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи

истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ; в) таъсиси механизмҳои самараноки алтернативии баррасии баҳсҳо (миёнарав/омбудсмени молиявӣ);

• баланд бардоштани дараҷаи шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ ва ошкор кардани иттилоот ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;

• беҳсозии тағрибаи кории ташкилотҳои молиявӣ, аз ҷумла таъсиси механизмҳои самарабахши ҳаллу фасл намудани шикоятҳо;

• баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ.

Ба андешаи мо, яке аз омилҳои рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳимояи самараноки истеъмолгарони чунин навъи хизматрасонӣ маҳсуб дониста мешавад. Вобаста ба ин, масъалаҳои асосӣ оид ба мукаммалгардонии механизимҳои ҳимояи истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ инҳо дониста мешаванд:

• ташаккули ҳимояи ҳуқуқии манфиатҳои истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси муносибатҳои суғуртавӣ;

• ташаккули мезанизмҳои самараноки танзими баҳсҳо байни суғуртакунандагон ва суғурташавандагон тавассути таъсиси институти молиявии омбудсмен;†

• муайян намудани шартҳои ташаккули фонди кафолатнок оид ба навъҳои аҳамияти иҷтимоидоштаи суғурта бо мақсади таъмину иҷроиши уҳдадориҳои шартномавии муносибатҳои суғуртавӣ;

• ташкили низоми ҳатмиву маҷмӯии тайёр намудан ва бозомӯзии мутахассисон дар соҳаи суғурта ва ғ.

Барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти муносибатҳои суғуртавӣ сатҳи таъминнокии манфиатҳои ҳуқуқии истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ дорои аҳамияти муҳимманд.

Шартҳои асосии ҳимояи манфиатҳои ҳуқуқии истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ аз тарафи Ассотсиатсияи байналмилалии назорати суғуртавӣ муайян ва тасдиқ гардидаанд [2]. Мақомоти назораткунандаи фаъолияти суғуртавӣ барои суғуртакунандагон ва миёнаравҳои бозори суғурта бояд талаботҳои камтаринро оид ба ҳимояи манфиатҳои суғурташавандагону шахсони суғурташуда муайян ва муқаррар намуда, иҷрои қонунии онро талаб намояд. Шартҳои асосии ҳимояи манфиатҳои ҳуқуқии истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ, ки Ассотсиатсияи байналмилалии назорати суғуртавӣ муайян ва тасдиқ намудааст, инҳо мебошанд [2]:

1. Талаботҳо оид ба амалисозии бизнеси суғурта боваринокии истеъмолгарони маҳсулоти суғуртавиро тақвият мебахшанд. Талаботҳо он маълумоти саривақтӣ ва заруриеро дарбар мегиранд, ки пеш аз ба расмият даровардани шартномаи суғуртавӣ ба истеъмолгарон расонида шаванд ва ҳангоми иҷроиши пурраи уҳдадориҳои дарҷгардида ҷамъбаст гарданд.

2. Мақомоти назораткунандаи фаъолияти суғуртавӣ бояд талаб намояд, ки суғуртакунандагон ва миёнаравҳои бозори суғурта ба мизоҷони худ бо назардошти заруриятҳои ахборотӣ адолатона ва боинсофона рафтор намоянд. Дар муносибат бо истеъмолгарон ва ҳуқуқҳои ҳалли масъалаҳои мансуб ба онҳо Мақомоти назораткунандаи фаъолияти суғуртавӣ бояд қоидаҳое муқаррар намояд, ки суғуртакунандагон ва миёнаравҳои муносибатҳои суғуртавӣ онҳоро ба таври ҳатмӣ риоя намоянд.

3. Раванди дуруст бартараф намудани баҳсҳо барои таъмини муносибати адолатона ва боинсофона бо истеъмолгарон хело муҳим аст. Бо ин мақсад дар ҳошияи ҳуқуқҳои истеъмолгарон илова намудани механизмҳои ҳуқуқии бартарафсозии баҳсҳо, аз ҷумла таъсиси комиссияи мустақили ташхисӣ ё суди ҳакамӣ, зарурияти ҳамаҷониба дорад.

4. Барои бештари истеъмолкунандагон мафҳуми маҳсулоти суғуртавӣ ва баҳогузорӣ ба он номуайян аст. Бинобар ин, ба суғурташавандагону шахсони суғурташуда дастрасии маълумоти саҳеҳу дақиқ ва хеле содаи шарҳиёна зарурияти объективӣ дорад, ки муҳтавои чунин ахборот бояд дар қоидаҳои ҳимояи манфиатҳои истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ ва сомонаи расмии ҳар як ташкилоти суғуртакунанда дарҷ гардида бошад.

5. Мақомоти назораткунандаи фаъолияти суғуртавӣ бояд талаб намояд, ки суғуртакунандагон ва миёнаравҳои бозори суғурта стратегияи муайяни худро дошта бошанд, ки бо кадом тарз адолатона муносибат намудан бо мизоҷон, инчунин, низоми ҳатмии тайёр намудан ва бозомӯзии мутахассисони касбиро фарогир бошад.

6. Мақомоти назораткунандаи фаъолияти суғуртавӣ бояд талаб намояд, ки суғуртакунандагон ва миёнаравҳои бозори суғурта кушиш намоянд, ки бо мақсади рушди соҳа аз истеъмолгарони маҳсулотҳои суғуртавӣ маълумоти бештар дастрас намоянд.

---

† Оид ба чунин тарзи корбурд поёнтар маълумот дода мешавад.

Ба андешаи мо, бо дастури Бонки миллии Тоҷикистон бояд талабот (стандарт)-и камтарин барои шартҳо ва тартиби амалигардонии намудҳои алоҳидаи суғуртаи ихтиёрӣ муқаррар гардад, ки хосатан чунин намудҳои суғуртаи ихтиёриро фарогир бошад: суғуртаи ҳаёт дар мавриди фавт, расидан ба синну соли муайян ва ё то фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ; суғуртаи ҳаёт бо шартҳои пардохти марҳилавии ҳаққи суғурта (рента, аннуитет) ва ё бо саҳми суғурташаванда дар даромади сармоягузориҳои суғуртакунанда;

Дар баробари ин, ва ба андешаи мо асоси фароҳам намудани ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқиву меъёрӣ ташкил медиҳанд. Зеро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” то ҳанӯз нисбати чунин масъала тағйироту иловаҳо ворид нагардидааст. Ҳамзамон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” низ ниёз ба тағйиру иловаҳо дорад. Дар қонуни номбурда мафҳумҳои “суғурташаванда” ва “истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ” дарҷ нагардидааст.Самтҳои асосии рушди механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавиро чунин муайян менамоем (расми 4).

Расми 4. Самтҳои асосии рушди механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ

Дар самти танзим (i) – таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо, муқаррар намудани қоидаҳои ҳатмии рафтор барои ташкилотҳои суғуртавӣ (шаффофият, ошкор намудани иттилоот, малакаву таҷрибаи амалӣ), таъмини муносибати объективӣ ва одилона нисбат ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони чунин навъи хизматрасониҳо зарурияти ҳамаҷониба дошта, аз нигоҳи мо, баррасӣ ва ҳал намудани ин масъала муҳимияти аввалиндараҷа дорад.Дар мавриде ки харидорон, мусофирон, истеъмолгарони хизматрасониҳои маишӣ муносибатҳои тарафайни худро дар асоси қоидаҳои ягонаи муқаррар намудаи мақомоти давлатӣ амалӣ месозанд, суғурташавандагон низ бояд фаъолияти худро аз рӯйи қоидаҳову дастурҳои муайян намудани ташкилотҳои суғуртавӣ роҳандозӣ намоянд. Вобаста ба ин, чуноне ки қайд намудем, аз рӯйи тамоми феҳрасти маҳсулот ва хизматрасониҳои суғуртавӣ барои истеъмолкунандагон ва махсусан худи суғуртакунандагон қоидаҳои ягона ва талаботе ҷорӣ карда шавад, ки барои роҳ надодани амалҳои ғайриқонунӣ ва такмили амалияи ба танзим даровардани талаботи суғуртавӣ ва гирифтани пардохтҳои суғуртавӣ имкон фароҳам орад.

Дар ин замина шаффофияти нокифоя дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ ва норасоии иттилоот ба истеъмолкунандагон аз тарафи ташкилотҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сабабҳои дар сатҳи паст қарор доштани маърифати суғуртавӣ, камтар фарогирии манфиатҳои шахсиву амволӣ дар бахши суғурта ва эътимоду боварии шаҳрвандон ба ин соҳаи муҳими иқтисодиёт маҳсуб дониста мешавад. Дар ин раванд нашри иттилооти қобили муқоисаву натиҷагирӣ дар бораи хизматрасониҳои суғуртавӣ дар шакли дастрас ба истеъмолкунандагон зарурияти объективӣ дорад. Бо ин мақсад бояд дар сомонаҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон, ташкилотҳои суғуртавӣ низоми ягонаи дараҷабандӣ (рейтингӣ) оид ба сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ба таври ҳатмӣ ҷойгир карда шавад.

Назорат (ii) – имконияти иҷрои натиҷамандии чораҳои танзимиро нисбат ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ фароҳам меорад. Воситаҳои назоратӣ фарогири қисматҳои зерин мебошад (расми 5).

Расми 5. Қисмҳаи асосии воситаҳои назоратӣ нисбат ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ

Баррасии шикоятҳо (iii) – амалисозии ҳуқуқҳои худ аз ҷониби истеъмолккунандагони хизматрасониҳои молиявӣ тавассути низоми самарабахши ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон.

Бо назардошти серхарҷ будани раванди ҳалли баҳсҳо тавассути мақомоти судӣ, алалхусус барои истеъмолкунандагони камдаромад, инчунин, бо таваҷҷуҳ ба он ки ҳалли баҳсҳои марбут ба хизматрасониҳои молиявӣ дар аксари мавридҳо донишҳои махсусро тақозо мекунад, дар ояндаи дур таъсис додани механизми алтернативии ҳалли баҳсҳо ва баррасии шикоятҳо омбудсмени молиявӣ пешбинӣ карда мешавад.

Омбудсмени молиявӣ /оштидиҳанда – мақоми мустақили баррасии ғайрисудии баҳсҳое, ки миёни ташкилотҳои молиявӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ба вуҷуд меоянд. Омбудсмени молиявӣ асосан он баҳсҳоеро, ки барои маблағи на он қадар калон фароҳам омадаанд, баррасӣ менамояд.

Принсипҳои асосии фаъолияти омбудсмени молиявӣ мустақилӣ, дастрас ва самаранок будани фаъолияти он мебошад. Модели мушаххаси омбудсмени молиявӣ, аз ҷумла қоидаҳои фаъолият, механизми маблағгузорӣ ва ҷузъиёти дигар дар асоси омӯзиши иловагии таҷриба ва амалияи ҷаҳонӣ ва муҳокима бо мутахассисон ва намояндагони ташкилотҳои молиявӣ муайян карда мешавад.

Маърифати суғуртавӣ (iv) – баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои истифодабарандагон оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои суғуртавӣ, ки ба онҳо имкони доштани масъулияти баландро барои идоракунии фардии ҳимояи манфиатҳои шахсиву амволии худ фароҳам меорад. Дониши молиявӣ барои беҳсозии некуаҳволии иқтисодии истеъмолкунандагон омили асосӣ ва ҳалкунанда мебошад. Баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ ба истеъмолкунандагон барои истифодаи самаранок ва ҳадафманди воситаҳои молиявии худ ва дар айни ҳол ба даст овардани бахраҳои иқтисодӣ, муқовимат ба хавфҳои молиявӣ ва қаллобии молиявӣ ва банақшагирии ояндаи онҳо кумак мекунад.

Вобаста аз натиҷаи таҳқиқот ва мушоҳидаҳои муаллиф норасогии маърифати суғуртавӣ, сатҳи пасти донишҳои молиявӣ дар қишрҳои зерини аҳолӣ бештар мушоҳида мегардад: дар сатҳи зиндагии аҳолии камдаромад (аз ҷумла маъюбон, нафақахӯрон ва бекорон); дар раванди рӯзгузаронии аҳолии деҳот ва ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон; дар фаъолияти занҳо ва ҷавонон (хонандагони синфҳои боло ва донишҷӯён); ва дар гурӯҳҳои дигари аҳолӣ (муҳоҷирон ва ғ.). Мувофиқи моддаи 38-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **"**Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" назорати давлатӣ оид ба риоя ва иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз ҷониби мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ (сохторҳои минтақавии он) амалӣ мегардад [3].

Вобаста ба гуфтаҳои болоӣ мақсади асосии танзими муносибатҳои суғуртавӣ ин ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон ва дастгирии манфиатҳои ҷомеа мебошад, ки маҳз дар шароити иқтисоди бозорӣ фарогири шаш масъалаи мубраму зарурӣ мебошад: назорат оид ба пардохтпазирӣ; таъмини адолатнокӣ; таъмини дастрасӣ ба маҳсулоти суғуртавӣ; таъмини устувории бозор; дастгирии ташкилотҳои суғуртакунандаи ватанӣ; кумак расонидан барои рушди иқтисодиёт. Ҳамин тавр, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ ин самаранокӣ, рақобатпазирӣ ва адолатнокии бозори суғурта маҳсуб дониста шуда, рафтори ташкилотҳои суғуртавӣ дар муносибат бо истеъморгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ ва амали худи истеъмолкунандагон омили муҳим барои рушди бозори номбурда арзёбӣ мегардад.

АДАБИЁТ

1. Сомонаи расмии БМТ www.nbt.tj. Афзалиятҳои стратегии БМТ оид ба рушди механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019. Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2017 таҳти рақами 19 тасдиқ шуда аст.
2. Международная Ассоциация страховых надзоров (МАСН) .....https://www.iaisweb.org/page/supervisory
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **"**Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон". ш. Душанбе, 9 декабри соли 2004. № 72. Тағироту иловаҳо дар солҳои: 2008, 2013, 2015 ва аз 02.01. соли 2018. – С. 28.
4. Ашуров Г.Д. Совершенствование системы оказания страховых услуг в Республике Таджикистан. Дис. на соискание уч. степени к.э.н. по специальности 08.00.05 – Экономика и управление народным хозяйством: экономика, организация и управление предприятиями, отраслями, комплексами: (сфера услуг). -Душанбе, 2011.
5. Ахвледиани Ю.Т. Рынок страховых услуг: современные тенденции и перспективы развития: монография. – М.: РУСАЙНС, 2017. – 236 с.
6. Ефимов О.Н. Основы страхового дела [Электронный ресурс]: учебное пособие / О.Н. Ефимов // М-во сел.хоз-ва РФ, Башкирский ГАУ. –Уфа, 2014. – 123 с. – Библиогр.: с. 114-123.

ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИСТЕЪМОЛГАРОНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ СУҒУРТАВӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ БОЗОРИ СУҒУРТА

Дар ин мақола бори нахуст ҳолати воқеии ҳуқуқҳои истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, дар он ба таври назариявӣ оид ба мақомоти танзимкунанда, вазифаҳои он, механизмҳо ва шартҳои ҳимояи истеъмолгарон маълумоти дақиқ дарҷ гардидааст. Мақсади асосии танзими муносибатҳои суғуртавӣ ин ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарон ва дастгирии манфиатҳои

ҷомеа мебошад, ки маҳз дар шароити иқтисоди бозорӣ фарогири шаш масъалаи мубраму зарурӣ мебошад:назорат оид ба пардохтпазирӣ; таъмини адолатнокӣ; таъмини дастрасӣ ба маҳсулоти суғуртавӣ; таъмини устувории бозор; дастгирии ташкилотҳои суғуртакунандаи ватанӣ; кумак расонидан барои рушди иқтисодиёт. Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ ин самаранокӣ, рақобатпазирӣ ва адолатнокии бозори суғурта маҳсуб дониста шуда, рафтори ташкилотҳои суғуртавӣ дар муносибат бо истеъморгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ ва амали худи истеъмолкунандагон омили муҳим барои рушди бозори номбурда арзёбӣ мегардад.

Калидвожаҳо: ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон, ҳаққи суғуртавӣ, Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ, маърифати суғуртавӣ, механизмҳои суғуртавӣ, шикоятҳои мизоҷон

ЗАЩИТА ПРАВ ПОТРЕБИТЕЛЕЙ СТРАХОВЫХ УСЛУГ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ РЫНКА СТРАХОВАНИЯ

В данной статье впервые рассматривается реальная ситуация прав потребителей страховых услуг в Республике Таджикистан. Также автором представлены теоретико-методологические аспекты, где указаны детальные данные о регулирующих органах, их функциях, механизмах и условиях защиты потребителей. Основная цель регулирования страховых отношений – это защита прав потребителей и поддержка интерсов общства, которая в условиях рыночных отношений охватывает шесть важных и неотложных проблем: контроль над платежоспособностью; обеспечение справедливости; обеспечение доступности на страховую продукцию; обеспечении устойчивости рынка; поддержка отечественных страховых организаций; помощь в развтии экономики. Защита прав потребителей страховых услуг – это эффективность, конкурентоспособность и справедливость рынка страховых услуг и поведение страховых организаций в отношении потребителей страховых услуг и поведение самих потребителей оценивается как важный фактор для развития данного рынка услуг.

Ключевые слова: защита прав потребителей, Национальный банк Таджикистан, потребители страховых услуг, страховая культура, страховые механизмы, жалобы клиентов.

PROTECTION OF THE RIGHTS OF CONSUMERS OF INSURANCE SERVICES AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF THE INSURANCE MARKET

This article is the first to examine the real situation of the rights of consumers of insurance services in the Republic of Tajikistan. The author also presents theoretical and methodological aspects where detailed data on regulatory bodies, their functions, mechanisms and conditions of consumer protection are indicated. The main goal of regulation of insurance relations is the protection of consumer rights and support for community interests, which in the conditions of market relations covers six important and urgent problems: solvency control; fairness; ensuring accessibility to insurance products; ensuring market stability; support for domestic insurance organizations; assistance in the development of the economy. Protection of the rights of consumers of insurance services is the efficiency, competitiveness and fairness of the market of insurance services and the behavior of insurance organizations in relation to consumers of insurance services and the behavior of consumers themselves is assessed as an important factor for the development of this market of services.

Key words: consumer protection, insurance premium, National Bank of Tajikistan, insurance service providers, insurance culture, insurance arrangements, customer complaints.

Сведения об авторах: ***Ашуров Гайрат Давлатович*** - Таджикский государственный университет коммерции, кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и страхования. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти, 1/2. E-mail: **gairat-a@mail.ru**. Телефон: **(+992) 934-44-46-09**
Шарифзода Фирдавси Хабиб - Таджикский государственный университет коммерции, соискатель кафедры налогов и страхования. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти, 1/2. Тел: **887-77-09-15**

Information about the authors: ***Ashurov Gairat Davlatovich*** - Tajik State University of Commerce, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Taxes and Insurance. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 1/2 Dekhoti Street. E-mail: **gairat-a@mail.ru**. Phone: **(+992) 934-44-46-09**
Sharifzoda Firdavsi Habib - Tajik State University of Commerce, applicant for the Department of Taxes and Insurance. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 1/2 Dekhoti Street. Phone: **(+992) 887-77-09-15**

УДК 36.1/5(575.3)

ТАҲЛИЛИ САРМОЯГУЗОРИИ МУСТАҚИМ ВА ДИГАР НАМУДИ САРМОЯГУЗОРИҲО ДАР КОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ғафорзода Ҷонона Ғафор, Гулбекова С.Ҷ., Сайфҳусейнов Ш.
Днишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Яке аз омилҳои муҳимми ҷалби самараноки маблағгузории хориҷӣ ин фароҳам овардани иқлими инвеститсионӣ мебошад. Иқлими инвеститсионӣ гуфта маҷмӯи омилҳое, ки барои пешбурди иқтисодиёт, ки дар асоси самаранок ворид шудан ва истифодаи маблағгузории хориҷӣ ба даст оварда мешавад. Ин ҷо омилҳое ҷой дошта метавонанд, ки аз як тараф аз воридшавии маблағгузории хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд, аз дигар тараф, нодуруст ба роҳ мондани онҳо садди роҳи ворид гаштани маблағгузории хориҷӣ гаштанашон мумкин аст.

Иқлими инвеститсионӣ аз устувор будани вазъи сиёсию иқтисодӣ, меъёрҳою санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла кафолатҳои моликӣ, вазъи асъорию, молиявию, қарзӣ, сифати қувваи корию фарҳангии коргарону хизматчиён ва зиёиён вобаста аст. Ғайр аз ин,

ворид гардидани маблағгузории хориҷӣ аз системаи андозбандӣ, меъёрҳои андоз ва суғуртакунонии маблағгузорони хориҷӣ бевосита вобастагӣ дорад.

Иқлими инвеститсионӣ дар ҷумҳурии мо дар давраи такмилу ташаккулёбӣ қарор дошта, фароҳам овардани иқлими мусоиди инвеститсионӣ барои маблағгузорони хориҷӣ, инчунин, ба тариқи барномавӣ қабул намудани шарту шароитҳо, аз ҷумла баҳисобгирии урфу одатҳои миллии мардум, маданияти тиҷорат ва муомилот бо инвесторони хориҷӣ бисёр муҳим мебошад. Ғайр аз ин, мо бояд шароит фароҳам орем, то ин ки маблағгузорони хориҷӣ на фақат ба воситаи ташкил намудани корхонаҳои муштарак, ҳамзамон, ба воситаи идора намудани корхонаҳои хос ба инвесторони хориҷӣ дахл дошта ва идораи дигар компанияҳою ширкатҳои ватанӣ ба воситаи маблағгузорони хориҷӣ ба мо ҳамкорӣ намоянд. Ва бо ин роҳ аз як тараф ба воситаи инвесторони хориҷӣ ашёи хоми мо, аз тарафи дигар қувваи арзони корӣ истифода карда мешавад.

Барои бештар ҷалб намудани инвеститсияи мустақим мо бояд ҳамаи бахшҳои ислоҳоти иқтисодиро мунтазам пеш барем, то ин ки ба қонунҳои бозоргонии ҷаҳон (дар асоси хусусиятҳои хоси мамлакат) мусоидат намояд. Ғайр аз ин, масъалаи азнавтаҷҳизонии муассисаҳои саноатӣ ва мувофиқ намудани онҳо ба бароориши маҳсулоти ба талаботҳои бозори дохилӣ ва берунӣ барои фароҳам овардани шароит ба инвесторони хориҷӣ бисёр муҳим мебошад. Ташакулёбии иқлими мусоиди инвеститсионӣ ба сиёсати инвестисионии давлатӣ бисёр вобаста мебошад, ки дар он, пеш аз ҳам, соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ва соҳибкорӣ (аз ҷумла, соҳибкории хурду миёна) муайян карда мешавад. Ғайр аз ин, сиёсати инвеститсионии давлатӣ бояд ба иҷрои вазифаҳои зерин равона бошад:

- ҳарчи бештар пасандоз намудан дар асоси тараққиёти истеҳсолоти ватанӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат, баланд бардоштани сифат ва рақобатнокии маҳсулот ва паст намудани хароҷотҳои истеҳсолӣ;

- шавқмандкунии пасандоз барои корхонаҳо ва аҳолӣ, истифодаи ин пасандозҳо барои маблағгузорӣ дар истеҳсолот;

- ташкил намудан ва истифода кардани намудҳои дигари маблағгузорӣ дар асоси лизинг, зонаҳои озоди иқтисодӣ, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ;

- ташкил намудани шароитҳои мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодию иҷтимоӣ барои тараққии роҳҳои гуногуни соҳибкорӣ.

Дар маркази сиёсати давлатии инвеститсионӣ бояд маблағгузорӣ ба капитали меҳнатӣ дар мадди аввал истад. Ҳамзамон, мавзӯи сарфаю сариштакорӣ ва ташаббуснокӣ барои эҳёи мамлакат бисёр муҳим мебошад.

Яъне, аз равияҳои сиёсати давлатии инвеститсионӣ бояд бо муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ танзим карда шавад.

Мо бояд дар мадди аввал соҳаҳои афзалиятноки ҷумҳуриамонро, соҳаҳое, ки ба зудӣ самара медиҳанд ва паҳлуҳои стратегию иқтисодию иҷтимоӣ доранд, маблағгузорӣ намоем.Ба ин соҳаҳои афзалиятнок дохил мешаванд:

- тараққиёти гидроэнергетика, ба итмом расонидани сохтмони стансияҳои электрикию обии нотамом (Роғун ва Сангтуда) ва дигар объектҳои хоҷагии энергетикӣ тараққиёти энергетикаи хурд;

- ташкили комплексҳои саноатӣ барои ба даст даровардан ва коркард намудани ашёи хоми минералӣ ва таъмин намудани бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳон бо ин маҳсулотҳо;

- тараққиёти комплекси аграсаноатӣ, азнавтаҷҳизонии заводҳои истеҳсоли нахи пахта ва сохтмони сеххои бофандагию дӯзандагӣ дар деҳаҳои сераҳолӣ, баланд бардоштани маҳсулнокии истеҳсоли пахта ва дигар намуди маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ;

- аз нав таҷҳизонидан ва сохтани корхонаҳои саноати сабук, аз ҷумла барои коркарди нахи пахта ва пила, барои аз ин омилҳо истеҳсол намудани маҳсулотҳои ниёзи мардум;

- сохтани корхонаҳои саноатӣ доир ба коркард ва захираи ангуру себ ва дигар маҳсулотҳои соҳаи боғпарварӣ;

- такмилу тараққӣ додани соҳаи лимонпарварӣ;

- сохтани комплексҳои туристӣ алпинизми байналхалқӣ ва комплексҳои саноатию курортии аҳамияти байналхалқидошта;

- тараққӣ додани соҳаҳои саноати вазнин, аз ҷумла саноати мошинсозӣ (алалхусус, барои соҳаҳои агросаноатӣ), саноати химия, электронӣ ва электротехникӣ;

- соҳаҳои инфроструктурӣ – алоқа, нақлиёт ва роҳҳои автомобилгард ва ғайра;

- тараққӣ додани истеҳсоли ҳаҷми бароориши сангҳои қимматбаҳо, гранитҳо, мармар, сангҳои ҳамчун масолеҳи сохтмон истифода шаванда;

- сохтмони комплексҳои туристӣ, тараққиёти алпинизми байналхалқӣ ва сохтмони комплексҳои санаториявию маишӣ.

Ҷадвали 1. Таҳлили сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисоди корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2009-2017 (млн. долл. ИМА)

Воридоти сармоягузориҳо	Ҷалби сармоягузориҳо			Ҷамъ	%
	Сармоягузории мустақим	Дигар намуди сармоягузориҳо	портфелӣ		
2009	388,4	472,2	-	860,6	12,9
2010	425,7	563,6	-	989,3	14,8
2011	89,4	293,8	-	383,2	5,8
2012	230,9	228,2	-	459,1	6,9
2013	161,4	164,0	0,05	325,45	4,9
2014	391,3	355,0	0,1	746,4	11,2
2015	341,1	670,6	0,2	1011,9	15,2
2016	377,4	530,4	1,4	909,2	13,6
2017	470,9	506,9	0,04	977,8	14,7
Ҳамагӣ	**2876,5**	**3784,7**	**1,8**	**6663,0**	**100**

Эзоҳ: Зимни мафҳуми «дигар намуди сармоягузориҳо» қарзҳои имтиёзнок ва дигар воситаҳои молиявӣ дар назар дошта мешавад. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2017

Расми 1. Воридоти сармоягузории хориҷӣ



Тибқи маълумотҳои дар ҷадвал ва расми 1 овардашуда воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар солҳои 2009-2017 6 млрд. 663,0 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз онҳо 2 млрд. 876,5 млн. долл. ИМА сармоягузориҳои мустақим, 3 млрд. 784,7 млн. долл. ИМА-ро қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида ва 1,8 млн. долл. ИМА-ро сармоягузории портфелӣ ташкил менамояд.

Яке аз сарчашмаҳои муҳимтарини тараққиёт ин сармоягузории дохилӣ ё хориҷӣ мебошад. Барои бардоштани сатҳи иқтисодиёти кишвар ва зиндагии аҳолӣ сармояи дохилӣ ва сармояи хориҷӣ зарур аст. Аз рӯйи назария сармоягузорӣ ин маҷмӯи манбаъҳои иктисодиёт, ки ба такрористеҳсоли воситаҳои асосии истеҳсолот равона карда шудаанд. Дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон дар байни давлатҳои шӯравӣ аз рӯйи дараҷаи баланди маълумотнокӣ фарқ мекард. Лекин аз сабаби ҷанги шаҳрвандӣ ва чукуршавии сатҳи буҳрони иқтисодӣ ин нишондиҳанда тағйир ёфт. Аз сабаби камшавии буҷаи давлат барои маориф маблағи камтар ҷудо карда мешуд, маоши маорифчиён беҳад паст буда, душвории ба мактабҳо фаро гирифта ин хонандагон дар ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст. Умуман, сармоягузорӣ ба ин соҳа кам гардид ва раванди ташаккули сармояи инсонӣ суст гардид.

Аз рӯйи ҳисоботҳои Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид дар соли 1999 Тоҷикистон аз рӯйи индекси ташаккули «сармояи инсонӣ» дар байни 174 давлатҳои ҷаҳонӣ ҷои 110-умро ишғол намуд ва ин индекс 0,601% ё 68,8%-и аҳолиро, ки он солҳо ба маориф фаро гирифта шуда буданд, ташкил медод. Ҳамаи ин санадҳо дараҷаи пастшавандаи самаранокии меҳнатро дар ҷумҳурӣ нишон медиҳад. Барои пешгирӣ кардани пастшавии ихтисоснокии меҳнат тавассути ҷустуҷӯи сарчашмаҳои инконпазири маблағгузорӣ, аз он ҷумла берунӣ, ва минбаъд баланд бардоштани сифати меҳнати қобили истифода дар раванди истеҳсолот чораҳои заруриро бояд андешид.

Ҷараёни ҷалбнамоии сармоягузории хориҷӣ барои баромадан аз буҳрони иқтисодӣ, васеъгардонии истеҳсолот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ҳаётан зарур мебошад. Дар амал ягон давлате нест, ки аз сармоягузории хориҷӣ истифода набарад. Давлатҳое, ки ба сармоягузории хориҷӣ эҳтиёҷот доранд, яъне дар онҳо норасоии сармоя дида мешавад, ки инро исбот кардан шарт нест.

Бухрони иқтисодӣ ҳамаи тарафҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар ҷумҳурӣ фаро гирифт, ки ин боиси маҳдудгардии имкониятҳои ҷараёни сармоягузорӣ гашт.

Қисми зиёди фондҳои асосии истеҳсолии саноат, сохтмон ва комплекси агросаноатӣ кам гардида, имрӯз зиёда аз 40%-и мошину таҷҳизоти дар истифодабуда ба талаботи ҳозира мувофиқат намекунад. Асосан баъзе соҳаҳои асосии иқтисодӣ ба монанди электроэнергетика, саноати масолеҳи сохтмон дар ҳолати ногузир қарор доранд. Аз ин ҷо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки иқтисодиёти Тоҷикистон ба сармоягузориҳои мақсаднок барои техникаи нав ва технологияи ҳозиразамон эҳтиёҷоти калон дорад. Имконияти баромадан аз чунин ваъзият, яъне талафоти захираҳои сармоягузорӣ бояд аз рӯйи имконияти такмили ҷалбкунии сармояи хориҷӣ, пеш аз ҳама, дар он соҳа ва роҳи тараққиёти иқтисодӣ, ки якҷоя бо захираҳои миллӣ самараи максималӣ дода, ба ҳамкории муфиди иқтисодӣ таъмин мекунад, ба роҳ мондан зарур аст [1].

Аз сабаби дар давраи гузариш қарор ёфтани ҷумҳурии мо ҳанӯз таҷрибаи пурраи хоҷагидорӣ дар шароити бозорӣ надорад. Механизми сусти муносибатҳои бозорӣ барои давлатҳое, ки дар иқтисодиёти гузариш қарор доранд, хос мебошад. Бо мақсади ба даст овардани тараққиёти муътадили иқтисодӣ роҳҳои баромадан аз вазъияти ба вуҷудомадаро бояд ҷустуҷӯ намуд. Ҳар гуна кӯшиши баланд бардоштани донишу ихтисоси кадрҳо дар шароити номувофиқатии донишҳо оид ба иқтисодиёти бозорӣ ба дастоварда ба муносибатҳои ҳаққии истеҳсолӣ дар мамлакат рӯ ба қасодӣ дорад. Аз ин ҷо бармеояд, ки сармоягузорони давлатҳои тараққикардаро тавассути кушодани корхонаҳои муштарак бояд ҷалб намуд.Сармоя хориҷӣ ва дар баробари он ташкилотҳои хориҷӣ фаъолияти худро дар бозор зиёд намуда, маблағ барои фаъолгардонии механизми бозор, ки дар навбати худ ҳавасмандии кардрҳои маҳаллиро дар такмили ихтисос ва омӯзиши таҷрибаи пешқадам ба тараққиёти кишвар оварда мерасонад, таъсир менамояд.

Ҳамин тавр, вазъи маҷмӯи сармоягузорӣ нишон медиҳад, ки ҷалби сармояи хориҷӣ хеле муҳим буда, пеш бурдани сиёсати сармоягузориро талаб менамояд.Сиёсати сармоягузорӣ бояд самтҳои зеринро дарбар гирад:

- ташкили шароит барои ҷоннок кардани фаъолияти сармояи мустақими хориҷӣ ва сармояи хусусӣ;
- фароҳам овардани иқлими мусоиди сармоягузорӣ ҳам барои сармояи хориҷӣ ва ҳам барои сармояи дохилӣ;
- гузаронидани сиёсати қарзӣ - пулӣ, ки ба васеъ кардани маблағгузорӣ ва мусоидат кардан ба маблағгузориҳои дарозмуддат равона карда шудааст;
- пурзӯр кардани базаи молиявӣ барои сармоядорон тавассути амалӣ гардонидани сиёсати амортизатсионӣ ва васеъ кардани маблағи асосӣ;
- дасгирии ҳаматарафаи рушди соҳибкории хурд ва миёна, инчунин, ривоҷ додани рақобат;
- тараққӣ додани инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва бозорӣ [2].

Ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтсодиёти миллӣ ва истифодаи самараноки он бо мақсади тағйири сохтор ва таҷдиди он ва такмили сохтори хоҷагии халқи Тоҷикистон яке аз ҷиҳатҳои муҳимтарини ислоҳоти иқтисодӣ мебошад. Бинобар ин, ҷалби сармояи хориҷӣ ба яке аз проблемаҳои асосӣ дар сиёсати берунаи иқтисодии мамлакат табдил ёфт.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми ҷалбкунандаи сармояи хориҷӣ ин иқлими мусоиди сармоягузорӣ ҳисоб меёбад, ки якчанд омилҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад. Аз рӯйи чунин иқлим сармоягузор, бозори муайяни сармоягузориро интихоб карда метавонад. Ба таври дигар, иқлими мусоид бояд нишондиҳандаи тараққиёти инфрасохтори бозорӣ ва иҷтимоӣ, қонунгузорӣ, имтиёзҳо, минтақаҳои имтиёзноки иқтисодӣ, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва ғайра дошта бошад, ки аз тарафи давлат ҷорӣ карда мешавад. Дар он мамлакате, ки чунин иқлим ҷорӣ шудааст, сармоя аз бозори ҷаҳонӣ ҳаракат мекунад.

АДАБИЁТ

1. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2017.
2. Маҷалаи Иқтисодиёти Тоҷикистон; стратегия, тараққиёт. –Душанбе, 2012.
1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 22.12.2016; 22.12.2017.
2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2006, № 4.
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 01.01.2013.
4. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2009, № 5.

ТАҲЛИЛИ САРМОЯГУЗОРИИ МУСТАҚИМ ВА ДИГАР НАМУДИ САРМОЯГУЗОРИҲО ДАР КОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Яке аз омилҳои муҳимми ҷалби самараноки маблағгузории хориҷӣ ин фароҳам овардани иқлими инвеститсионӣ мебошад. Иқлими инвеститсионӣ маҷмӯи омилҳоеанд, ки барои пешбурди иқтисодиёте, ки

дар асоси самаранок ворид шудан ва истифодаи маблағгузории хориҷӣ ба даст оварда мешавад, истифода мегардад. Ин ҷо омилҳое низ ҷой дошта метавонанд, ки аз як тараф аз воридшавии маблағгузории хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд, аз дигар тараф нодуруст ба роҳ мондани онҳо садди роҳи ворид гаштани маблағгузории хориҷӣ гаштанашон мумкин аст. Иқлими инвеститсионӣ аз устувор будани вазъи сиёсию иқтисодӣ, меъёрҳою санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла кафолатҳои моликӣ, вазъи асъорию, молиявию, қарзӣ, сифати қувваи корию фарҳангии коргарону, хизматчиён ва зиёиён вобаста аст.

Калидвожаҳо: инвеститсия, иқлими инвеститсионӣ, иқтисодиёт, маблағгузории хориҷӣ, кафолат, моликият, қувваи корӣ, сифат, молия, қарз, вазъи асъорӣ, коргар.

АНАЛИЗ ПРЯМЫХ И ДРУГИХ ВИДОВ ИНВЕСТИЦИЙ НА ПРЕДПРИЯТИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Одним из важных факторов эффективного привлечения иностранных инвестиций является создание инвестиционного климата. Инвестиционный климат представляет собой совокупность факторов, которые способствуют экономическому росту на основе эффективного доступа и использования иностранных инвестиций. Есть несколько факторов, которые способствуют притоку иностранных инвестиций в экономику страны, и, с другой стороны, их неточности могут препятствовать потоку иностранных инвестиций. Инвестиционный климат зависит от стабильности политической и экономической ситуации, нормативных и законодательных актов, в том числе имущественных гарантий, валютного, финансового и кредитного статуса, качества рабочей силы и работников.

Ключевые слова: инвестиция, инвестиционный климат, экономика, иностранные инвестиции, гарантия, собственность, рабочая сила, качество, финансы, долг, валютная ситуация, работник.

ANALYSIS OF DIRECT AND OTHER TYPES OF INVESTMENTS AT ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

One of the important factors for the effective attraction of foreign investment is the creation of an investment climate. The investment climate is a combination of factors that contribute to economic growth based on the effective access and use of foreign investment. Here are several factors that contribute to the influx of foreign investment into the country's economy, and, on the other hand, their inaccuracies can impede the flow of foreign investment. he investment climate depends on the stability of the political and economic situation, regulatory and legislative acts, including property guarantees, currency, financial and credit status, the quality of the labor and cultural workforce and workers.

Key words: investment, investment climate, economy, foreign investment, guarantee, property, labor, quality, finance, debt, currency situation, employee.

Сведения об авторах: ***Гафорзода Джонона Гафор*** **-** Таджикский государственний педагогический университет имени С. Айни, кандидат экономических наук, заведующий кафедрой экономики и управления. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Айни, 121. Телефон: **931-01-86-86**

Гулбекова Сурайё Джурабековна **-** Таджикский государственний педагогический университет имени С. Айни, соискатель кафедры экономики и управления. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Айни, 121

Сайфхусейнов Шарифджон **-** Таджикский государственний педагогический университет имени С. Айни, доктор PhD кафедры экономики и управления. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Айни, 121

Information about the authors: ***Gaforzoda Johnona Gafor*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department of Economics and Management. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Street, 121. Phone: **931-01-86-86**

Gulbekova Surayo Dzhurabekovna - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, applicant for the Department of Economics and Management. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Street, 121

Sayfhuseynov Sharifdzhon - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Doctor of PhD, Department of Economics and Management. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Street, 121

УДК 336.7(575.3)

ВНЕШНИЙ ДОЛГ, СКОНЦЕНТРИРОВАННЫЙ В ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКЕ ТАДЖИКИСТАНА, И МЕХАНИЗМЫ ЕГО ОБСЛУЖИВАНИЯ

Ахорова А.Д., Бобоев Ф. Дж., Ниязов А. Д.
Таджикский технический университет имени М. С. Осими,
Таджикский национальный университет

Экономические преобразования, направленные на достижение стратегических целей развития национальной экономики при недостаточности внутренних ресурсов, вынуждают каждую страну прибегать к внешним заимствованиям. Внешние ресурсы (заимствования) обеспечивают для страны-задолжника возможность стабилизировать противоречия между величиной необходимых общих потребностей в инвестиционных ресурсах и возможностей государства по их удовлетворению. [2] Обслуживание внешнего долга (ВД) осуществляется за счёт государственного бюджета, который является источником финансирования таких отраслей, как образование, здравоохранение, социальное обеспечение. Устойчивость развития этих сегментов национальной экономики и, как следствие, обеспечение качества жизни населения, при необоснованном увеличении, неэффективном использовании и нарастании обслуживания ВД, подвергается значительным рискам. [1]

Отраслевая структура внешнего долга Республики Таджикистан отражена на рис. 1. Как свидетельствует данный рисунок, в общей сумме привлеченных финансовых ресурсов 25,5% направлены в транспорт и коммуникации, 9,2% в сектор государственного управления и власти, 9,7% в сельское хозяйство, 4,9% в социальный сектор, 6,7% в сферы образования и здравоохранения. Общая сумма долговых соглашений, реализуемых в электроэнергетике, по состоянию на 01.10.2018 года, составила около $1672 млн., т.е. 38,7% иностранных кредитов направлено в электроэнергетику. Для своевременного погашения внутреннего и внешнего долгов, аккумулированных в электроэнергетике страны, необходимо обеспечить эффективное использование привлеченных инвестиционных ресурсов, научный поиск действенных механизмов управления внешним долговыми обязательствами. Одним из инструментов, обеспечивающих соответствующие поступления в государственный бюджет и, как следствие, возможностей обслуживания внешнего и внутреннего долгов является система обоснованных тарифов на электроэнергию.

Рис.1. Внешний долг Республики Таджикистан по отраслям экономики на 01.10.2018., $ млн.



Признавая особую социальную значимость электроэнергии, как товара, и платежеспособный спрос на нее, проблема построения адекватных тарифов на электроэнергию остается актуальной. В основу выполненного исследования на основе предложенного алгоритма (на рис. 2) положены отчетные и прогнозируемые данные отечественной энергетической компании «Барки Точик».

Рис. 2. Алгоритм расчета среднего тарифа



При этом рассматривается различная продолжительность сроков погашения долговых обязательств и обосновывается среднее значение тарифа, обеспечивающего по существующим

нормативам налогообложения гарантированный вклад энергетической компании в обслуживание внешнего долга. Результаты расчетов по данному алгоритму приведены в таблице 1.

Таблица 1. Расчет среднего тарифа, обеспечивающего своевременное погашение долгового обязательства

	На 5 лет	На 10 лет	На 20 лет	На 30 лет	На 40 лет
Средний тариф д/кВт.ч	91,6	47	24,6	17,2	13,5
Прибыль млрд. сом	15,31	7,66	3,8	2,5	1,91
Налог с прибыли млрд. сом/год	2,29	1,15	0,57	0,375	0,28

Результаты выполненных расчётов свидетельствуют, что средний тариф, обеспечивающий погашение ВД, аккумулированного в электроэнергетике в рассмотренные периоды должен составлять от 91,6 до 13,5 д/кВт.ч. Представляется, что значение тарифа 24,6 д/кВт.час является наиболее приемлемым, так как незначительно превышает существующее в настоящее время его среднее значение и не окажет негативное влияние на платежеспособный спрос на внутреннем рынке. Источником формирования государственного бюджета страны являются налоговые поступления. В этой связи налоговая политика государства должна быть обоснованной и предусматривать возможность участия в формировании государственного бюджета тех отраслей, в которые направляются основные внешние заимствования. Кроме того, налоговая политика должна обеспечивать возможность реинвестирования части прибыли в производство, передачу и распределение электрической энергии. Авторами статьи предпринята попытка оценить влияние налоговой политики на возможность смягчения угроз внешнего долга, сконцентрированного в электроэнергетике, за счет увеличения налоговых поступлений в бюджет.

Таблица 2. Оценка влияния ставки налога на прибыль на период погашения внешнего долга, аккумулированного в электроэнергетике Таджикистана

Показатели	Единицы измерения	Ставка налога на прибыль					
		15%	18%	20%	22%	25%	30%
Средний тариф на электроэнергию	сом/кВт. час	0,127					
Объем реализации	млрд.кВтч/ год	17,162					
Отчисления в государственный бюджет	млрд.сом/ год	0,26	0,32	0,35	0,39	0,44	0,53
Внешний долг электроэнергетики	млрд.сом	11,57					
Время для погашения внешнего долга электроэнергетики	годы	44,5	36	33	29	26	22

Результаты выполненных расчетов, приведенных в таблице 2, свидетельствуют, что погашение внешнего долга сконцентрированного в электроэнергетике за счет повышения ставки налога при текущем среднем значении тарифа, даст возможность уменьшения времени погашения внешнего долга. Реализация предложенных выше мер по увеличению вклада электроэнергетики в обслуживание внешнего долга возможна при внесении соответствующих изменений в нормативно-правовую базу и будет эффективна при повышении культуры электропотребления, снижении дебиторской задолженности потребителей, финансового оздоровления отечественной энергетической компании.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ахророва А.Д. Внешний долг Республики Таджикистан в контексте экономической безопасности / А.Д. Ахророва, Ф.Дж. Бобоев // Вестник Таджикского технического университета. -Душанбе, 2015. -№4(32). -С.160-168.
2. Бобоев Ф.Дж**.** Внешние заимствования и их последствия для национальной экономики / Ф.Дж**.** Бобоев // Мат. Респуб. науч-теорет. конф. «Эффективность управления государственными финансами в условиях малой открытой экономики Республики Таджикистан». -Душанбе, 2016. -С.88-93.
3. Отчет о состоянии государственного долга на 2018г. // Министерство финансов Республики Таджикистан. Министр финансов РТ Курбониён А.К.
4. Стратегия управления государственным долгом Республики Таджикистан на 2015-2017 годы. Утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан то «31» марта 2014 г., №214.
5. Саркасиянц А.Г. Система международных долгов / А.Г. Саркасиянц. -М: ООО «ДеКА», 1999. -720 с.
6. Рыбалко Г.П. Зарубежный опыт управления государственным долгом / Г.П. Рыбалко // Финансы. - 2001. -№3.
7. Хасанов М.М. В мировые тенденции и их приложение к экономике Таджикистана / М.М. Хасанов, Х.Д. Саидходжаев. –Душанбе, 2002. -53 с.

ҚАРЗИ ХОРИҶИИ ДАР ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКА ҶАМЪГАРДИДА ВА МЕХАНИЗМҲОИ ХИЗМАТРАСОНИИ ОН

Дар мақолаи мазкур механизмҳои идоракунии қарзи хориҷие, ки дар соҳаи электроэнергетикаи мамлакат ҷамъ гардидааст, баррасӣ гардида, инчунин, сиёсати тарофавӣ ва андозӣ асоснок карда шудааст. Усулҳои воқеии арзёбии таъсири қарзи хориҷии Тоҷикистон ба сатҳи муътадилии иқтисодиёти мамлакат ва имкониятҳои аз даст рафтаи соҳаи электроэнергетикаи мамлакат оид ба саҳми он дар хизматрасонии

уҳдадориҳои қарзӣ пешниҳод гардидаанд. Маҷмӯи чораҳо оид ба баланд бардоштани нақши соҳаи электроэнергетикаи мамлакат дар ташаккулёбии буҷети давлатии мамлакат ва саҳми назарраси он дар хизматрасонии қарзи хориҷии асоснок гардида, аҳамияти онҳо дар коҳишдиҳии таҳдидҳои амнияти иқтисодии мамлакат исбот карда шудааст. Натиҷаи ҳисобҳои анҷомдодашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки рӯйпушнамоии қарзии хориҷии дар соҳаи электроэнергетика ҷамъ омадааст, аз ҳисоби баландбардории меъёри андоз ҳангоми қиммати миёнаи тарофаи ҷорӣ, ба коҳишёбии мӯҳлати рӯйпӯшнамоии қарзи хориҷӣ имкон фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: қарзи хориҷӣ, буҷети давлатӣ, даромадҳои андозӣ, сиёсати тарифӣ, механизмҳои танзимотӣ, электроэнергетика, уҳдадориҳои қарзӣ, хизматрасонии қарзи берунӣ.

ВНЕШНИЙ ДОЛГ, СКОНЦЕНТРИРОВАННЫЙ В ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКЕ ТАДЖИКИСТАНА, И МЕХАНИЗМЫ ЕГО ОБСЛУЖИВАНИЯ

В данной статье рассмотрены механизмы управления внешним долгом, аккумулированном в электроэнергетике страны, включающие обоснование тарифной и налоговой политики. Предложены оригинальные методики оценки влияния внешнего долга Таджикистана на экономическое благополучие страны и упущенных возможностей электроэнергетики по вкладу в обслуживание долговых обязательств. Обоснован комплекс мер повышения роли электроэнергетики в формировании государственного бюджета страны и соответствующего вклада в обслуживание внешнего долга, доказана их значимость в смягчении угроз экономической безопасности страны. Результаты выполненных расчетов свидетельствуют о том, что погашение внешнего долга, сконцентрированного в электроэнергетике, за счет повышения ставки налога при текущем среднем значении тарифа, даст возможность уменьшения времени погашения внешнего долга.

Ключевые слова: внешний долг, бюджет государства, налоговые поступления, тарифная политика, механизмы регулирования, электроэнергетика, долговые обязательства, обслуживание внешнего долга.

EXTERNAL DEBT CONCENTRATED IN ELECTRIC POWER OF TAJIKISTAN AND MECHANISMS OF ITS SERVICE

This article discusses the mechanisms for managing external debt accumulated in the country's electricity industry, including the rationale for tariff and tax policies. Original methods are proposed for assessing the impact of Tajikistan's external debt on the economic well-being of the country and the missed opportunities of the electric power industry to contribute to debt service. A set of measures has been substantiated to increase the role of the electric power industry in the formation of the state budget of the country and the corresponding contribution to servicing external debt, their importance in mitigating threats to the country's economic security has been proved. The results of the calculations indicate that the repayment of external debt concentrated in the electric power industry due to an increase in the tax rate at the current average tariff value will make it possible to reduce the time of repayment of external debt.

Key words: external debt, state budget, tax revenues, tariff policy, regulatory mechanisms, electric power industry, debt obligations, external debt service.

Сведения об авторах: ***Ахророва Альфия Дадахановна*** – Таджикский технический университет имени М.С. Осими, профессор кафедры «Экономика и управление на производстве». **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица академиков Раджабовых, 10. E-mail: **aalphia@mail.ru.** Телефон: **(+992) 935-12-00-89**
Бобоев Фузайл Джумабоевич – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры финансового менеджмента. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **fuzail-1991@mail.ru**. Телефон: **(+992) 934-51-45-45**
Ниязов Азамат Дилшодович – Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, студент 2 курса магистратуры энергетического факультета, **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица академиков Раджабовых, 10. E-mail: **azamat.niyazov@gmail.com.** Телефон: **(+992) 905-44-69-39**

Information about the authors: ***Akhrorova Alfiya Dadakhanovna*** - Tajik Technical University named after MS. Osimi, Doctor of Economics, Professor of the Department "Economics and Production Management". **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 10 Academicians Rajabov Street. E-mail: **aalphia@mail.ru**. Phone: **(+992) 935-12-00-89**
Boboev Fuzail Jumaboevich - Tajik National University, Assistant, Department of Financial Management. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **fuzail-1991@mail.ru**. Phone: **934-51-45-45**
Niyazov Azamat Dilshodovich - Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, 2nd year student at the Faculty of Energy, **Address**: 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 10 Academicians Rajabov Street. E-mail: **azamat.niyazov@gmail.com.** Phone: **(+992) 905-44-69-39**

УДК 338.431(575.3)

РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАҲОИ КИШОВАРЗӢ ВА МАҚОМИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

Тешаев М.С.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ

Комплекси ташкилӣ-иқтисодӣ ва истеҳсолии минтақаҳои кишоварзии кишвар дар ташкили истифодаи захираҳои обӣ хеле фаъол буда, зарурати самаранок истифодабарии онҳоро барои тараққиёти минтақаҳои кишоварзӣ таъмин менамоянд. Дар навбати худ рушди минтақа дар бисёр мавридҳо ҳамчун иқтидори захиравӣ (монанди табиӣ, зеҳнӣ, сармоя ва дигар захираҳо), инчунин, маҷмӯи омилҳои гуногуни минтақавӣ (маданияти заминдорӣ, таҷрибаи таърихӣ, махсусгардонӣ, дараҷаи рушди куввaҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ) ва ғайраҳо фаҳмида мешавад, ки амалисозии он рушди устувори соҳаи кишоварзиро таъмин менамоянд.

Ҷиҳати таъмин намудани амнияти озуқавории кишвар нақши захираҳои обӣ назаррас мебошад. Барои расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар мебояд рушди устувори иқтисодиро таъмин намуд. Ба андешаи Красношеков В.Н. рушди устувори иқтисодӣ ҳамчун шакли моделе муаррифӣ карда мешавад, ки ба баландбардории сатҳи некуаҳволии мардум равона карда шуда, адолати иҷтимоиюэкологиро таъмин месозад [1,ч.14.].

Тибқи назарияи И.Г. Ушачёв моҳияти рушди устувори соҳаи кишоварзиро се бахши алоҳида - иқтисодӣ, иҷимоӣ ва экологӣ ташкил медиҳад:, ки ҳама бо якдигар муттаҳиданд ва руши устувори иқтисодиро таъмин намуда, талаботи аҳолиро қонеъ мекунанд [2,с.3-4].

И.В. Куртсев бошад, бар он назар аст, ки рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ба маънои такористеҳсоли захираҳо дар ҳар марҳилаи даври истеҳсол, яъне натиҷаҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва иҷимоӣ ва афзоиши пайдарпайи беҳсозии онҳо аз лиҳози натиҷаҳои мусбат дар сатҳи болотар қарор дорад [3,с.17]. Аммо, назарияи П.Д. Половинкин, устувории такористеҳсол дар комплекси агросаноатӣ ин қобилияти субъектони такористеҳсоли мазкур дар нигоҳ доштани таносуби қавию оқилонаи омилҳои такористеҳсоли комплекси агросаноатӣ ва суръати зарурии рушди он дар шароити номуайянӣ бо мақсади қонеъгардонии доимии талаботи аҳолӣ ба маводи ғизо ва молҳои истеъмоли халқ аз маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсолшуда мебошад [4]. Умуман, аз нуқтаи таъмини рушди устувори экологӣ-иқтисодӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ бояд ба ҳалли чунин вазифаҳои асосӣ равона карда шаванд:

-дар нақшаи рушди стратегии иқтисоди миллии кишвар бояд самтҳои асосии самаранок истифодабарии захираҳои обу замин ва гузаштан ба иқтисоди сабз диққати ҷиддӣ дода шавад;

-бартарият дар соҳаҳои афзалятнок ва илмталабкунанда, технологияи нав, рушди инфрасохтори бозорӣ бо таъсири минималии ба муҳити зист равонагардида бояд ба амал бароварда шавад;

-вазни қиёсии соҳаҳои ба ашёи хом нигаронидашуда бояд кам карда шавад;

-оқилона истифодабарии захираҳои табиӣ ва сарфи он ба таври қатъӣ баланд бардошташуда, ки он дар кам кардани яку якбораи хароҷот ба воҳиди ягонаи натиҷаҳо ба назар мерасад;

-дар натиҷаи истифодаи технологияи кампартов ва бепартов, амалигардонии дастовардҳои навтарини илмию техникӣ, технологияи инноватсионӣ ва ғайра, ифлосшавии муҳити зист бояд кам гардад.

Мақсади таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ низ аз идоракунии самараноки истифодаи захираҳои обу замин, мувофиқгардонии он бо омилҳои табиӣ ва аз нигоҳи назария асосноккунии барои ноилшавӣ ба натиҷаҳои рушди устувори низоми комплекси агросаноатӣ мебошад, ки ба ҳалли муаммоҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ ва экологӣ-иқтисодӣ устувор мебошад. Дар сиёсати хоҷагии об механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ бояд идоракунии самараноки фаъолияти хоҷагии об равона гардида, дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ташкили низоми самараноки идоракунии онҳо вазифаи аввалиндараҷаи иқтисодиёт мебошад.

Гузариш ба модели рушди устувори иқтисод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даврони мушкили давлатдорӣ, дигаргунсозиҳои сохторӣ ва то ҷойи лозима дуруст амал накардани механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, инчунин, иқтидори илмӣ, фарҳангӣ ва табиӣ рост омадааст. Инчунин, ислоҳоте, ки дар даврони зиёдшавии аҳолӣ, мушкилоти экологӣ ва зиёдшавии ҳудуди он дар минтақаҳо аз нигоҳи экологӣ-иҷтимоӣ ноустувор боқӣ мондааст.

Ҳамин тавр, аз яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи рушди устувор ин фаъолият ба вазифагузории танзими давлатии истифодабарии захираҳои обӣ ва бехдошти муҳити зист, инчунин, мувофиқат кардани онҳо бо қонунҳои рушди соҳаи кишоварзӣ мебошанд. Пас, донистани ин масоил барои ташкили принсипҳои асосӣ ва механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии танзими истифодаи захираҳои обӣ дар минтақаҳо шароити заруриро фароҳам оварда, дар таъмини рушди босуботи кишоварзӣ саҳми калон мегузорад.

Таҳлили истифодаи захираҳои обӣ дар ҷумҳури ва минтақаи Келоби вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки ҳолати кунунии истифодаи захираҳои обу замин ба консепсияи истифодаи самараноки оқилонаи онҳо мувофиқат намекунад ва ин боиси ифлосшавии иншоотҳои обӣ ва харобшавии ин захираҳо, паст шудани сатҳу сифати зисти аҳолӣ, афзудани хароҷот барои барқарорсозӣ ва ҳифзи иншоотҳои обӣ ва дар охир боиси истифодаи ғайрисамараноки захираҳои обӣ мегардад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар асоси таҳия ва асосноккунии механизмҳои идоракунии захираҳои обу замин мубрам мегарданд. Аҳамияти такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи самараноки устувори захираҳои обӣ бо як қатор масъалаҳо, аз қабили муаммои ислоҳоти замину об дар шароити иқтисоди бозорӣ; самаранокии пасти органҳои давлатии идоракунии

захираҳои обӣ; фарсудашавии маънавӣ ва ҷисмонии инфрасохтори бозорӣ; афзоиши демографӣ ва раванди урбанизатсия дар минтақаҳо; таъсири тағйироти иқлимӣ; механизми иқтисодии муносибатҳои байни муассисаҳои хоҷагии об ва истифодабарандагони он; омезиш ва баҳодиҳии нокифояи иқтидори захираи обии минтақа асоснок мегардад. Мақсад ва вазифаи асосии омӯзиши тадқиқоти мазкур таъмини рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ буда, бо назардошти хусусияти хоси захираҳои замин, асосноккунии консептуалии алоқамандии инкишофи табиат ва ҷомеа, масоили экологию иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ дар Тоҷикистон равона карда шудааст. Самтҳои асосии ин консепсияро модели инкишофе ташкил медиҳад, ки дар он истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, пеш аз ҳама, захираҳои замину об, инкишофи техника ва технологияи пешқадами обёрикунӣ, усулҳои пешқадами танзими ташкилӣ-иқтисодӣ, имконоти мувофиқгардонии низоми экологӣ ва рушди устувори ҷомеа дар мадди аввал гузошта мешаванд. Аз ин рӯ, ҷомеаи башарро зарур аст, ки дар ин раванд дар фикри мувозинати иқтисодӣ ва экологӣ бошад ва барои танзими самараноки истифодаи захираҳои обу замин ва беҳдошти муҳити зист кушиш ба харҷ диҳад.

Дар асоси ин, нақшаи модели консептуалии рушди устувори истифодабарии захираҳои обӣ дар шароити минтақаи кишоварзӣ пешниҳод карда мешавад (расми 1).

Нақшаи мазкур дар идоракунии истифодаи устувори захираҳои обӣ амалиёти ҳамоҳангсозии ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, яъне омилҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоиро дар назар дорад. Механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои обӣ ин низоми чорабиниҳоест, ки ба бунёди имкониятҳои воқеӣ ва пайдоиши ҳавасмандии истифодабарандагони об дар истифодаи оқилона ва самараноки ин захираҳо равона шудаанд. Ҳалли ин муаммо барои ба мувофиқа овардани манфиатҳои ташкилоти хоҷагии об ва истифодабарандагони он бо назардошти рушди устувори низоми экологӣ ва беҳдошти муҳити зист имкон медиҳад. Баамалбарории вазифаҳои мазкур зарурати ташаккул ва рушди механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои обиро, ки ба ҳар як сатҳи идоракунии заминҳои обии кишоварзии минтақаҳои кишвар мувофиқат менамояд, талабгор мебошад.

Таъмини амнияти озуқаворӣ аҳолӣ аз истифодаи самараноки захираҳои обу замин вобастагӣ дошта, дар сиёсати давлат ин масаъла яке аз самтҳои афзалятнок маҳсуб меёбад. Бехатарии озуқаворӣ муаммои бисёрҷанба буда, аз чунин унсурҳои асосӣ иборат мебошад: ба миқдори кофӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза будани маҳсулотҳои озуқаворӣ, мувофиқаткунии он ба ратсионӣ ё вояи хӯрок ва дастрас будани маводи херока бо намаки ёддор ва саломатии одамон безарар ва ғайраҳо. Аз ҷониби дигар имконияти васеъ кардани заминҳои корам ва зиёд намудани ҳаҷми истифодаи захираҳои обии иловагӣ ғайриимкон буда, дар шароити ҳозира аз ҳисоби заминҳои барои кишт ҳамагӣ 48%-и он мавриди истифода қарор доранд, ки ба андешаи экологон ин меъёри аз ҳад зиёди он мебошад. Идомаи киштӣ чунин заминҳо, дар навбати худ, ба буҳрони экологӣ-иқтисодӣ оварда мерасонад. Бар замми ин аз ҳисоби умумии майдони ҷангалҳо ҳамагӣ 30%, аз

захираҳои обии мавҷудбуда 40% ва бе назардошти ифлосшавӣ аз сарчашмаҳо ҳамагӣ 50%-и онҳо истифода бурда мешаванд халос [5].

Рушди устувори истифодаи захираҳои обӣ яке аз унусурҳои асосии бойигарии миллӣ ва бехатарии иқтисодии кишвар мебошад. Аз ин рӯ, зимни истифодаи самараноки захираҳои обӣ бояд принсип ва функсияҳои асосии онҳо дар соҳаи кишоварзӣ ба инобат гирифта шаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои самаранокии пасти истифодаи захираҳои обӣ ин дуруст амал накардани механизми ташкилӣ-иқтисодии он ба ҳисоб меравад. Ҳангоми рушди соҳаи кишоварзӣ дар даврони шӯравӣ ба масоили интенсификатсияи соҳаи кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ диққати махсус дода, ба масъалаи экологӣ ва самаранок истифодабарии захираҳои обии кишоварзӣ камтар аҳамият дода мешуд, ки ин ба вайроншавии ҳолати экологӣ ва ифлосшавии муҳити зист оварда расонидааст. Ба андешаи мо, механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои обӣ ҳамчун низоми махсуси чорабиниҳо, ки ба бунёди имкониятҳои воқеӣ ва пайдоиши рақаботи софи истифодабарандагони захираҳои обӣ барои истифодаи сарфакорона ва самараноки онҳо ва таъмини амнияти озуқаворӣ равона шудаанд, фаҳмида мешавад. Ҳалли ин муаммо барои ба мувофиқа овардани манфиатҳои ташкилоти хоҷагии об ва корхонаҳои кишоварзӣ бо назардошти сатҳи устуворӣ низоми экологӣ имконпазир аст.

Расми. 2. Аз нигоҳи иқтисоди устувор ва аз лиҳози экологӣ безарари рушди минтақаҳои кишоварзӣ

Новобаста аз дигаргунсозиҳои ташкилӣ-иқтисодӣ дар хоҷагии обии кишвар, ҷорӣ намудани шакли пулакии истифодаи онҳо ва идораи захираҳои обӣ аз ҷониби корхонаҳои кишоварзӣ бе назардошти омилҳои иҷтимоӣ ва экологӣ муайян карда мешаванд, ки барои такмили механизми иқтисодии танзими захираҳои обӣ мушкилоти зиёдеро ба бор меорад [6,с.24]. Сохтори ташкилӣ-иқтисодии идоракунии хоҷагии об даст намедиҳад, ки масъалаи нигоҳдории сифати обҳои нушокӣ ва кишоварзӣ, такроитстеҳсолии васеи онҳо ба роҳ монда шавад.

Масъалаи муҳимми дигари самаранок истифода бурдани захираҳои обӣ ин ташаккулёбии механизми танзими давлатии истифодаи захираҳои обӣ дар минтақаҳои кишоварзӣ мебошад. Ин механизм, пеш аз ҳама, дар муқаррар ва ҷорӣ намудани стандартҳо ва манъ кардани истифодаи захираҳои обӣ, ҷаримаситонӣ ва дигар ҷавобгариҳо, ки ба вайроншавии ҳолатҳои экологии захираҳои обӣ оварда мерасонад, зуҳур меёбад. Аз ҷониби дигар, пардохтҳое, ки барои истифодаи захираҳои обӣ дар минтақаҳои кишоварзии кишвар ҷорӣ гардиданд, ҳолати беҳдошт ва истифодаи онҳоро бехтар карда наметавонанд, чунки дар сурати аз ҳад зиёд бадшавии вазъи экологии захираҳои обӣ самаранок истифодабарии онҳо мушкил мегардад. Ҷорӣ намудани

ҷаримаҳо барои истифодаи ғайримақсадноки захираҳои обӣ, ифлосшавии онҳо, вайронкунии низоми истифодаи захираҳои замину об, ихтиёран ишғол намудани минтақаҳои заминҳои обӣ, саривақт напардохтани маблағҳо барои истифодаи онҳо низ зарур дониста мешаванд, зеро маблағҳои аз ин ҳисоб бадастовардашуда то андозае метавонанд ҳолати экологӣ ва низоми истифодаи захираҳои обу заминро беҳтар намоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар сари аҳолӣ назар ба заминҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ се маротиба камтар заминҳои обӣ рост меояд. Аҳолӣ бошад, бо суръат афзоиш ёфта, 2,3% солонаро ташкил медиҳад, ки мувофиқи баъзе нишондиҳандаҳо теъдоди аҳолӣ соли 2019 зиёда аз 9 миллион ва то соли 2020 ба беш аз 10 миллион нафар мерасад, ки ин раванд бечунучаро афзун гардонидани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро талаб менамояд [7,с.57-65]. Бо назардошти чунин ҳолат масъалаи истифодаи самараноки захираҳои обу замин, ки мувофиқи самтҳои асосии рушди устувори иқтисодии ҷумҳурӣ сурат мегирад, мебояд ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ноил гардем. Агар ба масъалаи тақсимоти одилонаи захираҳои обӣ миёни соҳаҳо ва бунёди обанборҳо дар минтақаҳои кишвар диққати махсус диҳем, он гоҳ ягон минтақаи кишоварзии кишвар камбудии обро эҳсос намекунад. Ба фикри мо, дар сурати ҳалли дастаҷамъонаи рушди сифатан нави соҳаи кишоварзӣ, дар базаи технологияи нави аз ҷиҳати экологӣ тоза, рушди соҳаи кишоварзии органикӣ, самаранокии баланди истифодаи захираҳои обӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақаҳои кишвар ва аз ҷиҳати илмӣ асосоноккардашудаи шаҳру минтақаҳои кишвар, кам кардани зарарҳои экологӣ ба муҳити зист метавон вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии ояндаи кишварро беҳ намуда, истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва беҳдошти муҳити зисти одамонро беҳтар гарданд ва ба таъмини рушди босуботи иқтисодӣ қадамҳои устувор гузошт. Умуман, истифодаи усул ва шаклҳои пешқадами танзими давлатии самаранок истифодабарии захираҳои обу замин ва низоми пешқадами обёрикунӣ ва дар кишварҳои хориҷӣ барои ҷумҳурии хеле зарур буда, ба мо имконият медиҳад, ки чунин хулосаю пешниҳодҳоро иброз намоем:

- таҷрибаи давлатҳои рушдкардаи иқтисодӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаи самаранок истифодабарии захираҳои обӣ, махсусан обёрикунии заминҳои кишти кишоварзӣ, бе танзими давлатӣ муносибатҳои заминдорию обӣ (ҳатто дар мавриди моликияти хусусӣ ба ин захираҳо) ғайримкон мебошад. Дар шароити кунунии бе назорати давлатии низоми заминдорӣ ва ҷорӣ намудани моликияти хусусӣ ба замин метавонад ба холатҳои хатарноки экологии захираҳои обу замин оварда, ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва экологӣ садди роҳ гарданд;

-яке аз омилҳои самаранок истифодабарии захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзии минтақаҳо чунонки дар боло оварда шудааст, ҷорӣ намудан ва истифодаи низоми пешқадами заминдорӣ ва обёрикунӣ, ё ба ибораи дигар “низоми биологии заминдорӣ”, ки дар баробари баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, ҳолати экологии такрористеҳсоли васеи захираҳои обу замин таъмин карда мешаванд, ба маврид мебошад;

-яке аз омилҳои асосии самаранок истифодабарии захираҳои обӣ ва дуруст амал кардани низоми мелиоративӣ ин такмилдиҳии механизми ташкилӣ-иқтисодӣ мебошад. Таҷрибаи кишварҳои тараққикардаи иқтисодиёти кишоварзӣ (США, Япония, Чин ва дигарҳо) гувоҳӣ медиҳанд, ки ба ҳам пайвастани ин фишангҳо имконият медиҳанд, ки ҷори намудани технологияи нави обёрикунӣ, низоми пешқадами заминдорӣ, корҳои дастаҷамъонаи мелиоративӣ дар соҳаи кишоварзӣ тақвият дода, рушди устувори истифодаи захираҳои обу замин таъмин гардида, барои ҳалли яке аз ҳадафҳои сиёсати иқтисодии кишвар, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ муваффақ гардем. Аз ин хотир, дар боби дуюми рисола таҳлили ҳолати кунунии истифодаи захираҳои обу замин ва беҳдошти вазъи экологӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи Кӯлоб мавриди омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор дода мешавад.

АДАБИЁТ

1. Краснощеков В.Н. Теория и практика эколого-экономического обоснования комплексных мелиораций в системе адаптивно-ландшафтного земледелия / В.Н. Краснощеков. -М.: МГУП, 2001. - С.14.
2. Ушачёв, И.Г. Устойчивое развитие агропродовольственного сектора: основные направления и проблемы / И.Г. Ушачёв // Доклады пленарного заседания Второго Всероссийского конгресса экономистов-аграрников, 13-15 февраля 2006 г. -М.: Росинформагротех, 2006. -С.3-4.
3. Курцев, И.В. Устойчивое развитие агропромышленного комплекса Сибири: предпосылки, факторы, пути / И.В. Курцев // РАСХН; Сиб. отд-е СибНИИЭСХ. –Новосибирск, 2005. -С.17
4. Государственное регулирование рыночной экономики: Учебник для вузов / под общ.ред. В.И. Кушлина, Н.А. Волгина; редкол.: А.А. Владимирова и др. – М.: ОАО «НПО «Экономика»», 2000. -С.555
5. Кондратьев К.Я. Современное общество потребления и его экологические ограничения / К.Я. Кондратьев, В.Ф. Крапивин // Глобальная экономика. -М, 2005.
6. Одинаев Х.А. Эколого-экономические регулирование природопользования в сельском хозяйстве / Х.А. Одинаев. -М.:МАКС -Пресс, 2004. -С.-24.

7. Исайнов Х.Р. Эффективность использования мелиоративно-ирригационного потенциала аридного региона: эколого-экономические аспекты / Х.Р. Исайнов // Вестник университета. - 2016. -№3(54). Ч.-I. -С.57-65.

РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАҲОИ КИШОВАРЗӢ ВА МАҚОМИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

барои таъмини нафақат 7 млрд. аҳолии имрӯзаи кураи замин, балки барои 25-30 млрд. нафар басандагӣ кунад.

Комплекси агросаноатӣ низоми мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодие мебошад, ки дар пешрафти он соҳаи кишоварзӣ нақши халкунанда дошта, чун як ҷузъи асосию марказӣ дар таъмини амнияти озуқаворию кишвар ҳамчун пойдевор баромад мекунад. Амнияти миллии озуқаворӣ дар таъмини ҳаётии аҳолии мамлакат мавқеи муҳим дорад, зеро мавҷудияти озуқаворию дастрас шарти заминавии фаъолияти ҳаётии инсон мебошад.

Айни замон рушди самараноки КАС-и ватанӣ вазифаи муҳимми стратегӣ ба ҳисоб меравад, ки аз ҳалли он дурнамои таъмини амнияти озуқаворию ҶТ вобастагии калон дорад. Пеш аз ҳама, ин бо мураккабшавии вазъи геополитикӣ ва шиддатёбии буҳрони молиявӣ-иқтисодӣ дар ҷаҳон алоқаманд буда, некуаҳволии шаҳрвандон ва суботи иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар маҳз ба сатҳи рақобатпазирии соҳаи аграрии мамлакат алоқамандии зич дорад. Вазифаҳои асосии рушди КАС дар миқъёси ҷаҳониву миллӣ дар шароити ситезаҳои иқтисодии беруна аз инҳо иборат аст:

- афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба ҳар сари аҳолӣ;
- таъмини дастрасии воқеиву иқтисодии озуқаворӣ бо сифат ва ассортименти зарурӣ;
- навсозии техникӣ-технологии истеҳсолот;
- баҳисобгирии анъанаву урфу одатҳои миллӣ;
- ноилгардӣ ба нишондиҳандаҳое, ки Барномаи амнияти озуқаворию мамлакат муайян кардааст;
- мониторинг ва ислоҳи доимии вазъи таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ.

Албатта, барои ҶТ ҳамчун давлати иқтисодиёти гузаришдошта дар ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ воридот нақши мусбӣ мебозад, зеро ба рушди рақобат дар бозори дохилии озуқаворӣ мусоидат менамояд. Аммо, воридоти озуқаворӣ дар ҳаҷми калон дар шароити бад шудани конъюнктураи бозори ҷаҳонӣ метавонад таъминоти аҳолии мамлакатро бо озуқаворӣ бо хатарҳои гуногун рӯбарӯ созад. Аз тарафи дигар, вобастагии калони кишвар аз воридоти озуқаворӣ метавонад буҳрони озуқавориро барангезад. Соҳаи кишоварзӣ, ки амнияти озуқаворию мамлакатро таъмин менамояд, соҳаи хеле муҳимми иқтисодиёт ба шумор меравад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки нисбат ба дигар соҳаҳо таъмини рушди самараноки кишоварзӣ танҳо аз ҳисоби фоидаи бадастомада ғайриимкон буда, ба дастгирии буҷетӣ ва танзими давлатӣ ниёз дорад.

Сатҳи маблағгузории соҳаи аграрии ҶТ дар муқоиса бо давлатҳои пешрафта хеле паст мебошад. Масалан, агар дар ин давлатҳо дастгирии буҷетӣ барои 1 га киштзори кишоварзӣ то ба 400 долл. расад, дар Тоҷикистон ин нишондиҳанда камтар аз 3-4 доллярро ташкил медиҳад. Амнияти озуқаворию кишварро танҳо дар шароити рушди устувори КАС таъмин кардан мумкин аст. Бо назардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта амнияти озуқаворӣ, аз як тараф бо таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти асосии хӯрокаи (шир, гӯшт ва ғ.) истеҳсоли худӣ бо андозаи на камтар аз 80-100%-и меъёрҳои тавсиякунандаи тиббӣ, аз дигар тараф, бо дастрасии ин маҳсулотҳо барои аҳолӣ алоқаманд мебошад.

Мувофиқи тавсияҳои Ташкилоти СММ оид ба озуқаворӣ ва кишоварзӣ нишондиҳандаи асосии амнияти озуқаворӣ ин вазни хоси маҳсулоти ватанӣ дар ҳаҷми умумии бозори дохилӣ буда, он бояд нисбати ғалла ва картошка на камтар аз 95%, шир ва маҳсулоти ширӣ 90%, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 85%, шакар ва равғани растанӣ 80%-ро ташкил диҳад.

Ҳамчунин амнияти озуқаворию кишвар аз сатҳи рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва маҳсулоти онҳо дар бозор вобастагӣ дорад, ки масъалаи мазкур баъди аъзо гардидани ҶТ ба СУС масъалаи доғи рӯз гардидааст. Воридгардии Тоҷикистон ба СУС рақобатро дар бозори дохилии маҳсулоти кишоварзӣ пурзӯр гардонид. КАС ва хоҷагии қишлоқ, ки соҳаҳои аз ҳама бештар нозуку осебпазир мебошанд, ки баъди воридгардӣ ба СУС метавонанд аз ҳама бештар зарар бинанд. Чи тавре дар боло қайд намудем, сатҳи дастгирии давлатии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар Тоҷикистон яке аз пасттаринҳо дар ҷаҳон мебошад, ҳарчанд ин ба талабот ва оинномаи СУС мувофиқат мекунад. Ҳол он ки ИМА ва давлатҳои Аврупо сиёсати аграрии худро дар асоси дастгирии фаъоли давлатӣ, маблағгузории бемиқёс ва протексионизм ташаккул медиҳанд.

Сиёсати аграрӣ бояд ба таъмини босуботу мунтазами мамлакат бо озуқаворӣ, рушди истеҳсолоти агросаноатӣ ва нигаҳдошти иқтидори захиравии КАС равона карда шавад. Дар шароити буҳрони иқтисодиву озуқаворию ҷаҳонӣ яқин аст, ки соҳаи кишоварзӣ бояд ҳамчун соҳаи заминавии иқтисодиёт, пойдевор ва асоси он боқӣ монад.

Дар ҶТ иқтидорҳои зиёди беҳтарсозии таъмини аҳолӣ бо хӯрока аз ҳисоби имкониятҳои истифоданагардидаи истеҳсолоти худӣ мавҷуданд, ки метавонанд бозори озуқавориро ба тавозун оварда, нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиро такони мусбӣ диҳанд.Солҳои охир афзоиши солонаи истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ ба ҳисоби

миёна беш аз 7% ва дар соли 2017 5,2%-ро ташкил медиҳад. Ҳоло захираҳои бозори истеъмолии кишвар аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзии мамлакат ташаккул ёфта, ин раванд ба фаровонии бозори истеъмолӣ ва нархи маҳсулот таъсири мусбат расонида истодааст. Рақобати озод байни молистеҳсолкунандагон ба зиёдшавии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ заминаи мусоид фароҳам оварда истодааст (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳо	Воҳиди ченак	Солҳо					2017 нисбат ба 2013 (+;-)
		2013	2014	2015	2016	2017	
Маҳсулоти умумӣ	млн. сомонӣ	20358,5	21197,3	21862,8	23008,1	24576,0	4217,5
аз он ҷумла:							
- соҳаи растанипарварӣ	млн.сомонӣ	14706,5	14838,9	15046,6	15813,9	16977,8	2291,3
	таркиб, %	72,2	70	68,8	68,7	69,1	3,8
- соҳаи чорводорӣ	млн.сомонӣ	5652,0	6358,4	6816,2	7194,2	7598,2	1946,2
	таркиб, %	27,8	30	31,2	31,3	30,9	3,1

Сарчашма: дар асоси Омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. -С.16

Тавре аз ҷадвал бармеояд, афзоиши миёнасолонаи истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар давраи 2013-2017 5,2%-ро ташкил намуда, ба маблағи 4217,5 млн. сомонӣ зиёд гардидааст. Агар дар маҷмӯъ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти умумӣ дар соли 2017 нисбат ба соли 2013 20,7% ташкил диҳад, он гоҳ дар ин давра истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ 15,4% ва соҳаи чорводорӣ 34,4% афзоиш ёфтааст. Яъне, солҳои охир дараҷаи афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ маҳз аз ҳисоби рушди истеҳсолоти соҳаи чорводорӣ таъмин гардида истодааст. Ҳамин тариқ, дар соли 2017 нисбат ба соли 2013 ҳиссаи соҳаи чорводорӣ дар таркиби истеҳсолоти кишоварзӣ 3,1% зиёд шуда, 30,9%-и онро ташкил медиҳад. Таҳлили таркиби истеҳсоли маҳсулот аз рӯйи шаклҳои хоҷагидорӣ нишон медиҳанд, ки дар 2017 ҳиссаи корхонаҳои кишоварзӣ 5,2%, хоҷагии аҳолӣ 60,7% ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 34,1%-и онро ташкил додаанд. (ниг. ҷадвали 2).

Муқоисаи таркиби истеҳсоли маҳсулот дар солҳои 2016 ва 2017 нишон медиҳад, ки ҳиссаи истеҳсолоти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) тадриҷан рӯ ба афзоиш дорад. Ҳаминтавр, дар соли 2017 нисбат ба соли 2016 хиссаи истеҳсолоти соҳаи растанипарвариии ин бахши иқтисодиёти кишоварзӣ аз 49,1% то ба 51,4% ва ҳиссаи истеҳсолоти соҳаи чорводории он аз 3,1% ба 3,2% афзоиш ёфтааст. Дар робита ба ин, ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки хоҷагиҳои фермерӣ (деҳқонӣ) 65,1%-и заминҳои киштро доро буда, 60,3%-и маҳсулоти ғалладониҳо, 81,9%-и пахта, 52,9% меваҷотро истеҳсол менамоянд.

Ҷадвали 2. Таркиби истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ аз рӯйи бахшҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2017

Нишондиҳандаҳо	Корхонаҳои кишоварзӣ		Хоҷагии аҳолӣ		Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)		Дар ҷумҳурӣ	
	млн., сомонӣ	таркиб%	млн., сомонӣ	таркиб %	млн., сомонӣ	таркиб %	млн., сомонӣ	таркиб %
Соли 2016								
Маҳсулоти умумии кишоварзӣ, ҳамагӣ	1222,5	5,3	13794,4	60,0	7991,3	34,7	23008,2	100
- растанипарварӣ	1034,6	6,6	7007,1	44,3	7772,2	49,1	15813,9	100
- чорводорӣ	187,9	2,6	6787,3	94,3	219,1	3,1	7194,2	100
Соли 2017								
Маҳсулоти умумии кишоварзӣ, ҳамагӣ	1187,4	4,8	14426,6	58,7	8962,0	36,5	24576,0	100
- растанипарварӣ	1012,2	6,0	7243,4	42,6	8722,2	51,4	16997,8	100
- чорводорӣ	175,2	2,3	7183,2	94,5	239,8	3,2	7598,2	100

Сарчашма: Дар асоси Омори кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. С.16

Инчунин, солҳои охир ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ аз ҷониби бахши хоҷагиҳои аҳолӣ мунтазам зиёд гардида (мувофиқан 94,3% ва 94,5% дар ду соли охир), ҳиссаи корхонаҳои кишоварзӣ чи дар соҳаи растаниварӣ ва чи соҳаи чорводорӣ тамоюли камшавӣ доранд. Барои баҳогузории саҳми минтақаҳо дар таъмини озуқавории аҳолӣ зарур аст, ки таркиби истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ таҳлил карда шавад. Дар соли 2017 қисми зиёди ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (ба истиснои полезиҳо) ба вилоятҳои Хатлон ва Суғд рост меояд (ниг.ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. Таркиби истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017

Номгӯи маҳсулот	Воҳиди ченак	Ҷумҳурӣ	ВМКБ	Шаҳри Душанбе	Вилояти Суғд	Вилояти Хатлон	НТҶ
Ғалладона	Миқдор, тон	1447689	14176	10	309997	903125	220381
	Таркиб,%	100	0,99	0,01	21,4	62,4	15,2
Пахта	Миқдор, тон	389649	-	1	120349	259277	10022
	Таркиб,%	100	-	0,001	30,887	66,541	2,571
Картошка	Миқдор, тон	782892	51210	-	324864	162677	244141
	Таркиб,%	100	6,5	-	41,5	20,8	31,2
Сабзавот	Миқдор, тон	1859085	16838	12	480551	1021221	340463
	Таркиб,%	100	0,906	0,001	25,849	54,931	18,313
Полезӣ	Миқдор, тон	631393	90	-	132935	482440	15928
	Таркиб,%	100	0,1	-	21,1	76,4	2,4
Меваҷот	Миқдор, тон	405034	19749	16	123744	173877	87648
	Таркиб,%	100	4,87	0,01	30,55	42,93	21,64
Ангур	Миқдор, тон	228303	-	-	57123	101419	69761
	Таркиб,%	100	-	-	25,0	44,4	30,6

Сарчашма: Дар асоси Омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст

Масалан, соли 2017 вилояти Хатлон 62,4% ғалладониҳо, 66,5% пахта, 54,9% сабзавот, 42,9% меваҷот ва 44,4% ангур истеҳсол намудааст. Ҳамзамон, дар вилояти Хатлон 44,7% заминҳо ба корхонаҳои кишоварзӣ ва 50,6% он ба хоҷагиҳои аҳолӣ тааллуқ доранд. Вилояти Суғд дорои 32,4% заминҳои кишти ҷумҳурӣ буда, истеҳсоли 21,4 ғалла ва 41,5% картошкаро таъмин менамояд. НТҶ ҳарчанд танҳо дорои 16,8% заминҳои кишт бошад ҳам, ҳамчун объекти истеҳсолоти наздишаҳрӣ истеҳсоли 31,2% картошка, 30,6% ангур, 21,6% мева ва 18,3% сабзавотро таъмин намуда, рисолати он таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ мебошад. Маълумотҳои расмӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар соли 2017 нисбат ба соли 2012 ба ғайр аз картошка истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ зиёд шудаанд (ниг. ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. Истеҳсоли маҳсулоти асосӣ ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2017

Намуди маҳсулот	Солҳо						Соли 2017 нисбат ба соли 2012, %
	2012	2013	2014	2015	2016	2017	
Гӯшт, кг	10,1	10,7	12,0	13,2	27,0	28,2	278,2
Шир, кг	97,3	102,6	103,5	105,2	106,2	107,5	110,5
Тухм, дона	36,5	42,6	42,4	42,3	39,0	38,6	105,7
Картошка, кг	123,9	138,2	103,4	105,0	103,9	88,6	71,5
Сабзавот, кг	167,8	184,6	187,6	197,2	202,2	210,4	125,4
Ғалла, кг	154,1	172,5	159,6	164,8	166,1	163,8	106,3

Инак, бо назардошти ҳамаи сохтори хоҷагидорӣ соли 2017 дар муқоиса ба соли 2012 чорво ва паранда дар вазни зинда зиёдтар забҳ шуда, ба ҳар сари аҳолии мамлакат гӯшт ба 18,1 килограмм зиёдтар (ё 1,8 маротиба) истеҳсол карда шудааст. Дар ин давра ба ҳар сари аҳолӣ истеҳсоли сабзавот 25,4%, шир 10,5% ва тухм 5,7% афзоиш ёфтааст.

Маълумотҳо оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ муҳим бошанд ҳам, барои баҳодиҳии дараҷаи қонеъгардии талаботи аҳолӣ зарур аст, ки онҳоро дар муқоиса бо маълумотҳои истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ аз тарафи аҳолӣ дида бароем, зеро ин барои баҳодиҳии таъмини амнияти озуқаворӣ, таҳлили истеҳсол ва истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ аҳамияти калон дорад. Истифодаи тавозуни озуқаворӣ барои якчанд сол имкон медиҳад, ки аз рӯйи он тамоюли тағйироти мавҷудияти умумӣ, воридот, содирот, инчунин, мавҷудияти озуқаворӣ барои истеъмоли аҳолӣ баҳо дода шавад (ниг. ҷадвали 5).

Ҷадвали 5. Динамикаи истеъмоли маҳсулоти аввалиндараҷа ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2017

	Солҳо				Меъёр	с.2017 ба с.1991, %	Тағйирёбӣ аз меъёр	
	1991	2000	2011	2017			с.1991	с.2017
Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, кг	26,1	4,4	11,9	14,64	40,8	-11,45	-14,7	-26,16
Шир ва маҳсулоти ширӣ, кг	171,0	64,9	60,0	57,48	115,3	-113,52	55,7	-57,82
Тухм, дона	88,0	19,0	40,0	72,0	180.0	-16	-92	-108
Картошка, кг	33,2	37,8	35,9	35,76	92.0	2,56	-60	-56,24
Сабзавот, кг	94,2	98,5	70,7	80,04	166,1	-14,16	-71,9	-86,06
Нон ва маҳсулоти нонӣ, кг	155,1	148,9	160,6	149,88	147,7	-5,22	7,4	2,18

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷкистон. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018

Динамикаи истеъмоли молҳои озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар соли 2017 нисбат ба соли 1991 истеъмоли ҳамаи намудҳои хӯрока (ба истиснои картошка, шир ва маҳсулоти ширӣ) кам шудаанд, ҳарчанд худи истеъмоли маҳсулот (ба истиснои нон ва маҳсулоти нонӣ) дар соли 1991 аз меъёри муқарраргардида паст буданд. Хусусан, дар солҳои охир вазъи истеъмоли маҳсулоти пурғизо, ба монанди шир, тухм нисбати меъёрҳои физиологӣ дар сатҳи ниҳоят паст қарор доранд. Масалан, истеъмоли тухм як маротиба, шир ва маҳсулоти ширӣ 2 маротиба аз меъёр паст аст. Агар маълумотҳоро оид ба истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ (ҷадвали 4) ва истеъмоли он (ҷадвали 5) муқоиса намоем, пас маълум мегардад, ки барои таъмини меъёрҳои истеъмоли озуқаворӣ захираҳои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бояд дарёфт намоем. Ҳамин тариқ, новобаста аз муаммоҳои мавҷудаи КАС, айни замон корхонаҳои кишоварзӣ зина ба зина ба муносибатҳои бозорӣ мутобиқ шуда, заминаҳои боэътимод ҷиҳати истифодаи пурраи иқтидори истеҳсолиашон пайдо шуда истодааст.

Ба ақидаи мо, барои таъмини амнияти озуқавории кишвар, пеш аз ҳама, сатҳи истеҳсолоти агросаноатиро то ба солҳои Шӯравӣ расонида, барои ташкили кори босамари молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ шароитҳои иқтисодӣ-ташкилиро муҳайё намудан лозим аст. Барои ноил гаштан ба ин мақсад, татбиқи тадбирҳои зерин имкон медиҳанд, ки дар асоси ташкили инфрасохтори самаранок дар КАС рушди истеҳсолоти кишоварзӣ баланд бардошта шавад:

1. Пеш аз ҳама, қарзҳои корхонаҳои кишоварзии КАС дар назди буҷет таҷдиди назар мехоҳанд. Ин имкон медиҳад, ки фаъолияти ин гуна корхонаҳо ба эътидол оварда шуда, пардохтпазирии онҳо беҳтар гардад. Ба фикри мо, дастгирии молиявии давлатӣ на танҳо корхонаҳои кишоварзии пурқувват, балки бояд ҳамаи молистеҳсолкунандагонро фаро гирад. Дар ин ҳолат дастрасии баробари корхонаҳо ба захираҳои молиявӣ ва рақобат байни онҳо таъмин гардида, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳаҷми зарурӣ барқарор мегардад.

2. Муҳим аст, ки баҳодиҳии иқтисодии замин ва коркарди кадастри замин дар андозбандӣ, иҷора ва дигар ҳолатҳои муайянсозии арзиши замин истифода карда шавад. Дар шароити имрӯза барои оқилона истифода бурдани замин механизми иқтисодии ҳавасмандкуние лозим аст, ки масъулияти истифодабарандагони заминро баланд бардорад. Ба ҳар як шаҳрванд доштани ҳудуди муаяйни замин низ истифодаи самараноки онро таъмин менамояд.

3. Бо мақсади таъмини бехатарии озуқавории аҳолӣ зарур мешуморем, ки ташкилотҳои қарзие, ки молистеҳсолкунандагони кишоварзиро дастгирӣ менамоянд, ҳавасманд гардонда шаванд.

4. Ҳарчанд, дар ташаккули нархгузорӣ ба муносибатҳои бозорӣ бартарӣ дода шавад ҳам, ба ақидаи мо, барои дар бозори кишоварзӣ ба амал наомадани тағйироти куллии нархҳо мониторинги давлатии нарх ба маҳсулоти кишоварзӣ бояд боқӣ монад.

5. Низоми андоз бояд куллан ба самти камшавии сатҳи андозситонии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ тағйир дода шавад. Муҳим он аст, ки андоз аз фоида барои молистеҳсолкунандагоне кам карда шавад, ки маҳсулоташонро пас аз коркарди дохилӣ ба фурӯш мебароранд.

6. Бо назардошти баланд будани меҳнатталабии истеҳсолоти кишоварзӣ, пешниҳод карда мешавад, ки ҳиссаҷудокунии корхонаҳои кишоварзӣ ба фонди иҷтимоӣ, андоз аз арзиши иловашуда барои маҳсулоти кишоварзӣ то 5-7% кам карда шавад.

7. Ба фикри мо, бо мақсади баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ фоидае, ки барои сармоягузорӣ дар истеҳсолоти агросаноатӣ ва инфрасохтори иҷтимоии деҳот равона карда шудааст, қисман аз андоз озод карда шавад.

8. Сиёсати сармоягузорӣ бояд дар асоси тақвияти дастгирии молиявии давлатӣ (танзими нарх, фоизи қарзи бонкӣ, андозбандӣ) ба баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионии молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва ҷалби сармоягузорони хориҷӣ равона карда шавад.

Амалишавии тадбирҳои зикршуда танҳо дар ҳолати ҳамкории зичи мақомоти давлатӣ бо бахши хусусӣ имконпазир аст. Хусусан, мақомоти худидоракунии маҳаллиро зарур аст, ки барои ташкили корхонаҳои хурди кишоварзие мусоидат намояд, ки дохилшавии андозҳоро таъмин мекунанд, ҷойҳои нави кориро таъсис медиҳанд, даромади аҳолии деҳотро зиёд менамоянд. Ҳамин тариқ, ташкили инфрасохтори самаранок, фаъолгардонии ташкили кор байни субъектҳои соҳибкории хурди истеҳсолӣ, мукаммалгардонии дастгирии давлатӣ барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ заминаи мусоид мегузорад. Бо назардошти гуфтаҳои боло вазифаҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ новобаста аз тағйирёбии шароитҳои дохилию беруна бояд аз инҳо иборат бошад:

- пешгӯии саривақтӣ, муайянсозӣ ва пешгирии хатарҳои дохилию берунаи амнияти озуқаворӣ;

- рушди устувори истеҳсоли ватании озуқаворӣ ва ашёи хом, ки барои таъмини истиқлолияти озуқавории кишвар кифоя аст;

- ноилгардӣ ва нигаҳдошти дастрасии воқеию иқтисодии ҳар як сокини кишвар ба маҳсулоти хӯрока дар ҳаҷм ва ассортименте, ки ба меъёрҳои муқарраргардидаи истеъмоли маҳсулоти хӯрока барои ҳаёти солим мувофиқат мекунанд;

- таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрока.

АДАБИЁТ

1. Вохидов В.В. Таджикистан: Проблемы модернизации сельского хозяйства. Монография / В.В. Вохидов. – Душанбе: Ирфон, 2007.- 27,0 п.л.
2. Котлер Ф. Основы маркетинга / Ф. Котлер. - М.: Прогресс, 1990. - 736 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ”. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2010. -№ 12. -қ.1. -м.830.
4. Мулюков Г.М. Решение социальных проблем села в регионе через развитие аграрного производства / Г.М. Мулюков, З.И. Саетгалиев, И.Т. Шаяхметов // Современные проблемы науки и образования. - 2012.
5. Резников Н.А. Состояние и эффективность сельского хозяйства в переходной период / Н.А. Резников. -М: Экономика и информатика, 1998. -192 с.
6. Эффективность сельхозпроизводства в условиях переходного периода / Под ред. И.С. Санду, В.А. Свободина и др. - М: ФГБНУ “Росинформагротех”, 2013. -228 с.
7. Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ. Бюллетени таҳлилии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012, 2013, 2014, 2015,2016. -Душанбе, 2016. -50 с.
8. Рузиев А.Х. Организация круглогодичного сельского хозяйства районного типа / А.Х. Рузиев. -М: Издательство РГАУ-МСХА имени К.А. Тимирязева, 2008. -150 с.

АФЗУНГАРДОНИИ САМАРАНОКИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ - АСОСИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРИИ КИШВАР

Дар мақолаи мазкур баъзе ҷанбаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ, вобастагии он аз дараҷаи рушди соҳаи аграрӣ баррасӣ гардида, нақши хоҷагии қишлоқ дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрока асоснок карда шудааст. Таҳлили сатҳи дастрасии воқеӣ ва иқтисодии баъзе намудҳои маҳсулоти хӯрока барои аҳолии кишвар гузаронида шудааст. Аз рӯйи баъзе намудҳои маҳсулот вобастагии баланди воридотӣ қайд карда шудааст, ки барои амнияти озуқавории давлат таҳдид эҷод карда метавонад. Зарурати ҳалли масъалаи ташаккулдиҳии истеҳсолоти самараноки агросаноатӣ таъкид карда шудааст, ки он танҳо дар ҳолати дастгирии буҷетии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ имконпазир аст. Ташкили инфрасохтори самаранок, фаъолгардонии ташкили кор байни субъектҳои соҳибкории хурди истеҳсолӣ, мукаммалгардонии дастгирии давлатӣ барои рушди истеҳсолоти кишоварзӣ заминаи мусоид мегузорад.

Калидвожаҳо: истеҳсолоти кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, пешгирии хатарҳои дохилию берунаи амнияти озуқаворӣ, рушди устувори истеҳсоли ватании озуқаворӣ ва ашёи хом.

ПОВЫШЕНИЕ ЭФФЕКТИВНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА - ОСНОВА ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ

В данной статье рассмотрены некоторые аспекты обеспечения продовольственной безопасности, ее зависимость от уровня развития аграрного сектора, обоснована роль сельского хозяйства в обеспечении населения продуктами питания. Проведен анализ уровня физической и экономической доступности продуктов питания для населения Таджикистана. По отдельным видам отмечена высокая импортная зависимость, представляющая угрозу продовольственной безопасности государства. Подчеркнута необходимость решения задачи по формированию эффективного агропромышленного производства, что возможно при условии бюджетной поддержки сельхозпроизводителей. Организация эффективной инфраструктуры, активизация организации работ между субъектами малого производственного предпринимательства, совершенствование государственной поддержки создаёт благоприятную почву для развития сельскохозяйственного производства.

Ключевые слова: сельскохозяйственная продукция, обеспечение продовольственной безопасности, предотвращение внутренних и внешних угроз продовольственной безопасности, устойчивый рост отечественного производства продвольственних товаров и сырья.

IMPROVING THE EFFICIENCY OF AGRICULTURAL PRODUCTION IS THE BASIS FOR ENSURING THE COUNTRY'S FOOD SECURITY

This article discusses some aspects of ensuring food security, its dependence on the level of development of the agricultural sector, substantiates the role of agriculture in providing the population with food. The analysis of the level of physical and economic affordability of food for the population of Tajikistan. For some species, there was a high import dependence, which poses a threat to the food security of the state. The need for solving the problem of forming an effective agro-industrial production, which is possible subject to budgetary support of agricultural producers, is emphasized. The organization of an effective infrastructure, the intensification of the organization of work between small industrial enterprises, and the improvement of state support create favorable conditions for the development of agricultural production.

Key words: agricultural products, ensuring food security, preventing internal and external threats to food security, sustainable growth of domestic production of advanced goods and raw materials.

Сведения об авторах: ***Рузизода А.Х.*** **–** Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН, соискатель. **Адрес:** 734020, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Хаёти-Нав 306. Телефон: **+992 907-70-33-63**

Исмоилов А.А. – Институт предпринимательства и сервиса Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5.

Рахимов Дж.О. – Институт предпринимательства и сервиса Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5

Information about the authors: ***Ruzizoda A.Kh***. - Institute of Agricultural Economics TASH, applicant. **Address:** 734020, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Haiti-Nav street 306. Phone: **+992 907-70-33-63**
Ismoilov A.A. - Institute of Entrepreneurship and Service of Tajikistan, candidate of economic sciences, associate professor. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 48/5 Borbad Avenue
Rakhimov J.O. - Institute of Entrepreneurship and Service of Tajikistan, candidate of economic sciences, associate professor. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 48/5 Borbad Avenue

УДК 338.431(575.3)

ҶАЛБИ САРМОЯҲО БАРОИ РУШДИ УСТУВОРИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Кудратова Ф.Р.
Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ Ҷумҳурии Тоҷикистон

Фазои сармоягузорӣ дар комплеси агросаноатӣ як хел нест ва вобастагии дуҷониба дорад: аз як тараф суръати рушди соҳаҳо ба сармоягузорӣ вобаста аст, аз тарафи дигар ҳаҷми сармоягузорӣ ба ҷолибияти соҳа барои сармоягузор вобастагӣ дорад. Суръати рушди ин ё он соҳа дар комплекси агросаноатӣ нишондиҳандаи умумиест, ки динамикаи сармоягузориро инъикос мекунад. Чӣ тавре ки пештар қайд намудем, иқтидори сармоягузорӣ аз ҳафт иқтидори потенсиали хусусӣ иборат аст, ки ҳар кадомашон дар навбати худ як гурӯҳ нишондиҳандаҳоро дорад. Бо мақсади зуд ҳисоб кардану ҷамъ намудани иттилоот (аз маълумоти ҳисоботҳои солонаи муассисаҳои кишоварзӣ), ҳангоми таҳияи усул нишондиҳандаҳое интихоб мегарданд, ки вобаста ба аҳамияти худ иқтидори алоҳидаи хусусии сармоягузориро нишон медиҳанд. Иқтидори иттилоотии корхона (ташкили кори иқтисодӣ ва муҳосибот) муҳим мебошад, вале пешниҳод намудани баҳои миқдории он дар муддати кӯтоҳ хеле душвор аст.

Ба ин васила дар натиҷаи таҳқиқу таҳлили сарчашмаҳои сармоягузорӣ мо боварӣ ҳосил кардем, ки дар шароити гузариш аз иқтисоди тарҳрезишуда ба муносибатҳои бозорӣ ҳам номгӯи сарчашмаҳо ва ҳам усулҳои тамвили сармоягузорӣ васеъ гаштанд. Ба андешаи профессор Қандиёрова Д.О. дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарони корхонаҳо, иқтисодшиносону менеҷерҳои соҳаҳои гуногуни иқтисодиётро мебояд, ки ба таҳқиқ, таҳлил, соҳаву усулҳои истифодабарии онҳо диққати махсус диҳанд [1,с.30-31].

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, дар навбати худ, ташаккул ва истифодаи сарчашмаҳои ғайрибуҷетии тамвили сармоягузориро талаб карда, бо он мусоидат мекунад. Солҳои охир дар ин самт тамоюли ғайри мутамарказ намудани сарчашмаҳо ба назар мерасад, яъне сарчашмаҳои тамвили сармоягузорӣ шакл мегиранд. Соли 2017 аз ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба дороии асосӣ ҳиссаи сармоягузории давлатӣ 44,5%-ро ташкил дод, соли 2018 он ба 5,0 банди фоиз афзуд, дар ҳамин вақт сармоягузории хусусӣ ба 2,3% кам шуд. Дар давраи таҳлилшаванда вазни хоси сармоягузории хориҷӣ ба 7,6% баланд шуд [2,с.117].

Ҷадвали 1. Сохтори сармоягузориҳо ба дороии асосӣ аз рӯйи шаклҳои моликият, %

	Январ-декабри соли 2018		Январ-декабри соли 2017, бо % нисбати натиҷа
	Млн сом.	Бо % нисбати натиҷа	
Сармоягузорӣ ба дороии асосӣ	13051,4	100	100
Аз ҷумла, дар шаклҳои моликияти;			
Давлатӣ	6459,8	49,5	44,5
Хусусӣ	2256,3	17,3	15,0
Муштарак	133,0	1,0	0,7
Хориҷӣ	4202,3	32,2	39,8

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф аз рӯйи: Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018. -С.180

Дар асоси таҳлили тағйироти сохтори сармоягузорӣ ба дороии асосӣ аз рӯйи сарчашмаҳои маблағгузорӣ хулоса метавон кард, ки ҷиҳати мусбати ин тағйирот дар он аст, ки ҳиссаи воситаҳои буҷети давлатӣ пасту ҳиссаи корхонаву муассисот баланд шуда истодааст (агарчи ҳиссаи воситаҳои аҳолӣ рӯ ба камшавист). Таърих гувоҳ аст, ки сарчашмаҳои сармояи хусусӣ беҳтар аз буҷетӣ истифода мешаванд.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои аз лиҳози сармоя пурхароҷоти хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мебошад. Бино ба маълумоти мутахассисон зиёда аз 70%-и хароҷот дар ин соҳа аз ҳисоби қарзи бонк анҷом меёбад. Сабабаш ин аст, ки истеҳсолоти кишоварзӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки соҳаҳои дигари иқтисодиёт надоранд. Асосан ин ба шароити обу ҳаво, муддати даври истеҳсолӣ, масофаи то роҳҳои калони нақлиёт ва макони мавзеъҳои истеҳсолӣ вобаста аст. Қарздиҳӣ чун усули тамвили сармоягузорӣ, аз як тараф, имконоти

сармоягузорро васеъ мекунад ва ба он имкони амалӣ кардани нияташро медиҳад, ки барои он воситаҳои худаш басанда нестанд, аз тарафи дигар, усули қарзии тамвили сармоягузорӣ даромадро маҳдуд мекунад. Албатта, қарзгир мехоҳад, даромад ба даст орад, вале маҷбур аст, як қисми онро чун фоизи қарз пардозад ва боз қарзи гирифтаашро ҳам баргардонад. Бино ба иттилои Бонки миллии Тоҷикистон маблағи умумии тамвили қарзии бонкҳои дараҷаи дувум ба бахшҳои асосии иқтисод то 01.07.2017 (бо пули миллӣ ва хориҷӣ) 5567,8 млн сомониро ташкил дод.

Ҷадвали 2. Сохтори соҳавии қарзҳои кредитории корхонаву муассисаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. ИМА)

Нишондодҳо	Солҳо				
	2013%	**2014%**	**2015%**	**2016%**	**2017%**
Тамоми иқтисодиёт	11857,9	10261,4	15364,4	22835,5	35481,6
Саноат	8062,7	6576,6	11478,7	16993,4	29253,1
Кишоварзӣ	298,8	307,2	300,5	181,5	250,7
Сохтмон	962,1	606,4	989,4	2079,0	1554,9
Нақлиёт	1959,7	2068,4	1881,6	2247,5	2579,5
Соҳаҳои дигар	574,6	703,9	714,1	1334,1	1834,4

Қарзҳои батаъхирафтода (пардохтнашуда), ки бонкҳои дараҷаи дувум додаанд, то 1 июли соли 2017 35481,7 млн. доллярро ташкил доданд.

Қарзҳои дарозмуҳлати сармоягузорӣ (авлалхусус сармоягузорӣ ба дороии асосӣ) дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар кишоварзии он васеъ паҳн нашуданд. Ба фикри мо қарзҳои кӯтоҳмуддатро дар кишоварзӣ (ба туфайли хусусиятҳои хоси он) барои харидорӣ ва такмили воситаҳои асосӣ, қарзҳои дарозмуддатро чун сарчашмаи сармоягузорӣ ба дороии асосии соҳаи кишоварзӣ истифода бурдан мумкин аст. Ҳиссаи қарзҳои дарозмуддат дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба дороии асосии кишоварзӣ дар ҷадвалҳо нишон дода шудааст. Чунин ҳолат, пеш аз ҳама, бо бесуботии умумии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, таваррум, меъёри баланди қарз аз сатҳи даромаднокии аксари корхонаҳои кишоварзӣ вобаста мебошад. Дар ин солҳо қарз ҳамчун манбаи тамвили сармоягузорӣ асосан бо қарзҳо барои харидории мол ва амалиёти миёнаравӣ маҳдуд шудааст, зеро сатҳи даромаднокии ин амалиёт аз меъёри фоизи бонк баландтар аст, яъне, даромади бештар меорад. Аз ин лиҳоз, сиёсати дифференсионалии чандирӣ ва фоизи муносиби қарзӣ барои корхонаҳои кишоварзӣ бениҳоят зарур мебошад.

Ҷадвали 3. Сармоягузории капиталӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2013-2017 (бо нархҳои амалкунанда, ҳаз. сомонӣ)

Номгӯҳо	2013	2014	2015	2016	2017
Саноат	1751,0	2226,6	4482,0	5673,1	5991,6
Сохтмони манзил	1295,3	1266,0	2472,6	1435,3	1106,7
Кишоварзӣ	4,7	15,5	73,0	73,5	98,7
Маориф	339,6	285,3	326,2	678,4	719,7
Нақлиёт ва алоқа	829,1	1176,0	1019,1	1507,3	1202,7
Неруи барқ	947,8	1361,4	2729,2	3874,2	4080,6
Хоҷагии коммуналӣ	274,3	243,2	130,7	506,8	44,9
Ҳамагӣ:	5441.8	6574.0	11232.8	13748.6	13244.9

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф аз рӯйи: Омори солона, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2018. -С.321-322

Маблағҳои пулии аҳолӣ низ захираи тавонои сармоягузорӣ мебошанд. Табдили ин захираи сармоягузорӣ ба сарчашмаи тамвили сармоягузорӣ ба андозаи боварии аҳолӣ ба бонкҳо вобаста мебошад. Ба андешаи Карл М. ҷустани роҳҳои табдили ин захираи сармоягузорӣ ба сарчашмаи тамвили сармоягузорӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат ва бонкҳои гуногун мебошад [4,с.122]. Сарчашмаи дигари тамвили сармоягузорӣ қарзи сармоягузории андозӣ мебошад. Бояд гуфт, ки ин қарз таъхири супоридани андоз дониста шуда, бо шарти баргардонидан ва пардохт дода мешавад. Қарзи сармоягузории андозӣ бо меъёри фоизи бозтамвили Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Барои амалигардонии чорабиниҳои дар боло зикршуда як қатор масъалаҳо дар сатҳи ҳукуматӣ ҳал карда шуданд, ки мавқеи соҳаи пахтакориро дар бозори ҷаҳонӣ мустаҳкам мекунанд. Хусусан, дар асоси ду Қарори тасдиқшудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъалаҳои гузариш ба стандарти байналмилалии пахта» аз 03.04.2006 с., №141 ва аз 3 октябри соли 2006, №468, инчунин, созишномаи молиявии байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд (БОР) оид ба ислоҳоти соҳаи пахтакорӣ, ҶСП «Тоҷикистон-ВИС» (Бозрасии мустақили пахта) бо мақсади баҳодиҳии объективии сифати нахи пахта, афзоиши иқтидори содиротии комплекс, инчунин, таъмин кардани шароити мусоид барои истеҳсолкунандагону сармоягузорон таъсис дода шуд. ҶСП

«Тоҷикистон-ВИС» корхонаи муштарак буда, якҷоя бо ширкати мустақили «Вейскфилдинспекшнсервисес», ки дар бозори ҷаҳонии нахи пахта обрӯйи баланд дорад, таъсис дода шудааст. Дар шароити муосир бо мақсади ба даст овардани натиҷаи мусбат мавқеи ҶСП «Тоҷикистон-ВИС»-ро ба воситаи таҳкими заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии он дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам кардан зарур аст. Аз ҷониби БОР барои ташкили корхонаи мустақили мазкур қарз ба маблағи қариб 2 млн. долл. ИМА ҷудо гардид, аз ин 1687 ҳаз. доллар аз худ карда шуда, барои мувофиқи талаботи муосир ҷиҳозонидани техникии лабораторияҳои илмӣ-озмоишии ҶСП «Тоҷикистон-ВИС» (бозрасии мустақили пахта сарф карда шуд. Инчунин, мошинҳои баландсуръат барои озмоиши сифати нахи пахта харидорӣ карда шуданд. Бояд қайд кард, ки чунин мошинҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар ягон кишвари Осиёи Марказии ҳамсоя нестанд.

Талаботи асосии қабул кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо интиқоли вазифаҳои оид ба сертификатсияи маҳсулоту хизматрасонӣ аз Агентии «Тоҷикстандарт» ба мақомоти мустақил буд, ки ҳуқуқи додани сертификати мувофиқатро барои тамоми ҳаҷми нахи пахтае, ки дар Тоҷикистон истеҳсол мешавад, дорад.

Бояд қайд кард, ки чорабиниҳои амалигардидаи мазкур ба барқароршавии боварӣ ва эътирофи харидорони ҷаҳонӣ нисбати пахтаи истеҳсоли Тоҷикистон ва нисбати сертификатҳои мувофиқате, ки аз ҷониби ширкати мустақили тоҷикистонӣ бароварда шудааст, мусоидат мекунанд. Дар натиҷа маҳсулоти пахтаи Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ бо нархи баланд ба фурӯш рафта, даромади фермерҳо, инчунин, пардохти андозҳо зиёд мегардад ва афзоиши ҳаҷми истеҳсол таъмин карда мешавад. Дар бораи хусусиятҳои минтақавии ҷоринамоии стандарти байналмилалии пахта истода мегузарем.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки Осиёии Рушд (БОР) Созишномаи қарзӣ баст, ки мувофиқи он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзи имтиёзнок ба маблағи 5,50 млн. доллари ИМА ва гранти БОР ба маблағи 6,50 млн. доллари ИМА барои амалигардонии Лоиҳаи «Рушди устувори соҳаи пахтакорӣ» ҷудо карда шуд. Мақсади лоиҳа мусоидат ба рушди соҳаи аз лиҳози иқтисодӣ устувори пахтакорӣ дар ду вилояти асосии пахтакори Тоҷикистон – вилоятҳои Хатлон ва Суғд мебошад. Лоиҳа ба беҳгардонии назарраси қобилияти хоҷагиҳои пахтакор дар асоси нархҳои бозорӣ, қарзи бозсозишуда дар ноҳияҳои Восеъ ва Ёвони вилояти Хатлон ва ноҳияҳои Мастчоҳ ва Зафарободи вилояти Суғд равона карда шудааст.

Вазифаҳои лоиҳа аз ҳалли се вазифаи калидӣ барои расидан ба мақсади гузошташуда иборат мебошанд. Мувофиқи ин, ду натиҷаи якуми калидӣ дар сатҳи 4 ноҳияи интихобгардидаи пахтакор ба даст оварда шуданд. Онҳо стратегияҳо, тадбирҳои сиёсат ва механизмҳо барои муомилоти самарабахш ва ҳалли қарзҳои фермерон, инчунин, бонкҳои тиҷоратии ширкаткунандаро, ки ба фермаҳои пахтакор маҳсулоту хизматрасонии зарурии молиявиро бо қарзи бозсозишуда мерасонанд, дар бар мегиранд. Дар сатҳи маркетинг натиҷаи сеюм ба даст оварда шуд, ки бо татбиқи стандартҳои таснифоту фурӯш, ташкили корхонаи муштарак бо Ҳукумат ва ташкилоти дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшудаи оид ба таснифи пахта ва анборҳои гумрукӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ алоқаманд аст. Бояд гуфт, ки аз оғози татбиқи амалии лоиҳа як қатор иқдомҳо дар самти ҳаллу фасли қарзҳои хоҷагиҳои фермерӣ, аз ҷумла қарзҳои калони хориҷӣ мувофиқи кафолати давлатӣ ва амалҳои Фонди байналмилалии асъор (ФБА) оид ба гузаронидани барномаи мониторинги ҳайати кормандон ва аудити Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) амалӣ карда шуданд. БОР дар ин вақт лоиҳаи барномавии қарзиро барои рушди соҳа оид ба бозсозии соҳаи пахтакорӣ дар заминаи равиши бозорӣ ва соҳавии ҳалли масъалаи қарзи хоҷагиҳои фермерӣ омода намуд. Амалигардонии лоиҳаи барномавии қарзӣ барои рушди соҳа дар охир бояд қисми зиёди тағйироти заруриро дар миқёсу механизми татбиқи ҷузъҳои ин лоиҳа муайян мекард.

Як қатор тадбирҳо оид ба лоиҳа барои танзими навъҳо ва маркетинг, таъсиси корхонаи муштарак дар байни Ҳукумат ва ширкати дар сатҳи байналмилалӣ эътирофгардидаи мустақили назораткунандаи пахта, инчунин, таъсиси анбори гумрукӣ дар чорчӯби лоиҳа андешида шуданд. Дар соли 2006 Ҳукумат қарорро дар бораи гузаштан аз стандарти ҷории байнидавлатии ГОСТ 3279-95 ба қабули Стандартҳои Байналмилалии таснифоти пахта (СБТП) қабул намуд, Вазорати кишоварзӣ бошад, дар асоси озмун интихоби ширкати байналмилалии назораткунандаи пахтаро доир кард.

Ба ҳайси кумитаи роҳбарикунандаи лоиҳа Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад кард, ки роҳбарии умумиро оид ба масъалаҳои сиёсат, дастгирии ислоҳот дар раванди ҳалли қарзи хоҷагиҳо, механизмҳои нави молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ, сиёсати фурӯш мутобиқи нақшаи амалҳои Стратегияи ҳалли қарзҳои хоҷагиҳо (СҲҚХ) ва харитаи роҳро низ таъмин мекард. Зимнан Вазорати кишоварзӣ ба сифати Агентии амаликунанда (АА) барои тадбирҳои оид ба КМ ва анборҳо баромад карда, лоиҳа агентии иҷроияи ҳалли қарзҳои фермерӣ дар ноҳияҳои лоиҳавӣ ва механизмҳои

нави маблағгузории соҳаи кишоварзӣ мегардад. Гурӯҳи муштараки амалигардонии лоиҳа бояд барои иҷроиши ҳаррӯзаи лоиҳа ҷавоб гӯяд.

Барои ташкили коргоҳи коркарди пахта дар мувофиқа бо ВК (мактуби №117-1539 аз 23 июни 2011) корхонаи «Муина»-и ноҳияи Бохтари вилояти Хатлонро интихоб кард. Пас аз гирифтани розигии БОР маркази идоракунии лоиҳа оид ба поккунии тухмӣ (пунбадона) қарордод баст. Дар муҳлати муқарраргардида таҷҳизоти мазкур дар корхонаи «Муина» насб карда шуд. Ҷорӣ намудани СБТП барои тамоми тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла трейдерҳои байналмилалӣ, ҳатмӣ мебошад. Бинобар ин, баргузор намудани маъракаи фаҳмондадиҳии моҳияти татбиқи СБТП шарти асосии пешравии кор мебошад. Дар доираи ин қисмат ба деҳқонон (фермерон), сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ, роҳбарону мутахассисони корхонаҳои пахтатозакунӣ, сармоягузорон, трейдерҳо, кормандони мақомоти давлатӣ муяссар шуд, ки иттилооти пурраро оид ба стандартҳои байналмилалӣ ва мақсади ҷоринамоии он ба даст оранд.

Аз мавқеи муносибгардонии ҳаҷми фоидаи молиявӣ фарқиятҳои асосӣ дар занҷираи ташаккулёбии арзиш баъди раванди хоҷагидорӣ дар байни вариантҳои «бо лоиҳа» ва «бе лоиҳа» инҳо мебошанд: баромади маҳсулот дар равандаи коркард аз 32% то 35,2% зиёд шуд (яъне самаранокии коркард ба 10% зиёд шуд); талафоти ҳаҷми пахтаи хом дар хоҷагиҳо ба андозаи 2% ҳангоми супоридани пахта ба корхонаҳои пахтатозакунӣ бартараф карда шуд; талафоти ҳаҷми пахта бо сабаби намнокии он дар корхонаҳои пахтатозакунӣ бартараф карда шуд; хароҷоти иловагии хоҷагиҳо, ки 5%-и ҳаҷми пахтаро бо сабаби даври дарозмуддати коркард ва афзоиши давраи қарзгирӣ ташкил медод, бартараф карда шуд; пардохти нопурра барои нахи пахта ва маҳсулоти дуюмдараҷа, ки 7%-и ҳаҷми пахтаи хомро то корхонаи пахтатозакунӣ ташкил медод, бартараф карда шуд; тахфиф дар ҳаҷми 5% ба харидорони хориҷии нахи пахта бартараф гардид; талафот ба андозаи 10% бо сабаби низоми номуносиби таснифот бартараф карда шуд.

Ҳисобҳо нишон доданд, ки арзиши баробарвазни пахтаи хом «бе лоиҳа» 238$-ро барои як тонна ташкил медиҳад, «бо лоиҳа» бошад, арзиши он то 354$ барои як тонна, яъне ба 49% баланд мешавад. Нисбати сохтори даромади нахи пахта лоиҳа тағйироти зерини таносуби фоизиро пешниҳод мекунад: барои хоҷагиҳо афзоиш аз 52% то 67%, барои корхонаҳои пахтатозакунӣ пастшавӣ аз 20% то 9%, барои харидорон пастшавӣ аз 14% то 12%-ро ташкил дода, барои ҳукумат бетағйир дар сатҳи 13% боқӣ мемонад. Нисбати маҳсулоти дуюмдараҷа (иловагӣ) афзоиши даромади хоҷагиҳо аз 65% то 75%; камшавии даромади корхонаҳои коркард аз 16% то 6%-ро ташкил дод, барои ҳукумат бетағйир боқимонда 18%-ро ташкил хоҳад дод. Ба ғайр аз афзоиши назарраси фоида барои хоҷагиҳо инчунин, фоида барои ҳукумат дар намуди афзоиши андоз аз содирот дар ҳаҷми 18$ барои як тоннаи метрикӣ, ё 2,3$ млн. дар як сол (нисбат ба соли 2005, вақте ки содироти пахта 126 ҳаз. тонна нахи пахтаро ташкил дода буд) ба даст омад. Баромади бештари маҳсулот ҳангоми коркард ва ҳосилнокии баланди хоҷагиҳо имконияти афзудани ҳаҷми содироти нахи пахтаро муҳайё намуд. Ин самара то дараҷаи муайян кам карда шудааст, зеро тағйироти иҷозатдиҳӣ ба хоҷагиҳо барои парвариши намудҳои зироатҳои кишоварзӣ умуман боиси коҳиш ёфтани майдони парвариши пахта гардид. Аммо дар дурнамои дарозмуҳлат интизор меравад, ки истеҳсоли пахтаи хом/нахи пахта дар маҷмӯъ зиёд хоҳад шуд.

Мувофиқи ҳисобҳо нархи иқтисодии як тонна пахтаи хом аз 330$ бе лоиҳа ва то 430$ бо лоиҳа зиёд хоҳад шуд, яъне афзоиш 30%-ро ташкил хоҳад дод. Таҳлили базисии иқтисодӣ меъёри иқтисодии дохилии даромаднокӣ (EIRR)-ро ба андозаи 28,7% нишон дод. Озмоиши ҳассосият нишон дод, ки ҳангоми ба 10%-и лоиҳавӣ паст шудани ҳосилнокии миёнаи пахта EIRR дар сатҳи баландтар аз 20% боқӣ мемонад (яъне ҳосилнокии 2,4 т/га то 2,16 т/га паст мешавад, нархи ҷаҳонии нахи пахта ба андозаи 10% дар давоми давраи таҳлил, ё бинобар сабаби пастшавии умумиҷаҳонии нархи нах ва ҳосилнокӣ коҳиш меёбад). Агар ба ҷои гирифтани фоидаи аввалин дар соли 2008 фоидаи якум шурӯъ аз соли 2009 ба даст ояд ва то соли 2018 идома ёбад, EIRR баландтар аз 20% мемонад. Агар дар натиҷаи татбиқи лоиҳа зиёдкунии ҳосилнокии пахта муяссар нагардад ва он дар сатҳи 1,5 т/га, мисли вариантҳои «бо лоиҳа» ва «бе лоиҳа» монад, EIRR то 16% паст мешавад.

Дар асоси баҳодиҳии иқтидори сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ва таҳлили сарчашмаҳои тамвили сармоягузорӣ ояндабинии талабот ба сармоягузории воқеӣ барои ояндаи наздиктарин таҳия карда, дар ҷадвали оварда шудааст.

Ояндабинӣ дар асоси маълумоти қарзи хоҷагиҳои пахтакор, бо тақсими онҳо ба гурӯҳ мувофиқи андозаи хоҷагиҳо, ки лоиҳаи «Ҳалли масъалаи қарзи пахтакорон ва рушди устувори соҳаи пахтакорӣ»-и Бонки ҷаҳонӣ таҳия гардид.

Ҷадвали 4. Ояндабинии талабот ба сармоягузории воқеӣ вобаста ба андозаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)

Андоза, га	Миқдори ХДФ	Масоҳат га	Андозаи миёнаи ХДФ, га	Ҳаҷми сармоягузорӣ	
				Ҳамагӣ, ($)	Ба 1 га
1,000 -9,000	35	100729	2885	72524	720
500 - 999	41	40852	986	260064	638
250 – 499	95	46012	483	27699	602
100 – 249	254	54210	214	29436	543
50 – 99	489	46167	94	22853	495
30 – 49	533	28823	54	14584	506
10 – 29	1859	43358	23	24020	554
То 10 га	2155	15402	7	10381	674
Ҳамагӣ	5461	375553	4647	461561	4732

Манбаъ: Ҳисоби муаллиф тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатӣ

Ба ин васила хулоса карда мешавад, ки талаботи кишоварзӣ ба сармоягузорӣ, норасоии аёни он зарурати истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои сармоягузориро ба миён меорад. Зимнан, ҳаҷми маблағгузории буҷетӣ коҳиш ёфта, самаранокии ҷалбу истифодаи сармояи қарзӣ он қадар тағйир наёфтааст.

АДАБИЁТ

1. Кандиёрова Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономикой: теория, методология, практика: монография / Д.О. Кандиёрова. – Душанбе, 2006. - 179 с.
2. Кудратов Р.Р Инвестиция – основа повышения эффективности сельскохозяйственного производства / Р.Р Кудратов. -Душанбе: Из-во «Статус» 2005. -138 с.
3. Мадаминов А.А. Микрофинансирование сельских товаропроизводителей - основа устойчивого развития аграрного сектора / А.А Мадаминов [и др.] // Кишоварз. –Душанбе: ТАУ, 2004. -№4. -71 с.
4. Маркс К. Капитал. Сборник. Соч. / К. Маркс, Энгельс Ф. -2-ое изд. -М.: Политическая литература, 1978. -Т.24. -556 с.
5. Пиризода Дж.С. Совершенствование размещения сельскохозяйственного производства в новых условиях хозяйствования / Дж.С. Пиризода // Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. -Душанбе, 2002. -№5-6. –С.137.
6. Сергеев И.В. Организация и финансирование инвестиций: Учеб. пособие / И.В. Сергеев, И.И. Веретенникова. -М.: Финансы и статистика, 2000. -172 с.

ҶАЛБИ САРМОЯҲО БАРОИ РУШДИ УСТУВОРИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Дар мақола самтҳои ососии фаъолияти сармоягузорӣ ба ҷолибияти соҳа барои сармоягузор вобастагӣ дорад. Суръати рушди ин ё он соҳа дар комплекси агросаноатӣ нишондиҳандаи умумиест, ки динамикаи сармоягузориро инъикос мекунад. Чи тавре ки пештар қайд намудем, иқтидори сармоягузорӣ аз ҳафт иқтидори потенсиали хусусӣ иборат аст, ки ҳар кадомашон дар навбати худ як гурӯҳ нишондиҳандаҳоро дошта, сармоягузорӣ вобаста аз ҳаҷми онҳо мебошад. Дар натиҷаи таҳлил зарурати сармоягузорӣ ва имкони ҷудокунии онҳо ба корхонаҳои мушаххаси кишоварзӣ, соҳа, минтақа, инчунин, ҳаҷми сармоягузории лозимаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кардан мумкин аст. Ҳамчун нишондиҳандае, ки хавфи иқтисодиро муайян мекунад, мо фарсоиши воситаҳои асосии истеҳсолиро интихоб кардем.

Калидвожаҳо: диверсификатсия, сарчашмаҳои сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, қарз ва молҳои сармоягузорӣ, таваррум, меъёри қарзӣ.

ПРИВЛЕЧЕНИЕ ИНВЕСТИЦИЙ В УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА

В статье рассмотрены потенциальные возможности инвестирования сельского хозяйства, а также источники расширения инвестиций. Рассмотрены вопросы диверсификации инвестирования в условиях перехода к рыночным отношениям. Проанализировано современное состояние структуры инвестиций по видам собственности, а также структуры кредиторской задолженности сельскохозяйственных предприятий. Даны основные направления привлечения инвестиций в сельское хозяйство. Дан прогноз необходимого объёма инвестиций в зависимости от их размера.

Ключевые слова: диверсификация, источники инвестирования, тенденции децентрализации, кредиторская задолженность предприятий, инфляция, кредитные ставки.

ASSESSMENT OF ATTRACTIVENESS OF AGRICULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article are considered the theoretical aspects of investment and investment activity in the agrarian sector of the Republic of Tajikistan. A retrospective anathesis of the historical theory and institutional foundation of investment as the main mechanism for the formation of a sustainable national economy. In this article also analysis to improve the economic recommendations, the effectiveness of investment in agriculture. A detailed analysis of the process of attracting foreign investment in agriculture of the Republic is given. Depending on the level of investment potential, all enterprises in the industry can be divided into groups based on the sum of points, i.e. the total assessment of their investment potential, with an average level, moderate and low level of investment potential. The second component of the investment attractiveness of the enterprise is the level of its investment risk, which consists of two private risks - economic and financial. As an indicator of economic risk, we chose depreciation of fixed assets.

Key words: investments, investment activity, investment attractiveness, investment attractiveness rating financial, credit and commodity investments.

Сведения об авторе: ***Кудратова Фарзона Рустамовна*** – Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН Республики Таджикистан, аспирант. **Адрес:** 734020, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Хаёти-Нав, 306. Телефон: **907-02-20-00.** E-mail: **farzona070489@.ru**

Information about the author: ***Kudratova Farzona Rustamovna*** - Institute of Agricultural Economics of the Tajik Agricultural Academy of the Republic of Tajikistan, graduate student. **Address:** 734020, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Hayot-Nav street 306. Phone: **907-02-20-00**. Email: **farzona070489@.ru**

УДК 332.012

РУШДИ КЛАСТЕРИ МИНТАҚАВИИ МАҲСУЛОТҲОИ ГӮШТУ ШИР: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГӢ

Махмадизода Ф.Б., Убадуллоева Ф.А., Махмадизода С.Б.
Институти иқтисодиёти сельского хозяйства АИКТ,
Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ

Дар шароити бозор, пеш аз ҳама, дар шароити ҷаҳонишавӣ, афзоиши сифати баланди маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ, нишондиҳандаи асосии сифати маҳсулот дар чорводории гӯштӣ ин фарбеҳкунии ҳайвоноти хонагӣ мебошад, ки бештар аз маҳсулнокии парвариши ҳайвонот барои гӯшт вобаста аст. Ба андешаи мо, кластер ин системаест, ки ба сохтори он ташкилотҳои соҳаҳои мухталиф дохил мешаванд, ки як ё якчанд бахши бозорро хизматрасонӣ мекунанд. Мақсади асосии ташаккул ва рушди кластери гӯшт ва шир дар он аст, ки маҳсулоти гӯшту шир то истеъмолкунанда бо талафот ва хароҷоти камтарин расонида шавад.

Яке аз вазифаҳои асосии ташкили кластери минтақавии гӯшту шир ин афзоиши даромад ва устувории иқтисодии корхонаҳо оид ба истеҳсоли гӯшт мебошад, ки ба таркиби он дохил мешаванд. Ташкили кластерикунонии минтақавии гӯшт ва шир ин силсилаи корхонаҳо ва ташкилотҳои шаклҳои гуногуни моликият мебошад, ки бо занҷираи ягонаи технологии истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ ва корхонаҳои кластер муттаҳид карда шудаанд.

Кластерикунонии минтақавии маҳсулоти гӯшту шир ин ҳамгироӣ (интегратсия)-и намудҳои гуногуни фаъолият ба раванди ягонаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ, фурӯши маҳсулоти ниҳоии он дар дохили минтақа буда, дар сохтори худ робитаҳои зиёд дорад. Ташкили кластерикунонии маҳсулоти гӯшту шир дар минтақа ба таври муносиб ба ташкили инфрасохтори бозори минтақавӣ, инчунин, ба муносибгардонии нарх ва маҳсулоти гӯшту шир дар дохили минтақа бо нархҳои паст имконият медиҳад. Мақсади ташаккули кластерикунонии минтақавии маҳсулоти гӯшту шир ин баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва ташкили маҳсулот ва технологияи нав, азхудкунии бозори нави фурӯши маҳсулоти гӯшту шир дар шароити кластер мебошад.

Ҷанбаҳои бисёри иқтисодии рушди соҳаи чорводории Тоҷикистон дар корҳои чунин олимони ватанӣ баррасӣ шудааст: А.А. Мадаминов, Ҷ.С. Пириев, Ф.М. Икромов, Н.И. Амиров, К.К. Давлатов, Х.Ҷ. Тағоев, Ш.Т. Одинаев, С. Накимов, О. Раҳимов, М.Т. Исоқов ва дигарон. Онҳо дар асарҳои худ зарурати татбиқи қарорҳои нави ташкилӣ ва иқтисодиро барои ноил шудан ба рушди босуботи соҳа асоснок мекунанд. Зимнан, муносибати методологӣ дар интихоби роҳи инноватсионии рушди зермаҷмӯи чорводорӣ асоснокии амиқро талаб мекунад. Н. Некрасов қайд мекунад, ки минтақа "...ҳудуди калонтарини кишвар бо шароити бештар ё камтар ҳамҷинси табиӣ ..., самти хоси рушди қувваҳои истеҳсолкунанда дар асоси маҷмӯи захираҳои табиӣ ва заминаи дахлдори ояндадори моддию техникӣ, инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ фаҳмида мешавад …» [1,с.19].

Ткач А.В., Угрюмова Ю.А. чунин мешуморанд, ки "... кооператсияи хоҷагиҳои шахсии ёрирасони аҳолӣ, ташкили кооперативҳои чорводорӣ дар заминаи онҳо истеҳсол ва хариди гӯштро дар кишвар ба таври назаррас афзоиш медиҳанд …» [2,с.16].

Лужков Ю.М. қайд мекунад, ки «... дар шароити бозор, пеш аз ҳама, ҳалли мушкилоти худтаъминкунӣ бо маҳсулоти гӯштӣ аз ҳисоби захираҳои худ зарур аст. Барои комилан пурра гузаштан ба харид танҳо дар бозори дохилӣ бояд аз имкониятҳои рушди истеҳсоли гӯшти ватанӣ пурратар истифода бурд. Дар чунин маврид бояд ба истеҳсолоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама, тавассути ҳамгироӣ - таъсиси бизнес-сохторҳои калонтарин дар бахши аграрӣ, пеш аз ҳама, бо ҷалби корхонаҳои коркардкунанда кумак расонида шавад …» [3,с.59]. Л.В. Голубева қайд мекунад, ки «…бахши гӯшт ва шир дар хоҷагии миллӣ як қатор хусусиятҳои хоси худро дорад, ки онҳо дар раванди гузариш ба муносибатҳои бозорӣ комилан ба таври гуногун зоҳир мегарданд …» [4].

Ба ақидаи В.В. Дойков «... дар системаи тадбирҳо оид ба муътадилсозии истеҳсоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ бартараф кардани зиддияти оштинопазири манфиатҳои байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои коркард дар заминаи рушди сохторҳои амудӣ дар шароити мутақобилан судманди бозор муҳим аст. Чунин ҳамгироӣ

аз ҳисоби муттаҳид кардани захираҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ, таъмини сикли пурра - аз истеҳсолоти ашёи хом то истеҳсоли маҳсулоти тайёр ва фурӯши онҳо - имконият медиҳад, ки масъалаҳои миқёсан калони сохторикунонии корхона ҳаллу фасл карда шаванд, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда зиёд карда шавад ва талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти босифати рақобатпазир қонеъ гардонида шавад …» [5,с.7].

В.Ф. Климченкова қайд мекунад, ки «... соҳаҳои нисбатан паҳнгаштаи чорводорӣ, гусфандпарварӣ, хукпарварӣ ва паррандапарварӣ мебошанд. Аз ҷиҳати иқтисодӣ, ба ақидаи олимон, меъёрҳои муҳимтарин, ки ба раванди идоракунии истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои чорводорӣ таъсир мерасонанд, мансубияти зотии ҳайвонот ба кавшакунандагон ё ин ки ғайрикавшакунандагон, инчунин, вобастагии корхона аз заминаи худии хӯроки чорво мебошад …» [6]. Мувофиқи маълумоти В.Д. Гончаров., С.В. Котеев «... дар шароити бозор, сермаҳсулгардонии рушди соҳаҳои чорводорӣ аз ҷорӣ намудани навовариҳо вобаста аст, зеро бе маҳсулоти пешрафти илмӣ ва техникӣ, расидан ба худтаъминкунии маҳсулоти кишоварзӣ тибқи талаботи амнияти озуқаворӣ дар шароити муосир хеле мушкил аст …» [7]. Олими рус А.С. Хухрин қайд кардааст, ки «... таҳлили мушкилоти асосии рушди кластерҳои аграрӣ тасдиқ менамояд, ки бе таърифи дақиқи мафҳуми «кластер», бе таҳияи консепсия ва стратегияи рушди кластерҳои аграрӣ, бе ташкили кластери инноватсионӣ ва татбиқӣ ташкили системаи кластерҳои аграрӣ ғайриимкон аст.

Дар ин ҳолат, кластерҳои аграриро чунин қисмат, монанди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар пеш аст. Ташкили кластерҳои аграрӣ бояд мақоми лоиҳаи афзалиятноки миллӣ ва минтақавӣ дошта бошад. Давлат бояд дар ташаккули кластерҳои аграрӣ, масалан, чи тавре ки ин дар ИМА, Фаронса, Шветсия ва дигар кишварҳо вуҷуд дорад, нақши фаъол дошта бошад …» [8,с.13]. Бояд қайд кард, ки иваз намудани воридоти гӯшт аз ҷониби истеҳсоли худӣ дар шароити муосир на танҳо ҳангоми ҳисоб кардани хароҷоти ғайривоқеии хӯрока, инчунин, ҳангоми ҳисоб аз рӯйи меъёрҳо барои технологияи мавҷудаи парвариши чорво бефоида аст, ҳарчанд арзиши аслии фарбеҳкунӣ дар чунин маврид ба таври назаррас коҳиш меёбад.

Вазифаҳои давлат аз интихоби самтҳои афзалиятнок дар сиёсати аграрӣ ва дарёфти қарорҳои муносиб барои иқтисодиёти аграрӣ дар маҷмӯъ иборат мебошанд. Пеш аз ҳама, масъалаи зиёд кардани содироти ғалла ва афзоиши истеҳсоли гӯштро дар кишвари худ дар як вақт ба роҳ мондан мумкин аст. Аммо, воқеан, дар соли 2015 дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 14,6 кг гӯшт, 57,4 кг шир ва 72 дона тухм истеъмол карда шудааст. Истеъмоли воқеии гӯшт 35,4 кг, шир 192,6 кг, тухм 109 дона аз меъёри тавсияшуда камтар аст. Ин маълумотҳо шоҳиди он мебошанд, ки дар вилояти Хатлон маҳсулоти гӯштӣ ба ҳар сари аҳолӣ аз миқдори муқарраршудаи тавсияшуда камтар истеҳсол мешавад, ҳарчанд дар вилояти Хатлон 52,2% гӯшт, 48,0% шир, 17,4% тухм дар миқёси кишвар истеҳсол карда мешавад. Натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳанд, ки ҳолати муосири чорводорӣ бо норасоии ошкорои маҳсулот тавсиф карда мешавад, зеро танҳо дар сатҳи 24,8% гӯшт, 23,4% шир, 43,0% тухм метавонад истеъмоли онро ҷуброн кунад. Дар соҳаи чорводорӣ ва соҳаҳои ба он алоқаманд, аксарияти сокинони деҳот кор мекунанд, ки дорои воситаҳои асосӣ мебошанд ва ҳиссаи маҳсулотро истеҳсол мекунанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақаи тадқиқшуда аз рӯйи соҳаҳои хоҷагии халқ тамоюли афзоиш дорад. Масалан, дар соли 2015 ҳаҷми умумии маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии вилоят ба 11,381,6 миллион сомонӣ расид, ки ин нисбат ба нишондиҳандаи соли 2014 364,6 миллион сомонӣ зиёд аст.

Ҳиссаи шир дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии минтақа дар сатҳи 6,8% қарор дорад ва тамоюли афзоиш дорад. Ҳамин тариқ, дар соли 2015 нисбат ба соли 2014 дар соҳаи кишоварзӣ аз 31314,7 ҳазор сомонӣ то 33456,3 ҳазор сомонӣ ё 6,8% афзоиш ёфтааст. Чорводорӣ сарчашмаи асосӣ мебошад, ки дар атрофи он тамоми маҷмӯи хоҷагии халқи соҳаҳои баррасишуда ташаккул меёбанд. Он боиси рушди саноати гӯшту шир, хӯрокворӣ ва қаннодӣ мегардад.

Аз ин рӯ, маҷмӯи маҳсулоти аз чорводорӣ ҳосилшуда як қисми ҳосили маҷмӯи маҳсулоти кишоварзиро дар вилояти Хатлон ташкил медиҳад, ки ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ шомиланд. Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ тамоюли афзоиш дорад ва дар соли 2015 маҳсулоти ин соҳа ба 3617,3 миллион сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2014 9,5% зиёдтар аст. Афзоиши ҳаҷми истеҳсол дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ ба даст оварда шудааст. Аммо, дар соли 2015 дар хоҷагиҳои деҳқонии минтақа ҳиссаи маҳсулоти умумӣ дар муқоиса бо соли 2014 0,2% коҳиш ёфтааст. Инчунин, ҳиссаи шир дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ 0,8% коҳиш ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омили асосии бордорандаи рушди чорводории ширӣ дар вилояти Хатлон норасоӣ ва сифати пасти хӯроки онҳост. Дар сохтори арзиши аслии шир 65,0%-ро хӯроки чорво ташкил мекунад [9,с.29]. Бояд қайд кард, ки «... яке аз муваффақтарин кластерҳои чорводорӣ дар Россия, ба ақидаи бисёре аз коршиносон

кластери коркарди маҳсулоти гӯшти вилояти Саратов мебошад, ки 130 корхонаро оид ба истеҳсоли гӯшт муттаҳид мекунад, ки аз онҳо 7 корхона дорои иқтидори истеҳсолӣ барои коркарди аввалияи чорво мебошанд. Як қатор корхонаҳои калон, миёна ва хурд ба коркарди гӯшти хом машғуланд. Аммо, ҳаҷми асосии маҳсулотро истеҳсолкунандагони калон истеҳсол мекунанд: ҶДММ «Агротек», ҶДММ «Дубки», ҶДММ Минтақаи эко-маҳсулоти минтақаи Волга». Онҳо ҳамчун асоси ташкилӣ ва иқтисодӣ дар фаъолияти кластери коркарди саноатии маҳсулоти гӯштӣ амал мекунанд. Мавҷудияти миқдори кофии захираҳои молиявӣ ба онҳо на танҳо ташкили истеҳсолоти худӣ, балки ташкили занҷирҳои савдо ва тақсимотро таъмин мекунанд. Онҳо дар 30 минтақаи Россия ва дар кишварҳои хориҷи наздик намояндагиҳои худро доранд …» [10].

Қазоқистон «... барои рушди кластери гӯштӣ вилоятҳои Қазоқистони шимолӣ, Қазоқистони Ғарбӣ, Актюбин, Павлодар , барои кластерҳои ширӣ - вилоятҳои Караганда ва Алмаато бештар омода ҳастанд. Таъсиси кластерҳо дар Қазоқистон барои ноил шудан ба ҳадафҳои муттаҳид намудани саъю кӯшиши истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва коркардкунандагони маҳсулоти чорводорӣ барои афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти баландсифат ва рақобатпазир нигаронида шудаанд. Фаъолияти онҳо бояд на танҳо ғанигардонии бозори молро таъмин кунанд, балки содиротро низ зиёд кунад. Дар шароити муосир ширкатҳои стрейдингӣ барои пешбурди маҳсулот таъсис дода шудаанд, ки вазифаҳои онҳо аз муайян кардани самтҳо ва логистикаи фурӯши маҳсулоти тайёр дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ, ташаккули сиёсати маркетингӣ оид ба содироти маҳсулоти чорводорӣ таҳти бренди ягона иборат аст» [11,с.18]. Интихоби стратегияҳои нави рушди кластери чорводорӣ дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ (Дания, Олмон, Маҷористон ва ғайра) ҳалли як қатор вазифаҳои ба ҳам алоқамандро таъмин мекунад, ки иборатанд аз:

- ҳавасмандгардонии пешрафти маҳсулоти ниҳоӣ ба бозори дохилӣ ва содироти маҳсулоти ширӣ;
- татбиқи технологияҳои пешқадам ва истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот;
- пешрафти бренди ягонаи иштирокчиёни кластер ва рушди иқтидори кадрӣ;
- татбиқи махсусгардонӣ ва стандартизатсияи дохила, кам кардани харочот барои татбиқи инноватсия ва ғайра.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи сиёсати кластерӣ дар соҳаи чорводории кишварҳои тараққикарда ва тараққикардаистода нишон медиҳад, ки кластер воситае мебошад, ки барои афзалиятҳои рақобатӣ истифода бурда мешавад. Мавҷудияти омилҳои истеҳсолоти ба ҳам наздик ва дастгирикунандаи соҳаҳо, афзоиши талабот, рақобат ва кооператсияи байни субъектҳои он, кумаки фаъоли давлат, маҳсулнокии соҳаҳои таълимӣ ва илмӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки ташкили кластерҳои минтақавӣ муваффақона ба роҳ монда шавад.

АДАБИЁТ

1. Некрасов Н.Н. Региональная экономика. Теория, проблемы, методы / Н.Н. Некрасов. -2-е изд. -М.: Экономика, 1978. -С.19.
2. Ткач А.В. Необходимость развития кооперации в решении продовольственной проблемы и опциональных вопросов / А.В. Ткач, Ю.А. Угромова // Экономика сельскохозяйствен-ных прирабатывающих предприятий. -М.: «Колос», 2001. -№4. -С.16.
3. Лужков Ю.М. «Золотая осень – 2002» на ЭВМ / Ю.М. Лужков // Экономика сельскохозяйственных и прирабатывающих предприятий. -М.: «Колос», 2001. - №1. – С. 59-60.
4. Голубева Л.В. Новый технологии обогащенных молочных продуктов. Монография / Л.В. Голубева. -Воронеж, 2013. – 104 с.
5. Дойков, В.В. Рынок мяса и мясопродуктов / В.В. Дойков // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2007. -№7. -С.7–9.
6. Климченков В.Ф. Организационно-экономические основы промышленного скотоводства / В.Ф. Климченков. -Л.: Лениздат, 1978. -192 с.
7. Гончаров, В.Д. Проблемы инновационного развития продовольственного комплекса / В.Д. Гончаров, С.В. Котеев. -М.: Энциклопедия российских деревень, 2012. – 184 с.
8. Хухрин А.С. Развитие аграрных кластеров в Российской Федерации: проблемы и решения / А.С. Хухрин, О.И. Бундина // Экономика, труд, управления в сельском хозяйстве. -М., 2010. -№3(4). -С.10-13.
9. Народное хозяйство Республики Таджикистан // Статистический сборник. - Душанбе, 2011-2016. -С.25-29.
10. Научная библиотека Кибер Ленинка: [Электронный ресурс]. http//cyberleninka.ru. Формирование агропромышленных кластеров в мясном подкомплексе на уровне региона.
11. Молдашев А.Б. Механизм создания и функционирования территориально-отраслевых кластеров в АПК Казахстана / А.Б. Молдашев, Г.У. Акимбеков // Отчет о научно-исследовательской работе в АПК Казахстана. -Алма-Ата, 2006. - С.14-19.

РУШДИ КЛАСТЕРИ МИНТАҚАВИИ МАҲСУЛОТҲОИ ГӮШТУ ШИР: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГӢ

Дар шароити бозор, пеш аз ҳама, дар шароити ҷаҳонишавӣ баландравии сифати истеҳсоли маҳсулоти гӯшту шир ба вукӯъ омада, нишондиҳандаи асосии сифати маҳсулот дар чорводории гӯштӣ фарбеҳии чорво , мебошад, ки аз бисёр ҷиҳат аз маҳсулнокии парвариши чорво барои гӯшт маҳсуб меёбад. Аз рӯи ақидаи

муаллифон, кластер низоме мебошад, ки ба таркиби он ташкилотҳои дорои мақтаҳои гуногун дохил мешаванд, ки як ва ё якчанд сектори иқтисодро хизматгузорӣ менамоянд. Мақсади асосии ташаккули кластери минтақавии гӯшту шир аз он иборат мебошад то маҳсулоти тайёри гӯштиро то истеъмолкунанда бо хароҷот ва талафоти камтарин дастрас намоянд. Яке аз вазифаҳои асосии таъсиси кластери гӯшту шир афзунсозии даромад ва суботи иқтисодии корхонаҳо оиди истеҳсоли гӯшту шир мебошад, ки ба таркиби он дохил мешаванд.

Калидвожаҳо: кластер, рушд, кластери гӯшту шир, маҳсулоти гӯштӣ, маҳсулоти чорводорӣ, маҳсулнокӣ.

УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ РЕГИОНАЛЬНОЙ МЯСО - МОЛОЧНОЙ ПРОДУКЦИИ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ И МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЙ АСПЕКТЫ

В условиях рынка, прежде всего, в условиях глобализации происходит повышение качества производства мясо-молочной продукции, основным показателем качества продукции в мясном животноводстве является упитанность скота, которая во многом зависит от продуктивности выращивания животных на мясо. По мнению автора, кластером называется система, в состав которой входят организации разного профиля, обслуживающие один или несколько секторов рынка. Основная цель формирования регионального мясо- молочного кластера заключается в том, чтобы довести готовую мясную продукцию до потребителя с наименьшими потерями и затратами. Одной из основных задач создания регионального мясо-молочного кластера является увеличение прибыли и экономической стабильности предприятий по производству мяса-молоко, входящих в его состав.

Ключевые слова: кластер, развитие, мясо-молочной кластер, мясная продукция, продукция животноводства, продуктивность.

USTOCHICHOOGO REGIONAL REGIONAL MASO - MEDICAL PROCEDURE TECHNICAL AND METHODOLOGICAL INSPECTION

The global marketplace is well-positioned in the ways of globalization, and in the emergence of high-quality products in the marketplace. The author is clustered in a cluster, a compilation that translates into different profiling profiles, the odd or multiple sectors of the market. Regional Crop Formation - a clustered paste in large volumes, so that there is a good supply of nutritional products to the poor. From a simple task-oriented regional clustering, the clusters of clusters are evolving into an equilibrium device and economic stability predicted by the myocardium.

Key words: clusters, development, meadow-clusters, meat products, products production, productiveness.

Сведения об авторах: ***Махмадизода Файзали Бачабек*** - Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН, кандидат экономических наук, соискатель (докторант). **Адрес:** 734020, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Хаёти-Нав, 306. E-mail: **fmakhmadiev.1986 @mail.ru**
Саидов Бехруз Муминович - Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН, соискатель. **Адрес:** 734020, Республика Таджикистан, Душанбе, улица Хаёти-Нав, 306. Телефон: **900-62-61-55**
Убайдуллоева Фируза Авсаторовна - Институт экономики и демографии АН РТ, соискатель. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни 44. Телефон: **(+992) 880-18-78-02**

Information about the authors: ***Mahmadizoda Fayzali Bachabek*** - Institute of Agricultural Economics of the Tashkent Agricultural Academy, candidate of economic sciences, applicant (doctoral candidate). **Address:** 734020, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Hayot-Nav street, 306. E-mail: **fmakhmadiev.1986 @ mail.ru**
Saidov Behruz Muminovich - Institute of Agricultural Economics of the Academy of Agricultural Sciences, applicant. **Address**: 734020, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Hayot-Nav street, 306. Phone: **900-62-61-55**
Ubaidulloeva Firuza Avsatorovna - Institute of Economics and Demography of the Academy of Sciences of the Republic of Tatarstan, applicant. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Aini 44

УДК 330.341

ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРИИ АҲОЛӢ

Назаров Т.Р. Қаландаров Р.Ш.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Бехатарии озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат ва меҳвари асосии сиёсати иқтисодии давлат ва ҳукумат ба ҳисоб меравад. Чунончи Пешвои миллат муҳтарам Эмомали Раҳмон дар Иҷлосияи 63-юми СММ баромад намуда, се масъалаи асосиро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун масъалаҳои аввалиндараҷа ва глобалӣ арзёбӣ намуд:

1) Тағйирёбии иқлим дар рӯйи замин;

2) Таъмини бехатарии озуқаворӣ;

3) Истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ.

Бояд қайд намуд, ки истилоҳи аз забони англисӣ оварда шудаи «food sekurity» ҳамчун бехатарии озуқаворӣ ва ё таъмини озуқаворӣ тарҷума карда мешавад. Варианти дуюми тарҷумашуда нисбатан аниқу дақиқ мазмуни ин мафҳумро дар бар гирифта, метавонад таъмини кафолати ҷисмонӣ ва иқтисодии дастрас будани маҳсулоти озуқавориро барои ҳар як шахс дар бар гирад [1,с.12]. Аз ин рӯ, дар бораи мафҳуми бехатарии озуқаворӣ ақида ва фикрҳои мухталиф вуҷуд доранд. Масалан, ба ақидаи баъзе аз олимон мафҳуми бештар истифодашавандаи бехатарии озуқаворӣ чунин мебошад: «Бехатарии озуқаворӣ вазъи иқтисодие мебошад, ки дар он кафолати таъмини дастрасии озуқаворӣ барои аҳолӣ дар дилхоҳ вақт ва бо он миқдоре, ки барои зиндагии фаъол ва

солим зарур аст, муайян карда мешавад». Дар маҷмӯъ ҳар як муҳаққиқ ба таври худ мафҳуми бехатарии озуқавориро дарк намуда, онро шарҳ медиҳад. Дар як нуқта қариб ҳама таҳқиқотчиён ҳамфикр мебошанд, ки он чунин аст: «Бехатарии озуқаворӣ таъмини муътадили аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа бо назардошти талаботи имконияти пардохткунӣ мебошад» [2,с.121].

Имконияти ба даст овардани озуқаи қофӣ ва сифатнокро бояд ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ дошта бошад. Ба вуҷуд овардани чунин шароит вазифаи ҳар як давлат мебошад, ки барои саломатии миллат, нигоҳдорӣ ва баландбардории генофонди он бояд мусоидат намояд. Аз ин рӯ, ҳар як давлати алоҳида бояд дар асоси оқилона истифода бурдани захираҳои табиию меҳнатӣ ва воситаҳои истеҳсоли худӣ аҳолиро бо озуқаи сифатнок ва бехавф мувофиқи меъёри муқараргардидаи тиббӣ таъмин намояд ва барои муҳлати муайян (аз номусоидии обу ҳаво, хушксолӣ, кам шудани ҳосил дар давраи муайян, қатъ гаштани воридот бо сабабҳои гуногун) захираи худро дошта бошад [3,с.12].

Бояд қайд намуд, ки бехатарии озуқаворӣ ва ғизо ҳамон вақт таъминшуда ҳисобида мешавад, ки агар озуқавории мувофиқ (аз нуқтаи назари миқдор, сифат, бехатар будан аз ҷиҳати иҷтимоию фарҳангӣ) мавҷуд ва дастрас бошад ва ҳама барои таъмини ҳаёти солим аз чунин озуқавориҳо қаноатмандона истеъмол карда тавонанд. Умуман, бехатарии озуқаворӣ аз чор унсури асосӣ - ҳолати ғизо, истеъмол ва ҳазм, дастрасӣ ба озуқа ва мавҷуд будани он иборат аст.

Ҳолати ғизо ба миқдори кофӣ вуҷуд доштан ва ба таври воқеӣ дастрас будани ғизои бехавф ва мувофиқат намудани он ба ратсиони меъёри хӯрока асос меёбад.

Истеъмол ва ҳазм. Донистани ҳолати саломатӣ ва шароити тозагӣ (санитарӣ) барои он зарур аст, ки организми инсон озуқавориро истеъмол ва ҳазм карда тавонад.

Дастрасӣ. Ҳамаи хонаводаҳо ва аъзои онҳо барои харидории миқдори зарурии озуқаворӣ (аз ҳисоби истеҳсолоту харид ва ёрдамию кумакҳо) ба қадри кофӣ маблағ доранд.

Мавҷуд будан. Бехатар ва дар сатҳи кофӣ вуҷуд доштани озуқаворӣ, чи аз ҷиҳати миқдор ва чи аз ҷиҳати сифат.

Устувории доимо мавҷуд ин дастрас будан, истеъмол ва ҳазм кардани хӯрокворӣ мебошад ва агар озуқаворӣ мунтазам дастрас набошад, баъзе шахсон аз норасоии доимӣ ё муваққатии озуқаворӣ азият мекашанд. Муаммоҳои таъмини муътадили бехатарии озуқавории аҳолӣ ҳамеша дар мадди назари давлат қарор дорад. Ин муаммо дар се даҳсолаи охир яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ва рӯзмарра миёни дигар муаммоҳои глобалӣ ба ҳисоб меравад. Ҳатто чуни асосҳо вуҷуд доранд, ки онро дар қатори муаммоҳои харобшавии захираҳои тамомшаванда ва ифлосшавии муҳити зист ба масъалаҳои аввалиндараҷа дохил кардан мумкин аст, зеро ҷиҳати пешгирии он барои инсоният аллакай вақти кам боқӣ мондааст. Муаммоҳои бехатарии озуқаворӣ боз ба он хотир яке аз масъалаҳои глобалӣ ба ҳисоб меравад, ки дар даҳсолаи охир инсоният ба муаммоҳои харобшавии замин ва паст гардидани ҳосилхезии он, ифлосшавии захираҳои обӣ, паст гардидани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ рӯ ба рӯ шуда истодааст. Аз тарафи дигар, шумораи аҳолӣ дар кураи замин рӯз аз рӯз зиёд гардида, ҳамаи ин боиси мураккаб гардидани муаммоҳои таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқа мегардад [3,с.15].

Инсон он рӯзе, ки ҳамчун фарди табиат ва ҷамъият ба вуҷуд омадааст, дар наздаш проблемаҳои муҳимми зиндагӣ вуҷуд дошт. Ӯ доимо кӯшиш намудааст, ки онҳоро оқилона ба манфиати хеш ҳал намояд. Имрӯз низ он проблемаҳое, ки тӯли ҳазорсолаҳо ҳалталаб буданд, аз қабили таъминот бо озуқаворӣ ва манзил ҳамчун проблемаҳои глобалии дунё боқӣ мондаанд. Дар ҳама давру замон таъминоти аҳолӣ бо озуқа ва манзил вазифаи аввалиндараҷаи давлат ба ҳисоб мерафт ва меравад. Чунки он як қисми асосии бехатарии давлат ба ҳисоб рафта, таъминсозандаи устувории ҷомеа аст. Чаро имрӯзҳо мавзӯи бехатарии озуқаворӣ ин қадар тез ва барои аксар давлатҳои ҷаҳон шадид гардидааст? Ҳатто дар давлатҳои мутараққӣ ин масъала мубрам гардидаст, ҳол он ки 30-40 соли охир гӯё ин масъала барои мардуми ҷаҳони пешрафта то абад ҳал шуда менамуд ва, ҳамзамон, барои кишварҳои рӯ ба инкишоф мушкилии умрбод буд. Умуман, бехатарии озуқаворӣ чиро мегӯянд? Дар таъмини бехатарии озуқаворӣ омилҳои зерин хеле муҳимманд.

Аз сифати озуқа сар карда то дараҷаи истеъмол:

- дараҷаи истеъмол;
- сифат ва сохтори хӯрока;
- дастрасии физикӣ ва иҷтимоӣ;
- худтаъминкунии мамлакат бо озуқавории сатҳи қобили қабули воридоти озуқаворӣ;
- ташкили захираҳои давлатии озуқаворӣ (барои ҳолатҳои фавқулода, ҷангҳо, эпидемияҳо);

- зарурияти ёрмандии озуқавории табақаҳои камбизоати аҳолӣ;
- талабот ба озуқаворӣ;
- сатҳи даромадҳои аҳолӣ;
- рақобатпазир будани маводи озуқаворӣ [3,с.130].

Бори аввал дар таърихи давлатдории навини мо масъалаи бехатарии озуқаворӣ солҳои 90-уми қарни гузашта рӯйи кор омад. Дар шароити канда шудани иқтисоди мероси Шӯравӣ ва натиҷаи он яку якбора паст рафтани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, мушкилоти деҳқонон дар ҳамлу нақли маҳсулоти парвариш намудаашон дар дохили ҷумҳурӣ ва расонидани он то бозор, афзун шудани воридоти маҳсулоти озуқаворӣ бо нархҳои демпингӣ бехатарии озуқавории Тоҷикистонро дар ҳолати ноамнӣ қарор дод.

Давлат бояд дар асоси оқилона истифода бурдани захираҳои табию меҳнатӣ ва воситаҳои истеҳсолот аҳолиро бо озуқаи сифатнок мувофиқи муқарраргардидаи тиббӣ таъмин намояд ва барои муҳлати мӯайян (аз номусоидии обу ҳаво кам шудани ҳосил дар давраи мураккат, қатъ гаштани воридот бо сабабҳои гуногун) захираи худро дошта бошад.

Аз ин рӯ, ташкилотҳои байналхалқӣ (ФАО, ООН, ЮНЕП ва ғ.) диққати асосиро ба таъминоти бехтарии озуқаворӣ дода истодаанд. Дар ҳазорсолаи сеюм афзоиши аҳолӣ дар рӯйи замин идома ёфта, таъминоти аҳолиро бо маводи озуқа боз ҳам мушкилтар мегардонад. Масалан, мувофиқи маълумотҳои СММ аҳолии кураи замин айни замон 7,3 малрдро ташкил дода, ин нишондиҳанда метавонад то соли 2050 то 10 млрд расад [2,с.13].

Албата, ин муаммоҳо ҳамчун масъалаҳои муҳимтарин дар арсаи байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд ва агар дар сатҳи локалӣ, яъне дар доираи минтақа ва иқтисоди миллии ҷумҳурӣ баҳогузорӣ намоем, ба ҳамагон маълум аст, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чор масъала ба сифати самтҳои стратегӣ ва муҳимтарини рушди устувори иқтисодӣ арзёбӣ гардидаанд. Инҳо баромадани ҷумҳурӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил доданӣ ҷумҳурӣ ба кишвари транзитӣ; таъминоти бехатарии озуқаворӣ ва худтаъминкунии озуқа; истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини шуғли маҳсулнокии аҳолӣ мебошанд. Аллакай дар ин самтҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баъзе комёбиҳо муваффақ гардидааст. Новобаста аз дастовардҳои аниқу дақиқ ҳалли ин муаммоҳо дар даҳсолаҳои наздик ҳамчун самтҳои ояндадори стратегии рушди иқтисодии мамлакат боқӣ хоҳанд монд. Дар шароити ҳозира ҳалли таъминоти бехатарии озуқаворӣ ҳамчун яке аз низомҳои муҳимми пешбурди зиндагӣ ба ҳисоб рафта, дар қатори ҳалли вазифаҳо дар соҳаи мудофиаю бехатарии умимиқтисодӣ нақши ниҳоят муҳимро мебозад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки Ҷумҳуриии Тоҷикистон дар масъалаи баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани ҷумҳури бо кишвари транзитӣ ба баъзе аз комёбиҳои назаррас муваффақ гардидааст. Ин дар сохтану ба истифода додани роҳҳои хусусияти минтақавӣ ва байналмилалли дошта, сохтани нақбҳо пулҳо ва дигар низоми инфрасохторӣ мебошад, ки дар солҳои охир бараъло ба чашм расида истодааст. Масалан, дар даҳ соли охир барои раҳо намудани ҷумҳурӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва баромадан ба бандарҳои обии ҷаҳонӣ 23 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии қариб 3,2 млрд сомонӣ амалӣ карда шудааст, ки 17 тои он ба солҳои 2006-2013 рост меояд. Дар ин давра ҳамчун сохтмони нақбҳои мошингарди Дӯстӣ ё худ Шаршар бо дарозии 2223 метр, Шаҳристон бо дарозии беш аз 5 км ва Чормағзак бо дарозии қариб 5 км ба поён расиданд. Дар ин муддат танҳо дар болои дарёи Панҷ миёни Тоҷикистону Афғонистон панҷ пули азим дар мавзеъҳои Ишкошим, Панҷи Поён, Ванҷ, Дарвоз ва ноҳияи Шамсиддин Шоҳин сохта шуда, мавриди истифода қарор дорад. Як нуқтаро метавон қайд намуд, ки маҳз тавассути ин чорабиниҳо савдои молу маҳсулот миёни Тоҷикистону Афғонистон тайи солҳои охир зиёда аз 1000 баробар афзоиш ёфтааст. Дар масъалаи таъмини шуғли маҳсулнокии аҳолӣ бояд гуфт, ки дар ҳолати ҳалли дигар масъалаҳои зикршуда, ҷойҳои нави корӣ пайдо шуда, аҳолии ҷумҳурӣ бо ҷойи кор таъмин гардиданд ва дар маҷмӯъ, шуғли доимии аҳолӣ низ таъмин хоҳад гашт.

Аз 7,3 млрд. 1,5 миллиардаш дар мамлакатҳои тараққикарда, ки сатҳи даромадашон ба сари аҳолӣ баланд мебошад, зиндагӣ мекунад. Тақрибан 3,2 млрд. одамони дигар ба сатҳи даромадашон ба ҳар сари аҳолӣ миёна ва зиёда аз 2,6 млрд. одамони дигар сатҳи даромадашон ба ҳар сари аҳолӣ паст ҳаёт ба сар мебаранд. Аз ин миқдор тақрибан 800 миллион одамон дар ҳолати гуруснаги доимӣ қарор доранд. Ин дар ҳолате мебошад, ки шумораи аҳолии рӯйи замин 7,3 млрд-ро ташкил дода, дар ҳолати афзоиши аҳолӣ ба 10 млрд (то соли 2050), нишондиҳандаи одамоне, ки дар ҳолати гуруснагии доимӣ қарор доранд, метавонад ба 1,5 млрд афзоиш ёбад. Агар ба замми ин муаммои зиёд гардидани шумораи гурезагон аз давлатҳои Араб (ба мисоли Ливия, Миср (Египет), Ироқ, Яман, Сурияро)-ро бо давлатҳои Аврупо (Венгрия, Фаронса, Олмон, Британияи кабир ва ғ) дар натиҷаи ҷангҳои шаҳрвандӣ ва нооромиҳои сиёсии ин кишварҳо ва зиёд гардидани

шумораи гуруснагон таҳил карда бароем, пас, тасаввур намоед, ки масъалаи таъминоти аҳолӣ бо маводи озуқа адр оянда то кадом дараҷа душвор хоҳад гардид.

Ҳар як сокини кураи заминро ба ҳисоби омори ҷаҳонӣ барои зиндагии худро пеш бурдан ба ҳисоби миёна дар як шабонарӯз аз 2400 то 2800 ккал маводи ғизоӣ лозим мешавад. Вақте ки инсон дар як шабонарӯз аз 1800 ккал камтар маводи ғизоӣ истеъмол менамояд, ӯро гурусна гуфтан мумкин аст. Агар ин нишондиҳанда аз 1000 ккал дар як шабонарӯз пас фарояд, аллакай ораганизми шахс бо сабаби меъёри истеъмолии худро нагирифтан ба бемории ҷисмонӣ дучор мешавад. Мувофиқи баъзе сарчашмаҳо нишондиҳандаи меъёри истеъмоли хӯрока дар соли 1930 2100 ккал, дар соли 1960-2200 ккал, дар соли 90-уми асри гузашта 2300 ккал ва дар шароити ҳозира аз 2400 ккал зиёдтар дар як шабонарӯзро ташкил медиҳад. Дар мамлакатҳои тараққикарда ин нишондиҳанда то 3300-3400 ккалория дар як шабонарӯзро ташкил дода, сабаби аз ҳад зиёд истеъмол намудани маҳсулотҳои ғизоӣ мегардад, ки метавонад одамонро ба фарбеҳшавӣ оварда расонад [3,с.303].

Дар ҳолати камчинии озуқа дар бозори ҷаҳонӣ нархҳо ба маҳсулотҳои озуқаворӣ афзуда, муаммоҳои иқтисодию иҷтимоиро ба миён меоранд. Буҳрони охирини ҷаҳонии озуқаворӣ ва буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, ки оҳиста-оҳиста ба буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ мубаддал гашта истодааст, ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ зарбаи ниҳоят ҷиддӣ расонида, миқдори гуруснагонро аз 1 млрд. одам ҳам зиёд гардонида истодааст. Эрик Холт-Хименс дар таҳқиқотҳои худ қайд менамояд, ки «боду ҳаво номусоид, нархҳои баланд ба захираҳои нафт (ба назардошти дар солҳои охир паст гардидани нархҳо ба захираҳои нафт), сӯзишвории биологӣ ва ба таври сунъӣ боло рафтани нархҳо пайдошавии муаммоҳои мураккаби бевоситаи низомӣ ба шумор мераванд. Сабабии асосии буҳрон ба низоми глобалии озуқаворӣ алоқаманд буда, дар ҳар ҳолат ба дараҷаи таҳдиди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ оварда мерасонад» [6,4]. Сабаби норасоии озуқавориро дар ҷаҳон ва минтақаҳои алоҳида муҳаққиқон дар ҳолатҳои зерин мебинанд:

- муносибатҳои аграрии кӯҳнашуда, ки ҳавасмандиҳои мавҷударо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ба вуҷуд оварда наметавонанд;

- сатҳи пасти дониш ва маданияти истеҳсолӣ, ки садди роҳи амалисозии технологияи муосир мегардад;

- норасоии захираҳои молиявӣ барои таҷдиди фондҳои истеҳсолӣ, мукаммалсозии агротехникӣ ва воридоти озуқаворӣ [4, 4];

Хулоса, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини бехатарии озуқаворӣ барои аҳолӣ масъалаи муҳимми рӯзмарра мебошад. Аз ин рӯ, дар сиёсати давлатии кишвар ҳалли ин масъала чун яке аз самтҳои бартаридошта арзёбӣ гаштааст. Мушкилоти бехатарии озуқаворӣ дар ҳолати ҳал нагардидан метавонад хусусияти доимиро ба худ гирифта, боиси оқибатҳои ногувор ба мисли таҳдиди ба вуҷудоии гуруснагӣ, эпидемия, кӯтоҳгардии давоми умр, носолимии насли наврас ва ғайра гарданд. Чуноне ки дар тадқиқот таъкид гардид, мубрамияти масъалаи таъмини бехатарии озуқавориро шиддати камчинии маводи озуқа дар бозорҳои ҷаҳонӣ ду чанд сохтааст. Вазифаи таъмини бехатарии озуқаворӣ давлат дар худ ҷиҳатҳои зиёд ва бисёрнақшавӣ дорад. Бинобар ин, ҷиҳатҳои истеҳсолӣ-технологӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва экологии бехатарии озуқаворӣ хосса зикр гаштаанд. Чунки солимии миллат солимии ҷомеа аст.

АДАБИЁТ

1. Алтухов А.И. Национальная Продовольственная безопасность: проблемы и пути решения / А.И. Алтухов. -М.: ФГУП ВО Минсельхоза России, 2006. - 12 с.
2. Бурдюков П.Т. Россия в системе глобальной продовольственной безопасности / П.Т. Бурдюков, Р.З. Сетгалиев. - М., 1999. - 121 с.
3. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ / Ҳ.Р. Исайнов. –Душанбе: Ирфон, 2018. – 270 с.
4. Лестер Р. Браун. Экоэкономика: Как создать экономику, сберегающую планету / Лестер Р. Браун // Вступ. Сл. В.И. Данилова-Данильяна; пер. с англ. -М.: Издательство Весь Мир, 2003. -303 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарқи озод, 2018. - 45 с.
6. Holt-Plimenez EI The wood Crisis // PoliticyBrief/ October 2008. -№16. -P.4.

ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРИИ АҲОЛӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои бехатарии озуқаворӣ, таъмини муътадили аҳолӣ бо маҳсулоти озуқа ва ҳаёти солим, истеъмол намудани маҳсулотҳои ғизоӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таъсири бевоситаи онҳо ба рушди сармояи инсонӣ ва сатҳу сифати зиндагии мардум таҳлил шудааст. Дар шароити ҳозира ҳалли таъминоти бехатарии озуқаворӣ ҳамчун яке аз низомҳои муҳимми пешбурди зиндагӣ ба ҳисоб рафта, дар қатори ҳалли вазифаҳо дар соҳаи мудофиаю бехатарии умимиқтисодӣ нақши ниҳоят муҳимро мебозад. Инчунин, маълумоти мухтасар оиди сарчашмаҳои нишондиҳандаи меъёри истеъмоли хӯрока дар солҳои гузашта ва муқоисаи он бо вазъи кунунии мамлакат оварда шудааст. Дар мақола сабабҳои норасоии озуқавориро дар ҷаҳон ва минтақаҳои алоҳида ва роҳу усулҳои ҳалли он, инчунин, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар ин самт дида баромада шудааст.

Калидвожаҳо: бехатарии озуқаворӣ, таъмин, маҳсулот, аҳолӣ, истеъмол, хурокворӣ, зироат, ҳосилнок, сифат, хӯрокворӣ, захираҳо, ифлосшавӣ, маҳсулнокӣ, тиббӣ, гурӯснагӣ.

ОБЕСПЕЧЕНИЕ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ НАСЕЛЕНИЯ

В этой статье анализируются вопросы продовольственной безопасности, стабильного обеспечения населения продовольственной продукцией и здорового образа жизни, потребления продуктов питания, повышения эффективности производства и их непосредственного влияния на развитие человеческого капитала, уровень и качество жизни населения. В настоящее время решение обеспечения продовольственной безопасности рассматривается как одна из важных систем ведения жизни, а также играет существенную роль в решении задач в области национальной экономической безопасности. Также краткая информация об источниках нормы потребления продуктов за прошедшие годы и их сопоставлении с нынешней ситуацией в стране. Особое внимание уделяется рассмотрению потенциала законодательных актов в области производства в разных странах мира и отдельных регионах, путей и способов его разрешения, а также опыта зарубежных государств в этом направлении.

Ключевыеслова: продовольственная безопасность, обеспечение, продукт, пища, население, собирать, линейный, качество, ресурсы, загрязнение, стратегическое, устойчивый, медицина, похищение.

ENSURING FOOD SECURITY OF THE POPULATION

This article analyzes the issues of food security, stable food supply and healthy lifestyle, foodconsumption, improving production efficiency and their direct impact on the development of human capital, the level and quality of life of the population. Currently, the decision to ensure food security is considered as one of the important systems of life, and also plays a significant role in solving problems in the field of national economic security. Also, a brief information on the sources of feed consumption rates over the years and their comparison with the current situation in the country. Special attention is paid to the consideration of the potential of legislative acts in the field of production in different countries and regions, ways and means of its resolution, as well as the experience of foreign countries in this direction.

Key word: food safety product food, the population consumption agriculture, to collect state line land quality globa resources pollution sustainable presented range medicine.

Сведения об авторах: ***Назаров Тохир Рустамович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономики предприятий и предпринимательства. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **938-10-10-71.** E-mail: **toxir93@mail.ru**
Каландаров Рахматулло Шарифджонович - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономики предприятий и предпринимательства. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **985-94-74-85**

Informathion about the authors: ***Nazarov Tohir Rustamovich*** **-** Tajik National University of Finance and Economics, Assistant of the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Addres:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Phone: **93-810-10-71. toxir93@mail.ru**
Kalandarov Rahmatullo - Tajik State University of Finance and Economics, Assistant of the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14

УДК 225.165:12 (96.1)

РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ТАЪМИНИ ҲАДАФИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ғафорова М.С.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шуд.“Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Ин ташаббус имконият медиҳад, ки аҳолии махсусан деҳот бо шуғли муайяне банд шаванду соҳиби даромадҳои иловагӣ ба буҷети оилавии худ гарданд” [3]. Сайёҳиро ҳамчун соҳаи муҳимми иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта, Ҳукумати мамлакат барои баркароршавӣ ва рушди туризми байналхалқӣ дар малакат, ташкили ташрифории туристони хориҷӣ, беҳтар намудани вазъи инфрасохторҳои туристӣ ва, инчунин, барои табдил додани Тоҷикистон ба минтақаи ҷаҳонии туристӣ як қатор чорабиниҳоро мавриди истифода қарор дод. Вобаста ба ин дар солҳои охир бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаи туризми байналхалқӣ мавқеъ ва имкониятҳо пайдо гардиданд.

Ҳамин тавр, мувофиқи рақамҳои оморӣ дар даврaҳои солҳои 1991 то 1995 ба Тоҷикистон ташрифи туристон мушоҳида намегардид, аммо баъди ташкил шудани фирмаҳои туристии миллӣ дар ҷумҳурӣ шумораи онҳо зина ба зина афзоиш ёфта истодааст (солҳои 1996 700 сайёҳ; 1997 -2100; 1998 -3190; 1999 -4500; 2000 -7673; 2001 -5200; 2002 -6314; 2003 -13000; 2004 -14297; 2005 -14437; 2006 -29584; 2007 -50692). Ҳоло шумораи туристон дар соли 2017 тақрибан то ба 620 ҳазор омада расидааст. Афзоиши шумораи

туристони хориҷӣ дар ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, бо воситаи сиёсати беруна ва дохилаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои бадастории сулҳ, ягонагии миллӣ, устувории сиёсӣ дар мамлакат, гузаронидани бомуваффақияти реформҳои иқтисодӣ амалӣ гардонида шуда истодааст [1,с.291]. Иштироки ҳарсолаи фирмаҳои туристии ҷумҳурӣ дар кори ярмаркаҳои туристии байналхалқӣ, аз ҷумла дар Берлин, Шанхай, Теҳрон, Алмаато, Ташкент, Москва, нашри рекламаи маҳсулот, кушодани саҳифаҳои махсусгардонидашуда дар шабакаи Интернет, мавқеи фаъоли намояндагони ҷумҳурӣ дар конфронсҳо ва чорабиниҳое, ки бо хатти ТУТ гузаронида мешаванд, ба мустаҳкамгардии имиҷи Тоҷикистон дар хориҷа ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд оварда.

Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити ҳозира фаъолияти ин ташкилотҳои системаи туризм бо хусусиятҳои гуногун аз ҳамдигар пурра бартарӣ доранд. Қисми зиёди корхонаҳои дар соҳаи туризм фаъолияткунанда, бевосита ба ташкили сафарҳо ба хориҷа барои шаҳрвандоне, ки мақсадҳои тиҷоратӣ доранд машғул мебошанд. Дар қатори онҳо чунин корхонаҳо, монанди: «Таҳмина», «Бунёд», «Тоҷикавиатур», «Спутник», «Хушнуд», «Кафолат» мебошанд. Ба масъалаҳои ташкили туризми байналхалқӣ, ки омаду рафти туристони хориҷиро дар Тоҷикистон таъмин менамоянд.

Корхонаи воҳиди давлатии «Сайёҳ», Ҷамъияти саҳомии «Интурист Тоҷикистон», Ҷамъияти саҳомии «Алп-Наврез» ва ғайра машғуланд. Дар ҷумҳурӣ айни замон бештар аз 65% иншооти санаторию истироҳатӣ ва самти туристидошта барқарор гардида, қариб 35 минтақаҳои ҳусусӣ бунёд шудаанд, ки барои ташкили истироҳату табобати шаҳрвандони Тоҷикистон, шуғли аҳолӣ ва ҷалби сармоягузории ватанӣ дар инфраструктураи номбурда шароити воқеиро ба вуҷуд меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон даромади аз ҳама бештарро (зиёда аз 80%) аз фаъолияти ташкилотҳои туристии дар самти туризми хориҷшаванда коркунанда ба даст меорад, туризми воридшаванда 8% ва туризми дохилӣ 12%-и даромадҳоро медиҳад [2].

Дар давраи солҳои 1996 то 2000 миқдори ташкилотҳои туристӣ амалан афзоиш наёфтааст, ки он, пеш аз ҳама, ба арзиши баланди литсензия барои дарёфти ҳуқуқ барои фаъолияти туристӣ вобаста буд. Баъд аз қабули низомнома «Дар бораи тартиби литсензиякунонии фаъолияти туристӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пардохтҳои ҳатмии истифодаи табиат» соли 2002 таҳти №388, миқдори онҳо то 24 зиёд гардид, ки қисми асосии онҳоро секторҳои хусусӣ ташкил медиҳад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз 125 иншоотҳои туристӣ ва самти санаторию истироҳатӣ дорад, ки аз ҷумлаи онҳо 51 меҳмонхона, 9 санатория буда, қисми боқимондаро минтақа ва хонаҳои истироҳатӣ, базаҳои туристӣ ва лагерҳои тандурустӣ ташкил медиҳанд [6].

Аксари меҳмонхонаҳо (18) дар шаҳрҳои Душанбею Хуҷанд ҷойгиранд, 66%-и онҳо ба субъектҳои соҳибкории хурд ва танҳо чор меҳмонхона ба гурӯҳи ташкилотҳои калон тааллуқ доранд. Ғунҷоиши меҳмонхонаҳо дар яквақт тақрибан 1116 ҷойро ташкил мекунад. Тоҷикистон барои қабул ва хизматрасонии хориҷиён дорои се фурудгоҳи байналмиллалӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб ва Хуҷанд мебошад. Аз ғарб ба шарқ қаламрави Тоҷикистонро 3 шохаи роҳи оҳан бурида мегузарад, ки онҳо минтақаҳои ғарбии кишварро бо қисматҳои марказӣ, шимолӣ ва ҷанубӣ ба воситаи қаламрави давлатҳои ҳамсоя - Ӯзбекистон ва Туркманистон мепайванданд. Гуфтушунидҳои бомуваффақият оид ба ҳамкории манфиатнок бо намояндагони фирмаҳои туристии Германия, Фаронса, Ҷумхурии исломии Эрон, Қувайт ва Покистон гузаронида шуд, ки боварии туроператорҳои хориҷиро ба хизматрасонихои туристии бозори миллӣ инъикос мекунад. Ба натиҷахои зиёдкунии шумораи туристони хориҷӣ ва иҷрои дастурҳои Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон дар бораи дар оянда демократикунонии ҷамъият амал намуда, Вазорати корҳои хориҷии ҶТ пешниҳодотро оид ба сода кардани раводид, ки пештар ба зиёдшавии шумораи хориҷиён таъсири манфӣ мерасонид, дастгирӣ кард. Дар ин нақша оиди кушодани бюрои консулӣ дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе аз тарафи Вазорати корҳои хориҷии ҶТ ба нақша гирифта шуд. Бо мақсади реклама кардани имкониятҳои нодири соҳаи туризми ҷумҳурӣ ва инкишофи ҳамкориҳои минтақавӣ моҳи октябри соли 2004 якумин ярмаркаи ҷумҳуриявии «Сайёҳат ва истироҳат» бо муваффақият гузаронида шуд. Таҳлили вазъи туризм дар Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар қатори шаклҳои анъанавии туризм (алпинизм, варзишию кӯҳӣ, экологӣ, маърифатӣ), инчунин, туризми конгрессию корӣ низ перспективаи муайянро дорад. Аз тарафи Ҳукумати ҶТ ба барқароркунии туризм дар мамлакат, инчунин, табобати санаторию курортӣ ва истироҳатию тандурустӣ диққати махсус дода мешавад. Айни замон дар ҷумҳурӣ 185 объекти фаъолияти туристӣ, аз ҷумла 9 муассисаи санаторию курортӣ, 51 меҳмонхона ва 125 базаи туристӣ (дар ноҳияи Варзоб 65 адад, дар дараи Ромит 40 ва дар вилояти Суғд 13) мавҷуд мебошанд, ки вазъи имрӯзаи туризмро дар ҷумҳурӣ инъикос мекунанд.

Дар қатори онҳо курорти «Хоча оби гарм» дар минтақаи зебои дараи Варзоб дар масофаи 48 км дуртар аз шаҳр мавқеъ гирифта, дар баландии 1980 м аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад. Курорт тамоми сол амал карда, барои 500 ҷойи хоб пешбинӣ шудааст. Барои мизоҷон кино, видеозалҳо, залҳои варзиши ва билярд пешниҳод шудааст. Имконияти қонеъ кардани ҳавасмандон ва талаботи дӯстдорони лижаронии кӯҳиро дорад. Арзиши роҳхат барои 24 рӯз 80 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Санаторияи «Шоҳамбарӣ» дар масофаи 26 км дуртар аз ғарби Душанбе дар водии Ҳисор воқеъ буда, дар баландии 1150 м аз сатҳи баҳр ҷойгир мебошад. Санатория тамоми сол амал карда, барои мизоҷон 260 ҷо дар зимистон ва 418 ҷо дар тобистон пешниҳод мекунад. Арзиши роҳхат барои 24 рӯз 65 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Хонаи истироҳати «Баҳри Қайроқум» дар масофаи 12 км дуртар аз шаҳри Хуҷанд ҷойгир мебошад. Дар давраи тобистон амал карда, барои 250 ҷойи хоб пешбинӣ шудааст. Арзиши роҳхат барои 24 рӯз 100 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Маркази байналхалқии кӯҳии туристии «Артуҷ» дар масофаи 76 км дуртар аз шаҳри Панҷакент дар ноҳияи Кули Калон ҷойгир мебошад.

Марказ истироҳатро барои дӯстдорони туризми варзишию кӯҳӣ, алпинизм, баромадан ба кӯҳро фароҳам меорад. Марказ аз моҳи май то моҳи октябр амал карда, барои 150 ҷойи хоб пешбинӣ шудааст ва тамоми шароити истироҳатиро доро мебошад. Арзиши роҳхат барои 120 рӯз 50 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Барои қабули туристони хориҷию дохилӣ дар ҷумҳурӣ меҳмонхонаҳои зерин мавҷуданд:

«Тоҷикистон» - меҳмонхона дар маркази шаҳри Душанбе ҷойгир буда, барои қабули 250 туристони дохилию хориҷӣ омодааст. Дорои тарабхона, ошхонаи миллӣ ва аврупоӣ, кабели телевизионӣ, шаклҳои нави алоқа мебошад. Аз рӯйи стандартҳои худ ба меҳмонхонаи 3-ситораӣ мувофиқ мебошад.

«Хатлон» - меҳмонхона дар шаҳри Кӯлоб ҷойгир мебошад. Имконияти қабули то 26 нафар шаҳрвандони хориҷиро дошта, дорои тарабхона ва ошхонаи милли мебошад.

«Тавҳид» - меҳмонхона дар шаҳри Хуҷанд ҷойгир буда, имконияти қабули то 20 нафар меҳмонони хориҷиро дорад ва дорои тарабхонаву ошхона мебошад. Ба меҳмонхонаи 3-ситора мувофиқат менамояд.

«Кайён» - меҳмонхона дар маркази шаҳри Душанбе дуртар аз фурудгоҳ ҷойгир буда, барои қабули 12 нафар туристони хориҷӣ пешбинӣ шудааст ва тамоми шароити зарурии зиндагӣ, хӯрок ва истироҳатро доро буда, ба меҳмонхонаи 4- ситораӣ мутобиқат менамояд.

Меҳмонхонаи фонди Оғохон «Серена» - меҳмонхонаи мазкур дар масофаи 10 км дуртар аз шаҳри Хоруғ (ВМКБ) ҷойгир мебошад. Ҳамаи имкониятҳои қабул ва хизматрасонии 18 нафар туристони хориҷиро дорад. Ба меҳмонхонаи 4- ситора мутобиқат мекунад.

Туризми байналхалқӣ соҳаи васеъ ва зуд тараққӣ карда истодаи хоҷагии ҷаҳони муосир ба шумор меравад ва омӯзиши масъалаҳои гуногуни ин соҳа барои иқтисодиёти Тоҷикистон ва корхонаҳои дар ин соҳа амалкунанда аҳамияти бузург дорад, чунки ҷумҳурии мо қариб ҳамаи заминаҳоро барои ривоҷу равнақ додани соҳаи хизматрасониҳои туристӣ доро мебошад. Туризм ба афзоиши шуғл аҳолии мамлакат мусоидат мекунад. Туризми байналхалқӣ ба инкишофёбии давлатҳои алоҳида ва ба иқтисодиёти ҷаҳон таъсир мерасонад. Бо имкониятҳои васеъшавии савдои байналхалқӣ ва намуди дигари муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи маданият, маориф ва илм туризми байналхалқӣ ҳам инкишоф меёбад. Туризми байналхалқӣ имрӯз соҳаи дар ҷараёни инкишофбудаи фаъолияти иқтисодии хориҷиро дар бар мегирад, дар аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон ба соҳаи бо суръати баланд ташаккулёфтаистодаи бизнези калон мубаддал гаштааст. Ҳиссаи бизнези туристӣ наздик 6%-и маҷмӯи маҳсулоти миллии ҷаҳонӣ, 7%-и маблағгузории асосии умуми, 11%-и хароҷоти истеъмолии ҷаҳонӣ ва 5%-и ҳамаи даромадҳои андозиро ташкил медиҳад [5,с.187]. Хизматрасонии туристӣ ба баланд кардани истеҳсоли ҳаҷми маҳсулот ва хизматрасонӣ мусоидат мекунад ва васеъ намудани навъҳои гуногун, инчунин, иҷро кардани тағйирёбии сохт дар истеҳсолоти мол ва хизматрасонии миллӣ мебошад. Дар натиҷаи хароҷоте, ки туристони хориҷӣ мекунанд дар давлат якум, даромади фирмаҳои туристӣ меафзояд; дуюм, таъминкунандагони мол ва хизмат меафзояд, ки дар навбати худ талабот ба мол ва хизматрасонии таъминкунандагони худ афзоиш ёфта, даромади ҳамаи соҳаҳо низ зиёд мегардад; сеюм даромади худи аҳоли меафзояд, ки ба бизнези туристӣ вобаста аст ва ин ба афзудани талаботи истеъмолкунандагон оварда мерасонад. Тибқи пешгӯии иқтисодчиён баъди соли 2000 туризм ба соҳаи содиркунандаи асосӣ дар ҷаҳон мубаддал мегардидад. Барои бисёри давлатҳо туризми хориҷӣ омили асосии болоравии иқтисодиёти миллӣ ва сарчашмаи муҳимми даромад аз содирот мебошад.

Инчунин, дар миқёси глобалӣ як қатор омилҳое вуҷуд доранд, ки ба рушди муътадили туризм, ки амалан тамоми кишварҳои минтақаи осиёимиёнагӣ ва ҷаҳонро фаро гирифтаанд, мусоидат менамоянд. Ин омилҳо афзоиши аҳолии шаҳрҳо, зиёд гардидани даромад ва вақти холӣ, сафарбарнокӣ, технологияҳои коммуникатсионӣ ва огоҳӣ дар бораи захираҳои нодири табиӣ ва фарҳангиро дарбар мегиранд.

Айни замон дар ҷумҳурӣ проблемаҳои зиёди ҳалталаби рушди соҳаи туристӣ ҷой доранд. Як қатор омилҳои объективие мавҷуданд, ки ба барқароршавии соҳа монеъ мешаванд:

1.Пеш аз ҳама, менеҷменти заиф дар худи саноати туристӣ ва ҳам дар соҳаҳои ба он омехта, инчунин, фарсудашавии фондҳои асосии дар иншооти инфраструктураи туристӣ мавҷудбуда ва корҳои рекламавии ба таври самаранок ба роҳ намонда, пеш аз ҳама, дар хориҷа мебошад.

2.Инчунин, барои инкишофи туризм шароити мусоиди ҳавасмандсозии воридшавии сармоягузориҳо ба соҳаи туризм, аз ҷумла ба туризми хориҷӣ фароҳам оварда нашудааст.

3.Воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ дар туризми ватанӣ бинобар вуҷуд надоштани кафолати бозгардонии маблағҳо, дарёфти фоида ва имконияти амалӣ намудани сиёсати дарозмуддати инвеститсионӣ душвор гардидааст.

3.Барои ҷалби сайёҳон ва истироҳаткунандагон, махсусан мавҷудияти инфрасохтори рушдёфта муҳим аст.

4.Инчунин, норасоии ниҳоят зиёди мутахассисони ботаҷрибаю касбӣ дар ин соҳа, махсусан дар зинаи миёна эҳсос мешавад.

5.Кор дар мавриди таъминоти рекламавию иттилоотӣ, пешрафти маҳсулоти туристӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ ниҳоят суст ба роҳ монда шудааст.

6.Бо назардошти ҳолати баамаломада, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вақтҳои охир тадбирҳои зарурие андешидааст, ки барои тадриҷан эҳё намудани туризми дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин, ташаккули инфрасохтори он нигаронида шудааст.

Мақсади асосии инкишофи туризми байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккулёбии экологӣ ва иҷтимоӣ, самаранок ва рақобатнок будани комплекси туристӣ, ба аҳолӣ ва, инчунин, ба буҷаи давлат фоида овардани он, ки ба зиёдшавии маблағи андоз ва бо ҷои кори иловагӣ таъмин намудани қисми зиёди шаҳрвандони ҷумҳурӣ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Ахбори Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.
2. Вавилова Е.В. Основы международного туризма. Учебник / Е.В. Вавилова. -2-е изд. перераб. и доп. -М.: Гардики, 2011. – 246 с.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. -Душанбе:
4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2014, 2015 ва 2017.
5. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2018. -291 с.
6. Барномаи рушди сайёҳи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.03.2018 №80.
7. Менеджмент туризма. Туризм и отраслевые системы. Учебное пособие. -М: Финансы и статистика, 2011. -119с.

РУШДИ САЙЁҲӢ ДАР ТАЪМИНИ ҲАДАФИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муаллиф дар мақолаи худ мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии имкониятҳои мавзеъҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллиро дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоягузориро ба инфрасохтори сайёҳии кишвар дида баромадааст. Ба андешаи муаллиф рушди соҳаи сайёҳӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки хусусияти иҷтимоӣ низ дорад, чунки барои қисми зиёди мардум манбаи ягонаи даромад ба шумор меравад. Ҳамчунин, муаллиф мақсади асосии инкишофи сайёҳиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самаранок ва рақобатнок будани комплекси туристӣ, ба аҳолӣ ва ба буҷети давлат фоида овардани он мебинад, ки ба зиёдшавии маблағи андоз ва бо ҷои кори иловагӣ таъмин намудани қисми зиёди шаҳрвандони ҷумҳурӣ оварда мерасонад. Муаллиф роҳҳои такмилдиҳии соҳаи сайёҳиро дар афзоиши шумораи туристони хориҷӣ медонад, чунки ҳар чӣ қадар ба ҷумҳурӣ сайёҳони зиёд ворид шаванд, ҳамон қадар буҷаи давлат ғанӣ мегардад. Ба андешаи муалиф сайёҳӣ соҳаи васеъ ва зуд тараққикардаистодаи ҷаҳони муосир ба шумор меравад ва омӯзиши масъалаҳои гуногуни ин соҳа барои иқтисодиёти Тоҷикистон ва корхонаҳои дар ин соҳа амалкунанда аҳамияти бузург дорад, чунки ҷумҳурии мо қариб ҳамаи заминаҳоро барои ривоҷу равнақ додани соҳаи хизматрасониҳои туристӣ доро мебошад.

Калидвожаҳо: сайёҳӣ, мавзеъҳои туристӣ, фаъолияти инноватсионӣ, фарҳанги миллӣ, хизматрасонӣ, инфрасохторҳои туристӣ, санаторӣ, перспективӣ, рушд.

РАЗВИТИЕ ТУРИЗМА В ОБЕСПЕЧЕНИИ СТРАТЕГИЧЕСКИХ ЦЕЛЕЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Автор рассматривает цель развития туризма, реализацию возможностей туристических достопримечательностей страны и национальной культуры на международной арене, а также привлечение инвестиций в туристическую инфраструктуру страны. По мнению автора, развитие туристического сектора носит не только экономический, но и социальный характер, так как большая часть населения является единственным источником дохода. Автор также рассмотрел основную цель развития туризма в Республике Таджикистан в эффективном и конкурентоспособном туризме, его выражение в государственном бюджете, в котором возрастает рост налогов и дополнительная занятость большинства граждан республики. Автор делает правильные выводы,

основываясь на количестве иностранных туристов, способствующих улучшению бюджета государства. Например, туризм является динамичной и быстро развивающейся стороной современного общества и важно изучать различные вопросы в этой области для развития экономики Таджикистана и предприятий в этой области, поскольку в нашей стране есть почти все основы для развития и расширения туризма.

Ключевые слова: туризм, инновационная деятельность, национальная культура, услуги, инфраструктура туризма, санитария, перспективы, развитие.

DEVELOPMENT OF TOURISM IN ENSURING STRATEGIC PURPOSES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The author considers the goal of tourism development, the realization of opportunities for tourist attractions of the country and national culture in the international arena, as well as attracting investment in the tourism infrastructure of the country. According to the author, the development of the tourism sector is not only economic, but also social, since most of the population is the only source of income. The author also considered the main goal of developing tourism in the Republic of Tajikistan in efficient and competitive tourism, its expression in the state budget, in which tax increases and additional employment of the majority of citizens of the republic increase. The author makes the right conclusions based on the number of foreign tourists contributing to the improvement of the state budget. For example, tourism is a dynamic and rapidly developing side of modern society and it is important to study various issues in this area for the development of the economy of Tajikistan and enterprises in this area, since our country has almost all the bases for the development and expansion of tourism.

Key words: tourism, innovation, national culture, services, tourism infrastructure, sanitation, prospects, development.

Сведения об авторе: ***Гафорова Махбуба Сатторовна*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель кафедры экономики предприятий и предпринимательства. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/14. Телефон: **906-44-52-58**. E-mail: **gafarova89@mail.ru**

Information about the author: ***Gaforova Makhbuba Sattorovna*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, applicant for the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov Street. Phone: **906-44-52-58.** E-mail: **gafarova89@mail.ru**

УДК 311.313(575.31)

ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГИИ РУШДИ МИНТАҚАИ ВИЛОЯТИ СУҒД

Бобоева Ф.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди потенсиали иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ ва табиӣ-захиравии он дар солҳои охир, бо мушкилиҳои муайяне дар самти баробарсозии сатҳи фазои иқтисодӣ аз ҷониби сатҳи деҳот, шаҳракҳо, шаҳрчаҳои хурд мувоҷеҳ шуда истодааст. Сабабҳои асосии он ҷалби фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ дар марказ ва атрофи шаҳрҳои миёна ва калон ҷойгир шудааст, ки боиси рушди нобаробари иқтисодиёт дар минтақа, афзоиши нобаробар дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин, нобаробарӣ дар сатҳу сифати зиндагии аҳолии субъектҳои гуногуни ҳудудӣ мегардад, ки муҳоҷирати оммавии аҳолии деҳот ба хориҷи кишвар ва инкишофи равандҳои нобаробари урбанизатсия ва шаҳрсозӣ мегардад.

Дар асарҳои олимони тоҷик ҷанбаҳои алоҳидаи рушди фазои иқтисодии минтақаҳо аз ҷонмиби олимоне чун Бойматов А.А., Давлятов М.С., Исоматов Б.Н., Каримова М.Т., Пулатова И.Р., Раҷабов Р.К. (ҷанбаҳои минтақавии дигаргунсозии сохтории иқтисодиёти миллӣ, рушди агломератсияи саноатӣ, инфрасохтори минтақавӣ) омӯхта шудаанд. Инчунин, таҷрибаҳои кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки механизми ҳамаҷонибаи фазои иқтисодии минтақаҳо, ки барои ҳама кишварҳо мувофиқ аст, вуҷуд дорад. Баръакс, ин соҳаи бузургест барои системаҳои гуногуни миллӣ, сабабҳо, таъсири қавии сиёсати давлатии минтақавӣ ва хусусиятҳои таърихии ташаккули давлатҳо мебошанд.

Сохтори маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохтори маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (аз 3 декабри соли 2009, №574) муайян мекунад.

Вилояти Суғд моҳи декабри соли 1936 ҳамчун Ленинобод ташкил ёфта, 10 ноябри соли 2000 ба вилояти Суғд табдил дода шуд. Масоҳати он 25,2 ҳазор километр мураббаъро ташкил медиҳад, ки 18 фоизи территорияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Шумораи аҳолӣ дар 1 январи соли 2018 2657,0 ҳазор нафар ё 29% шумораи умумии аҳолии давлатро ташкил медиҳад. Маркази ин вилоят Хуҷанд аст. Дар вилоят 14 ноҳияи деҳот, 8 шаҳр ва 93 ҷамоати деҳот мавҷуданд. Дар ҳама ҳолатҳои зикршуда аҳамияти тақсимоти фазоии субъектҳои хоҷагидорӣ ва сиёсати муносибгардонии фазои иқтисодии вилояти Суғдро ташкил медиҳанд. Ин минтақа бо водиҳои худ дорои потенсиали баланди ресурсиро дорост. Мавқеи ҷуғрофии субъектҳои вилояти Суғд имкон медиҳад, ки гурӯҳҳои ҳудудии муайянро вобаста ба ҷойгиршавӣ дар марказ Хуҷандро муайян кунад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Таснифоти сохтори маъмурию ҳудудии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018

Сохтори маъмурию ҳудудӣ	Шумораи аҳолӣ дар санаи 01.01.2018 (ҳаз.нафар)	Масоҳат ҳаз. км²	Зиччигии аҳолӣ одам./км²	Масофа то маркази вилоят, км	Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ
шаҳрҳо					
Хуҷанд	181,7	0,28	627,6		Водии Фарғона
Гулистон	47,7			16	Водии Фарғона (шимол)
Истиқлол	17,2			106	Водии Фарғона (шимолу ғарб)
Бӯстон	35,7			7	Водии Фарғона (ҷануб)
Истаравшан	267,9	0,7	359,1	90	Доманаи силсила кӯҳҳои Туркистон (ҷанубу ғарб)
Исфара	269,6	0,8	320,4	107	Доманаи силсила кӯҳҳои Туркистон (шарқ)
Конибодом	208,4	0,8	249,0	79	Водии Фарғона (ҷанубу шарқ)
Панҷакент	297,0	3,7	75,5	156	Водии Зарафшон
ноҳияҳо					
Айнӣ	82,1	5,2	15,3	177	Водии Зарафшон
Ашт	165,0	2,8	55,4	107	Водии Фарғона (шимол)
Б.Ғафуров	374,0	2,7	131,5		Водии Фарғона
Деваштич	169,6	1,6	98,9	64	Байни силсила кӯҳҳои Туркистон ва водии Фарғона (ҷанубу ғарб)
Масчоҳи -кӯҳӣ	24,6	3,7	6,2	202	Водии Зарафшон
Ҷ. Расулов	127,9	0,3	426,0	20	Водии Фарғона (ҷанубу ғарб)
Зафаробод	69,2	0,4	173	106	Байни силсила кӯҳҳои Туркистон ва водии Фарғона (ғарб)
Мастчоҳ	125,4	1,0	117,4	56	Водии Фарғона (шимолу ғарб)
Спитамен	139,1	0,4	329,2	28	Водии Фарғона (ҷанубу шарқ)
Шаҳристон	41,5	1,1	35,9	102	Водии Фарғона (ҷанубу ғарб)
Ҳамагӣ	**2657,0**	**25,2**	**99,6**		

Муаллиф тартиб додааст: Солномаи омори вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти ҶТ дар вилояти Суғд. - 2018. -С.26

Дар ҷаҳони илмӣ рушди нобаробари ҳудудҳо падидаи эътирофшуда буда, барои ҳамаи кишварҳои ҷаҳон хос аст. Мушкилотҳо дар сатҳи минтақавӣ марбут аст ва ҳалли он дар аввал муайян намудани сатҳи дифференсиатсияи субъектҳои минтақаро талаб мекунад, ки барои таҳияи қарорҳо оид ба баробар кардани нобаробарӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо истифода бурда мешаванд.

Субъектҳои вилоятӣ на танҳо аз рӯйи минтақа ва зичии аҳолӣ, шароити табиӣ ва иқлимӣ ва шумора фарқ мекунанд, балки тафовут дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоист. Дар шароити ташаккули самти илмии омӯзиши ҳудудҳо ё иқтисоди фазоӣ ин нишондиҳанда аҳамияти бузург дорад. Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, ки охирин тамоюлоти фаъолияти иқтисодии минтақаро инъикос менамояд ва арзиши он ба ҳар сари аҳолӣ имкон медиҳад, ки мавқеи баъзе минтақаҳо бо минтақаҳои дигар ба таври объективӣ муқоиса карда шаванд. Минтақаи Зарафшон ҳамчун ҳиссаи маҳсулоти умумии минтақавии вилояти Суғд,нишондиҳандаи назаррас аст. инчунин ноҳияи Панҷакент, ноҳияҳои Айнӣ ва Мастчоҳи кӯҳӣ дорои мавқеи назаррас буда, дар маҷмӯи минтақавӣ суръати баланди рушд доранд.

Рушди нобаробари ҳудудҳо падидаи эътирофшуда аст, ки барои ҳамаи кишварҳои ҷаҳон хос аст. Мушкилотҳо дар сатҳи минтақавӣ марбут аст ва ҳалли он дар аввал муайян намудани сатҳи дифференсиатсияи субъектҳои минтақаро талаб мекунад, ки барои таҳияи қарорҳо оид ба баробар кардани нобаробарӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо истифода бурда мешавад. Баъд аз он ки дар кишварамон сулҳу субот пойдор гардид, дар назди Ҳукумати Тоҷикистон масъалаи таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар ба миён омад, ки дар ин самт вилояти Суғд нақши махсусро иҷро намуда истодааст. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишофи минбаъдаи кишвар ҳадафҳои стратегии таъмини рушди босуботи иқтисодиёти Тоҷикистонро муайян намуд, ки ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон мебошанд ва инҳоянд: 1) Таъмини истиқлолияти энергетикӣ; 2) Раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ; 3) Ҳифзи амнияти озуқаворӣ. 4) Саноатикунонии босурати мамлакат.

Ҷадвали 2. Тавсифи табиии аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд

Субъектҳо	2011	2012	2014	2015	2016
Ҳамагӣ дар вилоят	21,4	21,9	23,1	22,6	23,0
шаҳрҳо					
Хуҷанд	17,5	17,9	18,0	17,4	18.1
Гулистон	18,1	17,4	19,8		19.1
Истиқлол	15,9	15,8	16,7	16,9	17,0
Бӯстон	15,0	13,8	17,1	18,3	17,4
Истаравшан	23,2	22,3	24,5	24,0	24,2
Исфара	19,5	21,6	21,0	20,7	20,4
Конибодом	19,2	18,8	19,6	19,4	19,2
Панҷакент	19,8	24,9	25,2	24,6	25,1
ноҳияҳо					
Айнӣ	20,5	22,6	21,6	22,6	22,4
Ашт	25,8	25,2	26,6	26,0	25,3
Б.Ғафуров	21,3	21,4	22,2	22,0	22,1
Деваштич	24,6	23,4	24,8	25,6	25,6
Масчоҳи кӯҳӣ	19,2	21,9	23,7	202	22,0
Ҷ. Расулов	23,1	23,9	23,2	21,5	22,5
Зафаробод	22,7	23,2	23,4	23,4	23,5
Масчоҳ	22,7	24,4	28,5	28,1	28,2
Спитамен	22,8	22,5	24,3	22,7	23,0
Шаҳристон	21,2	22,2	26,2	26,4	26,6

Муаллиф тартиб додааст: Солномаи омори вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти ҶТ дар вилояти Суғд. – 2018. -С. 26

Нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ - аграриро амалӣ гардонида истодаем. Саноаткунонии иқтисодиёти кишвар ба рушди деҳот ва зисту зиндагии бошандагони он таъсири мусбӣ мерасонад. Зеро ҳамаи корхонаҳои саноатӣ танҳо дар шаҳр сохта намешаванд. Дар вақти сохтмони корхонаҳои саноатӣ манбаи ашёи хом, қувваи коргарӣ ва дигар имкониятҳо ба назари эътибор гирифта мешаванд. Таҳлили нишондиҳандаҳои вазъи иҷтимоии ноҳияҳо ва минтақаҳои алоҳида нишон медиҳад, ки яке аз онҳо нишондиҳандаи афзоиши табиии аҳолӣ мебошад.

Рушди минтақавии иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд дар солҳои охир хусусиятҳои хосеро, ки аз ибтидои давраи табодуллоти сиёсиву иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омада буданд, нигоҳ дошт. Чунин рушди ногузир ба ташаккули минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва баъдтар аз рушди онҳо мусоидат менамояд.

Ин раванд дар заминаи консентратсияи босуръати минтақавии истеҳсолот дар баъзе минтақаҳо ва нобаробарии афзояндаи минтақавӣ ва тафовутҳо дар иқтисоди давраи гузариш ба амал меояд. Аммо, имкониятҳои васеи таъсироти давлатӣ ба раванди рушди минтақа имрӯз пурра истифода намешаванд. Чӣ хеле ки дар боло гуфта шуд, нисбати ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳо ва усулҳои дар сиёсати муосири минтақавӣ истифодашаванда барои ташаккули ягонаи фазои иқтисодии вилояти Суғд заминаи асосиро муҳайё мекунанд.

Аз рӯйи анъана дар раванди татбиқи сиёсати иқтисодии минтақавии вилояти Суғд диққати асосӣ ба ҳалли масъалаҳои зерин бояд дода шаванд:

- истеҳолотро боял бо сикли пурра инкишоф бояд дод: аз коркарди аввали маҳсулот то маҳсулоти тайёр барои истеъмолкунанда;

- барои баландбардории потенсиали калони корӣ ташкили шароити корӣ ва рушди соҳибкорӣ дар минтақа, новобаста аз намуди саноат ва соҳа.

Ҷадвали 3. Сохтори соҳаҳои саноати вилояти Суғд (ба ҳисоби %)

Номи соҳа	2013	2014	2015	2016	2017	2018
Тамоми саноат	100	100	100	100	100	100
Саноати минералию истихроҷӣ	33,7	29,1	25,8	30,6	26,3	35,4
Саноати коркард	60,7	66,7	66,8	64,0	69,0	61,3
Соҳаҳои дигар	5,6	4,2	7,4	5,4	4,7	3,3

Муаллиф тартиб додааст: Солномаи омори вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти ҶТ дар вилояти Суғд. – 2017. -С.78-84

Дар раванди таҳияи сиёсати иқтисодии минтақавӣ самтҳои асосиро бо назардошти ноил гардидан ба мақсади стратегии гузариш аз иқтисодиёти аграрию индустриалӣ ба мамлакати индустриалию аграрӣ муайян кардан лозим аст. Дар иртибот бо ин мақсад вазифаи саноатикунонии босуръат дар асоси рушди пойгоҳи сӯзишворию энергетикии минтақа ба миён гузошта шудааст. Тибқи вазифаҳои стратегӣ ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби миёна ҳар сол 6,5-7% зиёд мегардад, ки ин имкон дод, ҳиссаи соҳаҳои саноатӣ ба истеҳсоли ММД аз 15,3%-и соли 2015 то 17,3%-и соли 2018 расонида шавад. Ҳамин тавр, дар сохтори соҳавии истеҳсолот тағйироти назаррас ба вуҷуд омад (ниг. ба ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. Сохтори соҳаҳои саноати вилояти Суғд (ба ҳисоби %)

Номи соҳа	2013	2014	2015	2016	2017	2018
Тамоми саноат	100	100	100	100	100	100
Саноати минералию истихроҷӣ	33,7	29,1	25,8	30,6	26,3	35,4
Саноати коркард	60,7	66,7	66,8	64,0	69,0	61,3
Соҳаҳои дигар	5,6	4,2	7,4	5,4	4,7	3,3

Муаллиф тартиб додааст: Солномаи омори вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти ҶТ дар вилояти Суғд. – 2017. -С.78-84

Тағйироти сохторӣ дар саноати вилояти Суғд чун маҳсули асосии соҳаи ташаккулдиҳанда бо амали омилҳо, пеш аз ҳама, ба охир расидани раванди тағйирёбии моликият, шаклҳои хоҷагидорӣ, сармояи соҳибкорӣ ва таъсири онҳо ба инкишофи иқтисодиёти минтақа вобаста аст. Нишондиҳандаи асосии тавсифкунандаи сатҳи инкишофи индустриалии мамлакат дар тамоми ҷаҳон истеҳсоли ММД ба ҳар сари аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки ин нишондиҳандаро барои вилоят таҳлил мекунем (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. Нишондиҳандаҳои захираҳои меҳнатӣ ва ишғоли аҳолии вилояти Суғд

	2013	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**Соли 2018 ба ҳисоби % ба соли 2013**
МММ - млн.сомони	7179,3	8961,2	10439,9	11530,5	11597,5	13876,0	9103,1
Ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта	108,1	108,1	107,9	106,6	106,0	106,9	-

Муаллиф тартиб додааст: Солномаи омори вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти ҶТ дар вилояти Суғд. - 2017. –С.88-89

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар панҷ соли охир захираҳои меҳнатӣ ба 112,1% афзоиш ёфт, нисбати шумораи аҳолии машғули меҳнат (103,5%) дида мешавад. Таҳлил нишон медиҳад, ки бо таносуби захираҳои меҳнатӣ ва ишғоли аҳолӣ ин ҳолатро бо сабабҳояш муайян намудан мумкин аст. Сабабҳоро чунин маънидод намудан мумкин аст:

- Дар раванди соҳибкорӣ агар сармояи онро таҳлил кунем, то ҳол нисбати техникаҳои пештара ва технологияҳои иннватсионии ҳозиразамон мувозинат дида намешавад ва ин боис мегардад, ки дар тамоми вилояти Суғд раванди фоиданокии такрористеҳсол таъмин карда нашавад.

-Қисми зиёди сармояи асосӣ, ки дар раванди истеҳсолот истифода мешавад, ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам аз ҷиҳати физикӣ куҳна буда, дар шароити бозори иқтисодиёти рақобатнок самарабахш фаъолият карда наметавонад.

Ҳамин тавр, аз таҳия ва татбиқи сиёсати рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва идоракунии стратегии рушди минтақаи вилояти Суғд чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Суғд новобаста аз оғози давраи дигаргуниҳои бунёдии сиёсӣ ва иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусиятҳои ба даст овардаашонро ба таври назаррас ҳифз кардаанд. Чунин рушд ба ташаккули минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва пешрафти онҳо мусоидат менамояд. Ин раванд дар заминаи консентратсияи босуръати минтақавии истеҳсолот дар баъзе минтақаҳо ва нобаробарии афзояндаи минтақавӣ ва тафовутҳо дар иқтисоди давраи гузариш ба амал омадааст. Аммо, имкониятҳои васеи таъсироти давлатӣ ба раванди рушди минтақа имрӯз пурра истифода намешаванд. Таъмини амнияти энергетикӣ, озуқаворӣ ва таъсиси низоми қавии идоракунии иқтисодиро вобаста ба бозор бо модели муайян бояд қарор дода, гузаришро ба сохти низоми нави принсипиалӣ бояд ба миён овард.

АДАБИЁТ

1. Формирование стратегии устойчивого развития региона / А.А. Байматов [и др.]. -Душанбе, 2014. - 222 с.
2. Кистанов В.В. Региональная экономика России / В.В. Кистанов, Н.В. Копылов. -М., 2002. -584 с.
3. Региональная экономика / Под ред. Видяпина В.И., Степанова В.М. – М., 2007. -666 с.
4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 26 декабри соли 2018). [Манобеи электронӣ]. http://www.president.tj/ru/node/6599.

ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГИИ РУШДИ МИНТАҚАИ ВИЛОЯТИ СУҒД

Дар мақола ҳадафҳои асосии стратегӣ, самаранокӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо, кашфи сарчашмаҳои нави рушди иқтисодӣ, бо назардошти рақобатпазирии истеҳсолот, идоракунии оқилонаи стратегӣ дар иқтисоди бозаргонии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд, инчунин, дар мақола ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи таҳияи сиёсати иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ дар вилояти Суғдро ва татбиқи амалии он вобаста аз дараҷаи самарабахшӣ оварда мешавад.

Калидвожаҳо: минтақа, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сохтори саноат, барномаҳои ҳадафманд, мақсадҳои стратегӣ, маҳсулоти умумии дохилӣ, рушди стратегӣ, рушди иқтисодӣ, манфиати иқтисодӣ, инноватсия, рақобатпазирӣ, самаранокӣ, захираҳои табиӣ, захираҳои инсонӣ, захираҳои саноат.

СТРАТЕГИЯ РЕГИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

В статье рассмотрены основные стратегические задачи Согдийской области, цели, эффективность, рациональное использование ресурсов, открытие новых источников по возможности экономического роста,

учитывая конкурентоспособность производства, стратегического управления в условиях рыночной экономики Согдийской области.

Ключевые слова: внутренний валовый продукт, стратегическое развитие, рост экономики, экономический интерес, инновация, конкурентоспособность, эффективность, природные ресурсы, человеческие ресурсы, отраслевые ресурсы.

REGIONAL DEVELOPMENT STRATEGY OF SUGHD REGION

The article considers the main strategic objectives of the Sughd region, goals, efficiency, rational use of resources, the discovery of new sources of economic growth, given the competitiveness of production, strategic management in a market economy of the Sughd region.

Key words: gross domestic product, strategic development, economic growth, economic interest, innovation, competitiveness, efficiency, natural resources, human resources, industry resources.

Сведения об авторе: ***Бобоева Фарзона*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, соискатель кафедры экономики предприятия и региона. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. E-mail: **f.boboeva 90@mail.ru**

Information about the author: ***Boboeva Farzona*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, applicant for the Department of Economics of the enterprise and the region. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, Building 1. E-mail: **f.boboeva 90@mail.ru**

УДК 337.665:23 (110.3)

ПАРДОХТ ВА ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ МЕҲНАТ ДАР НИЗОМИ МАЪМУРӢ

Табаров А.Д.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо вобастаи ашхоси воқеӣ, ки тибқи шартнома (қарордод)-и меҳнатӣ дар ташкилотҳо, ташкилоту муассисаҳои ҳама гуна шакли моликият кор мекунанд, кори шаҳрвандони алоҳидаро иҷро менамоянд, инчунин, ашхосе, ки узв ва ё иштирокчии ташкилот мебошанд, бо санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санади меъёрӣ оид ба меҳнат танзим мегардад [1]. Ташкили меҳнат ва музди меҳнат омили ҳалкунандаи меҳнати инсон мебошанд. Баҳисобгирии ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи музди меҳнат ва механизми такмил додани он барои тараққиёти самаранокии истеҳсолоти корхонаҳои истеҳсолӣ ва хоҷагии халқи ҷумҳурӣ аҳамияти бениҳоят калон дорад. Муносибатҳои меҳнатӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои ҳуқуқиву меъёрӣ (шартномаҳои коллективӣ, созишномаҳои коллективӣ, шартномаҳои меҳнатӣ) танзим карда мешаванд. Пардохти меҳнат ин низоми муносибатҳои бо таъмингардонӣ, муқарраркунӣ ва амаликунии пардохтҳо алоқаманд мебошад, ки аз ҷониби кордиҳанда ба коргарон барои меҳнати онҳо дар мувофиқа бо қонунгузорӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, шартномаҳову созишномаҳои коллективӣ, санадҳои меъёрии маҳаллӣ ва шартномаҳои меҳнатӣ амалӣ карда мешавад. Музди меҳнат ин мукофотпулӣ барои меҳнат, дар алоқамандӣ аз тахассуси коргар, мураккабӣ, миқдор, сифат ва шароити корҳои иҷрошаванда, инчунин пардохтҳои хусусияти ҷубронӣ ҳавасмандгардонидошта мебошад [5,с.150].

Дар шакли пардохти меҳнати вақтбайъ андозаи музди меҳнати кормандон аз вақти воқеан коркардаи кормандон вобаста мебошад. Вақти корӣ вақте мебошад, ки дар давоми он корманд мутобиқи қоидаҳои дохилии меҳнати ташкилот ва нишондодҳои шартномаи меҳнатӣ бояд уҳдадориҳои меҳнатиро иҷро намояд. Давомнокии муътадили вақти корӣ набояд аз 40 соат дар як ҳафта зиёд бошад. Барои баҳисобгирии фаврии меҳнати кормандон ва ҳисобкунии музди меҳнат ҳайати кормандон гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Кормандон ба гурӯҳҳо (категорияҳо)-и коргарон, роҳбарон ва мутахассисон ҷудо карда мешаванд.

Коргарон кормандоне мебошанд, ки бевосита дар раванди истеҳсоли маҳсулот, кашонидан ва омодакунии ашёи хом ва маҳсулоти тайёр, иҷрои кор ва хизматрасониҳо иштирок мекунанд. Баҳисобгирии вақти кории истифодашуда дар табел бо усули бақайдгирии яклухти ба кор ҳозиршавиҳо ва ҳозирнашавиҳо ва ё бо роҳи бақайдгирии фақат ҳозирнашавиҳо ва дермониҳо ба ҷо оварда мешавад. Табели мазкур на фақат барои баҳисобгирӣ ва назорати истифодабарии вақти корӣ, инчунин, барои ҳисоб ва замкунии музди меҳнат низ истифода мешавад. Дар низоми пардохти меҳнати вақтбайъи одӣ пардохт бар ивази миқдори муайяни вақти коркардашуда новобаста аз миқдори корҳои иҷрогардида ба ҷо оварда мешавад. Вобаста аз тарзи баҳисобгирии вақти кор меъёрҳои тарифии моҳона, рӯзона ва соатона истифода шуда метавонанд [3,с.30].

Пардохти меҳнати кормандон (ғайр аз коргарон) дар асоси меъёрҳои тарифии моҳона ё оклад (маош) ҳисоб карда мешавад: агар ин кормандон тамоми рӯзҳои кории

моҳро кор карда бошанд, пас маоши муқарраргардида ба онҳо пардохт карда мешавад; агар онҳо на ҳамаи рӯзҳои кориро кор карда бошанд, пас маоши онҳоро бо роҳи тақсим намудани меъёр (ставка)-и муқарраргардида ба миқдори тақвимии рӯзҳои корӣ ва зарб намудани натиҷаи ҳосилшуда ба миқдори рӯзҳои коркардашуда ҳисоб мекунанд.

Фарз мекунем, маоши моҳонаи корманд ба андозаи 1600 сомонӣ муқаррар карда шудааст. Шумораи рӯзҳои корӣ мувофиқи тартиб 21 рӯзи корӣ мебошад, ки 18 рӯзи онро корманд кор кардааст.Маблағи ҳисобшудаи музди меҳнат чунин аст:

1600:21х18=1371 сомонӣ

Пардохти меҳнати коргарон бо роҳи зарб кардани меъёри тарифии соатона ё рӯзона ба миқдори соатҳо ё рӯзҳои воқеан коркардашудаи онҳо ҳисоб карда мешавад.

Масалан, меъёри тарифии соатонаи коргар 12 сомонӣ мебошад. Коргар дар давоми моҳ 158 соат воқеан кор кардааст.

Маблағи музди меҳнати коргар чунин аст:

12х158=1869 сомонӣ

Дар низоми вақтбайъи мукофотонии пардохти меҳнат ба маблағи музди меҳнат аз рӯи нархнома (тариф) маблағи мукофотпулӣ тибқи низомнома оид ба мукофотонӣ зам карда мешавад. Масалан, меъёри нархномавии соатонаи коргар 12 сомонӣ, шумораи соатҳои коркардашудаи моҳ 158 соат мебошад. Тибқи шартномаи меҳнатӣ ҳангоми аз миқдори ба нақша гирифташуда кам набудани маблағи фурӯши воқеии корхона мукофотпулии ҳармоҳа ба андозаи 20%-и музди меҳнат пешбинӣ шудааст.Маблағи музди меҳнати ҳисобшуда чунин аст:

12х158=1896 сомонӣ - музди меҳнати бо низоми вақтбайъи сода ҳисобкардашуда;

1896х0,3=569 сомонӣ – мукофотпулӣ;

1896+569=2465 сомонӣ – маблағи музди меҳнати бо низоми вақтбайъи мукофотӣ ҳисобкардашуда.

Ҳисобкунии музди меҳнат дар шакли пардохти корбайъ дар асоси ҳуҷҷатҳои оид ба коркард ба ҷо оварда мешавад. Дар низоми корбайъи мустақим пардохти музди меҳнати коргарон бо роҳи зарб кардани нархи корбайъи воҳиди кор ба миқдори маҳсулоти истеҳсолкарда, корҳо ва хизматҳои иҷрокардаи коргар дар асоси нархномаҳои муқарраргардидаи корбайъ ҳисоб карда мешавад. Фарз крда шуд, ки коргар дар давоми моҳ 100 воҳид маҳсулот истеҳсол кард. Нархи музди меҳнат барои воҳиди маҳсулот 15 сомонӣ аст. Музди меҳнати моҳонаи коргар ин тавр ҳисоб карда мешавад:

15х100=1500 сомонӣ

Дар низоми корбайъи прогрессивӣ пардохти меҳнати коргарон бо баназардошти коркарди зиёдаазмеъёрӣ дар асоси нархномаҳои прогрессивӣ (баландкардашуда) ҳисоб карда мешавад. Агар коргар дар давоми моҳ 130 воҳид маҳсулот, аз ҷумла 30 воҳид аз супориш барзиёд истеҳсол кард. Нархи музд барои воҳиди маҳсулоти дар доираи супориш истеҳсолшаванда 15 сомонӣ, барои воҳиди маҳсулоти зиёда аз супориш истеҳсолшуда ба андозаи 10% барзиёд пардохт карда мешавад. Маблағи музди меҳнати моҳонаи коргар ин тавр ҳисоб карда мешавад:

(15х100)+(15+15х0,1)х30=1995 сомонӣ

Дар низоми пардохти меҳнати корбайъи мукофотӣ пардохти меҳнати коргарон бо баназардошти маблағи мукофотонӣ бар ивази барзиёдиҷрокунии меъёрҳои коркард ва ноилгардӣ ба нишондодҳои сифатӣ (бе ноқис кор кардан) ба ҷо оварда мешавад. Масалан, коргар дар давоми моҳ 110 воҳид маҳсулот истеҳсол кард. Нархи музди меҳнат барои воҳиди маҳсулот 16 сомонӣ мебошад. Дар мавриди бе нуқсон кор кардан ба коргар мукофот ба андозаи 10%-и музди меҳнати мувофиқи шакли пардохти корбайъи мустақим ҳисобшуда пардохт карда мешавад. Музди меҳнати воқеии коргар ин тавр ҳисоб карда мешавад:

16х110+(16х110)х0,1=1936 сомонӣ

Дар низоми корбайъи бавосита (ғайримустақим), ки асосан барои пардохти меҳнати коргарони ёрирасон истифода мешавад, маблағи музди меҳнат аз натиҷаҳои кор ва пардохти меҳнати коргарони асосӣ вобаста мебошад. Фарз мекунем, маблағи музди меҳнати коргари ёрирасони ба бригадаи коргарони истеҳсолоти асосӣ хизматкунанда баробари 10%-и музди меҳнати ба бригада ҷудошуда мебошад. Маблағи музди меҳнати моҳонаи тамоми бригада 22000 сомонӣ мебошад. Ба коргари ёрирасон музди меҳнати моҳона ба чунин андоза ҳисоб карда мешавад:

22000х0,1=2200 сомонӣ

Андозаи пардохти меҳнат вобаста аз натиҷаҳои ниҳоӣ бо фоизҳо аз нишондиҳандаи ниҳоии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ (масалан, аз маблағи фурӯш, фоида ва ғ.) ҳисоб карда мешавад. Тибқи шартномаи меҳнатӣ ба фурӯшандаи дукон ба андозаи 5%-и маблағи фурӯши молҳои фурӯхташуда музди меҳнат ҳисоб карда мешавад; маблағи

фурӯши моҳонаи дукон бошад, 62000 сомонист. Ба фурӯшанда ба ин андоза музди меҳнат ҳисоб карда мешавад:

62000х0,05=3100 сомонӣ

Дар шакли аккордии пардохти меҳнат маоши умумӣ бар ивази иҷрогардии давраҳои муайяни кор ё истеҳсоли ҳаҷми муайяни маҳсулот ҳисоб карда мешавад. Барои корҳои вазнин, кор дар шароитҳои меҳнатии зарарнок ва махсусан зарарнок бо тартиби муайянкардаи қонунгузорӣ, шартномаи (созишномаҳо)-и коллективӣ ва шартномаи меҳнатӣ музди меҳнати баландтар муқаррар карда мешавад [2,с.89].

Барои изофакорӣ музди меҳнат барзиёд пардохт карда мешавад.

Ҳар соати кории зиёда аз вақти муқаррарӣ ин тавр пардохт карда мешавад:

1. Ба кормандони музди меҳнаташон корбайъ – на камтар аз нархномаи дукаратаи корбайъ;
2. Ба кормандони музди меҳнаташон вақтбайъ, инчунин, ба кормандони маоши вазифавӣ (оклад) гиранда – на камтар аз меъёри дукаратаи соатбайъ.

Мувофиқи аҳд бо корфармо ба корманде, ки зиёда аз вақти муқаррарӣ кор кардааст, пешкаш кардани рӯзи дигари истироҳатӣ мумкин аст.

Барои кор дар рӯзҳои ид ва истироҳат музди меҳнат на камтар аз андозаи дукарата пардохт карда мешавад. Музди ҳар соати кори шабона ба андозаи на камтар аз якуним баробари меъёри муқаррарӣ пардохт карда мешавад. Пардохти зиёдкардашудаи музди меҳнати шабона ба ставкаи тарифӣ (маоши хизматӣ) дохил намешавад.

Ҳангоми иҷро накардани меъёри коркард бо айби корманд музди меҳнат вобаста ба кори воқеан иҷрошуда пардохт карда мешавад. Барои нуқсони пурраи маҳсулот ва бекормониҳои бо айби корманд рухдода музди меҳнат дода намешавад.

Ба занони ҳомила пеш аз таваллуд ҳафтод рӯзи тақвимӣ ва баъди таваллуд ҳам ҳафтод (дар ҳолати таваллуди мушкил – ҳаштоду шаш ва таваллуди ду ва ё зиёда тифл – як саду даҳ) рӯзи тақвимӣ рухсатӣ дода, барояшон кумакпулӣ аз рӯйи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ пардохт карда мешавад. Рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд якҷоя ҳисоб карда, пардохти он сарфи назар аз миқдори рӯзҳое, ки занон воқеан то таваллуд истифода кардаанд, ба ҷо оварда мешавад. Инчунин, бо хоҳиши зан барои нигоҳубини тифл то ба синни сесола расиданаш рухсатии бепули иловагӣ дода мешавад [3,с.31].

Дар давраи рухсатӣ ҷои кор (вазифа) нигоҳ дошта мешавад.Мувофиқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 13, 95 ва 212) корхона бояд аз музди меҳнати кормандони худ андозҳои аз манбаи пардохт нигоҳдошташаванда (андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ)-ро боздошт карда, ба буҷет супорад.

Ҳангоми ҳисобузамкунии андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисоб (дар соли 2015-40 сомонӣ) аз манбаи андозбандӣ (музди меҳнат) тарҳи шахсӣ карда мешавад. Агар корманд ҳамзамон дар якчанд ҷойҳо кор кунад, тарҳи шахсӣ фақат дар ҷойи кори асосии он татбиқ карда мешавад.

Инчунин, ҳангоми ҳисобкунии даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ маблағи андози иҷтимоии аз музди меҳнати корманд ҳисобу замшаванда (1%-и музди меҳнат) аз манбаи андозбандии андоз аз даромади шахсони воқеӣ тарҳ карда мешавад.

Даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ-корманд дар ҷойи кори асосии вай ин тавр андозбандӣ карда мешавад:

1) агар аз андозаи тарҳи шахсӣ кам бошад, андозбандӣ карда намешавад;
2) зиёда аз андозаи тарҳи шахсӣ то 140 сомонӣ 8%-и даромади андозбандишавандаи аз тарҳи шахсӣ зиёдбуда;
3) зиёда аз 140 сомонӣ – маблағи андози бо меъёри 8% ҳисобшуда + 13%-и даромади андозбандишавандаи аз 140 сомонӣ зиёд.

Музди меҳнати шахси воқеӣ – ғайрирезидент бо меъёри 25% андозбандӣ карда мешавад.

Давраи андоз барои андоз аз даромади шахсони воқеӣ моҳи тақвимӣ мебошад. Супорандагони андози иҷтимоӣ ҳам корфармо (корхонаҳо) ва ҳам кормандон мебошанд. Меъёри андози иҷтимоӣ барои корфармо 25% ва барои кормандон 1% мебошад. Эъломияи ягона дар бораи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ то санаи 15-уми моҳи пас аз давраи андоз оянда пешниҳод карда мешавад.

Барои ҳама гуна музди меҳнат андозаи маблағҳои боздошташаванда набояд аз 20%-и музди меҳнати умумии корманд зиёд бошад. Дар ҳолатҳои истисноии пешбинамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон то 50%-и музди меҳнати корманд боздошта мешавад.

Ба боздошт кардани маблағ аз ёрдампулиҳои яквақта, ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯёнидани маблағ аз онҳо манъ аст, роҳ дода намешавад. Аз корманд рӯёнидани музди меҳнате, ки корфармо ба вай барзиёд пардохт кардааст, аз ҷумла ҳангоми истифодаи нодурусти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои ҳолатҳои ҳисобу китоби нодуруст, мумкин

нест.Мувофиқ ба таҳлилу омӯзиши заминаҳои назариявию амалии пардохти меҳнат ва тарзи дуруст ҳисобкунии он бо меъёрҳои амалкунанда дар корхонаҳои ҷумҳурӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Маблағи музди меҳнат ва андози муайяншуда аз сабабҳои гуногун вобастагӣ дорад. Аз он ҷумла, намуди шакл, разряд, категория, ихтисос, намуду ҳаҷми кори иҷрошуда, сабаби зиёдшавии музди меҳнат ва андоз мебошанд.
2. Дар қисман корхонаҳои истеҳсолӣ, хисоб кардани музди меҳнат ва додани ҳаққи меҳнат мувофиқи миқдору сифати меҳнате, ки ҳар як корманд дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ сарф кардааст, аз рӯйи принсипи барои меҳнати хуб, барои натиҷаҳои беҳтарин ҳаққи баланд дода намешавад. Бинобар ин, ба афзоиши истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо ва адои хизмат, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, паст кардани арзиши аслии маҳсулот, ҳавасманд гардонидани кормандон, таъсири ноустувори манфӣ мерасонад.
3. Дар шуъбаи муҳосиботи корхона насб кардани версияи навтари программаи 1С: Муҳосибот (версияҳои 8.2 ё 8.3) барои хуб ба роҳ мондани тарзи ҳисобкуни маоши кормандон;
4. Ҷорӣ кардани таҷрибаи ҷаҳонии кормандони муҳосиботи дорои малакаҳои баланди касбӣ дар корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ;
5. Маълумотҳо ва маслиҳатҳои овардашуда оид ба андозсупорӣ аз музди меҳнат, ки дар ин кор оварда шудаанд, дастур барои ҳисобдорон ва коркунони андоз мебошад.

АДАБИЁТ

1. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар таҳрири нав. - 2016.
2. Тилакмуродова С.Д. Хусусиятҳои баҳисобгирии музди меҳнат аз рӯйи шакли баҳисобгирии автоматикунонӣ (1С муҳосиот) / С.Д. Тилакмуродова // Паёми ДМИТ. –Душанбе, 2016. -№3(7). -С.88-92.
3. Дастурамали намунавии мансабии сармуҳосиб // Молия ва ҳисобдорӣ. – 2018. -№7(142). –С.30-31.
4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2014, 2015 ва 2016.
5. Назарияи ҳисобгирии бухгалтерӣ / А.Ш. Шерназаров [ва диг.]. -Душанбе, 2003.

ПАРДОХТ ВА ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ МЕҲНАТ ДАР НИЗОМИ МАЪМУРӢ

Муаллиф дар мақолаи худ муҳим ва зарур будани пардохт ва ҳавасмандгардонии моддии меҳнатро дар низоми маъмурӣ асоснок намудааст. Ба андешаи муаллиф пардохти меҳнат ин низоми муносибатҳои бо таъмингардонӣ, муқарраркунӣ ва амаликунии пардохтҳо алоқаманд мебошад, ки аз ҷониби кордиҳанда ба коргарон барои меҳнати онҳо дар мувофиқа бо қонунгузорӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, шартномаҳову созишномаҳои коллективӣ, санадҳои меъёрии маҳаллӣ ва шартномаҳои меҳнатӣ амалӣ карда мешавад. Баинобар ин, дар мақола муаллиф оид ба дуруст будани пардохт ва ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар низоми маъмурӣ андешаронӣ намудааст. Муҳаққиқ дар мақолаи худ тартиби ба роҳ мондани пардохти меҳнатро дар асоси қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намуда, оид ба риояи онҳо дар корхонаю муассисаҳо тавсияҳои амалӣ додааст. Аз маълумоти таҳлилкардашуда бармеояд, ки пардохти меҳнат дар шароити муосир хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Аз нигоҳи муаллиф маблағи музди меҳнат ва андози муайяншуда аз сабабҳои гуногун вобастагӣ дорад. Аз он ҷумла, намуди шакл, разряд, категория, ихтисос, намуду ҳаҷми кори иҷрошуда, сабаби зиёдшавии музди меҳнат ва андоз аз ҷумлаи онҳоянд. Муҳаққиқ ҷорӣ кардани таҷрибаи ҷаҳонии кормандони муҳосиботи дорои малакаҳои баланди касбӣ дар корхонаҳои истеҳсолии ватаниро ба ташкилоту муассисаҳо муҳим шуморидааст.

Калидвожаҳо: пардохти меҳнат, ҳавасмандии моддӣ, идоракунӣ, мукофотпулӣ, корманд, муносибатҳои меҳнатӣ, категория, такмилдиҳӣ, механизм, хароҷот.

ОПЛАТА И МАТЕРИАЛЬНОЕ СТИМУЛИРОВАНИЕ ТРУДА В АДМИНИСТРАТИВНОЙ СИСТЕМЕ

Автор в своей статье обосновывает значимость и необходимость оплаты и материального стимулирования труда в административной системе. По мнению автора, оплата - это система отношений по поводу обеспечения, установления и реализации уплат, осуществляемых работодателем в отношении работников в соответствии с законодательством, нормативно-правовыми актами, коллективными договорами и соглашениями, местными нормативно-правовыми актами и трудовыми контрактами. Поэтому автор в статье рассматривает целесообразность оплаты и материального стимулирования труда в административной системе. Исследователь в статье обосновывает порядок установления оплаты труда в соответствии с законодательством Республики Таджикистан, дает рекомендации по его соблюдению на предприятиях и в учреждениях. В результате проведенного анализа приходит к выводу о том, что в современных условиях оплата труда установлена достаточно хорошо. По мнению автора, заработная плата и установленный налог зависят от различных факторов. Так, факторами увеличения заработной платы и налога являются форма, разряд, категория, квалификация, вид и объем выполненной работы. Автор считает важным использование мирового опыта работников учета с высокими профессиональными навыками в производственных предприятиях, организациях, учреждениях.

Ключевые слова: оплата труда, стимулирование, управление, денежное вознаграждение, работник, трудовые отношения, категория, совершенствование, механизм, расходы.

PAYMENT AND MATERIAL STIMULATION OF WORK IN THE ADMINISTRATIVE SYSTEM

The author in his article substantiates the importance and necessity of payment and material stimulation of labor in the administrative system. According to the author, payment is a system of relations concerning the provision, establishment and implementation of payments made by the employer in respect of employees in accordance with the legislation, regulations, collective agreements and agreements, local regulations and employment contracts. Therefore, the author considers the expediency of payment and material stimulation of labor in the administrative system. The researcher in the article substantiates the procedure for establishing wages in accordance with the legislation of the Republic of

Tajikistan, makes recommendations on its compliance in enterprises and institutions. As a result of the analysis comes to the conclusion that in modern conditions, wages are set well enough. According to the author, wages and the established tax depend on various factors. Thus, the factors of wage and tax increase are the form, category, qualification, type and volume of work performed. The author considers it important to use the world experience of accounting workers with high professional skills in manufacturing enterprises, organizations and institutions.

Key words: remuneration, stimulation, management, remuneration, employee, labor relations, category, improvement, mechanism, expenses.

Сведения об авторе: ***Табаров Ахлиддин Довудходжаевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистет кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **901-91-11-77.** E-mail: **ahliddin.tabarov@mail.ru**

Information about the author: ***Tabarov Akhliddin Dovudkhodzhaevich*** - Tajik State Financial and Economic University, assistant of the department of accounting. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **901-91-11-77**. E-mail: **ahliddin.tabarov@mail.ru**

УДК 334.75(575.3)

ВАЗИФА ВА УНСУРҲОИ ИНФРАСОХТОРИ БОЗОРИИ МИНТАҚА

Ашуров М.Н., Саидов К.Н.
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Иқтисодиёти маҳаллӣ ҳамчун маҷмӯи мураккаби истеҳсолоти бо ҳам алоқаманд, ки дар ҳудуди алоҳида ҷойгир буда, низоми алоҳидаи муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодиро ташкил мекунад, фаҳмида мешавад. Иқтисодиёти минтақа ин хоҷагии мураккаб ва комплексӣ аст, ки барои он дар ин ё он сатҳ зарур аст, ки ҳамаи мушкилиҳои рушди иқтисоди мамлакат, дар маҷмӯъ ҳал карда шаванд. Ин муносибатҳо на танҳо истеҳсолот, тақсимот, иваз ва истеъмолро дар дохили ҳудуди иқтисодӣ, балки алоқаҳои байнисоҳавӣ ва байниминтақавиро низ дар бар мегиранд. Гуфтаҳои дар болозикргардида дар асарҳои олимони тоҷик васеъ ба назар мерасад [4,с.222].

Дар чунин шароит шакли асосии ташкили истеҳсолоти ҷамъиятӣ истеҳсолоти инфрасохторӣ ҳамчун зинаи мустақили истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Инфрасохтори минтақа омили пуриқтидори баландбардории самаранокии истеҳсолот ва сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад. Ҳарчанд масъалагузории омории инфрасохтори бозаргонӣ ҳамеша арзиши баланд дошт, аммо дар адабиёти иқтисодиву оморӣ он қадар дарҷ нагардидааст. Асоси комплекси инфрасохторро соҳаҳое чун нақлиёт, алоқа, таъминоти моддиву техникӣ ва захираҳо ташкил мекунанд. Фаъолияти ташкили шароитҳои умумии истеҳсолот гуногунҷабҳа буда, онро хизмматрасонӣ ба истеҳсолот муттаҳид мекунад. Бояд қайд кард, ки соҳаҳо ва корхонаҳои хизматрасонии техникӣ, таъмири воситаҳои истеҳсолот, ки дар онҳо низ хизматрасонӣ ба истеҳсолот расонида мешавад ба инфрасохтор дохил намешаванд. Чунки вазифаи таинотии онҳо барқароркунии арзиши воситаҳои истеҳсолот аст, на хизматрасонӣ ба истеҳсолот [2,с.37]. Қайд карда ба маврид аст, ки дуруст ба таҳия расонидани инфрасохтори бозорӣ дар иқтисодиёти кишвар нақши калон бозида, як гурӯҳи вазифаҳоро иҷро мекунад (расми 1).

Сарчашма: аз ҷониби муаллифон таҳия карда шудааст

Инфрасохтори бозорӣ дар худ унсурҳои зиёди таркибӣ дорад, ки миёни худ сахт алоқаманд буда, дар якҷоягӣ дар иқтисодиёт нақши муҳимро мебозанд. Чун қоида ба унсурҳои инфрасохтори бозор биржаҳо, бонкҳо, молияи давлатӣ, низоми андоз, низоми танзими таъмини ҷойи кор ва дигар элементҳо дохил мешаванд. Яке аз унсурҳои анъанавии инфрасохтор биржа мебошад. Дар биржа мол, қоғазҳои қиматнок ва асъорро хариду фурӯш мекунанд [5,с.37]. Дар ибтидо савдои биржавии мол ба вуҷуд омада буд, баъдан хариду фурӯши қоғазҳои қиматнок ё арзишҳои фондӣ ба роҳ монда шуд ва дар натиҷа биржа, ки номи биржаи фондиро гирифт, ташаккул ёфт. Дар баъзе давлатҳо бозори махсус вуҷуд дошта, дар он асъор хариду фурӯш мешавад, ки онро биржаи асъор меноманд [7,с.16].

Қисмати дуюми муҳимми инфрасохтори бозорӣ ин низоми қарзию молиявӣ мебошад. Ин низом дар худ ниҳодҳои бонкӣ ва ғайрибонкии молиявиро фаро мегирад. Дар иқтисодиёти муосир ҳарчи бештар нақши муассирро ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ бозида истодаанд, аз ҷумла ташкилотҳои сармоягузорӣ, хазинаҳои амонатӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, фондҳои нафақавӣ ва ғайраҳо. Онҳо ба рақиби пурзӯри бонкҳо табдил ёфта истодаанд. Қисмати сеюми муҳимми инфрасохтори бозор низоми андозии мамлакат мебошад. Асоси онро андоз, яъне қисмати умумӣ ё фоизии даромади шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ба буҷаи давлат гузаронида мешавад, ташкил мекунад. Низоми андоз воситаи муҳимтарини рушди иқтисодии давлат ё ақибмонии он аст. Низоми андоз дар якҷоягӣ бо хароҷоти давлат унсури чоруми инфрасохтори бозор - низоми молияи давлатиро ташкил мекунад. Асоси молияи давлатиро бошад, буҷаи давлат, яъне таносуби даромад ва хароҷоти давлат ташкил мекунад. Даромади давлат асосан аз ҳисоби андоз таъмин карда мешавад. Мақсади молияи давлатӣ ҳамчун унсури инфрасохтори бозаргонӣ дар он аст, ки фаъолияти бемайлони иқтисодиётро тариқи тақсими пул аз як қисмат ба қисмати дигар таъмин намояд.

Унсури панҷуми инфрасохтори бозаргонӣ бо бозори меҳнат алоқаманд аст. Бозор талаботи гуногунро ба моли бисёр махсусгардонидашуда - қувваи корӣ пеш меорад. Давлат барои ташкили муассисаи махсусгардонишуда, ки масъалаи таъмини қувваи кориро бо ҷойи кор ҳал мекунад, манфиатдор аст [6]. Чунин муассисаҳо биржаи меҳнат ном доранд, ки барои шахсони расман ҳамчун бекор бақайдгирифташуда ҷойи кор меёбанд ва ба онҳо касби нав меомӯзанд. Баррасии моҳияти иқтисодӣ ва аҳамияти инфрасохтори бозаргонии минтақа имкон медиҳад, ки ҳадафҳои асосии омори минтақавӣ дар омӯзиши он муайян карда шаванд:

1. Коркарди методологияи тадқиқоти омории инфрасохтори бозаргонии минтақа, ҷудокунии объект ва предмети омори инфрасохтор, тартиби низоми илман асоснокшудаи нишондиҳандаҳои омории инфрасохтори бозаргонии минтақа, муайянкунии манбаъҳои маълумот ва коркарди алгоритмҳои ҳисобкунии нишондиҳандаҳо, такмили доимии ин низом;
2. Ҷамъ кардани маълумот оиди шумораи корхона ва ташкилотҳои ниёзманд ба инфрасохтор, ҳамчунин мавҷудият ва ҳолати зерсохторҳои ёрирасон ва хизматрасон дар минтақа, коркарди дурусти маълумотҳои мазкур барои таҳлил ва пешбининамоӣ;
3. Омӯзиши типология ва сохтори инфрасохтори бозаргонии минтақа, хусусиятҳои шароит ва омилҳои муайянкунандаи талабот ба рушди инфрасохтор, пешбининамоии талабот ба намудҳои асосӣ ва унсурҳои инфрасохтори минтақа;
4. Баҳодиҳӣ ва таҳлил, мавҷудият, сохтор ва динамикаи иқтидори истеҳсолию техникӣ ва меҳнатии инфрасохтори бозорҳои минтақа: бозори молу хизматрасонӣ, бозори молиявию пулӣ, бозори хориҷии иқтисодӣ, бозори қувваи коргарӣ, бозори иттилоотӣ ва ғайра;
5. Баҳодиҳӣ, таҳлил ва пешбининамоии таъмини минтақа бо корхонаҳо ва ташкилотҳои инфрасохтори бозаргонӣ бо унсурҳо ва фазо;
6. Таҳлили ҷобаҷогузории ҳудудии корхонаҳои инфрасохтори бозаргонӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба иқтисодиёти соҳавии минтақаҳо;
7. Баҳисобгирӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи инфрасохтори бозаргонии минтақа, тадқиқи омилҳои таъсиркунанда ба самаранокӣ ва натиҷабахшии истифодаи иқтидори инфрасохтори бозаргонӣ бо истифодаи моделҳои омориву математикии омори минтақавӣ;
8. Баҳодиҳӣ ва таҳлили таъмин будани аҳолии минтақа бо инфрасохтори иҷтмоиву хоҷагидорӣ;
9. Таҳлили таносуб миёни истеҳсолоти асосӣ ва инфрасохтори истеҳсолӣ аз як тараф ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ аз тарафи дигар.

Бояд қайд кард, ки ташаккул наёфтани инфрасохтор аз як тараф имкон намедиҳад, ки он таъйиноти асосии худ, яъне ташкили шароитҳои зарурии бароҳмонии раванди истеҳсолот, амиқтар кардани тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва ба роҳ мондани муносибатҳои бозаргониро иҷро кунад, аз тарафи дигар ба талафотҳои бузург оварда мерасонад. Дар шароите, ки алоқаҳои байнисоҳавӣ, байниминтақавӣ ва байналхалқӣ вусъат меёбанд, инфрасохтори истеҳсолӣ ҳамчун омили муҳимтарини амалисозии захираҳои дохилии рушди иқтисодӣ баромад карда, баландшавии зудҳаракатии ҳамаи шаклҳои захираҳоро аз ҳисоби беҳтар кардани низоми интиқол, захиракунӣ, нигоҳдорӣ, танзимкунӣ ва гардиши онҳо, ҳамчунин аз ҳисоби мукаммалгардонии таъминоти инфрасохтории равандҳои иқтисодӣ таъмин мекунад. Аз ақидаи олимони кишвар мушоҳида мегардад, ки инфрасохтори истеҳсолии минтақа омили пуркуввати таъминкунандаи захираҳо мебошад. Чун қисми асосии таъсир аз фаъолият ва рушди инфрасохтори истеҳсолӣ дар соҳаҳои нақлиёт, алоқа, таъминот ва фурӯш дида намешавад,

дар низоми кории ратсионалии ин комплекс ба сарфакунии намудҳои гуногуни захираҳо дар тамоми соҳаҳо ва самтҳои иқтисодиёт муваффақ гардида истодааст [3,с.155]. Таҷрибаи омори байналхалқӣ ва ватанӣ усул ва роҳҳои зиёди тадқиқоти ҳолат, сохтор ва динамикаи худи инфрасохтор ва ченкуниву таҳлили таъсири инфрасохтор ба соҳаҳои калидии иқтисодиётро дорад. Воридкунии низоми ҳисобҳои миллӣ дар минтақаҳо ва консепсияҳои СМР барои таҳлили амиқу чукури ҳолат ва рушди натанҳо инфрасохтори истеҳсолӣ, ҳамчунин, инфрасохтори иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии минтақа мусоидат хоҳад кард.

Ҳангоми омӯзиши ҳолат ва рушди инфрасохтори бозаргонии минтақа бояд диққати махсус ба масъалаи интенсификатсия (сермаҳсул кардани истеҳсолот) ва самаранокии инфрасохтори мазкур дода шавад. Интенсификатсияи инфрасохтор ва паст кардани хароҷоти умумии он барои ташкили шароитҳои умумии истеҳсолот, ки зинаҳои табодулро дарбар мегиранд, тақсим ва истеъмол аҳамияти ҳарчи бештарро касб карда истодаанд. Истифодаи воситаҳои самаранокиашон баланди истеҳсолӣ дар инфрасохтор шароитро барои баландбардории ҳосилнокии меҳнат дар тамоми самтҳои иқтисодиёти минтақа мусоидат мекунад. Инфрасохтори ҳар соҳа ва иқтисодиёти минтақа дар маҷмӯъ таъсири ғайримустақим низ дорад. Масалан, таъсири ғайримустақими нақлиёт дар кори ботанзиму суръати баланди расонидани мол инъикос меёбад, ки ин ҳолат талафоти маҳсулотро паст мекунад, талаботи аҳолӣ ва истеҳсолотро ба намудҳои гуногуни мол таъмин мекунад. Дар ин ҳолат самтҳои асосии таъсири ғайримустақими инфрасохторро ба самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятии минтақа муайян кардан мумкин аст:

- Вусъат бахшидани суръати истеҳсолот, ки аз таносубияти фаъолияти инфрасохтори минтақа вобаста аст. Чи қадаре, ки он ботартиб бошад, ҳамон қадар тезтар истеҳсоли молу хизматрасонии минтақа ба роҳ монда мешавад, суръати зиёдшавии воситаҳои гардиш баланд мешавад ва зинаҳои азнавистеҳсолкунӣ кам мешаванд.
- Паст кардани талафоти маҳсулот тариқи рушди инфрасохтор. Ҳамагон ба он бовараанд, ки талафот аз ҳисоби рушд накардани инфрасохтор, махсусан дар хоҷагии қишлоқ бениҳоят баланд мебошад.
- Рушди инфрасохтори бозаргонӣ дар минтақа истеҳсолкунандагонро аз вазифаҳои ба онҳо хоснабуда озод мекунад, ки ин ҳолат барои рушди минбаъдаи истеҳсолоти махсусгардонидашуда ва кооператсия мусоидат хоҳад кард.
- Суръат бахшидан ба гардиши воситаҳо ва кам кардани захираҳо дар соҳаҳои истеҳсолӣ ҳамчун манбаи баландбардории самаранокии истеҳсолот хизмат мекунад.

Усулҳои муайян кардан ва ҳисоби таъсири ғайримустақими инфрасохтор дар замони муосир васеъ паҳн шудаанд. Корҳо дар самти ҳисобкунии таъсири ғайримустақим дар соҳаҳои алоҳида, минтақаҳои муайян ва умуман дар комплекси минтақавии инфрасохтор идома доранд. Диққати бештар ба ҳисобкунии таъсири ғайрмустақими нақлиёт дода мешавад, чунки аз кори муназзами он ва суръати расонидани маҳсулот талафот кам карда мешавад, суръати муомилоти он баланд бардошта мешавад, сатҳи қаноатмандии талаботи истеҳсолот ва аҳолӣ ба маҳсулотҳои гуногун баланд бардошта мешавад.

АДАБИЁТ

1. Абалкин Л.И. Экономическая теория на пути к новой парадигме / Л.И. Абалкин // Вопросы экономики. - 1993. - №1. –С.4-14.
2. Ашуров М.Н. Механизм формирования и управления рыночной инфраструктурой региона / М.Н. Ашуров // Вестник Таджикского национального университета. - 2016. -№2/2(197). -С.37-41.
3. Ашуров М.Н. Институциональные основы формирования и развития рыночной инфраструктуры в приграничных районах Республики Таджикистан / М.Н. Ашуров, Б.Г. Сафаров, К.Н. Саидов // Финансовая экономика. - 2018. -№8. -С.155-159.
4. Ахтариева Л.Г. Системная модернизация региональной рыночной инфраструктуры / Л.Г. Ахтариева // Проблемы современной экономики. – 2008. -№3(27). -С.222.
5. Солехзода А.А. Формированные и развитие рыночной инфраструктуры региона: теоретические аспекты / А.А. Солехзода, М.Н. Ашуров // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе: Сино, 2015. - №2/5(172). -С.35-40.
6. Чернявский И.Ф. Инфраструктура и эффективность общественного производства / И.Ф. Чернявский // Вопросы экономики. - 2012. -№2. -С.34-56.
7. Rosenstein - Rodan P.N. Notes on the Theory of the Big Push. – Center for International Studies, Massachusetts Institute of Technology. - 1957. – 32 p.

ВАЗИФА ВА УНСУРҲОИ ИНФРАСОХТОРИ БОЗОРИИ МИНТАҚА

Дар мақолаи мазкур масъалагузории вазифа ва унсурҳои инфрасохтори бозори минтақа дида баромада шудаанд. Дар мақола дарҷ гардидааст, ки асоси фаъолияти инфрасохтори минтақавии бозаргонӣ бояд ғояи воҳиди худташаккулёбандаи хоҷагӣ қарор гирад, ки имконияти фаъолона ташаккул додани бозори минтақаро дошта бошад. Ин имкон медиҳад, ки раванди сармоягузорӣ дар соҳаи инфрасохтори бозаргонӣ вусъат ёбад ва дурнамои тақсими он муайян карда шавад. Асосҳои методии рушди стратегии инфрасохтори бозаргонӣ бояд таносуби мувофиқи фазои иқтисодии объектони инфрасохтори бозаргонӣ ва иҷтимоиро дар назар дошта бошанд. Муаллифон дар мақолаи хеш вазифаҳои асосии инфрасохтори бозориро дар шакли нақша нишон додаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар мақола панҷ унсури

инфрасохтори бозори минтақавӣ ба таври васеъ мариди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтааст. Дар мақолаи илмӣ чунин унсурҳои инфрасохтори бозории минтақавӣ нишон дода шудаанд: инфрасохтори биржавӣ, инфрасохтори бозорӣ, низоми андозии мамлакат, низоми молияи давлатӣ ва инфрасохтори бозаргонӣ бо бозори меҳнат ва ғ.

Калидвожаҳо: иқтисодиёт, минтақа, инфрасохтор, инфрасохтори бозорӣ, вазифа, унсур, рушд, стратегия.

ФУНКЦИИ И ЭЛЕМЕНТЫ РЫНОЧНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ РЕГИОНА

В статье рассматривается вопрос о функциях и элементах региональной рыночной инфраструктуры. В статье приводятся, что основой функционирования инфраструктуры регионального рынка является создание самостоятельной экономической единицы, которая обладает потенциалом для развития регионального рынка. Это позволит определить процесс инвестирования в области рыночной инфраструктуры и определить распределение его подразделений. Методология стратегического развития рыночной инфраструктуры должна быть сбалансирована в разумной пропорции экономического пространства рынка социально-экономической инфраструктуры. Авторы демонстрируют основные задачи рыночной инфраструктуры в виде плана. Важно отметить, что в статье широко обсуждались и анализировались пять элементов инфраструктуры регионального рынка. В научной статье показаны элементы региональной рыночной инфраструктуры, денежно-кредитная инфраструктура региона, рыночная инфраструктура, налоговая система страны, система государственных финансов и рыночная инфраструктура, рынок труда и т.д.

Ключевые слова: Экономика, регион, инфраструктура, рыночная инфраструктура, функция, элемент, развитие, стратегия.

FUNCTIONS AND ELEMENTS OF A REGIONAL MARKET INFRASTRUCTURE

The article addresses the issue of the functions and elements of the regional market infrastructure. The article states that the basis for the functioning of the regional market infrastructure is the creation of an independent economic unit that has the potential to develop the regional market. This will determine the investment process in the field of market infrastructure and determine the distribution of its units. The methodology for the strategic development of market infrastructure should be balanced in a reasonable proportion of the economic space of the socio-economic infrastructure market. The authors demonstrate the main objectives of the market infrastructure in the form of a plan. It is important to note that the article extensively discussed and analyzed the five elements of the regional market infrastructure. The scientific article shows the elements of the regional market infrastructure, the monetary infrastructure of the region, market infrastructure, the tax system of the country, the system of public finance and market infrastructure, the labor market, etc.

Key words: economy, region, infrastructure, market infrastructure, function, element, development, strategy.

Сведения об авторах: ***Ашуров Мухаммади Нусратович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой менеджмента. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **985-42-30-30**
Саидов Кароматулло Назарович - Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель кафедры менеджмента. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14

Information about the authors: ***Ashurov Muhammadi Nusratovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, candidate of economic sciences, associate professor of the department of management. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. E-mail: **m_a_84-84@mail.ru**. Phone: **985-42-30-30**
Saidov Karomatullo Nazarovich - Tajik State University of Finance and Economics, applicant for the Department of Management. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14

УДК: 628.1; 556

МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ УСТУВОРИ ОБӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Қурбонов А.К., Ҳафизов М.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тағйиротҳои институтсионалие, ки дар солҳои охир дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба амал омадаанд, табадуллотҳои назаррасро дар низоми идоракунӣ, истифода ва ҳифзи захираҳои об, инчунин, истифодаи механизмҳои нави танзими истифодаи обро ба вуҷуд оварданд. Масъалаи истифодаи умумии захираҳои байнисарҳадии обӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодии ҳамаи кишварҳои минтақа аҳамияти муҳим дорад. Ин яке аз омилҳои маҳдудкунандаи рушди иқтисодии минтақа мебошад. Огоҳӣ ва эътироф дар сатҳи давлатии ин ҳолат ба мундариҷаи сиёсати муосири давлатҳои Осиёи Марказӣ ва тадбирҳо оид ба ҳалли фарқиятҳои минтақавӣ таъсир мерасонад. Аён аст, ки ҳалли мушкилоти дастрасии ҳар як давлат ба захираҳои обӣ бидуни ҳамкории минтақавӣ ғайриимкон аст [1,с.98]. Иқтисодиёти мамлакатҳои минтақа аз мубодилаи захираҳои фаромарзии об вобастагии калон доранд. Қисми зиёди аҳолии минтақа ба кишоварзии обёришаванда машғул аст, ки он комилан тамоми маҳсулоти соҳаи кишоварзиро таъмин менамояд. Дар баробари ин, саноати истихроҷ, коркард ва технологияҳои баланд аз захираҳои об дар минтақа низ истифода мекунад.

Ҳамин тавр, мушкилоти захираҳои маҳдуди об ба минтақаи Осиёи Марказӣ хос мебошад. Кишварҳои поёноби минтақа аз истифодабарандагони болооб вобастагӣ доранд

ва дар навбати худ, кишварҳои болооб вобаста аз талаботи кишварҳои поёноб ба захираҳои обӣ метавонанд дучори мушкилӣ гарданд. Норасоии об ва ифлосшавии он ба яке аз мушкилоти ҷиддии иқтисодиёти минтақа табдил меёбад. Норасоии афзояндаи об сатҳи таъминоти озуқаворӣ ва шуғлро коҳиш медиҳад, ки ҳалли мушкилоти мубориза бо камбизоатиро дар маҷмӯъ дар минтақа мушкил месозад.

Таъмини одилона ва устувори ҳам талаботи имрӯза ва ҳам оянда барои истифодаи об тақвияти ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар соҳаи идоракунии байнисарҳадии дарёҳо, ки ҳавзаҳои обаш ба сарҳадҳои мавҷудаи давлат мувофиқ нестанд, талаб мекунад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дастрасии захираҳои муштараки об ҳам метавонад сабаби низоъҳои байналмилалӣ ва заминаи иловагии иқтисодии ҳамгироии кишварҳои ҳамсоя гардад.

Яке аз омилҳои муҳимтарини иқтисодии ба сатҳи истифодаи об таъсирркунанда баҳогузории арзишии захираҳои обӣ мебошад, ки асоси механизми иқтисодии танзими истифодаи обиро ташкил медиҳад [1,с.99]. Баҳодиҳии иқтисодии об ҳамчун манбаи табиӣ барои муқаррар кардани андозаи пардохт, инчунин, инъикоси захираҳои об ҳамчун як қисми сарвати миллии кишварҳои минтақа зарур аст. Имрӯзҳо ҳангоми гузариш ба муносибатҳои бозорӣ баҳодиҳии иқтисодии захираҳои обӣ диққатҷалбкунанда мебошад. Айни замон ду мафҳуми баҳогузории иқтисодии захираҳои обӣ вуҷуд дорад: нархгузорӣ дар асоси баҳисобгирии хароҷоти меҳнатӣ барои рушди манбаи табиӣ ё иваз кардани он ва иҷора бо назардошти самаранокии натиҷаҳои захираи истифодашуда. Баҳогузории ҳамаҷонибаи иқтисодии захираҳои обӣ ба мо имконият медиҳад, ки на танҳо хароҷоти истифодаи онҳоро муайян намоем, балки тавсифи миқдории умумии зиёнро дар сурати истифодаи ғайрисамараноки ин захираҳо ба иқтисодиёти минтақа баҳогузорӣ намоем.

Баҳодиҳии иқтисодии захираҳои обӣ маънои мубориза бо истифодаи ғайрисамарабахши ин захираро дорад. Аз ин рӯ, агар нархи объективии захираҳои обӣ муқаррар карда нашаванд, сиёсати истифодаи ғайрисамараноки захираҳои обӣ дар оянда низ идома хоҳад ёфт. Дар механизми иқтисодии истифодаи оқилона ва ҳифзи об пардохтҳои истифодаи об ҷои махсусро ишғол мекунанд. Гузашта аз ин, пардохт барои об истифодабарандагони обро аз татбиқи чорабиниҳо оид ба истифодаи оқилона ва пӯшонидани зарар ба муҳити зист озод намекунад. Ҳадафи механизми иқтисодӣ таъмин намудани кумакҳои иқтисодӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи барқароркунӣ, истифодаи оқилона ва ҳифзи сохторҳои обӣ мебошад [6,с.49]. Унсурҳои асосии механизми иқтисодӣ инҳоянд: идоракунӣ; банақшагирии чорабиниҳо оид ба идоракунии об ва таҳияи барномаҳои мақсадноки барқарорсозӣ, истифодаи оқилонаи об ва ҳифзи обанборҳо; маблағгузории чорабиниҳои идоракунии об ва ҳифзи сохторҳои обӣ; муқаррар кардани меъёрҳо барои пардохт ва андозаи пардохтҳо барои истифодаи обанборҳо; суғуртаи хавфи об; мониторинги обанборҳои рӯизаминӣ ва, инчунин, мониторинги иншооти обӣ; таҳияи дурнамои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар асоси дурнамои рушди соҳаи об; баҳисобгирӣ ва банақшагирӣ; дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, инноватсионӣ ва ғайра, ки ба истифодаи ҳамаҷониба ва ҳифзи захираҳои обӣ нигаронида шудааст; бо тартиби муқарраршуда ҷуброни зараре, ки ба объектҳои обӣ расонида шудааст; аудит; ташхис; кадастрҳо ва ғайра.

Сиёсати нархгузорӣ дар идоракунии об бояд нақши муҳимми ҳавасмандкунандаро дар гузариш ба муносибатҳои бозорӣ касб намояд [3,с.9]. Тағйирот дар сиёсати нарх дар соҳаи истифодаи об аз пардохтҳо барои ифлос кардани обанборҳо, инчунин, навъи технология ва сифати маҳсулот вобастагӣ дорад. Ба андешаи мо, қонунҳоеро қабул кардан зарур аст, ки ҳавасмандкунии истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаро бо истифодаи технологияҳои каммасраф ва безарар пешбинӣ мекунанд. Фишанги нархгузории идоракунии иқтисодӣ танҳо дар шароити рақобати озод ва рушдкарда самараноктар аст. Механизми иқтисодии истифодаи об яке аз омилҳоии ҷамъкунанда дар ҷараёни идоракунии захираҳои об мебошад, ки он бояд иҷрои баъзе вазифаҳоро таъмин кунад (расми 1).

Ҳангоми муқаррар кардани лимитҳои истифодаи об ва муайян кардани нишондиҳандаҳои пешгӯишаванда (ҳаҷми истеъмоли об ва ихроҷи об) бояд таваҷҷуҳ ҳам ба параметрҳои техникиву иқтисодии иқтидорҳои истеҳсолӣ, ҳам ба ҳаҷми воқеии истеҳсолот, инчунин, ба нишондиҳандаҳои мушаххаси муҳити зист дода шавад. Нуқтаҳои зерин метавонанд барои муайян кардани ҳаҷми истифодаи об дар минтақа чун меъёр хидмат кунанд: - иқтидори ғунҷоиши об дар таркиби ММД; - шиддатнокии ихтиёрдории об (таносуби партовҳои об нисбат ба ММД); - шиддатнокии истифодаи дубора ва аз нав пайдарҳамии об (таносуби ҳаҷми истифодаи обҳои пайдарпай нисбат ба ММД).

Ба андешаи баъзе муаллифон, интихоби ҳадафи рушди иқтисодиёти кишвар аз оқилона истифода бурдани захираҳои об ҳангоми мукаммалгардонии механизмҳои истифодаи захираҳои табиӣ дар иқтисодиёти миллӣ (як намуди механизми иқтисодӣ бо

маҳдудиятҳои нарм) ва ё ба эътидол ва коҳиш додани истифодаи захираҳои обӣ (навъҳои механизмҳои дурушт ва ҳавасмандкунанда) вобастагӣ дорад. Ба андешаи мо, ин механизмҳои истифодаи об дар шакли софи худ вуҷуд надоранд, аз ин рӯ ҳамоҳангии онҳо ногузир ва тавсияшавандаанд [6,с.47]. Дар ин маврид бисёр лаҳзаҳо аз технологияҳо, соҳаҳо ва фаъолиятҳои мушаххас вобастагӣ доранд. Дар ояндаи наздик, аз нуқтаи назари сабзшавии иқтисодиёт дар саросари ҷаҳон зарур аст, ки механизмҳои ҳавасмандкунанда ва қатъи истифодаи об дар минтақаи Осиёи Марказӣ якҷоя карда шаванд.

Расми 1. Нақшаи сохтории низоми идоракунии обӣ



Моҳияти таҳияи механизми иқтисодии истифодаи об бо хусусиятҳои ташкилию иқтисодии идоракунии об муайян карда мешавад. Бо назардошти он ки корхонаҳои хоҷагии об дар бахшҳои иқтисодиёт "пароканда" ҷойгир шудаанд ва идоракунии онҳо аз ҷониби вазорату идораҳои гуногун идора карда мешавад, истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ҳамоҳангсозии амалҳои тамоми созмонҳоро дар робита бо истеъмол ва такрористеҳсоли обро талаб менамояд [2,с.229]. Ҳамин тавр, хулоса кардан лозим аст, ки дар шароити бозор нақши механизми иқтисодӣ дар ҳалли муассири масъалаҳои истифода ва ҳифзи захираҳои об дар асоси тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии минтақа ба таври назаррас меафзояд. Ғайр аз он, истифодаи механизми иқтисодӣ нисбат ба истифодаи усулҳои маъмурӣ метавонад насбатан самараноктар бошад. Мушкилот аз мукаммалгардонии асноди мавҷудаи иқтисодӣ бо мувофиқати онҳо ба вазъи мавҷудаи иҷтимоию иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии минтақа ва иродаи роҳбарони кишварҳои минтақа ҷиҳати таъмини пайгиронаи татбиқи принсипҳои ин механизм иборат аст.

Ба андешаи мо, дар шароити Осиёи Марказӣ барномаи дарозмуҳлати мақсадноки рушди ҳамаҷонибаи истифодаи фаромарзии об лозим аст, ки бояд заминаи қонунгузорӣ ва меъёриро барои татбиқи самарабахши тамоми нақшаҳои пешбинишуда дошта бошад. Ҳамзамон, бояд ба манбаъҳои устувори маблағгузорӣ, аз ҷумла маблағҳои буҷаҳои сатҳҳои гуногун, манбаъҳои ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла қарзҳои бонкӣ, имкониятҳои лизинг, маблағҳои сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ барои беҳтар кардани вазъи захираҳои оби минтақа диққати махсус дода шавад. Танҳо дар сурати муттаҳид кардани саъю кушишҳои ҳамаи кишварҳои минтақа ва мустаҳкам кардани онҳо бо дастгирии молиявӣ аз дохил ва беруна, дар масъалаҳои истифодаи оқилона ва ҳамаҷонибаи ин сарчашмаи бебаҳо ба мисли об ба муваффақият ноил шудан мумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Хафизов М.Д. Интегрированное управление водными ресурсами на основе устойчивой модели / М.Д. Хафизов // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/10. -С.96-100.
2. Абдурахмонов Ф.А. Экосистемный подход и устойчивое водопользование в системе эколого-экономических факторов / Ф.А. Абдурахмонов, М.Д. Хафизов // Таджикистан и современный мир. -Душанбе, 2017. -№2(57). -С.226-239.

3. Чоршанбиев С.Р. Инновационные кластеры как форма развития энергетической инфраструктуры региона: зарубежная практика / С.Р. Чоршанбиев // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2014. -№2/5(141). -С.6-10.
4. Кимсанов У.О. Технико-экономические направления обеспечения водно-энергетической безопасности Республики Таджикистан / У.О. Кимсанов // Europaische Fachhochschule. 2016. -№2. -С.94-96.
5. Урунбаева Н.А. Устойчивое водопользование - основа роста экономики Республики Таджикистан / Н.А. Урунбаева // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/4-2. -С.119-122.
6. Саидов С.С. Бассейновый подход в управлении трансграничными водными ресурсами / С.С. Саидов // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2015. -№2/3(165). -С.44-48.

МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНИИ УСТУВОРИ ОБӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Дар мақола самтҳои асосии такмили механизми истифодаи устувори об дар Осиёи Марказӣ баррасӣ карда шудаанд. Дар муддати тӯлонӣ ақидаи номаҳдудияти захираҳои обӣ ва мутаносибан ройгон ба даст овардани онҳо вуҷуд дошт. Аммо бо рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва, хусусан, саноатҳои аз об сероб, ифлоскунии манбаъҳои об, пайдоиши ихтилофҳо байни истифодабарандагони об оид ба истифодаи захираҳои об ва ниҳоят, дар норасоии об, ки дар як қатор ҳавзаҳои дарёҳои бузург пайдо шудааст, харочотҳои ҷомеа барои зиёд кардани захираҳои мавчудаи об ва то ба стандартҳои зарурии сифатӣ расидан онҳо хеле афзудаанд. Маълум гардид, ки дар шароити муосир об захираи маҳдуд ва барои ҷомеа гаронбаҳо ба ҳисоб меравад. Муаллифон бар он андешаанд, ки дар шароити муосир механизми самараноки истифодаи об ин механизми иқтисодӣ бо назардошти талаботи манфиатҳои экологии ҷомеа мебошад. Механизми иқтисодии истифодаи об ҷузъи таркибии системаи идоракунии давлатӣ ва танзими идоракунии об мебошад ва бо назардошти талаботу маҳдудиятҳои экологӣ принсипи муҳимтарини консепсияи фаъолияти аз ҷиҳати экологӣ асосноки системаҳои истифодаи об дар минтақа ба ҳисоб меравад, ки ба экологикунонии истифодабарии захираҳои обу замин нигаронида шудаанд.

Калидвожаҳо: истифодаи устувори об, механизми иқтисодӣ, экология, минтақа, идоракунӣ, рушд, захираҳои об, захираҳо, технологияҳо, истифодаи пулакии об.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО МЕХАНИЗМА УСТОЙЧИВОГО ВОДОПОЛЬЗОВАНИЯ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

В статье рассмотрены основные направления совершенствования механизма устойчивого водопользования в условиях Центральной Азии. На протяжении длительного периода господствовало представление о неограниченности водных ресурсов и соответственно о бесплатности их получения. Однако, с развитием производительных сил, и особенно водоемких производств, загрязнением водных источников, возникновением противоречий между водопользователями по поводу использования водных ресурсов и, наконец, в возникшем дефиците воды в ряде бассейнов крупных рек, затраты общества на увеличение располагаемых водных ресурсов и их доведение до необходимых стандартов качества резко возросли. Стало очевидно, что вода является ограниченным и довольно дорогостоящим для общества ресурсом в современных условиях. Авторами утверждается, что в современных условиях наиболее эффективным механизмом водопользования является экономический механизм с учетом требования экологических интересов общества. Экономический механизм водопользования становится важнейшим составляющим системы государственного управления и регулирования водохозяйственной деятельности, а с учетом экологических требований и ограничений - важнейшим принципом концепции экологически безопасного функционирования систем водопользования в регионе, ориентированного на экологизацию использования водно-земельных и других ресурсов.

Ключевые слова: устойчивое водопользование, экономический механизм, экология, регион, управление, развитие, водные ресурсы, ресурсы, технологии, платное водопользование.

IMPROVING THE ECONOMIC MECHANISM OF SUSTAINABLE WATER MANAGEMENT IN CENTRAL ASIA

The article considers the main directions of improving the mechanism of sustainable water use in Central Asia. For a long period, the idea of unlimited water resources and, accordingly, of their free receipt prevailed. However, with the development of productive forces, and especially water-intensive industries, pollution of water sources, the emergence of contradictions between water users about the use of water resources and, finally, the water shortage that has appeared in a number of large river basins, the costs of society to increase the available water resources and bring them to required quality standards have risen sharply. It became obvious that water is a limited and quite expensive resource for society in modern conditions. The authors argue that in modern conditions the most effective mechanism for water use is the economic mechanism, considering the requirements of the environmental interests of society. The economic mechanism of water use is becoming the most important component of the system of public administration and regulation of water management, and considering environmental requirements and restrictions, it is the most important principle of the concept of environmentally safe functioning of water use systems in the region, aimed at the greening of the use of water-land and other resources.

Key words: sustainable water use, economic mechanism, ecology, region, management, development, water resources, resources, technologies, paid water use.

Сведения об авторах: ***Курбонов Абдулхайр Каримович*** - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа и аудита. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 917-24-24-83**
Хафизов Мухаммадином Диловаршоевич - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры информационные системы в экономике. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 989-00-33-55.** E-mail**: md_hafizov@mail.ru**

Information about the authors: ***Kurbonov Abdulkhair Karimovich*** - Tajik National University, Doctor of Economic science, Professor, department of economic analysis and audit. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17. Phone: **(+992) 917-24-24-83**
Hafizov Muhammadinom Dilovarshoevich - Tajik National University, assistant of the department of information systems in economics. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17. Phone: **989-00-33-55**

УДК 330.34(575.3)

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАСНИФОТИ САРМОЯГУЗОРИҲО

Раҳматов У.Р.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Фаъолияти сармоягузорӣ яке аз бахшҳои муҳим дар рушди иқтисодиёти мамлакат ба шумор меравад. Ҳангоми соҳибистиқлол гардидан ҳар як давлат барои пешравии иқтисодиёт санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатии сатратегӣ қабул менамояд, ки он ба манфиати рушди иқтисодиёти кишвар мебошад. Дар ҳолати нокифоя будани маблағҳои худӣ ҳар як давлат кӯшиш менамояд, ки ҳар чӣ бештар барои пешравии иқтисодиёти худ ба соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷиро ҷалб намояд.Дар ҷалб намудани сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ давлат бояд кафолатдиҳандаи асосӣ бошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳайё намудани шароити мусоид ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ»-ро (25 апрели соли 2007, таҳти №545) қабул намуд. Баъд аз ин Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (15 марти соли 2016, таҳти №1299) қабул карда шуд [1].

Он давлатҳое, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққӣ накардаанд, сармоягузорӣ метавонад барои пешравии бахшҳои рушди иқтисодиёти онҳо кумакрасон бошад. Дар натиҷаи сармоягузорӣ намудан ба иқтидорҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳо ҳаҷми истеҳсолот афзун мегардад, даромаднокӣ ва фоидаи онҳо зиёд мешавад. Таъсири мусбии сармоягузорӣ дар бахшҳои муҳимми иқтисодиёт аз ҷумла кишоварзӣ, саноат, сохтмон ба он оварда мерасонад, ки сатҳи бекорию касри буҷетро бартараф намуда, бозори дохилӣ ва ҷаҳониро бо молҳои сифатан аъло таъмин менамояд. Барои нокифоя будани маблағҳои буҷет ҳар як давлатро зарур аст, ки сармоягузориро ҳамчун як усули пешбаранда дар рушди иқтисодиёт истифода намояд. Сармоягузорӣ ҳамчун сарчашмаи захираҳои молиявӣ дар пешравии бахшҳои муҳимми иқтисодиёт мусоидат мекунад.

Масъалаи муҳим дар маркази рақобати ҳозираи чаҳон ин мубориза баҳри манбаъҳои сармоягузорӣ аст. Хусусан, дар шароити ҳозира таъмин намудан бо маблағ дар лоиҳаҳои рушди корхона танҳо аз ҳисоби воситаҳои худии корхона бидуни ҷалби сармояҳои калон ба афзоиши рақобатпазири ноил гаштан имконнопазир мебошад. Кулли корхонаҳои ватанӣ имрӯз бо зарурати ҷустуҷӯйи манбаъҳои ивазкунандаи сармоягузорӣ дучор омадаанд. Маҷмӯи андӯхти миллӣ дар навбати аввал – пасандозҳои хоҷагиҳои хонагӣ ва шаклҳои дастҷамъонаи пасандозҳо дар намуди воситаҳои ба низоми андӯхти нафақавӣ гузошташудаи ба идора додашуда ва ба маҳсулоти суғуртавӣ табдилёфта буда, ҳамон манбаъҳое мебошанд, ки метавонистанд ба дараҷаи назаррас сармоягузории иқтисодиётро таъмин намоянд.

Он қисми пасандозҳое, ки аҳолӣ ба сармоягузорӣ равон менамояд, навъи махсуси пасандозҳоест, ки ҳадафи асосии онҳо маблағгузорӣ ба дороиҳои даромадоваранда аст. Чунин навъи пасандозҳо ба болои он пасандозҳои зарурӣ, ки ба мақсадҳои истеъмолӣ истифода бурда мешаванд, зам мегарданд. Аз нуқтаи назари қонеъгардонии талаботи минбаъдаи онҳо ҳамчун маҷмӯи воситаҳое, ки дар фондҳои пасандозии сармоягузорӣ ва фондҳои пасандозӣ барои ҳолатҳои пешбининашуда ё ин ки пиронсолӣ андӯхт карда мешаванд, баромад менамоянд. Қисми даромади пасандозшуда барои хариди неъматҳои моддӣ ва қисми дигари он ба амонатгузорӣ равона карда мешаванд. Маҳз, ҳамин намуди пасандозҳо барои сармоягузорӣ таъйин гардидаанд. Ба ибораи дигар, маҳз ҳамин қисми андӯхтшавандаи даромади аҳолӣ, ки ба василаи воситаҳои карзӣ, амонатҳо, қоғазҳои қиматнок ба бозори молия равона мегарданд, пасандозҳои сармоягузории аҳолӣ ба ҳисоб мераванд. Метавон чунин пасандозҳоро дар бозори фондӣ ба муомилот гузошт. Ин фондҳо дар маблағгузорӣ дорои имконоти нодир буда, барои ҷалб кардани сармоягузорон, бояд кулли имконоти худро истифода баранд. Аҳолӣ дар бозори фондии миллӣ ба сифати сармоягузорони инфиродӣ фаъолият карда, ба мукаммал гардонидани заминаи иқтисодиёт мусоидат менамояд. Барои ҳавасманд гардонидани фаъолияти сармоягузории аҳолӣ тарҳрезии тадбирҳои ислоҳгаронаи танзимоти давалатӣ зарур аст, ки ин тадбирҳо инкишоф додани механизмҳои чубронгари ҳимояи сармоягузорон, аксуламали фаъолияти пирамидаҳои молиявӣ, ба вуҷуд овардани шароит ва уҳдабароёна

идора кардани бастаи сармоявии инфиродиро дар бар мегиранд. Дар маҷмӯъ, тадбирҳои мазкур бояд ба вусъат ёфтани маблағгузории инфиродӣ, инчунин, ба баланд гардидани таъсири мусбати он ба самаранокӣ, бозоргирӣ ва ғунҷоиши бозори миллии қоғазҳои қиматнок нигаронда шуда бошанд [2,с.189].

Олимони рус О.Б Веретеникова ва Е.С. Рибиной сармоягузориро дар стратегияи соҳаи саноат, афзоиши даромади буҷети давлатӣ, афзоиши ширкатҳо, ворид гардидан дар бозорҳои хориҷӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва баланд бардоштани сармояи пулӣ манфиатовар муайян намуданд. Иқтисодшиноси дигари рус Б.Т. Кузнецов оиди объектҳои сармоягузорӣ чунин тавсия медиҳад, ки барои муайян кардани арзиши сармоя, ки натиҷаҳои фоида аз иҷрои он ба даст меояд, хароҷоти сармоягузорӣ низ муайян карда шавад.

Оиди сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёт олими фаронсавӣ Э. Класс чунин гуфтааст, ки сармоягузориҳо ин захираҳои иқтисодӣ барои баланд бардоштани сармояи воқеии ҷомеа, яъне васеъ ва навсозии таҷҳизоти истеҳсолӣ равона шуда, сипас сармоягузорӣ ба қисман ё аз нав кардани сармояи асосӣ низ равона карда мешавад. Ба сармоягузориҳои умумӣ низ ин намуди сармоягузориҳо дохил карда мешавад. Назарияҳои дигари олимони фаронсавӣ Дерек Стоун ва Клод Хитчинг ҳамчун сармоягузорӣ маънои хароҷоти пулӣ ё ба ҳамин монандро дорад, ки дар оянда маблағи зиёд аз маблағҳои хароҷотшуда гирифта шавад. Инчунин, дигари олими фаронсавӣ Р. Массе менависад: сармоягузорӣ як амали дастгирӣ барои манфиатҳо ва мубодилаи қаноатбахши талаботи имрӯзу оянда мебошад [3,с.12].

Диққати олимону донишмандон бештар ба масъалаи нақши сармоягузории хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ равона шудааст. Аз ҷумла, дар бораи сармоягузориҳо ба соҳаи сайёҳӣ донишмандони зиёде, маълумот додаанд. Ба хусус дар асари донишманди рус Здоров А.Б. дар китоби «Экономика туризм инвестиция в туризм» аз ҷониби муаллиф қайд мешавад, ки сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо мақсадҳои муайян дар самтҳои гуногун ҳадафнок, барномавӣ, низомманд ва хуб бояд истифода бурда шавад. Яъне, аз гуфтаи ин олим бармеояд, ки тарзи нодуруст истифода намудани маблағҳо метавонад иқтисодиёти кишварро ба касодӣ оварда расонад. Яке аз манбаъҳои кам намудани касри буҷет ин ба мамлакат овардани сармояи хориҷӣ мебошад [4,с.256].

Ба ақидаи иқтисодшинос Х.У. Умаров дар Тоҷикистон, ҷалби инвеститсияҳои мустақими хориҷӣ дар шароити кунунӣ метавонад ба таҳкими иқтидори иқтисодӣ, балки коҳиш додани фарогирии амволии аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, зуд ва ҳалли мушкилоти муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодиро пешгири кунад [5,с.70-71].

Мусоидат намудани сармоягузории хориҷиро дар рушди иқтисодиёт иқтисодшинос Касимова А.А. чунин гуфтааст, ки васеъкунии ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ ба мукаммалгардонии интиқоли технологияҳои нав, дастгоҳҳо оварда расонида, ба зиёдшавии ҷойҳои нави корӣ, тахассуснокшавии қувваи корӣ, зиёдшавии захираи асъорӣ ва ба афзоиши пардохтҳои андоз ба буҷа оварда мерасонад. Ин хусусиятҳои сармоягузории хориҷиро ба инобат гирифта, дар навбати худ Тоҷикистон ва мо ҳам дар ҷалби онҳо ҳавасманд мебошем [6,с.24].

Сармоягузорӣ дар бахши энергетика дар рушди иқтисодиёт имрӯзҳо хеле зарур мебошад, ки оиди ин профессор Ҳ.Р. Ҳисайнов чунин гуфтааст, ки “яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодиёти сабз ин сармоягузориҳо барои дастрасӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об ва қувваи барқ ба ҳисоб меравад”. Барои таъмини дастрасӣ бо қувваи барқи аҳолии мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ сармоягузорӣ дар солҳои 2010-2030 дар ҳаҷми 756$ млрд, ё ин ки 36 млрд$ дар як сол лозим мешавад. Дар муносибат бо зазираҳо обӣ дар маърузаи СММ қайд карда мешавад, ки сармоягузорӣ ба соҳаи об аз нуқтаи назари иқтисодӣ барои институтҳо (ниҳодҳо)-и байналмилалӣ ва миллӣ яке аз самтҳои асосии фаъолгардонии рушди иқтисоди сабз ба ҳисоб меравад [7,с.367].

Барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ профессор Саидмуродов Л.К чунин андеша дорад, ки ҳангоми ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ яке аз стратегияҳое, ки оқибатҳои нокифояи манфиатҳои миллии кишварро паст нишон медиҳад, сармоягузории хориҷӣ ба рушди устуворӣ он мусоидат мекунанд [8,с.27].

Аҳамияти сармоягузориро дар рушди корхонаву ташкилотҳо олими рус С. Губанов чунин гуфтааст, ки сармоя ин ҷойгиркунии воситаҳои пулӣ ба ягон лоиҳаҳои дарозмӯҳлати корхона, ташкилот мебошад [9,с.60-61].

Мафҳуми сармоягузориро олимони ватанию хориҷӣ ба таври гуногун шарҳ доданд. Сармоягузорӣ ин гузоштани воситаҳои асосӣ ва гардон дар муҳлати муайяни вақт барои ҳама намуди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки мақсади асосии он ба даст овардани фоида мебошад.

Моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ дар он мебошад, ки соҳибкорон бо мақсади ба даст овардани фоида маблағҳои озоди худро дар бахшҳои муҳимми иқтисодиёт

мегузоранд. Бо ин восита ҳам пайдо гардидани ҷойҳои нави корӣ, андозсупорандаи нав ба буҷет, камшавии касри буҷет, зиёд гардидани пасандозҳо дар бонкҳо, ба зиёд гардидани истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ мусоидат менамояд.

Барои рушди иқтисодӣ ва инкишофи самаранокии истеҳсолот сармояи ҳақиқӣ нақши хеле назаррас дорад, ки дар шакли маблағгузорӣ амалӣ карда мешавад.

Маблағгузории сармоя ин сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ, аз ҷумла ба сохтмони нав, барои васеъ, таҷдид ва азнавсозии техникии истеҳсолоти амалкунанда ва дигар хароҷоти истеҳсолӣ мебошад. Маблағгузории сармояи таҷдидӣ, технологӣ ва соҳавиро фарқ мекунанд:

а) аз рӯйи сохтори таҷдидӣ маблағгузории сармоя барои сохтмони нав, васеъ, таҷдид ва азнавсозии технологии истеҳсолоти амалкунанда равона карда хоҳад шуд.

б) сохтори технологии маблағгузории сармоя хароҷотро барои корҳои сохтмонӣ – васлкунӣ, таҷҳизот, дастгоҳҳо ва ғайра (корҳои ҷустуҷӯй, лоиҳавӣ, маъмурият, тайёр кардани мутахассисон) дар бар мегирад.

Барои оқилонаю самарабахш истифодабарии сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёт таснифоти сармоягузорӣ аз рӯйи меъёрҳои асосие, ки дар амалия истифода бурда мешаванд, инҳо мебошанд:

1. Аз рӯйи соҳаи маблағгузорӣ сармоягузории ҳақиқӣ ва молиявиро фарқ мекунанд:

а) сармоягузории ҳақиқӣ – маблағгузории воситаҳо ба активҳои моддӣ ва ғайриморддӣ мебошад;

б) сармоягузории молиявӣ – маблағгузории воситаҳо ба активҳои гуногуни молиявӣ (қоғазҳои қиматнок, саҳмия, ҳиссаи иштирок, депозитҳои бонкӣ) мебошад.

2. Аз рӯйи муҳлати сармоягузорӣ навъҳои кӯтоҳмуҳлат (то 1 сол), миёнамуҳлат (1-3 сол) ва дарозмуҳлат (зиёда аз 3 сол) мавҷуданд. Дар ташкилот асосан навъҳои кӯтоҳмуҳлат ва дарозмӯҳлати сармоягузориро фарқ мекунанд.

3. Аз рӯйи табиати иштирок дар сармоягузорӣ навъҳои мустақим ва ғайримустақими сармоягузориро фарқ мекунанд:

а) сармоягузории мустақим иштироки бевоситаи сармоягузорро дар гузориши воситаҳо дар назар дорад;

б) сармоягузории ғайримустақим ба фаъолияти миёнарави сармоягузорӣ вобаста аст.

4. Аз рӯйи шакли моликият сармоягузории хусусӣ, давлатӣ ва коллективиро фарқ мекунанд:

а) сармояи хусусӣ воситаҳое мебошад, ки аз ҷониби шаҳрвандон ва ташкилотҳои хусусӣ гузошта мешаванд;

б) сармояи давлатӣ воситаҳоеанд, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва идорӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ аз ҳисоби воситаҳои буҷетӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ ва дигар воситаҳои сармоявӣ гузошта мешаванд;

в) сармояи маҳаллӣ воситаҳое мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва идорӣ гузошта хоҳанд шуд. Агар капитали сармояшаванда аз ҳисоби сармояи давлатӣ ва хусусӣ амалӣ гардад, онро сармояи омехта меноманд.

5. Аз рӯйи сатҳи даромаднокӣ сармояи сердаромад, миёнадаромад, камдаромад ва бедаромадро фарқ мекунанд:

а) сармояи сердаромад гузориши сармояро дар лоиҳаҳои сармоявӣ (сармояи молиявӣ)-е таҷассум мекунад, даромаднокии он дар оянда аз меъёри миёнаи даромаднокии бозори сармоягузорӣ зиёд аст;

б) сармояи миёнадаромад гузориши сармояро дар лоиҳаҳои сармояви (сармояи молиявӣ) ифода мекунад, ки даромаднокии он дар оянда ба меъёри миёнаи даромаднокии бозори сармоягузорӣ мувофиқ аст;

в) сармояи камдаромад гузориши сармояро дар лоиҳаҳои сармоявӣ (сармояи молиявӣ)-е ифода мекунад, ки даромаднокии он дар оянда аз меъёри миёнаи даромаднокии бозори сармоягузорӣ кам аст;

г) сармояи бедаромад гузориши сармояро дар лоиҳаҳои сармоявӣ ифода мекунад, ки сармоягузор дар оянда даромад намегирад (лоиҳаҳои иҷтимоӣ, экологӣ).

6. Аз рӯйи сатҳи хавфи сармоявӣ сармояи камхавф, миёнахавф ва баландхавфро фарқ мекунанд. Ба сифати меъёри хавнокӣ хавфи миёнавии бозор қабул карда шудааст.

7. Аз рӯйи нуқтаи назари таҷдидӣ сармояи умумӣ, реноватсионӣ ва сармояи тозаро фарқ мекунанд:

а) сармояи умумӣ маҷмӯи сармояҳое мебошанд, ки барои таҷдиди воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайриморддӣ дар муҳлати муайян равона шудаанд;

б) сармояи реноватсионӣ барои таҷдиди содаи воситаҳои асосӣ активҳои ғайриморддии амортизатсияшаванда дар муҳлати муайян гузошта мешаванд;

в) сармояи тоза бо мақсади таҷдиди васеи воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ равона карда мешавад.

8. Аз рӯйи маҳалли сарчашмаи ҷалби сармоя сармояи дохилӣ (миллӣ) ва хориҷиро фарқ мекунанд:

а) сармояи дохилӣ аз ҷониби резидентон (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) гузошта мешавад;

б) сармояи хориҷӣ аз ҷониби нерезидентҳо (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ), инчунин, давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ ворид мегарданд.

9. Аз рӯйи шакли ташкилии сармоя лоиҳаи сармоягузорӣ ва ҷузвдони сармоягузориро фарқ мекунанд:

а) лоиҳаи сармоягузорӣ нақши асоснокӣ, ҳаҷм, муҳлат ва натиҷаи фаъолияти сармоягузориро ифода менамояд;

б) ҷузвдони сармоягузорӣ маҷмӯи объектҳои сармоягузорие мебошад, ки мувофиқи нақшаҳои стратегии ташкилот мақсаднок тартиб дода мешаванд [10,с.263-266].

Барои таъмин ва пешбурди рушди иқтисодиёт сармоягузорӣ чунин вазифаҳои асосиро иҷро менамояд:

- Сармоягузорӣ раванди истеҳсолотро бо сармояи асосӣ ва гардон таъмин мекунад;
- Сармоягузорӣ ҳамагуна сармояро афзоиш медиҳад;
- Сармоягузорӣ дар байни ҳама бахшҳои иқтисодиёт ҳамчун ёридиҳанда мебошад;

Сармоягузорӣ яке аз омилҳои асосӣ ва муҳим дар рушди ҳама бахшҳои иқтисодиёт ба шумор меравад. Ҳамзамон, бояд зикр кард, ки сармоягузорӣ азнавкунӣ ва афзоиши воситаҳои асосӣ ва гардонро ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тариқ, баъди омӯзиши ҷанбаҳои назариявии фаъолияти сармоягузорӣ мо ба чунин хулоса омадем:

1. Сармоягузорӣ ин яке аз бахшҳои муҳимме мебошад, ки афзоиши воситаҳои асосӣ ва гардонро дар рушди корхонаҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд меорад;

2. Ба воситаи сармоягузорӣ метавон гуфт, ки соҳаи маориф, тандурустӣ, энергетика ва дигар соҳаҳои муҳим рушд меёбад;

3. Ҳангоми сармоягузорӣ намудан дар корхонаҳои саноатии истеҳсолӣ технологияи нав, истеҳсоли молҳои сифатан аъло, ҷойҳои нави корӣ, инчунин, содироти молро низ дар бозори ҷаҳонӣ зиёд мекунад;

4. Сармоягузорӣ барои ташкилёбию зиёд намудани сармояи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарзӣ, инчунин, барои бартараф намудани беқурбшавии пул мусоидат мекунад.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузориҳо». Ахбори Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1299,15 марти соли 2016.
2. Буриева М.Ч. Пути привлечения инвестиций посредством фондовых рынков в Республике Таджикистан / М.Ч. Буриева // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). -Душанбе: Сино, 2015. -№2/5(172). -С.189.
3. Инвестиции: Учебник / Ю.М. Склярова [и др.]. -Ростов н/Д: Феникс, 2015. –С.12.
4. Здоров А.Б. Экономика туризма / А.Б. Здоров // Инвестиция в туризме. -М.: Финансы и статистика, 2005. -256 с.
5. Умаров Х. Кризис в Таджикистане. Глубина действия, формы проявления, пути преодоления, антикризисные меры Правительства Республики Таджикистан: первые позитивные результаты / Х. Умаров. -Душанбе: Ирфон, 2010. –С.70-71.
6. Касымова А.А. Проблемы привлечения иностранных инвестиций в экономику Киргизской Республики: дисс.…канд.экон.наук: 08.00.14 / А.А. Касымова. –М., 2001. - 24 с.
7. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ / Ҳ.Р. Исайнов. -Душанбе: Ирфон, 2018. -№17/19. -367 с.
8. Кандиерова Д.О. Формирование инвестиционного климата Республики Таджикистан: проблемы и перспективы / Кандиерова Д.О. // Сборник материалов международной научно-практической конференции на тему: «Формирование инвестиционной модели развития Республики Таджикистан». -Душанбе, 14.12.18. -27 с.
9. Губанов С.Глубинные проблемы инвестиционных процессов// Экономист.- 2001г.- № 8.- С.60-61.
10. Ҳ.Қ Шоймардонов Нақши сармоягузорӣ дар рушди иқтисодии субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.Қ Шоймардонов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи: «Нақш ва аҳамияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисоди миллӣ». -Кӯлоб, 27-28 майи соли 2016. -С.263-266.

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ТАСНИФОТИ САРМОЯГУЗОРИҲО

Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ ва ба гурӯҳҳо тақсим кардани фаъолияти сармоягузорӣ мавриди тадқиқу таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф ҳангоми навиштани мақола бештар паҳлуҳои назариявии фаъолияти сармоягузориро тадқиқ карда, ақидаҳои олимони хориҷиро оиди мафҳуми сармоягузорӣ ҳамчун манбаъ истифода кардааст. Маънидодкунии мафҳуми сармоягузорӣ, фикру мулоҳизаронии олимони соҳаи иқтисод вобаста ба фаъолияти сармоягузорӣ, таснифоти сармоягузорӣ, вазифаҳои асосии фаъолияти сармоягузорӣ мазмун ва моҳияти асосии мавзӯи мақолаи мазкурро ташкил медиҳад. Дар қатори олимони хориҷӣ низ ақидаҳои олимони ватаниро истифода карда, аз онҳо роҷеъ ба фазои сармоягузорӣ дар кишвар, хусусан тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика дар мақола таҳлилҳо гузаронида шудааст. Муаллиф дар мақола дуруст қайд мекунад, ки иқтисодиёти ҳар як кишвар новобаста ба рушди иқтисодиёташ ба фаъолияти сармоягузорӣ, хусусан лоиҳаҳои сармоягузорӣ ниёз дорад.

Маҳз аз ҳамин сабаб имрӯзҳо барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт аз ҷониби роҳбарияти кишвар бисёр сабукиҳо ва имтиёзҳои давлатӣ дода шудааст. Ҳамзамон, ба муаллиф муясар шудааст, ки фаъолияти сармоягузориро ба гурӯҳҳо тақсим карда, ҳар як нуқтаи асосии онро маънидод кардааст. Дар хотимаи мақола муҳақиқи ҷавон хулосаи конкретии худро роҷеъ ба ҷанбаҳои назариявии фаъолияти сармоягузорӣ маънидод кардааст.

Калидвожаҳо: сармоягузорӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, таснифоти сармоя, мафҳуми сармоягузорӣ, олимони ватанӣ ва хориҷӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, сармоягузорӣ дар самти энергетика.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И КЛАССИФИКАЦИЯ ИНВЕСТИЦИЙ

В этой статье рассматриваются теоретические основы и разбивка инвестиционной деятельности на группы. При написании статьи автор исследовал теоретические аспекты инвестиционной деятельности и использовал взгляды зарубежных учёных на концепцию инвестиций в качестве источника. Определение инвестиций, взгляды учёных-экономистов относительно инвестиционной деятельности, классификация инвестиций, основные функции инвестиционной деятельности являются содержанием темы данной статьи. Наряду с мнениями зарубежными учёными, также приводятся мнения национальных учёных, в статье анализируется инвестиционный климат в стране, в том числе реализация инвестиционных проектов в энергетическом секторе. Автор справедливо указывает, что экономика любой страны, независимо от её экономического развития, нуждается особенно в инвестиционных проектах. Именно поэтому сегодня правительству страны предоставлены большие привилегии для развития инвестиционной деятельности в различных секторах экономики. В то же время автору удалось разделить инвестиционную деятельность на группы, объяснив каждый из ключевых моментов. В конце статьи молодой исследователь объяснил свой конкретный вывод относительно теоретических аспектов инвестиционной деятельности.

Ключевые слова: инвестиции, инвестиционная деятельность, классификация капитала, инвестиционные концепции, отечественные и зарубежные учёные, инвестиционные проекты, инвестиции в энергетику.

ASPECTS THEORETICAL AND CLASSIFICATION OF INVESTMENTS

This article explores the theoretical foundations and the breakdown of investment activities into groups. While writing the article, the author investigated the theoretical aspects of investment activity and used foreign scholars' views on the concept of investment as a source. The definition of investment, the views of economic scholars regarding investment activities, the investment classification, the main functions of investment activities are the content and substance of the topic of this article. Along with foreign scientists, the articles are also used by the national scientists, analyzing the investment climate in the country, especially the implementation of investment projects in the energy sector. The author rightly points out that the economy of each country, regardless of its economic development, needs investment projects, especially investment projects. That is why today the Government of the country has been given great privileges and privileges for the development of investment activity in various economic sectors. At the same time, the author was able to divide the investment activities into groups, explaining each of the key points. At the end of the article, the young researcher explained his concrete conclusion regarding the theoretical aspects of investment activity.

Key words: investment, investment activity, capital classification, investment concepts, domestic and foreign scientists, investment projects, investment in energy.

Сведения об авторе: ***Рахматов Умед Раджабович*** **-** Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, ассистент кафедры финансов и кредита. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **918-70-99-65**. E-mail: **ddkrur@mail.ru**

Information about the author: ***Rakhmatov Umed Rajabovich*** **-** Kulyab State University named after Abuabdulaha Rudaki, Assistant, Department of Finance and Credit. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova street 16. Phone: **918-70-99-65.** E-mail: **ddkrur@mail.ru**

УДК.:631.15.631.155.3

ОМИЛҲО ВА ШАРОИТҲОИ РУШДИ УСТУВОРИ ҲУДУДҲОИ ДЕҲОТИ ТОҶИКИСТОН

Қудратов Р.Р., Ҳакимзода М.М.
Донишгоҳи молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон,
Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ

Соҳаи кишоварзӣ ҳамчун низоми мушкили истеҳсолӣ дар он ҳолат устувор амал карда метвонад, ки агар тавозуни ҳамаи омилҳои истеҳсолот таъмин гардида бошанд. Дар ин ҳолат сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва аграрии амалишаванда бо таъминоти ҳуқуқӣ ва молиявӣ пайгирӣ карда мешавад. Агар омилҳои истеҳсолот тавозун надошта, сатҳи истифодабарии иқтидори захиравӣ низ баланд набошад, низом ноустувор боқӣ мемонад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки мавқеи махсус дар рушди устувор ба муҳити институтсионалӣ тааллуқ дорад, ки ҳамчун воситаи мутобиққунии васоити таркибҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии устуворро дар бар мегирад. Муҳити институтсионалӣ дар таърихи қадимаи тоҷик таҳти таъсири ҳуқуқи ба худ хоси моликият ба замин, заминдории қавмӣ ва сохти колхозӣ ба миён омад, ки хусусиятҳои мафкураи аҳолии деҳотро ташаккул дод. Дар давраи бисёрасра меъёри маънавӣ-этникии деҳқони тоҷик, расму оин, тамаддун, қолабҳои рафтор ва тафаккур, арзишҳои маънавӣ, рузгор ташаккул ёфта, то ҳол мавҷудияти худро дар деҳот нигоҳ доштаанд. Дар чунин шароитҳои хоси такмилёфта мафкураи иқтисодии деҳқони тоҷик низ ташаккул ёфт. Рӯҳияи деҳқон таърихан ҳамчун

моликияти хусусӣ комил ташаккул наёфта буд. Расму оин, тамаддун ва рӯҳияи он хеле устувор ба ҳисоб нарафта, дар як вақт тағйир ёфта наметавонист. Ҳамзамон, дар баъзе ҳолатҳо ба рушди муосири муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ таъсир расониданро идома дода истодаанд [1]. Ҳангоми идоракунии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар мамлакат бояд як нуқтаро ба инобат гирифт, ки то вақтҳои охир дар ин ҷо то андозае давлатикунонии муносибатҳои кишоварзӣ ҷой дошт.

Қайд кардан ба маврид аст, ки моҳияти рушди устувори соҳаи аграриро И.Г. Ушачёв ҳамчун ягонагии се таркиб шарҳ медиҳад: иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ [2], ки имкон фароҳам меоранд, то рушди иқтисодиёт бо болоравии сатҳи қонеъгардонии талаботҳои аҳолӣ бо талаботҳои экологӣ дар низоми ягонаи иҷтимоӣ-табиӣ пайваст карда шаванд. Олими дигар И.В. Курцев чунин меҳисобад, ки рушди устувори соҳаи кишоварзӣ такрористеҳсолии захираҳоро дар ҳар давраи силсилаи истеҳсолӣ дар сатҳи нисбатан баланд дар нақшаи мусбии натиҷаҳо: андозаҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, афзоиши мунтазами имкониятҳои беҳтарсозии онҳо маънидод месозад. Устуворii такрористеҳсолиро дар КАС ҳамчун қобилияти субъектҳои такрористеҳсолии мазкур оид ба мунтазам дастгирӣ намудани динамикии таносуби оқилона миёни омилҳои такрористеҳсолӣ ва суръати зарурии рушди онро дар шароити номуайянӣ бо мақсади қонеъгардонии мунтазами талаботҳои аҳолӣ ба маҳсулотҳои хӯрокворӣ ва молҳои истеъмолии халқӣ, ки аз ашёи хоми кишоварзӣ истеҳсол мегарданд, муайян мекунад [3].

Қайд кардан ба маврид аст, ки рушди устувори бахши аграрӣ бо таркибҳои бо ҳам зич алоқаманд, яъне иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ муайян карда мешавад. Критерияҳои асосии рушди устувори иқтисодии соҳа афзоиши истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрокаи бехатар бо мақсади қонеъгардонии талаботи аҳолӣ аз рӯйи онҳо, таъмин намудани самаранокии иқтисодии истеҳсолот, ки ба пешбарии такрористеҳсолии васеъ мусоидат менамояд, ба ҳисоб меравад. Таркиби иҷтимоии рушди устувор баландбардории сатҳу сифати ҳаётии деҳқонон, муътадилгардонии равандҳои демографӣ ва муҳоҷиратро дар деҳот дар бар мегирад. Истифодабарии муътадил, баробарии истифодаи захираҳои табиӣ дар замони ҳозира ва ояндаи дарозмуддат ба таъмини бунёди низоми устувори кишоварзӣ, беҳтарсозии сифати муҳити зист ва нигоҳдории захираҳои табиӣ алоқаманд мебошад.

Ба андешаи мо, рушди устувори экологии соҳаи кишоварзӣ имкон фароҳам меорад, то аз бадшавии вазъият ва аз истифодабарии берун мондани заминҳои киштшаванда бартараф намуда, ҳосилхезии замин баланд бардошта шавад. Мафҳуми рушди устувори соҳаи кишоварзӣ бо рушди истеҳсоли маводи озуқаворӣ, истифодабарии самараноки захираҳои иқтисодӣ ва зеҳнӣ, баландбардории сатҳи некуаҳволӣ ва сифати ҳаётгузаронии аҳолии деҳот, истифодбарии муътадил ва баробари дар истифодаи захираҳои табиӣ алоқамандии мустақим дорад. Танҳо ҳангоми тавозунии таркибҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, рушди устувори соҳа дар муддати дарози вақт таъмин карда мешавад [4]. Алоқамандии зичи таркиби рушди устувори соҳаи кишоварзӣ дар (расми 1) нишон дода шудааст. Устуворii истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ ба хусусияти хоси соҳа ва муносибатҳои бозорӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ фарқ мекунад. Соҳа бештар аз шароитҳои табиӣ-иқлимӣ вобастагӣ дорад, ки онро нисбати дигар соҳаҳои иқтисодиёт камустувор мегардонад.

Расми 1. Таркиби рушди устувори соҳаи кишоварзӣ



Манбаъ: аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст

Истифодабарии замин дар раванди истеҳсолӣ ҳамчун захираи ноёб ва маҳдуд, инчунин, организмҳои зиндаи бо имкониятҳои иқтидори гуногундошта истеҳсоли маҳсулот ба воҳиди захираҳои сарфагардида, тавсиф карда мешавад; раванди хотиманаёфтаи интенсификатсия ва саноатикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ; рушди мураккаб ва заифии инфрасохтори иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ, ки ба сатҳи нисбатан пасти ҳосилнокӣ ва музди меҳнат меорад, тасвир карда мешавад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки соҳаи кишоварзӣ ҳамчун низоми ноустувор наметавонад бе таъсири беруна мустақилона рушд ёбад. Таъсири давлат ба рушди самаранокии

истеҳсолоти кишоварзӣ, баланд бардоштани сатҳи ҳаётгузаронии деҳқонон, нигоҳдории муҳити зист барои наслҳои оянда зарур мебошад. Рушди бонизоми соҳаи аграрӣ аз фаъолияти корхона, муносибатҳои оқилонаи байнисоҳавӣ, соҳавӣ ва иқтисодӣ миёни соҳаҳои раванди такрористеҳсолӣ вобастагӣ дорад. Дар сатҳи ташкилоти тиҷоратӣ мафҳуми устувориро, чун қоида, тавассути вазъи молиявии он инъикос менамоянд.

Аз нигоҳи мо, муайянсозии устувории корхона танҳо аз мавқеи вазъи молиявии он вазъи устувориро пурра муайян када наметавонад, чунки дигар омилҳои калидии самаранок фаъолияти низоми истеҳсолӣ ба инобат гирифта намешаванд, ки муҳимтарини онҳо иқтидори истеҳсолӣ-технологии корхона ва қобилияти он нисбат ба идома додани иҷрои вазифаҳои асосӣ, яъне истеҳсоли маҳсулоти серталаби истеъмолкунандагон маҳсуб меёбанд. Қайд кардан лозим аст, ки баъзе тадқиқотчиён таҳти мафҳуми амалнамоии устувори корхонаҳо қобилияти нигоҳдорӣ (ё афзунсозӣ)-и ҳаҷми дастовардҳои техникӣ-технологиро мефаҳманд. Дар адабиёти иқтисодӣ як қатор мафҳумҳои фурӯши маҳсулотро дар давраи дарозмуҳлат ҳангоми тағйиротҳои гуногун дар инфрасохтор ва пасту баландшавии талаботи истеъмолӣ маънидод месозанд [5]. Ба андешаи мо, устувории соҳаи аграрӣ ҳамчун низоми мураккаб, кушод ва бисёрсатҳӣ бо омил ва шароитҳои мувофиқ муайян карда мешавад. Ҳангоми гурӯҳбандии омил ва шароитҳое, ки устувории рушди соҳаро ташаккул медиҳанд, зарур аст, ки вазъият ба инобат гирифта шавад. Исбот карда шудааст, ки тақсимоти устувори нисбатан асоснокшудаи соҳаи кишоварзӣ ба таркибҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ шуморида мешавад. Новобаста аз гуногунии зиёди омил ва шароитҳои ба он таъсиррасон онҳоро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд: берунӣ ва дохилӣ (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Омилҳо ва шароитҳои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ

Омилҳои берунӣ ва шароитҳои устуворӣ	Омилҳои дохилӣ ва шароитҳои устуворӣ
Муҳити институтсионалӣ	Ҷойгирнамоӣ, махсусгардонӣ ва консентратсияи истеҳсолоти кишоварзӣ
Дастрасии захираҳо	Иқтидори захираҳои иқтисодӣ ва зеҳнӣ
Талаботи дохилии афзоишёфта	Инфрасохтори дохилӣ
Дастгирии давлатӣ	Истифодабарии иқтидор
Шароитҳои мубодилаи байнисоҳавӣ	Сифат, рақобатпазирии маҳсулот
Миқёс ва тараққии бозорҳои фурӯш	Шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии корхона
Сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ, сиёсати нархгузорӣ ва андоз	Ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ
Муҳити сармоягузорӣ	Фаъолияти сармоягузорӣ-инноватсионӣ
Шароитҳои табиӣ, вазъи муҳити зист ва захираҳои табиӣ	Баҳисобгирии тағйирёбии талабот, Талабот ва нарх дар бозор
Алоқаҳои кооператсионӣ-ҳамгироӣ дар КАС	Мавҷудияти захираи иқтидорҳо, захираҳо, ашёи кишоварзӣ
Рушди иҷтимоии деҳот	Ангезиши меҳнат
Шароитҳои иқтисоди хориҷӣ	Диверсификатсияи истеҳсолот

Таҳлилҳо нишон доданд, ки нақши муайянкунандаро дар устуворӣ омил ва шароитҳои берунӣ бозидаанд, ки ба онҳо дохил мешавад: муҳити институтсионалӣ, дастрасии захираҳо, муҳити рақобатнок, афзоиши талаботи дохилӣ, дастгирии давлатӣ, шароитҳои мубодилаи байнисоҳавӣ, андоза ва афзоишёбии бозорҳои фурӯш, сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ, муҳити сармоягузорӣ; сиёсати нархгузорӣ ва андоз; шароитҳои табиӣ; вазъияти муҳити зист ва захираҳои табиӣ; алоқаҳои кооператсионӣ-ҳамгироӣ дар КАС; рушди иҷтимоии деҳот; шароитҳои иқтисодии хориҷӣ. Гурӯҳи якумро метавон бо мафҳуми «муҳити беруна» ишора намуд. Муҳити беруна шароити муҳимми фаъолияти соҳаи аграрӣ ва субъектҳои хоҷагидории он ба ҳисоб рафта, ҳамаи омилҳои дохилии онҳоро муайян месозад. Таъсири ҳавасмандгардонӣ ё пешгирикунандаи омилҳои беруна ба устуворӣ, пеш аз ҳама, аз сиёсати иҷтимоӣ иқтисодӣ ва аграрӣ вобаста мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки устувории соҳаи кишоварзии минтақаҳои мамлакат бо қабул ва тасвияи қонунгузории аграрӣ, сатҳи дастгирии буҷетӣ, иштироки давлат дар фурӯши маҳсулоти ватанӣ, бозори захираҳои моддӣ воридшаванда, ташаккулёбии хоҷагии бисёрҷанба дар деҳот муайян карда мешавад.

Дар шароити муосир рушди пешрафти илмӣ-техникӣ талаботи волотарро нисбат ба захираҳои меҳнатӣ пешниҳод менамояд. Бинобар ин, барои таъмин кардани бозори меҳнат бо мутахассисони баландихтисос системаи таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳоро тақдид бояд кард.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, ки рушди саноатӣ-инноватсионии иқтисодро пешбинӣ мекунад, воситаи муҳимми сиёсати минтақавӣ дар ташкили фазои мусоид баҳри фаъолияти саноатикунонии иқтисод, ташаккули рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Ташкили замина барои рушди устувори иқтисодии ҳудудҳои

кишоварзӣ ба воситаи танаввуи сохтории иқтисод имконпазир аст. Вобаста ба ин иштироки фаъоли субъектони соҳибкорӣ дар барномаи саноатикунонӣ имконияти таҷдиди таҷҳизотро муҳайё ва иқтидори рушди иқтисоди деҳотро пурзӯртар менамояд [6].

Ҳамин тавр, шароит ва омилҳои, ки ба рушди устувори ҳудудҳои кишоварзӣ таъсир мерасонад, метавонад баландбардории сатҳи даромадҳо ва сифати ҳаёти аҳолӣ, шуғли аҳолии деҳотро таъмин намояд, баландбардордории рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ дар заминаи устувории молиявӣ ва таҷдиди базаи моддӣ-техникӣ, инчунин, дар асоси рушди пуршиддати зерсоҳаҳои афзалиятноки соҳа, нигоҳдорӣ ва такрористеҳсолии захираҳои замин ва дигар захираҳои табиӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ истифода карда мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Пириев Дж.С. Разумная аграрная политика-основа устойчивого развития отрасли. Сборник научных статей / Дж.С. Пириев // Актуальные проблемы учета, анализа и финансово-кредитных ресурсов в АПК. -Душанбе, 2018. -С.5-8.
2. Ушачёв, И.Г. Устойчивое развитие агропродовольственного сектора: основные направления и проблемы / И.Г. Ушачёв // Доклады пленарного заседания Второго Всероссийского конгресса экономистов-аграрников, 13-15 февраля 2006 г. -М.: Росинформагротех, 2006. -С.3-4.
3. Курцев И.В. Устойчивое развитие агропромищленного комплекса Сибири: предпосылки, факторы, пути / И.В. Курцев // РАСХН; Сиб. Отд-е СИБНИИЭСХ. – Новосибирск, 2005. -С.17.
4. Мадаминов А.А. Влияние совершенствования инфраструктуры села на устойчивое развитие сельского хозяйства / А.А. Мадаминов. – Душанбе: НПИ Центр, 2001. –8 с.
5. Самандаров И.Х. Уровень развития социальной инфраструктуры села / И.Х. Самандаров. –Душанбе: Изд-во ТАУ, 2003. – 140 с.

ОМИЛҲО ВА ШАРОИТҲОИ РУШДИ УСТУВОРИ ҲУДУДҲОИ ДЕҲОТИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур омилҳо ва шароитҳои рушди босуботи ҳудудҳои деҳоти Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Омилҳо ва шароитҳое ошкор гардидаанд, ки ба рушди босуботи ҳудудҳои деҳот таъсир мерасонанд: беҳтар сохтани шароити ҳудудҳои деҳот, шуғлнокии аҳолии деҳот ва ҳалли маъсалаҳои амнияти озуқавории мамлакат. Шароит ва омилҳое, ки ба рушди устувори ҳудудҳои кишоварзӣ таъсир мерасонад, метавонад баландбардории сатҳи даромадҳо ва сифати ҳаёти аҳолӣ, шуғли аҳолии деҳотро таъмин намояд, баландбардордории рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ дар заминаи устувории молиявӣ ва таҷдиди базаи моддӣ-техникӣ, инчунин, дар асоси рушди пуршиддати зерсоҳаҳои афзалиятноки соҳа, нигоҳдорӣ ва такрористеҳсолии захираҳои замин ва дигар захираҳои табиӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ истифода карда мешаванд.

Калидвожаҳо: рушди устувор, беҳтар сохтани шароити ҳудудҳои деҳот, шароити ҳаёт, аҳолии деҳот.

ФАКТОРЫ И УСЛОВИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКИХ ТЕРРИТОРИЙ ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье рассматриваются факторы и условия устойчивого развития сельских территорий Таджикистана. Выявлены факторы и условия влияющие на развитие устойчивого развития сельских территорий: улучшение условий жизни, занятости сельского населения и решение вопросов продовольственной безопасности страны. Условия и факторы, которые влияют на устойчивое развитие сельскохозяйственных территорий могут обеспечить повышение уровня доходов и качества жизни населения, занятости сельского населения, повышение конкурентоспособности отечественной сельскохозяйственной продукции и могут использоваться на основе устойчивой финансовой платформы и реконструкции материально-технической базы, также на основе интенсивного роста приоритетных подсистем отрасли, хранения и воспроизводства земельных ресурсов и других природных ресурсов в отечественном сельскохозяйственном производстве.

Ключевые слова: устойчивого развития, улучшение сельских территорий, условий жизни, занятости, сельского населения.

RISKS AND CONDITIONS OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT REGIONS OF TAJIKISTAN

This article discusses the factors and conditions for the development of sustainable development of rural areas of Tajikistan. The factors and conditions affecting the development of sustainable development of rural areas are identified: improving living conditions, rural employment and addressing the country's food security. The conditions and factors that affect the sustainable development of agricultural territories can provide an increase in the level of income and quality of life of the population, rural employment, increase the competitiveness of domestic agricultural products and can be used on the basis of a stable financial platform and reconstruction of the material and technical base, also on the basis of intensive growth priority subsystems of the industry, storage and reproduction of land resources and other natural resources in the domestic Mr. agricultural production.

Key words: sustainable development, rural areas improvement, living conditions, employment, rural population.

Сведения об авторах: ***Кудратов Рустам Рахматович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, доктор экономических наук, профессор кафедры “Экономический анализ”. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **907-70-89-50**. E-mail: **ttucdo@mail.ru**
Хакимзода Маъруф Махмуди – Институт экономики и демографии АН Республики Таджикистан, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Айни 44. Телефон: **(+992) 927-74-99-81**

Information about the authors: ***Kudratov Rustam Rakhmatovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Analysis. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **907-70-89-50**. E-mail: **ttucdo@mail.ru**
Khakimzoda Maruf Mahmudi - Institute of Economics and Demography, Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini Street 44. Phone: **(+992) 927-74-99-81**

УДК 63

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ТЕРРИТОРИЙ РЕГИОНОВ

Ходжаева Д.А., Исоков М.Т.
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики

Эффективное возрождение сельскохозяйственного сектора, устойчивое развитие сельскохозяйственных районов в настоящее время является единственной основой для перехода к инновационному развитию при одновременном создании условий для использования его собственной ресурсной базы и активной поддержки на всех уровнях государственного управления посредством развития институциональных и организационно-экономических механизмов, направленных на укрепление позиций конкурентоспособности аграрной экономики.

Качественное улучшение мировой экономической среды, которая имеет стратегию и тактику развития инновационных отраслей, стало характерной чертой центрального социально-экономического процесса в большинстве развитых стран. Изменения факторов производства отражаются на росте информационных, интеллектуальных и инновационных компонентов.

По мнению Шоинбекова К.З., на сегодняшний день стратегия решения проблемы устойчивого ведения сельского хозяйства в регионах Республики Таджикистан не разработана. Различные взаимосвязанные меры применяются только для решения проблем сельскохозяйственных земель без их адаптации и адаптации программ и проектов. Термин «устойчивое сельское хозяйство» широко используется в научной литературе по аграрной и сельскохозяйственной практике. Тем не менее, ни одно из них не было принято как общее определение [8,с.145]. Во многих публикациях устойчивое сельское хозяйство рассматривается как «альтернативная культура», которая переходит от промышленно техногенной системы культур к экологически устойчивой системе, использующей менее возобновляемые источники, такие как: «экологическое сельское хозяйство», «биологическое сельское хозяйство», «органическое сельское хозяйство». Во всех этих концепциях переход от антропогенной к экологически устойчивой системе сельского хозяйства основывается на том факте, что в течение длительного времени поддерживается агроландшафт и используются недорогие технологии.

Ряд ученых указывают на многогранный термин «устойчивое сельское хозяйство», который не только основан на сохранении природных ресурсов, но и объясняет достойную жизнь сельских рабочих. Термин «устойчивое развитие» в отношении сельского хозяйства относится к материалам, принятым ФАО (Римский совет по продовольствию и сельскому хозяйству) в Риме в 1996 году: основная цель Программы устойчивого развития сельского хозяйства и сельских районов заключается в увеличении производства продуктов питания и продовольственной безопасности. Для решения данной проблемы необходимо поддерживать образовательные инициативы, использование экономических инноваций и разработку новых технологий, обеспечивая тем самым доступ к продуктам, удовлетворяющим потребности человека в контексте питания; их доступность бедным; развитие товарного производства; сокращение безработицы и увеличение доходов населения; управление природными ресурсами и охрану окружающей среды [7].

Необходимо изучить духовность успешной республиканской и региональной цивилизации. В связи с этим, необходимо ответить на следующие вопросы: как реконструировать большую территорию; что необходимо для максимального использования интеллектуального потенциала каждого гражданина; как должны происходить социальные и экономические отношения; как развивать отдельные отрасли. Ввиду неравного доступа к ресурсам, трудно спланировать создание нового социально-экономического проекта на последующий посткризисный период.

Л. Евстигнеев и Р. Евстигнеева утверждают, что: «основной ресурс для преодоления кризиса основан не на деньгах и денежных ресурсах государства, а на ресурсах демократического общества и государства. Эта проблема носит социальный характер». С такой позиции нам необходимо оценить роль малого бизнеса, политику занятости, включая мотивацию сотрудников и возможности для профессиональной переподготовки, важность сельского хозяйства, трансакционных издержек и т.д. [2,с.240-246].

По мнению Билимовича А.Д., «… такая система без ущерба для роста производительных сил будет способствовать демократическому сельскому хозяйству и социальной справедливости. Более ценным в этой системе является открытая глобальная ликвидация непродуманных партий без серьезных сбоев, дискриминации в отношении незнакомцев и

насилия в отношении людей» [1,с.78]. На наш взгляд, целесообразно использовать данные категории, а также использовать категорию «сельскохозяйственные территории». Использование этой категории позволит проанализировать возможности отдельных сельскохозяйственных территорий и выявить не только уровень конкурентоспособности, но и проблемы отраслевой реструктуризации и возможности их государственного регулирования.

Сельскохозяйственные границы являются неотъемлемой частью каждой страны со значительным экономическим, природным, демографическим и культурным потенциалом. Использование перечисленных возможностей будет способствовать устойчивому развитию в каждом регионе и улучшению жизни населения в каждой деревне. В последние годы был допущен ряд ошибок при использовании понятия «сельскохозяйственные угодья». Во многих случаях «развитие сельского хозяйства» определяется как взаимосвязанная терминология, которая препятствует эффективной реализации государственной политики развития сельского хозяйства. Понятие «сельскохозяйственные угодья» не используется в исследованиях ученых-экономистов Республики Таджикистан. Многие авторы интерпретируют термин «сельскохозяйственные земли» как территориальную систему, используемую для производства одной трети сельскохозяйственной продукции, а также экономические, социальные, экологические и институциональные функции, используемые местным правительством. Обобщив различные толкования термина «сельскохозяйственные земли» можно обозначить их как сложную социально-экономическую, культурную, автономную жизнедеятельность сельского населения, проживающего за пределами городского пространства, от сельских районов до социально-промышленных и сельскохозяйственных предприятий.

Вышеупомянутые цели сельского хозяйства охватывают все сферы сельской жизни. Их реализация, наряду с развитием сельских поселений, сохранит сельский образ жизни, культуру и исторические ландшафты. В то же время появляется больше возможностей для решения проблем улучшения жизни сельского населения, снижения высокого уровня безработицы, демографической ситуации и системы расселения населения в стране.

Суть устойчивого развития аграрного сектора была предоставлена И.Г. Усачевым, который описывает единство трех компонентов: экономический, социальный и экологический, которые позволяют экономике интегрироваться с экологическими требованиями в единую социально-природную систему, повышая при этом уровень удовлетворенности людей.

И.В. Курцев считает, что устойчивое развитие сельского хозяйства означает воспроизводство ресурсов на каждом уровне производственного цикла с относительно высокими уровнями положительных результатов: производственными, экономическими и социальными аспектами и постоянным увеличением возможностей для улучшения [4,с.17].

По словам Назарова А.А., «устойчивое развитие включает пять компонентов: формирование, поведение и эффективность человеческих ресурсов; ситуация; экономика; соблюдение национальных интересов и природной среды» [5,с.83].

Одинаев Х.А. отмечает, что «… устойчивое сельское хозяйство, во-первых, скорость использования возобновляемых ресурсов не превышает скорость их восстановления и что количество загрязнения окружающей среды не превышает их способность поглощать экологические системы; Во-вторых, устойчивое развитие сельского хозяйства характеризуется низкой зависимостью от химических и синтетических химических веществ (удобрений, особенно пестицидов) и высокой диверсификацией производства; и в-третьих, устойчивое развитие сельского хозяйства, а также социальный аспект, связанный с производством экологически чистых продуктов и безопасных продуктов питания, которые важны для создания благоприятных условий для здоровья потребителей» [6,с.88-96].

На наш взгляд, сущность развития сельскохозяйственных территорий может быть интерпретирована как связь процессов изменения, движения и прогресса, то есть перехода от прежнего качественного к новому передовому состоянию. Устойчивое развитие аграрного сектора определяется тесно взаимосвязанными составляющими - экономической, социальной и экологической. Основным критерием устойчивого экономического развития отрасли является увеличение производства безопасных пищевых продуктов с целью удовлетворения потребностей населения, обеспечения экономической эффективности производства, что способствует большему воспроизводству. Социальный контекст устойчивого развития включает в себя повышение уровня и качества жизни крестьян, стабилизацию демографических и миграционных процессов в сельской местности. Устойчивое использование природных ресурсов в долгосрочной перспективе связано с созданием устойчивых систем сельского хозяйства, улучшением качества окружающей среды и сохранением природных ресурсов.

Устойчивое развитие аграрного сектора позволит устранить ухудшение ситуации и сократить использование пахотных земель и повысить их плодородие.

Понятие устойчивого развития сельского хозяйства напрямую связано с развитием производства продуктов питания, эффективным использованием экономических и интеллектуальных ресурсов, повышением уровня и качества жизни сельского населения, умеренным и устойчивым использованием природных ресурсов. Только тогда, когда экономические, социальные и экологические компоненты будут сбалансированы, обеспечится устойчивое развитие в долгосрочной перспективе.

Устойчивость сельскохозяйственного производства отличается отраслевой спецификой и рыночными отношениями в сельскохозяйственном производстве. Сектор сильно зависит от природных и климатических условий, которые делают его слабее, нежели другие секторы экономики.Землепользование в процессе производства характеризуется ограниченными ресурсами, а также живыми организмами с различными возможностями производства продуктов на единицу сэкономленных ресурсов; прекращением процесса интенсификации и индустриализации сельскохозяйственного производства; комплексным развитием и слабостью социальной и производственной инфраструктуры, что приводит к снижению уровня производительности и заработной платы.

Как правило, аграрный сектор недостаточно приспособлен к современной модели рыночной экономики и может развиваться только при поддержке государства. Особенностью этой точки зрения относительно рационализации стабильной работы аграрных предприятий и фермерских хозяйств является обязательная регистрация специфики аграрного сектора как сложной социально-экономической системы и трудностей фермеров. Эти проблемы имеют как долгосрочные, так и краткосрочные характеристики. Долгосрочные проблемы связаны, прежде всего, с неизменным характером сельскохозяйственных ресурсов - земли, инвестиций и самих фермеров. Они способствуют поддержанию низких цен и доходов, поскольку ресурсы не сразу выделяются из сельскохозяйственного сектора, чтобы компенсировать снижение цен и доходов в сельском хозяйстве. Эти проблемы усугубляются в рыночной экономике.

Уже существующий нетрадиционный рыночный механизм приводит к тому, что большинство населения находится в критическом состоянии существования, а земля по-прежнему остается основным средством производства в сельских районах. В сельском хозяйстве земля является важнейшим средством производства. Сельское хозяйство напрямую связано с землепользованием. Домашний скот, на первый взгляд, не имеет прямого отношения к земле. К. Маркс прокомментировал отличие искусственного плодородия почвы от ее естественной формы, он писал: «Другая часть обрабатываемой земли является искусственным продуктом, который по своему существованию зависит от инвестирования» [3,с.177].

Следует отметить, что в большинстве секторов экономики эффективность, производственные мощности и средства были сопоставлены. Тем не менее, невозможно определить точность земельных участков с точными и необходимыми расчетами или производственными планами, поскольку они изменяются в зависимости от различных реальных и экономических факторов. Другими словами, в аграрном секторе фактические риски смешиваются с экономическими рисками, а именно: сочетание реальных, сезонных и переменных. Например, в высокоурожайные годы объем производства увеличивается, а в годы низкой урожайности - уменьшается. В плодородные годы необходимо сформировать стабилизационный фонд и увеличить экспорт для продажи излишков товаров.

Значительные годовые колебания цен для сельскохозяйственных товаропроизводителей, а также их доходов представляют собой краткосрочные проблемы. Эта нестабильность в краткосрочной перспективе является результатом неадекватной координации спроса на сельскохозяйственную продукцию с сокращением сельскохозяйственного производства.

В краткосрочной перспективе продукты питания и доходы производителей характеризуются неадекватным предложением продуктов питания, что приводит к небольшим изменениям объемов производства и спроса на относительно большие изменения цен и доходов от сельскохозяйственной продукции, которые могут генерировать национальный доход.

Кроме того, сельхозпроизводители имеют ограниченные возможности для управления собственным производством. Во-первых, наводнения, засуха и периодические холода, гибель насекомых и другие стихийные бедствия могут привести к низкой продуктивности. Напротив, хороший период прорастания может обеспечить беспрецедентный урожай. Сезонные факторы не контролируются фермерами, но они оказывают значительное влияние на производство. Во-вторых, высококонкурентный сельскохозяйственный сектор делает практически невозможным для фермеров создание крупных союзов для управления собственным производством.

Таким образом, сельское хозяйство как нестабильная система не может развиваться самостоятельно без внешнего воздействия. Влияние правительства на развитие сельскохозяйственного производства, повышение уровня жизни фермеров, сохранение окружающей среды для будущих поколений имеет важное значение. Устойчивое развитие

аграрного сектора зависит от активности сырьевых отраслей, предприятий, рациональных межотраслевых и экономических связей между сферами воспроизводственного процесса.

ЛИТЕРАТУРА

1. Билимович А.Д. Экономический строй освобожденной России. / А.Д. Билимович. - М.: Наука, 2006. –С.78.
2. Евстигнеев Р.В. Стратегия выхода России из кризиса / Р.В. Евстигнеев, Л.Р. Евстигнеева // Вопросы экономики. - №5. - 2009. - С.240-246.
3. К. Маркс / К. Маркс, Ф.Энгельс. - Соч. Т.4. -С.177
4. Курцев И.В. Устойчивое развитие агропромышленного комплекса Сибири: предпосылки, факторы, пути / И.В. Курцев. -Новосибирск: РАСХН. - Сиб. Отд-е СИБНИИЭСХ, 2005. -С.17.
5. Таджикистан на пути к устойчивому развитии. / Материалы Республиканской конференции. –Душанбе, 26-27.10.2001.; 2002. -С.83.
6. Одинаев Х.А. Устойчивое развитие сельского хозяйства: проблемы, теория и практика / Х.А. Одинаев // Экономика Таджикистана: стратегия развития. –Душанбе, 2000. -№1. -С.88-96.
7. Программа развития продуктов питания. ФАО (Продовольственная и сельскохозяйственная организация Объединенных Наций). - 2015-2020. – 225 с.
8. Шоинбекова К.З. Влияние социальной инфраструктуры на устойчивое развитие сельских территорий / К.З. Шоинбекова. –М., 2010. - С.145.

ХУСУСИЯТҲОИ МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ МАРЗҲОИ МИНТАҚАҲОИ КИШОВАРЗӢ

Дар ин мақола масъалаҳои ҷории рушди устувори минтақаҳои кишоварзии минтақа ҳамчун асоси рушди инноватсионӣ ва таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти кишоварзӣ баррасӣ карда шудаанд. Дар асоси омӯзиши тафсирҳои гуногун оид ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ муайян карда шудааст, ки стратегияи додашуда то ҳол дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда нашудааст. Қайд карда шудааст, ки як қатор омил ва шартҳое мавҷуданд, ки ба рушди иқтисодии кишвар таъсири манфӣ мерасонанд. Аҳамияти ташаккули консепсияи "Рушди устувори кишоварзӣ", ки бо истеҳсоли хӯрокворӣ, истифодаи захираҳои иқтисодӣ ва меҳнатӣ, сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ, истифодаи захираҳои табиӣ алоқаманд аст, қайд карда шуд. Инчунин, равиш ва усулҳои мавҷудаи таҳлили рушди соҳаи кишоварзии минтақа ба назар гирифта шудааст. Аҳамияти истифодаи низоми нишондиҳандаҳои баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолот ва рушди устувори соҳаи кишоварзии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Таҳияи консепсияи рушди устувор барои соҳаи кишоварзии минтақа пешниҳод карда шудааст. Ғайр аз он, вазифаҳои бисёрҷонибаи ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии кишвар ва мафҳуми манфиатҳои гуногуни иқтисодӣ ба таври муфассал омӯхта шудаанд. Дар асоси таҳлили механизмҳои мавҷудаи бозорӣ зарурати самаранок истифодабарии замин бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии он барои истифодабарандагони замин исбот шудааст.

Калидвожаҳо: рушди инноватсионӣ, идоракунии давлатӣ, муҳити иқтисодӣ, хоҷагии қишлоқи устувор, тамаддуни минтақавӣ, захираҳои пулӣ, минтақаҳои кишоварзӣ.

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ТЕРРИТОРИЙ РЕГИОНОВ

В данной статье рассматриваются актуальные вопросы устойчивого развития сельскохозяйственных районов региона как основы инновационного развития и обеспечения конкурентоспособности аграрной экономики. На основе изучения различных толкований, касающихся устойчивого развития сельского хозяйства, определено, что данная стратегия в регионах Республики Таджикистан еще не разработана. Отмечается, что существует ряд факторов и условий, которые негативно влияют на экономическое развитие страны. Подчеркнута важность формирования понятия "устойчивое развитие сельского хозяйства", которое связано с производством продуктов питания, использованием экономических и трудовых ресурсов, уровнем и качеством жизни населения, использованием природных ресурсов. Рассмотрены существующие подходы и методы к анализу развития сельскохозяйственных территорий региона. Показано значение использования систем показателей для повышения конкурентоспособности производства и устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана. Предлагается разработка концепции устойчивого развития для аграрного сектора региона. Кроме того, подробно рассмотрены многосторонние задачи по решению социально-экономических проблем страны и различных экономических вопросов. На основе анализа существующих рыночных механизмов, доказана необходимость эффективного использования земли в целях обеспечения ее высокой доходности для землепользователей.

Ключевые слова: инновационное развитие, государственное управление, экономическая среда, устойчивое сельское хозяйство, региональная цивилизация, денежный ресурс, сельскохозяйственные территории.

METHODOLOGICAL FEATURES OF AGRICULTURAL DEVELOPMENT TERRITORIES OF REGIONS

This article is devoted to current issues of sustainable development of agricultural regions of the region, as the basis for innovative development and ensuring the competitiveness of the agricultural economy. It is determined that this strategy has not yet been developed in the regions of the Republic of Tajikistan based on the study of various interpretations regarding the sustainable development of agriculture. It is noted that there are a number of factors and conditions that negatively affect the economic development of the country. The importance of forming the concept of “sustainable agriculture” is emphasized which is associated with food production, the use of economic and labor resources, the level and quality of life of the population, the use of natural resources. Existing approaches and methods to the analysis of the development of agricultural territories of the region are considered. The importance of using indicator systems is shown to increase the competitiveness of production and sustainable development of the agricultural sector of Tajikistan. The development of the concept of sustainable development for the agricultural sector of the region is proposed. In addition, multilateral tasks to address the country's socio-economic problems and the totality of various economic interests are examined in detail. Based on the analysis of existing market mechanisms, the need for efficient use of land has been proved in order to ensure their high profitability for land users. Recommendations are given on the development of this sector of the economy and its financial support.

Key words: innovative development, public administration, economic environment, sustainable agriculture, regional civilization, monetary resource, agricultural territories

Сведения об авторах: ***Ходжаева Дилрабо Абдусамадовна*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, г. Худжанд, доцент кафедры менеджмента. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. E-mail: **dilrabo.hodjaeva@mail.ru.** Телефон: **928-00-04-05**
Исоков Муроджон Толибджонович - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, г. Худжанд, доцент кафедры экономики предприятий и региона. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Мик., дом.1

Information about the authors: ***Khodzhaeva Dilrabo Abdusamadovna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Khujand, Associate Professor, Department of Management. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, Building 1. Phone: **928-00-04-05**
Isokov Murodzhon Tolibdzhonovich - Tajik State University of Law, Business and Politics, Khujand, Associate Professor, Department of Enterprise Economics and the Region. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, Building 1

УДК 36.1/5(575.3)

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҚСИМИ ДАРОМАДҲО ВА НЕКУАҲВОЛӢ ДАР АФКОРИ ИҚТИСОДӢ

Рофизода Саидбек Ҳасан
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Даромадҳо ва таъсис ёфтани некуаҳволӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарин дар назарияи иқтисодиёт ба шумор меравад. Барои ҳалли ин масъала олимони бисёри назарияи иқтисод машғул буданд. Аристотел ин масъаларо дида баромада, ошкор сохт, ки моликияти хусусӣ ҳавасмандии иловагиро ба меҳнат асос гузошта, осудагии ҷамъиятиро таъмин мегардонад. Дар муносибат ба тақсимоти боигарӣ дар ҷамъият файласуф адолатхоҳиро чунин фарқ мекард: “Баробаркунанда” бо ҳиссаи баробар барои ҳама ва адолатхоҳии “тақсимшаванда” бар ҳар кас мувофиқи хизматҳояш [1,с.73]. Барои ба даст овардани дараҷаи баланди некуаҳволӣ А. Смит чунин формулаи одиро пешниҳод намуд: дунё, андозҳои сабук ва пуртоқатӣ дар идоракунӣ, тамоми боқимонда ҳолатҳо ин табиӣ ва рафти муқаррарӣ мебошад. Олим бо ин роҳ алоқамандии некуаҳволии ҷамъиятиро аз таносуби байни миқдори “Меҳнати солона”, яъне тамоми маводу маҳсулотҳое, ки барои ҳаёти аҳолӣ зарур буда, дар давоми сол истеъмол карда мешаванд, ё ин ки ҳамчун натиҷаи меҳнати фаъолияти аҳолӣ ба шумор мераванд, инчунин, маводу маҳсулотҳое, ки аз дигар мамлакатҳо ба ивази ҳамон натиҷаҳои халқ ва теъдоди истеъмолкунандагон дастрас шудаанд [2,с.12].

Некуаҳволиро К. Менгер дида баромада, онро ҳамчун бо пуррагӣ қонеъ гардидани талаботҳои инсон, инчунин, ҷой доштан ва надоштани неъматҳои зарурии моддиро дар ихтиёри онҳо арзёбӣ карда буд [2,с.14]. Қайд кардан ба маврид аст, ки иқтисоддонҳои мактаби классикӣ некуаҳволии мардумро бештар ҳамчун ҷараёни таъсис додани боигарӣ дида баромаданд. Онҳо дар худ маводу маҳсулоти барои фаъолияти зиндагӣ зарурбударо, инчунин, сармоя, ки он барои истеҳсоли онҳо сарф шудааст, аз ҳамон чизҳое иборатанд, ки барои ҳаракат додани меҳнат зарур мебошанд.

Ҳамзамон, В. Парето критерияи оптималиро дар робита ба мувозинати умумии Л. Валрас пешниҳод намуд. Моҳияти ин критерия аз он иборат аст, ки баландшавии некуаҳволии мардум танҳо дар шароити аз тарафи ҳар як инсон дар ҷомеа бурде доштан ҷой дошта бошад. Сатҳи муваффақгардидаи беҳбудии мардум оптималӣ ҳисобида мешавад, ба шарте, ки агар некуаҳволии ҳеҷ ягон инсон натавонад, ки баланд бардошта шавад, (аз рӯйи он имкониятҳои ҷойдоштае, ки азнавтақсимкунии захираҳо ва маҳсулотҳои тайёр бошад), бе оне ки дар ҳамин маврид зараре ба некуаҳволии ягон нафаре расида бошад. Ба андешаи В. Парето максимум некуаҳволии нишондодашуда бо таври пурра дар шароити иқтисодиёти рақобати озод амалӣ мегардад [2,с.14-15].

Некуаҳволӣ ин дараҷаи таъмин будани аҳолӣ бо комплекси заруратдоша мебошад. Онҳо аз ҳаёт ва фаъолияти инсон вобастагӣ доранд. Ба сифати комплексӣ зарурат доштани дастрасии аҳолӣ ба неъматҳои моддӣ, маълумот, ёрии тиббӣ, неъматҳои маънавӣ дохил мешаванд. Некуаҳволии мардум дар алоқамандӣ бо истеҳсолоти моддӣ, доираи хизматрасонӣ, низоми бозор ва дахолати давлат ҳамчун ниҳоди иқтисодӣ (субъект)-и муносибатҳои бозорӣ меистад. Асосгузорони назарияи арзиши меҳнатӣ А. Смит, Д. Рикардо, К. Маркс тасдиқ намудаанд, ки сарчашмаи ягонаи арзиш меҳнати зинда дар доираи истеҳсолоти моддӣ мебошад, ки ин арзиши навро ба вуҷуд меорад. Даромад мувофиқи андешаи онҳо танҳо ба воситаи меҳнати коргарон сохта мешавад. Арзиши қувваи корӣ бо меҳнати зарурӣ ҷой дошта, арзиши изофаро пайдо менамояд.

В. Парето чунин меҳисобид, ки зиёд намудани даромади минималӣ ва кам кардани нобаробарӣ дар тақсимот танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки агар маблағи умумии даромадҳо нисбат ба аҳолӣ суръати баландтар дошта бошад [3].

Ҷ. Кейнс дар ин маврид аз ду равия истифода менамояд [4]: равияи аввал ба самте вобаста карда мешавад, ки ояндаи бартарафкунии нобаробарии зиёдро дар тақсими боигарӣ ва даромадҳо дар бар мегирад. Ҷ. Кейнс қайд менамояд, ки дар ҷамъияти капиталистӣ барои бартараф намудани нобаробарии беҳади боигарӣ ва даромадҳо бо роҳи андозҳои бевоситаи прогресси ҷиддӣ ба даст омадааст. Равияи ҷиҳати дуюм барои дида баромадани масъалаи нобаробарии тақсимоти боигарӣ ва даромадҳо алоқаманд буда, аз нигоҳи алоқамандӣ бо назарияи фоиз омӯхта мешавад. Яъне, меъёри пасти фоиз қобилияти зиёд гардонидани андозаи маблағгузорӣ ва васеъ кардани истеҳсолотро дорад. Ҷ. Кейнс чунин меҳисобид, ки кам кардани меъёри фоиз беҳтар мебошад ва самаранокии сармояро таъмин мекунад, ки ин дар навбати худ шуғли пурраро таъмин менамояд.

Тақсимоти нобаробари даромадҳои миёнаи байни аҳолӣ аз дастрасӣ ба омилҳои таъсис ёфтани даромадҳо, амали нархҳои бозорӣ, таносуби афзудани даромадҳо ва шумораи аҳолӣ, меъёрҳои баланди фоизҳо вобастаанд, ки онҳо ҷараёни таъсис ёфтани фаъолияти инвеститсиониро маҳдуд мегардонанд. Баробар тақсим шудани даромадҳо дар асоси азнавтақсимкунии даромади миллӣ ба роҳ монда мешавад. Ин амал бо роҳи низоми андозбандии давлат иҷро карда мешавад. Ба ин равия даромади сарватмандон ба камбағалон ирсол дода мешавад. Ин тақсимот андозаи некуаҳволии ҷамъиятӣ мебошад. Инчунин, барои таъмини тақсимоти баробари бештар ва ҳавасмандгардонии доираи инвеститсионӣ зарур аст, ки меъёрҳои пасти фоизро татбиқ намоем. Баланд бардоштани некуаҳволӣ ва таъмини баробарии даромадҳои аҳолӣ вазифаи бениҳоят муҳимми сиёсати макроиқтисодӣ ба шумор рафта, ҳамчун мақсади муайянкунандаи доираи иҷтимоӣ мебошад. Оиди проблемаи тақсимоти даромадҳо Алфред Маршал чунин меҳисобад, ки дар иқтисодиёти замони ӯ некуаҳволии нокифоя ба назар мерасад, яъне “тақсимоти дивидентҳои миллӣ бад мебошанд” [5]. Бо ин мазмун мутафаккир некуаҳволии ҷамъиятиро ба низоми тақсими ресурсҳо алоқаманд ҳисобида, ба чунин хулоса омад, ки “баробарии талабот ва таклифот дар бозор маънои максимизатсиягардонии манфиати умумие мебошад, ки харидорон ва фурӯшандагон ба даст меоранд” [6]. Дар таҳқиқот маркази асосиро масъалаи нархгузории озод дар бозор мегирад. Нархи бозорӣ дар ин маврид ҳамчун натиҷаи буриши нархи талабот ва нархи пешниҳод мебошад. Чунин ақидаи назар дар амалия ғайриимкон аст, чунки барои он ки таҳқиқ чунин нуқтаи назар дар ҳаёти ҷамъиятӣ бояд тамоми элементҳои низоми иқтисоди бозорӣ иштирок намоянд ва имкониятҳо барои қонеъ гардонидани талабот аз ҳисоби захираҳои ҳархелаи мобайнӣ ҷой гирифта, истеъмолкунандагон тақсим нашудаанд.

Барои таъмини некуаҳволии ҷамъиятӣ танҳо бозор ва истифодабарии имкониятҳои он кифоя нест. Чунки бозор ҳамчун фишанги инфиродии таъминоти некуаҳволӣ баромад мекунад. Қайд кардан ба маврид аст, ки бозор шароитҳоро барои таъмини некуаҳволии ҷамъиятӣ ва таъмини некуаҳволии ҷамъиятӣ бо назардошти таъсири давлат ташкил медиҳад, пеш аз ҳама, ба воситаи тақсимоти боигарии миллӣ. Дар чунин ҳолат бозор мақоми таъминкунандаро байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда мебозад. Барои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум барои бозор ва давлат мақомҳои ҳархела ҷой дорад. Таъсири бевоситаи давлат барои таъмини баланд бардоштани некуаҳволии мардум бо ёрии азнавтақсимкунии даромадҳо ва истифодабарии низоми андоз ба роҳ монда мешавад. Дар ин маврид давлат имкониятҳои таъмини некуаҳволии ҷамъиятиро мегирад.Барои таъмини некуаҳволӣ, ки онро давлат бо роҳи азнавтақсимкунии андозҳо татбиқ менамояд, пеш аз ҳама, зарурати саривақтӣ иҷро намудани функсияи андозҳо ҷой дорад. Агар низоми андозҳо функсияи худро иҷро накунад, давлат наметавонад, ки таъсири худро барои таъмини некуаҳволии мардум дошта бошад. Татбиқи функсияи андозҳо аз муносибатҳои байни вазифаҳои номбаршуда вобастагӣ дорад. Бинобар ин, барои таъмини шароитҳои зарурии ҷараёни некуаҳволии ҷамъиятӣ иҷроиши бетаъхири вазифаҳои функсионалӣ зарур аст.

Агар инсон ба неъматҳои моддӣ таъмин бошаду ҳамзамон барои гирифтани хизматрасонии тиббӣ, маълумот ва дигар соҳаҳо дастрасӣ надошта бошад, чунин ҳолат некуаҳволии мардумро инъикос намекунад. Масалан, А. Пигу нуқтаи назареро пешниҳод менамояд, ки мазмуни он амалӣ нагардидани бозори озод ва имконияти таъсири манфӣ «Самараҳои беруна» ба некуаҳволии ҷамъиятӣ ҷой дорад [7].

Дар маркази назарияи мутафаккир мафҳуми самараи умумиҷамъиятӣ меистад. А. Пигу чунин меҳисобид, ки манфиатнокии миллӣ нишондидиҳандаи на ин ки самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ, балки сатҳи некуаҳволии ҷамъиятӣ мебошад [5]. Барои маҳдуд гардонидани камбизоатӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум мақоми ҳалкунандаро даромади миллӣ мегирад. Набояд фаромӯш кард, ки даромади миллӣ

натиҷаи самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад. Ҳамзамон, инро далели таъмин намудани некуаҳволии ҷамъиятӣ меноманд. Аз ин ҷо бар меояд, ки истеҳсолот даромади миллиро ба вуҷуд меорад, даромади миллӣ некуаҳволии ҷамъиятии аҳолиро таъмин мекунад ва бозор дахолати давлатии истеҳсолотро ба вуҷуд меорад.

Дигар масъалаи муҳимми назарияи некуаҳволии ҷамъиятӣ аз дарёфти роҳҳои муваффақ гаштан ба неъматҳои умумии максималӣ мебошад. Таъмини некуаҳволии ҷамъиятии мардум тақозои истифода бурдани тамоми имкониятҳои бозорро дар бар гирад. Лекин барои бо пуррагӣ истифода намудани имкониятҳои бозор дахолати давлат зарур мебошад. Дар натиҷа низоми бозор метавонад, ки бештар қаноатмандкунанда таъсир расонад ва аз ҳама бештар барои таъмини некуаҳволии ҷамъиятӣ ва ташкили рақобати солим тамоми инфрасохтори муносибатҳои бозориро фарогир бошад.

Бояд қайд кард, ки Пигу нуқтаи назареро пайгирӣ менамуд, ки омили асосии таъсиркунанда ба некуаҳволии ҷамъият ин тақсимоти даромади миллӣ мебошад [8]. Мутафаккир тақсимоти самараноки даромади миллиро ҷиддӣ қайд менамуд. Агар дар ҷараёни тақсимот даромади миллӣ воқеиятро ифода накунад, чунин ҳолат наметаваонад, ки некуаҳволии мардумро таъмин намояд. Ба андешаи мо дар ин маврид диққати асосӣ ба самаранок тақсим намудани даромади миллӣ бояд равона шуда бошад. Аз ин рӯ, бояд, ки ҷараёни оптималии тақсимоти даромади миллӣ риоя карда шавад. Чунки на ҳама тақсимоти даромади миллӣ метавонад ба сатҳи некуаҳволӣ оварда расонад.

Адам Смит масъалаи некуаҳволиро ба самаранокии меҳнат алоқаманд мекард. Ӯ некуаҳволиро дар алоқамандӣ аз ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ ва баробар будани талаботҳои истеъмолкунандагон меҳисобид [9]. Омили асоситарини баланд бардоштани некуаҳволии ҷамъиятӣ дар ҳамин маврид истеҳсолот ҳисобида мешуд, ки ин бояд талаботи аҳолиро қонеъ гардонад. Дар ҳолати пастшавии ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ истеҳсолот наметавонад, ки баробарии талаботи истеъмолкунандагонро таъмин намояд. Он чиз, ки ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ буда, омили асосии таъмини некуаҳволии ҷамъиятӣ ба шумор меравад, ин характери дутарафа дорад.

Ҷ.Б. Кларк чунин меҳисобад, ки музди меҳнат ва фоиз метавонанд ҳамчун даромадҳои тафриқавӣ дида баромада шаванд, чунки онҳо ба рентаи замин алоқаманд мебошанд. Инчунин, Ҷ.Б. Кларк таъсис ёфтани даромадҳоро низ шарҳ дод. Мутафаккир низоми бозориро ҳамчун соҳибмулки омилҳои истеҳсолот номбар кард. Ӯ ошкор намуд, ки ҳар як сарчашма мақоми муҳимро дар таъсис ёфтани даромадҳо ишғол менамояд. Яъне, алоқамандии байни сатҳи даромадҳо ва сарчашмаҳои таъсис ёфтани онҳо амал мекунад. Ҳамин тавр, вазъияте ба амал меояд, ки дар он ҷо гурӯҳи одамоне имкони гирифтани сарчашмаҳои гуногуни даромадро доранд ва гурӯҳи одамоне чунин имкониятҳоро дар худ надоранд. Дар ҳамин замина тақсимоти нобаробари даромадҳо ба вуҷуд меояд. Ин ҳолат муҳиммияти соҳибмулкии омилҳои истеҳсолотро имкон намедиҳад, ки тақсимоти баробарро дар байни аҳолӣ ба роҳ монад. Чунки одамон омили додашударо бо равияҳои гуногун муваффақ мешаванд. Мантиқи сарчашмаи таъсис ёфтани даромадҳоро дида мебароем.

Мутахассисони соҳавӣ нишон додаанд, ки на ҳамаи сарчашмаҳои даромад ба тариқи фаъол метавонанд ба соҳибмулкон даромади зиёдро таъмин намоянд. Чунки яке аз сарчашмаҳои муфидноки даромад метавонад ба соҳибмулкон нисбат ба бисёр сарчашмаҳои ғайрифаъол, фаъолона даромадро таъмин намояд.

Андешаҳои Д. Рикардо дар робита ба шароитҳои афзоиши некуаҳволӣ то як дараҷае аз мавқеи А. Смит фарқ мекунад. Чунки асоси он нуқтаи назарияи малтузианчигӣ оиди аҳолӣ мебошад. Барзиёдии аҳолии мамлакатҳо барои Д. Рикардо сарчашмаи пешниҳоди меҳнати барзиёд мебошад. Дар натиҷа музди меҳнат тамоюли пастравиро мегирад, ки ин ба ҳолати камбизоатии аҳолӣ оварда мерасонад [2,с.13].

Музди меҳнат аз нигоҳи Рикардо ин даромади коргар ва пардохт барои меҳнати он мебошад, ки чун дигар намуди мол нархи воқеию бозорӣ дорад [10]. Дар мавриди дида баромадани ин масъала таваҷҷуҳи Д. Рикардо на ин ки аз ҳисоби тариқи истеҳсолоти арзиш ва қисмҳои алоҳидаи он, балки бештар тарзи тақсимоти байни синфҳои гуногун аз рӯйи фоида, рента, фоиз ва музди меҳнат мебошад [11].

Дар мавриди таҳлили музди меҳнат Милл бо таҷдиди назарияи нав ба масъалагузории Смит ва Рикардо таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Музди корро ӯ ҳамчун пардохт барои меҳнат ҳисоб мекард. Мувофиқи ақидаи ӯ аз талабот ба қувваи корӣ ва пешниҳоди он ё ин ки аз таносуби байни шумораи аҳолӣ ва сармоя ва хароҷот барои хариди қувваи корӣ иборат аст. Агар андозаи музди кор аз талабот ба қувваи корӣ вобастагӣ дошта бошад, пас ин маънои баландшавии ҳосилнокии меҳнатро дорад. Аз ин ҷо Милл ба хулосае меояд, ки барои баланд бардоштани музди кор мо бояд ҳосилнокии меҳнатро баланд бардорем. Бинобар ин, Милл мақоми муҳимми давлатро дар рушди иқтисодию иҷтимоии ҷомеа махсус қайд менамояд [12]. Ӯ чунин меҳисобид, ки низоми рақобати озод

наметавонад, ки як қатор ҳалли проблемаҳои иқтисодиро таъмин намояд. Бинобар ин, давлат бояд ба худ хароҷотҳоро оид ба ташкили инфрасохтор, инкишофи илм ва ғайраҳо гирад, пеш аз ҳама, муаммоҳои доираи иҷтимоиро. Ҳамин тавр, рақобати озод пешниҳоди молу хизматҳоро таъмин мекунад, лекин наметавонад, ки дар ҷараёни баробар тақсим кардани даромадҳо дар байни аҳолӣ иштирок намояд. Музди кор дар байни дигар сарчашмаҳои таъсис ёфтани даромадҳои аҳолӣ мақоми хело муҳимро мебозад, барои он ки музди меҳнат ин қисми тағйирнаёбандаи сарчашмаи даромадҳои аҳолӣ мебошад.

Бисёре аз олимони назарияи иқтисодӣ ба ҳалли мушкилоти беҳдошт ва некуаҳволӣ рӯ оварданд. Ба баъзе назарҳои олимоне, ки дар ин самт тадқиқот гузаронидаанд, назар меафканем. Мундариҷаи муҳимми некуаҳволии мардум ҳамчун таъминоти тамоми эҳтиёҷоти инсонӣ ба ҳисоб меравад. Вақте ки аҳолӣ дар мавқеи моддӣ таъмин карда мешавад, дар ин маврид бо меъёрҳои ахлоқӣ рӯ ба рӯ мешвад. Аз ин рӯ, некуаҳволӣ бояд, ки тамоми эҳтиёҷоти инсонӣ ва қонеъгардониро фарогир бошад. Ба масъалаи некуаҳволӣ муассиси маъруфи институтсионалистии англис Ҷ.А. Гобсон таваҷҷуҳ менамояд. Моҳияти некуаҳволӣ ҳамчун ифодагари саломатии шахсӣ, ҳамоҳангии эҳтиёҷоти фаъолияти ҷисмонию рӯҳонӣ ва дигар намуди эҳтиёҷҳо тасаввур гардид [13]. Ҳар як шахсро ҳамчун қисми таркибии ҷомеа ҳисобид. Асосноккунии ин ҳолат аз рӯйи он бармеояд, ки сатҳи таҳсилот, саломатӣ, ҳолати ҷисмонӣ ва фаъолияти маънавии ҳар як фард ба сатҳи некуаҳволии аҳолии ҷомеа таъсир мерасонад, ки ин аз назари мо нуқтаи назариявӣ хело муҳим барои таъмини рушди инсонӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад.

Одамон метавонанд мустақилона ё бо таъсири дигар омилҳо эҷоди якбораро барои чорабиниҳои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дошта бошанд. Дар ҷомеаи имрӯза вақти озод ба одамон имкон медиҳад, ки барои таъмини сифати зиндагиашон шароит муҳайё созанд. Таъсири муҳити озод барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ ба фаъолияти аҳолӣ ва мақомоти гуногун сурат мегирад. Барои фароҳам овардани шароити таъмини некуаҳволӣ шахс бояд ба як қатор шароитҳо, монанди ҳолати зиндагӣ, таҳсилот, дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ, озодии рӯҳӣ ва ғайра имкон дошта бошад. Шароити хуб ва мусоид барои ташаккул додани беҳбудии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ рақобати озод ва соҳибкории озод дар заминаи моликияти хусусӣ буда, мақом ва нақши давлат бояд, ки дар ҳадди ақал бошад [2,с.15-16]. Бо таҳлил намудани равандҳои иқтисодии охири солҳои 20-30, дар асри XX, Ҷ.М. Кейнс асосномаи илмии нақши давлатро дар системаи иқтисодиёт пешниҳод кард [14]. Давлат аз тариқи сиёсати макроиқтисодии худ ба сатҳи шуғли захираҳо ва даромади миллӣ таъсир расонида, бо ҳамин тариқ дараҷаи некуаҳволиро муайян менамояд [15].

Назарияи иқтисодии оптималии Вилфредо Парето бобати некуаҳволии ҷамъиятӣ танҳо вақте меафзояд, ки агар беҳтаршавии ҳаёти ҳар як шахс ба вайрон кардани вазъи кадоме аз дигарон набошад [16]. Парето фаҳмид, ки некуаҳволии умумӣ наметавонад танҳо аз ҳисоби ҳаҷми неъматҳои моддӣ бошад, ки ин ҳама моли маводи дастрас ба воситаи оқилонаи худидоракунӣ ва манфиати шахсӣ, тақсими онҳо дар асоси ахлоқи инсондустӣ вобаста аст. Ӯ кӯшиш кард, ки манбаъҳои ҳифзи иҷтимоиро дар соҳаи молияи давлатӣ бо назардошти истифодаи воситаи сиёсати бучету андози давлат ва тадбиқи ғояҳои ахлоқӣ, демократӣ муайян карда, муҳиммияти мудохилаи давлатро дар иқтисодиёт муайян намояд. Муаммои асосии ҳифзи иҷтимоии мавҷудбуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимнашавандагии талаботи бозорӣ дар бозори меҳнат мебошад. Ҳалли ин мушкилот аз ҷалб ва истифодаи маблағгузорӣ вобаста аст. Фаъолияти сармоягузорӣ таъминоти мол ва хизматрасониҳоро зиёд мекунад, ки дар натиҷа таъминот бо мол ва хизматрасонӣ боиси паст шудани сатҳи нархҳо мегардад.

Вобаста ба сатҳи гуногуни талаботи истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, тақсимоти баробари захираҳо имконнопазир аст. Иқтисоди бозорӣ ба воситаи рақобати комил самаранокии истеҳсолотро таъмин намуда, шароити имкониятҳои маҳдудро барои таъмини тақсимоти одилонаи захираҳо ба эътибор мегирад. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки механизми бозор боиси имконнопазирии таъмини некуаҳволии ҷамъиятӣ бо назардошти сиёсати андоз мебошад. Тавре ки аз тарафи Хенри Сеҷвик дар рисолаи худ «Принсипҳои иқтисоди сиёсӣ» қайд намуд: «Манфиатҳои хусусӣ ва давлатӣ бо ҳам мувофиқ намегиранд, зеро рақобати озод самаранокии истеҳсоли сарватҳоро таъмин менамояд, вале тақсими одилонаи онро дода наметавонад» [17]. Барои ҳалли муаммои некуаҳволӣ зарур аст, ҷиҳатеро ба эътибор гирифт, ки ҷомеа аз маҷмӯи шаклҳои инфиродӣ иборат буда, дигаргунии ҳар як фард ба некуаҳволии ҷомеа таъсир мерасонад. Амалия нишон медиҳад, ки байни некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ алоқамандии бевосита ҷой дорад. Баланд бардоштани некуаҳволии инфиродӣ ба сатҳи некуаҳволии ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Барои асоснок кардани ин равия функсияи некуаҳволии Ҷ. Ролзро дида мебароем, ки вобастагии афзоиши некуаҳволии иҷтимоиро аз афзоиши некуаҳволии фардии бо сатҳи паст нишон медиҳад [18].

Нишондиҳандаи асосие, ки дар раванди таҳлил ва омӯзиши некуаҳволии мардум истифода мешавад, истеъмолот мебошад. Истеъмолот нишондиҳандаест, ки аҳолии камбизоат ва сарватмандро инъикос менамояд. Масалан, вақте ки аҳолӣ истеъмолотро афзоиш медиҳанд, вазъияти молиявии аҳолӣ устувор буда, сатҳи нарх дар бозор баланд мегардад. Қобилияти харидории аҳолӣ яке аз нишондиҳандаи некуаҳволӣ мебошад. Агар афзоиши некуаҳволии мардум имконияти истеъмолро афзоиш диҳад, маълум мегардад, ки робитаи бевосита байни некуаҳволӣ ва истеъмолот ҷой дорад.

Истеъмолот танҳо як ҷузъ мебошад ва истеъмолкунанда маҷбур аст, аз якчанд чиз истифода барад, ки ин ҳолат ба ӯ имконият медиҳад, ки ба қаноатмандии пурраи манфиатҳояш ноил шавад. Ба ин маънӣ истеъмолкунанда ҳамчун субъекти некуаҳволӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, истеъмолкунанда ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи некуаҳволии мардум нақши калон бозида,ба устуворӣ ва молиявӣ асос меёбад.

Барои муайян кардани сатҳи некуаҳволии мардум Н.М. Ромишевская фарқияти аниқи байни мафҳуми «некуаҳволии мардум» ва «сатҳи зиндагӣ»-ро ҷудо мекунад. Айни замон сатҳи зиндагӣ ҳамчун низоми шароит ва омилҳои фаъолияти инсон дар соҳаи истеъмолӣ муайян мегардад, ки онҳо дар миқёси эҳтиёҷоти одамон ва хусусияти қаноатмандии онҳо зоҳир мешаванд: асоси низомтаъсисдиҳанда дар ин маврид эҳтиёҷоти одамон мебошанд, ки дар соҳаи истеъмолӣ ба вуҷуд омадаанд ва амал мекунанд [19].

Дар раванди таҳқиқот қайд намудем, ки бозор омили афзоиши некуаҳволии инфиродӣ мебошад. Аз ҷумла, нархи молу хизматрасониҳо дар бозор тибқи талабот ва таклифот пайдо мешавад. Талабот барои аъзоёни гуногуни ҷомеа ҳархела аст. Вобаста аз тағйирёбии сатҳи нарх онҳо самти талаботи худро тағйир медиҳанд. Яъне, мол ва хизматрасониҳо ба агентҳо бо нархҳои гуногун пешниҳод карда мешаванд. Ҳалли ин мушкилот бевосита аз вазифаҳои иқтисодии давлат вобаста аст. Мо чунин меҳисобем, ки рақобат асоси иқтисодиёти бозорӣ аст. Аммо рақобат имконияти тақсимоти захираҳои байни фаъолони субъектҳои иқтисодиро таъмин намекунад. Яъне, механизми амалкунандаи рақобат «иқтисодиёти бозор» шароитеро фароҳам меорад, ки дар он имконият барои тақсимоти баробари захираҳо маҳдуд мебошад. Агар бозор таъмини баробари талабот ва таклифот ба истеҳсолкунадагон ва истеъмолкунандагон фароҳам орад, пас бо дар назардошти аз нав тақсим кардани даромад аз тариқи низоми андоз сатҳи некуаҳволии мардум меафзояд. Омили асосии афзоиши некуаҳволии мардум ин рушди истеҳсолоти моддӣ ва устуворӣ он мебошад. Бозор талаботро қонеъ гардонида, таклифотро тағйир медиҳад ва ин таъмини рушд ва мувозинати иқтисодиёт мсебошад [20]. Баланд бардоштани сатҳу сифати некуаҳволии мардум тақозо менамояд, ки ҳамаи имкониятҳои бозор бояд истифода бурда шаванд. Бозор ин танҳо ягона ҷоест, ки дар он қаноатмандии муштарӣ дар робита ба алоқамандии талабот ва таклифот таъмин карда мешавад. Бозори танзимшаванда чунин имкониятҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо ба сатҳи некуаҳволӣ таъсири мусбат мерасонанд. Масалан, барои таъмини истеҳсолкунандагон бо технологияи истеҳсолӣ, ки ба воситаи онҳо бо хароҷотҳои пасттарин дастрасӣ медиҳанд. Дар натиҷа фаъолияти истеҳсолкунандагон чунин тағйироти мусбиро ба амал меорад:

- истеҳсоли маҳсулоти хушсифат;
- кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ ва маҳдуд кардани баландравии сатҳи нархҳо;
- афзоиши истеҳсолот ва фурӯш;
- паст кардани сатҳи нарх бо дар назардошти афзоиши талабот дар бозор;
- афзоиши даромади миллӣ дар натиҷаи сатҳи баланди пардохтҳои андоз аз пардоткунандагон (истеҳсолкунандагон).

Натиҷаҳои мусбӣ даромади миллиро афзоиш медиҳанд, давлат бошад тавассути функсияи аз нав тақсим кардани даромадҳои миллӣ ба сатҳи беҳбудии аҳолӣ таъсир мерасонад. Чунин мукаррарот собит месозад, ки истеҳсолоти моддӣ омили асосии баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ мебошад.

Равияе, ки асосан барои таъмини некуаҳволӣ истифода мешавад, андозбандии прогрессивии даромадҳо, андозҳои баланди меросӣ, инчунин, доираи васеи барномаҳои иҷтимоии аҳолии камбизоат мебошанд. Таъсири давлат ба беҳтар намудани сатҳи некуаҳволӣ бо роҳи азнавтақсимкунии даромадҳо тавассути системаи андозҳо амалӣ карда мешавад, ки он асосан ба иҷрои саривақтии вазифаи андозхо асос меёбад.

Тавре ки аз ҷониби Фрэнсис Фукуяма қайд шудааст: «Тавофутҳои синфӣ, ки дар замони мо, дар ИМА асосан ба фарқияти таҳсилот гирифта шудаанд: нобаробарии иҷтимоӣ дар натиҷаи дастрасии нобаробар ба таҳсилот ба миён меояд ва маълумот набардоштан ҳамсафари ҷовидонаи шаҳрвандони навъи дуюмдараҷа мегардад» [21]. Барои маҳдуд намудани нобаробарии тақсимоти даромадҳо аз ҳисоби фарқияти фарогирӣ бо таҳсилот ҷойдошта, пеш аз ҳама, зарурати ба роҳ мондани дастрасии якхелаи шароити таҳсилот ҷой дорад. Барои ҳалли проблемаҳои марбути минтақавӣ, аз ҷумла дар шароит

Тоҷикистон Вазорати маориф ва илм бояд дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ қоида ва талаботҳои баробар, якхеларо барои тамоми табақаи мардум якхела таъмин намояд.

Қоидаҳо ва шароитҳои соҳаи маориф, ки барои мактабҳои миёна дар шаҳрҳо пешбинӣ шудаанд, бояд барои тамоми мактабҳои вилояту ноҳияҳо ва, умуман, ҳамаи сатҳҳо якхела бошанд. Барои маҳдуд кардани нобаробарии даромадҳо лозим аст, ки баробариро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон таъмин намуд. Таъмини имкониятҳои баробар барои гирифтани маълумот, таҷрибаи касбӣ, раванди якхелаи тақсими молу мулк ва ғайраҳо муайянкунандаи сатҳи некуаҳволӣ мебошанд.

Камбизоатӣ ва бекорӣ ҳамчун ҷузъи асосии иҷтимоию иқтисодӣ дар саросари ҷаҳон – дар кишварҳои саноатии Ғарб ва дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ аз Осиё, Африқо ва Амрикои Лотинӣ ва дар кишварҳои пасошӯравӣ бо иқтисодиёти дар гузариш ба ҳисоб мераванд. Ва ин як садамаи ихтиёрӣ нест, чунки дар доираи пешниҳоди меҳнат номувозинатӣ ҷой дорад. Дар маҷмӯъ, дар ҷаҳон сеяки қувваи корӣ берун аз соҳаи шуғл аст [22]. Масъалаи камбизоатӣ дар назарияҳои тағйирёбии институтсионалӣ дар робита бо «марҳилаи заифи камбизоатӣ» таҳлил карда мешавад. Ин дар асоси эътирофи рушди иқтисодии беафзоиши ҳосилнокии омилҳо асос ёфта наметавонад ва афзоиши ҳосилнокӣ бе сармоягузорӣ ғайриимкон аст [23], зеро мувофиқи ин мантиқ пазандоз дар шароити камбизоатӣ имконнопазир аст.

Дар кишварҳои дорои иқтисодиёти гузариш афзоиши камбизоатӣ ва нобаробарии даромад метавонад сабабҳои гуногун дошта бошад. Ҳангоми татбиқи ислоҳот дар мамлакати дорои иқтисодиёти сустинкишофёфта, сабаби нобаробарии даромади ҳадди ақал метавонад даромади паст ба ҳар сари аҳолӣ ва суръати пасттари он бошад.

АДАБИЁТ

1. Шумпетер, Й.А. История экономического анализа / Й.А. Шумпетер; пер. с англ. под ред. В.С. Автономова. - СПб.: Экон. шк. [и др.], 2001. - Т.1. -С. 73.
2. Сафиуллин А.Р. Экономика благосостояния. Теория и практика. Учебное пособие / А.Р. Сафиуллин. – Ульяновск, 2007.
3. [Электронный ресурс]. fan-5.ru/na5/23-196.php
4. [Электронный ресурс]. uchebnikionline.com/...
5 Библиотека. Книги. Экономическая теория [Электронный ресурс]. www.aup.ru. Галерея экономистов. &gallery. economicus.ru›.
6. [Электронный ресурс]. www.razmut.ru/.../287-razvitie-teorii-obshhestvennogo-blagososto janija
7. Пигу, А. Экономическая теория благосостояния / А. Пигу. -М.: Прогресс, 1985. Т.2С. 101,388.
8. Пигу А. Относить к национальному дивиденду все то, что люди покупают на денежные доходы, а также услуги, предоставляемые человеку жилищем, которым он владеет и в котором проживает / А. Пигу // Экон.теор.благос. - 1995. -Т.1. -С.101.
9. [Электронный ресурс]. portal.tpu.ru/portal/pls/.../service.well_anketa_bknd.download_doc?..
10. [Электронный ресурс]. www.oodri.narod.ru/ei11.html
11. [Электронный ресурс]. bibliotekar.ru/istoria-economicheskih-ucheniy-3/5.htm
12. [Электронный ресурс]. 5fan.info/qasqasrnaotrjgejge.html
13. [Электронный ресурс]. www.fmo.unn.ru/files/.../Teoriya-mezhdunarodny-h-otnoshenij-tom-1.pdf
14. [Электронный ресурс]. studopedia.ru/3_77115_gosudarstvennoe-regulirovanie-rinka.html
15. [Электронный ресурс]. rudiplom.ru/lekcii/economika/econom_history/30.html
16. [Электронный ресурс]. silantiev-ufavzfei.narod.ru/.../jekonomicheskaya_teoriya_blagosost-403
17. [Электронный ресурс]. studopedia.org/1-36696. html&www.aup.ru › Библиотека › Книги › Экономическая теория
18. Ролз Дж. Теория справедливости. Новосибирск. 1996.,стр.157
19. Римашевская, Н.М. Население России и социально-экономические трансформации: взгляд в 21 век [Текст] // Власть. - 1997. -№12. -С.24-30.
20. [Электронный ресурс]. studybook.su/lection/suschnost-...&studfiles.ru/preview/1752318
21. Fukuyama F. The End of History and the Last Man / F. Fukuyama. -London: Penguin, 1992. -P. 116.
22. Рукавишников В. Политические культуры и социальные изменения / В. Рукавишников, Л. Халман, П. Эстер. - М.: Совпадение, 1998. -С. 53.
23. Гелбрейт Дж.К. Справедливое общество. Гуманистический взгляд. Новая индустриальная волна на Западе / Дж.К. Гелбрейт. -М.: Academia, 1999. -С.34.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҚСИМИ ДАРОМАДҲО ВА НЕКУАҲВОЛӢ ДАР АФКОРИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақола ташаккул ёфтани асосҳои назариявии тақсимоти даромад ва некуаҳволии мардум дида баромада шудааст. Дар он масъалагузорӣ аз ҷиҳати ташаккул ёфтани афкори иқтисодӣ аз ҷониби намояндагони назарияи классикӣ ва неоклассикӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот нишон дода шудааст, ки барои таъмини некуаҳволии ҷамъиятӣ танҳо бозор ва истифодабарии имкониятҳои он кифоя нест, чунки бозор ҳамчун фишанги инфиродии таъминоти некуаҳволӣ баромад мекунад. Бозор шароитҳоро барои таъмини некуаҳволии ҷамъиятӣ ва таъмини некуаҳволии ҷамъиятӣ бо назардошти таъсири давлат ташкил намуда, пеш аз ҳама, ба воситаи тақсимоти боигарии миллӣ амалӣ мегардонад. Дар ҷараёни истеҳсолот даромади миллӣ таъсис ёфта, имконияти даромад ва некуаҳволии ҷамъиятии аҳолиро таъмин мекунад. Асоснок гардидааст, ки омили асоситарини баланд бардоштани некуаҳволии ҷамъиятӣ дар ҳамин маврид истеҳсолот буда, ин бояд талаботи аҳолиро қонеъ гардонад. Дар ҳолати пастшавии ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ истеҳсолот наметавонад, ки баробарии талаботи истеъмолкунандагонро таъмин намояд. Аз ин рӯ, ҳосилнокии меҳнати ҷамъиятӣ омили асосии таъмини некуаҳволии ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Мундариҷаи муҳимми некуаҳволии мардум

ҳамчун таъминоти тамоми эҳтиёҷоти инсонӣ ба ҳисоб меравад ва ин дар мавқеи моддӣ таъмин гардида, бо меъёрҳои ахлоқӣ рӯ ба рӯ мешавад. Аз ин рӯ, некуаҳволӣ бояд тамоми эҳтиёҷоти инсонӣ ва қонеъгардониро фарогир бошад. Бо мақсади ҳалли муаммои некуаҳволӣ зарур аст, ҷиҳатеро ба эътибор гирифт, ки ҷомеа аз маҷмӯи шаклҳои инфиродӣ иборат буда, дигаргунии ҳар як фард ба некуаҳволии ҷомеа таъсир мерасонад. Муаллиф бо ин роҳ нишон медиҳад, ки байни некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ алоқамандии бевосита ҷой дорад. Баланд бардоштани некуаҳволии инфиродӣ ба сатҳи некуаҳволии ҷамъиятӣ таъсир мерасонад.

Калидвожаҳо: Даромад, некуаҳволӣ, меҳнат, тақсимот, адолатнокӣ, баробарвазнӣ, боигарӣ, таҳаммул.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАСПРЕДЕЛЕНИЯ ДОХОДОВ И БЛАГОСОСТОЯНИЯ В ЭКОНОМИЧЕСКОЙ МЫСЛИ

В статье рассматривается формирование теоретических основ распределения доходов и благосостояния населения. А также рассматривается постановка данной задачи и формирование экономических учений классических и неоклассических мыслителей. В процессе исследования выявлено, что в обеспечении благосостояния населения недостаточно использовать возможности рынка, так как рынок является рычагом индивидуального обеспечения благосостояния людей. Рынок создаёт условия для обеспечения благосостояния общества с учётом влияния государства, прежде всего, посредством распределения национального дохода. Доказано, что основным фактором повышения благосостояния общества является производство, которое удовлетворяет потребности населения, так как в результате понижения эффективности общественного труда производство не может обеспечивать равномерное удовлетворение потребности потребителей. Поэтому эффективность труда является основным фактором обеспечения благосостояния общества. Основным содержанием благосостояния населения является обеспечение всех потребностей человека, а это, прежде всего, материальное обеспечение, которое предопределяется нравственными мерами. С целью решения проблемы благосостояния необходимо отметить, что общественное благосостояние зависит напрямую от индивидуального состояния, перемена благосостояния одного человека может изменить общественное благосостояние в целом. Автор сделал акцент именно на эту зависимость, то есть индивидуальное благосостояние может негативно или позитивно влиять на общественное состояние в зависимости от наличия равномерного формирования благосостояния.

Ключевые слова: доход, благосостояние, труд, распределение, справедливость, уравнивающая, богатство, терпимость.

THEORETICAL BASES OF DISTRIBUTION OF INCOME AND WELFARE IN ECONOMIC THOUGHT

The article considers the formation of the theoretical foundations of income distribution and the welfare of the population. It also considers the formulation of this problem and the formation of the economic teachings of classical and neoclassical thinkers. The study revealed that, in ensuring the well-being of the population, it is not enough to use the capabilities of the market, since the market is a lever for individual ensuring the well-being of people. The market creates conditions for ensuring the welfare of the society, taking into account the influence of the state, primarily through the distribution of national income. It is proved that the main factor in improving society's welfare is production, which satisfies the needs of the population, since, as a result of a decrease in the efficiency of social labor, production cannot ensure uniform satisfaction of consumer needs. Therefore, labor efficiency is the main factor in ensuring the welfare of society. The main content of the welfare of the population is to ensure all human needs, and this is, first of all, material support which is predetermined by moral measures. In order to solve the problem of welfare, it is necessary to note that public welfare depends on the direct, individual condition, a change in the welfare of a person can change public welfare as a whole. The author emphasized precisely this dependence, that is, individual welfare can negatively or positively affect the social condition depending on the presence of a uniform formation of welfare.

Key words: income, welfare, labor, distribution, justice, equalization, wealth, tolerance.

Сведения об авторе: ***Рофизода Саидбек Хасан*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономической теории. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **93-523-06-66**. E-mail: **Saidbek. rofizoda@mail.ru**

Information about the author: ***Rofizoda Saidbek Hassan*** - Tajik State Financial and Economic University, assistant of the Department of Economic Theory**. Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov Street. Phone: **93-523-06-66.** E-mail: **Saidbek. rofizoda@mail.ru**

УДК 338.22(575.3)

ПРИНСИПҲОИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ШАРОИТИ АМАЛИГАРДОНИИ СИЁСАТИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ

Юсупов И.Н.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Рушди соҳибкории истеҳсолӣ яке аз самтҳои асосии таъмини бехатарӣ ва мустақилияти иқтисодии кишварҳо маҳсуб мешавад, ки таъмини он якбора ба ҳалли якчанд масъалаҳои муҳимми аҳамияти иқтисодӣ-иҷтимоидошта, монанди такмили сохтории соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, шуғли пурмаҳсул, амнияти озуқаворӣ, таъмини қисмати даромади буҷети давлатӣ, афзунсозии иқтидори содиротӣ ва истеҳсолоти воридотивазкунанда мусоидат карда метавонад. Бинобар ин, ҳар яке аз ҷанбаҳои мухталифи вобаста ба масоили соҳибкории истеҳсолӣ аз тарафи муҳаққиқон, олимон ва мутахассисони соҳаи иқтисод дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода

мешаванд. Яке аз чунин масъалаҳое, ки зарурияти омӯзиш ва таҳлили он дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ карда мешавад, масъалаи зоҳирсозии нақшу мавқеи соҳибкории истеҳсолӣ дар таъмин ва амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки баъд аз Истиқлолият ба даст овардан соли 2004 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин баррасиҳои масъалаи вобаста ба мушкилоти воридотивазкунӣ дар Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 мушоҳида мегардад, аз ҷумла дар он қайд карда шудааст: «…Аз ҳисоби рақобатнокии баланд доштани молҳои воридотӣ соҳибкорони ватанӣ дар фурӯш мушкилоти зиёд доранд. …Дар натиҷа истеҳсоли маҳсулот барои воридотивазкунӣ маҳдуд мегардад» [3,с.1].

Солҳои баъдӣ низ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон қариб ҳамасола дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ дар ин самт таъкид менамуданд, махсусан, дар Паёми Пешвои миллат соли 2016 чунин дастур доданд: «…Моро лозим аст, ки бо истифодаи васеъ аз технологияҳои муосир ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти ивазкунандаи воридотро зиёд карда, талаботи бозорро бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ таъмин намоем ва ҷиҳати тақвияти иқтидори содиротии кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ тадбирҳои зарурӣ андешем» [2,с.5].

Дар робита бо дастуру супоришҳои Президенти кишвар аз тарафи вазоратҳои дахлдор лоиҳаи «Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» коркард ва таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №503 тасдиқ гардид, ки айни замон нақша-чорабиниҳои он амалӣ шуда истодаанд. Дар раванди иҷрои нақша-чорабиниҳои дахлдор техникаю технологияи воридшавандаи соҳаҳои саноати дорусозӣ, соҳаи парандапарварӣ, табобатию ташхиси тиббӣ, ва индустрияи сайёҳӣ аз андоз ва боҷҳои гумрукӣ озод карда шудаанд, то ин ки соҳибкорони ватанӣ тавонанд бо ҷорӣ кардани технологияҳои навтарин дар истеҳсолоти худ мавқеи рақобатпазирияшонро тақвият бахшида, ба ҳамин васила дар амалишавии сиёсати давлатии воридотивазкунӣ саҳмгузор бошанд.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти суръатбахшии рушди истеҳсолоти воридотивазкунӣ сиёсати худро муайян намуда, роҳу воситаҳои расидан ба ҳадафҳои пешбинишударо аз рӯйи имкониятҳои мавҷуда истифода намуда истодааст. Дигар тарафи ҳалли масъалаи мазкур аз субъектҳои соҳибкорӣ вобастагӣ дорад, яъне аз соҳибкорони ватании мо, ки то кадом андоза аз имтиёз ва дастгириҳои давлатӣ истифода намуда, мавқеи бозорӣ ва рақобатнокии моли худро нисбати рақобати молҳои воридшаванда устувор мегардонанд.

Тавсифи масоили зикршуда омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили ҷанбаҳои назариявии рушди соҳибкории истеҳсолиро талаб менамояд, ки ба фикри мо дар ин самт муайянкунии принсипҳои асосии рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолии ба воридотивазкунӣ нигаронидашуда муҳим аст. Дар навбати худ муайянсозии принсипҳо бо вазифаҳои соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд, ки рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аз иҷроиши саривақтии онҳо вобастагии зиёд дорад.

Ба вазифаҳои субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дохил мешаванд: истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзии таъйиноти истеҳсолию техникидошта, молҳои истеъмолӣ, хизматрасонии нақлиётӣ, хизматрасонии алоқа, чопи китобу маҷалла ва рӯзномаҳо. Ба маънои васеъ соҳибкории истеҳсолӣ маҷмӯи фаъолиятҳоеро дар худ тавсиф медиҳад, ки маҳсулотҳои барои истеъмолкунандагон фоиданок ва мубодилашаванда истеҳсол мекунанд, ки ин маҳсулотҳо дорои хусусияту қобилияти ба фурӯш расиданро доранд.

Маъмулан, субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд: умумииқтисодӣ, захиравӣ, эҷодкорӣ-ташаббусӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, сиёсӣ ва экологӣ [6,с.163-164].

Ин вазифаҳоро дар вобастагӣ аз талаботҳои амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ шарҳу тавсиф додан зарур аст. Дар марҳилаи муосири рушди иқтисоди миллӣ, ки амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ барои тамоми давлатҳо самти аҳамиятнок маҳсуб мешавад, *вазифаи умумиқтисодӣ* муҳиммияти бештарро ба худ касб мекунад. Ин вазифаро се омил муайян мекунанд: якум, фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ба истеҳсоли моле (иҷрои кору хизматҳо) нигаронида шудааст, ки воридоти ҳамин гуна молҳоро иваз ва маҳдуд намуда, талаботи истеъмолкунандагон (аҳолӣ, дигар соҳибкорон ва давлат)-ро дар дохили кишвар таъмин менамояд; дуюм, ин фаъолият зери таъсири қонунҳои иқтисоди бозорӣ амалӣ гардонда мешавад; сеюм, тараққиёти соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ таъминкунандаи рушди иқтисодӣ, зиёдсозии ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ мебошад.

Дигар вазифаи муҳимми соҳибкорӣ *вазифаи захиравӣ* ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои ин вазифа дар он зоҳир мегарданд, ки субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ҳам захираҳои барқароршаванда, такрористеҳсолшаванда ва ҳам захираҳои маҳдудро самаранок истифода мебаранд ва мавқеи молҳои воридотиро дар бозорҳои ватанӣ маҳдуд месозанд. Зери мафҳуми захираҳо маҷмӯи шароитҳои моддию ғайриморддӣ ва омилҳои истеҳсолот, махсусан воситаҳои истеҳсолот, захираҳои меҳнатӣ, захираҳои табиӣ, комёбиҳои илму техника ва қобилияти соҳибкорӣ фаҳмида мешаванд, ки истифодаи самараноки онҳо дар шароити амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ, ҳам барои соҳибкор ва ҳам барои давлат манфиатнок аст.

Ба соҳибкории истеҳсолӣ, инчунин, *вазифаи эҷодкорӣ-ташаббусӣ* низ хос аст, ки на танҳо бо истифодабарии идеяҳои нав дар фаъолияти истеҳсолӣ-тиҷоратӣ ва хоҷагидорӣ алоқамандӣ дорад, балки коркарду дарёфти шароит, восита ва омилҳои нави барои комёбшавии мақсадҳо мусоидаткунандаро низ пешбинӣ менамояд. Иҷрои ин вазифа дар шароити амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ ба васеъшавӣ ва устувории доираи фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидории соҳибкорони соҳаҳои истеҳсолӣ дар бозорҳои ватанӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити зикршуда соҳибкории истеҳсолӣ *вазифаи иҷтимоиро* низ ба худ касб мекунад, ки ин вазифа дар худ алоқаманд будани таъмини талаботҳои худи соҳибкорро бо таъмини талаботҳои дигар аъзоёни ҷомеа таҷассум менамояд. Ин вазифа дар ташаккули синфи нави одамон – одамони ташаббускор, эҷодкор ва навовар зоҳир мегардад, ки қобилияти мустақилона ташкил намудани фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидории худро доранд, дар шароитҳои тағйирёбанда мутобиқшаванда мебошанд, маҳсулотҳояшон нисбати молҳои воридотӣ афзалияти рақобатпазирӣ доранд ва ба мақсадҳои худ комёб мегарданд. Ин вазифа бо он низ шарҳ дода мешавад, ки ҳар қадар соҳибкорон-истеҳсолкунандагони ватанӣ самаранок фаъолият кунанд ҳамон қадар ба буҷети ноҳия, минтақа ва давлат воситаҳои пулии бештар ворид гашта, афзоиши ҷойҳои корӣ низ таъмин карда мешавад.

Вазифаи ташкилӣ низ яке аз вазифаҳои муҳимми соҳибкории истеҳсолӣ мебошад, ки дар қабули мустақилонаи қарорҳои мусоидаткунанда ба рушди фаъолият ва таъмини рақобатпазирӣ нисбати молҳои воридотӣ зоҳир мегардад. Дар ин ҷо қарорҳо дар самти идоракунии фаъолият, банақшагирии истеҳсолу фурӯш, бозоршиносӣ, интихоби стратегияи нархгузорӣ, коркарди сиёсати молӣ, коркарди сиёсати инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, истифодаи самараноки захираҳо ва хизматрасонӣ (пеш аз фурӯш ва баъд аз фурӯш) қабул карда мешаванд, ки метавонанд ба таври бевосита ё бавосита ба амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ таъсиррасон бошанд.

Вазифаи сиёсии соҳибкории истеҳсолӣ бо дастгирии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии давлат алоқамандӣ дорад, ки дар самти соҳиб будан, ихтиёрдорӣ намудан, истифода бурдани воситаҳои истеҳсолоту меҳнат зоҳир гардида, бештар бо доштани мақсади таъмини бехатарии иқтисодӣ, бехатарии озуқаворӣ, мутавозингардонии содироту воридот ва васеъсозии доираи истеҳсолоти ватанӣ мукаммал мегардад.

Вазифаи экологӣ бошад, дар ҳифзи муҳити зист (замин, обу ҳаво) зоҳир мегардад, ки қабул ва амалигардонии қарорҳои самаранокро оиди истифодабарии захираҳои табиӣ бо шарти вайрон накардан ва ҳифзи муҳити атрофи маҳал, минтақа ва ҷаҳон, барои соҳибкорон пешбинӣ менамояд. Вазифаи ҳифзи муҳити зист вазифаест, ки соҳибкорон бояд на танҳо аз рӯйи уҳдадорӣ иҷро кунанд, балки масъулияти онро аксарияти ҳолат дар назди ҷомеаи маҳаллу минтақа ва баъзе ҳолатҳо дар назди сайёра ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба зимма доранд.

Вазифаҳои мазкурро иҷро намуда истода, барои оқилона ва самаранок ба роҳ мондани фаъолият, соҳибкорон бояд қоидаю тартиби муайянро риоя намоянд, ки принсипҳои соҳибкорӣ ном гирифтаанд. Иҷро ва риояи вазифаю принсипҳои соҳибкории истеҳсолӣ то андозаи муайян метавонанд амалигардонии сиёсати воридотивазкуниро таъмин намоянд, бинобар ин, баҳамалоқамандии онҳоро дар шакли нақша чунин тасвир кардан мумкин аст (расми 1).

Чӣ тавре ки дар расми 1 оварда шудааст, яке аз принсипҳои соҳибкории истеҳсолӣ *матлубияти бозорӣ* ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи он самти истеҳсолӣ, иқтидори истеҳсолии зарурӣ, сохтори истеҳсолӣ таъмин карда шуда, аз рӯйи он мансубияти соҳавии фаъолияти соҳибкории ба воридотивазкунӣ нигаронидашуда муайян мегардад ва дараҷаи ҷолибият ва дархостшавандагии бозории он асоснок карда мешавад.

Принсипи дигари соҳибкорӣ *низомнокӣ* мебошад, ки мувофиқи он соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун низоми мукаммали иқтисодӣ баромад намуда, ба шакли амудӣ ва уфуқӣ ба роҳ мондани кори самараноки унсурҳои таркибии он ҷиҳати таъмини талаботи аҳолии кишвар бо ин ё он намуди маҳсулот (кору хизматҳо) шарти ҳатмӣ маҳсуб мешавад.

Расми 1. Вазифаҳо ва принсипҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар раванди амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ



Мустақилият низ яке аз принсипҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи он дар вобастагӣ аз самти фаъолияти интихобнамуда, шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ширкат, ҳаҷми сармояи оинномавӣ (дар ибтидо ва давоми фаъолият), маҳалли ҷойгиршавии корхонаи истеҳсолӣ (наздик ба бозорҳои фурӯш ё ба бозори захираҳо), хариди ҳамаи намуди захираҳои истеҳсолӣ дар ҳаҷми зарурӣ, муайянкунии теъдоди нуқтаҳои фурӯш ва маҳалли ҷойгиршавии онҳо, муайянкунии нархи маҳсулот (дар ҳолати ширкати инҳисорӣ набудан) ва дигар корҳои марбут ба фаъолиятро соҳибкор мустақилона дар чорчӯбаи қонун амалӣ мегардонад. Ин принсип, моҳиятан, бештар дар худ раванди худидоракунӣ, худмаблағгузорӣ, худхароҷотбарорӣ ва худтаъминкуниро талқин менамояд. Принсипи мазкур пешбинӣ менамояд, ки соҳибкорони соҳаҳои истеҳсолӣ мустақилияти пурраи истеҳсолӣ-хоҷагидориро бояд доро бошанд.

Дигар тартибу қоидаи интихоби соҳибкории истеҳсолӣ *фоиданокӣ* мебошад, ки мувофиқи он фоидаи пешбинишавандаи соҳибкор бояд барои гурӯҳи шахсони манфиатдор (соҳибкор, кормандон, саҳмиядорон, давлат) хусусияти ҳавасмандкунанда дошта бошад. Ин принсип дар раванди ташкил ва бамамалбарории фаъолияти соҳибкорӣ бо принсипи матлубияти бозорӣ алоқамандии зич дошта, аҳамияти баробар дорад. Фоидаи софи соҳибкорӣ бошад, аз рӯйи хулосаи муассисони шахси ҳуқуқӣ тақсимбандӣ шуда, дар самтҳои зарурӣ харҷ карда мешавад.

Мувофиқи принсипи *инноватсионӣ* пешбинӣ мегардад, ки субъектҳои соҳибкорӣ ҳамеша нишондиҳандаҳои техникӣ-технологии маҳсулот, раванди идоракунӣ, ташкили истеҳсолоту меҳнатро такмил диҳанд. Принсипи мазкур устувории рақобатпазирии соҳибкориро тавассути самаранокгардонии фаъолият таъмин мекунад, ки асоси онро татбиқ ва амалигардонии ҷараёнҳои инноватсионӣ ташкил медиҳанд.

Принсипи *бехатарӣ,* пеш аз ҳама, таъмини бехатарии истеҳсолот, маҳсулоти истеҳсолшаванда, кормандон ва аҳли оилаи онҳоро дар назар дошта, мувофиқи он аз тарафи ҳар як субъекти соҳибкорӣ бояд чорабиниҳои ҳифз ва бехатарии захиравӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ ва сирри тиҷоратӣ коркард шаванд.

Дигар принсипе, ки дар самаранок амалигардонии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад, принсипи *ҷавобгарӣ* мебошад. Мувофиқи ин принсип субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ оиди саривақт иҷро накардан ва иҷроиши бесифати уҳдадориҳои шартномавӣ ҷавобгарии молумулкӣ доранд, ки риояи он дараҷаи эътимоднокии фаъолияти соҳибкорро дар назди истеъмолкунандагони маҳсулот, таъминкунандагон воситаҳои истеҳсолот ва мақомотҳои дахлдори давлатӣ таъмин менамояд [5,с.87-88].

Дигар принсипҳоро низ ба ин қатор шомил намудан мумкин аст, монанди танзимшавандагӣ, ҳамоҳангӣ, шаффофият ва дастрасии иттилоотӣ, ки мувофиқи онҳо амал кардан низ барои самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва ҳалли масъалаҳои воридотивазкунӣ таъсири мусбӣ расонда метавонанд.

Дар баробари ҳамаи он вазифаю принсипҳое, ки бояд ҳар як субъекти соҳибкории истеҳсолӣ барои таъмини рушди фаъолияти худ иҷро ва риоя намояд, инчунин, барои тараққӣ ва тавсеаи соҳибкорӣ дар умум аз тарафи давлат низ тавассути қонунгузорӣ принсипҳои муайян пешбинӣ гардидаанд. Ин принсипҳо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ бештар хусусияти батанзимдарорӣ, ҳимоявӣ, дастгирикунанда ва ҳавасмандкуниро доранд, ки дар вобастагӣ аз онҳо стратегияю барномаҳои рушди соҳибкорӣ дар кишвар таҳия, коркард ва дар амал татбиқ карда мешаванд:

- қонуният;
- шаффофияти фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ;
- баробарҳуқуқии ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ;
- кафолати ҳимояи ҳуқуқ ва таъмини фаъолияти озоди субъекти соҳибкорӣ;
- иштироки озоди субъектҳои соҳибкорӣ дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба манфиатҳои соҳибкорӣ дахлдошта;
- афзалияти рушди соҳибкории хурд ва миёна [1,с.1].

Қайд кардан зарур аст, ки вазифаҳо ва принсипҳои баррасишуда танҳо дар ҳолати якҷоя иҷро ва риоя шуданашон метавонанд рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолиро дар самти амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ таъмин намоянд.

Бинобар ин, дар самти самаранокгардонии фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва ба ин восита таъмин намудани ҳалли масъалаҳои амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ бояд бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ дар якҷоягӣ имконият ва иқтидорҳои худро истифода карда, вазифа ва принсипҳои марбут ба сиёсати пешгирифтаашонро иҷро ва риоя намоянд.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 26.07.2014. [Манбаи электронӣ]. URL:http://base.mmk.tj/viewsanadhoview.php?showdetail=&sanadID=311 (санаи истифодабарӣ: 19.10.2019).
2. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.01.2016. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/10585 (санаи истифодабарӣ: 21.09.2019).
3. Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015. Тасдиқ шудааст аз 03.12.2004. -№469. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=31989 (санаи истифодабарӣ: 10.09.2019).
4. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. Тасдиқ шудааст аз 26.11.2016. -№503. [Манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=519 (санаи истифодабарӣ: 14.09.2019).
5. Жуковицкая Н.В. Основные принципы развития малого и среднего производственного предпринимательства / Н.В. Жуковицкая, В.Т. Матвеев // Экономическое развитие Сибири и Дальнего Востока: материалы международной научной конференции (15-26 апреля 2013г.). -Новосибирск, 2013. -Т.2. -С.87-88.
6. Усков В.С. Тенденции и проблемы развития малого производственного предпринимательства / В.С. Усков // Вестник ВГУ имени Александра Григорьевича и Николая Григорьевича Столетовых. - 2017. -№3(13). -С.163-164.

ПРИНСИПҲОИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ШАРОИТИ АМАЛИГАРДОНИИ СИЁСАТИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ

Дар мақола вобастагии амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ аз рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ асоснок карда шудааст. Қайд гардидааст, ки омӯзиш, таҳлил ва шарҳу тавсифи таркиби вазифаю принсипҳои рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар алоқамандӣ бо раванди амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ дар марҳилаи кунунии тараққиёти иқтисоди миллӣ муҳим аст. Дар мақола баҳамалоқамандии иҷро ва риояи вазифаю принсипҳои соҳибкории истеҳсолӣ, ки ба амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ нигаронида шудааст, дар шакли нақша тасвир ёфтааст. Дар баробари ин, таъкид карда шудааст, ки вазифа ва принсипҳои баррасишуда танҳо дар ҳолати якҷоя иҷро ва риоя шуданашон метавонанд рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолиро дар самти амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ таъмин намоянд.

Калидвожаҳо: соҳибкории истеҳсолӣ, принсипҳо ва вазифаҳои соҳибкорӣ, рушди соҳибкории истеҳсолӣ, сиёсати воридотивазкунӣ, истеҳсолоти воридотивазкунанда, маҳсулоти воридотивазкунанда.

ПРИНЦИПЫ РАЗВИТИЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СУБЪЕКТОВ ПРОИЗВОДСТВЕННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В УСЛОВИЯХ РЕАЛИЗАЦИИ ПОЛИТИКИ ИМПОРТОЗАМЕЩЕНИЯ

В статье обоснована зависимость реализации политики импортозамещения от развития деятельности субъектов производственного предпринимательства. Отмечено, что изучение, анализ, характеристика и описание функций и принципов деятельности субъектов производственного предпринимательства, в связи с реализацией политики импортозамещения, имеет важное значение на современном этапе развития национальной экономики. В статье приведена схема, отражающая взаимосвязь выполнения фунций и соблюдения принципов производственного предпринимательства, ориентированных на реализацию политики импортозамещения. Также подчеркивается, что рассматриваемые функции и принципы могут способствовать развитию деятельности субъектов производственного предпринимательства в контексте реализации политики импортозамещения, только если они будут совместно реализованы и соблюдены.

Ключевые слова: производственное предпринимательство, принципы и функции предпринимательства, развитие производственного предпринимательства, политика импортозамещения, импортозамещающее производство, импортозамещающая продукция.

PRINCIPLES OF DEVELOPMENT OF THE ACTIVITIES ENTITIES OF MANUFACTURING ENTREPRENEURS IN THE CONDITIONS FOR THE IMPLEMENTATION OF IMPORT SUBSTITUTION POLICIES

The article substantiates the dependence of the implementation of the import substitution policy on the development of the activities of industrial enterprises. It is noted that the study, analysis, characterization and description of the functions and principles of development of the activities of industrial enterprises in connection with the implementation of the import substitution policy is important at the present stage of development of the national economy. The article presents a diagram reflecting the relationship between the implementation of functions and compliance with the principles of industrial entrepreneurship, focused on the implementation of the import substitution policy. It is also emphasized that the functions and principles under consideration can contribute to the development of the activities of industrial enterprises in the context of the implementation of the import substitution policy, only if they are jointly implemented and respected.

Key words: manufacturing entrepreneurship, principles and functions of entrepreneurship, development of manufacturing entrepreneurship, import substitution policy, import substitution production, import substitution products.

Сведения об авторе: ***Юсупов И.Н.*** – Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры экономической теории и менеджмента. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, р-н Дангара, ул. Маркази 25. Телефон: **(+992) 935-57-26-16**

Information about the author: ***Yusupov I.N.*** - Dangara State University, assistant of the Department of Economic Theory and Management. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, st. Markazi 25. Phone: **(+992) 935-57-26-16**

УДК 338.24(575.3)

СТРАТЕГИЯИ ПАСТ КАРДАНИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА НЕКУАҲВОЛИИ МАРДУМ

Тиллоев С.И., Мирзо Некруз Мирзо
Коллеҷи технологии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, Ҳукуматӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 барномаи дарозмуҳлати иҷтимоию иқтисодӣ – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва бо дарназардошти он Стратегияи миёнамуҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (минбаъд стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ)-ро таҳия ва қабул намуд. Стратегияи миллии рушд то соли 2015 стратегияи дарозмудат буда, аз се қисм иборат мебошад. Яъне, се стратегияи миёнамуҳлати давлатӣ ин стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2008-2022, баъд 2022-2027, 2027-2030 мебошад. Стратегияи миллии рушд соли 2017 аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 июни таҳт №704 тасдиқ шудааст. Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ 28 июн соли 2017 таҳти №703 аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Мақсади асосии ин стратегияҳои муҳимми давлатӣ, пеш аз ҳама, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани ММД мебошад. Мувофиқи маълумотҳои пешакӣ сатҳи камбизоатӣ дар соли 2007 53,1%-ро ташкил намуда, дар соли 2018 бошад, он ба 30,2% паст гардид.

Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барномаи миёнамуҳлати тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат мебошад. Он амалҳои мушшахасеро дар бар мегирад, ки барои беҳтар гаштани сифати зиндагӣ ва баланд бардоштани некуаҳволи мардум, ҳавасманд намудани рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат нигаронида шудааст.

Мақсад аз навиштани ин мавзӯъ (Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ), омӯзиши сатҳу сифати зиндагии мардуми тоҷик ва таҳлилу татбиқи чорабиниҳои зарурӣ барои аҳолии камбизоату қашшоқ мебошад. Барои расидан ба мақсадҳои мазкур татбиқи чорабиниҳои зерин дар назар аст: ҷалб кардани сармояҳо ва дастгирии соҳибкорӣ; барқарор кардани шабакаҳои обёриву заҳбурӣ; аз худ кардани заминҳои нав; таҳия ва ҷорӣ кардани усулҳои наву самараноки қарздиҳӣ ба соҳаи пахтакорӣ; ҷорӣ кардани стратегияи пешгирӣ ва табобати камхӯрокӣ дар байни кӯдакон ва ташкили ғизои солим дар мактаббачагон ва ғайра. Бо мақсади баррасии дастовардҳо дар татбиқи стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ Ҳукумат номгӯи индикаторҳои байналмилалӣ, миллӣ ва бахширо интихоб намудааст, ки ҳангоми мониторинг ва арзёбии фаъолияти пешбининамудаи стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ илова карда ё тағйир дода мешаванд.

Табақаҳои гуногуни ҷомеа оид ба мафҳуми камбизоатӣ фикру андешаҳои гуногун доранд. Ҳуҷҷати мазкур - Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ аз барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар иборат мебошад. Он ҷиҳати татбиқи ислоҳоти институтсионалӣ ва иқтисодӣ фаъолияти мушаххасро дар бар гирифта, ба захираҳои мавҷуда ва эҳтиёҷоти иловагӣ асос ёфтааст, ки барои дар кишвар ноил

шудан ба рушди устувори иқтисодӣ, афзоиши ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ, паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ нигаронида шудааст.

Табақаҳои гуногуни ҷомеа оид ба мафҳуми камбизоатӣ фикру андешаҳои гуногун доранд. Одатан дар бораи камбизоатӣ ҳарф зада, дар он бора фикр мекунем, ки одамон чиҳо мехаранду мефӯрушанд. Аммо фаҳмиши «камбизоатӣ» доираи нисбатан васеъро фаро мегирад. Камбизоатӣ инчунин, масъалаҳои дастрасии боадолатонаро ба маориф ва тандурустӣ, мақоми шаҳрванд дар ҷомеа ва эҳтиром нисбат ба ӯ, эҳсоси он ки инсон ба воқеоти зиндагӣ метавонад таъсир расонад ва аз ин хотир ба оянда умед доштанро фарогир аст. Аз он сабаб нисбат ба фаҳмиши камбизоатӣ андешаҳои мухталиф ҷой дорад, якчанд муқаррароти қобили қабулро барои муҳокима ва нақшагирӣ пазируфтан манфиатовар мебошад. Бо дар назардошти гуфтаҳои боло камбизоатиро мебояд аз ду нуқтаи назар - камбизоатии моддӣ ва камбизоатии ғайри моддӣ барраси намуд,.

Системаи ҳифзи иҷтимоӣ, бо мақсади таъмини самарабахшӣ ва иҷрои мувофақонаи функсияҳое, ки ба он қисми зиёди аҳолӣ эҳтиёҷ доранд, ислоҳотро тақозо менамояд. Ба гурӯҳҳои нисбатан осебпазири аҳолӣ маъюбон, аҳолии калонсол, оилаҳое, ки занон сарварӣ менамоянд, бекорон, ятимон, оилаҳои серфарзанд, аҳолие, ки ба меҳнати дастии ғайритахассусии кишоварзӣ машғуланд, шомил мебошанд. Сарфи назар аз он ки хароҷоти буҷети кишвар барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ меафзояд, дар маҷмӯъ ҳаҷми пардохтҳои иҷтимоӣ ва суроғавӣ будани онҳо ҳанӯз назаррас намебошад. Аз ин рӯ пардохтҳои иҷтимоӣ наметавонанд барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъсири судманд расонанд ва муассирии онҳо нисбат ба маблағгузаронӣ аз хориҷа ва кумакҳои мухталифи башардӯстона камтар ба мушоҳида мерасад. Системаи имтиёзот ва ҷубронпулиҳо, инчунин, системаи таъминоти нафақа, ки ба дастгирии устувори молиявӣ эҳтиёҷ дорад, бояд муносиб карда шавад.

Мутобиқи охирин арзёбии сатҳи камбизоатӣ то 25%-и даромади умумии хоҷагиҳои ҳавлигӣ аз ҳисоби маблағгузаронии муҳоҷирони меҳнатӣ ба даст меояд. Дар соли 2004 мутобиқи арзёбии расмӣ 420,6 ҳазор муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа сафар намуданд. Сатҳи расман эълоншудаи маблағгузаронӣ дар соли 2005 нисбат ба кишвар 17%-ро ташкил дод. Мушкилоти паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва дурнамои вазъи камбизоатӣ бо дарназардошти рушди пешбинишавандаи иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ, пеш аз ҳама, рушди иқтисодӣ ва тақсими мутаносиби натиҷаҳои он дар ҷомеа зарур мебошад. Дар сурате, ки нишондиҳандаҳои мақсадноки нодории ниҳоӣ аллакай ба даст омадааст (18% дар соли 2003 нисбат ба 36% дар соли 1999), бояд сатҳи рушди иқтисодӣ, ки барои ноил гардидан ба Мақсадҳои рушди ҳазорсола (МРҲ) тақозо мегардад, оид ба ҳаҷми даромадҳо ҳадди ақал 3%-ро ташкил диҳад. Мутобиқи ҳисобҳо мутаносибан 1% рушд ёфтани иқтисодиёт боиси 0,46% паст гардидани нишондиҳандаи умумии камбизоатӣ ва 1% афзудани аз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ боиси 0,62% паст гардидани нишондиҳандаи умумии камбизоатӣ хоҳад шуд. Ҳамзамон, он далел муҳим аст, ки нишондиҳандаҳои нобаробарӣ беш аз 6% - дар даврaҳои байни солҳои 1999 ва 2003 мутаносибан аз 0,33 то 0,35 афзоиш ёфт ва эҳтимоли афзоиши минбаъдаи он ҷой дорад. Чунин самараи пасти рушди иқтисодӣ ва афзоиши нишондиҳандаҳои нобаробарӣ боиси ташвиш аст. Вобаста ба ин муҳим аст, ки на танҳо рушди иқтисодӣ таъмин гардад, балки даромади миллӣ байни аҳолии кишвар аз нигоҳи иҷтимоӣ ба таври муносиб тақсим карда шавад.

Мутобиқи натиҷаи тадқиқотҳо сатҳи камбизоатӣ дар соли 1999 83%, дар соли 2003 то 64% ва тибқи натиҷаҳои пешакии тадқиқоти сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии омор дар якҷоягӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ ва ЮНИСЕФ гузаронида шуд, дар соли 2007 сатҳи рушди инфраструктура (нақлиёту алоқа), энергетика ва саноат дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки барои рушди устувор ва баланди иқтисодии кишвар ва тавассути он паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ асосҳои моддӣ фароҳам оварда шавад. Ҳамзамон, рушди онҳо барои афзоиши шуғли дохилӣ шароит фароҳам оварда, дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои ҳам худӣ ва ҳам дигар хизматрасониҳои иҷтимоиро барои аҳолӣ (таъминот бо об, санитария, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, экология) баланд мебардорад, ки онҳо мустақиман ба сатҳи татбиқи ҳамаи вазифаҳои Мақсадҳои рушди ҳазорсола дар Тоҷикистон алоқаманд мебошанд.

Дар маҷмӯъ натиҷаи татбиқи ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ гуногун тавсиф карда мешавад. Сарфи назар аз дастовардҳои муайян дар идоракунии макроиқтисодӣ ва рушди қонунгузорӣ тадбирҳо оид ба дигаргуниҳои сохторӣ пурра дар амал татбиқ нагардиданд. Ҳамчунин ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ натавонист натиҷаҳои муосиру хушсифатро собит созад. Мисол, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии заминавии иҷтимоӣ ҳамчун яке аз омилҳои ба таври самарабахш паст намудани камбизоатӣ дар сатҳи поин қарор дорад.

Дастгирии суботи макроиқтисодӣ дар доираи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ омили асосии раванди паст кардани камбизоатӣ мебошад. Мақсади Стратегия аз ноил гардидан ба рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилии воқеӣ дар сатҳи 6 фоиз дар як сол, дар ҷараёни солҳои 2002-2005 паст кардани таваррум то сатҳи солонаи 5% иборат буд. Хизматрасонии устувори қарзи беруна дар маркази таваҷҷуҳи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ қарор дошт.Барномаи маблағгузории мутамарказ барои мақсад ва афзалиятҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ пурра ба ин самт бахшида шавад. Ҳамчунин, таъмини раванди ошкоро ва дақиқи ташаккули Барномаи инвеститсияҳои давлатӣ ва Барномаи маблағгузории мутамарказ бо дурнамои муттаҳидсозии минбаъдаи онҳо ниҳоят муҳим аст. Дар дурнамои миёнамуҳлат ва дар асоси таҷрибавӣ мувофиқи мақсад аст, ки принсипҳои Барномаи миёнамуҳлати буҷетӣ, ки раванди буҷетиро тибқи принсипҳои соҳавӣ дигаргун месозад, ҷорӣ карда шавад. Бояд раванди арзёбии натиҷаҳо ва самарабахшии лоиҳаҳои давлатӣ, ки аз ҷониби донорҳо маблағгузорӣ мегарданд, бо раванди арзёбии Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ алоқаманд карда шавад. Инро метавон дар дурнамои кӯтоҳмуҳлат тавассути иштирок дар сохторҳои давлатӣ, ки барои мониторинг ва арзёбии Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар бахши дахлдор масъул мебошанд, дар раванди идораи пакети лоиҳаҳо, ки аз манбаи берунӣ маблағгузорӣ мегарданд, татбиқ намуд. Ҳамчунин, муттаҳидгардонии системаи мониторинг ва арзёбӣ, ки дар сатҳи ҳар як лоиҳа мавҷуданд, тибқи принсипи бахшӣ ва бо самтгирӣ барои ноил гаштан ба мақсадҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ зарур мебошад:

Мақсадҳои дарозмуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар Стратегияи миллии рушд баён гардидаанд. Барои давра ба давра ноил шудан ба мақсадҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинишуда дар сатҳи миллӣ татбиқ намудани якчанд барномаҳои пайдарҳами миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар назар дошта шудааст, ки вазифа ва тадбирҳои сиёсати давлатиро вобаста ба шароитҳои мавҷуда ва равандҳои ҷорӣ мушаххас мегардонад. Ҳамаи дигар барнома ва нақшаҳои соҳавию минтақавӣ, сарфи назар аз доираи муҳлати онҳо, бояд комилан ба муқаррароти ду ҳуҷҷати стратегии миллӣ мутобиқат гардонида шаванд. Дар айни замон камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз нигоҳи моддӣ ва ғайримоддӣ муайян карда мешавад. Камбизоатии моддӣ бо нокифоягии сатҳи даромад барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти ҳадди ақалли зиндагӣ ва ғайримоддӣ бошад, бо маҳдуд будани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои маориф, тандурустӣ, амният, иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайра муайян карда мешавад. Камбизоатӣ рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва инсониро дар кишвар боз дошта, ноил шудан ба мақсадҳои Стратегияи рушди миллиро таҳти хатар мегузорад. Ба таври устувор ва қотеона паст кардани сатҳи камбизоатӣ на танҳо аз нав тақсим намудани даромади миллию иҷтимоӣ, балки бештар рушди устувори иқтисодиётро тақозо менамояд, ки дар ҷараёни он шахсони камбизоат метавонанд кор пайдо кунанд, бароямшон хизматрасониҳои ҳаётан муҳим, суғуртаи иҷтимоӣ ва мавқеи сазовор дар ҷомеа дастрас бошад. Маҳз аз ҳамин сабаб барномаи якуми миёнамуҳлати иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба татбиқи Стратегияи миллии рушд нигаронида шуда буд, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ иборат аст, ки тамоми муҳтавои он барои ҳалли проблемаҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ равона шудааст. Мақсадҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ пурра ҷавобгӯи Мақсадҳои рушди ҳазорсола мебошад, ки Тоҷикистон ҳанӯз соли 2000 ба он ҳамроҳ гардида буд. Мақсади Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ аз он иборат аст, ки рушди босуботи сатҳи зиндагии аҳолӣ, махсусан гурӯҳҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазир тавассути рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани нерӯйи инсонӣ таъмин карда шавад. Мақсад ба аҳамияти мақсадноки индекаторҳои асосӣ ифода ёфтааст, ки рушди ҳамаи ҷабҳаҳои заминаи осудаҳолии аҳолиро дар давраи татбиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ тавсиф менамояд. Ин нишондиҳандаҳои мақсадноки паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар нақшаи 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. Индикаторҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 2013-2015

Нишондиҳандаҳо	Сатҳи заминавӣ (2005)	Аҳамияти мақсаднок (2009)
Сатҳи ММД ба ҳар сар аҳолӣ (доллари ИМА)	402,1 (2006)	485,5
Рушди ҳисоби миёнаи солонаи ММД (%)	7,0 (2006)	7,0
Таваррумии ҳисоби миёнаи солона (%)	12,5 (2006)	6,0
Профисит\касри буҷети давлатӣ (бе БИД) (%)	+0,3	-1,0
Сатҳи камбизоатӣ ($2,15 ТҚХ)	64,0 (2003)	52,0
Сатҳи нодории аз ҳад зиёд ($1,08 ТҚХ)	18,0 (2003)	10,0
Ҳиссаи бахши хусусӣ дар ММД (%)	43,0	55,0
Рушди ҳамасолаи ҳаҷми ҷалбгардидаи инвеститсияҳои маҷмӯии	100,0	110,0

хусусӣ (бо истиснои инвеститсияҳо ба бахшҳои ибтидоӣ) (%)		
Афзоиши маҳсулоти маҷмӯии кишоварзӣ (%)	103,1	120,0
Афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ (%)	100,0	125,6
Фарогирии умумии кӯдакон ба маълумоти асосии миёна (% аз шумораи умумии кӯдакони синну соли дахлдор)	97,0	98,0
Фавти кӯдакони то 5 сола (ба 1000 навзод)	79 (МИКИ-3)	75
Фавти кӯдакон (ба 1000 зинда таваллудшуда)	65 (МИКИ-3)	62
Фавти модарон (ба 100 ҳазор нафар)	97	70
Миқдори шахсони мубталои ВИЧ (нафар)	627 (2006)	на бештар 2500
Сатҳи беморӣ (ба 100 ҳазор аҳолӣ): варача сил, аз ҷониби ТУТ эҳтимол дониста шудааст, гелминтозҳо сурхча	 37,4 177 (2004) 292,9 (2004) 0,0	 20 145 на бештар 292,9 0,0
Ҳиссаи аҳолии шаҳр / деҳот, ки барояшон манбаъҳои оби дорои сифати баланд дастрас аст (%)	93,0/ 49,0	96,0/ 51,0
Ҳиссаи дастрасии аҳолии шаҳр / деҳот ба шароитҳои асосии санитарию гигиенӣ (%)	20,0/ 5,0	47,0/ 37,0
Майдони заминҳое, ки дар майдони умумии замин дорои ҷангалзор мебошанд (%)	100,0	105,0
Фоизи аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол вобаста ба ҷинс (м/з)	58,3/41,7 (2004)	57,8/42,2 арзёбии пешакӣ

Дигар барномаҳо ва нақшаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд бояд ба Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ мутобиқ бошанд ва дар давраи миёнамуҳлат ноил шудан ба мақсадҳо Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатиро таъмин намоянд.

Мақсадҳои стратегияи паст кардни сатҳи камбизоатӣ таъсири омилҳои берунӣ ва дохилиро инъикос менамояд, ки бо он кишвар дар раванди рушд рӯ ба рӯ гардидааст. Ба ғайра аз омилҳои беруна, ба монанди мавҷуд набудани роҳи баромад ба баҳр, дурӣ аз бозорҳои кишварҳои дорои сатҳи баланди даромад, ноустувории вазъи минтақа, ки дар он кишвар қарор дорад, таҳдиди қочоқи моддаҳои нашъаовар ва терроризм, ба рушди кишвар, инчунин, як қатор омилҳои дохилӣ, ба монанди системаи бесамараи идораи давлатӣ, иқтисоди диверсификатсиянашуда, сатҳи пасти рақобатпазирӣ, рушди баланди демографӣ, паст гардидани сармояҳои инсонӣ ва физикии бамеросмонда таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамзамон, стратегияи паст кардни сатҳи камбизоатӣ ба он назаре асос ёфтааст, ки азму кӯшишҳои мақсаднок ва мувофиқашудаи давлат ва ҷомеа бо кумаки шарикон оид ба рушд имкон медиҳад, таъсири ин омилҳо аз байн бурда шуда, мақсадҳои стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар амал татбиқ гардад, ки ин метавонад барои ноил шудан бо мақсадҳои Стратегияи миллии рушд замина гузорад. Ҳукумат итминон дорад, ки ташкилотҳои донор вобаста ба имконият, бо дарназардошти СМР/ Стратегияи паст кардни сатҳи камбизоатӣ ҷиҳати кумак ба кишвари мо ба барномаҳои худ тағйирот ворид хоҳанд кард.

Стратегияи паст кардни сатҳи камбизоатӣ ба таъмини ошкорӣ, шаффофият ва дар назди ҷомеа ҳисоботдиҳанда будани сиёсати давлатӣ ва таҳкими демократия нигаронида шудааст. Стратегия барои созмон додани ҳамкориҳои давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба он дар ҳамаи даврaҳои татбиқи стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, аз ҷумла дар раванди мониторинг ва тақсими захираҳо нақши муҳим дода мешавад, асос хоҳад буд. Хароҷоти давлатӣ бояд тавассути барномаи миёнамуҳлати буҷетӣ, буҷети солонаи давлатӣ, барномаҳои инвеститсияҳои давлатӣ ба стратегияи паст кардни сатҳи камбизоатӣ мувофиқ бошанд ва заминаи захиравии татбиқи онро таъмин намоянд. Кумаки беруна, дар навбати аввал воситаҳои инвеститсионӣ, ки ба кишвар бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ фароҳам оварда мешаванд, бояд дар буҷети давлатӣ инъикос ёбанд. Бо дарназардошти Стратегияи миллии рушд, мушкилоти мавҷудаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сабақҳои аз татбиқи стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ якум андӯхта (ниг. боби 2) дар Стратегияи мазкур ба сифати самти асосии сиёсати рушди кишвар ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ инҳо муайян гардидаанд:

- такмили идораи давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва самарабахшии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар муборизa бо коррупсия ва фароҳам овардани шароити мусоиди макроиқтисодӣ, муҳити институтсионалӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ барои рушд;
- мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ ва диверсификатсияи иқтисодиёт тавассути рушди бахши хусусӣ ва ҳавасмандгардонии инвеститсияҳо, махсусан дар соҳаи энергетика, инфраструктураи нақлиёт, бахшҳои пахтакорӣ ва ғайра. Ба ин мақсадҳо тавассути тавсеаи озодиҳои иқтисодӣ, таҳкими ҳуқуқи моликият, рушди ҳамкорӣ байни давлат ва бахши хусусӣ ноил шудан мумкин аст;

- рушди неруи инсонӣ тавассути дастрас будани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолии камбизоат, беҳбуди сифати он, фаъол гардонидани иштироки аҳолӣ ба раванди рушд, таҳкими шарикиҳои иҷтимоӣ.

Мутамарказгардонии азму талоши давлат ва ҷомеа дар ин самтҳо имкон медиҳад, ки захираҳои мавҷудаи дохилӣ ва кумаки беруна барои Тоҷикистон ба таври самарабахш ихтиёрдорӣ гардида, рушди ҳама гурӯҳҳои аҳолии кишвар ва дар маҷмӯъ инкишофи ҷомеа тавсеа ёбад ва бо ин усул сатҳи камбизоатӣ пасттар карда шавад.

Тадбирҳои сиёсати давлатӣ, ки ба такмили идораи давлатӣ нигаронида шудаанд, фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушд дар боби 4 «Блоки функсионалӣ» инъикос ёфтаанд. Сиёсати рушди институтсионалӣ ва иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ дар боби 5 «Блоки истеҳсолӣ» ифода гардидааст. Боби 6 «Блоки иҷтимоӣ» тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки рушди неруи инсониро тавассути системаи маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра таъмин менамояд.Дар стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ як қатор мушкилоте мавҷуданд, ки гуногунҷабҳа буда, барои ҳалли онҳо тадбирҳои ҳар се самти асосии сиёсат нигаронида шудаанд. Ба мавзӯъҳои нисбатан муҳимми гуногунҷабҳа инҳо дохил мешаванд:

- анҷом додани дигаргунсозӣ (трансформатсия)-и системавӣ, ки бо мақсади тавсеа ва таъмиқи муносибатҳои бозаргонӣ, рушди иқтисодӣ, паст кардани камбизоатӣ, ҳамаҷониба ба инобат гирифтани ҳуқуқи инсон дар ҳамаи бахшҳои ҳаёти ҷомеа татбиқи муттасили ислоҳоти институтсионалиро тақозо менамояд;
- проблемаҳои демографӣ, ки дар ҳалли масъалаҳои таъмини шуғл, танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, баланд бардоштани сифати қувваи корӣ ва танзими оила муносибати байнисоҳавиро тақозо менамояд;
- рушди босуботи экологӣ, ки ба он танҳо бо шарти мувофиқаи тадбирҳо дар идоракунӣ, рушди саноат, кишоварзӣ, энергетика, инфраструктура, системаи маориф ва тандурустӣ ноил шудан мумкин аст;
- таъмини рушди гендерӣ, баланд бардоштани ҳуқуқ ва имкониятҳои занон, ки ба таъмини ҳуқуқ ва татбиқи онҳо дар соҳаи дастрасӣ ба идоракунӣ, кори дахлдори пардохтшаванда ва бехатар, маориф, тандурустӣ ва шароити зисти бехатар нигаронида шудааст.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ

	с.2006	с.2007	с.2008	с.2009
		дурнамо		
ММД воқеӣ бо нархҳои с.2006 (млн. сомонӣ)	9272,2	9967,6	10675,3	11422,6
ММД ба ҳар сар аҳолӣ (сомонӣ, бо нархҳои с. 2006)	1311,3	1380,4	1447,7	1523,1
Суръати рушди ММД воқеӣ (%)	7,0	7,5	7,1	7,0
Таварруми ҳисоби миёнаи солона (%)	12,5	7,0	6,0	6,0
Содироти мол ва хизматрасонӣ нисбат ба ММД (%)	49,8	46,5	47,1	47,5
Воридоти мол ва хизматрасонӣ нисбат ба ММД (%)	61,3	65,1	65,2	65,5
Нишондиҳандаҳои васеи маблағҳои пулӣ нисбат ба ММД (%)	11	12	13,5	15
Инвеститсияҳои маҷмӯӣ ба сармояи асосӣ нисбат ба ММД (%)	17,2	22,4	21,0	20,0
Даромади буҷети давлатӣ нисбат ба ММД (%)	17,8	19,3	19,9	20,7
Хароҷоти буҷети давлатӣ (бе БИД) нисбат ба ММД (%)	17,3	20,3	20,9	21,7
Профисит\касри буҷети давлатӣ (бе БИД) (%)	+0,3	-1,0	-1,0	-1,0
Нишондиҳандаи васеи касри буҷети давлатӣ (%)	2,7	13,7	9,81	5,50
Қарзи берунаи давлатӣ нисбат ба ММД (%)	33,2	46,1	52,4	55,0
Хизматрасонӣ ба ҳисоби қарзи беруна нисбат ба даромади буҷети давлатӣ (%)	2,6	3,0	3,2	3,2

Сарчашма: ҳангоми омода намудани нақша дурнамоҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молия ва Бонки миллии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2007» (бо назардошти маълумотҳо барои солҳои 2008-2009) тасдиқгардида истифода шудаанд.

Ҷалб ва истифодаи захираҳои молиявии стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба принсипҳои зайл асос ёфтааст:

- Самтгирӣ ба рушди дарозмуҳлат. Кишвар вазифаҳои муқаррарнамудаи суботи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро ҳал намуда, ҳоло ба татбиқи бунёдии вазифаҳои рушди дарозмуҳлати худ қадам мегузорад. Ин чунин маъно дорад, ки кишвар ҳоло ба инвеститсияҳои дарозмуҳлат, дастгирии рушди бахши хусусӣ ва иқтисодиёт, таъмини асосҳои фаъолияти устувори бахши иҷтимоӣ эҳтиёҷ дорад. Ҳамзамон, эҳтиёҷот ба кумаки башардӯстона ва дигар усулҳои кӯтоҳмуҳлати сабук гардонидани равандҳои тезутунди камбизоатӣ камтар мегардад;
- Реализм. Барномаи маблағгузории стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ҳарчанд то андозае мағрурона ба назар мерасад, вале ба арзёбии воқеии имконияти сафарбар намудани захираҳои дохилӣ, ҷалби кумаки беруна ва инвеститсияҳои мустақими

хорич̄ асос меёбад. Инчунин, он ба иқтидори кишвар ҷиҳати истифодаи самарабахш ва судманди ҳаҷми захираҳои дар он гузошташуда такя мекунад.

• Афзалиятбахшии барномаҳои хароҷотӣ. Воситаи муҳимми таъмини воқеияти стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани самарабахшии истифодаи захираҳо аз таҷаммуи онҳо ба самтҳои нисбатан муҳимми сиёсат иборат мебошад.

Ҷадвали 3. Рушди Тоҷикистон дар солҳои 2010-2015

	с.2007	с.2008	с.2009
	дурнамо		
Хароҷот дар маҷмӯъ (аз ҷумла БММ ва БИД)*	100	100	100
Кишоварзӣ	5,4	5,7	4,0
Нақлиёт ва коммуникатсия	16,3	17,3	7,5
Саноати кӯҳкорӣ ва сохтмон	1,0	1,0	1,0
Комплекси гармию энергетикӣ	17,4	10,5	11,8
Хоҷагии манзилию коммуналӣ	4,2	3,6	3,8
Маориф	15,4	16,3	18,4
Тандурустӣ	5,4	5,8	6,7
Ҳифзи иҷтимоӣ	11,1	13,1	15,4
Дигар соҳаҳои бахши иҷтимоӣ	1,6	1,6	1,7
Идоракунии давлатӣ ва дигар хароҷоти буҷет	22,2	25,1	29,7

Маблағгузории барномаҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ аз сенарияи рушди макроиқтисодии кишвар, ки дар ҷадвали 3 оварда шудааст, бармеояд. Он ба муҳити воқеии фарзияҳои беруна, ки дар чунин фазо иқтисоди Тоҷикистон қарор дорад, асос меёбад. Мутобиқи ин сенария иқтисодиёти кишвар дар солҳои 2017-2019 босубот инкишоф ёфта, ММД ба ҳисоби миёнаи солона ба суръати на камтар аз 7% зиёд мегардад, таваррум дар сатҳи 6-7% дар як сол нигоҳ дошта мешавад, инвеститсияҳои маҷмӯӣ дар сармояи асосӣ ба ҳисоби миёна на камтар аз 20% аз ММД хоҳад буд. Дар сурати татбиқи лоиҳаҳои калони энергетикӣ ва инфраструктурӣ инвеститсияҳои маҷмӯӣ метавонанд хеле афзоиш ёбанд.

Дар ҷараёни давраи татбиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба туфайли рушди иқтисодӣ ва тадбирҳои андешидашавандаи сиёсати андозу гумрук ва маъмуригардонӣ афзоиши устувори даромади буҷети давлатӣ пешбинӣ мегардад. Дар назар дошта шудааст, ки дар солҳои 2017-2019 даромади буҷет (бе грантҳо барои дастгирии буҷет) ба ҳисоби миёна 0,8%-и ММД дар як сол афзоиш хоҳад ёфт. Ҳамзамон, маблағгузорӣ барои пӯшонидани касри стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо дарназардошти принсипҳои вобаста ба имконият ҷалб намудани кредити имтиёзнок (на камтар аз 40%-и таркиби грантӣ) ё маблағгузории грантӣ ва ҳаддалимкон паст кардани бесуботии макроиқтисодӣ анҷом дода мешавад. Дар натиҷа қисми хароҷоти буҷет (бо дарназардошти маблағгузории пешбинигардидаи касри Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ метавонад дар соли 2009 то 29%-и ММД баробар шавад.

Ҳаҷми маблағгузорӣ дар доираи БИД аз пакети назарраси захираҳои инвсетитсионӣ иборат аст: дар соли 2006 аз маблағҳои БИД ба маблағи 8,5%-и ММД инвсетитсия анҷом дода шуд; сатҳи инвеститсияҳои пешбинишаванда дар доираи БИД дар солҳои 2007-2009 мутаносибан 13,3, 8,8 ва 4,5% аз ММД ё худ ба ҳисоби миёна 8,9%-и ММД-и солонаро ташкил хоҳад дод. Афзоиши захираҳои БИД, ки асосан аз ҳисоби ҷалби манбаъҳои иловагии маблағгузории берунӣ сурат мегирад, сабаби кам шудани хароҷоти ҷорӣ, ки динамикаи он бо мантиқи ислоҳотӣ дар стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ пешбинишаванда муайян мегарданд, нахоҳад шуд.

АДАБИЁТ

1. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷумҳурият. –Душанбе, 16 апрели соли 2009.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Минтақаро бо неруи барқи арзон таъмин намоем. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси дуввум оид ба фурӯши неруи барқ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ // Ҷумҳурият. - 31октябри соли 2006.
3. Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи марти соли 2004 таҳти №86, тасдиқ шуддааст. –Душанбе, 2004.
4. Барномаи ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои солҳои 1995- 2000 // Садои мардум. - 16 август 1995.
5. Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2003, №53. «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи ичтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳури Тоҷикистон. – 2003. -№12. -мод.681.
7. Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015. -Душанбе, 2007.
8. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар барои тасдиқи Стратегияи ислоҳи системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон » пешбинӣ шудааст. - аз 15 марти соли 2006. -№1713.

9. Барномаи ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1995-2000 // Садои мардум. – 16.08.1995.
10. Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ. -Душанбе: «Унверсал-3», 2002. -448 с.
11. Эргашов А. Курси назарияи иктисодӣ. Макроиқтисод / А. Эргашов. -Душанбе: Эҷод, 2004. –қ. 2.
12. Ҳакимов А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Васоити таълим / А. Ҳакимов. -Душанбе: Ирфон, 2005. - 416 с.
13. Ҳакимов А. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Васоити таълим / А. Ҳакимов. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 488 с.

СТРАТЕГИЯИ ПАСТ КАРДАНИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА НЕКУАҲВОЛИИ МАРДУМ

Мақолаи мазкур ба баррасии мавзӯи стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъсири он ба некуаҳволии мардум дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 барномаи дарозмуҳлати иҷтимоию иқтисодӣ – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва бо дарназардошти он Стратегияи миёнамуҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (минбаъд стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ)-ро таҳия ва қабул намуд. Стратегияи миллии рушд то соли 2015 стратегияи дарозмудат буда, аз се қисм иборат мебошад. Дар ҷараёни давраи татбиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба туфайли рушди иқтисодӣ ва тадбирҳои андешидашавандаи сиёсати андозу гумрук ва маъмуригардонӣ афзоиши устувори даромади буҷети давлатӣ пешбинӣ мегардад.

Калидвожаҳо: камбизоатӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, стратегия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди иқтисодӣ-иҷтимоии давлат, стратегияи дарозмудат.

СТРАТЕГИЯ СНИЖЕНИЯ УРОВНЯ БЕДНОСТИ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА БЛАГОСОСТОЯНИЕ НАРОДА

Данная статья посвящена рассмотрению темы стратегии снижения уровня бедности и ее влиянию на благосостояние народа на примере Республики Таджикистан. С целью повышения уровня жизни населения Правительство Страны в 2017 году приняла перспективную социально-экономическую программу– Национальную стратегию развития Республики Таджикистан на период до 2030 года и с ее учетом Среднесрочную стратегию снижения уровня бедности в Республике Таджикистан на 2018-2022 годы. Национальня стратегия развития до 2015 года явилось перспективной программой и состояло из трех частей. В процессе ее реализации предусматривалось устойчивое повышение государственного бюджета за счёт предпринимаемых мер относительно налоговой и таможенной политики государства и администрирования.

Ключевые слова: бедность, снижение уровня бедности, стратегия, Республика Таджикистан, социально-экономическое развитие страны, перспективная стратегия.

POVERTY REDUCTION STRATEGY AND ITS INFLUENCE ON PEOPLE'S WELFARE

This article is devoted to the topic of poverty reduction strategies and their impact on the well-being of the people on the example of the Republic of Tajikistan. In order to increase the standard of living of the population, the Government of the country in 2017 adopted a promising socio-economic program - the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 and, taking it into account, the medium-term strategy for reducing poverty in the Republic of Tajikistan for 2018-2022. The national development strategy until 2015 was a promising program and consisted of three parts. In the process of its implementation, a steady increase in the state budget was envisaged due to measures taken regarding the tax and customs policies of the state and administration.

Key words: poverty, poverty reduction, strategy, Republic of Tajikistan, socio-economic development of the country, long-term strategy.

Сведения об авторах: ***Тиллоев Саъди Исмоилович*** – Технологический колледж при Технологическом университете Таджикистана, старший преподаватель кафедры информационных технологии. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Н.Карабаева, 63/3. Телефон: **919-01-38-17**
Мирзо Некруз Мирзо - Технологический колледж при Технологическом университете Таджикистана, старший преподаватель кафедры финансовой и банковской экономики. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Н.Карабаева, 63/3

Information about the authors: ***Tilloev Sadi Ismoilovich*** - Technological College at the Technological University of Tajikistan, Senior Lecturer, Department of Information Technology. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karabaev street, 63/3. Phone: **919-01-38-17**
Mirzo Nekruz Mirzo - Technological College at the Technological University of Tajikistan, Senior Lecturer, Department of Financial and Banking Economics. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, N. Karabaev street, 63/3

УДК: 347.73:336.22

ДАР МАСЪАЛАИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ СОХТОРҲОИ СОҲИБКОРӢ

Ашурова М.Т., Саидмахмадова С.М.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар ҷаҳони муосир низоми муносибатҳои бозорӣ модели универсалии хоҷагидориест, ки шароити рушди фаъолияти тиҷоратӣ ва афзудани самари онро бо роҳи афзоиши ҳаҷм, сохтор ва сифати молу хизматрасониҳо таъмин мекунад. Дар ҳар кишвар молияи давлатӣ мавзӯи баҳси гурӯҳҳои мухталифи шаҳрвандон мебошанд. Хусусан, сиёсати андозбандӣ зери кӯшишҳои пурихтилофи бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ таҳия карда

мешавад. Бахши хусусӣ мекӯшад уҳдадориҳои андозро кам кунад, аммо давлат мехоҳад пули бештару бештар ба даст орад. Дар кишварҳои иқтисодӣ гузариш вазъро бадтар кардааст, ки ниҳодҳо сусту фасодзада, иқтисод бесамар, қарзи давлатӣ зиёд аст [3,с.117].

Бо гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ нақшу аҳамияти танзими давлатии муносибатҳои вобаста ба андоз баланд мешавад. Зеро дар ин шароит муносибатҳои андозбандӣ барои давлат асосӣ мебошанд, вазъи молиявии давлат, таъмини молиявии фаъолияти он ба ин вобаста аст. Аз ҳамин сабаб, давлат дар амалкарди босамари андозҳо, ҷамъоварии саривақтӣ ва пурраи даромадҳои буҷет манфиатдор аст.Мақсади асосии рушди сиёсати андозии кишвар ба нақши хизматгузорӣ низоми андоз дар низоми андозу буҷети кишвар мебошад. Ба фикри мо, ҳангоми баррасӣ ва баҳодиҳии андозҳо, пеш аз ҳама, бояд дар хотир дошт, ки андоз барои ташаккули даромадҳои зарурӣ баҳри иҷрои вазифаҳои давлат таъйин шудааст.Вазифаҳои дигари андозбандӣ (танзимнамоӣ, назорат ва ғ.) ба андозаи иҷрои вазифаҳои ҷамъоварии даромад татбиқ мегарданд. Чунончи вазифаи дастгирии сҳаҳои алоҳидаи иқтисод ва гурӯҳҳои суст ҳифзшудаи аҳолӣ метавонанд тавассути додани имтиёзоти андоз ҳал карда шаванд, ки ин боиси кам шудани даромади буҷет мегардад. Умуман, вазифаи танзимгарии низоми андоз дар вазни хоси даромадҳои хазинаи давлат ва таъсири он ба рушд ё коҳиши фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар зоҳир мегардад.Бояд гуфт, ки ҳаҷми маблағи андоз соли 2017 аз ҳисоби бештар ҷамъоварӣ шудани андозҳо, афзоиши содироти нахи пахта ва алюминий, бо вуҷуди таносуби номусоиди нархи онҳо дар бозори ҷаҳонӣ, зиёд шуд. Бино ба маълумоти Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷроиши барзиёди нишондиҳандаҳои асосӣ асосан аз ҳисоби кори смараноки мақомоти андози ш. Душанбе, вилояти Суғд ва ш. Турсунзода, ки 67,2%-и маблағи умумии андозҳоро таъмин менамоянд, таъмин карда шуд. Таҳқиқи намудҳои андоз нишон дод, ки солҳои охир дар таркиби даромадҳои давлат андози калону баландтарин андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) мебошад, ки соли 2009 маблағи он дар ҳаҷми умумии даромад 45,62%, с. 2010 - 47,8%, с. 2011 -49,71%, с. 2012 - 48,96%, с. 2013 - 54%, с. 2014 - 54,5%-ро ташкил дод. Ҷойи дувумро аз ҷиҳати вазни хос дар ҳаҷми умумии андозҳо андози иҷтимоӣ ишғол мекунад, ки маблағи он дар буҷет соли 2009 - 11,81%, с. 2012 - 10,99%, с. 2013 - 11,7%, с. 2014 -12,7%-ро ташкил дод. Андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андоз аз фоида соли 2009 - 14,57%, с. 2010 - 15,73%, с. 2011 - 16,01%, с. 2012 - 16,58%, с. 2013 - 19,2%, с. 2014 - 18,3%-ро ташкил доданд. Таҳлили воридшавии андозҳои мустақим дар давраи мавриди таҳлил нишон медиҳад, ки афзоиши онҳо дар маҷмӯи буҷет ноустувор буда, дар ҳаҷми умумии даромади буҷет соли 2009 - 43,13%, с. 2012 - 38,84%, с. 2013 - 33,1%, с. 2014 - 32,9%-ро ташкил доданд. Таносуби андозҳои мустақиму ғайримустақим дар ММД соли 2013 - 8,4%, с. 2014 - 11,18%-ро ташкил дод [1,с.124].

Ҳиссаи андозҳо аз тиҷорати хориҷӣ (пардохтҳои гумрукӣ, ААИ ва аксиз, андоз аз фурӯш) 52%-и даромади андозро ташкил дод. Ин бори дигар аз вобастагии зиёди иқтисоди кишварамон аз хориҷа гувоҳӣ медиҳад. Ин сохтори ташаккули даромадҳои буҷети ҷумҳуриро мукаммал наметавон шумурд, чунки дар он андозҳои ғайримустақим, ки ифодагари аҳволи иқтисод мебошанд, аз қабили андоз аз фоида, андозҳо аз аҳолӣ, андоз аз амволи корхонаҳо бартарӣ доранд. Сиёсати андозбандии бесамар ва иштибоҳоти фаъолияти мақомоти давлатии дахлдор ҳам ба сустшавии устувории молиявӣ, ихтилофи давлату соҳибкорон, давлату андозсупорон мусоидат кард. Дар ин замина бояд гуфт, ки такмили низоми андоз яке аз вазифаҳои асосии давлат дар самти солимгардонии молиявии иқтисод мебошад.

Дар ин ҷо қайд бояд кард, ки низоми андозро танҳо дар сурати таъмин кардани амалҳои зерин самаранок ҳисобидан мумкин аст:

- воридшавии андозҳо ба буҷет дар ҳаҷме, ки барои иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлат басанда аст;

- шароити молиявӣ барои таҷдиди равандҳои такрористеҳсоли васеъ;

- иҷрои вазифаҳои муҳимтарини давлат, ки аз мазмуни сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат бармеоянд.

Аммо, дар кишварҳои дорои иқтисоди давраи гузариш низоми андозбандӣ дар марҳалаи ташаккулёбӣ ва ислоҳ қарор дорад ва, бинобар ин, то ҳол наметавонад пурра ба ин талабот мувофиқ бошад. Бо вуҷуди ин, барои сохтани иқтисоди бозорӣ ин кишварҳоро лозим аст, то ки дар баробари вазифаҳои дигар тамоми ҷидду ҷаҳдро ба беҳгардонии низоми андозбандӣ равона намуда, онро ба низоми муносиб наздик созанд [4,с.245]. Ҳадафи ислоҳоти андоз бояд аз сохтани низоми андози муносиб ё ақаллан низоме бошад, ки аз ҳозира мукаммалтар аст [2,с.67]. Ба ин васила барои арзёбии самаранокии низоми андозбандӣ маҷмӯи маҳакҳо лозим аст. Азбаски нишондиҳандаҳои мустақими самараи низоми андозбандӣ вуҷуд надоранд, ба андешаи мо, онҳоро дар асоси нишондиҳандаҳои асосии ғайримустақими макроиқтисодӣ таҳлил кардан мумкин аст. Ҳисобҳо дар асоси маълумоти омор нишон доданд, к ибо солимшавии иқтисод дар соли 1997 тайи солҳои

охир ҳаҷми воқеии ММД афзуд, ки ин бевосита ба афзоиши ҳиссаи андозҳо дар хазинаи давлат таъсир гузошт.

Дар ташаккули низоми самараноки андозбандии сохторҳои соҳибкорӣ нақши асосиро воқеан давлат мебозад. Қабули қонуни андози мувофиқ ба талаботи иқтисод ва манфиати молиявии давлат шарти муҳим аст, вале басанда нест. Вазифаи дигари муҳим ташкили механизми таъминкунандаи иҷроиши қонунгузорӣ дар бораи андоз мебошад. Ин устувории низоми андозбандӣ ва сифати қонунгузории андозро ба маҳаки асосии арзёбии самаранокии низоми андоз табдил медиҳад. Аммо, ба андешаи мо дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон [9] нуқсонҳои усулии сиёсати амалкунандаи андоз мавҷуданд, ки асосан бо нақши бартари андозҳои ғайримустақим иртибот доранд. Таҳлил нишон медиҳад, ки самаранокии низоми андозро, пеш аз ҳама, аҳволи дохили низом муайян мекунад. Баҳисобгирии омилҳои объективӣ ва субъективии ташаккули низоми андоз имкон медиҳад, ки сохтору самараи фаъолияти он муносиб шуда, нақшу аҳамияти он дар танзими иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ баланд карда шавад [5,с.167]. Дар хулосаи таҳлили арзёбии сатҳи таъсиррасонии самаранокӣ ва муносибии низоми феълии андоз ба вазъи фаъолияти соҳибкорӣ ҳаминро бояд гуфт, ки дар ҷумҳурӣ имконоти калони қонунии фаъолгардонии сиёсати буҷету андоз ба фоидаи рушди сохторҳои соҳибкор ҷой доранд, ки шароитро баҳри рушди иқтисодии ҷумҳурӣ эҷод мекунанд:

- паст кардани меъёри андоз аз фоидаи корхонаҳо ва воқеан сабук кардани гаронии андоз ба иқтисод ва бо ҳамин кушодани имконоти коҳишдиҳии батадриҷи гаронии андоз аз ҳисоби ҷамъоварии бештари андоз дар натиҷаи густариши заминаи андозбандӣ;

- дар шароити Тоҷикистон, ки ҳадафи асосии ислоҳоти иқтисодӣ эҳёи иқтисод аст, амал кардани меъёри 20%-и ААИ комилан беасос аст. Ба фикри мо ин меъёрро то сатҳи муносиб паст бояд кард;

- бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти сармоягузорӣ низоми воридоти бебоҷи таҷҳизотро ҷорӣ бояд кард;

- бастани роҳҳои канорачӯӣ аз андозбандӣ ва бекор кардани имтиёзҳои беасос;

- ташкил додани низоми оқилонаи андозбандӣ, ки мувозинати манофеи умумидавлатӣ ва хусусиро таъмин намуда, ба рушди соҳибкорӣ мусоидат мекунад.

Ин вазифаҳои муҳим бояд на тавассути тағйири куллии низоми андоз, балки тавассути ислоҳоти батадриҷи он, бартарафсозии камбудиҳо ва барҳамдиҳии нуқсонҳои дохили низом иҷро шаванд.

Зимнан, бояд дар хотир дошт, ки низоми андоз бе солимгардонии заминаву такягоҳи худ, яъне, бе молияи корхонаҳо, самаранок кор карда наметавонад. Новобаста ба ҳама гуна ислоҳоти андоз ин низом танҳо дар сурати беҳгардонии куллии аҳвол дар бахши воқеии иқтисод натиҷа хоҳад дод. Бо мурури инкишофи қуввахои истеҳсолкунанда, афзоиши боигарии миллӣ муносибатҳои молияии вобаста ба ташкил, тақсим ва истифодабарии даромади ширкаткунандагони истеҳсолоти ҷамъиятӣ - субъектони хоҷагидор, кормандони киройӣ ва давлат ҳам такмил меёбанд. Даромадҳои аввалия дар соҳаи истеҳсоли молу хизматрасонӣ ташкил ёфта, арзиши ММД-и дар кишвар тавлидшударо ташкил медиҳанд [4,с.386].

Дар давраи истеҳсоли молу хадамот як қисми муносибатҳои молиявии вобаста ба ташкили даромадҳои аввалияи ширкаткунандагони истеҳсолоти ҷамъиятӣ амалӣ мегардад. Қисмати дигари муносибатҳои молиявӣ соҳаи тақсими даромади аввалияи кормандони киройӣ ва субъектони хоҷагидорро фаро мегирад. Бояд гуфт, ки як қисми ин даромадҳо дар шакли андоз ва пардохтҳои ғайриандозӣ дар низоми буҷет, фондҳои давлатии ғайрибуҷет ва низоми молиявии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҷамъ мешавад. Агар даромадҳои аввалияи кормандони кирояро баррасӣ кунем, ин андоз аз даромад, пардохтҳои ҳатмӣ ба Фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва аъзоҳаққӣ ба Фонди иттифоқҳои касаба мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Джумабоев Х.К. Некоторые аспекты совершенствования налоговой системы Республики Таджикистан в условиях рыночной экономики / Х.К. Джумабоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2018. -№6. -ч.2. -С.123–127.
2. Русавская И.Г. Основы налоговой системы / И.Г. Русавская. -М: Финансы, 2003. -358 с.
3. Петрова Г.В. Современные проблемы развития теории и практики правового регулирования налогообложения в финансовой деятельности государства / Г.В. Петрова // Журнал российского права. - 2002. -№8.
4. Хрестоматия по экономической теории / сост. Е.Ф. Борисов. -М.: Юристъ, 2000. - 536 с.
5. Черник Д.Г. Налоги и налогообложение / Д.Г. Черник. -М.: ИНФРА-М, 2004. -415 с.
6. Налоги и налогообложение в РФ: учебник для вузов / под ред. Н.Г. Дмитриевой. -Ростов н/Д: Феникс, 2010. -512 с.
7. Косов М.Е. Налогообложение имущества и доходов физических лиц / М.Е. Косов, Л.А. Крамаренко, Т.Н. Аксанова. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2012. -431 с.

8. Панков А.И. Налоги и налоговая система РФ: учебник / В.Г. Панков, В.Г. Князев. –МЦФЭР. - 2011. -336 с.
9. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2012. -№9013.

ДАР МАСЪАЛАИ НИЗОМИ АНДОЗБАНДИИ СОХТОРҲОИ СОҲИБКОРӢ

Мубрамияти мавзӯъ дар ин аст, ки бо гузариш ба муносибатҳои бозорӣ нақшу аҳамияти танзими давлатии муносибатҳои оид ба андоз меафзояд. Азбаски дар ин шароит муносибатҳои оид ба андоз барои давлат асосӣ мебошанд, вазъи молиявии кишвар, таъмини молиявии фаъолияти он ба ин муносибатҳо вобаста аст. Мақсад аз ин таҳқиқот таҳлили низоми андозбандии сохторҳои соҳибкорист. Маҳз аз ҳамин сабаб давлат дар фаъолияти самарабахши низоми андозҳо, ташаккули пурраи даромади буҷет манфиат дорад. Муайян шудааст, ки дар ташаккули низоми босамари андозбандии сохторҳои соҳибкорӣ давлат нақши асосиро мебозад. Қабули қонуни андози ҷавобгӯи талаботи иқтисод ва манофеи молиявии давлат шарти муҳим бошад ҳам, басанда нест. Вазифаи муҳимми дигар ташаккули механизми таъмини иҷрои қонунгузории андоз мебошад. Бинобар ин, яке аз маҳакҳои асосии арзёбии самараи низоми андоз устуворӣ ва сатҳу сифати қонунгузории андоз аст. Инчунин, дар мақола қайд гардидааст, ки дар ташаккули низоми самарабахши андозбандӣ сохторҳои соҳибкорӣ нақши асосӣ дошта, ба давлат тааллуқ доранд.

Калидвожаҳо: муносибатҳои бозорӣ, сиёсати андоз, муносибатҳои оид ба андоз, вазифаи андозҳо, низоми андозситонӣ, ислоҳоти андоз, сохторҳои соҳибкорӣ, тиҷорати берунӣ.

К ВОПРОСУ О СИСТЕМЕ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКИХ СТРУКТУР

Актуальность темы статьи определяется тем, что с переходом на рыночные отношения возрастает роль и значимость государственного регулирования налоговых отношений. Так как при этих условиях налоговые отношения являются для государства главенствующими, от них зависит финансовое положение государства, финансовое обеспечение его деятельности. Именно поэтому государство заинтересовано в эффективном функционировании налогов, своевременном и полном поступлении доходов бюджета. Целью данного исследования является анализ системы налогообложения предпринимательских структур. Определено, что в формировании эффективной системы налогообложения предпринимательских структур главная роль объективно принадлежит государству. Принятие адекватного потребностям экономики и финансовым интересам государства налогового законодательства - необходимое, но при этом еще не достаточное условие. Другой, не менее важной задачей, является формирование механизма, обеспечивающего выполнение налогового законодательства. Это выдвигает в качестве основного критерия оценки эффективности налоговой системы ее устойчивость и качественный уровень налогового законодательства. Также отмечается, что в формировании эффективной системы налогообложения предпринимательских структур главная роль объективно принадлежит государству.

Ключевые слова: рыночные отношения, налоговая политика, налоговые отношения, функция налогов, фискальная система, налоговые реформы, предпринимательская деятельность, внешняя торговля.

TO THE QUESTION OF THE SYSTEM OF TAXATION OF ENTREPRENEURSHIP STRUCTURES

The relevance of the article is determined by the fact that, with the transition to market relations, the role and importance of state regulation of tax relations increases. Since under these conditions, tax relations are predominant for the state, the financial position of the state and the financial support of its activities depend on them. That is why the state is interested in the effective functioning of taxes, timely and full receipt of budget revenues. The purpose of this study is to analyze the system of taxation of business structures. It was determined that, in the formation of an effective system of taxation of business structures, the main role objectively belongs to the state. Adoption of tax legislation that is adequate to the needs of the economy and the financial interests of the state is a necessary, but not sufficient condition. Another equally important task is to create a mechanism that ensures the implementation of tax legislation. This sets as the main criterion for assessing the efficiency of the tax system, its sustainability and the qualitative level of tax legislation. It is also noted that in the formation of an effective system of taxation of business structures, the main role objectively belongs to the state.

Key words: market relations, tax policy, tax relations, tax function, fiscal system, Tax reforms, business activities, foreign trade.

Сведения об авторах: ***Ашурова Мижгона Тавакаловна*** **-** Таджикский государственный университет коммерции, ассистент кафедры финансов и кредита. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Дехоти, ½. Телефон**: (+992) 915-08-28-69.** E-mail: **mijgona22@bc.ru**
Саидмахмадова Садбарг Муродалиевна **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, старший преподаватель кафедры экономической теории. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 918-58-84-13**

Information about the authors: ***Ashurova Mizhgona Tavakalovna*** **-** Tajik State University of Commerce, assistant of the Department of Finance and Credit. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Dekhoti street, ½. Phone: **(+992) 915-08-28-69.** E-mail: **mijgona22@bc.ru**
Saidmakhmadova Sadbarg Murodalievna **-** Tajik State University of Finance and Economics, Senior Lecturer, Department of Economic Theory. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14

УДК 339.727

РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ ИНОСТРАННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОГО КАПИТАЛА В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

Миравотов Ф.М.
Худжандского государственного университета имени Б. Гафурова

Международные потоки предпринимательского капитала играют важную роль в развитии мировой экономики. Необходимость привлечения иностранного предпринимательского капитала в развивающихся странах связана с экономическими и финансовыми условиями

развития этих стран и либеральным характером внешнеэкономической политики. Однако исследование показывает, что наряду с существованием большого количества исследований относительно последствий притока иностранного капитала, точная аргументация относительно роли иностранного капитала в достижении экономического роста отсутствует. Исходя из этого исследование теоретических вопросов привлечения иностранного предпринимательского капитала и, уточнение его роли в развитии экономики развивающихся стран являются актуальными.

Для объективного понимания сущности и содержание иностранного предпринимательского капитала, считаем важным раскрыть понятия и виды международного движения капитала.

«Международное движение капитала - это движение финансовых потоков между кредиторами и заемщиками в различных странах, между собственниками и их фирмами, которыми они владеют за рубежом»[1].

По функциональному предназначению международное движение капитала делится на ссудный капитал и предпринимательский капитал.

«Движение ссудного капитала в мировой экономике осуществляется в виде международного кредита, а предпринимательского капитала- путем осуществления зарубежных инвестиций» [4,с.96].

При капиталовложении в форме ссудного капитала иностранный инвестор получает надбавку в форме процента по представленным кредитам, и при капиталовложении в форме предпринимательского капитала получает доход преимущественно в виде прибыли.

«Предпринимательский капитал представляет собой средства, вкладываемые прямо или косвенно в производство товаров или услуг, в бизнес вообще с целью получения дохода преимущественно в виде прибыли» [3,с.9].

Движение предпринимательского капитала выступает в форме иностранных инвестиций, под которыми понимаются «все виды имущественных и интеллектуальных ценностей, вывезенных с территории одного государства и вложенных на территорию другого, для ведения в последнем на свой риск предпринимательской или иной деятельности в целях получения дохода или иного социального эффекта от совместного использования сторонами вложенного капитала» [2,ч.72].

Иностранный предпринимательский капитал перемещается между странами преимущественно в форме прямого и портфельного инвестирования.

Разновидности иностранного предпринимательского капитала приведены на рис. 1.

Рис. 1. Классификация иностранного предпринимательского капитала

Составлено по: Гуща Ю.В. Международное движение капитала / Ю.В. Гуща, Д.Д. Шавель. -С.72-75. [Электронный ресурс]. http://elib.bsu.by/bitstream/123456789/216630/1/72-75.pdf

Предпринимательское капиталовложение в форме прямого инвестирования предпочтительнее тем, что оно вкладывается на длительный сроке и дает возможность

инвесторам более длительного периода функционирования в стране реципиента. Прямые инвестиции также позволяют расширить рынок сбыта для иностранных инвесторов, преодолеть торговые барьеры для входа на новые рынки.

По сравнению с прямым капиталовложением при портфельном инвестировании инвестор лишается права контроля за вложенные инвестиции и рассчитывает только на получение дивиденда. Основные мотивы капиталовложения в форме портфельных инвестиций связаны с уровнем доходности иностранных ценных бумаг, степенью риска и желанием инвестора диверсифицировать свой капитал за рубежом. Динамика портфельных иностранных инвестиций сильно подвержена колебаниям экономической и политической конъюнктуры. Поэтому в мировой экономике ежегодно сокращается объем портфельных инвестиции по сравнению с прямыми [2,с.74].

Приток предпринимательского капитала осуществляется посредством импорта инвестиций от иностранных государств и международных финансовых институтов. Предпринимательский капитал является важным фактором производства. Необходимо отметить, что безвозвратные капиталовложения или беспроцентное вложение капитала в экономике каких-либо стран не относятся к категории предпринимательского капитала, так как не приносят доход своему владельцу. «Однако в принимающей стране эти средства могут быть использованы в качестве капитала» [3,с.9]. Экспортерами предпринимательского капитала являются иностранные государства в лице определенных органов государственной власти, частные предприниматели, иностранные банки, нерезиденты или международные финансовые организации [3,с.12].

Иностранный предпринимательский капитал также может перемещаться между странами в денежной или товарной форме.

Предпринимательский капитал принимает товарную форму, если иностранный инвестор участвует в создании уставного капитала посредством предоставления машин, производственного оборудования, строительства зданий и сооружений или продажи транспортных средств.

По сравнению с ссудным капиталом предпринимательский капитал в основном вкладывается на среднесрочный или долгосрочный период.

ТНК выступает основным субъектом перемещения предпринимательского капитала в мировой экономике. Во всем мире ТНК выступает в качестве не только экспортера но и импортера предпринимательского капитала.

В современных условиях развития мировой экономики, где устранены большинство торговых барьеров между странами, предпринимательский капитал является важным средством повышения конкурентоспособности национальных экономик. Иностранный предпринимательский капитал является важнейшим источником капиталовложений реального сектора экономики во многих странах мира. В условиях повышения зависимости экономики развивающихся стран от внешних факторов и роста отрицательного сальдо торгового баланса, приток предпринимательского капитала улучшает состояние платежного баланса, повышает доступ к передовым технологиям и обеспечивает эффективное использование природных и иных ресурсов. Наряду с этим приток иностранного предпринимательского капитала расширяет экспортный потенциал страны и снижает зависимость от импорта посредством реализации политики импортозамещения.

Предпринимательский капитал для стран-получателей имеет ряд выгод и рисков. Хотя основной поток предпринимательского капитала происходит между развитыми странами, их значение для финансовой стабильности экономики развивающихся стран и переходных стран является существенным. Так как в этих странах нехватка собственных инвестиционных средств является основным препятствием развития экономики.

К негативным последствиям притока иностранного предпринимательского капитала можно отнести эксплуатацию сырьевых ресурсов принимающих стран, перемещение экологически вредных производств в развивающиеся страны и вслед этого рост угрозы загрязнения окружающей среды. Кроме того, по мере роста степени зависимости страны от иностранного предпринимательского капитала степень финансовой независимости принимающихся стран уменьшается и надзорные органы страны будут в состоянии проводить эффективную денежно-кредитную или валютную политику. Приток предпринимательского капитала также может приводить к монополизации определенных сегментов внутреннего рынка, и их использование в политических целях увеличивает вероятность внезапной остановки деятельности предприятий с участием иностранного капитала, что негативно сказывается на экономических показателях принимающихся стран [6,с.176]. В этих условиях также вероятно перемещение капитала и рабочей силы из производственного сектора в другие менее приоритетные секторы экономики.

Наряду с этим, динамика притока иностранного предпринимательского капитала в принимающиеся страны зависит от уровня инвестиционной привлекательности этих стран. Чем больше устранены бюрократические барьеры, облегчены процессы регистрации и ликвидации предприятий для иностранных инвесторов, повышена непрозрачность налоговой и внешнеторговой политики, совершенствована система защиты имущества иностранных инвесторов, тем выше рост притока иностранного предпринимательского капитала в принимающиеся страны.

Развивающиеся страны и страны с переходной экономикой заинтересованы в привлечении предпринимательского капитала по следующим причинам: в этих странах для обеспечения необходимого уровня экономического развития не хватает внутренних финансовых средств, наблюдается неравномерное развитие отечественных отраслей промышленности, сельского хозяйства, развитие и расширение экспортоориентированных и импортозамещающих отраслей производства, рост зависимости от иностранной техники, технологии и неиспользование природных запасов и иных экономических ресурсов.

Грамотная экономическая политика в этом аспекте является одним из условий успешного развития национальной экономики. Потенциально важным преимуществом притока капитала для развивающихся стран является решение проблем финансового ограничения, увеличение капиталовложения в приоритетные секторы экономики и содействие экономическому росту [7,с.270]. Наряду с этим иностранный предпринимательский капитал способствует доступу принимающих стран к новым технологиям, знаниям, что также имеет важное значение для экономического роста [8,с.2023]. Доступ к иностранному предпринимательскому капиталу повысит эффективность и производительность реального сектора экономики, который играет важную роль в создании дополнительных рабочих мест [7,с.274].

Наряду с прямым влиянием на экономический рост, приток предпринимательского капитала может влиять на развитие экономики принимающихся стран посредством регулирования уровня процентной ставки. Так как приток иностранного капитала увеличивает доступ отечественных товаропроизводителей к дополнительным финансовым ресурсам, в результате чего снижаются процентные ставки внутри страны, что в итоге делает его доступным для других групп потребителей. Исходя из этого, отрасли которые более зависимы от внешнего финансирования растут быстрее, по сравнению с другими отраслями экономики страны. Таким образом иностранный предпринимательский капитал оказывает прямое и косвенное влияние на экономический рост посредством прямого и косвенного влияния на объем производства посредством снижения процентной ставки внутри страны. Приток предпринимательского капитала в форме прямых и портфельных инвестиций улучшает общий рост производительности факторов производства, по сравнению с ссудным капиталом.

Страны с развивающейся экономикой нуждаются в значительном количестве иностранных средств во многих отношениях. Во-первых, прямые иностранные инвестиции им необходимы для создания производственных предприятий, расширение деятельности существующих фирм. Во-вторых, выпуская долевые и долговые ценные бумаги предприятия и организации развивающихся стран, привлекают кредиты от иностранных инвесторов. В-третьих, они нуждаются в иностранном капитале для финансирования новых инвестиций и потребностей в оборотном капитале. Таким образом, приток иностранного капитала может обеспечить дополнительный капитал для принимающих стран [5,с.143].

Иностранные инвесторы часто расширяют объем своих капиталовложений на внешних рынках с целью диверсификации структуры своих инвестиций и уменьшения влияния определенных экономических шоков на свои финансовые ресурсы. Рост количества финансовых ресурсов на внутреннем рынке и снижение стоимости капитала являются положительными последствиями притока иностранного капитала. Взаимосвязь между темпом роста отраслей экономики принимающих стран и потоком иностранного капитала более высокий в зависимости от поглощающих способностей этих отраслей. Таким образом, приток капитала ускоряет рост промышленности в отраслях, зависящих от внешних финансов и состав притока капитала имеет особое значение для достижения экономического роста.

Влияние международных потоков предпринимательского капитала на экономический рост может зависеть от «поглощающей способности» стран-получателей. Здесь особую роль играет торговая политика страны и уровень развития финансового рынка внутри страны. Особенно хорошо функционирующая финансовая система улучшит способность экономики извлекать выгоду от размещения притока капитала, по крайней мере, с точки зрения роста отрасли. Развитые финансовые рынки могут способствовать накоплению капитала, стимулировать технологические инновации, снижать операционные издержки и повышать эффективность распределения капитала и, следовательно, стимулировать экономический рост. Таким образом, хорошо функционирующая финансовая система в принимающих странах позволяет более

эффективно использовать иностранный капитал. Хотя состояние банковского сектора стран-реципиентов имеет значение для притока прямых иностранных инвестиций и ссудного капитала, состояние фондового рынка имеет особое значение для притока портфельных инвестиций.

Благодаря эффективному и конкурентоспособному банковскому сектору в принимающих странах, фирмы могут лучше использовать приток иностранного капитала для расширения своего бизнеса, что будет способствовать дальнейшему ускорению экономического роста. Наряду с этим развитый фондовый рынок в принимающих странах устраняет негативное воздействие потока предпринимательского капитала. Таким образом, без привлечения иностранного предпринимательского капитала ни одна страна мира не сможет эффективно развивать свою экономику. Иностранный предпринимательский капитал дает возможность странам- импортерам выйти на новый уровень развития производительных сил, способствует обновлению основного капитала предприятий и организаций и расширению экспортного потенциала принимающей страны, а также привлечению природных и экономических ресурсов принимающих стран в производственном процессе. Свободное движение капитала стимулирует трансграничную торговлю и инвестиции, что может увеличить темпы экономического роста. Предпринимательский капитал может быть использован для развития системы образования и повышает темп рост экспорта отечественных товаров за рубежом. Приток предпринимательского капитала увеличивает производственные возможности стран-реципиентов, способствует росту благосостояния нации посредством роста национального дохода.

ЛИТЕРАТУРА

1. Азрилиян А.Н. Большой экономический словарь / А.Н. Азрилиян. -М., 2008.
2. Гуща Ю.В. Международное движение капитала / Ю.В. Гуща, Д.Д. Шавель. -С.72-75. [Электронный ресурс]. http://elib.bsu.by/bitstream/123456789/216630/1/72-75.pdf
3. Оксютик Г.П. Иностранные инвестиции в России: Монография / Г.П. Оксютик. -СПб.: Издательство Санкт-Петербургского университета управления и экономики, 2014. - 220 с.
4. Степичева О.А. Международное движение капитала в контексте трансформации мировых финансов / О.А. Степичева // Социально-экономические явления и процессы. – 2010. -№4(020). -С.94-98.
5. Bosworth B. Capital flows to developing economies: implications for saving and investment / B. Bosworth, S.M. Collins // Brookings Papers on Economic Activity. - 1999. -№1. -P.143-169.
6. Calvo G. When capital inflows come to a sudden stop: consequences and policy options / G. Calvo, C. Reinhart // Key Issues in Reform of the International Monetary and Financial System. International Monetary Fund. - 2000. -P.175-201.
7. Harrison A. Global capital flows and financing constraints / A. Harrison, I. Love, M. McMillian // Journal of Development Economics. – 2004. -№75(1). –P.269-301.
8. Tong H. The composition matters: capital inflows and liquidity crunch during a global economic crisis / H. Tong, S.J. Wei // Review of Financial Studies. – 2011. -№24. -P.2023-2052.

НАҚШ ВА МОҲИЯТИ САРМОЯИ СОҲИБКОРИИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Дар мақола нақш ва аҳамияти сармояи соҳибкории хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Нақш ва аҳамияти сармояи соҳибкории хориҷӣ дар расидан ба рушди иқтисодӣ ва инкишофи соҳаҳои саноати ватанӣ ва хоҷагии қишлоқ возеҳу равшан карда шудааст. Масъалаҳои назариявии муайянкунии мафҳуми «сармояи соҳибкорӣ» омӯхта шуда, шаклҳои ҳаракати сармояи соҳибкорӣ дар байни кишварҳо гурӯҳбандӣ карда шуда, хусусиятҳои онҳо ифшо карда шудаанд. Таҳлили осори иқтисодӣ оид ба мафҳуми «сармояи соҳибкорӣ» гузаронида шуда, андешаҳои илмии иқтисодшиносон оид ба моҳият ва мундариҷаи он ба низом дароварда шудааст. Таҳлил нишон дод, ки сармояи соҳибкории хориҷӣ ба кишварҳои воридкунанда имкон медиҳад, ки ба сатҳи нави рушди қувваҳои истеҳсолкуннанда расанд, навсозии фондҳои асосии корхонаҳоро ба роҳ монанд, иқтидори содиротии давлати қабулкунанда зиёд карда шавад, ҷалби самараноки захираҳои табиӣ ва иқтисодии кишварҳои қабулкунанда дар истеҳсолот ба роҳ монда шавад.

Калидвожаҳо: ҳаракати байналмилалии сармоя, сармояи соҳибкорӣ, содироти сармоя, воридоти сармоя, сармоягузории хориҷӣ, сармоягузории мустақим, сармоягузории портфелӣ, бозори сармоя, сармояи қарзӣ, бозори сармояи қарзӣ.

РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ ИНОСТРАННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОГО КАПИТАЛА В РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье выявлена роль и значение иностранного предпринимательского капитала в развитии национальной экономики. Уточнена роль и значение иностранного предпринимательского капитала в достижении экономического роста и развитии отечественных отраслей промышленности и сельского хозяйства. Исследованы теоретические вопросы определения понятия предпринимательского капитала, проведена классификация форм перемещения предпринимательского капитала между странами, а также раскрыты его особенности. Проведен литературный обзор определения «предпринимательского капитала» и систематизированы научные взгляды ученых-экономистов касательно его сущности и содержания. Анализ показал, что иностранный предпринимательский капитал дает возможность странам- импортерам выйти на новый уровень развития производительных сил, способствует обновлению основного капитала предприятий и организаций и расширению экспорта принимающей страны, а также привлечению природных и экономических ресурсов принимающих стран в производственном процессе.

Ключевые слова: международное движение капитала, предпринимательский капитал, экспорт капитала, импорт капитала, иностранные инвестиции, прямые инвестиции, портфельные инвестиции рынок капитала, ссудный капитал, рынок ссудного капитала.

ROLE AND SIGNIFICANCE OF FOREIGN ENTREPRENEURIAL CAPITAL IN THE DEVELOPMENT OF NATIONAL ECONOMY

The article reveals the role and importance of foreign entrepreneurial capital in the development of the national economy. The role and importance of foreign entrepreneurial capital in achieving economic growth and the development of domestic industries and agriculture are clarified. Theoretical questions of the definition of the concept of entrepreneurial capital are investigated, a classification of the forms of movement of entrepreneurial capital between countries is carried out, and its features are disclosed. A literary review of the definition of "entrepreneurial capital" is carried out, and the scientific views of scientific economists regarding its nature and content are systematized. The analysis showed that foreign entrepreneurial capital enables importer countries to reach a new level of development of productive forces, contributes to the renewal of fixed capital of enterprises and organizations and the expansion of the export host country, as well as the attraction of natural and economic resources of the host countries in the production process.

Key words: international capital flow, entrepreneurial capital, export capital, import capital, foreign investment, direct investment, portfolio investment, capital market, loan capital, loan capital market.

Сведения об авторе: ***Миравотов Фаррухчон Мусобекович*** - Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова, ассистент кафедры мировой экономики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **Macdonalds_1993@mail.ru.** Телефон: **(+992) 934-20-00-74**

Information about the author: ***Miravotov Farrukhchon Musobekovich*** - Khujand State University named after B. Gafurov, assistant of the Department of World Economy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1. E-mail: **Macdonalds_1993@mail.ru.** Phone: **(+992) 934-20-00-74**

УДК:330(338.47) 336.02

ЦИФРОВАЯ ЭКОНОМИКА В АВТОМАТИЗИРОВАННОЙ СИСТЕМЕ УПРАВЛЕНИЯ

Холматов М.М.
Институт экономики демографии АН Республики Таджикистан

Цифровая экономика выступает в качестве механизма эффективной экономической политики в условиях широкого развития многоуровневых рыночных отношений. Целью данной работы является определение факторов, влияющих на реализацию принципов цифровой экономики. В статьях Евтяновой Дарьи Вячеславовны и Ирановой Марии Викторовны [7] «Цифровая экономика как механизм эффективной экологической и экономической политики» отмечается, что «Автоматизированное управление экономикой способно повысить производительность труда за счет распределения инвестиций в нужном направлении, согласовать производственные отношения и сохранить баланс между отраслями, так как здоровая экономика создаст адекватную базу для формирования и осуществления экологической политики…».

Перспективное планирование экономической деятельности хозяйственных субъектов на основе автоматизированной системы позволит снизить транспортные расходы, транзакционные издержки, перераспределить трудовые ресурсы, что в конечном итоге будет определяющим для снижения загрязнения окружающей среды, контроля за деятельностью основных производственных факторов и выработки эффективной экономико-экологической политики предприятия. Приоритетом для перехода к цифровому управлению экологическими процессами является создание системы контроля экологической обстановки и общей автоматизированной системы управления экономическими процессами [7,с.3].

На основании анализа статистических данных Статистического Агентства Таджикистана, можно сделан вывод, что цифровая экономика становится прерогативой. Для реализации цифровой экономики и затрат на организацию управления контроля за производством, а также выработки эффективной отраслевой экономической политики необходимо внедрение автоматизированной системы управления (АСУ), соответствующей определенным критериям. В процессе разработки на сегодняшний день от ранее действующей системы сохранились только автоматизированные информационные системы (АИС), регулирующие отношения объектов информатизации, а также контролирующие действия субъектов управления» [7]. АИС и АСУ не противоречат и не исключаются и могут успешно взаимодополняться в рамках интересов единой системы информационного обмена при организации управления.

Дар тамоми дунё асли масъулияти ҷиноӣ омм аст. Зеро ҳар шахсе, ки муртакиби ҷурм шавад ва ҷурми иртикобии вай ҳам ҷурми ҷиноят бошад, таъқиби адлӣ ва муҳокамаи вай амри зарурӣ ва ногузир аст. Қабул ва татбиқи асли масъулияти ҷазоӣ амри омм ва бартамоми шаҳрвандон ба ҳар мақом ва мавқеияте ки бошанд, қобили татбиқ

дониста мешавад. Аммо наметавон ҳама афродеро, ки дар ҷомеа зиндагӣ менамоянд ва дар самтҳои мухталифи давлат иҷрои вазифа менамоянд, бидуни дарназардошти ҷойгоҳи сиёсӣ ва ҳуқуқиашон било истисно яксон ва якнавохт мавриди пайгарди қонунӣ қарор дод. Агар чунин мебуд, ҳеҷ гоҳе риояти ҳаққи эҳтиром ва ҳурмат миёни мақомоти олияи сиёсӣ ва табақоти поинӣ ба вуҷуд намеомад. Аз ҷониби дигар, вақте мо аз низоми иҷмоӣ баҳс менамоем ва як ҷомеаи созмонёфтаро ба мутолиа мегирем, вуҷуди як иқтидори олӣ барои ҳидоят ва раҳбарии ҷомеа амри иҷтинобнопазир аст. Барои ин ки ин мақомот битавонанд ҳокимиятро тавре ки лозим аст ба пеш бибаранд, бояд аз соир мардуми одӣ фарқ дошта бошанд. Иқтидорашон мавриди қабул ва пазириши омм бошад ва дар ин ҳол аз эҳтироми лозим ва салоҳиятҳои кофӣ баҳраманд бошанд, то бо қудрати лозим назмро дар ҷомеа эҷод ва аз суботи он ҳиросат намоянд.

Ҳадаф аз ташкили маҳокими хос. Зарурат ба ташкили маҳкамаи хос аз замоне матраҳ шуд, ки дар қавонини асосии кишварҳо асли тафкики қуввоъ пазируфта шуд. Ба ибораи дигар, дар сурате ки қуввои сегона дар як режеми сиёсӣ аз ҳайси андом ва анҷоми корҳое, бахусус аз якдигар мунфасил бошанд ва ҳеҷ кадом аз дастгоҳҳо нисбат ба қаламрави кори якдигар мудохила накунанд, қобили иҷро бошад. Албатта, ин тарзи тафаккур маҳсули низоми раёсатӣ аст, ки дар он қуввои сегона ва дар сатҳи мусовӣ бо ҳам қарор мегиранд. Фарз бар он аст, ки ҳеҷ қуввае нисбат ба якдигар бартарӣ надоранд. Низоми раёсатӣ наздиктарин режим ба тафкики комили қувво аст ва мавлуди он Қонуни асосии ИМА (1787) [5, 336]. Дар ин кишвар дар канори як конгресс, ки бо раъйи ҳамагонӣ интихоб мешаванд, як раиси ҷумҳури интихобӣ низ аз сӯйи мардум аъмоли салоҳият мекунад, ки қувваи иҷроияро дар ихтиёр дорад. Ин ду қувва дар айни мунфасил будан аз якдигар, нисбат ба ҳамдигар аз истиқлол бархӯрдоранд. Яъне, ҳам раиси ҷумҳур ва ҳам конгресс машрӯияташонро аз раъйи мардум ба даст меоваранд. Ва ҳеҷ яке аз салоҳияти аъмоли нуфуз нисбат ба дигаре бархӯрдор нест. Раиси ҷумҳур наметавонад маҷолиси муқаннанро мунҳал кунад ва конгресс низ салоҳият надорад аз раиси ҷумҳур салби эътимод намояд. Ин тавозун дар маншаи машрӯъият, сабаб мешавад раиси ҷумҳур ва аъзои кобинаи он муртакиби амали хилофи қонун шаванд, аз тарафи қувваи муқанна ё қувваи қазоия, мавриди муҳокима ва муҷозот қарор гиранд. Аз ҷониби дигар, истиқлолияти қувваи қазоия ҳам дар Қонуни асосӣ пазируфта шудааст. Барои он ки ин қувва ҳам мавриди аъмоли нуфузи ду қувваи дигар воқеъ нашавад ва ё худи ин қувва нисбати иқтидороте, ки ба ӯ дода шудааст, нисбат ба қувваҳои дигар аъмоли нуфуз накунад, биноан лозим дониста шуда, ки барои ҳифзи истиқлолияти ҳар як аз қувваҳо, мароҷеи расидагӣ ба ҷароимашон низ ба таври хос дар назар гирифта шавад, то аз як тараф адолат дар қиболи онҳо татбиқ ва аз ҷониби дигар ҳудуди истиқлоли ҳар як аз иттиҳом ва муҳокамаи қувваҳои дигар дар амон бимонад. Аз назари ҳуқуқӣ масъулият зодаи салоҳият аст ва салоҳият ҳам зодаи тахассус ва тааҳҳуд мебошад, ки асбоби эътимоди ҷомеаро дар супурдани муқадироташон ба дасти ашхос муҳайё мегардонад. Ҳар гоҳ ашхос ё мақомот ба тааҳҳудоти супурдашудаашон амал накунанд, ё хилофи қонун амал намоянд ва қавонини қабулшударо дар иҷроот дар назар нагиранд ва навъи суиистифодаи шахсе аз салоҳият намоянд, масъул дониста шуда, ҳатмӣ мавриди таъқиби адлӣ ва қазоӣ қарор мегиранд.

Масъулият ҳам ба таври умум ба се шакл аст, ки шомили масъулияти маданӣ, масъулияти ҷазоӣ ва масъулияти сиёсӣ мешавад. Мутобиқи Қонуни асосии Афғонистон масъулияти ҷазоии мақомот ба таносуби қудрат ва ихтёроташон, дар ниҳодҳои ҳокимият фарқ мекунад.

Анвои маҳокими хос дар Қонуни асосии Афғонистон. Ташкили маҳокими хосси мустақил аз иқтидори қувваи қазоия, дар Қонуни асосии Афғонистон дар моддаҳои 69-78 ва127 пешбинӣ шудааст.

Модда 69 Қонуни асосӣ ташкили маҳкамаи хосро барои расидагӣ ба ҷароими иртикоби зиддибашарӣ, хиёнати миллӣ ва ҷиноят аз ҷониби раиси ҷумҳур пешбинӣ кардааст.

Моддаи 78 Қонуни асосӣ дар мавриди расидагӣ ба ҷароим ва масъулиятҳои ҷазоии вузаро ва тарзи ташкили маҳокими хос барои онҳо пешбинӣ шудааст.

Моддаи 127 дар мавриди пешбинии маҳкамаи хос барои расидагӣ ба ҷароими ҷиноии аъзои Шӯрои олии қазоӣ дар Қонуни асосии Афғонистон мебошад.

Барои ин ки бидонем чаро маҳокими хосс барои расидагӣ ба ҷароими раиси ҷумҳур, вузаро ва аъзои Шӯрои олии қазоӣ дар назар гирифта шуда, лозим аст ҳар якро ба таври ҷудогонабаррасӣ намоем.

Ташкили маҳкамаи хос барои расидагӣ ба ҷароими раиси ҷумҳур. Бо он ки дар ҳар кишваре ҳаққи расидагӣ ба ҳама ҷароими ҷиноӣ аз салоҳиятҳои маҳокими умумӣ аст, аммо дар робита ба расидагӣ ба ҷароими ҷиноии раиси ҷумҳур дар Қонуни асосии Афғонистон марҷаи хос дар назар гирифта шудааст. Мантиқе, ки ин тасмимро мустадил

месозад, риояи асли тафкики қуввахо дар низомҳои сиёсӣ аст. Зеро назорати раиси ҷумҳур тавассути ду қувва дигар ва ё масъул будани вай дар баробар ду ниҳоди дигар, на танҳо бо моҳияти вазоиф, масъулиятҳо ва ихтиёроти бартаре, ки раиси ҷумҳур дорад, носозгор аст, балки усулан бо асли истиқлол ва тафкики қуввахо низ носозгор мебошад [4, 336].

Ба ҳамин лиҳоз аст, ки руасои ҷумҳурӣ дар аксар қавонини асосии кишварҳо дар назди ҳеҷ як аз ниҳодҳо ё ашхос масъул нестанд. Аммо, дар баробари миллат аз аъмолашон масъуланд. Зеро ин мардуманд, ки раиси ҷумҳурро ба намояндагӣ аз худашон барои дифоъ аз манофеи моддӣ ва маънавиашон баргузидаанд. Ягона роҳи мантиқӣ ва маъқул ҳам ин аст, ки танҳо мардум ҳақ доранд аъмоли раиси ҷумҳурро назорат намоянд. Мубтанӣ бар ҳамин асл аст, ки Қонуни асосии Афғонистон низ дар моддаи 69 чунин муқаррар намудааст: «Раиси ҷумҳур дар баробари миллат ва велси ҷирга мутобиқ ба аҳкоми ин модда масъул аст». Агар бодиққат бар матни модда таваҷҷуҳ кунем, дида мешавад, ки истилоҳи велси ҷирга дар канори истилоҳи миллат ба кор бурда шудааст. Баёнгари ин ҳадаф аст, ки қонуни ифои ин нақшро ғайримустақим дониста ва ба велси ҷиргаи Афғонистон салоҳият медиҳад, то ба намояндагӣ аз тарафи миллат уҳдадори амри ташхиси амали хилофи қонуни раиси ҷумҳур ва тақозои иттиҳом алайҳи ӯ, мутобиқи шароити пешбинишуда дар Қонуни асосӣ гардад.

Масъулияти раиси ҷумҳур. Гарчи дар низоми ҳуқуқи асосии Афғонистон ҳам раиси ҷумҳур дар баробар ҳеҷ ниҳод ё шахсе посухгӯ намешавад (масъулияти сиёсӣ надорад) чизе ба номи истезоҳ ё азл дар қиболи он низ қобили пешбинӣ нест. Магар дар як ҳолат, ки дар моддаи 69 ин қонун пешбинӣ шудааст. Ва он чи дар ин модда тазаккур рафта, масъулияти сиёсӣ нест, велси ҷирга ҳам ҳаққи истезоро надорад, балки масъулияти ҷазоӣ аст. Аммо тафовути он бо ашхоси одӣ дар он аст, ки дар мавриди раиси ҷумҳур, таъқиби адлӣ ва муҳокима бо созу кори хос сурат мегирад, на аз маҷрои одии сорунволӣ ва маҳокими одӣ ё маъмулӣ. Ин навъи маҳокими раиси ҷумҳур дар Қонуни асосии Афғонистон бо иқтибос аз равиши низом нимараёсатии Фаронса пешбинӣ гардидааст ва Фаронса модели аслӣ барои ин навъи низомҳо мебошад.

Қонуни асосии Афғонистон ҳам бо тақлид аз равиши қавонини асоси кишварҳои мутазаккира, алалхусус иқтибос аз қонуни асосии кишварҳои Фаронса ва Миср ба тасвиб расидааст. Матни моддаи 69 Қонуни асосии Афғонистон ҳам дар бахши дувуми мода, иттиҳом ба раиси ҷумҳурро ба иртикоби ҷароими зиддибашарӣ, хиёнати миллӣ ё ҷиноят, амале медонад, ки тайи ташрифоти хос мутобиқи шароити пешбинишуда иҷро мешавад. Ҷароими мутазаккира дар кулл асбоби масъулияти раиси ҷумҳурро дар баробар намояндагони миллат ба таври ғайримустақим муҳайё месозад. Навъи ҷароиме, ки дар матни ин модда баён шудааст, зарурат ба микс ва таомул дорад.

1. ***Ҷароими зиддибашарӣ***. Қонуни асосӣ аз ҷароими зиддибашарӣ ба ҳайси омили маҳрумият аз ҳуқуқ ва таъқиби адлӣ ёдоварӣ намуда, аммо таърифи хос ва мавриди иттифоқ «аз ҷароими зиддибашарӣ» дар қавонини дохилӣ қобили дарёфт нест. Аммо ҷавомеи башарӣ ҳамвора ба ин навъи ҷароим мувоҷеҳ будааст, ки на танҳо барои ҷомеаи миллӣ ғайриқобили пазириш буда, балки кулли ҷавомеи башариро мутаассир месохтааст. Нидои саркӯби ин ҷароим усулан пас аз пайдоиши ҷунбиши ҳуқуқи башар дар солҳои пасини Ҷанги ҷаҳонии дувум матраҳ гардид. Ин ҷароим аз он ҷиҳат қобили таъқиб хонда шуд, ки қурбонии он кулли башарият аст [7, 312].
2. ***Хиёнати миллӣ***. Мутаассифона, Қонуни ҷазоии кишвари мо монанди ағлаб қавонини кишварҳо дар ин замина сокит буда ва мардумро дар ҳоли ибҳом қарор додааст.
3. ***Ҷиноят***. Ҷурми ҷиноят ва ҷазои он дар моддаи 24 Қонуни ҷазоии Афғонистон таъриф шуда ва чунин баён медорад: «Ҷиноят ҷурмест, ки муртакиби он ба эъдом ё ҳабси тавил ё ҳабси давом маҳкум гардад».

Ташрифоти маҳкамаи раиси ҷумҳур. Расидагӣ ба ҷароими раиси ҷумҳур тобеи ташрифоти хос ва комилан мутафовит аз усули омми муҳокимоти ҷазоӣ аст. Фароянди ин ташрифот дарбаргирандаи се марҳала аст, ки қарори зайл мебошад:

1. Тарҳи масъулияти раиси ҷумҳур: салоҳияти тарҳи масъулияти раиси ҷумҳурро Қонуни асосӣ ба велси ҷирга муҳаввал кардааст. Тавре ки нахуст тақозои масъулият аз тарафи як сулси кулли аъзои маҷлис сурат гирифта ва дар сурате ки ин тақозо аз ҷониби 2 бар 3 орои велси ҷирга ба тасвиб бирасад, маҷлиси мазбур бояд Луя ҷиргаро дар хилоли муддати як моҳ доир намояд [3, 130].
2. Ҳар гоҳ Луя ҷирга иттиҳоми мансубро бо аксарияти орои ду сулси кулли аъзо тасвиб намояд, раиси ҷумҳур аз вазифа мунфасил ва мавзӯъ ба маҳкамаи хос муҳаввал мегардад.
3. Ташкили маҳкамаи хосси раиси ҷумҳур. Баъд аз он ки Луя ҷирга тавассути парлумон даъват мегардад ва Луя ҷирга мавзӯи иттиҳомро ба аксарияти ду сулси кулли аъзо мавриди тайид қарор медиҳад, тибқи қонун маҳкамаи хос ташкил мегардад.

Модда 69 Қонуни асосии Афғонистон ташкили маҳкамаи хосро таври зайл дар назар гирифтааст:

1. раиси Мишрону ҷирга;
2. се нафар аз аъзои велси ҷирга ба таъйини Луя ҷирга;
3. се нафар аз аъзои ситра маҳкама ба таъйин Луя ҷирга;
4. як нафар, ки иқомаи даъвиро дар пешгоҳи маҳкама намояд ба таъйини Луя ҷирга.

Қобили тазаккур аст, замоне ки иттиҳоми ворида бо тасвиби Луя ҷирга мавриди тайид қарор мегирад, вазифаи раиси ҷумҳур ба таълиқ меравад, тибқи ҳукми банди ахири моддаи 67 Қонуни асосӣ, муовини аввали вазоифи раиси ҷумҳурро дар ҳудуди қонун ба уҳда мегирад.

Инҳилоли маҳкама. Маҳкамаи хос баъд аз исдори ҳукм ва иблоғи он ба тарафайн ва таҳрир мунҳал мегардад. Файсала ба ғарази танфиз ба идораи сорнволӣ ирсол, асли файсала ва соир аснод ва авроқ, феҳрист ва ба ситраи маҳкама фиристода шуда ва дар архиви он ҳифз мегардад.

Ҳуқуқи давраи инфисол бо дарназардошти шароити зайл қобили иҷро мебошад:

- иҷрои ҳуқуқ ва имтёзоти ашхосе, ки иттиҳом ба вай ворид аст, тибқи моддаи 3 Қонуни маҳакаи хосс, дар ҳолоти азл, инфисол аз вазифа, тавқиф ва маҳокима, маътал қарор дода мешавад;
- ҳар гоҳ ҳайати таҳқиқ ё маҳкама қарор адами лузуми иқомаи даъвиро содир ва ё маҳкама ба бароат муттаҳам ҳукм намояд, маош ва соир ҳуқуқ ва имтиёзоти давраи таълиқ ба вай пардохта мешавад [10: моддаи 20].

Ин амри зарурӣ ва лозимӣ аст, ба ҷурмҳои муҳимме, ки масъулони балоии сиёсӣ ва қазоии давлат ҳангоми вазифа муртакиби он мешаванд. Барои татбиқи адолат ва таҳкими ҳокимияти қонун мавриди расидагӣ қарор гирад. Аз ин ки мақомоти сиёсӣ ва шӯрои олии қазоӣ дар низомҳои сиёсӣ аз ҷойгоҳи воло ва воҷибулэҳтиром бархӯрдоранд, мумкин нест ба нисбати ҷойгоҳи хоссаашон дар низом, монанди афроди одӣ ва ё соир коркунон дар маҳокими оммӣ ва одӣ мавриди муҳокима қарор гиранд. Ба ҳамин лиҳоз аст, ки дар қавонини кишварҳо барои муҳокима ва муҷозоташон маҳоким ва мароҷеи хос пешбинӣ шудааст, ки тайи ташрифоти хос тибқи пешбинии қавонин амалӣ мегардад. Қонуни асосии Афғонистон ҳам муҳокимаи ин мақомотро дар салоҳияти маҳокими хос гузоштааст. Аммо, тавре ки дида мешавад, Қонуни асосии Афғонистон маҳкамаи хосро дар моддаҳои 69, 78 ва 127 хеш пешбинӣ кардааст. Ташкили маҳокими хос барои вузаро ва қузоти ситраи маҳкама дар як қонуни ҷудогона пешбинӣ шуда ва шароитеро, ки барои доир шудани он дар назар гирифта, имкони ташкили онро дар ҳар замон ва макони зарур донистааст. Аммо он чи мушкил ба назар мерасад, ба сурати амалӣ ташкили маҳкамаи хос барои расидагӣ ба ҷароими ҷиноӣ мансуб ба раиси ҷумҳур аст. Аввалан, ҷурми хиёнати миллӣ то кунун таъриф ва абъоди он таъйин ва мушаххас нагардида, сониян, барои тадоири маҳкамаи хос барои муҳокимаи раиси ҷумҳур тобеи ташрифот қарор гирифта, ки дар нахуст ба нисбати ҳазинабардор будани он номумкин менамояд, аз сӯйи дигар, ба нисбати адами алоқаи низом ба такмили нисоби Луя ҷиргаи қонунӣ, таъқиби масъулияти ҷазои раиси ҷумҳур номумкин мебошад. Зеро, то замоне ки нисоби Луя ҷирга Қонуни асосӣ такмил набошад, валекин раиси ҷумҳур муртакиби ҷурм машҳуд ҳам шавад, марҷаи қонунии расидагӣ ба он ташкил шуда наметавонад. Аз ҳамин лиҳоз аст, ки раиси ҷумҳур дасти худро дар ин замина боз дида, аз ҳеҷ гуна иртикоби амали хилофи қонун, бахусус хиёнати миллӣ ибо нахоҳад кард. Ноамнӣ ва ҷанг дар кишвар ду омиле мебошанд, ки баҳонаи адами вуҷуди шароити лозимро барои такмили нисоб ташкили Луя ҷирга фароҳам намудааст. Биноан, гуфта мешавад, ки ҷанг ва ноамнӣ ба суди раиси ҷумҳур буда ва аз вазъи мавҷуда метавонад суди ҳангуфте бибарад.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбарӣ, Сайид Ҳомид. Матни қонуни асосии кишварҳои ҷаҳон. – Теҳрон: Навиди Шероз, 1390.
2. Дониш, Сарвар. Ҳуқуқи асосӣ. – Кобул: Ибни Сино, 1389.
3. Расулӣ, Муҳаммадашраф. Таҳлил ва дақиқи Қонуни асосии Афғонистон. – Кобул: Саид, 1389.
4. Занҷонӣ, Аббос Алӣ Умед. Фиққи сиёсӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1373. – Ҷ.1.
5. Шариатпаноҳӣ, Абулфазл Қозӣ. Ҳуқуқи асосӣ ва ниҳодҳои сиёсӣ. –Теҳрон:Амири Кабир, 1383.
6. Таботабоӣ Мутаминӣ, Манучеҳр. Ҳуқуқи асосӣ. – Теҳрон: Мизон, 1393. Чопи ёздаҳум.
7. Ниёз, Абдулваҳид. Муқаддимае бар ҳуқуқи асосии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон. Интишороти «Саид», 1393.
8. Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон. – Кобул: Интишороти Вазорати адлия, 1382. - №818.
9. Қонуни ташкил ва салоҳияти маҳокими хос. – Кобул: Интишороти Вазорати адлия, 1389.
10. Қонуни ҷароим алайҳи амнияти дохилӣ ва хориҷӣ. – Кобул: Интишороти Вазорати адлия, 1392.

МАҲОКИМИ ХОС ВА ЧИГУНАГИИ ТАШКИЛИ ОН ДАР АФҒОНИСТОН

Аз он ҷое, ки ҷурм як амри шахсӣ аст ва аз он ҷое, ки асли масъулияти ҷазои ом аст, ҳама касоне, ки муртакиби ҷароими ҷиноӣ, маданӣ ва ё сиёсӣ мегарданд, било истисно ва бидуни дарназардошти мақоми

сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бояд мавриди муҳокима ва муҷозот қарор гиранд, то ҳеч шахсе маҷоли фирор аз татбиқи қонунро пайдо накунанд ва татбиқи адолат дар ҷомеа муаллақ ва по дар ҳаво боқӣ намонад. Аммо аз он, ки асли тафкики қувво иҷоза намедиҳад ашхос мумассали қуввахое, ки дар сатҳи мусовӣ нисбат ба ҳамдигар қарор доранд, дар як марзи воҳиди қазоӣ мавриди таъқиби адлӣ ва қазоӣ қарор гиранд ва асбоби аъмоли нуфузи як қувва нисбат ба қувваи дигар мусоид гардад, ногузир бояд барои муҳокимаи онҳо маҳокими хос дар назар гирифта мешавад. Қонуни асосии Афғонистон низ барои расидагӣ ба ҷароими мақомоти хосси сиёсӣ дар чавкоти асли тафкики қувваҳо (раис ҷумҳур, вузаро ва қузоти девони олӣ)-ро дар муводаоти мухталиф (дар маҳокими хос) ба ғайр аз маҳокими умумӣ пешбинӣ ва тасҷил кардааст. Дар ин мақола кӯшиш шудааст ба сурати умумӣ ҳадаф аз ташкили ин маҳоким, аҳаммият ва наҳваи расидагӣ ба ҷароими ашхоси тобеи ин маҳоким, наҳваи ҳукм ва сурати танфизи он мавриди мутолиа ва баррасӣ қарор гирад.

Калидвожаҳо: Афғонистон, системаи судӣ, суди махсус, судҳои зиддикоррупсионӣ, тартиби баррасии парвандаҳои коррупсия, судҳои зинаи аввал, шикоят аз қарорҳо, тезонидани баррасии парвандаҳо, муҳлати баррасии парвандаҳо.

СПЕЦИАЛИЗИРОВАННЫЕ СУДЫ И ФОРМЫ ИХ ОРГАНИЗАЦИИ В АФГАНИСТАНЕ

Статья посвящена изучению опыта деятельности специализированных судов и особенностей законодательного проектирования данного института на примере исламской Республики Афганистан. Автором рассматриваются понятие и классификация специализированных судов и результаты их деятельности. Анализируются причины недостаточной эффективности их функционирования и исследуются особенности принятия закона об специализированномсуде . Констатируется, что создание в Афганистане отдельной системы судов является требованием западных партнеров страны. Также рассматриваются аргументы сторонников и противников появления специализированных судов в судебной системе . Как суд первой инстанции специализиованный суд рассматривает преступления отдельных категорий лиц (высокопоставленных чиновников), так как коррупция создаёт серьезные препятствия для экономического развития и безопасности в Афганистане. Данный судебный орган должен качественно укреплять судебную систему страны и выносить независимые, справедливые решения, в данном случае по проявлениям коррупции на высоком уровне.

Ключевые слова: Афганистан, судебная система, специализированный суд, антикоррупционные суды, процедура рассмотрения дел о коррупции, суды первой инстанции, обжалование решений, ускорение рассмотрения дел, конечные сроки рассмотрения дел.

SPECIALIZED COURTS AND FORMS OF THEIR ORGANIZATION IN AFGHANISTAN

The article is devoted to the study of the experience of specialized courts and the peculiarities of the legislative design of this institution using the example of the Islamic Republic of Afghanistan. The author considers the concept and classification of specialized courts and the results of their activities. The reasons for the lack of effectiveness of their functioning are analyzed and the features of the adoption of the law on specialized courts are investigated. It is stated that the creation of a separate court system in Afghanistan is a requirement of the country's western partners. The arguments of supporters and opponents of the appearance of specialized courts in the judicial system are also considered. As a court of first instance, a specialized court examines the crimes of certain categories of persons (high-ranking officials), as corruption creates serious obstacles to economic development and security in Afghanistan. This judicial body must qualitatively strengthen the country's judicial system and make independent, fair decisions, in this case, on manifestations of corruption at a high level.

Key words: Afghanistan, judicial system, specialized court, anti-corruption courts, procedure for considering corruption cases, courts of first instance, appeal of decisions, expediting the consideration of cases, deadlines for considering cases.

Сведения об авторах: ***Мухаммад Джаъфар Кухистони*** - Университет Кабул Исламской Республики Афганистан, преподаватель факультета права и политических наук

Абдулшабир Муслех – Университет Кабул Исламской Республики Афганистан, преподаватель факультета права и политических наук. E-mail: **Shabeermosleh@gmail.com.** Телефон**: 0708969057**

Information about the authors: ***Muhammad Jafar Kuhistoni*** - Kabul University of the Islamic Republic of Afghanistan, lecturer at the Faculty of Law and Political Sciences

Abdulshabir Musleh - Kabul University of the Islamic Republic of Afghanistan, lecturer in the Faculty of Law and Political Science. E-mail: **Shabeermosleh@gmail.com.** Phone: **0708969057**

УДК: 321(581)

БАРРАСИИ НИЗОМИ ИНТИХОБОТИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН

Сайид Аҳмад Ротиб Музаффарӣ, Шавкат Алӣ Фарҳанг
Донишгоҳи Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Низоми интихоботӣ як мавзӯи ҳуқуқӣ-сиёсии бениҳоят арзишманд мебошад. Низоми интихоботӣ метавонад бар иттиҳод ва ҳамбастагии иҷтимоӣ, суботи сиёсӣ, таркиби мунсифонаи маҷолиси қонунгузорӣ, тақаллуб ва тахаллуф дар интихобот, чигунагии нақши аҳзоб ва басо мавзӯоти дигар таъсири мустақим дошта бошад. Аз назари илмӣ, меъёрҳои мутааддид барои тарроҳӣ, гузиниш ва арзёбии низомҳои интихоботӣ пешниҳод гардидаанд. Давлатҳо метавонанд бо риояти меъёрҳои илмӣ дар замони интихоб ё тарроҳии низоми интихоботӣ, табаоти манфии низоми интихоботиро коҳиш диҳанд.

Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар моддаи 4 ва 33 хеш, ҳокимияти миллиро аз они миллат медонад ва ҳаққи интихоб кардан ва интихоб шуданро барои атбои Афғонистон ба расмият мешиносад. Барои амалӣ шудани ин мавод, Қонуни асосӣ

интихоботи раёсати ҷумҳурӣ, интихоботи шӯрои миллӣ, интихоботи шӯроҳои вилоятӣ, вулусволӣ ва қария, интихоботи шоруволиҳо (шаҳрдорӣ) ва интихоботи маҷолиси шаҳрдориро пешбинӣ намудааст. Дар ҳоле ки Қонуни асосӣ барои ин интихоботҳо низоми хоссаро муаррифӣ наменамояд, аммо дар моддаи 83 чунин баён медорад: «Дар Қонуни интихобот бояд тадобире иттихоз гардад, ки низоми интихоботӣ намояндагии умумӣ ва одилонаро барои тамоми мардуми кишвар таъмин намояд». Бо таваҷҷуҳ ба ҳидояти ин модда, намояндагии умумӣ ва одилона будан, меъёрҳои аслӣ барои гузиниш ё тарроҳии низоми интихоботӣ дар кишвар мебошад.

Қабл аз ин ки дар бораи низомҳои интихоботӣ дар Афғонистон мабоҳис дошта бошем, зарур аст меъёрҳои пешбинишудаи Қонуни асосӣ дар мавриди наҳваи баргузории интихобот ва наҳваи раъйгириро тавзеҳ диҳем. Ин меъёрҳо дар тамоми интихоботҳо дар кишвар пешбинӣ гардидаанд. Ин меъёрҳо шомили озод, умумӣ, сарӣ ва мустақим будан мебошад, ки ҳар як аз ин меъёрҳо, ба сурати мухтасар дар зайл шарҳ дода шудааст:

Озодӣ дар истеъмоли раъй ба ин мафҳум аст, ки шахси раъйдиҳанда бидуни икроҳ ва иҷбор битавонад раъйи худро истеъмол намояд. Ҳар гоҳ шахс маҷбур гардад, ки ба шахси ғайр аз шахси мавриди назари хеш раъй диҳад, аз диди Қонуни асосӣ, ин раъй саҳеҳ набуда ва ботил мебошад. Қонуни интихобот дар таърифи раъй баён медорад, ки «раъй иродаи шахс аст, ки ба манзури гузиниши кондиди мавриди назар истеъмол мегардад». Ҳоло, агар шахси раъйдиҳанда маҷбур сохта шавад, ки ба шахси мавриди назари дигаре раъй диҳад, ин таърифи раъй нақс мегардад. Ҳамчунин, Қонуни интихобот дар моддаи дигари хеш тасреҳ менамояд, ки «ҳар навъ маҳдудияти мустақим ва ғайримустақим бар раъйдиҳандагон ва кондидон бар асоси забон, мазҳаб, қавм, ҷинс, қабила, самт, сукунат ва мавқеи иҷтимоӣ ё вазифавӣ ё маълулият мамнуъ мебошад». Ин модда низ бо манъи ҳар хел маҳдудият, таъкид бар озодӣ дар истеъмоли раъй медошта бошад. Пас, раъйи саҳеҳ, раъйе аст, ки бо озодии комили раъйдиҳанда истеъмол гардад.

Умумӣ будан меъёри дигари раъйгирӣ дар Афғонистон таъйин шудааст. Умумӣ будан ба ин мафҳум аст, ки тамоми шаҳрвандони воҷиди шароит битавонанд дар интихобот ширкат кунанд. Ҳеҷ минтақа ва маҳаллае набояд аз ҳаққи ширкат дар интихобот маҳрум сохта шаванд. Моддаи 33 Қонуни асосӣ интихоб шудан ва интихоб карданро ҳаққи атбои Афғонистон донистааст. Қонуни интихобот низ баён медорад: «Табааи воҷиди шароити раъйдиҳӣ аам аз зан ва мард, ҳақ дорад, ки ба ҳайси раъйдиҳанда ё кондид сабти ном намуда, дар интихобот ширкат намояд». Зикри калимаи атбоъ ё табаа дар ин маводи қавонин, омм зикр шуда ва шомили тамоми шаҳрвандони давлати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мешавад. Пас, яке аз мавориди саломати интихобот дар Афғонистон ин аст, ки набояд шаҳрвандони кишвар аз ширкат дар интихобот маҳрум шаванд. Яке аз меъёрҳои дигари матраҳшуда дар Қонуни асосӣ сарӣ будани раъй мебошад. Сарӣ будан ба ин мафҳум аст, ки раъйгирии аланӣ дар Афғонистон расмият надорад. Раъйгирии аланӣ, ки дар гузашта дар баъзе кишварҳо роиҷ буд, боис шуда, ки раъйдиҳанда таҳти таъсири баъзе фишорҳо хилофи майли худ раъйи худро истеъмол намояд. Аз ҳамин ҷиҳат, имрӯз дар аксар кишварҳо раъйгирии аланӣ вуҷуд намедошта бошад. Раъйи сарӣ барои раъйдиҳанда масъуният халқ мекунад. Замоне ки шахси раъйдиҳанда мутмаин бошад, касе аз интихобаш матлаъ намешавад, бо озодии комил метавонад раъйи худро истеъмол намояд. Ба далели ҳамин мазиятҳо аст, ки имрӯз сарӣ будани раъй ба унвони як меъёри асосӣ пазируфта шудааст.

Раъйи мустақим, ки дар Қонуни асосӣ зикр шуда, ба ин мафҳум аст, ки дар Афғонистон раъйи ваколатӣ расмият надорад. Раъйи ваколатӣ ба раъйе гуфта мешавад, ки як шахс ба ваколати шахси дигар раъй медиҳад. Дар баъзе аз кишварҳо барои афроди маъюб, низомиён, ки дар хориҷи кишвар маъмурият доранд ва ё ҳам афроди ҳаммонанди инҳо мутобиқи қонун ҳақ доранд шахсро ба унвони вакил ба ниҳоди баргузоркунандаи интихобот муаррифӣ намоянд, то раъйи онҳоро истеъмол намояд. Аммо мутобиқи Қонуни асосии Афғонистон ин навъ раъй ба расмият шинохта нашудааст. Атбои воҷиди шароити раъйдиҳӣ дар Афғонистон, бояд бидуни восита, ба сурати мустақим раъйашонро истеъмол намоянд.

Низоми интихоботии раёсати ҷумҳур дар Афғонистон. Низоми интихоботӣ дар интихоботи риёсати ҷумҳури Афғонистон дар марҳалаи аввал, низоми интихоботии аксарияти мутлақ ва дар даври дувуми низоми интихоботӣ аксарияти нисбӣ мебошад. Моддаи 61 Қонуни асосии Афғонистон, дар мавриди интихоби раиси ҷумҳур тасреҳ менамояд: «Раиси ҷумҳур бо касби аксарияти беш аз панҷоҳ фисади орои раъйдиҳандагон аз тариқи раъйгирии озод, умумӣ, сарӣ ва мустақим интихоб мегардад». Пешбинии меъёри аксарияти беш аз панҷоҳ фисад дар ин модда, баёнгари гузиниши низоми интихоботии аксарияти мутлақ мебошад, чунончи дар идома ҳамин модда тасреҳ менамояд: «Ҳар гоҳ дар даври аввал ҳеҷ як аз кондидон натавонад аксарияти беш аз панҷоҳ фисади ororo ба даст оварад, интихобот барои даври дувум дар зарфи ду ҳафта аз

таърихи эълони натоиҷи интихобот баргузор мегардад ва дар ин давр танҳо ду нафар аз кондидоне, ки бештарин ororo дар даври аввал ба даст овардаанд, ширкат менамоянд». Дар даври дувуми интихоботи риёсати ҷумҳурӣ низоми интихоботии аксарияти нисбӣ дар назар гирифта шуда, чунончи дар ҳамин моддаи 61 дар мавриди даври дувуми интихоботи риёсати ҷумҳурӣ тасреҳ шуда: «Дар даври дувуми интихобот, кондиде, ки аксарияти ororo касб кунад, раиси ҷумҳур шинохта мешавад».

Низоми интихоботи аксариятӣ, қадимитарин низоми интихоботӣ дар ҷаҳон мебошад. Дар ин низоми интихоботӣ, курсии ба раъй гузошташуда мутааллиқ ба шахсе хоҳад шуд, ки бештар аз дигарон раъй касб намуда бошад. Низоми интихоботии аксариятӣ, ба ду сурат амалӣ мегардад. Дар сурати аввал, ки ба номи низоми интихоботии аксарияти нисбӣ ёд мегардад, шахси баранда бояд нисбат ба соир номзадон раъйи бештар дошта бошад. Ба таври мисол, агар теъдоди номзадонро се нафар дар назар бигирем, ки шахси (А) 30 раъй, шахси (Б) 34 раъй ва шахси (В) 36 раъй ба даст оварда бошанд, шахси (В) барандаи интихобот хоҳад буд, аз ин ки нисбат ба ду шахси дигар раъйи бештар ба даст овардааст. Аммо дар сурати дувум, ки ба номи низоми интихоботии аксарияти мутлақ ёд мегардад, шахсе барандаи интихобот дониста мешавад, ки раъйи беш аз панҷоҳ фисади раъйдиҳандагонро ба даст оварда бошад. Бо меъёри матраҳшуда дар сурати дувум, ашхоси зикршуда дар мисоли боло ҳеҷ кадом дар марҳалаи аввал баранда нахоҳанд буд. Ғолибан дар чунин ҳолат, интихобот миён ду шахс бо бештарин оро дар марҳалаи дувум баргузор хоҳад шуд.

Низоми интихоботии велси ҷиргаи Шӯрои миллии Афғонистон. Низоми интихоботии велси ҷиргаи Шӯрои миллии Афғонистон, дар се давраи интихоботии ду даҳаи ахир низоми такраъйи ғайри қобили интиқол буд. Низоми такраъйи ғайри қобили интиқол, як низоме аст, ки аз назари техникӣ сода ва басит мебошад. Дар ин низом, ҳар раъйдиҳанда ба як номзад раъй медиҳад ва раъйи номзад, қобили интиқол ба номзади дигар нест. Дар Афғонистон ба далели ин ки ҳавзаҳои чандкурсӣ вуҷуд дошт, тахсиси курсиҳо бар мабнии низоми аксарияти нисбӣ сурат мегирифт. Шахс ё ашхоси баранда касоне буданд, ки раъйи бештар нисбати соир номзадон ба даст оварда буданд.

Ин низом дар Афғонистон чолишҳои ҷиддиро ба вуҷуд овард. Ба далели манъи интиқоли раъй миёни номзадон, аз шаклгирии эътилофҳои қавӣ ҷилавгирӣ кард. Ба далели адами нақши аҳзоб, инкишофи аҳзоби сиёсӣ сурат нагирифт. Стратегияи «Ҳар кас барои худ» дар ин низоми интихоботӣ, боиси табдил шудани парлумон ба маносиб гардид. Тахсиси курсиҳо дар ин низоми интихоботӣ бар асоси ҳавзаи чандкурсӣ, робитаи намояндагонро бо маҳаллоташон заиф сохт. Ба далели наздикии раъйи намояндагони баранда ва бозанда заминаи тақаллуб ва муомиларо фароҳам кард.

Таъдили Қонуни интихобот, ки дар таърихи 1/12/1397 мунташир шуд, низоми интихоботии чандбӯъдиро пешбинӣ намудааст. Тибқи сароҳати фақраи 2 моддаи дувуми таъдили Қонуни интихобот, «комиссиюни мустақили интихобот бо ҳамкории аҳзоби сиёсии сабтшуда дар Вазорати адлия ва ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ муртабит бо интихобот, тадобири лозимиро иттихоз намуда ва тарҳи худро ба шумули таъдили қонуни интихобот дар хилоли як моҳ баъд аз шурӯи кори комиссия, ҷиҳати тасвиб ба кобина ироа намояд». Ҳамин моддаи Қонуни интихобот дар фақраи аввали худ низоми интихоботии чандбӯъдиро пешбинӣ мекунад. То ҳол комиссия тарҳи таъдили Қонуни интихоботро омода накардааст. Низоми интихоботии чандбӯъдӣ тавре аст, ки ҳам аҳзоб ва ҳам номзадони мустақил метавонанд дар интихобот ширкат дошта бошанд. Механизми иҷрои низоми чандбӯъдӣ бояд тавассути комиссияи мустақили интихобот бо ҳамкории аҳзоби сиёсӣ ва ҷомеаи мадании муртабит ба интихобот тарроҳӣ гардад.

Низоми интихоботи мишрону ҷиргаи Шӯрои миллии Афғонистон. Мишрону ҷиргаи Шӯрои миллии Афғонистон, тибқи сароҳати моддаи 84 Қонуни асосӣ, аз се даста аъзо ташкил мегардад. Дастаи аввал аз миёни номзадони барандаи шӯроҳои вулусволӣ дар сатҳи вилоят, як намоянда интихоб шуда, ба маҷлис роҳ меёбад, ки давраи кориаш дар мишрону ҷирга се сол пешбинӣ шудааст. Дастаи дувум, аз миёни номзадони барандаи шӯрои вилоятӣ як намоянда интихоб шуда ва ба маҷлис роҳ меёбад, ки муддати кориаш чаҳор сол таъйин гардидааст. Даста севум, тавассути раиси ҷумҳур бо таваҷҷуҳ ба шароити пешбинишудаи Қонуни асосӣ интихоб мегардад. Давраи кории ашхоси муаррифишуда тавассути раиси ҷумҳур панҷ сол мебошад. Шӯроҳои вулусволӣ ва шӯрои вилоятӣ барои интихоб як намоянда ба хотири узвият дар мишрону ҷирга аз низоми интихоботии аксариятӣ истифода менамоянд.

Низоми интихоботии шӯрои вилоятӣ, шӯрои вулусволӣ ва шӯрои қария дар Афғонистон. Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, дар маводи 138-140 дар сатҳи воҳидҳои идораи маҳаллӣ, шӯроҳоро пешбинӣ намудааст. Дар сатҳи ҳар вилоят шӯрои вилоятӣ ташкил мегардад. Ин шӯро «дар таъмини аҳдофи инкишофи давлат ва беҳбуди умури вилоят ба наҳве ки дар қавонин тасреҳ мегардад, саҳм гирифта ва дар

масоили марбут ба вилоят машвара медиҳад. Шӯрои вилоятӣ вазоифи худро бо ҳамкории идораи маҳаллӣ ичро менамояд». Он чи аз ин моддаи Қонуни асосӣ фаҳмида мешавад, нақши шӯрои вилоятӣ, машваратӣ ва ҳамкорӣ дар идораи маҳаллӣ мебошад. Қонуни танзими умури шӯроҳои маҳаллӣ дар моддаи дувуми хеш, аҳдофи ин шӯроҳоро чунин баршумурдааст: «Таъмини аҳдофи инкишофи давлат ва беҳбуди умури вилоят. Таъмини саҳмгирии мардум дар тарҳ ва татбиқи барномаҳои инкишофи давлат дар сатҳи вилоят. Тақвияти равобит миёни мардум ва давлат».

Қонуни асосӣ дар бораи интихоби аъзои ин шӯроҳо пешбинӣ кардааст, ки бояд мутаносиб ба нуфуси ҳар вилоят, вулусволӣ ва қария, аъзои ин шӯроҳо аз тариқи интихоботи озод, одилона, умумӣ, сирӣ ва мустақим интихоб гарданд. Қонуни асосӣ дар бораи низоми интихоботии ин шӯроҳо сароҳат лозим надорад. Тибқи моддаи дувуми таъдили Қонуни интихобот, интихобот барои ташкили ин шӯроҳо низ бояд аз низоми чандбӯъдӣ истифоҳ гардад. Он чи аз мутолиаи Қонуни интихобот ба даст меояд, низоми интихоботии шӯрои вилоятӣ, шӯрои вулусвуолӣ ва шӯрои қария яксон мебошад.

Низоми интихоботи шаҳрдорӣ дар Афғонистон. Қонуни асосӣ дар мавриди низоми интихоботи шаҳрдориҳо маскут аст. Сарфи ҳамон меъёрҳои лозим (озод, умумӣ, сирӣ ва мустақим), ки дар тамоми интихоботҳо дар Афғонистон пешбинишударо тасреҳ мекунад. Қонуни интихобот дар моддаи 66 хеш дар бораи тарзи интихоби шаҳрдорӣ чунин сароҳат дорад: «Барои ҳар шаҳр як шорвол интихоб мешавад. Шорвол бо касби бештарин орои раъйдиҳандагони ҳамон шаҳр барои муддати чаҳор сол интихоб мегардад. Ҳар гоҳ дар даври аввал ҳеҷ як аз кондидон натавонад аксарияти беш аз панҷоҳ фисади ororo касб намояд, интихобот барои даври дувум дар хилоли ду ҳафта аз таърихи эъломи натоиҷи интихобот баргузор мегардад ва дар ин давр танҳо ду тан аз кондидоне, ки бештарин ororo дар даври аввал ба даст овардаанд, ширкат менамояд ва кондиде, ки бештарин ororo касб намояд, баранда шинохта мешавад. Дар сурати тасовии оро дар даври дувум ба дараҷаи таҳсил, таҷрибаи корӣ дар идороти давлатӣ ва ғайридавлатӣ ва иқомати бештар дар шаҳри марбут, арҷаҳият дода мешавад».

Низоми интихоботии шорволиҳо бо таваҷҷуҳ ба Қонуни асосӣ ва Қонуни интихобот, низоми аксарияти думарҳилаӣ мебошад.

Низоми интихоботи маҷлиси шаҳрдорӣ (шорволӣ) дар Афғонистон. Маҷлиси шаҳрдорӣ, ки тақрибан шабоҳат бо шӯроҳои маҳаллӣ дорад, салоҳияти назорат ва арзёбӣ аз ичрооти идораи шаҳдориро дорад. Маҷлиси шаҳрдорӣ тибқи сароҳати моддаи 22 Қонуни шаҳрдорӣ салоҳияти тасвиби лавоеҳ ва тарзуламалҳои марбут ба шаҳрдориро дорад. Ин маҷлис пешниҳодоти лозимро ба шаҳрдориҳо медиҳад, ба хотири беҳбуди ичроот ва фаъолиятҳояшон. Маҷлиси шаҳрдорӣ наметавонд фаъолиятҳои ичроӣ дошта бошад, чунончи дар Қонуни шаҳрдорӣ тасреҳ гардида, ки «маҷлиси шорволӣ (шаҳрдорӣ) наметавонад вазоиф ва салоҳиятҳои шорвуол, муовин ва ё муовинони вайро ичро ё эъмол намояд».

Меъёрҳои пешбинишудаи Қонуни асосӣ барои интихоботҳо дар Афғонистон шарҳ гардид. Мутобиқи ин меъёрҳо мардум ҳақ доранд ба ҳар номзад, ки худашон мехоҳанд, раъй диҳанд, яъне дар интихоби шахси мавриди назар озод мебошанд. Тамоми атбои воҷиди шароити Афғонистон ҳаққи интихоб кардан ва интихоб шудан доранд. Раъйдиҳӣ дар Афғонистон махфӣ мебошад, то шахс таҳти фишор қарор нагирад. Раъйдиҳӣ дар Афғонистон мустақим мебошад, яъне раъйи ваколатӣ ба расмият шинохта нашудааст.

Низомҳои интихоботии ҳоким бар интихоботҳо дар Афғонистон мутааддид мебошанд. Низомҳои интихоботӣ дар интихоботи риёсати ҷумҳурӣ ва шаҳрдориҳо, низоми аксарияти думарҳилаӣ мебошад. Низомҳои интихоботии Шӯрои миллӣ ва шӯроҳои маҳаллӣ ва маҷлиси шаҳрдорӣ, низоми интихоботии чандбӯъдӣ мебошад. Низоми интихоботии такраъйӣ ғайри қобили интиқол ба хотири халқи чолишҳои ҷиддӣ дар кишвар ҷойи худро ба низоми интихоботии чандбӯъдӣ дода, ки умед аст ин низоми интихоботӣ боис гардад, ҳам интихоботи одилона ва шаффоф дошта бошем ва ҳам таркиби маҷолис мунсифонатар бошад.

Он чи дар давраҳои гузаштаи интихоботи риёсати ҷумҳурӣ ва шӯроҳо шоҳид будем, мушкилоти адидае буд, ки ниҳоди интихобот ва дар кул демократияро барои мардум беэътимод сохт. Барои дубора ба даст овардани эътимоди мардум, ниёз аст Комиссияи интихоботӣ, интихоботҳои ояндаро бо шаффофияти бештар баргузор ва натоиҷи онро барои мардум эълон намояд, то аз як тараф, ниҳодҳои машрӯи интихоботӣ аз қудрати лозим бархӯрдор гарданд ва аз тараф дигар, пояҳои демокртия дар кишвар тақвият ёбанд.

АДАБИЁТ

1. Рейнолдз Э. Ислоҳи системаи интихоботии Афғонистон / Э.Рейнолдз, Ҷон Керри. – Кобул: Воҳиди таҳқиқ ва арзёбии Афғонистон, 1391.
2. Таъдили Қонуни интихобот. – 1397. Ҷаридаи расмӣ. - №1329.

3. Дуглас Ҷ.М. Низомҳои интихоботӣ / Ҷ.М. Дуглас; тарҷумаи Мусаллам Оқои Тавқ бо ҳамкории Аъзам Адолатҷӯ. – Теҳрон, 1396.
4. Ричард Роуз. Доиратулмаорифи байналмилалии интихобот / Ричард Роуз; мутарҷим Муҳаммад Тақи Дилфурӯз. – Теҳрон: Мизон, 1390.
5. Қонуни асосии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон. – 1382. Ҷаридаи расмӣ. -№818.
6. Мустафо, Мансурён. Низоми ҳуқуқии ҳоким бар интихобот. – Теҳрон, 1396.

БАРРАСИИ НИЗОМИ ИНТИХОБОТИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ АФҒОНИСТОН

Низоми интихоботӣ дар як мафҳуми сода, наҳваи табдили оро ба курсиҳо гуфта шудааст. Чунончи дида мешавад, анвои низомҳои интихоботии гуногун дар ҷаҳон истифода мешаванд. Давлатҳо бояд беҳтарин низоми интихоботиро интихоб намоянд. Агар диққати лозим дар гузиниши низоми интихоботӣ сурат нагирад, пайомадҳои зиёнбор ва мухарриб хоҳад дошт. Қонуни асосии Афғонистон ба ҷойи таъйини низоми интихоботӣ, умумӣ ва одилона буданро ба унвони шурути асосӣ таъкид кардааст. Низомҳои интихоботӣ дар интихоботи риёсати ҷумҳурӣ ва шаҳрдориҳо дар Афғонистон, низоми аксарияти думарҳалаӣ мебошад. Низомҳои интихоботии шӯрои миллӣ ва шӯроҳои маҳаллӣ ва маҷлиси шаҳрдорӣ, низоми интихоботии чандбӯъдӣ мебошанд.

Калидвожаҳо: низоми интихобтӣ, интихобот, интихоботи раёсати ҷумҳурӣ, интихоботи шӯроҳо.

РАССМОТРЕНИЕ ИЗБИРАТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЫ В ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ АФГАНИСТАН

Избирательная система - набор правил, методов, процессов и расчётов, а также правовых норм в деле выборов, обеспечивающих и регулирующих легитимное избрание граждан на какие-либо государственные должности, формирование органов публичной власти путём их избрания при голосовании избирателей, выборщиков .В большинстве стран выборы являются средством окончательного решения тех проблем, с которыми сталкиваются политики и государственные деятели. Выборы в Афганистане могут стать демократическим процессом и инструментом обеспечения безопасности и правосудия. Согласно Конституции Исламского государства Афганистан, граждане Афганистана имеют право избирать и быть избранными. Условия и средства для реализации этого права регулируются законом о выборах. Этническое понимание политической системы в целом и выборов в частности является официальным. Правительство Афганистана не допустит вмешательства извне в итоги парламентских выборов и попыток внешних сил влиять на разрешение парламентского кризиса в Исламской Республике.

Ключевые слова: система выборов, выборы, выборы президента, выборы советов.

CONSIDERATION OF THE ELECTION SYSTEM IN THE ISLAMIC REPUBLIC OF AFGHANISTAN

The electoral system is a set of rules, methods, processes and calculations, as well as legal rules in the field of elections, ensuring and regulating the legitimate election of citizens to any public office, the formation of public authorities by their election by voting voters, electors. In most countries, elections are a means of finally resolving the problems faced by politicians and government officials. Elections in Afghanistan can be a democratic process and an instrument of security and justice. According to the Constitution of the Islamic State of Afghanistan, citizens of Afghanistan have the right to elect and be elected. The conditions and means for exercising this right are governed by the election law. An ethnic understanding of the political system in general and elections in particular is official. The Government of Afghanistan will not allow outside interference in the outcome of parliamentary elections and attempts by external forces to influence the resolution of the parliamentary crisis in the Islamic Republic.

Key words: election system, elections, presidential elections, council elections.

Сведения об авторах:*Сайид Ахмад Ротиб Музаффари –* Университет Кабул Исламской Республики Афганистан, член Департамента международных отношений, преподаватель факультета права и политических наук
Шавкат Али Фарханг- Университет Кабул Исламской Республики Афганистан, член Департамента общего права, преподаватель факультета права и политических наук

Information about the authors: ***Sayyid Ahmad Rotib Muzaffari*** - Kabul University of the Islamic Republic of Afghanistan, member of the Department of International Relations, lecturer in the Faculty of Law and Political Sciences
Shawkat Ali Farhang - Kabul University of the Islamic Republic of Afghanistan, Member of the Department of General Law, Lecturer in the Department of Law and Political Sciences

УДК 322

ДОКТРИНАИ ИҶТИМОИЮ СИЁСИИ ИСЛОМ ВА ХОСИЯТҲОИ АСОСИИ ОН

Турдиназаров А.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ислом ҳамчун дин дорои таркиби мураккаби системаи интегралӣ ва муназзам буда, масъалаи ташаккулёбӣ, рушд ва таҳкими муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсиро ба таври табиӣ ва куллӣ фаро мегирад. Вобаста ба ҳолати мазкур танҳо ба масъалае, ки боиси ихтилофи мусалмонҳо ва дар пайи он шаклгирии чеҳраи ҷаҳони ислом, аз ҷумла соҳаи теологияи он гардида буд, ишора намудан кофист. Яъне, маҳз масъалаи қудрат ва ҳокимияти сиёсӣ дар он нақши бунёдӣ ва муайянкунандагӣ доштааст.

Ҳамин тавр, доктринаи иҷтимоӣ-сиёсии ислом ҳамчун таълимоти монотеистӣ, назарияи илмию фалсафӣ, системаи бароҳбаригирандаи принсипи мушаххаси сиёсӣ, дар асоси Қуръону суннат ва далелҳои фақеҳону мутафаккирони исломӣ шакл гирифтааст [1,с.194]. Ин ё он идеологияи сиёсии исломӣ ба пайравон имконият медиҳад, ки аз мавқеи доктринаҳои сиёсии исломӣ воқеиятро дарк ва баҳогузорӣ намуда, манфиатҳои хешро

ташаккул дода, баҳри амалигардонии он иқдом намоянд. Омӯзиши масъалаҳо дар асоси ҷаҳонбинӣ ва идеологии консепсияи иҷтимоӣ сиёсии ислом, тарзи дарк ва тафсири падидаҳоро барои муҳаққиқ мушаххасан муайян менамоянд.

Аз он ҷое, ки ислом ҳамчун таълимот дорои таркиботи мураккабу фарох аст, мо мекӯшем танҳо ба ҳолатҳои асосӣ ва бунёдии доктринаҳои сиёсию иҷтимоии он пардохта, ба масъалаҳои нозуки идеологӣ ва эътиқодии он дахл нанамоем. Зеро ин ҳолат предмети омӯзиши масъалаи моро мураккаб мегардонад ва дар воқеъ, аз зарфияти сохтории мақола низ берун аст. Аммо дар мавридҳои ниҳоятан зарурӣ ба асосҳои базавии манбаъҳои ислом - Қуръону аҳодис ва осори илмии уламо ва нуқтаи назари мутафаккирони исломиро нишон хоҳем дод.

1. Ислом ҳамчун тарзи ҳаёт. Дар адёни дигар ибодат ва парастишот ҳалқаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад, ки дар асоси он асотир ва қиссаҳо эҷод гардида, сипас қонун, қоида ва меъёрҳои динӣ ташаккул меёбанд. Доктринаи сиёсию иҷтимоии ислом бошад, тамоман ҳолату вазъияти дигарро касб намудааст. Ба назари муҳаққиқони соҳа, дар таълимоти сиёсию иҷтимоии ислом қабл аз ҳама, чигунагии тарзи ҳаёт дар асоси дастуроти Қуръону аҳодис мақоми махсус дорад. Бинобар ин, ислом, тамоми ҳаёти ҷамъиятии пайравонашро аз оила то сиёсат муқаррар намуда, унсурҳои таркибии расму маросимҳо дар он аз эътиқодот бармеоянд ва метавонанд аҳаммияти дуюмдараҷа пайдо намоянд ва ё дар раванду ҳолатҳои гуногуни ҳаёт тағйир ёбанд ва моҳиятан дигаргун гарданд. Ҳамзамон, дар заминаи онҳо ба миён омадани иҷтиҳод, ки он бояд тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва раванди ташаккули онро фаро гирад, низ аз аҳаммият холӣ нест [2,5:44].

Ислом аз замони зуҳури хеш моҳиятан хосияти сиёсӣ дошта, ба тамоми масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ меъёр ва андозагирии сиёсии хешро мушаххас намудааст. Маълум аст, ки барчасп ва ё тамғаи ба номи «сиёсигардонии ислом», ки мафҳуми мазкур баъд аз инқилоби исломӣ дар соли 1979 дар Эрон ба вуҷуд омад, доираҳои илмии кишварҳои Ғарб то ҳол, зиёд мекӯшанд онро ба ислом пайванд бизананд. Дар ин робита дар Ғарб як зумра мафҳумҳое, ба мисли «исломи сиёсӣ», «фундаментализми исломӣ», «экстремизми исломӣ», «терроризми исломӣ», «радикализми исломӣ», «исломҳаросӣ», «исломи муътадил» ва ғайраҳо дар гардиши илмӣ пайдо шудаанд. Воқеан ҳам, чунин тарзи муносибат амали ноҷо буда, ба моҳияти таълимоти аслии ислом дар тазод аст. Илова бар ин, истифодаи мафҳуми мазкур наметавонад тамоми хосиятҳои аслии исломро ба сифати як таълимоти кулл, ҷомеъ ва дин, ки тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсонӣ ва муносибатҳои ҷамъиятиро куллан фаро мегирад, ифода намояд. Мафҳуми «дин», ки дар ҷомеашиносии Ғарб ва Русия бо мафҳуми «religion» (религия) тарҷума гаридааст, ҳатто он низ наметавонад фаҳми комил ва васеи дини исломро баён намояд. Зеро дар маънои этимологӣ, дини ислом дар забони арабӣ фаҳми «ҳокимият», «қонун», «итоат» ва «фармонбарӣ»-ро низ ба таври возеҳ ифода менамояд, ки дар мафҳуми «religion» (религия) чунин фаҳму дарк дар назар гирифта намешавад.

2. Дар ислом иерархияи калисоӣ вуҷуд надорад. Яке аз хусусиятҳои доктринаи иҷтимоию сиёсии ислом дар он зоҳир мегард, ки пайравони он барои ибодат ва бахшиши гуноҳон ба кадомин як миёнараве байни Худо ва инсон эҳтиёҷ надоранд. Эмом касест, ки дар намоз дар сафи пеш қарор мегирад ва он метавонад фақеҳ, муаллим ва ҳаками мушкилиҳо ва масъалаҳои моҷаробарангези ҳаёти иҷтимоӣ бошад. Ҳузуру иштирок дар намози ҷамоат амри муҳим маҳсуб мегардад, вале ҳангоме ки барои он шароит мавҷуд набошад, метавонад дар доираи хурде ҳам аз эътиқодмандон дар ҳар макону замони барои он муносиб амалӣ гардонида шавад. Ҳолати мазкур ба мусулмонон имконият медиҳад, ки аз ҳар навъе мутамарказгардониҳои шадид ва иерархиягароии олию мутлақ канорагирӣ намоянд ва 1441 сол аст, ки онҳо тавонистаанд тамоми унсурҳои таълимотро ба таври комил то ба имрӯз ҳифз намоянд. Аз ин лиҳоз, дар ислом ба ҳам муқобил гузоштани ҳаёту ҳокимияти дунявӣ ва динӣ ҳеҷ маъное надорад. Дар он муборизаи беохир барои ҳокимияту лидерии сиёсӣ (монарх, шоҳ) ва сарварию пешвоии динӣ (папа ва патриарх) вуҷуд дошта наметавонад.

Воқеан, чунин озодиҳо ва имкониятҳо мумкин аст, ки имкониятҳоро барои суиистифодаи унсурҳою рамзҳои динӣ баҳри ҳадафҳо ва ғаразҳои ғайридинӣ фароҳам созанд. Аз ҷумла, ҳаракатҳою ҷараёнҳои ифротию бунёдгароӣ аз роҳҳои ҷиноӣ (аз мафҳуми бо ном «исломӣ» васеъ истифода менамоянд, дар воқеъ бошад, он ҳамчун номи мустаор ба онҳо хизмат менамояд, ба мисли ДОИШ, «Ал-қоида» ва ғайраҳо).

3. Шӯро воситаи ҳалли масъалаҳо ва ихтилофот. Ба назари муҳаққиқони мусалмон, ба хотире, ки аз унсурҳо ва рамзҳои динӣ суистфода нагардад, таълимоти сиёсию иҷтимоии ислом мавҷудияти «шӯро»-ро пешбинӣ намудааст. Меъёри марказӣ ва асосии ин тарзи муносибатро оятҳои Қуръон ташкил медиҳанд, ки дар он Худованд мусалмонҳоро чунин тавсиф менамояд: «онҳое, ки дар умурашон бо ҳамдигар машварат

менамоянд» [3,42:38]. Дар умум фақеҳон ва муҳаққиқони умури динӣ аз ин ҷо фаҳми «шӯро»-ро хулоса намуда, ба он ҳамчун принсипи машвараттӣ такя менамоянд. Натиҷа ва амали ба он мувофиқ мавҷудияти иҷтиҳоди байни саҳобагони Паёмбар (с) мебошад. Аксарияти фақеҳон ба амал баровардани шӯроро дар ҷомеаи мусалмоннишин принсипи бунёдӣ ва ҳатмӣ медонанд. Аммо баъзе дигар ба ин назаранд, ки қарор ва хулосаи шӯро танҳо хосияти тавсиявӣ дораду халос.

Шӯро ва ё мақомоти машваратӣ ҳаққи дахолат намудан ва ё тағйир додани ҳукми возеҳу ошкорои Қуръону ҳадисро надорад. Ҳамчунин, изҳори иродаи мардум низ набояд ба меъёрҳои мушаххаскардаи ислом дар тазод қарор дошта бошад [3,33:36].

Ҳар инсоне, ки синни ӯ ба балоғат мерасад, метавонад дар таркиб ва ташаккули шӯро иштироки фаъол варзад [4,с.110-111]. Дар таркиби он узвияти ҳам фақеҳону донишмандони соҳаи дин ва ҳам муҳаққиқону мутахассисони дигар соҳаҳои илм ва ҳаёти ҷамъиятӣ хосияти ҳатмиро касб менамояд. Ба назари муҳаққиқи исломшиноси рус Л. Гумилев, ҳангоми интихоби аъзои шӯро ҳатман чунин сифатҳое, ба мисли: адолатҷӯ, ҳақиқатҷӯ, донишманд, фаъоли иҷтимоӣ, ташаббускор ва ғайраҳо мавриди назар қарор мегиранд [5,с.14]. Нақш ва узвияти донишмандони воқеӣ (аз соҳаҳои васеи илм), дар таркиби шӯро бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Маҳз масъулияти ояндаи дурахшони ҷомеа назар ба дигар категорияи касбии одамон бар дӯши онҳо вогузор карда шудааст. Онҳо муваззафанд, ки ҳоким ва оммаро бо дастурот ва тавсияҳои оқилона ҳидоят ва роҳнамоӣ намоянд. Дар навбати худ, ҳокимон ва оммаи мардум вазифадоранд, ки ба машварат ва ҳарфи онҳо гӯш дода, аз онҳо пайравӣ намоянд.

Шӯро метавонад бо роҳи интихоботӣ ва ё аз тариқи дастаҷамъӣ ҳайати хешро аз намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа ба таври муттасил ва пайваста таҷдид намояд. Ҳеҷ навъи маҳдуднамоиҳоро дар ин маврид ислом дар назар нагирифтааст. Ҳамчунин, ин андеша комилан нодуруст аст, ки ислом ҳокимиятро марбути корпаратсияи ходимони динӣ дониста ва ё мутааллиқ ба онҳо менамояд. Аз мазмуни бисёр оятҳои Қурони карим бармеояд, ки клерикализм низ дар ислом қобили қабул дониста намешавад [3,16:43,39:9].

Мусаллам аст, ки мавҷудияти ҳар мақомоте ба мисли Шӯро фаъолияти сиёсии фаъолу самаранок, плюрализми афкор, тартибу низоми мушаххаси сиёсиро тақозо менамояд. Чунин ҳолат дар доираи аҳкоми исломӣ комилан қобили қабул дониста мешавад. Аммо ҳар амали мухолифатомези дигаре, ки ҷомеаи мусалмоннишин ва аҳкоми аслии таълимоти исломиро ба хатар, инҳироф ва бухронҳои мухталиф дучор месозад, мавриди пазириш қарор намегирад.

4. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии таълимоти ислом. Аз нуқтаи назари таълимоти ислом, ҳар он чизе ки Худованд офаридааст, баҳри саодатмандӣ ва манфиати инсон аст. Инсон набояд аз неъматҳо ва хушиҳои ҳастию табиӣ худро дар канор гирифта, онҳоро пурра рад намояд. Аммо бояд худуду зарфияти худ ва меъёрҳоро донад, қаноат пеша намояд ва ба худ, табиат ва муҳити атроф зарару зиёне нарасонад. Ҳуқуқи исломӣ маҳз ба ҳадафи оқилона маҳдуд намудани хостаҳо ва амалҳои ғайриоқилонаи инсонӣ равона гардидааст. Вале аз нигоҳи назарияпардозони таълимоти ҳуқуқию сиёсии ислом, амали бо номи «худқурбонӣ» (махсусан, роҳибигарӣ, риёзаткашии ҷисмонӣ, гӯшанишинӣ ва дунёбезорӣ) мутлақо рад карда мешавад. Рӯзаи моҳи рамазон ҳамасола дар он, танҳо дар рӯзи равшан маҳдудиятҳо амал менамоянд ва он барои беморон, мусофирон, кӯдакон ва нотавонони ҷисмӣ муҳим шуморида намешавад. Тасаввуф ва амалҳои сӯфигароӣ дар доираи меъёрҳои Қуръон шадидан маҳдуд карда шудааст.

Умуман, ислом ба таври зотӣ ба мисли зардуштия ва масеҳият масъалаи муқобилгузории рӯҳу ҷисм, маънавиёту моддиёт ва дину сиёсатро ба мерос нагирифтааст. Мантиқи Қуръон тамоми фазои ҳастии инсонро фаро мегирад, махсусан сиёсатро, ки ҳангоми бо он машғул гардидан, донистан ва риоя намудани постулатҳо ва меъёрҳои ахлоқиро ниҳоятан амри зарурӣ мешуморад. Аз нигоҳи таълимоти ислом ҳеҷ фарде наметавонад ба таври комил барандаи сифатҳои илоҳӣ бошад. Барои мусалмон муқаддас танҳо Худованд маҳсуб гашта, ҳаёти замини хосияти сакралӣ надорад, аз ин хотир, тафаккур ва рафтори инсон ратсионалӣ ва прагматикӣ маънидод мегардад.

5. Муносибати ислом ба илм ва донишҳои ратсионалӣ. Дар ҳадисе аз Паёмбар (с) зикр гардидааст: «Биҷӯед донишро, гарчанде барои он бояд ба Чин рафт».

Дар Қуръон ва аҳодис мукаррар дар бораи мақому мартабаи баланд доштани олим ва муҳаққиқи эътиқодманд аз инсони обиду парҳезкор дар назди Худованд, махсус таъкид мегардад. Дар асрҳои IX-XIII, замоне ки Аврупо дар ваҳшоният ва ҷоҳилияти хеш ғарқ мегашт, маҳз ислом ба сифати қувваи мутаҳаррик дар кушодани донишгоҳҳо ва мадорис дар рушду ташаккули фалсафа, ҳуқуқ, риёзиёт, тиб, кимиё физика, астрономия ва соҳаҳои дигари илм, дар густариши равшангароӣ ва маориф ба таври бесобиқа мусоидат намудааст. Аксарияти соҳаҳои алоҳидаи илм, ҳанӯз ҳам бо ҳамон номҳои арабияшон дар олам ба кор бурда мешаванд. Ҳаракати ренесанс дар Аврупо асосан ба туфайли ҷангҳои

салибӣ, ки борҳо ҷаҳони исломро таҷовуз ва ғорат менамуданд, амалӣ гардонида шудааст.

6. Ҳуқуқ, озодӣ ва шахсияти инсон дар ислом. Ислом дар ниҳоди ҳар пайрави хеш ҳисси эътимод ба хеш, шараф, номус ва хештаншиносию ҳадаф аз офаринишро ба таври махсус парвариш медиҳад. Дар фарқият аз масеҳият ҷавобгарии инсонро барои амали шахсан ба иҷро нарасондааш, консепсияи бо номи «нахустин гуноҳ», ки гӯё аз Одам (а) ба воситаи волидайн ба фарзандон ба мерос мерасад, ӯро мутлақан рад мекунад. Зеро чунин ҳолат боиси он мегардад, ки инсон худро масъули бори гуноҳони дигар шуморида, эҳсоси шармандагии ҳамешагӣ онро азият дода, он худро нокомилу заиф мебинад ва эътимод ба худро аз даст медиҳад. Аз нигоҳи таълимоти ислом инсон озод ба дунё меояд ва барои амали содиркардаи Одаму Ҳавво бори масъулияте надорад. Ӯ масъули амали хеш мебошад ва танҳо барои амалҳои ношоистаи содиркардаи ақлонии хеш ҷавобгар мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки ислом барои амалҳои ғайриоқилонаи инсон муносибати сабуктар ва ба амалҳои оқилонаи ношоиста ва ҷиноятҳои он то андозае ҷиддӣ муносибат менамояд.

7. Масъалаи уммат ва ватанпарастӣ дар ислом. Уммат ҳамчун ҷамъият ва ё иттиҳоди ҷаҳонии муташаккили динию сиёсии кулли мусалмонони олам фаҳмида мешавад. Дар фаҳми мушаххас ҷамоа-давлат, ки ба кадом ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ маҳдуд намегардад, дар назар дошта мешавад. Ҳар як мусалмон аз лиҳози ҳуқуқи эътиқодотӣ ба он тааллуқ пайдо менамояд. Уммат баҳри амалӣ гардонидании вазифаҳо ва уҳдадориҳояш масъулияти коллективию диниро ба иҷро мерасонад. Уммат ба сифати организми бутуну ягона амал ва баромад менамояд. Ислом ҳеҷ навъи тақисмнамоиҳо ва ҷудоиандозиҳои ҷомеаро аз лиҳози этникӣ, нажодӣ, синфӣ, табақотӣ ва нишондодҳои ҷуғрофиро дар назар нагирифтааст. Ҳамзамон, ислом гуногунрангии этникиро инкор наменамояд: Ҳар навъе аз анъанаҳо ва расму оини миллие, ки бо аҳкоми он дар тазод ва мухолифат қарор надоранд, комилан иҷозат дода мешаванд [6,с.334].

Аз нигоҳи доктринаи сиёсии ислом ватанпарастии солиму табиӣ ҳеҷ мушкиле надорад. Мусалмон муваззаф аст, ки худро, оила, атрофиёнро ва аҳли оилаи бузурги худ, яъне Ватанро аз ҳуҷуми аҷнабӣ ва душманон ҳифз намояд.

Ҳамин тавр, омӯзиши ҷанбаҳои мухталифи доктринаҳои иҷтимоию сиёсии ислом нишон медиҳанд, ки дарки моҳиятии он чандон амали сода ва осон набудааст. Он бо падида ва дигар ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии муосир омехта гашта, сатҳи омӯзиш ва дарки падидаҳоро боз ҳам мураккабтару печида мегардонад. Дар шароити муосир, гарчанде дин ба муносибатҳои иқтисодӣ ва дигар соҳаҳои фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири амиқ мерасонад, аммо он зербино ва муайянкунанда маҳсуб намеёбад. Аз ин хотир, дар ҷомеаҳои мухталиф ба он мақоми гуногунро сазовор дониста, ҳар навъу сатҳе аз муносибатро пеша менамоянд. Гарчанде ки дини ислом аз лиҳози шумораи пайравон дар олам ҷойи дуюмро ишғол намояд ҳам, вале кишварҳои сирфан бо номи «исломӣ» шумораи бисёр андакро ташкил медиҳанд. Аксарияти кишварҳои ҷаҳони ислом синтез ва ё омезиши арзишҳои ғарбию исломиро ба амал бароварда, дар асоси он моделҳои мухталифи режими сиёсӣ, модернизатсияи сиёсӣ, сохтор ва тарҳи идоранамоии сиёсии кишвари хешро таҳия ва татбиқ менамоянд. Ҳолати мазкур зимни омӯзиши мақом ва нақши масъалаҳои иҷтимою сиёсии ислом дар шароити феълии Тоҷикистон низ, ба назар мерасанд.

Дар шароити рушди муосири Тоҷикистон вобаста ба робитаҳои мутақобилаи дин бо давлат аз ҷониби худи мақомоти давлатӣ тарҳи хоссае омода карда шудааст. Аслан тарҳи мазкур моҳиятан дар асоси прнисипҳои демократӣ, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва ба инобат гирифтани, тавозун байни манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, ҳамкориҳо ва тамоюл доштан ба ҳусни тафоҳум эҷод карда шудааст. Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон як қатор заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар заминаи таъмини ҳуқуқу озодиҳо ба вуҷуд оварда шудаанд, ки баробарӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои тамоми шаҳрвандонро новобаста аз мансубияти динию эътиқодияшон таъмин менамоянд. Қонунгузории кишвари мо гуногунрангии диниро истисно накарда, ниёзи инсонро баҳри алоқамандӣ ва баамалбарории принсипу талаботҳои эътиқодию динӣ маҳдуд намегардонад. Аз назари қонунгузорӣ барои фаъолияти ҳамаи созмонҳо ва иттиҳодияҳои динӣ шароити мусоиду баробар фароҳам оварда шудааст [7,с.135].

АДАБИЁТ

1. Современный политологический словарь. -М., 2000. – 194 с.
2. Қулиев Э. Коран. Перевод смыслов / Э. Кулиев. -М., 2003. 5:44, 4:65,12:40, 43:85.
3. Қуръон. 2:30.
4. Абд аль-Кадир А. Ан-Низам ас-сиясий филь-ислям. б.м., б.г. С. 110–111.
5. Гумилев Л.Н. Русь и татары / Л.Н. Гумилев // Арабская история -М., 1994. -С. 14.
6. Абу Йусуф «Китаб ал-Харадж». -СПб., 2001. -С. 42.
7. Турдиназаров А.С. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои эътиқодию динӣ / А.С. Турдиназаров // Мав. кон. ҷум. илмӣ – назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои рӯзмарраи инкишофи давлати

муосир». -Душанбе: ДМТ, 2018. -С.135-145.
8. Турдиназаров А.С. Омили исломӣ: моҳият ва хосиятҳои асосии он / А.С. Турдиназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2016. -№2/1. (193). -С. 275-281.
9. Турдиназаров А.С. Исломи сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ: таносуб айният ва тафовутҳо / А.С. Турдиназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2016. -№2/3 (201). -С. 292-297.
10. Турдиназаров А.С. Религиозная ситуация в современном Таджикистане / А.С. Турдиназаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/6. -С.309-313.

ДОКТРИНАИ ИҶТИМОИЮ СИЁСИИ ИСЛОМ ВА ХОСИЯТҲОИ АСОСИИ ОН

Дар мақола муҳимтарин масъалаҳои доктирнаи иҷтимоию сиёсии ислом мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Доктринаи иҷтимоӣ-сиёсии ислом ҳамчун таълимоти монотеистӣ, назарияи илмию фалсафӣ, сиситемаи ба роҳбаригирандаи принсипи мушаххаси сиёсӣ, дар асоси оятҳои Қуръону Суннат ва далелҳои фақеҳону мутафаккирони исломӣ шакл гирифтааст. Идеологияи гуногуни сиёсии исломӣ ба пайрвон имконият медиҳад, ки аз мавзеи доктринаҳои сиёсии исломӣ воқеиятро дарк ва баҳогузорӣ намуда, манфиатҳои хешро ташаккул дода, баҳри амалигардонии он иқдом намоянд. Хулосабарориҳо дар асоси идеологияи консепсияи иҷтимоӣ-сиёсии ислом тарзи дарк ва тафсири падидаҳоро мушаххас менамояд. Дар доктирани сиёсию иҷтимоии ислом қабл аз ҳама, чи гунагии тарзи ҳаёт дар асоси дастуроти Қуръону аҳодис мақоми махсус дорад. Ҳамзамон, дар заминаи онҳо ба миён омадани иҷтиҳод, ки он бояд тамоми паҳлуҳои ҳайёти ҷамъиятӣ ва раванди ташаккули онро фаро гирад, низ аз аҳаммият холӣ нест. Ислом аз замони зуҳури хеш моҳиятан хосияти сиёсӣ дошта, ба тамоми масъалаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ меъёр, ченак ва андозагирии сиёсии хешро дорост.

Калидвожаҳо: доктринаи иҷтимоию сиёсии ислом, иеологияи сиёсии ислом, дин, шӯро, уммат ва адолати иҷтимоӣ.

СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКАЯ ДОКТРИНА ИСЛАМА И ЕЕ ОСНОВНЫЕ ОСОБЕННОСТИ

В статье рассматриваются наиболее актуальные вопросы социальной и политической доктрины ислама. Социально-политическая доктрина ислама, как монотеистическое учение, научная и философская теория и система, сводится к определенному политическому принципу, основаному на аятах Корана и Сунны и аргументах исламских ученых и мыслителей. Различные исламские политические идеологии позволяют последователям понимать и оценивать реальность, с точки зрения исламской политической доктрины, формировать свои собственные взгяды и принимать меры для их реализации. Выводы, основанные на идеологии общественно-политической концепции ислама, определяют способ понимания и интерпретацию явлений. В социально-политической доктрине ислама особую роль имеет, прежде всего, образ жизни, основанный на учении Корана и хадисов. В то же время также важно появление сообщества, охватывающего все аспекты общественной жизни и процесс его формирования. С самого начала ислам был, по сути, политическим, со своими политическими измерениями по всем вопросам общественной жизни.

Ключевые слова: социальная и политическая доктрина ислама, исламские политические идеологии, религия, совет, умма, справедливость и правосудие.

SOCIO-POLITICAL DOCTRINE OF ISLAM AND ITS MAIN FEATURES

The article discusses the most relevant social and political doctrine of Islam. The socio-political doctrine of Islam as a monotheistic doctrine, scientific and philosophical theory and a system leading to a specific political principle is based on the verses of the Koran and Sunnah and the arguments of Islamic scholars and thinkers. Various Islamic political ideologies allow followers to understand and evaluate reality from the point of view of Islamic political doctrines, form their own interests and take measures for its implementation. Conclusions based on the ideology of the socio-political concept of Islam, determine the way of understanding and interpreting phenomena. In the socio-political doctrine of Islam, a particular role is played, first of all, by the way of life based on the teachings of the Qur'an and Hadith. At the same time, the emergence of a community that embraces all aspects of public life and the process of its formation is also important. From the very beginning, Islam was essentially political, with its own political dimensions on all issues of public life.

Key words: social and political doctrine of Islam, Islamic political ideologies, religion council, umma and justice.

Сведения об авторе: ***Турдиназаров Абдулмумин Саидович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры политологии. **Адрес:** 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Politiq.tj@mail-ru**. Телефон: **918-86-77-03**

Information about the author: ***Turdinazarov Abdulmumin Saidovich*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Political Science. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Politiq.tj@mail-ru.** Phone: **918-86-77-03**

УДК:323(584.5)9

МУШКИЛОТИ СУЛҲСОЗӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ТАЪРИХИИ РОҲБАР

Давлатова Ҳ.Р.
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз таърихи давлатдории начандон дури тоҷикон ба мо маълум аст, ки ин миллат ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст. Роҳбарони сиёсии он замонро мебоист вазъияти бавуқӯъомадаро ором менамуданд, ки, мутаассифона, ин муяссарашон нагашт.

Ҳалли ин масъала, пеш аз ҳама, интихоби роҳбари нави сиёсиро талаб мекард. Аммо он замон мансаби одиро дар кишвар касе бар дӯш гирифтан намехост, роҳбарӣ он тараф истад. «…соли 1992 дар ҷаласаи 16-уми тақдирсози кишвар мансаб усулан қадру қимат надошт, чунки амнияти касе таъмин набуд. Ҳатто амнияти президенти кишвар…» [9,с.8]. Барои бартараф намудани тамоми мушкилиҳо ва раҳоии кишвар аз вазъияти бавуқӯъомада бояд роҳбареро интихоб менамуданд, ки аз ҷонаш гузашт намуда, Ватанро обод намояд. Аммо интихоби чунин роҳбар ба осонӣ даст надод, зеро аксари намояндагони халқ ба кори ин иҷлосия ва натиҷаи он боварӣ надоштанд ва, инчунин, зимоми давлатдориро дар чунин вазъияти ҳассос касе бар дӯш гирифтан намехост.

Шумораи фарзонафарзандони миллати тоҷик кам набуданд ва дар ин давраи таърихӣ, ки ҳассостарину тақдирсоз буд, бояд миллат фарзанди асосӣ, кордону оқили худро бе таваққуф ба саҳна меовард, то аз ҳалокат наҷот ёбад. Он замон вакили халқ дар Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро қисмату тақдир ба сари ин халқи ҷафокашида ато кард. Ба уҳдаи ӯ замоне зимоми давлатдорӣ гузошта шуд, ки идораи давлат кори саҳл набуд.

Дар он солҳо ба зимма гирифтани роҳбарии Тоҷикистон бисёр хавфнок буд. Зеро Тоҷикистон майдони даргириҳои динию мазҳабӣ гардида, на ҳар шахс аз уҳдаи ором намудани он баромада метавонист. Танҳо фарзанди дӯстдори сарзамин, инсони комил, марди шуҷоъ ва дорандаи дигар хислатҳои ҷасуриву волои инсонӣ лозим буд, ки роҳбариро ба зимма гирад. Воқеан, ҳам замон нишон дод, ки ин ҳама хислатҳо дар Раиси Шӯрои Олии интихобнамудаи он замон Эмомалӣ Раҳмон буд. Бо ҷонбозиҳои зиёд ӯ тавонист, ки вазъияти баамаломадаро ба эътидол оварда, кишварро аз нестӣ ва миллатро аз парокандагӣ наҷот диҳад.

Борҳо қасди ҷонаш намудаанд. Дар суҳбат бо омма ӯ амалиётҳои суиқасд бар ҷонашро чунин шарҳ дода аст: «Решаи ҳамаи ин дар як ҷо нуҳуфтааст ва танҳо ба хотири дар тангно қарор додани Тоҷикистон ва дар фақру нодорӣ нигоҳ доштани мардумони кишвари азизамон мебошад». Дар воқеъ суиқасд ба ҷони ӯ суиқасд ба ҳастии миллат ва давлати тоҷикон буд.

«..сулҳ як навъ гузаргоҳест миёни ду марҳилаи таърихӣ-харобкорӣ ва ободонӣ» [7,6]. Бо юмни қадами Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тоҷик ин марҳилаҳоро тай намуданд.

Халқи тоҷик дар марҳилаи нави тақдирсоз симои роҳбари худро дар шахсияте медид, ки бевосита аз байни халқ баромада, дар шароити гузариш барои халқ фаъолияти пурмасъулиятро ба дӯш гирифта тавонад. Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳамчун вакили халқ интихоб гардида буд, ҳамеша ба ростгӯӣ, ҳақиқатҷӯӣ, серталабӣ нисбат ба худ ва дигарон дар ҳамаи иҷлосияҳои Шӯрои Олӣ нақши аввалиндараҷа мебозид. Дар он Иҷлосияе, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардид, савганд ёд намуда, гуфта буд: «… Кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард… Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошам. Мо ҳама бояд ёру бародар бошем, то ки вазъиятро ором намоем…». Ин садоқату самимиятро Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни хидматҳояш дар назди халқу Ватан собит намуд.

«Эмомалӣ Раҳмон дар ҳассостарин марҳалаи гуфтушунид вориди музокирот шуда, ин ҷараёнро суръат бахшид. Вай баҳри дарёфти сулҳ омодагии худро иброз дошта, изҳор намуд, ки дар ҳар куҷое ҷониби оппозитсия даъват кунанд, ба ҳамон ҷо хоҳанд рафт [1,с.14-15]. Ҳамин тавр, ӯро гурӯҳи мухолифин барои имтиҳон ба кишвари ҷангзадаи Афғонистон ба мулоқоти нахустин даъват намуд. «Эмомалӣ Раҳмон бидуни тааммул озими мазҳараи ҷанг шуд, то ҷавҳари сулҳ ба даст биёрад. Ин рафтори ҷавонмардона ва ҷасорати инсониву таваккали сиёсиаш аз назарҳо нопадид намонд ва бисёре аз он неруҳое, ки берун аз Тоҷикистон иттилои нодуруст доштанд, аз самимияти мақсаду ниятҳои роҳбарияти кишвари мо воқиф гашта, тамоили худро тағйир медоданд» [1,с.14-15]. Албатта, ин аз ҳусни нияти сулҳҷӯӣ ва сулҳхоҳии ӯ дарак медод. Вагарна ба кишваре, ки ҷангзада асту барои калонсолонаш ҷанг майдони мардонагӣ ва барои хурдсолонаш майдони бозист, сафар кардан ба ақли инсон намеғунҷад. Аммо ӯ рафт, барои он ки сулҳ мехост ва аз ин кишвари ҷангзада хабари сулҳи кишвараш меомад.

«Ин ҳама воқеаҳое, ки дар навишт мухтасар метавон кард, аммо ҳар лаҳзаи он душвор, вазнин, нозук сурат мегирифт. Онҳоро навиштану хондан не, дидан лозим буд» [2,с.18]. Чуноне ки гузаштагони мо гуфтаанд: “Шунидан кай бувад монанди дидан”. Ҳар як лаҳзаи ин музокирот диданӣ буд, зеро таърихи кишвар, ояндаи миллат он ҷо баррасӣ мешуд. Танҳо сиёсатмадори таҳаммулгару бофаҳм лозим буду бас, то тавонад таҳаммул намояду вазъиятро бо музокирот ва бе хунрезӣ ҳал намуда, ба рушд додани кишвараш рӯ оварад.

20 ё 25 сол қабл миллату давлатдории моро касе эътироф намекарду доштани таъриху фарҳанги қадимаашро зери суол мемонданд. Сарвари мо тавонист бо сабру таҳаммули худ таъриху фарҳанги қадима доштани ин миллатро ба ҷаҳониён муаррифӣ

намояд. Имрӯз бошад, ҷомеаи ҷаҳонӣ на танҳо таъриху фарҳанги қадимаи моро эътироф менамояд, балки расидан ба соҳибистиқлолӣ ва ҳифзи марзу бумро аз мо меомӯзад.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва ба даст овардани ваҳдати миллӣ, бо ҷаҳду талошҳои зиёд кишвари мо ба худсозӣ шурӯъ намуд. Дар ин роҳ қариб, ки Сарвари давлат танҳо буд. Касе ба ояндаи дурахшони ин кишвари нав ба сулҳу салоҳ расида бовар намекард. «…. марҳилаи аввали тараққиёт, ки иборат аз бартараф кардани неруҳои худмухтори мусаллаҳ ва истиқрори сулҳ буд ва тақрибан бар дӯши як нафар – Президенти кишвар вогузошта шуда буд, бомуваффақият анҷом ёфт» [9,с.8].

Имрӯзҳо ҳастанд баъзе аз он роҳгумзадаҳое, ки дар пушти хоҷагони хориҷиашон пинҳон шуда, бо табиати ақрабиашон ба ҳукумату давлати хеш неш мезананд. Тарзи давлатдориро зулм ба ҷомеа мешуморанд. Ин ҷо суоле ба миён меояд: Ин ходимони наҳзатӣ дар куҷои ҷомеаи имрӯза нишонаҳои зулмро дида бошанд? Бо шарофати фарзанди фарзонаи кишвар Пешвои миллатамон тӯли 27 сол мешавад, ки зиндагии орому осоишта тамоми минтақаи Тоҷикистонро фарогир аст. Дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон касе ба касе кор надорад, зиндагии иҷтимоӣ бо маҷрои худ ҷараён дорад ва амнияту суботи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъмин аст, дарҳои донишгоҳу донишкадаҳо барои муҳассилин бозанд ва, хуллас, фазои амну оромиш дар тамоми марзу буми Тоҷикистон ҳукфармо мебошад.

Рӯзноманигори афғон Шафеӣ Айёр роҳбарони Тоҷикистону Афғонистон - Эмомалӣ Раҳмон ва Ашраф Ғаниро бо ҳам қиёс карда, мегӯяд: “Офарини Тоҷикистон бо чунин роҳбар! Хушиву зебоӣ эҷод карда, фарҳанг кишт карда ва гулҳои рангини оромию шодӣ аз ӯ сар зада, бо мардуми худ мераҳсад, дар хушии мардум ҳисса мегузорад» [8,3]. Бурди мо тоҷикон буд, ки дар он солҳо роҳбарии моро ин шахсияти наҷиб ба зимма гирифтанду кишварро аз нестшавӣ раҳониданд, ки имрӯз мардумони кишварҳои даргиридоштаи дохилӣ дар орзуи доштани чунин сарвари давлат мебошанд.

«Дар таърихи инсоният ҳамон миллат бурд кардааст, ки тақдир бар вай шахсиятҳои бузург эҳдо намудааст, то чун оҳанрабо халқашро дар атрофаш муттаҳид кунад ва дар сарзаминаш ба созандагӣ машғул бошад ва сарҳадашро аз ҳуҷуми душманон эмин дорад» [5,с.7]. Хушбахтона, чунин шахсияти таърихӣ зимоми давлатдории моро солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба зимма гирифт. Мавриди зикр аст, ки маҳз Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи мукаммали аз буҳрони сиёсӣ, иктисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баровардани кишварро ба миён гузошт. Вақт ва таҷрибаи таърихии давраи истиқлолият исбот намуд, ки роҳи муайянкарда ва пешгирифтаи ӯ алтернативаи дигар надошт.

Эмомалӣ Раҳмон масъулияти олии созандагиро ба зимма гирифта, тавонист манфиати умумимиллиро аз манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва маҳаллию минтақавӣ боло гузорад. «Ҳақиқати бегонагонро, рақибонро ҳамчун ҳақиқати худ шинохтан. Ва моро ҳам ба ин роҳ ҳидоят мекард-роҳи душвор, вале роҳи нек» [2,с.9].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муроҷиатномаи худ ба муносибати имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ аҳаммияти бузурги таърихии ин воқеаи фараҳбахшро барои сарнавишти миллати тоҷик ва ҳамаи тоҷикистониён таъкид намуда, аз ҷумла иброз намудааст: «Ҷидду ҷаҳд ва умедвориҳо барои нигоҳ доштани давлати миллии тоҷикон маҳз дар ҳамин рӯзи саид ҷомаи амал пӯшид. Ман имрӯз гуфта метавонам, ки насли ҳозираи миллати тоҷик ҳарчанд аввал пешпо хӯрд, имрӯз пирӯз аст. Зеро ин насл тавонист васвасаи аҳриманиро, ки дар майнаи халқи мо ҷо гирифта буд, аз худ дур андохта, морони заҳҳокиро, ки ҷони ҷавони садҳо фарзандони моро қурбон мекарданд, саркӯб созанд… Ақли солим ва хиради дурбин пирӯз шуд. Рӯзи фархундае, ки онро дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти дурдаст, дар ҳамаи оилаҳо интизор будем, фаро расид».

Мо имрӯз ифтихор аз он дорем, ки фарҳанги сулҳи тоҷикон барои дигарон намунаи ибрат буда, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун таҷрибаи нодир эътироф гардидааст. Таърихи тамаддун ёд надорад, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар чунин муҳлати кутоҳ қатъ шуда бошад ва ҷонибҳои даргир дасти дӯстӣ ба ҳам дода, фаъолияти солими дастгоҳи воҳиди давлати хешро ба манзури ободии кишвар равон намоянд. Акнун ҷомеаи ҷаҳонӣ, миллатҳои бофарҳанги халқиятҳои гуногун ва аҳли илму адаби ҷаҳон аз хидматҳои шоёни Пешвои миллати мо сухан мекунанду дастовардҳояшро барои ҷаҳониён намунаи ибрат мехонанд.

Ба Эмомалӣ Раҳмон муяссар шуд, ки дар муддати кӯтоҳ фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимиятро барқарор намуда, тартиботи қонуниро нисбатан беҳтар ҷорӣ кунад, фаъолияти вазоратҳо, идораю кумитаҳои давлатии ҷумҳуриро ба низом оварад. Ҳамин тавр, халқ бовар кард, ки ҳукумат устувор гардидааст ва қодир аст, амнияти ҷомеаро таъмин намояд. «Мо бояд ин тавозуни иҷтимоиро, ки Президентамон ба саъю кӯшиши

балеғ ба даст овардааст, чун муқаддастарин эҳдои тақдир нигоҳ дорем ва аз он ҳамаҷониба пуштибонӣ кунем» [5,с.13].

Ҳамин тавр, хизмати таърихии Пешвои сулҳпарварамон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва Истиқлолияти миллӣ аз он иборат аст, ки маҳз ӯ ихтиёри давлатдориро ба даст оварда, пеши роҳи хатари нобудии онро гирифт. «Роҳбари давлат роҳеро тай намуд, ки пур аз мушкилот, пур аз печутоб, пур аз камину хатар, аммо пур аз ифтихор, пур аз муҳаббат ва пур аз комёбӣ буд» [6,с.8]. Воқеан ҳам, роҳеро, ки Сарвари давлати мо тай намудааст, пур аз печу фароз, мушкилиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳато пур аз хатару ҷоннисорӣ буд. Аммо роҳи таърихӣ ва таърихсоз буд. Роҳе буд, ки миллатеро, кишвареро ба қуллаҳои умеду музаффарият расонид. Роҳи қаҳрамонӣ буд, вале на ҳар шахс дар ин роҳ қаҳрамон ва дӯстдори миллат боқӣ мемонд. Хушбахтона, ӯ тавонист ҳамчун қаҳрамон дар таърихи давлатдории тоҷикон бо роҳи тайнамудааш боқӣ монад.

«Кӯшишҳои президенти кишварро дар мавриди эҳёи миллат надида гирифтан аз рӯйи инсоф нест» [9,с.9]. Пас месазад, ки дар бораи чунин шахсияти таърихӣ навишт, хонд ва ба дигарон қисса кард, то ояндагон аз қаҳрамониҳояш воқиф гарданд.

«Дар роҳи таърих давидан кори оқилон нест, чунки он тахту ҳамвор нест, чун роҳҳои кӯҳҳои ватани мост. Сабурон дар ин роҳ муваффақтаранд» [3,с.14]. Имрӯз баъзан кишвари моро ба давлатҳои пешрафтаи дунё муқоиса менамоянд пешравиҳояшро кӯчак мешуморанд. Як бор андеша наменамоянд, ки ин давлатҳои пешрафта садсолаҳост, ки дар кишварашон ҷанг нашудааст. Кишвари мо бошад, муддатест аз ҷанги шаҳрвандӣ раҳоӣ ёфтааст ба ободкорию созандагӣ шурӯъ намудааст. Имрӯз мебинем, ки бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо ба дастовардҳои зиёд муяссар гардидем. Бо боварӣ метавон гуфт, ки ояндаи кишвари мо бо чунин роҳбараш шукуфон аст. Танҳо моро мебояд ба ӯ бовар кунем ва дар паҳлуяш бошем.

АДАБИЁТ

1. Сайидзода Зафар Шералӣ. Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи масъалаҳои мубрам ва ибтикороти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Контраст, 2018. -366 с.
2. Усмонов И. Лаҳзаҳои сулҳи ботадбир / И. Усмонов. -Душанбе: Ирфон, 1999. -106 с.
3. Сафаров С. Ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ дар воситаҳои ахбори омма / С. Сафаров. -Душанбе: Ирфон, 2017. -284 с.
4. Сухомлинов В. Дорога к согласию Эмомали Раҳмонов-человек и политик / В. Сухомлинов, Г. Шалаев. – М: Издательский дом «Собеседник», 2002. – 159 с.
5. Воҳид Ғаффорӣ, Эмомалӣ Раҳмон: «Ман ба шумо сулҳ меоварам!». -Душанбе: Авасто, 1998. – 80 с.
6. Абдуллоҳи Раҳнамо. Эмомалӣ Раҳмон-Пешвои миллат. –Душанбе: Ирфон, 2016. -54 с.
7. Акбари Турсон дар мусоҳиба бо Салими Аюбзод: «На сулҳи Нурӣ даркор буд ва на ҷангӣ ӯ!» // Озодагон. - №26(83). -6 с.
8. Шафеӣ Айёр. Муқоисаи Эмомалӣ Раҳмон бо Ашраф Ғанӣ: офарини Тоҷикистон бо чунин роҳбар! // Дунё. – 2018. -№27(743). -3 с.
9. Адҳами Иброҳим. Аз ҷанг то сулҳу созандагӣ // Миллат. - 25-уми декабри с.2008. -№52(173). –С.8-9.

МУШКИЛОТИ СУЛҲСОЗӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ТАЪРИХИИ РОҲБАР

Дар мақолаи мазкур дар бораи таърихи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва яке аз шахсиятҳое, ки ба ин мариҳилаи таърихӣ асос гузошт, маълумот дода шудааст. Муаллиф аз лаҳзаҳои аввалини ба сари ҳокимият омадани Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сипас ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин шудан ва баъдан ба ҳайси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат пазируфта шудани Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби мардуми Тоҷикистон ҳарф мезанад. Шурӯъ аз рӯзҳои аввали ба даст овардани соҳибистиқлолӣ миллати тоҷик ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронид. Роҳбарони сиёсии он замон вазъияти бавуқӯъомадаро ором карда наметавонистанд. Ҳалли ин масъала, пеш аз ҳама, интихоби роҳбари нави сиёсиро талаб мекард. Аммо интихоби чунин роҳбар ба осонӣ даст надод, зеро зимоми давлатдориро дар чунин вазъияти ҳассос касе ба дӯш гирифтан намехост. Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон дар замоне зимоми давлатдориро ба дӯш гирифт, ки он кори саҳлу осон набуд. Зеро Тоҷикистон майдони даргириҳои динию мазҳабӣ гардида, ором намудани вазъият кори саҳл набуд, на ҳар шахс аз уҳдаи он баромада метавонист. Танҳо фарзанди дӯстдори сарзамин, инсони комил, дӯстдори ватани худ лозим буд, ки роҳбарии давлатро ба зимма гирад.

Калидвожаҳо: ҷанги шаҳрвандӣ, раҳоӣ аз ҷанги шаҳрвандӣ, Истиқлолияти давлатӣ, сулҳ, осоиштагӣ, омма, ҷомеаи ҷаҳонӣ, нақши Пешвои миллат, пешравӣ, ҷоннисорӣ.

ПРОБЛЕМЫ МИРОТВОРЧЕСТВА И ИСТОРИЧЕСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЛИДЕРА

В статье дается информация об истории достижения государственной независимости и роли личности в достижении этого исторического события. В статье автор рассказывает о времени прихода Эмомали Рахмона к власти как Председателя Верховного Совета Республики Таджикистан, затем как Президента Республики Таджикистан и признанного Лидера нации, Основателя мира и национального единства народа Таджикистана. Начиная с первых дней достижения независимости, таджикский народ был ввергнут в гражданскую войну. Руководители того периода не смогли контролировать ситуацию. Решение данной проблемы требовало, прежде всего, выбора нового политического руководителя. Но выбор такого руководителя был далеко не легким, потому что никто не хотел брать на себя ответственность за государство в такой жуткой ситуации. Таджикский народ имеет немало мудрых сыновей, но в такой острой ситуации необходим был мудрый человек в политике. Тогда Лидер нации, Его величество, уважаемый Эмомали Рахмон принял на себя ответственность за судьбу народа. Он принял ответственность за управление государством в тот период, когда это было особенно сложно. Поскольку

Таджикистан был местом борьбы различных религиозных группировок, контролировать ситуацию было нелегко не каждый мог справиться с этой задачей. Только идеальный и обаятельный человек этой страны, достойный патриот страны был нужен для руководства страной. Действительно, время показало, что все эти черты были у избранного председателя Верховного Совета того времени-Эмомали Рахмона, в которого не все тогда верили.

Ключевые слова: гражданская война, государственный суверенитет, мир, нация, мировое сообщество, роль национального лидера, прогрессивный, социалистический.

PEACEMAKING AND HISTORICAL ISSUES LEADER RESPONSIBILITY

The article provides information about the history of achieving state independence and the role of one person who founded this historical period. In the article the author tells about the first moments of Emomali Rahmon's coming to power as the Chairman of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, then as the President of the Republic of Tajikistan and then recognized Emomali Rahmon as the Founder of peace and national unity – the Leader of the nation by the people of Tajikistan. Beginning in the first days of independence, the Tajik people experienced a civil war. The leaders of that period could not control the situation. The solution of this problem required, first of all, the choice of a new political leader. But the choice of such a leader was not easy, because no one wanted to take the responsibility of the leadership of the state in such a sensitive situation. The Tajik people have many wise sons, even more, but in such an acute situation a wise man in the sphere of politics should come to the stage. Then the Leader of the nation, His Majesty, dear Emomali Rahmon took responsibility for the fate of the people. He accepted the responsibility of governing the state at a time when it was not an easy matter.

Key words: civil war, state sovereignty, peace, nation, world community, the role of national leader, progressive, socialist.

Сведения об авторе: ***Давлатова Хангома Рустамовна*** - Институт философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: **(+992) 915-03-46-89.** E-mail: **hangom94@mail.ru**

Information about the author: ***Davlatova Hangoma Rustamovna*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.M. Bakhovaddinova Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: **(+992) 915-03-46-89.** E-mail: **hangom94@mail.ru**

ИҚТИСОД - ЭКОНОМИКА

Одинаев Х.А., Назифов Ф.М. Конкурентные преимущества горных регионов: теоретический аспект…… ***5***

Солехзода (Солиев) А.А., Шарифов П.О. Инструментарий и оценка реализации денежно-кредитной политики в Республике Таджикистан……. ***11***

Қодирзода Д.Б., Наимзода Н.Қ. Ҷанбаҳои назариявии идоракунии устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир..... ***18***

Шукуров Б.У., Саидов Қ.Т. Муаммоҳои инфрасохтори туризми байналхалқӣ дар шароити муосир..... ***22***

Иброҳимов И.Р., Саидова М.Ҷ. Асосҳои методии ташаккули иттиҳодияҳои кластерӣ..... ***25***

Боҳирова Х.С., Эргашева М.А. Таҳлили омили ҳосилнокӣ ва ҳосили умумии ангур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***31***

Саидмуродова М.А., Амиркулов А.Н. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ: шакл, хусусият ва роҳҳои ташкили онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***36***

Аҳмадов Р.Р. Вазъи бозори хизматҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамои рушд ***42***

Тоҳирова Р.С. Асосҳои ташкилии фаъолияти аудиторӣ: омодагӣ ба санҷиши аудиторӣ..... ***46***

Бахриддини Пиримзод. Истифодаи афзалиятҳои инноватсия дар иқтисодиёти сабз..... ***50***

Асаналишоев Г.А. Моҳияти иқтисодӣ ва низоми консептуалии фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун объекти баҳисобгирӣ ва таҳлил..... ***55***

Аламшоев А.К., Имомёрбеков Ф.М., Гулмамадов А.В. Стратегия «один пояс – один путь» как фактор устойчивого развития регионов: опыт Республики Таджикистан…… ***58***

Сафарзода Сафармад Саид. Инвестирование: финансовый источник социально-экономического развития регионов Республики Таджикистан…….. ***61***

Сарабекова И.З., Сангова А.М. Муаммоҳои рушди соҳаи саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***66***

Саидмуродова М.А., Даҳбошиева Н.Р. Масоили назариявии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ..... ***71***

Нурализода А.Н., Нуралиев Л.Н., Нурализода Н.Н. Роҳҳои такмили идоракунии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***75***

Давлатзода Д.А., Сахибов Е.Н. Механизмы управления финансами системы пенсионного обеспечения в Республике Таджикистан…….. ***80***

Раҳматуллоева М.Р. Самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар саноати меваю сабзавот…….. ***85***

Икромов Ф.Н., Қурбонов Ф. Генезиси ташаккул ва рушди институтсияҳои бозори коғазҳои қиматнок..... ***89***

Киличева М.М., Юсупов Ш.Н. Ҳукумати электронӣ омили муҳимтарини давлатдории ҷаҳони муосир..... ***96***

Вазиров А.К., Вазиров Ф.А. Развитие экологической безопасности сельского хозяйства горных регионов Республики Таджикистан……... ***100***

Шамсов С.С. Ҷанбаҳои назариявии рушди устувори корхонаҳои саноатӣ..... ***104***

Саидмуродова М.А., Саъдуллозода Н.С. Самтҳои асосии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ..... ***108***

Содиқова Ш.К. Сармояи инсонӣ ва такрористеҳсолии он: таҳаввул ва самти рушд……. ***113***

Хамидов А.Х., Джонмамадов Ш.Б. Методика расчета объемов и оценки неформального сектора в сфере услуг…….. ***118***

Сафаров А.А. Баъзе масъалаҳои назариявии тадқиқоти рушди сармоягузории воқеии хориҷӣ... ***125***

Мирсаидов М.Н., Шафиев Б.З. Таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии қарзҳои ипотекӣ дар доираи асосҳои институтсионалӣ..... ***129***

Ташпулатов Ш.З. Теоретические аспекты маркетинга..... ***134***

Сафаров А.А. Одинаев И.Ф. Арзёбии тамоюлҳои рушди иқтисодии минтақаи хатлон дар шароити муосир..... ***138***

Шарофова Ч.Р. Саҳми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***145***

Кимсанов У.О., Давлятова М.М. Разработка индикаторов зеленой экономики для решения региональных проблем (на примере стран Центральной Азии)..... ***151***

Исайнова М.Х. Достижение продовольственной самодостаточности - стратегическое направление обеспечения устойчивого развития Таджикистана..... ***154***

Алиджанов Дж.А. Инкишофи иқтидори инвеститсионии рушди иқтисодии воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***161***

Ашуров Ғ.Д., Шарифзода Ф.Ҳ. Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолгарони хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳамчун омили рушди бозори суғурта..... ***169***

Ғафорзода Ҷонона Ғафор, Гулбекова С.Ҷ., Сайфҳусейнов Ш. Таҳлили сармоягузории мустақим ва дигар намуди сармоягузориҳо дар корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***175***

Ахророва А.Д., Бобоев Ф. Дж., Ниязов А. Д. Внешний долг, сконцентрированный в электроэнергетике Таджикистана, и механизмы его обслуживания..... ***179***

Тешаев М.С. Рушди устувори иқтисодии минтақаҳои кишоварзӣ ва мақоми захираҳои обӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ..... ***182***

Джураев М.Б., Гадайбаева Ш.Дж. К вопросу исследования концепции свободных экономических зон в национальной экономике..... ***187***

Раззоқова Г.Х., Ашуров И.С. Таҳаввулоти лизинги молиявӣ дар хориҷа..... ***191***

Зарифзода Зоир. Место и роль импортозамещения в обеспечении продовольственной безопасности Республики Таджикистан..... ***195***

Рузизода А.Ҳ., Исмоилов А.А., Раҳимов Ҷ.О. Афзунгардонии самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ - асоси таъмини амнияти озуқавории кишвар..... ***198***

Қудратова Ф.Р. Ҷалби сармояҳо барои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ..... ***204***

Махмадизода Ф.Б., Убадуллоева Ф.А., Махмадизода С.Б. Рушди кластери минтақавии маҳсулотҳои гӯшту шир: ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ..... ***209***

Назаров Т.Р. Қаландаров Р.Ш. Таъмини бехатарии озуқавории аҳолӣ..... ***212***

Ғафорова М.С. Рушди сайёҳӣ дар таъмини ҳадафи стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***216***

Бобоева Ф. Идоракунии стратегии рушди минтақаи вилояти Суғд..... ***220***

Табаров А.Д. Пардохт ва ҳавасмандгардонии моддии меҳнат дар низоми маъмурӣ..... ***224***

Ашуров М.Н., Саидов К.Н. Вазифа ва унсурҳои инфрасохтори бозории минтақа..... ***228***

Қурбонов А.К., Ҳафизов М.Д. Мукаммалгардонии механизми иқтисодии идоракунии устувори обӣ дар Осиёи Марказӣ..... ***231***

Раҳматов У.Р. Ҷанбаҳои назариявӣ ва таснифоти сармоягузориҳо..... ***235***

Қудратов Р.Р., Ҳакимзода М.М. Омилҳо ва шароитҳои рушди устувори ҳудудҳои деҳоти Тоҷикистон..... ***239***

Ходжаева Д.А., Исоков М.Т. Методологические особенности развития сельскохозяйственных территорий регионов..... ***243***

Рофизода Саидбек Ҳасан. Асосҳои назариявии тақсими даромадҳо ва некуаҳволӣ дар афкори иқтисодӣ..... ***247***

Юсупов И.Н. Принсипҳои рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити амалигардонии сиёсати воридотивазкунӣ..... ***253***

Тиллоев С.И., Мирзо Некруз Мирзо. Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъсири он ба некуаҳволии мардум..... ***258***

Ашурова М.Т., Саидмахмадова С.М. Дар масъалаи низоми андозбандии сохторҳои соҳибкорӣ ***264***

Миравотов Ф.М. Роль и значение иностранного предпринимательского капитала в развитии национальной экономики…….. ***267***

Холматов М.М. Цифровая экономика в автоматизированной системе управления..... ***272***

Ахмедова М.М. Перспективы развития сферы информационных и телекоммуникационных технологий в Республике Таджикистан…….. ***277***

Нуров М.Р. Мушкилоти низоми бонкӣ ва роҳҳои ҳалли он дар шароити муосир…….. ***282***

Абдурахманова М.З. Концептуальный аппарат модернизации социальной защиты населения…… ***286***

Махмудов А.С. Оценка ресурсного потенциала экономики региона: состояние и приоритетные направления…….. ***291***

Джабборов Ф.А., Ширинова Г.С. Приоритетные направления обеспечения экономического развития Республики Таджикистан..... ***295***

ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИСПРУДЕНЦИЯ

Хомидов Р.А., Оралбаев Х.Х. Роль права в регулировании общественных отношений……. ***300***

СИЁСАТШИНОСӢ - ПОЛИТОЛОГИЯ

Мухаммадзода П.А., Мухаммад С.А. Опыт таджикистана по противодействию экстремизму и терроризму посредством диалога и сотрудничества……... ***304***

Хидирзода М.У., Носирова Ф.И. Нақши хизмати давлатӣ дар рушди иҷтимоии давлат..... ***309***

Муҳаммад Ҷаъфар Кӯҳистонӣ, Абдулбашир Муслеҳ. Маҳокими хос ва чигунагии ташкили он дар Афғонистон…… ***313***

Сайид Аҳмад Ротиб Музаффарӣ, Шавкат Алӣ Фарҳанг. Баррасии низоми интихоботии ҷумҳурии исломии Афғонистон……. ***317***

Турдиназаров А.С. Доктринаи иҷтимоию сиёсии ислом ва хосиятҳои асосии он……. ***321***

Давлатова Ҳ.Р. Мушкилоти сулҳсозӣ ва масъулияти таърихии роҳбар..... ***325***

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Выходит 10 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук

2019. №10. Часть II

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А.Назарова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.
Формат 70х108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 41,75, усл. п.л. 41,75.
Подписано в печать 20.11.2019